МУҲАММАД ҒОИБ

СОЯИ НУР

Душанбе
«Адиб»
2014

ББК Тоҷик 7-5-4
Ғ–27

Муҳаррир *Сафар Амирхон*

Ғ–27 **Муҳаммад Ғоиб. Сояи нур** *(Маҷмӯаи шеърҳо, қиссаҳо, ҳикояҳо, ҳаҷвияҳо ва мақолаҳо)*. – Душанбе, «Адиб», 2014. 472 с.

«Сояи нур»-и Шоири халқии Тоҷикистон, барандаи Ҷоизаи давлатии Тоҷикистон ба номи устод Рӯдакӣ Муҳаммад Ғоиб фарогири қиссаву ҳикояҳо ва ашъори тозаэҷоди ин шоири рангинхаёл аст. Китоб меҳрномаест ба ин хоку диёр, шукронаест аз одамони накӯкору мададгор ва саодатест аз ишқи поку вафодорӣ ба мардуми бонангу ор.

ISBN 978-99947-2-344-7

© Нашриёти «Адиб», 2014

МУНОҶОТ

Ё Раб, гунаҳу айби зиёд аст маро,
Ҳар як амали карда ба ёд аст маро.
Ғамхор туӣ, гарон маро бори ғам аст,
Ту додрасӣ, пеши ту дод аст маро.

Ё Раб, расад имшаб ба фалак лобаи ман,
Борони надомат аст ғамобаи ман.
Об аз даҳанам равону гӯё ки танам
Дар рӯи алоб аст чу афтобаи ман.

Ё Раб, зи майи ғурур мастам ту макун,
Қурбони чунин зафар шикастам ту макун.
Умрам ҳама дар ҷодаи некӣ бигузашт,
Дар роҳи бадӣ дароздастам ту макун.

Дорем гуноҳи беш, бахшо моро,
Дил ҳаст зи ғусса реш, бахшо моро.
Бо ин ҳама душманӣ накардем ба кас,
Будем адуи хеш, бахшо моро.

Ту дасти пуриву як тиҳидаст манам,
Ҳастӣ ту баландпояву паст манам.
Моҳисифатам, дар ҳазар аз шаст манам,
Дил аз ҳама канда, бо ту пайваст манам.

Ҳарчанд ба рӯзаву намозем ҳама,
Дар ларза зи нори ҷонгудозем ҳама.
Осонгари мушкилоти мо ғайри ту нест,
Бар даргаҳи ту рӯи ниёзем ҳама.

Аз ин дили додаи ту шукрона марост,
Дар синаи меҳри ҳама кас хона марост.
Якранг ба дида ёру бегона марост,
Поси намаки оқилу девона марост.

Оташнафасӣ зи ишқат омӯхтаам,
Нури нигаҳи худ ба ҳама дӯхтаам.
Дар зиндагӣ аз шамъ фузун сӯхтаам.
Як синакабобу як ҷигарсӯхтаам.

Аз лутфи ту ҳаст банди тадбир дароз,
Бар киштии умри мо диҳӣ фурсат боз.
Аз дидани баҳри зиндагӣ маст шуда,
Гаҳ рӯза бихӯрда, гаҳ нахондем намоз.

Ё Раб, ба ҳама дард давобахш туӣ,
Бар ҳастии дамгир ҳавобахш туӣ.
Аз сози вуҷуд расад ин савт ба гӯш:
Мо чӯби хамӯшем, навобахш туӣ.

Аз раҳмати худ ҷудо магардон моро,
Зори дари ғамзудо магардон моро.
Дар киштии ноҳақӣ, аё ҳокими ҳақ
Як лаҳза ту нохудо нагардон моро.

Худовандо, гуноҳи мо зиёд аст,
Ба дил ғам, дар лаб оҳи мо зиёд аст.
Бичӯем аз пушаймонии худ суд,
Ки лутфи некхоҳи мо зиёд аст.

ДАЪВАТ

Гӯш ҳарфи роҳбар бояд кунем,
Дуртар роҳи назар бояд кунем.
Дасти нанги худ сипар бояд кунем,
Қатраҳоро ҳам гуҳар бояд кунем.

Дар ҳама майдон зафар бояд кунем,
Тоҷикистонро дигар бояд кунем!

Бонги заҳмат гар расад ҳар дам ба гӯш,
Мешавад неши раҳи тақдир нӯш.
Дар диёри рӯдҳои пурхурӯш
Ҳар қадам бояд, ки бошад сабзпӯш.

Хоки мулки хеш зар бояд кунем,
Тоҷикистонро дигар бояд кунем!

Бояд аз ҳар қуллаву кӯҳи баланд
Ибрат омӯзем, андӯзем панд.
Хоксоронанд гарчӣ дилписанд,
Сарбаландонанд ҳар ҷо арҷманд.

Боз тоҷи худ ба сар бояд кунем,
Тоҷикистонро дигар бояд кунем!

Дигар аст имрӯз авзои ҷаҳон,
Донаҳоро бим бошад аз каҳон.
Чашмашон дом аст бар дилогаҳон,
Алҳазар аз ин раҳу ин ҳамраҳон.

Мо фақат бояд ба худ бовар кунем,
Тоҷикистонро дигар бояд кунем!

Як замон машҳур дар дунё будем,
Байни навомӯзҳо доно будем.
Баҳри дармони ҳама Сино будем,
Соҳиби девону Мавлоно будем.

Хешро машҳуртар бояд кунем,
Тоҷикистонро дигар бояд кунем!

Бояд аз абри ҳунар борон канем,
Аз танӯри умр бояд нон канем,
Роҳ сӯи қуллаи армон канем,
Баҳри русурхии миллат ҷон канем,

Хешро хуни ҷигар бояд кунем.
Тоҷикистонро дигар бояд кунем!

Дар канори меҳри ӯ растем мо,
Меҳр бар обу гилаш бастем мо.
Гулшан аст, аз накҳаташ мастем мо,
То қиёмат бо Ватан ҳастем мо.

Талхии ҳастӣ шакар бояд кунем,
Тоҷикистонро дигар бояд кунем!

КУҲСОР

Рафта гӯ бар душмани ман:
Тоҷикистон- меҳани ман.
Дар назар хок аст, аммо хок нест,
Сарзамини куҳсор аст,
Аз касеаш бок нест!
Хокро як рӯз мумкин об мондан,
Лек душвор аст қалби сангро бишкофтан…

ВАТАН

Ту хурд не, бузург ту, ҳамин бувад баҳои ман,
Қаламрави муҳаббатӣ, ту сарҳади вафои ман.
Агарчи ҳамчу гӯшае ба як канори оламӣ,
Вале тамоми оламӣ ба пеши дидаҳои ман.
Зи рафтагон нишонаву амонатӣ барои ман,
Ватан, Ватан, Ватан, Ватан.

Ҳазор дард зиндагӣ, туӣ раҳи давои ман,
Ҳазор уқда бандагӣ, туӣ гираҳкушои ман.
Ҳазор шукри сарнавишт, асар ту дорӣ аз биҳишт,
Ту саҷдагоҳу қиблаам, ту додаи Худои ман,
Зи баъди ояҳо шавӣ ту зикр дар дуои ман.
Ватан, Ватан, Ватан, Ватан.

Нишони ту нишонрасу суруди ту умедбахш,
Барад ба ҷодаи зафар ливои раҳнамои ман.
Туӣ ба базму анҷуман ба вақти гуфтани сухан
Дарозии забони ман, баландии садои ман.
Мадору муттакои ман, давоми бобақои ман.
Ватан, Ватан, Ватан, Ватан.

ҚИБЛАИ УМЕД

Ифтихору сарбаландӣ аз ту ҳаст,
Обрӯю арҷмандӣ аз ту ҳаст.
Бе ту бар як ҷав намеарзад ҷаҳон,
Бар ҷаҳон ҳам меҳрбандӣ аз ту ҳаст.

Гӯшаи имони ман танҳо туӣ,
Қиблаи армони ман танҳо туӣ.
Об ҳастӣ моҳии бахти маро,
Ҳастии ман, ҷони ман танҳо туӣ.

Сону карбосат ба чашмам атлас аст,
Ҳар хасат бар дидаи меҳрам кас аст.
Бози давлат баҳри ман ҳар мурғакат,
Номи тоҷи ту барои ман бас аст.

НАКҲАТИ ВАТАН

Дар ҳама кунҷи ҷаҳон бӯи Ватан бар мо расад,
Дар замину осмон бӯи Ватан бар мо расад.
Сер аз бӯяш намегардад димоғе умрбод,
Ҳамчу бӯи гарми нон бӯи Ватан бар мо расад.

Мешавад пурнур чашм аз дидани рӯи Ватан,
Чашмаи камоб тобад рӯд дар ҷӯи Ватан.
Бар ғарибафтода ҷон бахшад фақат бӯи Ватан,
Хешро бинад хаёлан ӯ ба ҳар кӯи Ватан.

Мо ба ҳусни кишвари зебои худ мафтун шавем,
Баҳри ҳифзи рӯйсурхиҳои худ дилхун шавем.
Дар лаҳад гӯянд агар: душман ба хокат по ниҳод,
Мурдаи садсола бошем, аз кафан берун шавем.

ДАР БАДАХШОН

Аз нури меҳрубонӣ
Пур дидаҳо чу шамъанд.
Танҳо будан нахоҳанд,
Дар сар хаёли ҷамъанд.

Кох аст кӯҳу пешаш
Монанди сангҳоянд.
Берун зи ошёна
Пазмони ошноянд.

Ҳарчанд хона сангист,
Сангиндилӣ надонанд.
Дар санг дона коранд,
Беҳосилӣ надонанд.

Дар олами мураккаб
Тобанд агарчӣ сода,
Паймудаанд кайҳо
Роҳи хирад зиёда.

Дар мулки хоксорӣ
Ҳастанд ҳар яке шоҳ.
Камхокии ватанро
Созанд пур аз ин роҳ.

Он ҷо баланд ҳиммат,
Он ҷо баланд номус.
Осори ин баландист
Ҳар куҳи осмонбӯс…

ДАРДИ НОМУС

Ба хотираи академик Муҳаммадҷон Шакурии Бухорой

Варақ ҳамчун матои нанг буду килки дасти ту ба он даста,
Ҷудо буданд лек аз ҳам ба мисли ду ливои даста-бишкаста.

Ҳиҷову ҳарфат оби дидаҳо буданду ҳар як ҷумла ҷӯйи ашк,
Баланд аз рашки ҷонсӯзи ватандорӣ набошад дар ду олам рашк.

Тамоми умр санги ғусса баҳри ҳифзи хоки кишварат хурдӣ,
Зи тири фикри мулки порагашта борҳо дар зиндагӣ мурдӣ.

Ту дар тақдимҳои ҳокимони даври худ тақсимҳо дидӣ,
Харобиҳои фардои диёратро дар ин тармимҳо дидӣ.

Ту ҳам мушти ғазаб будиву ҳам сарпанҷаи сандонии тамкин,
Набудат роҳи ҷангидан ба рӯҳу ҷисми беҷонбудаи хоин.

Зи тарси ҷон бигуфтанд офтоби бахт мардум инқилоби давр,
Бухоро- мулки меҳрат дашти хокистар шуд аз он офтоби давр.

Ҳама пиру ҷавон аз ҳокимони давраи худ доштанд уммед,
Зи бепарвоии эшон нашуд дар кӯчаи пазмонии мо ид.

Агарчи он ҳама дасти дарози даври худ буданд, лек афсӯс,
Ба тарзи хеш бозиданд дар ин саҳна нақши қисмати ҷосус.

Малол аз он будӣ доданд инони ихтиёри нек бар бадхоҳ,
Зи макри раҳбаладҳои замони хеш гум кардем тарҳи роҳ.

Ту ҳам бо айби онон нима худро чун диёри хеш медидӣ,
Фақат як пораро аз куҳнамулки беканори хеш медидӣ.

Ҳамон вақте нишони камшавии тоҷиконро дар Ватан дидӣ,
Зи тоҷи худ гузаштанҳои маҷбурии миллатро ту фаҳмидӣ,

Навиштӣ ҳамраҳи донишварон ту номаҳо бар ҳокимони давр,
Бигуфтӣ ҷабрҳои дида аз таъриху фаҳмондӣ набуд ин тавр.

Хуросони бузург- ин меҳани аҷдоди ман, хоки диёрам буд,
Қадамҷои қаламдорони шуҳратёру соҳибифтихорам буд.

Дигарҳо ёд бигрифтанд ҳарфу вожаро аз номаҳои ман,
Ҳамебурданд дар сармои қисмат баҳраҳо аз ҷомаҳои ман.

Вале акнун намехоҳанд дидан носипосон дар Ватан моро,
Зи таърихи навини худ бурун карданд чун халқи куҳан моро.

Ҷаҳонгирӣ надорад суд, монад доғу бадномӣ фақат аз ҷанг,
Зи нав бар соҳибаш баргашт ҳар як мулк баъд аз Ланг.

Ҷавоби номаҳои бечавоби давр хоно буд аз ожангат,
Ба худ оҳи ҷигарсӯзи ғариби кишваратро дошт оҳангат,

Дилат месӯхт баҳри тоҷу тахту сарвати ноёби фарҳангат.
Бикард охир ғаму ёди баҳористони меросӣ хазонрангат.

Ту ҳам шогирди оташфикри даври сард Аббоси Алӣ будӣ,
Ба сармохӯрда гӯё охирин оташасар чун сандалӣ будӣ.

Рақибонро хаёлан аз раҳи даргоҳи худ пайканда мекардӣ,
Гирифта аз гиребон хасми худро мурғаки парканда мекардӣ.

Вале афсӯс, як ё чанд тан дар ҷанги ҳастӣ нотавон бошад,
Гарон бар қатра раҳбандӣ, ки ҷамъ оби равон равон бошад.

Дар ин андеша мӯят шуд сафеду баҳри марги худ кафан гаштӣ,
Ту ғамбемори ҷовидони даври хеш аз дарди Ватан гаштӣ.

Забондони бузурги даврро ҳам фикри беадли табартақсим
Сиёсатпаша кард,ӯро талабҳо буд якҷо гаштани ду ним.

Табартақсим корат кард,аз боғи ту пайдо чӯби дорат кард,
Ҷудо аз решаи сарсабзи ҳастӣ ҳар ниҳоли мевадорат кард.

Ба худ чандин нишона дорад ин чӯб аз дарахти ормони мо,
Ки чандин қад баланд аз боми пасти ғайр бошад нардбони мо.

Табар ҳарчанд дамдор аст, хоҳад нармии лутфу баёни мо,
Табардорон намеоранд ёд он рӯзгори гуфтугӯро бо забони мо.

Вале ту ҳар замон бо сад алам ин номҳоро ёд мекардӣ,
Шавад то ақлҳои хуфта ҳам бедортар, фарёд мекардӣ.

Ба ин раҳ ки нашуд, гӯё ба роҳи дигаре дардат даво кардӣ,
Бухорӣ буданатро чун тасаллои дилат дар ном ҷо кардӣ,

Тамоми умр теъдоди ватандорони аслиро ту бишмурдӣ,
Самарқанду Бухоро гуфта бори дарду ҳасрат аз ҷаҳон бурдӣ…

Кунам бовар ба он панде, ки оби рафта бар ҷӯ боз меояд,
Яқин донам ба он дунё ҳам аз фикри Ватан ҷонат наосояд…

ВАТАНДОР

Барои Бозор Собир

То зи кӯҳистон ба дил дорад асар,
Реги мулкашро намебахшад ба зар.

Дидаро рӯди Зарафшон мекунад,
Мӯйро барфи Бадахшон мекунад.

Дар ғами Балху Бухоро мешавад,
Об аз оҳаш санги хоро мешавад.

Оварад аз бори андӯҳи Ватан
Боди Файзободро ҳам бар сухан.

Дорад аз хуни Сиёвуши замон
Лолаи саҳрои умри ӯ нишон.

Қуллаҳои барфпӯш оранд ёд,
Ҷомаиспедони хоҳони мурод.

Санги аз кӯҳи диёраш кандаро
Бинад ӯ чун тифли аз пистон ҷудо.

Дар мазори ёд дорад ёдгор
Саддаву олучаҳои латтадор.

Аз ҷароҳат лахт-лахт ӯро дил аст,
Ҳастияш бе теғи Сино мушкил аст.

Дар забони хомааш лафзи дарист,
Сарҳади мулкаш забони модарист.

Гарчи дар мулки дигар афтода аст,
Ҳайкали Айниву Турсунзода аст.

Байни садҳо хуфта бедор аст ӯ,
Дар ғарибиҳо ватандор аст ӯ…

ДАРДОШНО

Аз дида бирезам ашк ҳар дам,
Дарёст раҳе, ки ман сипардам,
Чашмони пуроби раҳнавардам,
Аз ҷодаи хеш пас нагардам,
Ман гиря барои худ накардам.

Дар сина марост як дили реш,
Нӯшам ҳама ҳосил аст аз неш,
Машҳур манам ба гиряи хеш,
Умрест, ки банди ин набардам,
Ман гиря барои худ накардам.

Гӯянд, ки гиря хоси занҳост,
Кори каси ноумеду танҳост.
Ҳарчанд, ки рост ин суханҳост,
Дар чашми замон сиришки мардам,
Ман гиря барои худ накардам.

Дорам асари фараҳ ба оҳам,
Сатр аст чу ҷӯй дар нигоҳам,
Сарсабзии мулки хеш хоҳам,
Дорад сари сабз ранги зардам,
Ман гиря барои худ накардам.

Гаҳ қатраи ашки ман чу тир аст
Бар ҷони касе, ки бадзамир аст.
Паст аст, вале баландгир аст,
Яъне, пайи ҳифзи нек фардам,
Ман гиря барои худ накардам.

Дарди ҳама дарди худ шумурдам,
Бо мурдани дигарон бимурдам,
Осуда даме ба сар набурдам,
Дорад ба бисот об гардам,
Ман гиря барои худ накардам.

Ҷуз чашми пурашк нест зарфам,
Ҳар қатра сиришк ҳаст ҳарфам,
Хуршедаму обсози барфам,
Гармӣ ба дили ҳаёти сардам,
Ман гиря барои худ накардам.

Бо гиря гузашт ними умрам,
Дорам сабақ аз ҳакими умрам,
Нолад ҳама дам насими умрам,
Мефахрам аз он ки аҳли дардам,
Ман гиря барои худ накардам.

ПАЙКИ НАВРӮЗ

Айёми сармо ҳам гузашт,
Сардии дилҳо ҳам гузашт,
Пазмонии мо ҳам гузашт,
Наврӯзи олам омада.

Аз меҳр пур шуд синаҳо,
Нақше намонд аз кинаҳо,
Шуд беғубор оинаҳо,
Наврӯзи олам омада.

Дорад ба тан боғу чаман
Аз сабзаву гул пираҳан,
Сармастам аз бӯйи Ватан.
Наврӯзи олам омада.

Дар ҳар қадам базму тараб,
Гулхандаҳо бошад ба лаб.
Аз дӯст наврӯзӣ талаб,
Наврӯзи олам омада.

Хуб аст асар бигзоштан,
Дони умеде коштан,
Домони ҳастӣ доштан,
Наврӯзи олам омада.

НАВРӮЗИ ТОҶИКИСТОН

Нахлҳои гулбасар дорем мо,
Боғҳои пурсамар дорем мо,
Рӯзгори чун шакар дорем мо,
Шодӣ аз пайки зафар дорем мо,

Ҳар даму ҳар рӯзи мо Наврӯзи мост,
Ин нишони қисмати фирӯзи мост.

Кишвари мо кишвари доимбаҳор,
Сарзамини хоку сангаш обдор.
Об байни сабзаву себаргазор,
Осмонаш чун дили мо беғубор.

Чор фасли мулки мо Наврӯзи мост,
Мужда аз ояндаи фирӯзи мост.

Парчами мо аз ҳама бошад баланд,
Бар ҳама бошад нишони мо писанд.
Мо ба фикри неки фардоем банд,
Банди фикри ин диёри арҷманд.

Ин ҳама осор аз Наврӯзи мост,
Мужда аз ояндаи фирӯзи мост.

НАВРӮЗ

На сардӣ ҳасту не сӯз аст,
На дигар тирагун рӯз аст.
Ба зулмат равшанӣ ғолиб,
Зи худ розӣ худафрӯз аст.

Ҷаҳон бар ҳукми пирӯз аст,
Амири даҳр Наврӯз аст.

Гулу себаргаҳо зебост,
Замин зебо, само зебост.
Ҳазорон нақшу садҳо ранг
Ба рӯи қолини саҳрост.

Ҷаҳон бар ҳукми пирӯз аст,
Амири даҳр Наврӯз аст.

Гуворо зиндагонӣ бин,
Замони меҳрубонӣ бин.
Ба дилҳо низ пиронро
Ҳавасҳои ҷавонӣ бин.

Ҷаҳон бар ҳукми пирӯз аст,
Амири даҳр Наврӯз аст.

ҚАДАМИ НАВРӮЗ

Наврӯзи файзбахш ба даргоҳи мо расид,
Бӯи гулу гиёҳ ба боди сабо расид.
Аз ҳар канор савти хуши ошно расид,
Бар дарди интизор паёми даво расид.

Барф об аз шарори дили офтоб шуд,
Аз сози ҷӯ баландтар оҳанги об шуд.
Шабро ба рӯз низ баробар ҳисоб шуд,
Наврӯз шуд, раҳо ҳама аз банди хоб шуд.

Наврӯз омаду ҳама табли фараҳ занем,
Болем аз он ки шод дар оғӯши Меҳанем.
Бар аҳд ҷаҳд кардаву паймон набишканем,
Дар кору разм Кӯҳканему Таҳамтанем.

ТАРОНАИ НАВРӮЗӢ

Омад баҳори гулфишон, Наврӯз шуд, Наврӯз шуд,
Сарсабзу рӯсурх одамон, Наврӯз шуд, Наврӯз шуд.
Бадҳол хушҳолӣ кунад, дилро зи ғам холӣ кунад,
Як ҳарф бошад дар забон: «Наврӯз шуд, Наврӯз шуд!»
Гӯё ки аз абри сипеҳр борад фақат борони меҳр,
То кина гардад бенишон, Наврӯз шуд, Наврӯз шуд.
Дар шохаҳову лонаҳо, дар гӯшабоми хонаҳо
Хонанд ширин мурғакон: Наврӯз шуд, Наврӯз шуд.
Аз ҷӯйҳо берун шуд об,рахшандатар гашт офтоб,
Дар остону осмон Наврӯз шуд, Наврӯз шуд.
Ояд ба гӯш овозҳо, густурда пойандозҳо
Аз атласи рангинкамон, Наврӯз шуд, Наврӯз шуд.
Пирони ҷӯёи Худо гӯянд ҳангоми дуо:
Сад шукри даври бехазон, Наврӯз шуд, Наврӯз шуд.
Дар баҳри шодӣ ҷумла ғарқ, Наврӯз дорад Ғарбу Шарқ,
Ҷашн аст дар рӯи ҷаҳон, Наврӯз шуд, Наврӯз шуд!

ВАТАНИ НАВРӮЗ

Базми гул дар чамани Наврӯз аст,
Даври ғул-ғулфикани Наврӯз аст,
То ба гардун сухани Наврӯз аст,
Тоҷикистон ватани Наврӯз аст.

Бӯи Наврӯз расад аз ҳама дар,
Рӯи Наврӯз расад аз ҳама дар,
Ҳама дар пираҳани Наврӯз аст,
Тоҷикистон ватани Наврӯз аст.

Ном Наврӯзу насаб Наврӯз аст,
Исми ҳар бахтталаб Наврӯз аст,
Фасли армоншикани Наврӯз аст,
Тоҷикистон ватани Наврӯз аст.

Сабзгун пуштаву саҳрои Ватан,
Сабзпӯш аст ҳама ҷои Ватан,
Сабз ҷон дар бадани Наврӯз аст,
Тоҷикистон ватани Наврӯз аст.

Ба муродаш ҳама дилдода расад,
Ҳамаро бахти худододa расад,
Ҳама ҷо анҷумани Наврӯз аст,
Тоҷикистон ватани Наврӯз аст.

ИБРАТ

Барои Алиасғари Шеърдӯст

1

Наҷми худафрӯз мебинам туро,
Дар дили шаб рӯз мебинам туро.

Баски дар андешаи сарсабзии,
Сурати Наврӯз мебинам туро.

Оташи меҳри ҳама дар сина ҷо,
Бар ҳама дилсӯз мебинам туро.

Мумосо бар дуруштии чу рег
Умрҳо пирӯз мебинам туро.

Дар ҷавонӣ шуд насибат ақли пир,
Пири пандомӯз мебинам туро.

Некфарзанди замон будан бас аст,
Ибрати имрӯз мебинам туро.

11

Пуштбони илму фан бинам туро,
Зиндақомуси Ватан бинам туро.

Дар ҳамин куҳе, ки номаш зиндагист,
Сахтпаймон куҳкан бинам туро.

Зӯри фаҳм аз зӯри бозу бартар аст,
Рӯҳи пурзӯре ба тан бинам туро.

Мояи фахр аст таърихи Ачам,
Вориси хуби куҳан бинам туро.

«Ҳеҷ ганҷе беҳтар аз фарҳанг нест»,
Қиммат аз дурри адан бинам туро.

Дар ту мебинам Камолу Шаҳриёр,
Соҳиби мулки сухан бинам туро.

Нур меборад зи рӯи ту мудом,
Нури шамъи анҷуман бинам туро.

Хоки Ирон аст шояд нарм аз об,
Ҳарфи нарм андар даҳан бинам туро.

Нармгуфтории ту афсона шуд,
Шӯҳрати ғул-ғулфикан бинам туро.

Булбули шӯридае дар бӯстон,
Дур аз зоғу заған бинам туро.

Сайри гулзори маъонӣ мекунӣ,
Ҷовидон дар ин чаман бинам туро.

Путки меҳрат марги санги кина аст,
Панҷаи хорошикан бинам туро.

Гар расад бар гӯш фарёди диле,
Муддате фарёдзан бинам туро.

Ҳар ду дар роҳи сухан ҳамқисматем,
Ғайр ҳам не, хештан бинам туро.

Шоирам, аз ин сабаб, эй Шеърдӯст,
Кошкӣ ҳар лаҳза ман бинам туро.

КАБӮТАРОНИ КАЪБА

Сангу хокаш ҳасрати нам мехӯранд,
Кафтаронаш оби Зам-зам мехӯранд.
«Дар равоқи Каъба мастӣ мекунанд»,
Шукри эзид, шукри ҳастӣ мекунанд.

РОҲГУМ

Кӯдаке модари худро меҷуст,
Рӯй дар чашмаи чашмаш мешуст.
Сарҳади гиряаш андоза надошт,
Дидам ин бори алам бори нахуст.

Фурсати пурсишу имдод набуд,
Дошт он ҷо ҳама ҳар сӯй шитоб.
Мегузаштанд чу мавҷ аз пасу пеш,
Буд бечора дар ин баҳр ҳубоб.

Гӯиё дидаи зораш мегуфт:-
Барқ бар нахли тараҳҳум задаст?
Ӯ чӣ донад, ки дар ин тавбамакон
Ҳама бечораи раҳгумзада аст…

ДУНЁИ МОДАР

Ҳамон вақте ки худро хаставу нотоб мебинам,
Зи бори умр гӯё тори ҳастӣ канда мегардад.
Ҳамон шаб модари бечораамро хоб мебинам,
Ҳамон барвақтрафта бори дигар зинда мегардад.

Мадори тоза бахшад бемадорамро Худои меҳр,
Ба сар бардорад ӯ якбора бефарёд хоки гӯр,
Ба деҳ афтону хезон баҳри дидори писар ояд
Зи водии хамӯшон, аз диёри аз назарҳо дур.

Маро аз куҳнадеҳ пайдо накарда, рӯ ба шаҳр орад,
Ба дасташ халтаи пур аз аҷику барги испандаш.
Набинад модаре ҳам дар ду дунё рӯи осоиш,
Хаёлаш то қиёмат банд бошад бар ҷигарбандаш…

ҶУФТИ ПИР

Пур зи сиришк оҳҳо,
Абрсифат нигоҳҳо.
Аз дами субҳашон расад
Нолаи шомгоҳҳо.

Бар лаби бом офтоб,
Барф дигар нагардад об.
Мӯй сафед кардаанд
Дар ғами мӯсиёҳҳо.

Ранг занад яке ба мӯ,
Атр занад дигар ба рӯ.
Бе хату хол ҳам хуш аст
Чеҳраи бегуноҳҳо.

Рӯз гузашту шаб гузашт,
Пуштаи умр зард гашт.
Аз кафи кишта дона рафт,
Монд нишона коҳҳо.

Ҳар ду чу мурғи дар қафас,
Хӯрда ғами пари ҳавас.
Боди ғуруб бурдааст
Барг аз ин гиёҳҳо.

Ҷои кушод низ танг,
Ҳаст баҳона баҳри ҷанг.
Тир шикастхӯрдарост
Гарди набардгоҳҳо.

Дар назар аст ҳар ду хоб,
Ҳар ду кунанд дам ҳисоб.
Машқи ҷудоӣ аз ҳама
Сахт ба васлхоҳҳо.

Тор ҷудо зи пудашон,
Дуда шудаст дудашон.
Гӯш ғуломҳо кунанд
Кам ба нуҳуфташоҳҳо.

Хотираҳост беҳисоб
Моли ҳазору як китоб.
Мушти дареғ мехӯранд
Беш зи иштибоҳҳо.

Қисмати бешикоятанд,
Қиссаи беҳикоятанд.
Боз даҳону хомӯшанд
Бо дили пур чу чоҳҳо.

Аз пайи умр асар намонд,
Гард аз ин сафар намонд.
Дар раҳи охират шаванд
Кӯр тамоми роҳҳо…

ОҲАНГИ РАХТ

Додарам рафт, ману хоҳаракам,
Паси девору дари кулбаи худ,
Дар ҳамон лонаи тақдир чу мурғон ба қафас,
Зери бори алами навмедӣ
Мешуморем нафас.

Гӯиё мурғи хаёли ду фигор
Номаҳо бурдаву орад хати навбат зи мазор…

ОТАШИ ЁД

Аз пуштаҳои хотира фарёди ман расад,
Даврони беғамӣ ҳама бар ёди ман расад.
Найро сигор карда кашидем бо ҳавас
Оташ гирифт пуштаву саҳро ба як нафас.
То теппа рафт оташи пурмавҷ аз дара,
Метофт ин аланга зи саҳрои Данғара.

Бар пуштаи пур аз самар оташ ки рехтам,
Тарсида аз камони нигаҳҳо гурехтам.
Додар, ки буд бегунаҳ, он ҷой боз монд,
Баҳри наҷот додани хоҳар мадад расонд.
Додар гузашту олами дард аст хоҳарам,
Печад алоби ёд ба саҳрои пайкарам.

ТЕША БА РЕША

Аё Одам!
Худо умри дарозат додааст, аммо
Зи ношукрӣ,
Зи рашку аз ҳасад,
Аз гушначашмӣ,
Пештар аз марг мемирӣ.
Туӣ бар решаи худ тешае,
Зомин ба тақдирӣ.

ХУЛОСА

Охирин номаи худро нанависам беҳтар,
Сабаби марги ҳама ҳарф шавад коғази тар.

ШИКВА

Рафтан аз дори фано ҳам ғайри хоҳиш будааст,
Шодии васлаш пур аз андӯҳу нолиш будааст.
Гуфт вақти ҷонканӣ мачрӯҳи аз теғи забон :
«Одамӣ як умр муҳтоҷи навозиш будааст…»

НОРАСОЙ

Моро дигар мапурс, ки ашки равонаем,
Зеро садои по зи раҳи ғам намерасад.
Нақшофарони пурҳунари оламем, лек
Чашмони ҳақнигоҳ ба олам намерасад.

ОВОРА

Олам аст оворагоҳ, овораам,
Нест ғайри сабру тоқат чораам.

ҲАҚТАЛОШ

Дер кардам,
Корвони умр бигзашт.
Зинда монам ё бимирам,
Бояд аз домони худ гирам…

ТАЪКИД

Бигуфто гург бар заргӯш:-Ноҷо
Зи пуштам шиква пеши шер кардӣ?
-Шавад аз пора санги хора ҳам об,
Кунун ёри ман аст ӯ, дер кардӣ…

РӮ БА ХИЛВАТ

Хабарам ҳаст зи субҳи козиб,
Ҳастам огаҳ зи сияҳкории шаб.
Роҳ бар маскани хилват гирам,
Дур гардам зи ҳама базму тараб.

То ҳама сафҳаи ному насабам
Ҳифз аз вожаи «шарманда» кунам,
Пайи худро зи раҳи маъракаҳо
Пас аз ин канда кунам, канда кунам…

ИШТИБОҲ

Дар хилвати хамӯшу пурасрори нимашаб,
Тифлони мурдаи сухан андар мазори лаб,
Дар зери нури хираи маҳтоб як бахил
Чаҳ канда дар сари раҳи як марди номвар,
Хаспӯш мекунад.
Пас рафта аз канораи бар дида ноаён
Оҳанги уфтодани ӯ гӯш мекунад.
Ғофил, ки оқилон
Дар ҷо ситода мот ҷаҳондидаро кунанд,
Тай роҳҳои дидаву нодидаро кунанд.

МУРДАХОК

Як дона ҳам ба хоки вуҷудат нагашт сабз,
Сад ҳайфи тухми меҳри ба уммед киштаам.
Ҳаҷвияи навишта ҳам озурдаат накард,
Он зиндаӣ, ки марсия баҳрат навиштаам.

ДАРДИ ГАРОН

Хоҳар ба ҳоли хешу бародар ба ҳоли хеш,
Он мурда, ин зи сарҳади дармон гузаштааст.
Дуранду хоб ҳар яке дар хонаи худанд,
Ҷунбанда бехабар, ки варо ҷон гузаштааст…

ЭРОД

Ислоҳи иштибоҳ ба одам намерасад,
Бар дарди сахт қудрати марҳам намерасад.

КАТИБАИ ПУШТИ ДАРИ ШОИР

Инак алами тозаи худро бинависам,
Ҳарфи паси дарвозаи худро бинависам:
Ин хонаи заҳматкаши маҳрум зи роҳат,
Фанди раҳи овозаи худро бинависам.

КАТИБАИ РӮИ ГӮРИ МОДАР

Як умр хонашин ту будӣ, гӯршин шудӣ,
Ҳайфи сутуни хона, ки хоки замин шудӣ.

КАТИБАИ РӮИ ГӮРИ ПАДАР

Бехабар рафтӣ намеёбам туро бо ҷустуҷӯ,
Баски ҳастӣ қиблагоҳам оварам бар қибла рӯ.

ОҲАНГИ ОҲ

Чашме ба роҳ нест,
Нури нигоҳ нест.
Дар шаҳри мурдагон
Оҳанги оҳ нест.

НАБАРД

Бонги суроғҳост,
Дар ларза ҷоғҳост.
Дар кӯчаи хаёл
Оҳи фароғҳост.
Мичгон чу бутта, чашм
Ангури боғҳост.
Аз сояҳо замин
Майдони доғҳост.
Чун дидагони дузд
Чашмони роғҳост.
Он бенасибҳо
Шояд, ки зоғҳост.
Бо зангиёни шаб
Ҷанги чароғҳост.

МАНУ ЧАРОҒ

Субҳе, ки базм дошт,
Оҳиста шом шуд,
Холӣ, ки ҷом шуд,
Маҳфил тамом шуд.

Рафтанд дӯстон,
Дуд аст дар димоғ.
Ман мондаму чароғ,
Ду ёри синадоғ…

ЛАНГАР

Дар бистари хаёл
Хобам намебарад.
То баҳри хоби ноз
Обам намебарад.

Хоҳам, ки гашта ғарқ
Бар қаъри он равам.
Аз чашми баднигаҳ
Умре ниҳон шавам.

Аммо чиҳо кунам
Тақдир дигар аст.
Дар мех ҳалқаам,
Киштӣ ба лангар аст…

ТАЪКИД

Ин зангро мазан,
Бонги хатар ба роҳи гулӯяш нуҳуфтааст,
Фарёдҳо ба оҳи гулӯяш нуҳуфтааст.
Ин зангро агар бизанӣ, боз мешавад
Дар лаҳзае даричаи барбаста чашмҳо,
Хезад аз ин шамол ҳама хуфтахашмҳо.

Ин зангро мазан,
Ин зангро агар бизанӣ…
Берун шавад яқин
Ҳар зинда аз қабо,
Ҳар мурда аз кафан,
Печад ба хун Ватан…

НОДОНӢ

Сари дуроҳаи як шаҳри калон афтодам,
На забон медонам, на макон медонам,
Нест як марди мусофир, ки забонам донад,
Посухи пурсиши ман гардонад.

Сари дуроҳаи як шаҳри калон афтодам,
Нарасад ҳеҷ касе бар додам.

Байни он роҳравони ҳама шод,
Мисли раҳгумзадаи ношодам.
Дар назар гарчи хамӯшам,
Дили пурфарёдам.
Он дуое, ки ба ҳангоми сафар бигрифтам,
Накунад имдодам…

МОНАНДӢ

Як санги сурх дар лаби дарё нуҳуфтааст,
Як лола дур аз лаби соҳил шукуфтааст.
Шояд ки ҳар ду ранг ҳам аз хун гирифтаанд,
Ҷо чун шафақ ба дидаи гардун гирифтаанд.
Ин хуни як муҳофизу он аз муборизест,
Байни ду ҷонсупурдаи як мулк фарқ нест.
Ин аст он асар, асар аз қаҳрамони ҷанг,
Аз ёди зиндамонда фаромуш гаштааст.
Он додгӯй ҳам, ки зи мардум умед дошт,
Дар сина доғ лолаи хомӯш гаштааст.

ДАҲШАТ

Деворҳо фитода зи дасти ҳуҷуми нам,
Як хишт аз иморати ин куҳнадеҳ намонд.
Ҳар дамба буд уқда ба тори ҳарири ҷӯй,
Ҳам тор канду ҳам асар аз он гиреҳ намонд.

Кӯчондаанд мардуми гарданниҳодаро,
Он тӯдаи ситамкаши аз кор хастаро.
Медид дидагони пур аз нур он замон
Санги фироқу ғусса ҳама бори бастаро.

Афтода боғҳо ба саропанҷаи хазон,
Ҳезум шуданд навдаву шохи дарахтҳо.
Мегуфт боди раҳгузари хок дар даҳон
Набвад умеди ҷунбише аз ин карахтҳо.

Он ҷо намонда ҳам асар аз кӯдакии ман,
Холӣ зи нақши пой раҳи ин қаламрав аст.
Пур даҳшат аст дидани марге ба зиндагӣ,
Гардад аён, ки душмани ёри куҳан нав аст.

Аз фарши хона сар кашад акнун ба фасли гул
Он лола, ки ба сурати парчам ба бом буд.
Дар рӯзи танг соҳиби бенанги ӯ гурехт,
Чун сарваре, ки ҳалқа ба гирдаш ғулом буд.

Деворҳо фитода зи дасти ҳуҷуми нам,
Як хишт аз иморате дар куҳнадеҳ намонд.
Ҳар дамба буд укда ба тори ҳарири чӯй,
Ҳам тор канду ҳам асар аз он гиреҳ намонд.

АНДӮҲИ БОҒ

Боғбонҳо доманафшон рафтаанд аз боғҳо,
Хӯсаҳоро ҷои худ дар ҳифзи боғам мондаанд.

Бо уммеди мева шоху навдаҳо бишкастаанд,
Лошахорон доғҳо бар рӯи доғам мондаанд.

Баргҳоро сӯхтанду оташе афрӯхтанд,
Ҷои накҳат дудро баҳри димоғам мондаанд.

Ҳоли фаррошони рӯҳо зардро пурсидаам,
Бар лабам муҳре заданду баста ҷоғам мондаанд.

То бидонад қудратам ҳар афсари фасли хазон
Мардуми зарде ба ҳар як чашми роғам мондаанд.

Зоғҳо аз омади сармо хабарҳо оваранд,
Ё ба дӯши зоғҳо бори суроғам мондаанд?

Бурда аз хотир шамоли сахти тӯфонзарбаро,
Бар кафи як шохаи ларзон чароғам мондаанд.

САРҲИСОБ

Чист Осоиш?- Ҳақи худ хӯрдан аст,
Аз ҳама бад чист?-Дил озурдан аст.

Чист розӣ будан аз тақдири хеш?
Бори худро то ба манзил бурдан аст.

Сарҳисоби хешро дарёфтан,
Беҳтар аз умре нафас бишмурдан аст.

Чист маънии садоқат? Гуфт дил:
Ҷон ба роҳи дӯстӣ биспурдан аст.

Зиндагӣ нанг аст, агар нангат, ки нест
Беҳтар аз он зиндагонӣ мурдан аст.

ДОҒҲО

Гӯё пайи муҳаббату покӣ намондааст
Дар ҷодаи садоқату роҳи суроғҳо.

Тобанд волидони хаёливу интизор
Дар дидаҳои нурнисори чароғҳо.

Як тӯда банди ишрату айшанд то саҳар
Дар кӯчаҳои тору панаҳгоҳи боғҳо.

Он ҷо мазори қатраи ҷонногирифта аст,
Бӯи ғализ мерасад андар димоғҳо.

Полезбони хуфта ба ту нон ҳаром бод,
Полез лош мешавад аз дасти зоғҳо.

Марг ованд бар сари ҳастии пурумед,
Ин раҳгумони давр, сабабгори доғҳо.

БЕҚАДРӢ

Вақте ки дид чашми даҳонро нишастагон
Аз ҳарфҳои вожаи хӯрдан намекананд,
Аз номаву китоби ҳавасбахши иштиҳо
Дилро яқин, ки то дами мурдан намекананд,
Ӯ ноумед шуд.

Вақте ки қадри килки худ аз чумча паст дид,
Аммо нишон зи қудрату қадри сухан надид,
Ғайри қаламрави шикам он ҷо ватан надид,
Ӯ ноумед шуд.

Овард ёд анҷумани садр буданаш,
Бар маҳфили сарони ватан бадр буданаш.
Вақте ки дид шоҳи шикамро ба мулки дил,
Эҳсос кард давраи беқадр буданаш.

Гӯё ки хоки ӯ ғалбери давр бехт,
Гӯё ки кӯҳнаобрӯш ҳам андар даме бирехт.

Ғамҳои ӯ зи шодии танпарварон фузуд,
Шуд савти нарми чашмаи номус бонги рӯд.

Тоқат накарда марди мусофир зи ҷой хест,
Он даъватии рафта зи хотир, зи ҷой хест.
Гуё ки мерасид ба гӯш аз садои дар:-
Дар кӯи мурдагон асаре аз ҳаёт нест…

МАҶРӮҲ

Манам маҷрӯҳ, маҷрӯҳе, ки умре ханҷару теғи сухан хӯрда,
Манам Исфандиёри неши пайкони каси паймоншикан хӯрда.

Манам маҷрӯҳ аз тири нигоҳи лофзанҳое, ки Ман гӯянд,
Зи сурби ҳарфҳои тӯдае, ки дар сари минбар Ватан гӯянд,

Манам захминтар аз сарбозҳои тирҳои ҷангро хӯрда,
Ҳамон маҷрӯҳи пайкони забони тӯдаи дилсангро хӯрда.

Ба ман бахшида ранги зарду тоҷи зар ба сар карданд,
Дигарҳоро барои рӯйсурхиҳои худ хуни ҷигар карданд.

Садои тир бошад қарсаки он тӯда гӯши анҷуманҳоро,
Ки бо ин роҳ мебанданд овози ҳама соҳибватанҳоро.

Ман он захмин, ки дармон мезанад дар пайкарам раҳгум,
Бимирам ногаҳон аз фикри дарди бедавои қисмати мардум.

ЯЪС

Майдони ҳаёт дар нигоҳам
Боғест, пур аз вуҳуш имрӯз.
Бовар накунам ба тири оҳам,
Он ҳам набувад дигар ҷигарсӯз.

Дигар асар аз зафар наҷӯям,
Зӯрам нарасад ба қасдгирӣ.
Ночор раҳи гузашт пӯям,
Як ҳарф нагӯям аз далерӣ.

Рӯбоҳмиҷоз маслиҳатдеҳ,
Маймун ба гумони худ бузург аст.
Ҳоли рамааш намешавад беҳ,
Чӯпон ба ҳамон макон, ки гург аст.

Дар пеши саманд коҳу ҷав нест,
Ояд ба замони пойгаҳ ёд.
Ин бенамакӣ бинои нав нест,
Аз аҳди қадим ҳаст бунёд.

Хирс аст на ин тараф, на он сӯй,
Як чумча асал кунад хамӯшаш.
Саг ҳам шуда бевафо дар ин кӯй,
Гӯё нарасад садо ба гӯшаш.

Ман низ дар ин қафас палангам,
Шер аз ғами ман хабар надорад.
Навмед манам, ба ҷои тангам,
Хашму ғазабам асар надорад…

БЕМАРГӢ

Ба ёди Тулқин Хоҷа

Ғози хасрав тору пуди ҷомаат,
Сӯзане пиндоштӣ ту хорро.
Қисса кардӣ, хонам аз дилномаат
Сарнавишти мардуми нодорро.

Хонаи Луқмони доно даргаҳат,
Буд девору дараш аз хору хас.
Боди гардолуд мекард огаҳат:–
Баҳри меҳмони равон ин кулба бас…

Ганҷ дар вайрона! Дар деҳоти дур
Дарс медодӣ ба фарзандони халқ.
Гашта дар зулмоти фаҳмишҳо чу нур,
Шамъ будӣ дар шаби армони халқ.

Ёд меояд ҷавониҳои ту,
Дар лабонат хандагулҳо мешукуфт.
Буд ҳамранги худат дунёи ту,
Буд танҳоии ту беҳтар зи ҷуфт.

Чист гарди ғам? –Суоли бечавоб,
Хоки умратро набуд аз он асар.
Бехабар бигзашт айёми шабоб,
Талх шуд охир ба коми ту шакар.

Барқ зад ду навшаҳатро ногаҳон,
Теғи ғам ҷону дилатро пора кард.
Аз фиғонат об шуд пиру ҷавон,
Кора оҳи ту ба санги хора кард.

Дарди шеъру дарди меҳру рӯзгор
Оқибат бо ҳамдигар омехтанд.
Ҷони ту аз бори ғамҳо шуд фигор,
Ку мададгорон? –Ҳама бигрехтанд.

Дарди нодории халқи хешро
Қисса кардӣ хубтар аз дигарон.
Сахт хӯрдӣ аз замон ин нешро,
Хоки умрат бехт ин дарди гарон.

Балки меросе зи худ бигзоштӣ
Шеъри дасти холии айёмро.
Нӯшдору баҳри худ пиндоштӣ
Қатраҳои оби зери ҷомро.

По ниҳода ҳамраҳи ёрони пок
Аз раҳи нопокҳо ғофил будӣ.
Селро оҳанг бошад оҳи хок,
Золиме кай ҳамдами одил будӣ?

Бехабар аз рангҳои обу гил,
Шеърҳо гуфтӣ ба васфи чанд тан.
Ҷустӣ аз аҳли шикам ту аҳли дил,
Кофтӣ аз шӯразоре ёсуман.

Хостӣ бадро кунӣ тасвир нек,
То ба ин раҳ одами дигар шавад.
Боз бигрифтӣ саломи худ алек,
Бо чӣ раҳ санги сияҳ гавҳар шавад?

Роҳи даргоҳат пайи онҳо надид,
Рӯзи маргат ҳам наомад он яке.
Нола он шаб аз сарои ту расид,
Беҳ аз он тоифа бошад чокаке.

Рӯзи марги ту набуда низ ман,
Решапайванде маро бигзашта буд.
Лек бишнидам, ки аз марги сухан
Дафни камодам ҳикоят менамуд.

Баъди марги додарам гуфтӣ: бидон,
Ту маро дар ҷои он гумкардаат.
Баъди маргат шуд маро ханҷар ба ҷон,
Ваъдаҳои пеши мардам кардаат.

Шеърхонии ту баҳри шеърдӯст
Буд мисли шеърҳои ту баланд.
Мурдаат аз зиндае, ки рӯ ба рӯст.
Зиндатар тобад, чунин марг аст панд…

МАКТАБИ МЕҲР

Ба хотираи муаллимаи
азизам Соҷида Аккалаева

Дилам аз теғи ғамҳои ту хун аст,
Нишонаш дидаҳои лолагун аст.

Ба худ бурдӣ калиди мактаби меҳр,
Ки бе ту баста он дорулфунун аст.

Набишнидам зи як ҳамсӯҳбати ту,
Ки одам бевафову даҳр дун аст.

Ту будӣ чун сутун бар хонаи дил,
Пас аз ту хонаи дил бесутун аст.

Нарафтан бар гусели ту сабаб дошт,
Ба маргат бовар аз фаҳмам бурун аст.

Туро ҳар гаҳ ки ёд орам, бигӯям,
Ба дунё нек ҳам аз бад фузун аст.

Ту будӣ сарвари мулки муҳаббат,
Ки бе ту тахти ҳастӣ вожгун аст.

Ба гӯшам бе ту чун овози товус
Навои тору ною арғунун аст.

Ба ёдат мурдаи берун зи гӯрам,
Туро авҳол бе шогирд чун аст?

Ту будӣ устоду модари ҷон,
Ятимам бе ту, ҳоли ман забун аст.

МАРҲАМИ ҲАСТӢ

Бе ту дар роҳи вафо гум шудаам,
Қисса дар хотири мардум шудаам.
Чок аз теғи ғами ишқ дил аст,
Боварат нест, ки гандум шудаам.

Гоҳ дар хоб туро мебинам,
Ҷои маҳтоб туро мебинам.
Чашми пуроб зи акси ту пур аст,
Дар лаби об туро мебинам.

Ояти нур ба лабҳои манӣ,
Ахтаре дар дили шабҳои манӣ.
Аз Худо боз туро металабам,
Пеши рӯ вақти талабҳои манӣ.

Ишқи ту маншаи мастии ман аст,
Сабаби меҳрпарастии ман аст.
Зиндагӣ дарди гарон аст, гарон,
Ёди ту марҳами ҳастии ман аст.

АШКИ МЕҲР

Дигар ин раҳи қадима пайи ошно надорад,
Ба кӣ гӯям ин аламро, ғами рафтаҳо надорад.

Ба ғубори бенамак ҳам, ки қатори корвон буд,
Сухани маро расонед, ба дида ҷо надорад.

Ҳама ин куҳаннаистон шуда гӯри орзуҳо,
Найи хокхӯрда ҳаргиз ба гулӯ наво надорад.

Гапи «Дил кашад, равад по» зи барои ман набошад,
Наравам дигар ба ҷое, сари шавқ по надорад.

Ту, ки рафтӣ, ашки меҳрам зи сарои худ бурун рафт,
Нарасад садои пояш, ки ба по садо надорад.

Гулу барги ормонам ба кафи хазон фитодаст,
Ба баҳор дил набандам, ки худаш бақо надорад.

Ҳама боғи мушку анбар нашавад ба ту баробар,
Ба бисот бе ту атре, ба Худо, ҳаво надорад.

Ғами ишқ бар Муҳаммад ҳама умр шодмонист,
Чӣ кунад парии ҳастӣ ба касе вафо надорад.

ДАРДИ ИШҚУ ЗИНДАГӢ

Ба ғайри доми нигоҳат ҳазору як дом аст,
Ба ғайри мӯи сиёҳат ҳазору як шом аст.

Қатори ханҷари гесӯ ҳазор ханҷаркаш,
Чиҳо кунам, ки гаҳе комҷӯй ноком аст.

Ба ранги лолаи рӯят ҳазору як сурхист,
Далели ин ҳама ранги фиреби айём аст.

Зи шишаҳои пур аз хуни давр бехабарӣ,
Ба рағми ҷоми лаби ту ҳазору як ҷом аст.

Ҷуз оҳи ҳаҷри ту сӯзу ғами ҷаҳон кам нест,
Кӣ гуфт, баҳри пур аз мавҷи даҳр ором аст?

Хабар баранду бигӯянд дорад осоиш,
Ба базми шиквагар афтад хамӯш,бадном аст.

Чу роҳи зинаву бом аст ҷодаи қисмат,
Зи нардбони умедаш баланд ин бом аст.

Зи ҷон супурдан асар дорад интизориҳо,
Ба кӯи васл расидан хаёли ҳар хом аст.

Ниҳодаанд агарчи маро Муҳаммад ном,
Надонам ин раҳи тақдирро чӣ анҷом аст.

ТАНҲОӢ

Нигоҳи панҷараҳо чун нигоҳи дуздон аст,
Нишонаҳои хатар пушти пардаи сон аст.

Сиёҳ нури чароғу алови гирён сард,
Сарои айш ба танҳофитода зиндон аст.

Ҳуҷуми боду фиғони дарахти пурҳосил
Навои пуралами дарди рӯзгорон аст.

Масофа байни ду кунҷи муқобили хона,
Дарозтар ба назар аз раҳи биёбон аст.

Магар ба хоби абад рафтааст қосиди рӯз,
Шаби фироқ дароз аз шаби зимистон аст.

Шунида оҳи ҷигарсӯзи қалби танҳоро,
Ду чашм ҳамчу ду ҳамрози нек гирён аст.

Бирезад ашки дил аз абри дидагони шаб,
Ба кӯи ёди ҳама дилфигор борон аст.

Мапурс ҳоли бади интизор аз хуфта,
Ба дарди ҳаҷр фақат пайки васл дармон аст.

ЧОҲИ ФИРОҚ

Аз ғами ту оҳ кашам рӯзу шаб,
Нолаи ҷонкоҳ кашам рӯзу шаб.

Пасту баланд аст раҳи ошиқӣ,
Бор ба ин роҳ кашам рӯзу шаб.

Фарқ кунам аз ҳама сураткашон,
Баски фақат моҳ кашам рӯзу шаб.

Чоҳи фироқ аст гарон аз ҳама,
Ҷабр дар ин чоҳ кашам рӯзу шаб.

Оҳи пур аз дард зи мағзи дилам,
Дур зи дилхоҳ кашам рӯзу шаб.

Оҳи саҳаргоҳ писанди Худост,
Оҳи саҳаргоҳ кашам рӯзу шаб.

ДУРӢ МАҶӮ

Дурӣ маҷӯ, дурӣ маҷӯ,
Зори туам, зӯрӣ маҷӯ.
Аз хони пуршаҳди вафо
Талхӣ маҷӯ,шӯрӣ маҷӯ.

Бе ёр ошиқ бекас аст,
Ҳар хӯшаи бе дон хас аст.
Зар не, ба чашми сери ишқ
Як зарра меҳри дил бас аст.

Ишқ ормони ошиқ аст,
Сабри ҷаҳони ошиқ аст.
Ишқ имтиҳони ошиқ аст,
Ному нишони ошиқ аст.

Дурӣ мачӯ, дурӣ мачӯ,
Зори туам, зӯрӣ мачӯ.
Аз хони пуршаҳди вафо
Талхӣ мачӯ, шӯрӣ мачӯ.

НАМОЗИ ИШҚ

Намози ишқ такбире надорад,
Ҳадисаш шарҳу тафсире надорад.

Фироқу васл оянд аз пайи ҳам,
Муҳаббатнома таҳрире надорад.

Дигар гармӣ ба ғайри гармии ишқ
Ба ошиқгашта таъсире надорад.

Ҷавоне, ки равон бар кӯи ишқ аст,
Хати иршод аз пире надорад.

Камони қомати мардони ин роҳ
Ҳадаф дорад, вале тире надорад.

Надорад шиква суд аз умри рафта,
Ки ин тақдир тадбире надорад.

Ба пайдокарда аз гумкарда гӯед,
Ҷаҳон поси ҷаҳонгире надорад.

Ба чашми ишқ чун зар тобад оҳан,
Агарчи гард аз иксире надорад.

Муҳаммад, ранги ашки ошиқонро
Қалам имкони тасвире надорад.

ҲАСРАТ

Ишқ аз осудагӣ барбод рафт,
Умр аз олудагӣ барбод рафт.

Аз қадамҳое, ки осораш намонд
Ҷодаи паймудагӣ барбод рафт.

Он матоеро, ки номаш буд шарм
Охир аз фарсудагӣ барбод рафт.

Сарфи нофармудагӣ кардем умр,
Он Худо офардагӣ барбод рафт.

Тавба аз нобудагӣ кардан чӣ суд?
Бар Муҳаммад будагӣ барбод рафт.

ҒАЗАЛИЁТ

Кӯҳам, зи бори ҳодиса ҳам хам намезанам,
Бошад зи санг пайкари ман, нам намезанам.
Девори хонаи фараҳ азбаски бобақост,
Дар фикри сели хонабари ғам намезанам.
Бар киштии умедам агар нохудо Худост,
Тӯфон ҳазор зарба занад, дам намезанам.
Ман аз ҷаҳони оинадорӣ канораам,
Худро чу офтоб ба шабнам намезанам.
Фикри ҳуҷуму ғасб, ки бегона бар ман аст,
Ҳарф аз мақоми моҳи Муҳаррам намезанам.
Болонишин ба базми адабгоҳи оламам,
Худро зи ҷашн бар дари мотам намезанам.
Оҳиста по гузошта дар даҳри гӯшу ҳуш
Чун ашк лол буданам барҳам намезанам.?

* * *

Дар рӯзи ҷашн ҳарф зи мотам намезанам.
Дар базму сур як сухан аз ғам намезанам.
Дорад ҳазор нағма ба ҳар тор сози умр,
Як савтро чу рӯд пайиҳам намезанам.
Фарёдро ба хилвати ҳалқам кашидаам,
Гӯши фалак кар аст, дигар дам намезанам.
Бемор монд, рафт вале аз ҷаҳон табиб,
Гоми умед бар раҳи марҳам намезанам.
Танҳо насиби Хизр, ки оби ҳаёт шуд,
Дар фикри оби чашмаи Зам-зам намезанам.
Исо надида рӯйи падар аз ҷаҳон гузашт,
Бори фироқ бар сари Марям намезанам.
Танҳо зи гарди таъна тиҳӣ ҷодаи Худост,
Дастам ба хони неъмати Ҳотам намезанам.
Шерона шукр карда ба найзори зиндагӣ,
Сар бар саройи фитнаи одам намезанам.

* * *

Инсоф агар ки ҳукм кунад, дам намезанам,
Тӯҳмат ба номи Ҳазрати Одам намезанам.
Тир аст оҳи пир ба ҷони ҷавони зӯр,
Марги писар ба гардани Рустам намезанам.
Бе заҳр шаҳди умр касе ҳам нахӯрдааст,
Ин бодаи фиреб пайиҳам намезанам.
Дилгир аз насиҳати бемағзҳо шудам,
Ҳарфи самар зи пуштаи бенам намезанам.
Умр аст пӯстин агар, ин пӯстини нанг
Аз пушти кайк сӯхта, барҳам намезанам.
Ғолиб нагаштааст касе дар набарди ишқ,
Дар рӯи боми ғамзада парчам намезанам.
Дорам ба дӯш бори гарони ғаму фараҳ,
Ҳастам сутуни нанги ватан, хам намезанам.

* * *

Ман фоли эътимод ба одам намезанам,
Ҳарфе зи рози хеш ба ҳамдам намезанам.
Додам ба ҳукми ғайр диёри бузургро,
Ҷоми шикастаро ба сари Ҷам намезанам.
Аз баҳри тахти шӯҳрати дурӯза чун нигин
Худро ба доми маҳбаси хотам намезанам.
Ободсоз ҳастаму вайронасоз низ,
Ин айбро ба гардани олам намезанам.
Дар марги қотил оҳ ҳам оҳанг мешавад,
Дар рӯзи ҷашн чодари мотам намезанам.
Тобоварии боми фалак асли ибрат аст,
Дорам ба дӯш бори ҳама, хам намезанам.
Се коса обу як кафи хок аст ин ҷаҳон,
То рӯзи ҳашр як дами беғам намезанам.
Барбод умри кабк зи фарёд меравад,
Сайёд давру сайд манам, дам намезанам.

* * *

Ҳастам забони ашки алам, дам намезанам,
Дар роҳи хеш нақш ҳам аз нам намезанам.
Даври тиҷорат аз раҳи мурдан ишорат аст,
Худро мани бадард ба марҳам намезанам.
Берун қадам зи роҳи қаноат намениҳам,
Дасти тамаъ ба ганҷи пур аз ғам намезанам.
Худро барои ҷашни ду-серӯзаи ҳаёт
Бар чоҳи умрбодии мотам намезанам.
Миннатсаро зи даргаҳи хайр аст бештар,
Бечораро зи чорагаре кам намезанам.
Дарси сахо ба мактаби Ҳотам, ки хатм шуд,
Ин қураро ба номи ҳар одам намезанам.
Фарзандкуш ғубор ба роҳи ситоиш аст,
Ҳарф аз мақому шӯҳрати Рустам намезанам.
Гар оби рафта аз дигар ояд ба куҳнаҷӯй,
Тарҳи уммеди дошта барҳам намезанам.
Гӯянд авлиё бувад аз ҳафт кас яке,
Як бандаро ҳам аз дигараш кам намезанам.

* * *

Таъкиднома мерасад аз кӯйи ёдҳо:
Аз эҳтимол дорад асар эътимодҳо.
Сад бор аҳд баставу сад бор бишкананд,
Бурданд ҳиммат аз сухани эътиқодҳо.
Аз тарси шерҳо ба ҳама давр рӯбаҳон
Таъсис медиҳанд ниҳонӣ ситодҳо.
Ҳарчанд ҷамъи гарди муҳаббат ба хоки мост,
Кӯранд, лек дидаи хунмасти бодҳо.
Қурбониёни теғи забонем, хуфтаем
Дар хоки ормони замини муродҳо.
Сад пардаи хамӯшгар асту суханрабост,
Бар додрас намерасад овози додҳо.

* * *

Гӯё садои ғайб аз ин хона мерасад,
Ин даргаҳи шинос ба бегона мерасад.
Бовар ба гӯш ҳам кунӣ, аз хоб рӯй тоб,
Макр аст дар ҳақиқаташ, афсона мерасад.
Санги ҳимоят аз кафи номуси худ манеҳ,
Ин сайргоҳи куҳна ба девона мерасад.
Дар лона ҳаст меваи ҳастӣ, ба шоха нест,
Аввал ба чашми мор ҳамон лона мерасад.
Номард бехабар шиканад аҳди бастаро,
Бонги зафар зи ҳиммати мардона мерасад.
Хурд аст агарчи хасм, мадонаш кам аз бузург,
Фарёди кунда аз ғазаби фона мерасад.
Аз рӯди нафъ об бигирад замини лутф,
Мӯе зи ҳар сахо ба кафи шона мерасад.
Бори гуноҳи майзада тақсим мешавад,
Олудагии шиша ба паймона мерасад.
Аз осёби умр Муҳаммад мачӯй ризқ,
Оби зиёду кам ба гулӯ дона мерасад.

* * *

Зиёнбахшон, агар сад ҷон канӣ, судат намебахшанд,
Агар сӯзиву хокистар шавӣ, дудат намебахшанд.
Пас аз дил об кардан ҳам агар ҷонат ба лаб ояд,
Ба ҳалқат қатрае аз чашмаву рӯдат намебахшанд.
Зи илмат баҳра бурда, баъди пайдо кардани фаҳмиш,
Халосӣ аз ту чуста, ганҷи мақсудат намебахшанд.
Ба садҳо дидаи дил бингарӣ бар носипосон ҳам,
Ба сахтӣ як нигоҳи меҳролудат намебахшанд.
Агар дасти ҳунар дорӣ, рақиби бештар дорӣ,
Нагардад то баланд оҳанги ту, удат намебахшанд.
Фақат хоҳанд мисли тори танҳо умрҳо монӣ,
Мабодо то нагардӣ рағзае, пудат намебахшанд.
Бимирӣ, достону қиссаи умри туро гӯянд,
Намирӣ, як сухан дар рӯзи мавлудат намебахшанд.

* * *

Ба дунёе, ки худ бошад бақоро зор, машҳурем,
Ҳама аз зиндагӣ гӯем, аммо зиндадаргӯрем.
Чӣ оҳангест қисматро? Муаммо баҳри мо бошад,
Навохоҳони аз дунёи рози мутрибаш дурем.
Надорем аз ғаму дарди пасовандони худ парво,
Аз он бурде, ки дорад чандрӯза умр, масрурем.
Зи чашми хоки мо ашки алам берун намеояд,
Магар дар чоҳи ҳастӣ оби такшингаштаи шӯрем.
Ҷаҳон монад қафасро, мурғаки афтода дар домем,
Чӣ созем, интизори зиндагиву марги маҷбурем.
Ба ҷои дил шикам дорем, шодӣ ҷои ғам дорем,
Зи пушти нафс дар чашми Худо ҳам акси манфурем.
Ҷаҳони худгудозиро мапурс аз мо, намедонем,
Зи умри худ, ки сарфи ранҷи ноҷо гашт, ранҷурем.
Шавад фардо зи нури барқ равшан хонаҳои мо,
Нагардад дил агар равшан, ҳама маҳрум аз нурем.

* * *

Олами ман дигар, аз ту дигар аст,
Дидаи ту хушку чашми ман тар аст.
Гармии меҳр аз ту ҷустан аблаҳист,
Пур танури қалбат аз хокистар аст.
Бехабар куштӣ ту тифли шодиям,
Сад кунӣ, дидори ту ғамовар аст.
Тешаӣ бар решаи нахли умед,
Дур аз бераҳм будан беҳтар аст.
Берун аз майдони бозӣ гаштаам,
Баски ҳамранги ту он ҷо довар аст.
Гуфт шайтон, вақти санг афканданам:-
Ҳамнишини ту зи ман шайтонтар аст.
Умр бигзашту нафаҳмидам туро,
Дар кафи андеша то ҳоло сар аст.

* * *

Дар сарҳади ғурурам сарбози нанг дорам,
Хунам нишони номус, ин гуна ранг дорам.
Дорад ҳазор фарёд хомӯшии ватандор,
Дар бешаи хаёлам шеру паланг дорам.
Ором будани ман осори сабру тоб аст,
Дар зери баҳри ҳастӣ пинҳон наҳанг дорам.
Хурдам ба фаҳми ғофил, гурдам ба чашми оқил,
Бар рағми оҳанинтан алмосу занг дорам .
Таърих кард ҷабрам, осон биканд қабрам,
Бигзашт даври нармӣ, дар хок санг дорам.
Донед, эй рақибон дар ҳифзи хоки кишвар
Бо сад кушодадастӣ як қалби танг дорам.
Гӯяд Муҳаммад, эй дӯст, ҳар машқро ду паҳлуст,
То сулҳ ҳифз созам бо хеш ҷанг дорам.

* * *

Домони умр аз ҳама маҳкам гирифтаам,
Аз мағзи дард равғани марҳам гирифтаам.
Дар тори сози нанги ман оҳанги рақс нест,
Дар ҷашн низ чодари мотам гирифтаам.
Тоқат ба бори ғуссаи айём кардаам,
Дасти дарози шоҳи фараҳ кам гирифтаам.
Дорам ба чашми хеш дами шодӣ ашки ғам,
Дар даҳри хушк низ пайи нам гирифтаам.
Осуда то гузар кунам аз ин сарои танг,
Тарки ғурур карда, сарам хам гирифтаам.
Хуршед агар ба маскани шодӣ занад қадам,
Ман лек мисли абр раҳи ғам гирифтаам.
Дар ҷунбишам чу об, Муҳаммад, тамоми умр,
Дар ёд нест як нафаси дамгирифтаам.

* * *

Раҳи мақсудро пурнуртар аз сӯхтан кардам,
Худамро аз худафрӯзӣ чароғи анҷуман кардам.
Аз он рӯзе шунидам камзаминии диёрамро,
Аз он гарде насибам шуд, фузун хоки ватан кардам.
Барои чӣ либоси рӯзгорам нав намегардад?
Ҳама умр аз матои нанг бар худ пираҳан кардам.
Шинондам нахлҳо дар боғи ҳастӣ бо ҳазор умед,
Замоне то нагӯяд душманам, сайри чаман кардам.
Қадам бигзоштан осон набошад дар раҳи номус,
Зи тору пуди мӯ омода баҳри худ кафан кардам.
Раҳо то ёбам аз пайкони найранги сиёсатҳо,
Чу Ҳурмуз чанд худро сояи як Аҳриман кардам.
Пас аз марги ману ту хубтар исбот мегардад,
Чӣ ман кардам, чӣ ту кардӣ, чӣ ту кардӣ, чӣ ман кардам.
Муҳаммад, ҳарфҳои ишқро дар риштаи маънӣ
Ба мисли муҳраҳо барчида, тасбеҳи сухан кардам.

* * *

Як умр по ба роҳи қаноат ниҳодаем,
Дар мулки адлу кишвари инсоф ҷодаем.
Дарвозаҳои баста зи навхоҷагони давр,
Мо соҳиби куҳандари доим кушодаем.
Моро дами ҳисоби мураккаб кунанд ёд,
Баъди ҳали мисол бигӯянд: Содаем.
Дар ҷой истода бубинем даҳрро,
Дар фаҳми навсавор агарчи пиёдаем.
Бар манзили умед ба зудӣ намерасем,
Раҳбастаем, гомзан аз пушти подаем.
Дар анҷуман ба гуфтаи ҳақ эътибор нест,
Он ҷо ками камем, ба ҳукми зиёдаем.
Қурбони ғарқ гаштану худсӯхтан шавем,
Дар байни обу оташи даврон фитодаем.

* * *

Инсоф сарҳад аст, зи сарҳад гузаштаед,
Чашмони ҳайрат аст ҳад, аз ҳад гузаштаед.
Аз сад ҳавои пур зи ғуборед пурхатар,
Дар сабқати бадӣ зи ҳама бад гузаштаед.
Аз мо тамоми умр баромад талаб кунед,
Худ лек баҳри чӣ ба даромад гузаштаед.
Монеаҳои монда ҳама зинаҳо шуданд,
Бе мушкилӣ зи роҳи пур аз сад гузаштаед.
Раҳгум зананд вақти шумори гуноҳатон,
Дар ҷодаи ҳисоб зи абҷад гузаштаед.
Сармояи шумо ба дигар аср ҳам расад,
Дар чандсоли умри худ аз сад гузаштаед.
Ҳатто алек-қарзи саломи Худойро
Аз ёд бурдаед, ҳам аз дад гузаштаед.
Баҳри шумо азизтар аз дил бувад шикам,
Аз баҳри фаҳму раҳми Муҳаммад гузаштаед.

* * *

Ҳоҷати ҳастӣ ба садҳо дар барад,
Гушнаро бар хонаи аждар барад.
Шикваи пур аз ҳуҷуми дарди дил
Лолро ҳам бар сари минбар барад.
Номҷӯ ҳам аз фишори зиндагӣ
Фикри ҳифзи номро аз сар барад.
Баччаи парвардаашро оқибат
Дарди қисмат аз бари модар барад.
Довари ин фитнамайдонро амал
Бар муҷозоти дигар довар барад.
Олам акнун монад ишратхонаро
Бодаро аз шиша бар соғар барад.

* * *

Бисӯзад аз ғами олам диле, ки ман дорам,
Бувад сарои ҳама манзиле, ки ман дорам.
Чиҳо кунам, ки ба девори кина ҳам гардад
Қабои меҳри абад он гиле, ки ман дорам.
Ба зери баҳри пур аз мавҷи хеш пинҳон аст,
Тамоми умр хати соҳиле, ки ман дорам.
Миёни мардуми беадл ҳам агар афтад,
Шавад писанди ҳама одиле, ки ман дорам.
Аз ин китоби ҳисоби замон намеёбанд
Ҷавоби он амали мушкиле, ки ман дорам.
Фақат зи шохаи мижгони ман тавонӣ ёфт
Нишони боғи пур аз ҳосиле, ки ман дорам.
Ҳадиси ишқ бигӯянду рози дилдорон
Ба базму анҷуману маҳфиле, ки ман дорам.

* * *

Дар лабонам ханда дорам, оҳ низ,
Аз ғуломӣ ашк дорад шоҳ низ.
Гарчӣ беайб аст, ҳагоми хатар
Мекашад бори хиҷолат роҳ низ.
Хӯшаро урёнтанӣ гумном кард,
Донаро пинҳон намояд коҳ низ.
То расад бар ёд айёми дарав
Мезанад хирман ба гардун моҳ низ.
Мешавад гоҳе, ки тухми фикри хом
Рӯяд аз хоки дили огоҳ низ.
Ташнаро афтодан аз хотир равад,
Ҳифз аз мурдан кунад гаҳ чоҳ низ.
Дар тулӯъ бошад Муҳаммадро ғуруб,
Ҳар саҳар дорад ба худ бегоҳ низ.

* * *

Шодем, ки ҳамқисмати маҳзуншудагонем,
Рӯсурх аз онем, ки дилхуншудагонем.
Сад шукр, ки хуш навбати худро гузарондем,
Бе доғ аз ин маърака беруншудагонем.
Гирем ба зар куҳнасадафҳои муҳаббат,
Мо тоҷири бозори дигаргуншудагонем.
Ҳар дам ба ками беғами худ шукр бигӯем,
Ҳамсояи осудаи афзуншудагонем.
Бо хеш набурдаст касе аз кафане беш,
Ду дидаи берашк ба Қоруншудагонем.
Дурру гуҳари даҳр фиребанда нигор аст,
Бегона ба ҷамъияти мафтуншудагонем.
Бар гӯши пур аз ояти ҳақ гуфт Муҳаммад,
Афсона чӣ хонем, ки афсуншудагонем.

* * *

Боғи хазорасида асар аз нумӯ надошт,
Мотам гирифта буд, ба дил орзу надошт.
Аз баргҳои рехтаи гул хулоса шуд,
Ин чеҳра дошт дидаву афсӯс рӯ надошт.
Дигар насимро ҳаваси бурданӣ набуд,
Ҳар он чи монд дар тани беранг,бӯ надошт.
Доси хазон ба пушта баробар ҳисоб кард,
Саҳро буд он саре, ки ягон тори мӯ надошт.
Бигзашт даври мартабаи боғдор низ,
Ҳатто, ки дузд майл ба дидори ӯ надошт.
Сар монда об дар бағали хоки хастаҷон,
Савту садои гӯшрас ӯ дар гулӯ надошт.
Васфи Ватан бигуфт Муҳаммад мудом, лек
Ҷое касе зи қадри сухан гуфтугӯ надошт.

* * *

Ба унвонам зи номи мардуми осуда мактуб аст,
Зи нохубии даври худ забон накшоданат хуб аст.
Ба чанги боди вақт афтода ҳастияш диҳад барбод,
Макун боло сари гард аз гиребон, хасм ҷорӯб аст.
Магар нашнидаӣ аз нолаҳои рӯди пуртуғён:
Касе берун ниҳад по аз раҳи андоза, саркӯб аст.
Зи оҳи сӯздораш дар бигирад хонаи бахташ,
Ҳазорон доғи ҳасрат дар раҳи дунёи ошӯб аст.
Сухан гӯи зи асри санг, санги раҳ туро хонанд,
Зи баски нақши умри беғамон дар обу дар чуб аст.
Баҳои банда ҳам бар банда ғайри хоҳиш аст имрӯз,
Тамоми зинда номаҳбубу ҷаъми мурда маҳбуб аст.
Муҳаммад тоқи дунё низ мағлуб аст пеши ҷамъ,
Сари аз тан ҷудо бар дидаи фаҳми замон туб аст.

* * *

Пайҳои меҳр дар раҳи уммед ҳам намонд,
Нури вафо ба оташи хуршед ҳам намонд.
Санҷид зи даст накҳату гулхор ранг дод,
Ҳатто ба боғҳо асар аз бед ҳам намонд.
Дар зиндагӣ хату хабар аз ёдбуди мост,
Дар ёд гиряи дами тавлид ҳам намонд.
Бозичаҳои дасти рақибони худ шудем,
Нақши ҳунар ба саҳнаи ҷовид ҳам намонд.
Аз номае, ки ранг зи хуни ҷигар надошт,
Сурхии чашми кафтари тавҳид ҳам намонд.
Машуқ низ рафт, ҳавасхона гашт ишқ,
Пайҳои меҳр дар раҳи умед ҳам намонд.
Хомӯш гаштааст Муҳаммад навои бахт,
Осори ҷашн дар гузари ид ҳам намонд.

* * *

Нигоҳи ҳайратам акнун, зи хоб метарсам,
Зи маргсурати пуристироб метарсам.
Агарчи фоидабахш аз барои ман сардист,
Чун офтоб бихӯрдам, зи об метарсам.
Чу мавҷ по ба сари баҳр як замон будам,
Гузашт даври хурӯш, аз ҳубоб метарсам.
Дигар зи баҳри кабуде, ки дар биёбон аст,
Сухан магӯй, ки ман аз сароб метарсам.
Баҳори лола ҳам аз хуни дил асар дорад,
Зи рӯйсурхии худ чун кабоб метарсам.
Ҳанӯз гарди хусумат ба хоки ман хоб аст,
Зи боди даргузар- аз инқилоб метарсам.
Ба нархи ҷони ман осудагӣ ба даст омад,
Саволгашта манам, аз хитоб метарсам.
Нишони тарс шуморад замона ҳурматро,
Гунаҳ ба ҳоли худаш, аз савоб метарсам.
Китоби хотира сӯзад агар, бимон сӯзад,
Зи пушти нек бад аст, аз ҳисоб метарсам.
Кашида ранҷу Муҳаммад касе наранҷондам,
Валек боз зи рӯзи ҷавоб метарсам.

* * *

Ҳанӯз ашки пур аз ғам зи дидаам ҷорист,
Тамоми узви ман аз бодаи фараҳ орист.
Азоби даври ятимиву хонавайронӣ
Зи баҳри умр чу як қатра пеши ин хорист.
Яке бимурду дигар мағзи ақли худро хӯрд,
Ҳамон, ки монд танаш ошёни беморист.
Расад ба гӯш зи оҳи бадарди ман овоз:
Гуноҳи аз ҳама вазинин мардумозорист.
Чиҳо кунам, ки ҳама дарди ман зи ҳамдардист,
Тамоми ғуссаи дил аз ҳисоби ғамхорист.
Хабар расад, ки ҳама оҳҳо шаванд оҳанг,
Садои зарбаи бад зарба бар ватандорист.
Мақоми ҷоҳил аз оқил баландтар гаштаст,
Зи кор ронда шавад он ки марди даркорист.

* * *

Маро,ки дур зи худ кардаӣ, суроғ макун,
Рақам нагиру назан занг,тоза доғ макун.
Хулоса хӯса барорад хазони ман дида,
Чу об рӯй ту бефоида ба боғ макун.
Задӣ хаданг ба он чашмсурхи номабарам,
Ҳавола номаи тақдири худ ба зоғ макун.
Зи фоли кинаи ту банди фикраму гӯям:
Ту лофи меҳр мазан,ҷабр ҳам ба ҷоғ макун.
Димоғи сӯхта аз ту ҳанӯз пурдуд аст,
Дигар ба пеши ҷигаррехта димоғ макун.
Ба боди ғусса супурдӣ чароғи ҳастиям,
Дубора маскани пурсӯзи ғам чароғ макун.

* * *

Ашк ҳам аз абри чашмон меравад,
Дард ҳам аз роҳи дармон меравад.
Доғҳо дар боғи ҳастӣ чархзан,
Даври султонии борон меравад.
Лолаҳои рӯйҳо коҳидаранг,
Аз диёри дил баҳорон меравад.
Дар найистони вуҷуд оҳанги ҳузн,
Шери уммед аз найистон меравад.
Қиссаи талх аз пайи ҳар ҷустуҷӯст,
Рахши Рустам бар Самангон меравад.
Синаи гардун тиҳӣ аз шафқат аст,
Он чӣ мушкил омад, осон меравад.

* * *

Аз бисоти дил ҳавасҳо мераванд,
Оҳу овоз аз нафасҳо мераванд.
Мурғакони умрҳо озод низ
Аз пайи ҳам бар қафасҳо мераванд.
Мо чу гугирдем, хомӯш оташем,
Нахлҳо аз дасти хасҳо мераванд.
Додгӯён аз сарои панду фанд
Додхоҳу додрасҳо мераванд.
Бод бечо мекунад садҳо ғубор,
Нокасон аз оҳи касҳо мераванд.
Бар сафе, ки дар ҳисоби зиндагист,
Пештар аз пеш пасҳо мераванд.

* * *

Дигар нигоҳи чашми ҳубобе намерасад,
Бедорӣ аз шафоати хобе намерасад.
Чун баҳри мурда аст ба пиндор зиндагӣ,
Осори мавҷу ҷунбиши обе намерасад.
Аз нони хушк пур бағалу лек об нест,
Дар хони дашт ғайри саробе намерасад.
Дар ҳар қадам, ки ҷоҳи гуноҳе нуҳуфтааст,
Нақше зи по ба роҳи савобе намерасад.
Дар чеҳраҳои зарди зи фасли хазони ҳаҷр
Ранги уммедбахши кабобе намерасад.
Он номаҳои пуралами синасӯзи ишқ
Бар дасти кӣ расид, ҷавобе намерасад.
Мастӣ гузашт, ҳасрати андуҳ ҳам намонд,
Бар ёди майпараст шаробе намерасад.
Ҷон аз ҳуҷуми дард Муҳаммад кунад фиғон,
Бар пир тоби аҳди шабобе намерасад.

* * *

Гарчи ҷаҳони дардам, дардошно надорам,
Бегона бар табибам, роҳи даво надорам.
Ман руҳи хаста ҳастам, як дилшикаста ҳастам,
Бори гарони миннат аз мумиё надорам.
Мумам ба ҳалқаи санг, оҳам бигардад оҳанг,
Дар даҳри беканора гӯё ки ҷо надорам.
Сози гусастаторам, рафтаст эътиборам,
Дар панҷаи ҳунар ҳам ширин наво надорам.
Гуфтам ҳазору як ҳарф, мӯ шуд сафед чун барф,
Девонаму асар лек бар девҳо надорам.
Дилро, ки сар нафаҳмид, нурам басар нафаҳмид,
Ҷонро ҷигар нафаҳмид, як бовафо надорам.
Ояд ба лаб маро ҷон, мушкил нагардад осон,
Дар сар Муҳаммад акнун ҷуз чашми во надорам.

* * *

Биё,биё, ки зи ғам хотирам парешон аст,
Биё,биё, ки чу бегона бе ту хешон аст.
Фироқро намаку захм ишқро донад,
Ҳамон, ки бохабар аз сӯзи синарешон аст.
Миёни ҷону дил аз баҳри бурди қисматҳо
Ҳуҷуми гургу парокандагии мешон аст.
Касе, ки ишқ биварзад ба зистан арзад,
Ҳамин ҳидояту таъкиди ман ба ишон аст.

* * *

Ин чӣ оташ, ки аз он дуд бурун меояд,
Рӯзи маргу шаби мавлуд бурун меояд.
Оташе ҳаст, ки аз ахгару хокистари он
Тарҳи Фирдавсию Маҳмуд бурун меояд.
Хубтар сабз шавад пуштаи оташзадагон,
Аз зиён низ гаҳе суд бурун меояд.
Дар нигоҳи каси пурнанг зи ҳар хуфтағубор
Шаҳсавори раҳи мақсуд бурун меояд.
Аз камингоҳи хаёли ҳама оламсӯзон
Ҳар замон Аҳмади Масъуд бурун меояд.
Шеваи сӯзиши ҳар чӯб ба ранги дигар аст,
Сад чанор оҳ зи як уд бурун меояд.
Соҳили куҳнаи гилрехта бовар накунад,
Баъд аз ин аз ду лабаш руд бурун меояд.
Шод ҳам вориди ин хонаи дудар гардад,
Боварам ҳаст, ғамолуд бурун меояд.
Суръати чашмаи пурзӯр, Муҳаммад, тез аст,
Об аз дидаи мо зуд бурун меояд.

* * *

Аз роҳи тайнамуда осор гард монда,
Аз бори ранҷи бурда ҷисми бадард монда.
Даври даву паропар дигар нагардад аз сар,
Машқи вуҷуд монда, тасбеҳу нард монда.
Гармии ҳеҷ як ҳарф об насозад ин барф,
Чандин баҳор бигзашт, ин фасли сард монда.
Хушк аст руди хашмам, ҷорист оби чашмам,
Даври набард рафта, ҷабри набард монда.
Ҷӯям ба ҳасрат акнун айёми лоларангӣ,
Умрам дукону дар он як ранги зард монда.
Дунёи сӯзу оҳам, имдодҷӯ нигоҳам,
Дар истгоҳи пирӣ як раҳнавард монда.
Дод он яке шикастам, дигар гирифт дастам,
Дар хотири Муҳаммад номарду мард монда.

РУБОИЁТ

Қӯръон сипар аз баҳри мусулмон бошад,
Бар каъба сутун, ба дайр пайкон бошад.
Ҳар санги сияҳ дар кафи саҳрои араб
Гӯё сари хасми дур аз эмон бошад.

Бар қасри замон шоҳ гадоро набарад,
Сайёҳ ба сайр обилапоро набарад.
Гар нест калид, ин равонхонаи даҳр
Поён бубарад, валек боло набарад.

Паст аст садои пойи эҷоди баланд,
Пайванд бувад ба хок бунёди баланд.
Ман нестам он кӯзаи холӣ, ки кунам
Дар саҳнаи даҳри паст фарёди баланд.

Хуб аст, ки ту сарбасари ман нашавӣ,
Дар меҳру вафо баробари ман нашавӣ.
Зоғиву ба чашмат асар аз сурхӣ нест,
Сад нома барӣ, кабӯтари ман нашавӣ.

То дар нигаҳи фаҳми замон кас чу хас аст,
Чун хӯшакаш ормон ба дашти ҳавас аст.
Бар дузд напухтамевааш дастрас аст,
Алқисса, нахуст шаҳдкомаш магас аст.

Ман мардумаки дидаи мардумшудаам,
Пайдошудаи баҳри ҳама гумшудаам.
Оташ зи дилам резаду хун аз ҷигарам,
Ман чашмаи гиряи табассумшудаам.

Донад ҳама халқ достони моро,
Хӯрдӣ сари тифли ормони моро.
Аз ғуссахӯрӣ дар тани мо гӯшт намонд,
Зан бар сарат акнун устухони моро!

Рафтанд зи ёди чашмҳо аҳли назар,
Гаштанд ғубори роҳ мардони сафар.
Аз гардиши чархи даври гумкарданизом,
Сарҳо ҳама по шуданд, поҳо ҳама сар.

Хомӯшии зиндагӣ пур аз фарёд аст,
Миннат табаре ба решаи имдод аст.
Талбанда хиҷолат кашад аз бахшанда,
Зеро ки ғубор ҳадяи ин бод аст.

Борон ҳама шаб таронаи ғам хонда,
Ашки дили сӯзони маро резонда.
Ӯ нолаи аз баландӣ афтодан дошт,
Ман гиряи ҳасрати ба пастӣ монда.

Аз лолаи урёншуда доғ аст нишон,
Аз сӯзи куҳан дуди чароғ аст нишон.
Аз нахли ба хуноби ҷигар парварда
Сад шукр, ки бору барги боғ аст нишон.

Дар ҳар қадаме фиреби ҳастӣ бошад,
Тӯфон ба ғубори худпарастӣ бошад.
Бар нахли баландгашта миқроз зананд,
Осудатар аст, он кӣ ба пастӣ бошад.

Ашки фараҳ оҳи дили маҳзун дорад,
Шодӣ зи паяш ғуссаи афзун дорад.
Болидани сурхрӯй аз бехабарист,
Ҳар луқма кабоб қатраи хун дорад.

Дар ҷодаи регдори ту мум шудем,
Дар дидаи душманони ту шум шудем.
Рӯйи фараҳ аз оинаи ғам ҷустем,
Кардем гузашт, аз ҳама маҳрум шудем.

Лофи ту бурун аз ҳади фаҳми фол аст,
Ҳарфи ту сиёҳии хати аъмол аст.
Садтангахаридаро ба як танга диҳӣ,
Дар пеши ту сеҳргар забони лол аст.

Дигар шудани ту аз дигар гаштани мост,
Рӯсурхият аз хуни ҷигар гаштани мост.
Дар маҳфилу базми ҳокими давру замон
Садре шуданат низ зи бигзаштани мост.

Кардем хаёли ҷовидонӣ ҳама умр,
Бигзашт ба роҳи ҷонфишонӣ ҳама умр.
Дар заҳмати худ роҳати дунё дидем,
Мурдем барои зиндагонӣ ҳама умр.

Бошад ба сари касе гар андешаи фанд,
Таъсир намекунад ба ӯ олами панд.
Ҳарчанд барад ҳазору як ҳила ба кор,
Пастиш битобад ба сари тахти баланд.

Дар хоб ҷамоли модарамро дидам,
Рухсораи сурхи ҳамсарамро дидам.
Болидам аз он ки рафтагон баргаштанд,
Бедор шудам, чашми тарамро дидам.

Охир ҳама банди дарди таъзим шавад,
Ғолибшуда низ мавҳи таслим шавад.
Чун бори гарон ҳаётро фаҳмидам,
Ҳар рӯз ба дӯши ҳама тақдим шавад.

Хам хӯрда зи бори ҷабрҳо гирд шудам,
Устод будам, дубора шогирд шудам.
Дар қуттии хеш давр ҷо кард маро,
Оташ мачӯ аз хамӯш, гӯгирд шудам.

Олудаи ғам хотири болидаи мост,
Аз хорканӣ асар гули чидаи мост.
Бар даҳр нигоҳи дигаре медӯзем,
Ҳар нуқта нишони мардуми дидаи мост.

Камбин фақат эътибор бар гӯш диҳад,
Инъом диҳад гунг, ба хомӯш диҳад.
Азбаски баҳодиҳӣ ба сар душвор аст,
Мардум зи азал баҳо ба сарпӯш диҳад.

Сармо бигузашту оҳи сардам нагузашт,
Дар фасли баҳор ранги зардам нагузашт.
Як умр гирифтор ба дарди меҳрам,
Аммо чӣ кунам, ки бар ту дардам нагузашт.

Азбаски сиришти меҳролуд надошт,
Бар ӯ сухан аз боби вафо суд надошт.
То танг нагардад нафасаш, кард ҳазар,
Ғофил, ки зи пай оташи мо дуд надошт.

Ҳарчанд сафедпӯш дар ҳаҷ будам,
Карданд сияҳ маро, магар каҷ будам?
Тоҷи сари хеш кардан имдод накард,
Бар сурати тоқҳоҳ махраҷ будам.

Маҳрум зи базму сур кардӣ ту маро,
Аз ҳалқаи хеш дур кардӣ ту маро.
Руҳам зи пайи ту гирд гардад шабу рӯз,
Гӯё ки накушта гӯр кардӣ ту маро.

Ҷоҳил зару ранги зард оқил гирад,
Ишкам маю ҷоми пур зи хун дил гирад.
Ҳар давр сиёҳкорро ҳифз кунад,
Аз хоки сиёҳ беш ҳосил гирад.

Ҳарчанд ба чашми чанд мағлуб манам,
Донанд ҳама: туӣ баду хуб манам.
Нопок ба пок ошноӣ накунад,
Дар чашми ғубори давр ҷорӯб манам.

Онам, ки даранда ҳам ба ман ром шавад,
Чун чашми пур аз нури нигаҳ дом шавад.
Гар қатраи ашки ман ба дарё резад,
Дарёи хурӯшанда ҳам ором шавад.

Беҳуда гузашт умри ман ҳамраҳи ту,
Шуд хуни ҷигар насибам аз даргаҳи ту.
Ҳарчанд, ки бод кардаму кардам бод,
Як дони вафо наёфтам аз каҳи ту.

То лол шавам, ҳарфи лабам бигрифтӣ,
Пеши раҳи розу матлабам бигрифтӣ.
Аз косаи танбури хушоҳанги сарам
Гӯё ки ту тори асабам бигрифтӣ.

Дидем зиён зи донаи кошта ҳам,
Шуд офати ҷон хирмани бардошта ҳам.
Бар оташи дил умед бастан ғалат аст,
Дуд аст ҳамон оташи пиндошта ҳам.

Фарёди гуноҳ бонги афсӯс шавад,
Ҳаври пур аз оҳ доғи номус шавад.
Шояд расад аз ҳазор бар гӯш яке,
Гум дар раҳи дур бонги ноқус шавад.

Машҳур ҷаҳон ба фитанаҳои хеш аст,
Беш аз каму кам низ малол аз беш аст.
Маълум шуд охир, ки дар ин олами фанд
Мо бар шаҳу шаҳ ҳасадбари дарвеш аст.

Дар даҳр фақат макоми ҳақ мемонад,
Танҳо ба забон каломи ҳақ мемонад.
Аз даҳр тамоми номдорон гузаранд,
Як номи бузург-номи ҳақ мемонад.

Дар лӯқмаи нобурдафурӯ, оҳ марост,
Дар қатраи ашки бари рӯ оҳ марост.
То ҳар ду миҷози ҳастӣ омехтааст,
Чун оташу об дар гулӯ оҳ марост.

Ҳарчанд нигаҳбони дари давр туӣ,
Барҳамзани ганҷи ҳунари давр туӣ.
Гуфтӣ, ки : ҳамеша мекунад дард сарам,
Эй карда ғалат, дарди сари давр туӣ.

Чун обаму хокҳо маро нӯш кунанд,
Хоросифатон маро фаромӯш кунанд.
Фарёдрасон пунбабагӯшанд кунун,
Сад шукр, ки лолҳо маро гӯш кунанд.

Гургиву ғами меш надорӣ ту дигар,
Мориву ба ҷуз неш надорӣ ту дигар.
Дилҳо кунӣ пораву ҷигарҳо пурхун,
Шарм аз амали хеш надорӣ ту дигар.

Аз бехабарӣ банда баҳо бар ту диҳад,
Дар маскани меҳри хеш ҷо бар ту диҳад.
То зуд раҳӣ зи дарди бераҳмии хеш,
Дорам талаб аз Худо: даво бар ту диҳад.

Доно ба ишора кори худ буд кунад,
Даргоҳи умед гарм бо дуд кунад.
Тасвиргари бузург бо сеҳри қалам
Тарҳи пайи ҷӯйро раҳи руд кунад.

Дар хонаи ёд шамъи афрӯхта монд,
Дуд аз шарари ганҷи дили сӯхта монд.
Мо ризқ зи панду ту бичустӣ аз фанд,
Ҷайби ту кушода, ҷайби мо дӯхта монд.

Зоғ аст фузун, дилам зи киштан мондаст,
Аз пахтаву пилла ёди ришта монд аст.
Гӯё ки зи хома рангро дуздиданд,
Ин дасттиҳӣ ҳам аз навиштан мондаст.

Аз хоки ту гарди меҳр пайдо нашавад,
Як зарраи дарди меҳр пайдо нашавад.
Холӣ дили абри ту зи борони вафост,
Мақсуд аз ин сипеҳр пайдо нашавад.

Деви сияҳ ҳаст ҳокими меҳани шаб,
Доранд ҳама таронаи оҳ ба лаб:
Берун нашавад зи кони ангишт намак,
Аз рӯйсиёҳ дилсафедӣ маталаб.

Барфи ба сарам нишаста аз ишқи ту ҳаст,
Дар сина дили шикаста аз ишқи ту ҳаст.
Рӯҳу тану ҷони хаста аз ишқи ту ҳаст,
Яъне, ҳама бори баста аз ишқи ту ҳаст.

Аз таб ба гулӯ наволаам месӯзад,
Аз доғи вуҷуд лолаам месӯзад.
Ту шири замон хӯрдию ман тири замон,
Дил аз ғами чандсолаам месӯзад.

Пайдо нашавад зарраи меҳр аз дили ту,
Рӯяд ҳама тухми кина ҳам аз гили ту.
Он рӯди хурӯшандаи бераҳм туӣ,
Ҷуз нола надорад ба лабаш соҳили ту.

Як олами ҳасрат ба таҳи афлок аст,
Аз ҳастию кардаҳо ҳама ғамнок аст.
Шояд, ки пас аз рондани одам зи биҳишт,
Аз теғи алам синаи гандум чок аст.

Аз намасарон ғубор пайдо нашавад,
Озор зи ғамгусор пайдо нашавад.
Аз нимаи буттахори дар хок ниҳон.
Як чӯбаки нешдор пайдо нашавад.

Ин чашмаи чашм ашк нарезад, чӣ кунам?
Ашке, ки фитад, ба по нахезад, чӣ кунам?
Гӯӣ, ки чаро зи ман гурезӣ имрӯз,
Одам зи даранда мегурезад, чӣ кунам?

Ҳарчанд кунӣ, шод нагардад дили ман,
Хурсанд зи имдод нагардад дили ман.
Чун мурғаки парканда зи дасти ту шудаст,
Аз банди ғам озод нагардад дили ман.

Аз дидани ту зиёд гардад ғами ман,
Ҷашнам зи ҳузури ту шавад мотами ман.
Бошӣ ба ҳама олам агар сарвар ҳам,
Гӯям, ки ҳанӯз дурӣ аз олами ман.

Овозаи ту зи хок то афлок аст,
Сомеъ зи ватан гуфтани ту ғамнок аст.
Хуршед ба доман натавон пинҳон кард,
Сад лоф занӣ, дасту дилат нопок аст.

Дардо, ки вабои умр бедармон аст,
Рӯ бар дари марг кӯдаки армон аст.
Аз ҳезуми ҳасрат аст алови дӯзах,
Руҳи ҳама мулкдор саргардон аст.

Дар шодии хеш мустамандӣ дидем,
Пастӣ ба шукуҳи ин баландӣ дидем.
Рафтему нарафт бӯи навмедии мо,
Худро ба сарои умр бандӣ дидем.

Аз дидаи ман хоб гурезад ҳама умр,
Ғам хоки нишотро бубезад ҳама умр.
Борон накунад давом беш аз як моҳ,
Лек об зи чашми ман бирезад ҳама умр.

Раҳгумзадаро пайе раҳи масуд аст,
Ғамнома ба ӯ пайки фараҳолуд аст.
Бар дидаи лабташна чу баҳр аст сароб,
Оташнарасидаро умед аз дуд аст.

ДУБАЙТИҲО

Паямро дигар аз роҳат наёбӣ,
Нишонамро зи даргоҳат наёбӣ.
Туро оҳи дилам як рӯз гирад,
Шавӣ дилсӯз, дилхоҳат наёбӣ.

Ҷигархун гаштани ман бесабаб нест,
Зи худ бигзаштани ман бесабаб нест.
Шавам аз канданаш маҷрӯҳ охир,
Мувофиқ бор бар тори асаб нест.

Ба фикри хештан бошанд имрӯз,
Ба марзи нафс дон пошанд имрӯз.
Гумон созӣ ҳама сарҷамъ ҳастанд,
Вале дар асл барчошанд имрӯз.

Баландовозаам, дар ҷойи пастам,
Ба доми нестии хеш ҳастам.
Ба ҳоли ман дили маҳбус сӯзад,
Фақат пайванд ҷӯям аз шикастам.

Ба даҳр аз чӣ гунаҳгор аст озод?
Ҷигархун баста, хунхор аст озод.
Ба сӯи гул ҳама теғи нигоҳанд,
Вале бо неши худ хор аст озод.

Баландиро, ки аз хокӣ гирифтем,
Мақому номи афлокӣ гирифтем.
Чу гандум аз санои теғзанҳо
Ҳама унвони дилчокӣ гирифтем.

Хаёли пухта ё ки хом кардам,
Ҳаёти субҳрангам шом кардам.
Дигарҳо умр сарфи ком карданд,
Вале ман умр сарф ном кардам.

Зи ҷабри ту забонам аз сухан монд,
Ба маҷлисгоҳ холӣ ҷои ман монд.
Ҳамон вақте ки гуфтандат ватандӯст,
Дили садҳо ватангӯ аз ватан монд.

Ҳазорон фитна дар сабри ту бошад,
Ҳазорон жола дар абри ту бошад.
Давоямро зи ту бояд бипурсанд,
Ҳама дарди ман аз ҷабри ту бошад.

Ту аз моли ҷаҳон серӣ надорӣ,
Нишон дар ин раҳ аз дерӣ надорӣ.
Баҳои ҳақ зи устодат шунидам,
Зи рӯбаҳ бартарӣ, шерӣ надорӣ.

Бигуфтам неки ман бадро набинад,
Ба дунёи вафо ҳадро набинад.
Вале баъди фитодан омад овоз,
Магар кӯр аст, сарҳадро набинад?

Дигар майдони ман довар надорад,
Замон бар ҷаҳди ман бовар надорад.
Ҳазор андеша бошад дар сараш ҳам,
Замини умри безар бар надорад.

Ҳисоби мушкилам бар ғам намондаст,
Ҳақи обу гилам бар ғам намондаст.
Маро ғам доданат беҳуда бошад,
Дигар ҷо дар дилам бар ғам намондаст.

Нагирам то гуноҳи дигаронро,
Кашам бар души худ бори гаронро.
Дилам хоҳад, ки ёри ғор бошам,
Набинам то пайи ғоратгаронро.

Баландии ҷаҳонро низ пастист,
Ба чашми ҳушёраш нақши мастист.
Дар ин дуроҳа ҳайрон марди роҳ аст,
Намедонад кадомаш роҳи ҳастист.

Диламро додаам дар ихтиёрат,
Ба танҳоӣ шавад то боз ёрат.
Ба дунёи муҳаббат гашта сарсон
Вале ҳайфо намеёбад диёрат.

Шавад сокин ба фармони илоҳӣ,
Малах дар хушкию дар об моҳӣ.
Дар охир мешавад аммо баробар,
Ғами дарвешию шодии шоҳӣ.

Нафаҳмидам ҷаҳони одамиро,
Набинад бешро, бинад камиро.
Намегирям барои худпарасте,
Намедонад баҳои ҳамдамиро.

Самар аз шӯрандозӣ биҷӯӣ,
Аз ин пастӣ сарафрозӣ биҷӯӣ.
Зафар бисёр шуд, беэътибор аст,
Чӣ суд аз бурди ин бозӣ биҷӯӣ?

Хӯрӣ гарчи тамоми умр моҳӣ,
Нагардӣ поктинат, пургуноҳӣ.
Аён гардад ба чашми пиру барно,
Сияҳдил буданат аз рӯсиёҳӣ.

Фақат донӣ ту дунёи хабарро.
Биафкан дуртар нури назарро.
Ба оташ равғани исён ту резӣ,
Барои нафъ по гӯӣ ту сарро.

ФАРЁДИ ЁДҲО

(Қисса)

– Кори хуб накардӣ, худро дур аз падар гирифтӣ, дер хабар гирифтӣ. Чӣ магар вақт наёбӣ, ё ки ба ёдат наоем? То ба кай зинда ҷудоем? Аз рӯзи рафтанат як моҳ гузашт, аз ҳуҷуми дард ҳама рӯзам бо нолаву оҳ гузашт. Роҳат дур мебуд, гап дигар, гила надоштам, сар ба болини ноумедӣ мегузоштам. Ҳоло гила дорам, нозуктабъам, беморам. Пири пир шудам, мӯҳтоҷи дастгир шудам. Пиёда набошӣ, метавонӣ ҳар ҳафта суроғам биёӣ, ба хазонбоғам биёӣ. Агар хоҳӣ рӯзи бозор ҳам омада метавонӣ, балки баъди кор ҳам омада метавонӣ. Вале серкориро баҳона мекунӣ, маро девона мекунӣ. Дили нохоҳам узри бисёр. Ку дигар фарзанди банангу ор? Аввалҳо бамеҳр будӣ, дур рафта, бемеҳр шудӣ. Дурӣ, бемеҳрӣ будааст. Бемеҳрӣ хуб не, бачам. Ҳолӣ бест, Худо умри дарозат диҳаду ба синну соли мо бирасию аз сар кӯдак ворӣ нозук шавӣ ва бачаат дер хабарат гираду дидаи интизор ба роҳ монӣ, он гоҳ аз дарду алами дили пирон хабардор мешавӣ, ба қадрамон мерасӣ. Вале он вақт дер мешавад, дер мешавад. Сад афсӯс хӯрӣ ҳам, ҳазор кобӣ ҳам, маро дигар намеёбӣ. Агар ҳисобу китоби омаду рафтанат ҳамин хел бошад, то дафъаи дигар аз дидори ман ҳам бенасиб мемонӣ. Дуои маро гирифта наметавонӣ. Тани дардмандам гувоҳи ҳол аст. Мурғи ҷонам бе пару бол аст. Аз барам дур нарав. Фирефтаи дидагони рӯшанам нашав, онҳо ранги субҳи дурӯғинанд, фиреби ширинанд. Лаҳзае пас маҳрум аз нур мешаванд, пӯшида, ки шуданд, дар гӯр мешаванд. Тухми одам мисли тухми гулу гиёҳ набошад, ки ҳар сол корӣ, аз нав сабз шавад. Одам, ки рафт, меравад. Роҳи ҳаёташ бебозгашт аст. Хазони умраш дигар баҳор надорад. Боғи умедаш баргу бор надорад. Офтоби ба ғурубрафтаи қисматаш аз нав тулӯъ намекунад ва дубора ба олами зиндагӣ руҷӯъ намекунад. Ақалан, як ҳафта пештар хабар мегирифтӣ, аз дарахти одамгарӣ самар мегирифтӣ, раиси Абдукаримро медидӣ. Ончи дар ҳақаш гуфтанд, мешунидӣ. Раис ҳам аз баҳри дунё гузашт, аз баҳри дунёи бевафову бебақо гузашт. Як одами боақлу маъраказеби деҳа, ки шарики шодию ғами рӯзгор буд, маслиҳатгару пешкор буд, кам шуд. Ҳама гирифтори ҳалқаи мотам шуд. Бо умеди шумо – беҳавсалаҳо, шавем, гӯркану тобутбардор намеёбем,

мурдаамон дар адир мемонад. Касе ҷанозаамонро намехонад. То ба роҳ мебароед, то расида меоед, ки тӯъмаи кирмҳо ва шармандаи ду дунё мешавем.

Аз ҳамон рӯзе, ки Абдукарим гузашт, худро ҳеҷ ба даст гирифта наметавонам. Ғалбери дидагонам қудрати нигоҳ доштани қатраҳои ашкро надоранд. Ҳамин, ки чашм пӯшам, хобҳои парешон мебинам, ҳамин, ки чашм кушоям, пеши рӯям симои раис намудор мешавад, дилам хуншор мешавад. Рӯзҳои сахти даврони гузашта, рӯзҳое, ки бори азоби кори колхозро бо ҳам мекашидем, талхию ширириро бо ҳам мечашидем, як-як ба ёд меоянд.

Марди ҷонсахт буд, нангу номус дошт Абдукарими Ғафур. Кори колхоз гуфта, шабу рӯз хоб намекард. Ғами ташнаи зиндагӣ будани мардумро мехӯрд, барои ташнагии худ дил об намекард. Ҷон мекоҳонд, ки ҳар дона хӯша гардаду хӯшаҳо хирман. Фиребгарону ҳаромхӯронро чашми дидан надошт раис.

Ҳамон марди ҷонсахту паҳлавонсурат ба чангу ҳалуки марг тоб наовард. Дасти аҷал гулӯяшро фишурд, ҳафтае ранҷи беморӣ кашиду ҷон ба ҷаббор супурд. «Одам-дам» мегӯянд, рост аст. Ҳозир ҳастӣ, як дам пас нестӣ.

Ба некӣ гирою маёзор кас,
Раҳи растагорӣ ҳамин асту бас.

Ғайри номи нек чизе ҷовидон наемонад. Деви марг паҳлавони тахтапушташ замин надидаро ҳам меафтонад. Баҳроми гӯргир ҳам оқибат ба гӯр меравад. Рӯз, ки буд шуд, ҷоят холӣ мешавад. Хок даҳонашро воз карда, одамро ба комаш фурӯ мебарад. Ғайри ӯ касе қудрате надорад, ки ҷонатро харад. Ҳайфи Абдукарим, ҳайфи ҷӯраи давраи бачагиям. Мани дардманд, ки ду сол боз ба тахтапушт хобам, пӯст ба устухонам часпидааст дасту поям аз кор монда, мӯҳтоҷи мададгорам, намурдаму Абдукарим мурд.

Сад афсӯс, ки гардиши чархи қисмат ба ҳукми инсон нест. Мо дар чӣ хаёлему фалак дар чӣ хаёл. Ба мақсад расидан душвор аст. Ману бародари раис – Шамсуллоҳ якҷоя ба ҷанг рафтем. Барои ҳифзи ному нанг рафтем. Чанд муддат ҳамроҳ будем, якҷоя машқ мекардем. Баъд моро аз ҳамдигар ҷудо карданд. Надонистам, ки ӯро ба куҷо бурданд. Аз байн ду сол гузашт. Вале боре ҳам дидани дидораш муяссар нагашт. Ман тир

хӯрда, маҷрӯҳ аз майдони набард омадам. Ӯ наёмад, хату хабарашро ҳам наёварданд. Дигар рӯйи диёр ва чеҳраи шиносони ғамгусорро надид.

Ҷавони қоматбаланду паҳлавонсурат буд, Шамсуллоҳ. Нусхаи Абдукаримро мемонд. Бобои Ғафурро ғами ҷигарбанди қурбоншудааш кушт. Ҳамсари мӯйсафедро ҳам дарду доғи фарзанд аз дунё бурд. Аз паи онҳо аввал хоҳар, баъд чанд хешованди дигари Абдукарим ба сӯи манзили охират бори сафар бастанд. Қомати чун сарвашро шикастанд. Раис ба ман бовар карда, хоҳиш менамуд, ки барои фавтидагонаш гӯри тоқчадору таксаридор канам. Дар кадом ҳолате, ки мешудам, хоҳишашро иҷро менамудам. Шӯхикунон мегуфт, ки як рӯз не, як рӯз қарзатро мегардонам. Лозим шавад, ман ҳам гӯр канда метавонам…

Бевафоӣ кард раис, такягиру тобутбардорам нашуд. Дар маркаби чӯбӣ савор шуда, бармаҳал роҳи пуштаро пеш гирифт, дур аз олами ранҷу ташвиш шуд. Не, дар он дунё ҳам осудагӣ нест, дар гӯр ҳам ранҷу азоб аст, азоби беҳисоб аст. Ба ҳар амали карда ҷавоб мегӯӣ, бад бошӣ, дар оташи дӯзах сӯхта «Об» мегӯӣ.

Раис одами хуб буд, ғайри беҳшавии рӯзгори мардум дигар мақсад надошт. Акнун ҷавоби амалҳои карда ва ҷавоби ҳар ниҳоли парвардаашро медиҳад. Тавбаву надомат мекунад, андешаи рӯзи қиёмат мекунад.

Мурда ҳам фикри қиёмат дорад,
Орамидан чӣ қадар душвор аст.

Ҳафтаи гузашта, ки меомадӣ, охирин маротиб чанори азимҷуссаи чаппагардонро медидӣ, ҳамон паҳлавонсурати беҷонро медидӣ, ба ҷои ман ба дафнаш ҳозир мешудӣ. Аз пояи тобуташ медоштӣ, нақши ҳамдардӣ мегузоштӣ. Кори хуб нашуд. Дар рӯзи маргаш аз хонаи мо касе набуд. Ҳозир ҳам дер нашудааст, имрӯз нони ҳафташ. Агар аз дари хонааш даромӣ, фарзандони азодораш шод ва сипосгузори умрбод мешаванд. Одамгарӣ ҳамин аст, ин рӯз ба сари ҳама меояд. Ин косаи навбат ҳамеша гардон аст, одам дар ин дунё меҳмон аст.

Падарам канда-канда сухан мегуфту қатраҳои сиришк аз дидагонаш нарму оҳиста шорида, дар байни торҳои риши

андак давидааш ниҳон мешуд, мисли он ки қатраҳои оби ҷӯе дар миёни сабзазор гум мешавад.

Падарам аз афташ монда шуда, аз сӯзишу дарди шонаҳояш нолишкунон якпаҳлу гашт.

Аз печутобхӯрии мӯйсафед, ғиҷирроси кати чӯбин, ки васлкунакҳояш хӯрда шуда буданд, баланд ба гӯш расид. Аз дил гузашт, ки чӯб ҳам дигар тоби бардоштани бори гарони дардашро надорад. Оқибат шикаста, ба сари мӯйсафед дарду ғами дигар меорад. Баъд мӯйсафед боз паҳлу гашта нолиш кардан гирифт. Сӯзиши пойҳои варамкардааш, ки мисли ғӯлачӯб шуда буданд, азоби сахташ медоданд. Паёме аз рӯзҳои охирини бор бастани бори рахташ медоданд.

Падарам борҳо дар зиндагӣ бо марг рӯ ба рӯ гаштааст, варами пойҳояш нишонаи заҳмати рӯзгори гузашта аст. Дар ёздаҳсолагӣ аз падару модар ятим монда, маҷбур мешавад, ки дастаи испорро дошта, рӯзи ду додару як хоҳарашро гузаронад. Онҳоро дар ба дар гаштан намонад.

Имрӯз падарам аз ҳар рӯза дида сахттар нолиш кард. Ғами Абдукариму сӯзиши рагу пайвандҳояш дардашро дучанд намуд. Безобита шуданашро дида, дастамро оҳиста аз таги кӯрпа гузаронида, нӯги панҷаҳои пояшро молидан гирифтам. Баъд андак ором шуда ғанаб рафт…

Ба чеҳраи мӯйсафед хубтар нигаристам, дарун-дарун гиристам. Дасти пирӣ бо қалами дарду доғаш ба вараҳи рӯю пешониаш нақшҳои худро навишта аст. Балки деҳқони рӯзгор дар саҳрои ҳастияш донаҳои ғаму ҳасрат киштааст. Абрӯвони хамида дар болои чашмони фурӯнишастааш лаби бомеро мемонд, ки дар дами афтодан аст. Устухонҳои камгӯшти дастонаш шохаҳои тарошидаи дарахтеро ба ёд меовард, ки дар ҳолати базӯр дар ҷояш истодан аст.

Пири фартут шудааст, падарам. Офтоби умраш дар пушти қуллаи дури маскани ғуруб аст. Охирин дастаи нури умедаш дар сурати шафақ дар осмони зиндагӣ мондааст. Охирин барги зардшудаи умраш аз вазиши боди марг дар сари шохаи дарахти зиндагӣ алвонҷ хӯрда - алвонҷ хӯрда, дар ҳолати кандан аст. Бегоҳ ва ё пагоҳ думболгири ҷӯрааш мешавад, ба водии хомӯшон меравад.

Мӯйсафед ғами ҷони худро нахӯрда, ғами Абдукарими бармаҳал гузаштаро мехӯрад. Ба ёди ҳамнишини гумкардааш аз абри дидаҳо борони ҳасрат мерезад.

Ҳолӣ ӯро хоб бурдааст. Вале дар назар мисли ҷонсупурда аст. Шояд дар хобаш ҳам дӯсти деринаашро бубинад, ёри бекинашро бубинад. Ба хотири ӯ дар пуштаи мазор гардиш кунад. Дар болои мадфанҳои кандааш сукут карда, тарҳи рӯи шиносу қадрдонҳоро ба хотир биёрад, дар ҳақашон дуо хонад. Шояд бо келини хушкардааш, ки баъди ёфтани се фарзанд, ҷавонмарг шуд, рӯ ба рӯ ояд? Шояд дар бари мадфани Абдукарим қарор бигираду бо рӯҳи ӯ гуфтугӯ кунад? Балки худро ҳамроҳи ӯ дар як мадфан бубинад. Кӣ медонад, ки дар ин лаҳза падарам дар чӣ хаёл аст? Таноби умраш акнун дар дасти аҷал аст. Шояд ба ҳисобу китоби неку бади худ машғул бошад. Не, ӯ ҳаргиз бадӣ накардааст, ҳаққи касеро нахӯрдааст. На қарз додаву на аз касе қарз гирифтааст. Умре деҳқонӣ карда, аз самари заҳматаш баҳра бурдааст. Аз ҳосили боғаш ҳамсояҳову ҳамдеҳагон низ баҳра бурдаанд. Ба маркабаш себу харбуза бор карда, таъкид мекард, ки ба хонаҳои ҳамсояҳо бубар, дуои хайр кунанд, баракат гум нашавад. Полези пур аз тарбузу харбузааш санглохи гуногунсангро мемонд. Барои пурсамар шудани ҳар қитъа шабу рӯз ҷон мекоҳонд. Олӣ гуфтанаш, ба гумонам, ҳисоботи бадӣ накарданаш буд.

Дасти аҷал аз банди ҷони падарам доштааст, ӯро ба навбати бори сафар бастан гузоштааст. Дигар аз чангаш раҳоӣ нест. Пайкараш ба сӯи марг бор мекашад, мехоҳад, ки бо дӯсти қадрдонаш ҳамсоягӯр бошад. Зиндаҷудоиро намехоҳад, намехоҳад, ки аз ӯ дур бошад.

Падарам Абдукаримро бисёр дӯст медошт, бори нозу нузашро мебардошт, ба хотири донову ҷонфидо буданаш. Раис гоҳо ӯ ва дигар қадрдонҳояшро ҳам коҳиш менамуд. Агар ҳамин хел сахтгир намешуд, аввал хешу баъд дарвеш мегуфт, колхоз қомат рост намекард. Худаш ҳам, қадрдонҳояш ҳам, фиребгару ҳаромхӯр набуданд, ба ҳаққи дигарон шарик намешуданд.

Раисро борҳо дар ҳуҷраамон, яъне дар меҳмонхонаамон , мартабаашро фаҳмида будам. Дар маъракае, ки ӯ ҳозир мешуд, маърака рангу тартиби дигар мегирифт. Касе беҳуда гап намезад. Ҳама даҳони ӯро нигоҳ мекард. Камгап буд, даст ба пешонӣ бурда, хуб андеша карда, баъд як сухан мегуфт ва бо як сухан забони беҳудагӯёнро мебаст. Касе суханашро намешикаст. Ҳар кас орзу мекард, ки раис дар

ҷашну шодияш бошад. Ташриф овардани ӯ даврaро ободтар мекард, гапу калочаи зиёд намешуд. Зӯри нек ба бад мерасид, ҳама ба мақсад мерасид.

Раис пуркору серташвиш буд. Фурсати бекориву вақти сархорӣ надошт. Замини хоҷагӣ дар қаламрави чанд ноҳия доман паҳн карда буд. Дар бари чанд деҳа хирман ва ҷои нигоҳубини рамаву пода дошт. Колхоз ба дороӣ ном бароварда буд. Аз як гӯша ба гӯшаи дигар аспакӣ мерафт. Самандашро савор шуда, пушта ба пушта мегашт, хирманҳо ва молхонаҳоро хабар мегирифт. Баъди дидани рафти шудгору кишт, аз пайи фаҳмидани вазъи чорво ва дигар корҳо ба деҳаҳо рафта, ҳоли мардумро мепурсид. Ҳар рӯз даҳҳо пуштаро аспакӣ тай мекард. Ӯро аз як ҷо ёфтан душвор буд. Гоҳе дар Пушингу гоҳе дар Олимтой, гоҳе дар Паркамчию гоҳе дар Шамолдара буд. Дар ихтиёраш қариб нисфи замини водии Данғара буд. Нисфи шаб ба хона мерасид. Агар шабе барвақттар меомад ва мефаҳмид, ки фалонӣ ӯро ба маъракааш даъват кардааст, аз кӯчаҳои пур аз хоку лой гузашта, худро ба хонаи маъракадор мегирифт. Барои ҳамин хислати некаш халқ ӯро эҳтиром мекард.

Абдукарим гоҳо ба деҳаи мо – Тутзор, ки дар теппаи баланди таги кӯҳ ҷойгир ва аз маркази колхоз дур буд, аспакӣ не, мошинсавор меомад. Ӯ роҳи каҷмокаҷакро, ки аз дур чун камарбанде дар миёни теппа метобад ва ҳалқа-ҳалқа гардишҳо дорад, гузашта, ба тори теппа мебаромад ва ба роҳи рости андак кӯталдор ба сӯи деҳа ҳаракат мекард. Баробари дар роҳи кӯталдор пайдо шудани «Москвич»-аш кӯдакон аз суфаю лаби бомҳои паст ва хандақҳо парида, сӯи нишеб мешитофтанд. Дар васфи мошинаш суруд мебофтанд. Мошини раис дар пушти хонаҳои поёни масҷид, ки ҷои кушоду ҳамвор буд, қарор мегирифт. Кӯдакон аз баландии саҳни масҷид мошинашро тамошо мекарданд, шавқу ҳаваси дигаре пайдо мекарданд.

Рӯзи дар деҳа пайдо шудани мошини раис ва ҳамин намуди нақлиёт барои кӯдакон рӯзи одинаро мемонд. Онҳо гирди «давандҳо»-ро ҳалқавор печонда, баъзе қисмҳояшро даст-даст мекарданд, дар оинааш акси худро медиданд. Тақлид-кунон мисли мошину трактор овоз мебароварданд.

Раис мошинро ба қарорҷояш гузошта, ба пайраҳаи зинамонанд ба боло мебаромад. Аввал ба куҳансолоне, ки дар саҳни

масҷид нишаста офтоб мехӯрданд, гуфтугӯ мекард, баъд бо кӯдакони тамошобини лаби бора, ки сояҳояшон мисли симчӯби хобида то мошинаш ва аз он ҳам дуртар мерасиданд, гап мепартофт. Бо лафзи хушаш дили кӯдаконро меёфт.

– Ин бачаи шӯх, ширинкори хуби оянда мешавад, ана он калтаи аҷриқчашм навозанда мешавад, ана он токипӯши бинидароз ронанда мешавад, – мегуфт.

Дар лабони ширини кӯдакон табассум гул мекард. Пасту баланд механдиданд, баъзеашон аз завқ дар ҷо меҷаҳиданд. Аз ҳама бештар ҳамон бачае, ки раис ӯро «ронанда мешавад» мегуфт, хурсанд мешуд. Дастонашро чанбар карда, гӯё ба фикри рондани мошин банд мешуд. Зеро ки он вақтҳо колхоз ҳамагӣ як комбайну 3-4 мошину трактор дошт. Вале садҳо майдони ғаллазор дошт. Барои хоҷагидорон осон харидани оҳани кор буд, вале ронанда ёфтан душвор буд.

Ногоҳ кӯдаки соддае овоз баровард: ман ҳам монанди раис сангпуштеро парварда, ба мошин табдил медиҳаму ба он савор мешавам, ба ҳар ҷо меравам.

– Ҳа, шайтонча, кадом сангпушт мошин шудааст. Ту фикр мекунӣ, ки ман дар сангпушт саворам, – мегуфт раис ба он кӯдаке, ки ӯро аз овозаш мешинохт.

Абдукарим марди қоматбаланди рӯяш арғувонӣ ва пешонифарох буд. Чашмони мешиву бинии борики ба рӯ мувофиқ ва бурутҳои ба гирди лаб моилгашта, ӯро нуронию салобатнок мегирифт. Мӯзаҳои сиёҳи хирому шими рағзагии барпаҳн ва кители карбосӣ ба ӯ рангу шаҳомати дигар мебахшид. Ҳангоми ба зин нишастану поҳоро ба рикоб гузоштан ва бо дасте лаҷоми аспро доштану бо дасте қамчинро бозӣ доронданаш паҳлавони афсонавиро ба ёд меовард.

Раис деҳаи Тутзорро мисли зодгоҳаш дӯст медошт. Аввал ба хотири бародараш, ки онҳоро ба ин ҷо кӯчонда оварда, дуввум ба хотири қадрдонҳову ошноҳои падари писаргумкардааш.

* * *

То вақти раиси колхоз шудан Абдукарим дар як гӯшаи Тутзор мезист. Баъдтар маҷбур шуд, ки ба миёнҷои колхоз – деҳаи Алиҷон биравад, бо мардум наздик бишавад. Ба Алиҷон кӯчида, мисли уқобе дар баландӣ, дар бари теппае хона бунёд ва худро андаке аз банди ташвиши роҳи дури

рафтуомад озод кард. Аз дари хонааш анбору хирман, қисми зиёди майдонҳои корам ва пуштаҳои сералаф метофтанд. Корвонҳои хаскашону даравгарон саф ба саф метофтанд. Вақте ки худаш ба деҳаҳои дигар мерафт, фарзандонаш аз ҳамон баландӣ дороиҳои гирду атрофи Аличон ва ба чӣ кор машғул будани мардум ва пуштаҳои ҷаву гандумро назорат мекарданд.

Падарам аз рӯзгори пурташвиши Абдукарим, аз камхобию ҷонсахтияш қисса мегуфт. Ҳоло ҳам аз қисмату рӯзгори ошнояш, ки қаҳрамони набарди зиндагонӣ буд, ҳикояте шунидан мехоҳад. Мехоҳад, ки ҳар лаҳза номи Абдукаримро ба забон биёранд, номи некашро ба фаромӯшӣ насупоранд.

Дили ман ба ҳоли падарам месӯхту дили падарам ба Абдукарим. Абдукарим лоиқи дӯстдорию дилсӯзӣ ҳам буд, мисли ӯ кам буд.

Боз кат ғиҷиррос кард. Падарам андак ҷунбид. Сараш аз рӯи кафи дасташ оҳиста ба рӯи болишт лағжид ва нолишу нафасгирии душвораш боз ба гӯш расид. Гулӯяш хир-хир мекард, чашмонашро базӯр кушода, ба ин тарафу он тарафи хона нигарист ва баъд маро ба паҳлуяш дида, овоз баровард:

– Чӣ навишта бошад?

– Кӣ?

– Абдукарим.

– Намедонам.

– Нахондӣ дафтари хотираашро.

– Не.

– Дафтари хотира доштааст Абдукарим. Дафтари хотираи раисӣ. Дами маргаш васият карда будааст, ки навиштаҳояшро ба ту супуранду ту хонда, дар ҳаққаш китоб нависӣ. Бачаи ма, ки бошӣ, ин қарзро адо бикун, меҳнаташ рӯи об, ки барояд, сипосгузоронаш зиёд ва рӯҳи Абдукарим шод мешавад.

Дафтарашро Гулнисо оварда буд, дар тоқча аст.

– Ку гирифта тезтар бихон, яке нашавад, ки навиштаҳояшро нашунида аз дунё буравам. Бихон ку, чӣ навишта бошад? Охир, ӯ вақти навиштан надошт-ку?

Дафтари хотираро, ки раис бо дасти худаш бо матои алвоне печонда, чорбанд карда буд, аз тоқча гирифтам. Ҳангоми кушодан аз хаёлам гузашт, ки чаро раис дафтарашро ба дигар матоъ неву ба алвон печонда? Ин берамз нест. Ал-

вон нақши рӯзгори хунину азоби хунҷигарон ва зафари заҳматкашон аст. Аз солҳои хунин – нишон аст.

Дафтарро кушодам. Дар олами андеша афтодам. Дар варақи аввали муқоварангаш чашмам ба ин навиштаҷот афтод: Абдукарими Бойпулӣ, соли 1966.

Менависам ман суруди хешро…

– Чӣ гуна суруд бошад? Суруди халқи ба дарду ғам оғушта? Суруди талу пушта? Суруди гандумзор, таронаи мардуми кӯҳсор? Аққалан як мисраи дигар медошту байтро ташкил мекард, ба маънояш сарфаҳм мерафтам. Давомаш нақл буд. Шояд нақли роҳи тайгаштаву қиссаи умри бигзашта бошад. Шояд қиссаи хотирнишини муҳаббати Гулнисо бошад? Ҳикояти меҳру вафо бошад? Саргузашти раисро бисёриҳо медонанд, вале дар ин дафтар чӣ рӯзгоре ба қалам дода шудааст, касе намедонад. Ман ҳам намедонам, баланд-баланд мехонаму падарам қатра-қатра ашк рехта, гӯш мекунад.

* * *

Тирамоҳи соли 1937, вақте ки мавсими кишти ғалла ба охир расида буд, замоне ки боғҳо дар кафи навдаю шохаҳои умед ғайри охирин баргҳои зардшуда чизе надоштанд, рӯзҳое, ки насими сарди хазон дар пуштаҳо ҳокимӣ мекард, монанди мурғаконе, ки ба диёри гарм кӯч мебанданд, аз деҳаи Бойпулӣ ба деҳаи Тутзор омадем. Бойпулӣ дар қади дараи фарох, ки се канорашро теппаҳои осмонбус ҳамчун сарҳадбонон иҳота карда буданд, ҷойгир буд. Деҳа бо дарахтони азим ва буттаҳои гулдори бари теппааш базеб буд. Теппаҳои пасту баландаш аз дур мисли нардбон менамуд. Пуштаву хамгаҳҳои сарсабзаш дилро мерабуд.

Ҳамин ки ҳокими баҳор дар Бойпулӣ хайма мезад, пуштаҳо бо гулҳои бодому олучаи худрӯй ба шукуфазор мубаддал мегашт. Ин шукуфаҳо гӯё гулҳои гилеми сабзи ҳомун буд. Мардумони таҳдашт дар рӯзҳои гармо ҷони худро ба тарафи Бойпулӣ мекашиданд, аз ҳавои покизае, ки накҳати ҷонбахши гулу гиёҳ дошт, нафас мегирифтанд. Насими фораму шир-шири оби ҷӯйҳо, хониши паррандагон, шарбати туту ангур ва дигар меваҳои ҳил-ҳил пухта ба омадагон лаззати зиндагӣ мебахшид.

Ҳукми тақдиру талаби ҳаёт моро маҷбур кард, ки зодгоҳи биҳиштмонандро ба ҳамдиёрон монда, ба деҳи Тутзор биёем. Тутзор низ зеботарин деҳаи водии Данғара ҳисоб меёфт. Ин деҳа дар гӯшаи аз ҳама баланд ҷойгир буд. Аз он ҷо таҳдашт ва роҳу масканҳои дур хеле хуб ба чашм метофт.

Қатори кӯҳу кӯҳпораҳои деҳа табибони дилсӯзеро ба ёд меоварданд, ки шабу рӯз дар сари болини беморанд. Деҳа бо чанорҳои калон-калону чашмаҳои равон ва Тутзору хонаҳои зина-зинааш диёри афсонавиро ба хотир меовард.

Падарам дар як гӯшаи Тутзор, ки рӯ ба рӯи теппаи Регзор буд, манзил гирифт. Заҳмат кашида, хона сохт, боғ сабзонд. Аз пушти хонааш бораву теппачаҳо монанди нардбон зина-зина боло шуда, дар қуллаи дур гӯё ба лаби боми осмон мерасид.

Ба Тутзор, ки ба миёнаҷои ноҳия наздик буд, кӯчида омадем. Дар ин ҷо зиндагӣ ранги дигар дошт. Мардум ба роҳи ҳаёти нав қадам мегузошт. Заҳматкашон домани рӯзгори навинро дошта, ғами фардои умрро мехӯрданд ва кори колхозҳои навташкилро пеш мебурданд.

Хаёли пайдо кардани ризқу рӯзӣ ва расидан ба фирӯзӣ моро водор кард, ки узви колхоз шуда, қатори мардум заҳмат бикашем ва шарбати ранҷи худро бичашем. Вале ҷомаи амал пӯшидани ин орзу осон набуд. Он вақт касе хотирбину бевиҷдон набуд. Он солҳо колхоз мӯҳтоҷи марди кору оҳани кор буд. Танҳо як-ду кас соҳиби гову испор буд. Бо вуҷуди душвориҳо узви колхоз шудан шараф буд, ин бахт ба ҳар кас муяссар намешуд.

Раиси колхози навташкил Раҳматуллоҳи Исо, ки марди аспрӯи ҳалвориш ва аҷриқчашм буд, аризаи моро ба муҳокимаи машварати умумии аъзоён гузошт. Чунки раис ҳам қудрати ихтиёран ба кор қабул кардани ҳоҷатмандонро надошт.

Заҳматкашон гуфтанд, ки мо ҳоло ба рӯзгору чӣ кора будани ин хонавода ошноӣ надорем, неку бад ва асли мақсадашонро намедонем. Колхоз даромадгоҳи бозор набошад, ки шиносу ношинос ба он сар халонад, ба ҳар чиз даст расонад. Ғайр аз ин аз нури офтоби тобистон сӯхтем, бо ранҷ ҳосили ғалларо ҷамъ оварда фурӯхтем, кишти тирамоҳиро анҷом додем, муддате аз кори саҳро озодем. Ғафуру фарзандонашро дар охири сол ба кор қабул намекунем, ин масъа-

ларо бояд дигар хел дида бароем. Барои он ки ба ҳаққи мо шарик нашаванд, муҳлат дода хубу бадашро фаҳмида мегирем. Агар барзагову испорашонро ба ихтиёри колхоз диҳанд ва шартҳои умумиро иҷро намоянд, он гоҳ онҳоро узви колхоз қабул мекунем.

* * *

Гулдастии падарам, ки аз ҳар панҷааш ҳунар мерехт, кор дод. Қиблагоҳам худро дар курраи шавқу меҳнат мегудохт ва аз чӯб ҳар гуна олот месохт. Аз субҳ то шом садои тешааш ба гӯш мерасид. Тири ҷувозу чӯби испор метарошид. Чигина соз мекард. Ба ҳоҷатмандон дасти мадад дароз мекард. Ба хотири устокории падарам ману бародарам низ узви колхоз ва пеши мардум забондароз шудем.

Довари қисмат маро барвақт аз майдони бозию ҷавлонгоҳи кӯдакӣ дур ва тори умрамро ба тори зиндагӣ чӯр кард.

Саркор Маҳмадшоҳи Олим марди аспрӯи ҳалвориш буд, банди сад гуна ташвиш буд, ситораи рӯзро мемонд. Субҳдам дар осмони назари мардум пайдо ва боз баъди муддате гум мешуд. Ба деҳқонон корро тақсим карда, худ пайи иҷрои дигар супоришҳо ба фермаю саҳро мерафт.

Бори гарони дилёбӣ, ҳидоят ва назорат ба дӯши ман меафтод. Ҳокиме будам дар як ташвишобод. Мардону занони чиҳил-панҷоҳсола ба гапҳои мани чаҳордаҳсола гӯш мекарданд. Мани хурдро ҳурматкунон «калон» гуфта, солории худро аз ёд мебурданд. «Маҳмадоноӣ накун, ҳоло даҳонат бӯи шир мекунаду ба мо кор нишон медиҳӣ» намегуфтанд. Пайи поямро аз роҳи умед намерӯфтанд. Фаҳмиши роҳи кор, хусусан ҳисобдонӣ сипаре буд, ки ҷонамро аз ханҷари нигоҳҳо ҳифз мекард. Колхозчиён ҳам дафтари ҳисоби алоҳидаи худро доштанд, гӯё оинаи ҷаҳоннамо доштанд. Рӯзи меҳнаташонро бо тарзи фаҳми худ ба дафтарашон менавиштанд ва онро ба ҳисоботи ҳаррӯзае, ки медодам, муқоиса карда, аз самари корашон хурсанд ва боз бо дили гарм банди кор мешуданд.

Он солҳо колхозҳо бисёр ва бе оҳани кор буданд. Танҳо дах-дувоздах трактори камиқтидори МТС мушкили баъзе колхозҳоро осон менамуд, гирехи риштаи корашонро мекушуд. Ба ҳама навбат намерасид. Аксар роҳбарон ба аспу гову сипор ва мардони заҳматкаш умед мебастанд, аз ранҷи навбатпоӣ мерастанд. Деҳқонон домани корро сахттар ме-

доштанд. Майдонҳоро каланд карда, дону пунба мекоштанд. Мардҳо овораи корҳои вазнин шуда, занон бехи ниҳолҳои пунбаро нарм мекарданд. Модарон тифлаконашонро ба бехи буттаҳо шинонда, аз субҳ то шом каланд мезаданд, заҳмат кашида, ҳосили баланд мерӯёниданд. Пораи нони хушку косаи об ҳам, ки мехӯрданд, рӯсурху чеҳрагарм метофтанд.

Дар он айём мардумон ҳалолкор буданд, қадам ба роҳи ростӣ мегузоштанд ва аз касе сари тарс надоштанд. Рӯзро дар саҳро шаб карда ҳаққи заҳмати худро талаб менамуданд. Он роҳбаре, ки дар хаёли фиреб карданашон мешуд, ҷон ба саломат намебурд, ноилоҷ мӯҳру мансабашро месупурд. Ман низ боре бо айби ҳисобдори калони колхоз Мухтори Саид ба чанги азоби колхозчиён афтода, ҷазои сахт гирифтам.

Моҳи дуввуми зимистон ҳукм меронд. Пуштаҳо аз дигаршавии обу ҳаво ҳафтае сафедпӯшу ҳафтае сиёҳпӯш буданд, дар ҳар ду ранг ҳам чун хуфтаи хомӯш буданд. Рӯзҳое, ки барф андак об мешуду нам аз замин мепарид, соатҳое, ки имкони ба саҳро баромадан буд, деҳқонон оромӣ надоштанд. Ба саҳро рафта, қитъаҳоеро, ки намашон зуд мепарид, нарм мекарданд. «Баракат аз ҳаракат» гуфта, ба хирмани умедашон нақш мегузоштанд.

Дар рӯзҳои камкорӣ низ дар паҳлуи деҳқонон будам ва ба дарди рӯзгорашон дармон меҷустам. Қитъа ба қитъа гашта, натиҷаи корашонро мешумурдам. Рӯзи меҳнаташонро тартиб дода, ба ҳисобчии калон месупурдам ва талаб мекардам, ки ба китоби хоҷагӣ гузаронад, заҳматкашонро бемузд намононад.

Варақаҳои меҳнатии моҳи январро пур карда, ба пеши Мухтори Саид бурдам. «Колхозчиҳо намегурезанд, бимон дар роҳи интизорӣ ҳам арақ резанд, ягон рӯзи дигар биёр, ҳоло фурсати гузарондан надорам» гуфт. Розӣ шудаму дар бало мондам. Ҳар рӯз ба дари идора омада, ӯро намеёфтам, ба кучо ғайб заданашро касе намедонист. Саҳар гузашту бегоҳ гузашт, аз миён ду моҳ гузашт. Рӯзҳои кори моҳи сеюмро, ки авҷи нармкунӣ буд, тартиб додам. Он солҳо деҳқононе, ки аспу гов ва сипору чапари худро доштанд, музди иловагӣ мегирифтанд. Дар моҳи чорум Мухтори Саид боз пайдо шуд, хоҳиш кардам, ки варақаҳои чормоҳаро ба китоби колхоз гузаронад. Маро аз банди таънаи заҳматкашон раҳонад. Натиҷаи чормоҳаро фаҳмида, ба назди чобуқгарон, ки дар бари роҳи калони деҳа кор мекарданд, рафтам. Айни хӯроки чошт онҳоро ба натиҷаи

кору музди меҳнаташон шинос кардам. Баъди ҳисобот заҳматкашон сабтҳои рӯзи меҳнати худро бо нишондодҳои дар дастам буда муқоиса намуда, аз хашми зиёд ҷелаки тикамро, ки модарам ба умед дӯхта буд, дар танам тика-тика карданд. Сабабгори даридани ҷелакам аввал холаи Санавбар шуд. Ӯ аз гиребони ҷелакам дошта, сахт кашид, ҷелакам дарид. Вақте ки чеҳраи пур аз хашму ғазабашро дидам, дилашро наозурдам, балки ғамашро хӯрдам.

Холаи Санавбар гирифтори бемории асаб буд, бо ӯ ҳафту ҳашт кардан фоида надошт. Ӯ як зани аламдори рӯзаш сиёҳтар аз шабро мемонд. Ҳар лаҳза аз ғами ҳамқисмати гумкардааш ашки ҳасрат мерехт, гоҳо хаёлаш мегурехт. Дилаш аз ханҷари даврони ҷазо реза-реза буд, ӯ гуреза буд. Вақте ки ними шаб омада, шавҳари хатшиноси бегуноҳашро пеш-пеш карда бурданд, талхакаф шуд. Ин зани шӯрбахт аз хотири фарзанди калонаш, ки мабодо ӯро ҳам хатшинос гуфта бубаранд, гурехта ба деҳаи Шӯрдара омад ва сарпаноҳе ёфта, ба кори колхоз даромад.

Дина шаб Махсуми Абдулҳақро ҳам бехабар, мисли шавҳари холаи Санавбар бурданд. Ба куҷо мебаранд, касе намедонад. Донад ҳам, аз тарси ҷонаш ҳарфе гуфта наметавонад. Чаро одамони донову машҳурро маҳбаснишин мекунанд? Мегӯянд, ки ин корро бо фармони Сталин мекунанд. Сталин кӣ будани Махсуми Абдулҳақро аз куҷо медонад? Аз куҷо медонад, ки чӣ гуна дуъо ва чӣ китоб мехонад? Дуъо хондану хатшинос будан чӣ зарар дорад? Доно не, нодон ба ҷамъият бадбахтӣ меорад. Ҷоҳил наздикро мебинаду оқил дурро? Чаро биноро саркӯб карда, навозиш мекунанд кӯрро?

Ман шавҳари холаи Санавбарро надидаам, овозаи доноиашро шунидаам. Домуллои машҳуру шамъи дилҳо будааст, аз рӯяш нур меборидааст. Вале Махсуми Абдулҳақро хуб мешинохтам, ҳангоми қироат овози форамашро гӯш мекардам. Аз шунидани гуфтору аз дидани дидораш сер намешудӣ, одами қимат ва олами панду насиҳат буд. Ҳар рӯз ин гуна донишмандонро бехабар мебурданд. Ҳазорон хатшиносон аз ҷабри шикоркунандагон дар кунҷи зиндонҳо, бо азобу шиканҷа ҷон месупурданд. Чӣ қадар бузургонамон бенишон рафтанд, роҳбаладҳои фардои замон рафтанд…

Наход Сталин дар ин бозӣ довар ва донокуши ҷоҳилпарвар бошад? Магар мо ҷамъияти ҷоҳилон сохтанием? Парча-

ми ҷаҳл афрохтанием? Не, ин кори Сталин нест, кори хабарбарону кори кӯтоҳандешони замон аст. Оҳанро зангу сари доноро мардуми бефарҳанг мехӯрад. Мо худшинос, ки нестем, такя ба бегона мекунем. То даме, ки худкуши бегонапарварем, гирифтори ҷазову дар банди азоем.

Аҷаб замоне! Аз як тараф хоҷагиҳои якҷоя бунёд карда, нотифоқонро тифоқ, аз тарафи дигар ҷуфтҳои муносибро аз ҳамдигар ҷудо карда, тоқ мекард. Аҷаб давре! Доно дар кунҷи маҳбас аз гушнагӣ ҷон меканаду нодон аз танӯри замон нон. Фардои ин давр чӣ гуна бошад? Соҳибаш одам ё ки ҳамдуна бошад? Сад офарини холаи Санавбар, ки ҳамқисмати ҷонӣ гум ва ганҷи умеди зиндагонӣ гум кардааст. Баъди ин хаёлҳо дуртар рафта, дар зери дарахти саддае, ки ҷои дамгирии деҳқонон буд, нишастам ва барои ҷелакам не, барои холаи Санавбар ва қисмати фардои кишвар гиристам. Хуб диламро холӣ карда, бо ҳамон ҷелаки даридаю ранги парида роҳи идораи колхозро пеш гирифтам. Ҳисобчиро ёфта гуфтам, ки агар рӯзи меҳнати деҳқононро кам карда, ба номи шиносҳоятон навишта бошед, аз нав барқарор кунед, вагарна муфтхӯриятро фош мекунам. Мухтор Саид илочи дигар наёфта, як саду бист рӯзи музди меҳнати дуздидаро ба соҳибонаш баргардонд. Вале доғи аввалинро дар ҳаёти роҳбарии ман монд…

* * *

Баъд аз як соли ба Тутзор кӯчидани мо боз чанд ношиноси дигар дар деҳа пайдо шуд. Яке аз онҳо Карим ном дошт. Бечора, ба дарди камбағалӣ гирифтор буд, ба пироҳани даридаю рангпарида зор буд. Пойҳои калон-калонаш ҳамчун испори позадор роҳати попӯшро ҳис намекарданд. Пои урён гаштан пӯсти кафи пояшро ба андозае сахт карда буд, ки ба рӯи хасу хор ва регзор бемалол қадам мезад. Хори ба пояш халидаро нагирифта, ҷои хорзадаи пояшро ба замин шакида, хорро нӯгшикан мекард.

Тутзориён ба ӯ «Карим – поҳакӣ» лақаб гузоштанд. Пойҳои калони ӯ ба тани сергӯшту ғафсустухон ва китфу қафаси синаи паҳну паҳлавононааш мувофиқ буд. Рагҳои гардану дастонаш барҷаста ва кафу панҷаҳояш сахту дурушт метофтанд. Дар бозии дастхобонӣ ба ҳама дастболо мешуд.

Ҳунари гуштингирӣ ҳам дошт. Ба чашми ҳарифон ғӯлро мемонд.

Карим – поҳакиро тутзориён дӯст медоштанд. Ҳамин ки аз дур пайдо мешуд, то наздик шудан, то дасташро гирифтан аз ӯ чашм намеканданд. Агар чӯбе ба даст гирифта қадам мезад, яхмолакбозеро ба ёд меовард, ки баъди аз баландӣ ба поён фуромадан дар роҳи ҳамвор оҳиста-оҳиста ҳаракат мекунад.

Карим ҳанӯз зану фарзанд ва хотири ҷамъу дили хурсанд надошт. Ӯ марди поку сода буд. Дари хонадони аҳли деҳа ба рӯяш кушода буд. Ба деворзане лойбур, ба андовачӣ – гилкаш, ба ғарамгар – дарзадеҳ буд Карим. Дасти имдодаш ба ҳама мерасид. Бо ин роҳ аз ҳар дар луқмае пайдо намуда, шикамашро сер мекард. Мехост, ки нони беминнат ёбад, мехост, ки даргоҳи худро дошта бошад ва мисли дигарон дар колхоз кор кунад. Вале дасташ ба гиребони орзу намерасид. Аспу гови ҷуфтӣ ва маблағи супоридани ҳаққи аъзо надошт. Заҳматкашон мехостанд, ки ба Карим гузашт карда, ӯро дар паҳлуи худ бубинанд. Боз худдорӣ мекарданд. Агар хотири ҳар дидадарою дӯстрӯро дида, ба колхоз қабул кардан мегирифтанд, шартномаву интизом вайрон мешуд, яке ба ҳаққи дигаре шарик шуда, ба бинои муфтхӯрӣ таҳкурсӣ мегузошт. Оқибат роҳи узви колхоз шудани Каримро ёфтанд. Бонии хукҳои фермаи навташкилро касе ба уҳда нагирифт. Ба Карим рӯ оварданд, Карим, ки дар орзуи кор ва маътали ишора буд, «Аз ман дида хукбони муносибтар намеёбед» гуфта розӣ шуд. Хукбонӣ ӯро узви колхоз кард. Дари иқбол ба рӯяш боз шуд.

Карим шабу рӯз заҳмат кашида, саршумори хукҳоро зиёд мекард. Музду мукофоти хуб гирифта, худро аз маҳбаси камбағалӣ озод менамуд. Оқибат рӯзгораш дигар, соҳиби хонаву дар ва ҷону ҷигар шуд.

* * *

Дар канори чашмаи деҳаи Сарчашмаи Поён як чайлаи хаспӯш пайдо шуд. Ба гумони мардум он фароғатгоҳ буд. Мусофироне, ки дар айёми гармо аз роҳи миёни саҳрои лабташнаи Данғара мегузаштанд, аз оби чашма ташнагӣ мешикастанд. Дар зери чайла дам гирифта, боз роҳи сафари худро идома медоданд ва қадам ба манзили умед мениҳоданд. Вале

ин чайла ҷои дамгирӣ не, мактаби яксолаи кори ҳисобдонӣ ва додугирифти зиндагонӣ буд.

Соли 1939 шамъи дилу дидаро ба нури маърифат афрӯхта дар ҳамин мактаби яксола дарси ҳисобу китоб омӯхтам. Дониши гирифтаам то охири умр кор омад ва бо ҳисобдонҳое, ки омӯзишгоҳу донишгоҳро хатм карда буданд, мусоҳиб ва дар баҳс ғолиб мешудам. Мактаби ҳаёт роҳи ҳалли масъалаҳои мураккабро ба ман омӯхт, ба тани фаҳми урёнам ҷомаи муносиби ақлу заковат дӯхт. Баъд аз як соли кор ҷанг сар шуду ба дастам номаи даъватӣ супурданд, маро ҳам ба ҳифзи хоки ватан бурданд. Вале боз ҳамчун имтиёздорон мани ҳисобдонро аз роҳи сафар ба ақибгоҳ баргардонданд, ба ҷанг рафтан намонданд. Майдони меҳнат аз майдони набард вазнинтар буд, бардоштани бори ғуссаву дард вазнинтар буд. Оҳу нолаи модарону падарон ва ҳамсарони сарбозон дили сангинро ҳам об мекард, сиҳатро нотоб мекард. Беҳтараш дар майдони ҷанг мебудаму гиряҳои хунинҷигаронро намешунидам, дар пуштаҳо афтодану ҷон кандани пирони меҳнатзадаро намедидам. Майдони ҷанг агар дуроҳаи маргу зиндагӣ дошта бошад, майдони ақибгоҳ ғайри якроҳаи зиндадаргӯрӣ ҷодаи дигаре надошт. Деҳқони замон бо сипори дарду алам замини дилҳоро шудгор мекарду тухми маргро намекошт. Дар корзори хунин агар ғами ҷони хешро мехӯрдам, дар саҳрои махмалин ғами даҳҳо дилрешро мехӯрдам. Қатори модарони писаргумкардаву занони ҳамсаргумкарда ашк мерехтам. Дигар илоҷ набуд, аз ин муҳит куҷо ҳам мегурехтам…

Хайрият бахт мадад карду соли 1943 маро ба хизмати ватан бурданд. Се соли умрам дур аз диёр гузашт. Вале тарҳи рӯи ҳамқисматон аз пеши назар дур намегашт. Рухсораҳои барҷаставу чашмони фурӯрафта, пешонаи пурожангу мӯйҳои нуқраранг доштанд онҳо. Лаҳзае, ки дар фазо шафақу абрҳои сафедро медидам, докадорону алвонпӯшонро ёд мекардам, хомӯшона фарёд мекардам. Роҳи Каҳкашону моҳи хирманзада чигинакашону бодгаронро ба хотир меовард, маро гирён мекард. Ашки ҳасрат рехта мегуфтам: «Беҳуда ба дунё омадаанд, шиносони бадбахту сарсахти ман…»

Ман ҳам ҳалқаи миёни ду занҷирро мемондам, ки як тарафашро гӯё танк мекашиду тарафи дигарашро трактор. Хати сиёҳи бародар маро ба хунрезии корзору номаи пуралами

модар ба обдиҳии киштзор даъват мекард. Оҳу нолаҳои ҷонгудози модарон ба ҷони бераҳмон асар карданд. Оқибат некхоҳон ғолиб шуда, азми роҳи кӯи модар карданд. Маро ҳам аз хизмати аскарӣ ҷавоб доданд…

Рост ба диёр, ба дидани қадрдонҳои ғамдор омадам. Баҳори зодгоҳ дар назарам бисёр сарду дилгир метофт, ҷавонаш монанди марди пир метофт. Гӯё аз пуштаҳо ба ҷои накҳати гулу гиёҳ бӯи коҳ меомаду аз дидаҳо қатраҳои ашку аз дилҳо садои нолаю оҳ. Теғи ғами ҷигарбандони аз майдон барнагашта дилҳои интизоронро хуншор ва нолаи «Бачамой»-и модаре мардуми абгоршударо аз хоб бедор мекард. Дар деҳа тоқа-тоқа мардон метофтанд, аксари онҳо ҳам куҳансолону захмишудагон буданд, ки ба дарди худ даво мекофтанд. Дилу дидаҳои сарду рухсораҳои зарди зиндадаргӯрон олами дардро мемонд. Онҳо ҷову қисмати фардои худро намедонистанд. Интизориашон интизории мӯҳраҳои нардро мемонд. Тутзор намуди ҳузновар дошт, суруди ҳузновар дошт.

Дар ҳамон айём, ки чеҳраҳо ҳамранги фасли хазон зарду дилҳо сард буданд, маро раиси ҷамоа таин намуданд. Ин вазифа дидану чен кардани меъёри кори иҷрошуда набуд, ки дарҳол ҳисоб карда барӣ, ғолибу мағлубро ҷудо намӣ.

Кори раиси ҷамоа аз кори роҳбари колхоз мушкилтар буд, ин ҷо ёфтани сарҳисоби шодию ғами аҳли ҳар як гузар буд. Раиси колхоз ба қисмати як хоҷагӣ, вале раиси ҷамоа ба қисмати чандин колхозе, ки дар ҳудуди шӯрои деҳа буд, ҷавоб медод. Гирехи риштаи мушкилоти ҳар оиларо мекушод. Ин масъулият маро водор мекард, ки пеш аз дигарон аз хоб бедор шаваму сӯи саҳро равам. Ва то бегоҳ аз ҳолу кори заҳматкашони ҳар як колхоз хабардор шавам.

Ҳар рӯз қарибиҳои говгум аз мардум ҷудо шуда, ба ҳуҷраи корӣ меомадам. Рӯзона фурсат, ки надоштам, шабона барои ҳуҷҷатнигорӣ меомадам. Мардумони хонаҳояшон наздик равшании чароғи ҳуҷраи кори маро дида, шабона барои гирифтани ҳуҷҷатҳои зарурӣ меомаданд. Ҳуҷҷатҳои даркории сокинони деҳаҳои дурро худам бурда месупурдам.

Шабона чароғҳои хирасӯз зуд хомӯш мешуданд, деҳаҳо ба пуштаҳои пурсукут монанд гашта, зиндаҳо аз ёд мерафтанд. Заҳматкашони аз кори вазнин абгор барвақт хуфта, субҳдам худро аз нав дар оғӯши саҳро медиданд. Танҳо равшании

хонаҳое, ки тифлони навзод доштанд, ба деҳаҳо нишони зиндагӣ мебахшиданд.

Дар зери чароғи каросинӣ, ки милт –милт месӯхт, китоби хоҷагиро варақ мезадам. Китоб не, гӯё дари хонаи шиносонро тақ-тақ мезадам. Номҳои фавтидагоне, ки «хати сиёҳашон» омада буд ва ному насаби онҳое, ки аз ғами ҳамсару фарзандони қурбоншудаашон аз олам гузаштанд, дида тарҳи рӯяшонро пеши назар меовардам: «Ғамшарикон, гушнамаргон, заҳматкашони роҳатнадида» гуфта, ноилоҷ номашонро аз китоби хоҷагӣ мебаровардам. Қонуну қоидаи давлатдорӣ маҷбур мекард, ки ин корро кунам ва дар бари ному насабашон як сатр нависам: «Дар фалон рӯз аз олам гузашт». Чӣ гуна одам гузашт? Чаро барвақт рафт, чӣ нишоне гузошт? Барои шарҳи ин тарафаш китоб ҷо надошт.

Номҳои заҳматкашонеро, ки дар набарди ақибгоҳ худро қаҳрамон нишон доданд ва дар пеши чашмам ҷон доданд, аз китоб бароварда, ҷои вафоти сарбозонеро, ки «хатҳои сиёҳ»-ашон кайҳо омада буданд, бо умеди «шояд рӯзе биёянд», холӣ мемондам. Мурда бошанд ҳам, зинда мехондам. Ҳамин хел ҳам шуд, чанде аз «қурбоншудагон» баъди ҷанг аз майдон баргаштанд ва дар ободии кишвар саҳм гузоштанд.

Раиси ҷамоа кор кардан маро ба қисмати мардум хубтар шинос ва аз банди бедардӣ халос кард. Медидам, ки яке аз ғами келини бевамондааш месӯхт, дигаре бо умеде ба фарзандаш ҷомаи домодӣ медӯхт. Яке гушна мемурду нони нимгази фарзанди аз ҷанг барнагаштаашро намехӯрд. Дигаре шукронаи пораи нони камбағалию қисмати азалӣ мегуфт. Яке армонҷӯ буду дигаре дармонҷӯ. Дар ҳар қадам ғаму шодӣ ва доду бедодиро медидам. Гиряи тифли навзоде хотирамро шоду нолаи модаре хонаи дилро ғамобод мекард.

Рӯзҳо ноаён мегузаштанд, рӯзгор ҳам ранги дигар мегирифт. Колхозҳо низ мисли наврасон, ки ба камол расида, ҷуфти муносиби худро меёфтанду ба сутуни қисмати ҳамдигар поя мешуданд, бо ҳам якҷоя мешуданд. Дар ҳудуди шӯрои деҳоти мо низ чанд колхоз якҷоя шуд. Деҳқононе, ки кору кирдорамро дида, неку бадамро дар тарозуи ақл баркашида буданд, маро дар ҷаласаашон раиси колхоз интихоб намуданд. Ва ишора карданд, ки боло гузашта, минбарро соҳиб шавам. Аз ин минбар лаҳзае сӯи пиру ҷавонони дар поён нишаста назар дӯхтам, аз оташи алам сӯхтам. Аксари

нишастагон занони миёнасолу пирони ғамдор буданд, ки мадори кор надоштанд, дӯшбори худро базӯр мебардоштанд. Эҳтиёҷи рӯзгор онҳоро маҷбур мекард, ки такудав кунанд, ҷуфту дарав кунанд, ғалла тоза намоянд ва ба ин васила сарҳисоби рӯзгорашонро ёбанд, аз ҳар дар луқмаи нонашонро накобанд…

Осори камбағалӣ мисли доғи гумкардаҳояшон, ки ҳама аз касофати ҷанг буд, ҳанӯз онҳоро тарк кардан намехост. Даврони бародаркуш Юсуфи бахташонро аз чоҳи ғам бароварданамехост. Яъқуби пурсабрашон ҳанӯз дида ба роҳи умед медӯхт. Дили дардмандам ба ҳоли он бечорагон, ки аз покӣ дар либоси нозеб ҳам зебо метофтанд, месӯхт. Ва дар ҳамин лаҳза ба худ мегуфтам: «Охир, маро ба умед раис интихоб кардаанд, чӣ кунам, ки ҳолашон беҳтар шавад? Тундбоди камбағалӣ суроғи боғи навсамари умрашон наравад. Дороии колхоз фақат гандуму ҷав аст, шуғли аслии ҳама кишту дарав аст. Бо каланду испор чанд кор мекунӣ? Пуштаҳои бекорхобидаро кай шудгор мекунӣ? Муштаки испорро мардон дошта метавонанду халос. Бо ин роҳ нав намешавад кӯҳналибос. Занон қудрати корам кардани ҳамаи қитъаҳоро надоранд. мӯҳтоҷи мардони мададгоранд. Бисёр қитъаҳо дами каланду испорро намебинанд, лаззату самари шудгорро намебинанд. Аз ин қитъаҳо ҳам бояд ҳосил гирем, онҳоро бояд ба чарогоҳ табдил диҳем. Агар ба чорводорӣ машғул шавем, бурди дучанд ва камбағал давлатманд мешавад. Баъди ин андеша ба нишастагон рӯ оварда, гуфтам:

– Ба ман бовар, ки кардед, барои беҳшавии рӯзгоратон ҷонамро фидо ва шуморо аз вартаи камбағалӣ раҳо мекунам…

* * *

Мард бояд аз роҳи аҳдаш берун наравад, қасамзада нашавад. Беэътиқодӣ аз аҳдшиканӣ ибтидо гирифта, мардро шарманда мекунад, ҳама ба ҳолаш механдад. Ман ҳам корро аз аҳд оғоз ва дар роҳи вафо ҷаҳд кардам. Баъди интихоб рост ба анбору фермаҳои колхозҳои ҳамроҳшуда рафта, аз баҳри осоиши ҷону тан гузаштам. Чанд рӯз ба хона барнагаштам. Ба ҳуҷҷатҳо бовар накарда, дороиҳои хоҷагиро бо чашмони худ дидам ва дар дафтари киссагиям рақамҳои даркориро гузаронидам. Аз ҳамаи хоҷагиҳои ҳамроҳшуда

300 гӯсфанд, 20 сар асп, 30 сар гов пайдо кардам. Баъди ҳуҷҷат тартиб додан дар дили мудирони хиёнаткор ларзаву бим ҷой гирифт.

Ҳисоби алоҳидаи худро сар карданам сабаб ва оқибати ғамҳоям тараб дорад. Агар ҳамин роҳро пеш нагирам, мудирон камтар шубҳа накунанд, касе аз анбори ферма холӣ намебарояд, теъдоди дуздон меафзояд. Ғайр аз ин, ин рақамҳо як рӯз не, як рӯз даркор ва дар рӯзи мушкил мададгор мешаванд. То охирин соли ҳаёти роҳбариям дафтари алоҳидаю ҳисоби худро доштам, ҳанӯз ҳам онҳо маҳфузанд. Онҳо забони дарозанд, самари ранҷу гудозанд.

Ҳоло ҳаминаш кифоя. Мехоҳам сари ҷӯй суханро ба тарафи дигар қитъа тоб диҳам, киштзори навсабзидаи мақсадамро об диҳам.

* * *

Маро заҳматкашон чун фарзанди худ дӯст медоштанд, гапамро ба замин намегузоштанд. Ҳарчанд ки коркӯфта буданд, ғамгину ошуфта буданд, ягон ҳарф нагуфта, ҳар субҳдам ба сӯи пушта қадам мениҳоданд, заррае фиреб намедоданд. Некӣ ба некӣ гуфтаанд. Чӣ сон ин гуна инсонҳои ҳалолкорро ҳурмат намекунӣ, ба онҳо хизмат намекунӣ? Чун сипозгузор, дастгиру ҳамтақдирашон шудам. Ин ният маро аз олами пурфароғати хӯрдану хуфтан дур мекард. На танҳо рӯзона, балки шабона ҳам пушта ба пуштаю хирман ба хирман мегаштам, ба хаёли доро шудани ватан мегаштам. Дар канори фермаҳо, дар ҷойҳои ваҳмовар, ки бисёриҳо рӯзона ба он тараф танҳо намерафтанд, манзил мегирифтам. Даст аз домани рӯзгори осон кашида, гиребони ҳаёти мушкилро медоштам. Ва аз канор ба чӣ кор машғул будани ҳар касро ва ҷунбидани ҳар хасро медидам. Намехостам, ки касе як хаси фермаву як дони хирманро дуздида бубарад. Ҳаққи дигаронро мӯрча барин бикашонад.

Шабона дар пуштаҳо шабдарав дар авҷ буд. Гандумзор аз вазиши шаббода мисли баҳри пур аз мавҷ буд. Даравгарон аз дарзаҳо барои худ коза мекарданд. Дар хирманҷойҳо низ ғалла тоза мекарданд. Хуб гаштугузор карда, нисфи шаб, бехабар ба назди даравгарон таскин додани бардорандагони бори гарон мерафтам. То рӯзе нагӯянд, ки раис хобу мо бехобем, раис роҳат дораду мо дар азобем. Рафта медидам, ки

марду зани хасташуда дар бари ғарамҳо сар монда, мисли фарзандони як модар хобанд. Ба ҳама гарду ғубори ба сару рӯяшон нишаста покиза метобанд. Ба чеҳраҳояшон дер нигариста мегуфтам «Безану бева бошанд ҳам, гардани шайтони нафсро мешикананд, ба кори ношоям даст намезананд. Баракати корашонро андеша ва покдоманиро пеша мекунанд. Ҳама бебаракатӣ аз нопокию фиребгарӣ ибтидо мегирад ва аз тири ноаёни касофаташ тифли бахту иқбол мемирад…» Ҳамон поктинатон аз қитъаҳое, ки ба зарби каланду испор нарм карда, ҳосили баланд мегирифтанд, ҳоло бо трактор шудгор намуда, он қадар ҳосил ба даст намеоранд. Ҳоло нисфи тухмиро медузданду нисфашро мекоранд. Онҳо ба қадри нон мерасиданд, ҳар хӯшаи афтодаро аз замин мечиданд. Ба носипос ҷазои сазовор раво медиданд.

Ёд дорам, ки боре волии вилояту роҳбари ноҳия ба колхози мо омада, саҳроҳои даравшударо аз назар гузаронданд ва ба кори мо баҳои баланд доданд. Аз он ҷо ба колхози ҳамсоя – колхози «Гулчашма» рафта, ҳаромкории мардумро мебинанд, дар як қитъаи даравшуда хӯшаҳои ба замин хобидаи гандумро мебинанд. Кулоҳи раисро аз сараш гирифта, ба майдон мепартоянд ва аз таҳҷои кулоҳ ҳафт хӯшаи гандум ёфта, раисро ба муҳлати ду сол ҳабс менамоянд. Барои ҳафт хӯша ду сол. Ин гуна сиёсат даркор буд, дар ҳама давр даркор аст. Давлат бо сиёсат пойдор аст.

Ҳаёт сояравшанро ба хотир меорад, ғайр аз рушноӣ ҳалқаҳои тирагун ҳам дорад. Вақте ки осмони нилгун ҳам на ҳамеша соф аст, гоҳ пур аз дуду кӯрак ва гоҳ пур аз абру ғубор аст, дар зери он покиза будани ҳама низ душвор аст. Ҳалқаҳои тирагуни рӯзгори мо майдадуздон буданд. Онҳо дар осмони софи ҳаёт абру дуданд. Тарзе рафтор мекунанд, ки гӯё гуноҳе надоранд, дар бисоти хеш коҳе надоранд. дар назар безарар метобанд, дар амал бошад, роҳи манфиати худро мекобанд. Вале ман дуздони эҳтиёткорро мешинохтам. Онҳоро дар оташи ҳасрати худашон мегудохтам. Онҳо дар хирман кор ғалларо тоза карда ба анбор равон мекарданд. Ҳар кадомашон асп доштанд. Ҳамин ки субҳ чашмонашро бо нозу хамёза мекушод, онҳо соате корро қатъ карда, аспашонро обдиҳӣ мебурданд. Онҳо ғами ташнагии асп не, бо баҳонаи обдиҳӣ ғами як тӯрба гандум бурданро мехӯранд. Ин кор ҳар рӯз се маротиба такрор ва пур аз ғалла

хонаи аспдор мешуд. Дар се маротиб ҳар кадоме ним халтаи гандумро медуздиданд. Ҳаққи мардумро медуздиданд.

Хирманкӯбҳо теппаи гандуми назарраборо дида, намехостанд, ки дасти холӣ ба хона раванд, намехостанд аз пеши теппаи дон бе дона раванд. Рӯзона, ки корашон омад намекард, интизори хилвати шаб мешуданд. Гумон мекарданд, ки ҳама мағлуби хобу ғолиби бедорӣ фақат худанд. Вале тири андешаашон хок мехӯрд. Намедонистанд, ки маро ҳам шабҳои дароз хоб намебурд. Ҳар шаб дуздеро дар роҳу қади хамгаҳе дида, ҳамон лаҳза ӯро аз кори хирман ба саҳро мегузаронидам.

Лаҳзаи дуздии бисёр хирманкӯбонро дида, гуноҳашонро мебахшидам. Чаро ғами онҳоро мехурдам, чаро риштаи қисматашонро ба дасти додрасон намесупурдам? Намехоҳам ба дузду фиребгар ёвар шавам. Намехостам бахшандаи гуноҳи дузду фиребгар шавам. Вале дурандешию роҳи хоси роҳбарӣ маҷбур мекард, ки дар ин бозӣ доварӣ кунам. Мехоҳам як лаҳзаи бо дузд рӯ ба рӯ омадану сабабҳои бахшиши худро ёд оварам: посе аз шаб гузашта бошад ҳам, шаби моҳтобӣ ба мисли рӯзи равшан метофт. Дар ин шаб маҳтоб низ моли гумкардаашро меёфт. Маҳтоб мисли киштие дар баҳри осмон шинокунон ба пеш, сӯи соҳили дигари хеш ҳаракат мекард. Абрпораҳои гирду атрофаш гӯё, ки аз равуои парраҳои ин киштӣ пайдо шуда буданд, монанди дастаҳои мавҷ менамуданд. Ситораҳо ҳамранги ҳубобҳо дар ҳалқаҳои мавҷ афтода, боз раҳо мегаштанд. Онҳо роҳбандонеро мемонданд, ки мусофирони дурандеш аз гуноҳашон мегузаштанд. Хомӯшии атроф ва ба назар натофтани ситораи рӯз гувоҳӣ медод, ки ҳоло шаб аст, шаби пурнур аст, субҳ дур аст. Ин сукунатро гоҳо садои сумби аспу ҷакидани сагҳо халалдор ва ин садо хуфтаи зиндадилро бедор мекард.

Дуртар аз моҳтоб Роҳи Каҳкашон мисли пуле дар байни баҳри осмон менамуд, гӯё, ки акси роҳи дашти Пайқавоқ буд. Дар ҳамин ҳангом аз сари хирмани деҳаи Пушинг баргашта, аз бари деҳаи Девчашма гузашта, хостам сӯи теппаи Дӯстбахш, ки деҳқонон дар он ҷо шабдарав доштанд, равон гардам. Вале саркашии аспамро дида, роҳамро дигар кардам. Аспи ман сар задани хатарро барвақттар ҳис ва маро огоҳ аз ҷои ҳаводис мекард. Ҳангоми гардан кашидану ёлҳояшро тилтондан ва гӯшҳоро сих кардану по заданаш мефаҳмидам, ки ягон гап ҳаст

ва дар чунин лаҳза саманд ба ҳар тарафе, ки сарашро тоб медод, итоаткорона лаҷомро суст мекардам. Гоҳо ин ҷонвари доно мани навғанаббурдаро аз ҷо хезонида, маҷбур менамуд, ки ба тарафи ягон хирман равон гардам. Мерафтаму ҳанӯз ба хирман нарасида, ба дузди шиносе, бо носипосе рӯ ба рӯ меомадам. Ҳама бурдам дар зиракии самандам буд. Мушкилкушоии дигар роҳи фандам буд. Гоҳо самандро дар назди як хирман баста, худам ба сӯи хирмани дигар барои доштани ҳар ғоратгар мерафтам. Бодгарон самандро дида, гумон мекарданд, ки раис дар ҳамин гирду атроф аст. Ба тарзи худ баҳоям дода мегуфтанд, ки раис беинсоф аст. Ва то рӯз кор карда, дигар пайти муносиб намечустанд, аз дуздидани як каф гандум ҳам даст мешустанд. Ва ман ҳамон шаб дуздҳои хирмани дигарро дастгир мекардам, камони чашм ба ҳадафашонро бетир мекардам…

Он шаб ҳам асп гарданкашӣ карда, ба сӯи дашти Пайқавоқ тоб хӯрд ва ҳаракаташро тезтар кард. Лаҷомро сар додам. Асп роҳи наздики ба ҷои ҳодиса расиданро мекофт. Дар рӯшании нури моҳ пояҳои зумурадгуни хӯшаҳои даравшуда тиллоӣ метофт. Насими форам, ки аз муқобил мевазид, аз ғарамҳо бӯи коҳи тар меовард. Аз наздик шудани фасли сармо хабар меовард. Шир-шири баргҳои талхаку хардумкаҳои нодаравидаи ду бари раҳ дар панҷаи насим афтода, паст-паст шир-шир мекарданд. Гоҳо аз пеши роҳ рӯбоҳ пайдо шуда, аз тарси ҷон худро ба миёни алафзори баланд мезад ва то дер аз пасаш баргҳои қатраборонҳо шилдир-шилдир мекарданд. Ин ҳама садоҳои пасти лаҳзагӣ буданд, ногоҳ пайдо мешуданду гум мешуданд.

Ҳангоми аз сари баландии теппаи Пайқавоқ нишеб шудан лаҷомкашии асп зиёдтар шуд ва инони ихтиёриро аз даст рабуд. Лаҷомро тамоман сар додам, асп шерак шуда, чорхезкунон мисли бод аз бари хирман гузашта, ба роҳи кӯҳнаи борик тоб хӯрд.

Дар ҳамин лаҳза дар гардиши роҳи хамгаҳ марди маркабсаворе намудор шуд. Ҷонвари дар обу арақ оғушта, ки он шаб роҳи байни чандин деҳаву пуштаро тай карда буд, гӯё охирин мадорашро ғун карда, ба роҳи кӯтале, ки баъди ба ҳамворӣ баромадан ба пайроҳаи гардишдор пайваст мешуд, давид ва ба тангнои бехи хандақе расид. Аз он тарафи хандақ, садои қадамзании маркаб ва ба гардану сағрияш са-

росема чӯб задани соҳибаш паст-паст ба гӯш омад ва садо торафт шунавотар шуд. Авзоям дигар шуд. Вале боз хашму ғазаби худро фурӯ бурдам ва фикри қисмати ғоратгарро кардам: «Дар тангное хуб нест, ки истода роҳашро бипоям, мумкин марди маркабдор сахт тарсида, ба ягон фалокат гирифтор шавад ва як оила бесарбон монад. Беҳтар, ки ба пешвозаш бароям». Асп ҳам мақсади моро фаҳмидагӣ барин оҳиста-оҳиста ба пеш ҳаракат кард. Охирин лаҳзаи наздикшавӣ фаро расид. Марди маркабдор аспу савораи рӯ ба рӯро дида, шинохт ва худро аз болои хӯрҷин ба тарафи хандақ ҳаво додан хост.

– Ист! Шинохтам. Гурехтан фоида надорад. Ҳар куҷое, ки равӣ, боз ҳамон роҳ туро ба пешам меорад. Агар гурезӣ ҳолат бадтар мешавад, худро ба дарду ғам гирифтор мекунӣ. Худат ғайб мезанӣ, хару хӯрҷинат чӣ, майли хару хӯрҷинат, бе бачаву качаат чӣ кор мекунӣ? Ба фикрам, онҳоро партофтанӣ нестӣ. Беҳтараш баргашта хару хӯрҷинатро соҳиб шав ва зуд аз назарам ғоиб шав. Баргард, баргард, ки ин сирри ғайри ҳардуямон ва асп касе намедонад. Дар ин лаҳза ғайри ман касе роҳи дуздро намепояд. Агар аз ин кор гӯши хабаркаше бод ёбад, фардо хатат аз Сибир меояд, гуфтам.

Дузд фаҳмид, ки аз доми нигоҳи раис роҳи халосӣ нест, дар дунё бадтар аз носипосӣ нест. Ноилоҷ аз роҳаш баргашта, ба тарафи ман омад ва дуртар истода гуфт:

– Раис тоба кардам, хоки поятон шавам, хонам сӯхт. Ба ман не, ба ҳоли зану бачаҳоям раҳм бикун, дигар даст ба ғоратгарӣ намезанам, барои пайдо кардани нони ҳалол ҷон меканам…

Дузд аз ҳавои сарди ҳайбатам дар шаби гарми тобистон мисли барги бед меларзид. Маркаб бошад, аз бори гарони соҳиби нобакораш лаҳзае озод шуда, ба алафҳои бехи хандақ даҳан зада, куруш-куруш мекард. Ва гоҳҳо аз ёлҷунбониву думлиқонии асп ҳаросида, сарашро андак боло мебардошт. Маркаб ба пур кардани шиками худ овора буду соҳибаш ба ғами худ.

– Гумон кардӣ, ки раис, – ба ғазаб сар кардам гапро, – ба хоб банд аст? Не, хато кардӣ, мурғи қисмати раис аз гардиши чарх рӯз ба шаҳбозу шаб ба хаффош монанд аст. Рӯзона аз баландӣ нуқтаву шабона сиёҳиро мебинад. Бадтарин кирдори инсон дуздӣ ҳаст. Дузд осудагӣ надида, оқибат бо азобу ши-

канҷа мемирад. Дуздӣ абрест, ки як умр аз он борони бебаракатӣ меборад ва саҳрои сабзи зиндагӣ аз сахояш обсӯз шуда, ранги зарди испаракӣ мегирад. Ҳаққи мардумро хӯрдан гуноҳи азим аст. Ин дар Қуръони карим аст. Барои ин гуноҳ дар ҳарду дунё сари як по истода ҷавоб мегӯӣ. Ба ҷон расида, имдод мечӯӣ, вале гуноҳи туро касе намебахшад. Дар зулматистоне меафтӣ, ки шӯълае дар он ҷо намерахшад. Фаромӯш накун, ки колхоз хонаи ҳар кадоми мо ҳисоб мешавад. Агар инсон чизи хонаи худро дуздад, хонааш хароб мешавад.

– Зӯрам омад, дуздӣ кардам.

– Хап кун, беинсоф, ҳоло зӯр наомадааст. Дар хонаат чӣ қадар гандум дорӣ, медонам. Дороӣ ва ё нодорӣ, медонам. Ту аз камҳосил омадани ғалла тарсида, мехоҳӣ, ки захираат фаровон шавад. Ҳамсояат зори як бурда нон гардад. Фақат ғами ҷони худро хӯрдан хуб нест, ҳаққи даравгаронро кашонда бурдан хуб нест. Марги бисёрӣ тӯй аст. Худо рӯзи баду соли каҳтиро ба сар наорад, вагарна гушна ба шер мезанад, дару дарвозаатро мешиканад. Чапару шиғи ҳавлиатро алов сар медиҳад, сандуқу ҳамбаатро чаппа мекунад, луқмаи даҳонатро кашида мегирад. Ҷонатро нишона бо камони дида мегирад. Соли камҳосилӣ омада бошад ҳам, шукри Худо, дар анбор захираи хуб дорем, то соли дигар мерасад, ягон кас аз гушнагӣ намемирад.

– Ба Худо зӯрам омад. Бачаи амаки роҳдурам омад, гандумталбӣ, не гуфта наметавонистам, аз баҳри хешу табор гузашта нашавад. Камтар ба ӯ мадад расондам ва баъд аз бенонӣ маҷбур шуда, ба роҳи дуздӣ қадам мондам.

– Бисёр, ки зӯрат омад, як даҳон гап назадӣ. Мо ҳам одамем, дил дорем, фикри рӯзи мушкил дорем, ба қадри тавон имдод мекардем. Дили ғамгинатро шод мекардем.

– Ба талбидан рӯям нашуд.

– Магар дуздӣ аз талбидан хубтар аст? Гадоӣ айб нест, дуздӣ айб аст, фаҳмидӣ?

– Тоба кардам, ба ҳоли мани серфарзанд раҳм кун, раис.

– Хап кун ҳарис! Сайфуллоҳ, туро ин хел одами паст ва қалбдаст гумон намекардам. Бовар карда, туро ба кори хирман мондам, бо умеди он ки ғалла бод кунӣ, ба пирон имдод кунӣ. Ту бошӣ, дуздӣ кардӣ, носипос.

Сайфуллоҳ ҳанӯз чун барги дар сари шохи умед ба зӯр истодаи фасли хазон меларзид. Гӯё, ки ҳавои чиллаи зимистон

ба ҷонаш асар карда бошад. Не, ӯ аз сахтии қонуну сардии маҳкамаи замон меларзид. Фикри фардои қисматашро мекард, андешаи аз куҷо омадани хаташро мекард.

Ба афту андоми Сайфуллоҳ хуб нигоҳ кардам. Дучанд шуд ғаму дардам. Дар назарам торафт нафратовар тофт, бадтарин авлоди башар тофт. Баъд қадаме пеш гузошта, ба рӯяш як торсакӣ зада гуфтам: «Муттаҳам, бенамак, дузди хонагӣ, дигар рӯйи хирманро намебинӣ. Агар бори дигар ба чанг афтӣ, дидори ватанро намебинӣ. Хӯрҷини донро бурда, ба ҷояш бирез ва пагоҳ досатро гирифта, ба назди даравгарон бирав.

…Сайфуллоҳ ба сӯи хирман рафту ман ақиб баргашта, роҳи пуштаи Дӯстбахшро пеш гирифтам. Порсол аз ин пушта ҳосили беш гирифтам. Асп майдони сафораро ним накарда, аз роҳ баромад ва худро ба роҳи чигинагард, ки ҳар кулӯхаш мисли орд шуда буд, зад. Дар нармии хок сумбҳояш то буҷулак меғӯтид ва аз паяш садои якнавохти шип-шип ба гӯш мерасид.

Аз хирмани Алиҷон то теппаи Дӯстбахш анча роҳ буд, на дароз буду на кӯтоҳ. Роҳ чун хатти арз қитъаи монанди кафи даст ҳамворро ду тақсим карда, охираш моилсифат боло шуда, ба тори теппа пайваст мегашт. Саманд аз ин роҳи кӯтали дароз ҳам мисли бод мегузашт.

Асп дар хоки мулоим осудаҳолона сумбҳояшро гузошта, аз хирман торафт дур мешуд. Симои Сайфуллоҳу дигар дуздони бебарорро ҳар лаҳза пеши рӯ оварда, дилам аз омади ғами номаълуме ранҷур мешуд. Ин кадомин ғам буд? Намедонам, ғами якбора бастани роҳи дуздони муттаҳам буд? Намедонам. Якбора пеши роҳи онҳоро баста намешавад. Дузд ҳам аз бебарории худ дилшикаста намешавад. Ба ҳар ҳол мисли он ки сӯхтагӣ ҷурғотро пуф карда мехӯрад, касе ки ба чанг меафтод, тарсида дар хонааш мехуфт, эҳтиёткор шуда, сирашро ба касе намегуфт. Ҳамоне, ки аз кору кирдори ман бехабар буд, ҳанӯз ғоратгар буд. Хилвати шабро ғанимат дониста, ба роҳи дуздӣ қадам мезад, худро ба кӯчаи ғам мезад. Дар қадами аввал пояш ба санги роҳ не, ба сумби аспи ман бархӯрда, озурда мегашт, ба мисли муши мурда мегашт.

Дар ин лаҳзаҳо ба ҳоли дузд ҳам раҳмам меомад. Музди каму азоби бисёри кор ва эҳтиёҷоти рӯзгор гоҳо мардони

серфарзанди хомхаёлро аз олами ҳамдастӣ ба гӯшаи танҳоиву диёри пастӣ мебурд. Дар баҳои як килло гандуми дуздӣ муқими маҳбасхона мегаштанд, монанди мурғанд, ки аз пушти дона ба дом меафтоданд.

Ҳар рӯз овозае паҳн мешуд, ки дар фалон колхоз деҳқонеро ҳангоми дуздидани 10 килло гандум дошта, ба зиндон бурданд… Кори фалониро барои дуздидани як сар мурғи ферма ба додситонҳо супурданд ва монанди инҳо!

Ҳама осудаҳолӣ дар колхози мо буд. Ин ҷо маскани бахшишҳо буд. Ягон узви хоҷагӣ азоби пушти панҷарарро намедонист, сардии маҳкамаю дар куҷо будани бинои милисаи Данғарарро намедонист. Ба ғайри сарҳисобчӣ Бӯрии Мурод. Ин ҳодиса ҳам дар чанд рӯзи беморӣ кашидани ман рӯй дод. Сарҳисобчӣ гургро дуру майдонро холӣ дида, ба ҳуҷҷатҳои қалбакӣ аз хазинаи колхоз пули зиёд мегирад.

Хабари шум пои равон дорад, балки забон дорад. Баъди чанд моҳ чӣ шуду чӣ нашуд, гапи Бӯрию Рачаби хазинадор гурехт ва дар лаҳзае Рачаб хоки Бӯриро бехт. Гӯё, ки оҳи дили пирони заҳматкаш Бӯриро гирифт, намакзада шуда, чеҳраи бахту шодиро надид, се сол рӯи озодиро надид. Дигар ҳоҷати зорӣ набуд, илоҷи мададгорӣ набуд. Мушти ман не, зарбаҳои дарунии дарду азоби маҳкама насибаш шуд.

Ба ҳоли Бӯрӣ ҳам, ки ҳангоми аз зану бачаҳояш ҷудо шудан ашк мерехт, дилам месӯхт. Чӣ сон насӯзад, ки хонае дар як гӯшаи манзилам месӯхт. Ҳамчун роҳбар ҳама хурду калони колхозро қатори фарзанд медонистам. Фарзанд нек ва ё бад бошад ҳам, фарзанд аст, ба ҷон пайванд аст. Ранги ангушти зиёдатӣ баднамо бошад ҳам, аз баҳраш гузашта намешавад. Агар аз баҳраш гузарӣ, як умр сӯзу дардаш азобат медиҳад, аз кӯзаи ғаму ҳасрат обат медиҳад.

Хасдуздон ҳам узви колхоз буданд, фарзандони гунаҳкори ман ҳисоб мешуданд. Айни ба даст афтодан дуздро падарвор насиҳат карда, гӯшашро сахт метофтам ва ё ба рӯяш як торсакӣ мезадам. Ягона ҷазое, ки ба дузд раво медидам, ҳамин буд. Риштаи қисмати қалбдастонро ранги дигар роҳбарон ҳаргиз ба дасти қонун намесупурдам, гунаҳкорро мебахшидам. Чаро?

Вақте ки бо гунаҳкор рӯ ба рӯ меомадам, паҳлуҳои гуногуни ҳаётро андеша мекардам, роҳи некиро пеша мекардам. Андешаҳои мухталиф маро ба кӯчаҳои сарбастаи ҳаёт мебурд, ба

кишвари мамоту наҷот мебурд. Хаёл мекардам, ки инсон ба дунё як маротиба меҳмон мешавад, яке умре хушбахту дигар бадбахти ҷовидон мешавад. Гоҳо аз кӯтоҳандешию мушкилоти рӯзгор яке ба роҳи хато мегузарад, қисмати фардои худро аз хотир мебарорад. Агар инсони ҳукмбарор ба қисмат, ки мисли ришташ нозук аст, эҳтиёткорӣ накунад, он ришташ пур аз гиреҳ шуда, кушоданаш амри муҳол мегардад. Баъд ҳукмбарор аз худаш малол мегардад. Осудаҳолии мардумон ва бурду барорҳои колхоз ҳам аз дурандешию муносибати эҳтиёткоронаи ман ба қисмати ҳар зердаст буд, ғофил аз дарди ҳушёриям ҳар маст буд. Ҳама умр ба роҳи бахшиш қадам мегузоштам, зеро ки дар ин бобат низ ҳисобу китоби худро доштем. Мегуфтам, ки агар гунаҳгор ҳабс шавад, фарзандонаш ду-се сол бори азоби хориву зорӣ мекашанд, талхии бодаи зиндагиро мечашанд. Мумкин бадкирдору мардумозор шаванд. Агар ӯро хуб тарсонда, аз гуноҳаш гузарам, дар ду сол аҳли оилаашро саробонӣ мекунад, хубтар зиндагонӣ мекунад. Дар хонадонаш боз фарзанди дигар тавлид гашта, ҷои онҳоеро, ки аз майдони ҷанг барнагаштанд, пур менамояд, теъдоди аъзоён меафзояд. Агар ҳамин гунаҳгор ба ҷои ду сол дар маҳбас нишастан домани корро дорад, ҳам аҳли оилаашро таъмин мекунаду ҳам ба колхоз ба андозаи дувоздаҳ маротиби дастмуздаш фоида меорад. Баъди дар тарозуи ақл баркашидани ҷиҳатҳои неку бад гуноҳи дуздро мебахшидам. Гунаҳгор ҳам баъди ин некӣ эҳтиёткор шуда, паяшро аз роҳи ҷиноят кӯр мекард, андешаи роҳи дур мекард. Раҳму шафқат ва бахшишҳо мададгорам мешуданд, боиси равнақи корам мешуданд. Даромади колхоз афзун ва рухи мардум гулгун мегашт. Дастовардҳои худро дида, колхозчиён ҷоми дилро аз бодаи фараҳ пур карда, базми гарми умед меоростанд. Намедонистанд, ки қисмати дигаре онҳоро интизор аст, хазоне аз паи баҳор аст. Ин қисмат санги ноумедиҳои айём буд, ки ин ҷомро шикастан мехосту ин базмро сард кардан. Ҳамин тавр ҳам шуд. Дар базми фараҳи мо нохондаҳо чун лашкари ғам бехабар пайдо ва ҳамқисмати мо шуданд…

* * *

Чаҳор сол заҳмати ҷонсӯз кашида, роҳҳои пуразоби хориву зориро тай кардем ва бори гарони худро то даргоҳи осудаҳолӣ овардем. Навакак қомат рост карданӣ будем, ки боз

роҳи миёншикан кардан ёфтанд, бори гаронро ба дӯши мо партофтанд. Колхози ақибмондаро ба хоҷагии пешқадами мо ҳамроҳ кардан хостанд, моро ба майдони ғиромбозон баровардан хостанд. Гуфтам, ки ин хаёли хом аст, носозии бардавом аст.

– Чӣ, ту ба фикри мо розӣ нестӣ? Намехоҳӣ колхоз калонтар шавад? – гуфт сарвари ноҳия Собир Бақоев.

– Росташро гӯям, намехоҳам. Намехоҳам, ки ба нозу неъмати дастархони мардумони заҳматкашида нонхӯракҳои заҳматнадида даҳон зананд. Намехоҳам, ки хазинаи дар баҳои ҷон ҷамъовардаашон барчош шавад. Ғайр аз ин колхоз калон, ки шуд, назорат ва ҳисобу китоб мушкил мегардад, мисли дарёи бесоҳил мегардад. Ҳоло мо ҳамин хел иқтидор надорем, қуввати бардоштани ин бор надорем.

– Ҳисобу китоб ва назорати колхози калон ба шумо чӣ дахл дорад? Медонам хунук шудани ҷои гарматон ба шумо намефорад.

– Ман худро дар назар надорам. Аз роҳбарӣ чӣ манфиъат ба даст меорам? Пуштаву саҳрои роҳбарӣ ғайри хӯшаҳои ранҷу ранҷонидан, такудаву бехобиҳо кашидан ва суханҳои пасту баланд шунидан дигар самар надорад. Ба қаъри баҳри андешаҳо фурӯ меравӣ, то пуштае сабз шавад, ранги рӯде кӯи ба кӯ меравӣ. Раис, ки нашудам, ҳеҷ гап не. Сар ба болин монда намехобам, ба қадри тавонам ягон кор меёбам.

– Майлаш, ман ба фикрҳоят розӣ. Роҳбарӣ ҳам ба одами поквиҷдон душвор аст. Одами поквиҷдон соҳиби нангу ор аст. Вале ин ҷо боз як дарди дигар низ ҳаст, дарди нодорӣ. Ҳамсояҳои шумо – заҳматкашони колхози ба номи Орҷоникидзе ба ҳамин дард гирифторанд, хору зоранд. Ба шунидам нисфи онҳо ба заҳматкашони колхози шумо хешу таборанд, ба кӯмаки хешовандон мӯҳтоҷанд.

– Чаро нодор шуданд, хору зор шуданд?

– Мисли шумо шароити мусоиди корӣ надоранд.

– Бе ранҷ ганҷ ба даст намеояд. Мо ҳам шароити хуб надоштем, хору зор будем, ба дарди нодорӣ гирифтор будем. Бори заҳмат кашида, даромад ба даст овардем. Ба тани рӯзгорамон либоси нав пӯшонда, худро аз вартаи ноумедӣ баровардем. Онҳо заҳмат кашидан намехоҳанд, аз пушти ризқи худ давидан намехоҳанд. Агар ҷисми инсонро ба мӯрча қиёс кунем, милионҳо мӯрча мешавад. Мӯрча бо ҳамон

нотавонӣ як дон- як дон кашида, хирман меорояду инсон наметавонад? Ё худ орӯе аз боғу саҳро бе шираи гул ояд, назораткунандаҳо онро ба даргоҳ ворид шудан намемонанд, аз дар меронанд. Колхоз ҳам айнан ҳамин хел аст. Беназорат, ки монд, монанди даргоҳи бедарбон мешавад. Ҳам заҳматкаш ва ҳам фиребгар вориди он мешавад.

– Роҳбари колхоз Султон Давлатовро дар назар дорӣ?

– Албатта, Султон Давлатовро. Роҳбар сахтгир набошад, кор пеш намеравад. Кӣ ба ихтиёри худ тан ба кор медиҳад? Ҳеҷ кас! Ҳеҷ кас ба роҳи заҳмат бо хоҳиши хеш намеравад.

– Роҳбарашро иваз карданием.

– Ин корро пештар кардан даркор буд, баъди хору зор шудани мардум фоида надорад.

– Ҳар ду колхозро якҷоя карда, шуморо раис таъин мекунем, ҳамааш хуб мешавад. Ранҷу заҳматҳои пештар кашида оҳиста-оҳиста аз ёд меравад.

– Ман бори гарони ду қисматро ба дӯш гирифта наметавонам, зӯрам намерасад, дар ними роҳ мемонам. Дар ҳамин чаҳор соли раисӣ ба он дараҷае азоб кашидам, ки шири дар кӯдакӣ хӯрдаам аз биниям баромад.

Шуд аз фишори гардун мӯям сафеду сар зад
Шире, ки хӯрда будам дар рӯзгори тифлӣ.

– Ҳеҷ гап не, мард бояд ҳаросон нашавад, мушкиле нест, ки осон нашавад. Лозим ояд дасти имдод дароз мекунем, корҳоро соз мекунем. Бовар дорам, ки бе мадади мо ҳам сарҳисоби коратонро меёбед, роҳи осон шудани душворатонро меёбед.

– Агар мададгоред, хоҳиш мекунам, ки маро ба ҳоли худ гузоред. Дар он колхоз иғвогар бисёр аст, бо иғвогарон кор кардан душвор аст. Забони ҷумла мурғонро ёфтан осону аз онҳоро не. Киҳоро дар назар дорам, худатон нағз медонед. Онҳо чун гови ало ба шумо маълуманд, сангдили дар зоҳир муманд. Шаттоҳанд, гунаҳгорони дар назар бегуноҳанд, роҳати безаҳмат мехоҳанд. Ман ин гуна ашхосро чашми дидан надорам, балки тоқати номашонро шунидан надорам. Илтиҷо мекунам, ки ягон номзади арзанда биёбед, беҳтар аз банда биёбед.

– Шуд! Дар ин хусус баъдтар андеша мекунем, ҳоло фикри Фарҳод нею аз теша мекунем. Алҳол аз ҳама муҳим якҷояшавии колхозҳо. Колхоз, ки ташкил шуд, раис ёфт мешавад. Хайр, то боздид, то он рӯзи сайид.

* * *

Аз ҳуҷраи кории котиб ҳамон вақт ба берун баромадам, ки лашкари рӯз бору банди худро баста, дар тараддуди ба диёри дигар кӯчидан буд. Гӯи ки он низ ҳамсафари ман буд. Хуршед ба коми уфуқ фурӯ рафта, охирин дастаи нурҳояш ҳамчун найзаҳо аз нишонаҳо аз гӯшаҳои дури фалак канда шуда, ба ғурубҷо меафтоданд, мисли он нотавононе, ки дар саҳро аз по меафтоданд. Ва шафақ мисли пироҳани хунолуд, ки гӯё аз зарби найзаҳо пайдо шуда бошад, дар болои қуллаи баланд метобид, соҳибашро гум карда, бесоҳиб мехобид.

Насими сарди нимаи охири озармоҳ дар ба дам ҳуштак кашида, бо навдаҳои дарахтону хорҳои сари девор ҷиҳод мекард, маскани фараҳашонро ғамобод мекард. Хасмайдаи пуштаҳову баргҳои базӯр дар нӯги шохаҳо истодаи боғҳоро ба фалак бардошта, ба гӯшаҳои дур меафканд, дар ватани осоишашон шӯр меафканд. Корвони гардҳову коҳҳо монанди интизорон аз канори роҳҳо бархоста, ба ҳар тараф равон мешуданд, ҷорчии фасли хазон мешуданд. Дар хирманҳо низ ба ҷои хирманкӯбони кӯчбаста бод ҷорӯб кашида, лашкари мӯрчаҳои донакашро аз қадамҷояш дур меронд, худро ҳокими мутлақ мехонд. Қитъаҳои нармшуда гӯё мисли одамони хотирҷамъ сар ба болини хоби фароғат ниҳода, мехуфтанд. Майдонҳои ҳанӯз зардпӯш, ки дами каланду испор надида буданд, ҳамчун ҷигарсӯхтагон худро аз барфоби фасли сармо маҳрум пиндошта, шир – ширкунон бо забони баргҳо гӯё аз қисмати худ қиссаҳои шикоятӣ мегуфтанд…

Асп рӯ ба сӯи деҳаҳои таги кӯҳ роҳро убур карда, аз маркази ноҳия дуртар мешуд. Аз шавқи дидани манзараҳои ошно гомзанияш дигар мешуд. Аз бари чашмае ки як вақтҳо дар назди он мактаби ҳисобчиён буд, гузашта, худро ба роҳи қади хами дароз гирифт. Торик нашуда, ба пуштаи Дӯстбахш расид. Тутзор, ки аз ҳама деҳаҳо баландтар, дар таги кӯҳ ҷойгир буд, аз таҳдашт хубтар метофт. Шом дертар чодари сиёҳи шабро ба сари ин деҳа мепартофт. Хонаҳои пасту баландаш дар рӯи теппаҳову теппачаҳо тифлаконеро ба ёд меоварданд, ки ба

пуштораву китфи падари хеш баромада, роҳат мекарданд. Ҳангоми ба даромадгоҳи роҳи қади хам ворид шудани саманд тутзор гоҳ ба чашм метофту гоҳ не. Танҳо чанорҳои сар ба фалак, ки дар миёнаҷои деҳа буданд, аз пушти теппаҳо ҳамчун дидбонҳо ба назар менамуданд.

Тирамоҳи диёри хушкардаи бародарам, ки моро муқими Тутзор карду худаш дар майдони ҷанг монд, ҳусни дилрабо дорад. Бо шир-шири оби чашмаҳо ва хониши мурғакон базмҳо дорад. Баргҳои анҷиру ангур, тут, чанор ва кадуҳои ошию чӯбӣ мисли паррандагон дар саҳни боғу майдонҳо нишаста, аз вазиши боди дами сармо гоҳо тоқа-тоқа ва гоҳо села-села паропар менамоянд. Чӯбкадуҳои ҳанӯз аз бутта наканда мисли чароғи дастӣ овезон дар сари шохаҳои тутҳоянд. Баъзе тутҳои дукӯшаи пурбардошт, ки дар худ бори ғарами каҳдарза доранд, дар кафи боғ мисли соябонҳо метобанд. Бузу бузғолаҳо чун фурсати муносиб пайдо намоянд, шиғи ҳотаҳоро ба сарашон тела дода ва ё аз обмурие гузашта, худро ба боғҳо мезаданд ва баргҳои рехтаи туту ангурро мекобанд. Баъзе молдӯстон бошанд, чӯби дароз гирифта, баҳри бузу гӯсфандонашон барг мерезонанд, барои тоза кардану нарм кардани боғҳо рехтани баргҳоро метезонанд.

Тарҳи рӯи тутзориён мисли баргҳои зардшудаи тутҳо не, монанди баргҳои чанор аст. Дар онҳо кам-кам сурхӣ мушоҳида мешавад, ки он нишонаи беҳшавии рӯзгор аст. Акнун онҳо дар анборашон каму беш ғалла ва дар оғил гову моли майда доранд, рӯ ба даргоҳи дорандае намеоранд. Дар анбори колхоз низ захираи ғаллаи тухмӣ ва таҳсимӣ барои як-ду сол мавҷуд аст. Оташи хасдори умри пургудози заҳматкашон акнун камдуд аст. Тутзориён аз аввали баҳор то моҳи дувуми тирамоҳ заҳмат кашида бошанд ҳам, имрӯзҳо фароғаткунон шарбати самари ранҷашонро мечашанд. Аз хӯроку пӯшок низ азоб намекашанд. Дигар ҳар рӯз роҳи саҳроро пеш намегиранд. Майли ба берун рафтанро ҳам надоранд. Бештар кунҷи хонаҳои гармакакро иҷора гирифта, кӯфти бадани кордидаашонро мебароранд. Ҳамин ки барф зад, боз ташвиш сар мешавад, ҳавлию бомашонро мерӯбанд, нигоҳубини гову гӯсфандон душвортар мегардад. Аз ҳезумхона аловӣ меоранд, аз каҳдон коҳу аз лаби чашма об мекашонданд. Дар банди азоби нигоҳубини чорпоҳояшон мемонанд. Боди сард мисли дарде бо ҳар узвашон ҷанг ме-

кунад, рӯяшонро лесида-лесида лоларанг мекунад. Ларзида-ларзида ҷунбуҷул менамоянд. Ҳамин ки корҳоро анҷом доданд, уф-уфкунон ба хонаи сандалидор медароянд.

Борони тирамоҳӣ ба деҳқонон имкон надод, ки дар ҳама қитъаҳои шудгоркарда дони умед коранд. Ба ҳар ҳол аз рӯзҳои корӣ баҳра бурда, дар аксар қитъаҳо кишт гузаронданд, ки инро бурди худ мешуморанд. Абрҳои саховатманд бо қатраҳои борони ҷонбахшашон киштзорро ба ҷунбиш оварданд. Донаҳо хоки рупӯшашонро ба сар бардошта, саҳроро обилазор карданд. Ва дере нагузашта, донаҳо сари сабзи худро боло карда, гӯё, ки дида во карда, ба олами ҳастӣ дил доданд ва хокаҳои обиламонандро ба ҷояшон афканда, саҳроро ба махмали сабз табдил доданд. Акнун то баҳор майсаҳо дар зери кӯрпаи барф гармакак хуфта, ҷон мегиранд ва баъд қад кашида, хӯшаву дон мегиранд. Ба он қитъае, ки аз нарасидани мардони кор ба ҳоли худ мондааст, зироатҳои баҳорӣ мекоранд. Афсӯс, ки аз ғаллазори баҳорӣ ҳосили кам мебардоранд.

Ин баҳор ҳоли заҳматкашон чӣ мешуда бошад?

Наход боз боди ноумедӣ вазон гардад ва ранг аз садбарги сурхи рӯяшон таровида, баҳорашон чун гули зард хазон гардад? Ҳоло ҳам сози рӯзгори мардум ҷӯр нест. Агар ҳар ду колхозро якҷоя кунанд, бадшавии ҳоли заҳматкашон аз эҳтимол дур нест. Вақте ки мардумони колхози ҳамсоя хору зор бошанд, баъди якҷояшавӣ хоҳу нохоҳ захираи ғаллаи мавҷуда байни аъзоҳои нав тақсим мешавад, самари заҳмати деҳқонону бехобиҳои ман барбод меравад. Майли ман, товони ҷонканиҳои Холи Мирзо, Маҳмадалии Нозим, Абдуғаффори Қаюм ва дигар ҷонфидоёнро кӣ медиҳад? Ҳеҷ кас!

Ҳар кас ба рави хонаи ҳастии хеш поя мешавад. Котиб ҳам фикри худро мегузаронад. То баҳор ҳар ду колхоз якҷоя мешавад. Агар заҳматкашони хоҷагии мо розӣ нашаванд, чӣ? Розӣ нашуда, чӣ кор ҳам мекунанд, халқро кӣ гӯш мекунад? Халқ дили сӯхтаву даҳони дӯхта дорад. Халқи мо рамавори ҳаст, ба кадом тарафе хоҳӣ, ҳамон тараф ҳай мекунӣ… Хоҳи баҳорашро дай мекунӣ. Агар якҷояшавии колхозро шунаванд, ғамгину ноумед мешаванд, аз абри дидагонашон борони ашк меборад, якҷояшавии колхозҳо ба онҳо намефорад. Вале чӣ илоҷ? Ин масъаларо ман ҳал карда наметавонам. Беҳтараш ҳоло сабр карда, ин хабари нохушро

ба мардум намерасонам. Сири мардон пӯшида. То омадани табар кунда осуда мехобад. То рӯзи якҷояшавӣ чи қадар вақт аст? Ҷавоби ин саволро касе намеёбад. Аз қисмат ҷои гурез нест. Беҳуда ғамгинам. Дар пешонӣ ҳар чизе, ки Кирдигор навишта бошад, мебинам…

Асп то охирин гардиш роҳи қади хами дарозро паймуда, ба кушодӣ, ба дашти ҳамвор баромад, ба роҳи сангдор даромад. Хоку санг ва буттаҳои гуногун, ки гӯё ба сари онҳо тутаи дудадореро такида бошанд, дар назар якранг, яъне сип-сиёҳ метофтанд. Ва ҳангоми дави асп гӯё ки ба тарафи муқобил мешитофтанд.

Шаб хаймаи худро дар дашту ҳомун зада буд. Дигар ягон хонаи деҳаи Тутзор ва чаҳор чанори монанди дидбонаш ба назар наменамуд. Таҳҷои деҳаи Алиҷонро низ аз рӯи чароғҳое, ки аз пушти шишаҳои хонаҳо чун ахтараке базӯр метофтанд, муайян кардан осон набуд.

Ҳаво хушку сард буд, офати буғумҳои бадард буд. Ба муқобили боди сард, ки аз ҷониби кӯҳистон мевазид ва ҳуваскунон заминро чун раммаву подаи деҳа, ки баъди дарави гандумзор ба таҳдашт медавиданд, лесида мегузашт. Чангу хоки хезондааш ҳар дам ба рӯи ман зада, гӯё аз равзани дида мегузашт. Дар ин ҳолат бе шими пахтадору пойпӯши пайтобадор ба хонаи зин нишастан душвор буд. Вале ман парво надоштам. Дар умри кӯтоҳ ин гуна тирамоҳи сарду боди гардовардро бисёр дида будам. Боди сарду шаби сиёҳ не, баҳори пурдарду рӯзи сиёҳ ману заҳматкашонро интизорӣ мекашид. Дасти шаб мӯҳраҳои тасбеҳи умедро ба риштаи хорӣ мекашид. Аввалин маротиб бори гарони ноҷӯрии танро ҳис карда, ба ваҳм меафтодам. Ҳамчун гурбаи ба чоҳ афтода нолакунон тан ба қисмат медодам.

* * *

Собир Бақоев ба ғавғою норозигии заҳматкашони роҳатнадида гӯш надода, барои якҷоя шудани колхозҳо супориш дод. Султон Давлатовро аз раисӣ гирифтанд, бори роҳбарии колхози нав низ ба дӯши ман афтод.

– Ту, одами бонангӣ, бовар дорам, ки бо оташи меҳри худ дили сангинро ҳам нарму ба зиндагӣ дилгарм мекунӣ. Нангу номус мададгорат шавад, бурду барор ёрат шавад. Мушкил афтод, имдод мекунем, дами фарёд ҳамаро ба ёрӣ фарёд ме-

кунем, – гуфт Бақоев ва дастамро фишурд. Ва фармони раисиро ба ман супурд.

Ин суханҳои рӯҳбахши котиб ба се нафар шинос ба се ҷонхалос нафорид. Дар лаҳзаи табрик онҳо ба сӯи ман аввалин теғи нигоҳ кашиданд, теғи нигоҳро аз наёми дили сиёҳ кашиданд. Ман ҳам бо умеди зафари нахустин дидагони худро чун сипар аз дами теғи нигоҳашон нагирифтам, санги ғазаби худро аз сари роҳашон нагирифтам. Ва бо ин кирдорам мефаҳмонидам, ки пилтаи тӯҳмату иғворо аз гӯш кашед, шарбати косаи фиребро начашед. Ман ранги роҳбари даҳонлаи пешинаатон нестам. Баъд медонед, ки кистам. Намегузорам, ки бе заҳмат ба ҳаққи дигарон шарик шавед. Намемонам, ки ба хирману анбор наздик шавед. Намедонед, ки борони аз боми кӯҳ чакида сари бетани сангро ҳам соҳиби дидаи ҳайрон мекунад. Нашунидаед, ки номусулмон номусулмонро мусулмон мекунад…

Нигоҳҳои аввалини ману бадхоҳон монанди абрҳо бо ҳам афтоданд, бо барқи худ дар боғи дил доғ ниҳоданд. Барои аз ин барқ раҳидан тани сафедормонанд лозим буд.

Гумонам рост баромад. Баҳори соли 1953 бо корвони дарду ғамаш дар саҳрои қисмати мо манзил гирифт, гандумзори умедамон хӯшаи ғам баст. Баъди якҷояшавии ду колхоз миқдори майдонҳои рӯи киштро надида зиёдтар гардид, ғаллаи тухмӣ сар ба нӯг мерасид. Ғаллаи захиравӣ бошад, майда-майда тақсим ва анбори пур ним мешуд. Донаҳо ҳамчун регҳои регистон аз баландии чор тарафи анбор шорида, роҳи кунҷояшро мекушод. Хотири ман ғамгин мегашту хотири талбандаҳо шод. Баъзеашонро эҳтиёҷи рӯзгор маҷбур мекард, ки имдод пурсанд, баъзеи дигарашон барои фаҳмидани ҳиммати раис бо аспу хари хӯрҷиндор ба дари идораю анбор меомаданд.

Ҳиммати Қудрат сарвари гурӯҳи дуввум буд. Қади баланду риши дароз ва рӯи аспмонанду чашмони зардчатоб дошт. Роҳбарро азоб медод. Аспу хӯрҷин ва ҷувол доим ҳамроҳаш буд, талбидан роҳи зиндагихоҳаш буд. Ҳанӯз дар ҳафтаи аввали роҳбарӣ бо ман рӯ ба рӯ омада гуфт «Раис аҳвол бад, як ҷувол гандуму ду халта ҷав ёрдам мекардед, маро раҳо аз банди ғам мекардед».

– Аз куҷо, аз кадом ҳисоб?

– Ба сарҳисобатон чӣ кор дорам? Шумо раис, ба шумо не, ба кӣ рӯ биёрам?

– Ман ин хел ҳисоб надорам.

– Хайр, ихтиёрат. Зиндагӣ гардишҳо дорад. Роҳбарӣ гарду зиндагӣ ҷорӯб аст. Дурандешӣ хуб аст. Одами худотарс ман баринҳоро малол намекунад, мурғи бахташро бе пару бол намекунад…

Ҳиммати Қудрат бо қаҳр ба гардани аспаш қамчин зада, дар лаҳзае аз назар ғоиб шуд. Гарди аз пай хеста гӯё ба роҳ не, ба хотирам нишаст. Диламро панҷаҳои дарду ғами ниҳонӣ фишурд, гӯё ки тифлаки умедам мурд.

Ҳанӯз дар рӯзи дуввуми корӣ хабаркашону тарсдеҳон ишора карда буданд, ки: «Аз Ҳиммати Қудрату ҳамтабақҳояш эҳтиёт шав. Роҳбаре, ки онҳоро ранҷонад, дароз кор карда наметавонад».

Ин гуфтаҳо рост бошад, Худо зад. Аллакай дили Ҳимматро ранҷондам, ба ӯ кӯмак нарасондам. Ҳамтабақонаш ба пешравии кор халал мерасонанд, осуда гаштан намемонанд. Бигузор халал расонанд, барҳам зананд. Ба марг розӣ мешаваму ба одаме, ки кор кардан намехоҳад, рӯзи меҳнат надорад, ҳаргиз ёрдам намедиҳам, як токӣ гандум ҳам намедиҳам.

Ғаллаи анбор торафт кам мешуд. Вале тамошои гандумзори тирамоҳӣ, ҳам, ки аз файзи борони найсон майса шуда буд, ба реши дилам марҳам мешуд. Агар ду борони дигар борад, ҳосили имсола дар ҳар ду анбор ва фараҳ дар дили ғамдор намеғунҷад.

Гандумзори колхоз сарсабзу махмалин, вале замини орзуҳоям заъфарон метофт. Дидагони хаёлам аз миёни пуштаҳои умр баҳори гумкардаро мекофт, намеёфт. Дасти ҳасрат дар саҳрои ҳаётам тухми андӯҳ мекошт. Танҳо ҷонсахтӣ маро нигоҳ медошт. Баъди ноумед кардани Ҳиммати Қудрат ҳамтабақҳояш ба ҳуҷуми забонӣ, ки сахтарин ҳуҷум аст, гузаштанд.

– Раис беҳиммат будаст, як ҷувол гандум чӣ киро дошт, ки ба Ҳиммат надод, ҳатто дари анборро ба рӯяш накушод. Раис баъзеҳоро фиреб медиҳад, намемонад, ки рафта дар корхонаҳои ноҳия кор кунанд. Мехоҳад, ки мурда-мурда шудгор кунанд. Ба ҳафтоду ҳаштод сӯми медодагиаш мехоҳад ҳамаро коркӯб кунад. Заҳҳок аст, мағзи сари одамонро мехӯрад. Ку Ковае, ки чармашро ба сари чӯб кунад, - мегуфтанд, тарафдорони Ҳиммати Қудрат ва халқро аз кору рӯзгор дил-

хунук менамуданд. Хайрият, ки теъдоди тарафдоронашон кам буданд.

Ҳиммати Қудрат эҳтиёткор буд, мор буд. Дар давраву ҷамъомадҳо гапи зиёд намегуфт. Касеро худаш ба мушти сухан намекӯфт. Вале барои сиёҳ кардани роҳбар одам тайёр мекард. Гаправро ба азоби гуноҳи худ гирифтор мекард. Ҳиммату ҳамтабақонаш роҳи зиндагиро бо сиёҳ кардани роҳбарон ёфта буданд. Ҳақталабон аз ин гуна ноҳақон рӯ тофта буданд. Онҳо устодоне буданд, ки барои нафс шуда ба дигарон фанни макру фиребро дарс медоданд. Ҳамин, ки айби роҳбареро ёфтанд, дастак зада, аз навиштан тарс медоданд.

Ба «нависандаҳо» Асади Лутфуллоҳ сарварӣ карда, маслиҳат медод. Асад марди миёнақад буд, тарҳи рӯяш сафедчатоб, риши калтаи гирд ва чашмони мешӣ дошт. Барои он сарвари иғвогарон буд, ки дар бадгӯию сиёҳ кардани роҳбарон аз ҳамроҳон бартарию пешӣ дошт. Муовинаш Даврони Ризо шахси қоматбаланду ачрикчашм ва дуруштрӯ буд. Ғайбатгару бадгӯ буд.

«Сегонаҳо» шабҳо нишаста нақшаҳо мекашиданд, хаёлан худро дар кори роҳбарӣ медиданд. Ҳамин, ки нақшаашон тасдиқ шуд, рӯзона сӯи мағозаи деҳа мешитофтанд, тарафдорони худро мекофтанд.

* * *

Баъди якҷояшавӣ идораи колхоз ба деҳаи Ғиҷовак кӯчонида шуд. Аз идора то мағоза понздаҳ қадам буд. Пеши мағоза доим серодам буд. Ҳар гоҳ, ки аз идора мебаромадам, чашмонам ба ҳамон се тан бармехӯрд, гӯё шишаи чашмам ба сангу оҳан бармехӯрд. Онҳо дар рӯи сандуқҳои холӣ бо хушҳолӣ нишаста, чақ-чақ мекарданд. Ноҳақони мардумфиреб сӯҳбат аз боби ҳақ мекарданд.

Даврони Ризо посбони мағоза буд. Ба кори колхоз ягон дахл надошт, вале дар ҷамъомадҳо аз аъзоҳо дида бештар гап зада, шӯру ғавғо мебардошт.

Пишаки «Сегонаҳо»-ро касе пишт гуфта наметавонист. Он солҳо мусулмон ҳам лаби дӯхта дошт, сухан аз дузаху биҳишт гуфта наметавонист. Онҳо бо сеҳру макри худ дили котибро ёфта буданд. Хабарҳои бардурӯғро бурда, роҳи бадном кардани мани бесоҳибро ёфта буданд.

Заминро обу одамро одам вайрон мекунад. Бақоев ҳам ба гапҳои тӯҳматгарон бовар мекард, бо теғи забонаш ҷигарро хуншор менамуд. Ҳамин, ки аз роҳи байни колхоз мегузашт, ҳатман Асади Лутфуллоҳро хабар мегирифт, аз боғи ғайбаташ баҳра мебардошт.

Муомилаи сарди котиб моро гоҳе ноумед мекард. Хаёли бо сиёҳдилон бовар карданаш мӯи сарамро сафед мекард. Шабу рӯз такудав карда, лутфу марҳаматашро намедидам, дар баҳояш танқид мешунидам. Азобу ҷонканиҳои маро қадри як пули пучак намедонист. Худро тасалло дода мегуфтам: Охири ҳар амали нохуб пушаймонист.

Ба рағми носипосиҳо боз домани корро сахттар медоштам. Хуб андеша карда, баъд ҳар қадамро мегузоштам. Нақшаи даромади ояндаро мекашидам. Хаёлан хоҷагии дорову деҳаҳои ободу мардумони дилшодро медидам. Мехостам, ки як вақаб замин бекор нахобад. Риёзидони бузург ҳам ҳисоби ҳосили ғаллазорро наёбад. Барои гирифтани ҳосили баланд имкон доштем, нангу виҷдон доштем. Донро беталаф ғун карда, ба қадри зарурӣ коҳ ҷамъ меовардем, аз кохи ҷамъшуда ғарамҳои теппамонанд мекардем. Коҳ низ дастранҷи мо буд, ганҷи мо буд. Дар вақти шудгор барои нагирифтани дами испор ва осон шудани кор носипосӣ карда, майдонҳои пур аз коҳро оташ мезадем. Барои ҷамъ овардани коҳи саҳроҳо одам доштем. Вале ҷамъ овардани коҳи бисёр низ фоида надошт, зеро ки чорвои кам доштем. Афзун кардани саршумори чорво мақсади ягона буд, вале ҳалли ин мушкилот кори яксола набуд.

Дар гузари Шурдара, ки як пораи деҳаи Ғиҷовак аст, обе ҷорӣ мешуд, ки чархи осиёби деҳаро базӯр тоб медод. На ҳар кас аз он боғи худро об медод. Сел ҷои обравиро хеле паст фуроварда буд, фақат як ҳилладон обро аз соҳилаш бароварда, то дари боғаш оварда буд. Оби боқимонда беҳуда ҷорӣ мешуд. Оқибат обро аз пастӣ ба баландӣ баровардем, барои пунбакорӣ қитъае ҷудо кардем. Пунбакорӣ даромади колхозро афзун ва заҳматашро аз сарҳади нодорӣ берун мекунад.

* * *

Зиндагӣ танҳо заҳмат кашидан, заҳру зуқум чашидан нест. Инсон як маротиб ба дунёи равшан меҳмон мешавад. Як гардиш карда, баъд ба олами ҷовидон меравад. Дар ин сафари

пурзаҳмат бояд роҳат ҳам бинад, аз гулбоғи ҳастӣ гули мақсуди худро чинад. Вале сад афсӯс, ки насиби насли замони мо роҳат набудааст. Модари айёми моро раҳму шафқат набудаааст. Азобу шиканҷаи солҳои барқароркунии хоҷагиҳои ҳамроҳшударо кашидем, хорию зорӣ дидем. Ҳанӯз қомат рост накарда будем, ки бори гарони ҷангу ҳимояи ватан ба душамон афтод, хирмани умедамонро ба дасти оташу бод дод. Ҳоло ҳам дар азобем, ҷигаркабобем, дидаҳои пуробем…

Заҳмат кашида, як луқма нон мехӯрем. Колхоз боғу полез надорад. Дар дасти роҳгузаре себу анор ва тарбузу харбузаро дида, оби даҳони кӯдаконамон мешорад. Доро набошем, ки ҳамеша ба бозор рӯ биоварем, чизи дилхоҳамонро биҳарем. Замин дорем, чаро тарбузу харбуза накорем? Агар боғу полези худро дошта бошем, нозу неъмат фаровон мешавад, олам гулистон мешавад.

Дар сари нақшаҳои кашида бисёр андеша мекардам. Тешаи ноумедиро боз наздик ба реша мекардам. Боғдорию чорвопарварӣ кори яксола набошад, фурӯ бурдани навола набошад. То ниҳол сабз шуда ба самар мерасад, то гӯсола гов мешавад, ду-се сол мегузарад. Аз ҳама нақд ва даромаднокаш пунбакорӣ, мекорию хирман мебардорӣ.

Худи ҳамон баҳор дастаи пунбакорӣ ташкил карда, дар китоби номгӯи зироатҳои хоҷагӣ пунба навиштем ва дар қитъаи бари деҳаи Шӯрдара пунба киштем. Асади Лутфуллоҳро сардори даста таъин кардам, барои дастааш шароитҳои зарурӣ таъмин намудам. Умед доштам, ки ҳамроҳи роҳбарон гашта, аз маъракаи иғвогарон дур мешавад. Вале ин тавр нашуд, тири умедам хок хӯрд. Пои хаёл боз ӯро ба даргоҳи ҳамнишинони дерина бурд.

– Туро ҳам хариданд, мансабдор шуда, аз мо мегурезӣ. Дигар ба сӯҳбати пеши мағоза наомада, ҳамроҳи калонҳо мешинию мехезӣ, ба гапҳои раис гӯш мекунӣ, ёрони қадимиро фаромӯш мекунӣ, – мегуфт Даврони Ризо, ӯро дар роҳ дида ва таъкид мекард: – Аз мо намонӣ, аз мо.

– Гумони бад набар, маро мехаридагӣ ҳоло аз модараш зода нашудааст. Ҳоло ҳам поро аз рикоби кинаву қасд нагирифтаам. Гӯштро аз ноҳун чудо кардан душвор, бе шумо озод нафар гирифта наметавонам. Ҳамроҳи раис будан хуб аст. Ҳамин, ки як камбудияшро ёбам, аввал ба шумо, баъд ба Бақоев хабар мерасонам.

Асади Лутфуллоҳро ҳамтабақонаш ҳурмат карда, аз хати кашидааш берун қадам наемемонданд. Ӯро раҳнамои роҳи умеди худ мехонданд. Агар дили ӯро ба даст медаровардам, беташвиш кор мекардам, вай метавонист даҳони бадгӯёнро баста, муносибати ману котибро дигар кунад. Вале дили ӯро ёфтан осон набуд. Ба сайқал додан оҳан чарм намешавад. Сад ҷӯй канда ба умед об бубарӣ ҳам як зарра дили кӯҳсор нарм намешавад.

Ҳар рӯз ба сари замини пунба рафта, аз ҳоли Асади Лутфуллоҳ хабар мегирифтам. Парвои кор надошт. Танпарвариашро дида, дар оташи қаҳру ғазабам баланд мешуд. Дилаш ба заҳмати дастааш намесӯхт. Аз матои макру фиреб пироҳани ҷонхалосӣ медӯхт. Аксар ӯро аз зери сояи себ меёфтам, ки дароз кашида мехобид. Писанд намекард, маро бад медид. Ба ӯ чӣ кор карданамро намедонистам, ҳайрон мемондам. Агар як сухани дурушташ мегуфтам, дар балои роҳбари боло мемондам.

Мардумони водӣ Собир Бақоев барин котибро ёд надоранд. Ӯро бунёдгару ободсози водӣ мешуморанд. Вай сахтгиру серталаб буд, рӯзу шаб барои беҳдошти рӯзгори мардум ҷон меканд. Аз ҳайбаташ ҳама роҳбарон метарсиданд. Азобу ранҷашро дида, аз ӯ намеранчиданд. Ҳар қадар, ки Бақоевро сифат бикунам, кам аст. Ин гуна роҳбар ба дили реши дармонталабон марҳам аст. Вале чӣ гуна ба доми Асади Лутфуллоҳ афтодани ҳамин марди бузург хаёли маро ранги гарди ба доми бод афтода парешон мекард. Чаро бовар ба гуфтаи кӯтоҳандешон мекард? Ҳарчанд фикр мекардам, сабабашро намеёфтам. Ноилоҷ роҳи бо Асад муросо карданро мекафтам. Бо ӯ бештар аз боби одаму одамгарӣ сӯҳбат мекардам. Дар бораи некию наранҷондани дили ҳикоят мекардам. «Ашке, ки фурӯ хурдӣ аз бодаи гулгун беҳ» мегуфтам. «Як зарраи дарди дил аз илми Фалотун беҳ» мегуфтам.

– Рост. Инсон бояд неку ғамгусор бошад, беозор бошад, – мегуфт Асад ва мақоли: «Бо моҳ шинӣ моҳ шавӣ, бо дег шинӣ сиёҳ шавӣ»-ро чандин маротиб такроран ба ёд меовард. Ба назар маро хуб гӯш мекард, вале дар амал гуфтаҳоямро зуд фаромӯш мекард. Рози дилашро мисли найчаи риштаҳояш гиреҳдор боз ба ҳамнишинонаш мекушод, умеди маро барбод медод. Асари сӯҳбатам ба ӯ мисли

ҷои қатраи борон дар рӯи об буд. Хонаи дилам аз сели носипосияш хароб буд.

* * *

Чархи зиндагӣ аҷаб гардишҳо дорад. Ғамдорро баланду беғамро паст мефурорад. Дар он боздоракҳое бо номи дӯсту душман, неку бад ва шодию ғам мавҷуданд, ки гоҳо ишораи бад дар боздораки нек дар мемонад, хато хӯрда наметавонад.

Чархи қисмати Асади Лутфуллоҳ низ ғайри чашмдошт дар боздораки неки нигоҳи банда дар монда, роҳи раҳо гаштан наёфт, илоҷи аз баҳрам гузаштан наёфт. Сояҳои бахту умеди мо мисли сояҳои замину моҳ бо ҳам афтоданд. Дар аввал доғҳо доштанд ин сояҳо.

– Чӣ гуна гардиш буд, ин гардиш, ки ноошноро ошно кард? Дари осудагиро ба рӯям во кард. Кадомин дасти эъҷоз ин чархро тоб дод, замини ташнаи адолатхоҳамро об дод. Боздораки қисмати кӣ онро боз дошт? Ин эҷози ишқ буду ин хотир хотири фарзанд. Хотири фарзанд шоҳро ба хонаи гадо ва некро ба хонаи бадхоҳ мебарад.

Ишқи духтари Асади Лутфуллоҳ хаёли маро ба кӯи умеду ноумедӣ оворaю он марди чорагарро бечора кард. Руди муҳаббати духтарак аз чашмаи рост ва ё фанд ибтидо мегирифт, касе намедонист, ман ҳам намедонистам.

Рӯзҳое, ки мурғи нигоҳи ӯ ба лонаи чашмонам даробаро мекард, рӯзҳои гарон буд, давраи муборизаи сахти иғвогарон буд. Баъди аз назар гузаронидани ҳуҷҷатҳои хоҷагӣ аз дасти ҳар гуна хаёл безору абгор шуда, ба берун, ба ҳавои тоза баромадам, ба пеши девори раҳдори бедарвоза баромадам.

Офтоби нимарӯз сояҳои туту чойлобҳои ангурро чун нотавоне дар ҷой шинонда буд. Балки ҳар сол дар рӯи замини ҳамвор монанди пайи мӯҳре дар рӯи коғаз менамуд. Равиши офтоб гардиши соатро муайян мекард. Маълум буд, ки айни хӯроки чошт аст, вале маро чизе намефорид. Мисли замини ташна ҳавои бороириро мехостам. Кошкӣ ҳамин дам борон меборид…

Дар назди бораи баланди пеши иморати идора истода лаҳзае ба поён, ба тарҳи роҳе, ки дар пушти бинои таълимгоҳ охир мешуд, нигаристам. Хонандагон паи ҳам аз даричаи мактаб баромада, ба тарафи идораи колхоз тоб мехӯрданд. Аксар ба роҳи поёни бораи пеши иморат гузашта, аз бидони пуроби

назди дари бино об мехӯрданд. Баъзе кӯдакони бесар бошанд бо умеди кӯтоҳ шудани роҳ ба бора баромада, аз пушти бинои идора мегузаштанд. Онҳо гуруҳи хурд-хурди худро доштанд. Се-чор нафарӣ шуда, баробар қадам мегузоштанд. Гоҳо якбора ҳалқавор дар ҷо меистоданд, дар кадом мавзӯъе баҳс карда, боз роҳи худро давом медоданд.

Дидани ин манзара хаёли маро лаҳзае ба даврони наврасию айёми мактабхонии худ бурд, сӯзу дарди куҳанро аз нав тоза карда, ҷону дилро озурд. Қисмати мозию тарҳи рӯи ҳамсабақон ба ёд омад, дилам ба фарёд омад.

Баҳори наврасии мо ранги заъфарон дошт, шукуфазоре аз гулҳои дарду ҳичрон дошт. Ниҳолони навбари боғи муроди мо ранги қомати пирон ҳам буданд, самарашон меваҳои дарду ғам буданд. Тоҷири қисмат айёми наврасии моро ба харидори бераҳму бешафқати зиндагӣ фурӯхта буд. Чевари ҳаёт пироҳани умри моро ба сӯзани дарду риштаи ғам дӯхта буд. Оташи рӯзгори камбағалӣ хонаи умеди моро сӯхта буд. Аз мактабхона баромада ҷониби саҳро равон мешудем, дар хаёли ёфтани як бурда нон мешудем. Донаҳои хӯшаҳоро ҳарфҳо ва хати шудгорро хати саводи худ мепиндоштем. Хӯшаҳоро чун навиштаҳо аз хати киштаҳо мебардоштем. Аждаҳои ҷанг ҷавонии моро низ ба комаш фурӯ бурд, хуни шавқу рағбати моро хӯрд. Аввалин маъшуқаи бахти мо рӯи олами висолро надида мурд.

– Раис, вақти хӯроки чошт гузашт, – бобои Шаҳоб нон доштаст. Хоҳиш кард, ки биёем, – гуфтани посбони идора Соҳиби Ватан риштаи хаёламро барканд. Вале ҳанӯз ҳам аз мактабхона чашм намекандам. Чашм намекандам аз ин манзараи дилписанд.

Як даста хонанда аз ин ҷода гузашт, ҳар кадоме салом дода гузашт. Дастаи дуввум, ки аз чаҳор нафар духтар иборат буд, наздик шуд. Аз он миён як духтари қадбаланди хушчеҳраи камонабру бо гӯшаи чашм сӯи ман нигоҳи маънидорона кард, табассуми латифи ошиқона кард. Чанд қадам ниҳода боз сарашро бехабар аз дугонаҳояш сӯи ман тоб дода, ин дафъа ба ҳадафи чашмам тири нигоҳи дуздона зад, тири меҳрашро ба нишона зад. Агар Соҳиби Ватанро намедид, намешармид, тираш хубтар ба нишон мерасид.

– Ин париваш кӣ буд, рӯсурхи чун оташ кӣ буд?

– Духтари «ошноят».

Лаҳзае ба баҳри андеша ғӯта зада, аз ранги рӯ духтари кӣ буданашро аниқ кардам ва баъд ба Соҳиби Ватан рӯ овардам:

– Чаро дигар духтарон бе ягон ишора гузаштанду духтари Асади Лутфуллоҳ сӯям нигоҳ карда хандид. Мақсадашро бояд фаҳмид.

– Намедонам. Шояд дил дода бошад, дар кӯи ишқ афтода бошад.

– Дил додааст, дар кӯи ишқ афтодааст? Не! Ин ба ақл рост намеояд, ранги он ки об дар ғалбер намепояд. Ин духтар медонад, ки падараш маро бад мебинад, чи гуна бадбини падарашро дӯст дошта метавонад?

– Метавонад. Дар олами муҳаббат ҳар чӣ шуданаш мумкин. Дар роҳи ишқ шогирд гоҳо раҳнамои устоз мешавад, Маҳмуд ғуломи Аёз мешавад. Ошиқ метавонад, ки аз шохи чинор анор гирад. Ошиқ парвои қонуну қоида надорад. Оташи ишқ, ки аланга зад, зорию лобаи волидайн фоида надорад.

Касе, ки ошиқ аст, аз ҷон натарсад,
Зи банду кундаву зиндон натарсад.
Дили ошиқ мисоли гурги гушна,
Ки гурги гушна аз чӯпон натарсад.

Маро ба талафузҳои ширини мӯйсафеди посбон ханда омад. ҳамон ханда хотимаи суҳбат шуд ва ҳар ду сӯи хонаи бобои Шаҳоб рафтем, ба хонаи ҳамсояи ҳамон гули ноёб рафтем.

* * *

Корвони рӯзҳо паи ҳам мегузаштанд, ки бори шодию ғам доштанд. Партави сарморо бурда, ба диёри орзуҳо муғчаву ғунчаи баҳор меоварданд, пайки наврӯзу муждаи лолазор меоварданд. Ҳунарманди ишқ миқрозе аз пари булбул мекард, лулабехи ғунчаи муҳаббатро сарфи қабои гул мекард. Гулнисо ном дошт духтарак. Ӯ гул буду ишқ гулпарак.

Рӯзҳои дигар ҳам нигоҳҳои дуздонаву меҳрубононаи Гулнисоро медидам, бо дидагони Соҳиби Ватан медидам. Аз пушти тирезаи ҳуҷраи корӣ роҳи мактаб метофт. Ба гуфти посбон Гулнисо маро мекофт. Ӯ маро надида, ба гумонам дарун-дарун месӯхт ва монанди гумҷӯе ба чор тараф чашм

медӯхт. Дарди ишқ ӯро маҷбур мекард, ки барои дармон ёфтан худро берун аз роҳ кунад, ба тирезаи ҳуҷраи корӣ нигоҳ кунад. Оқибат ҳамин тавр ҳам шуд. Рӯзе аз пушти тиреза сӯи ман табассум намуд. Баъдтар аз бари дугонаҳояш ҷудо шуда, аз роҳ танҳо мегузашт, бо дили шайдо мегузашт.

Нигоҳи пур аз роз дошт, дар гирди мижгону абрувонаш лашкари ноз дошт. Гиреҳи рози ӯро кушодану лашкари нозашро ба иҳотаи мулки дил фиристодан гарон буд.

Ба муҳаббати Гулнисо бовар надоштам. Шубҳа карда, тухми меҳрашро дар марзи сина намекоштам. Гумон мекардам, ки падараш роҳи бадном карданамро наёфта, бо баҳонаи ошиқӣ ин ҷодаро пеш гирифтааст. Гумон мекардам, ки ворисони духтар дар гӯшае истода, маро мепоянд. Маро дошта шарманда мекунанд. Наход маро бипоянд? Наход маро шарманда кунанд? Не! Ин хаёлҳои хоми ман аст. Қураи ишқ ба номи ман аст. Бадтарин падар ҳам духтари худро бадном намекунад, аз шарбати ҳаёти оянда ноком намекунад. Ин ҷо ягон маслиҳат нест. Ошиқшударо суд аз насиҳат нест.

Зан з-оташи ишқ беш сӯзад,
Хошоки тунук, ки пеш сӯзад.

– Духтарак шайдо ва дари муҳаббат ба рӯяш боз шудаст, – мегуфтам ва чун мусофири тарсӯе, ки дамидани шоми сиёҳро дида, дар гӯшаи ободе манзил мегирад, аз дилсиёҳии падараш ва аз обрӯи худ тарсида, аз роҳи хаёлам ақиб мегаштам. Падари бемеҳрашро пеши рӯ оварда, аз баҳри муҳаббати духтарак мегузаштам.

Ба муҳаббати Гулнисо бовар кардан душвор буд. Ӯро аз хонаи дил ҳам бадар карда намешуд. Усма об аз ғами абрӯяш буд. Барги гул ошиқи гесӯяш буд, лола ҳам дар талаби рӯяш буд. Ӯ дигар буду ман дигар, ӯ падару модар дошту ман кӯдаку ҳамсар. Ниҳоли муҳаббати ӯро парвардан беҳуда аст, самараш бори ранҷи хотири осуда аст.

Фасли муҳаббати мо ба мавсими дарав рост омада буд. Хӯшаҳои саҳрои дилро доси абрӯ дарав мекарду гандумзори пуштаҳоро даравгарон. Дар миёни гандумзори меҳр лолаҳоро ҳам медидам, лола мечидам. Навбаҳор мегузараду ёди сайргоҳаш мемонад, баргҳои лола зуд мерезанду пӯпаки

сиёҳаш мемонад. Аз пӯпаки сиёҳ метарсидам. Пӯпаки сиёҳ доғи дил буд, ошиқӣ мушкил буд…

Хайрият, ки аввал ман вола нашудам, шайдои ҳусни моҳи ҳафтдаҳсола нашудам. Худаш дил дода ба кӯи ошиқӣ афтода буд. Ман ҳам лаҳзае аз банди хаёлаш намерастам, ба ӯ дил мебастам. Дигар аз ғаму фараҳ андеша намекардам, сабру тоқатро пеша намекардам. Ҷонам дар гараву гандум нодарав мемонд. Савганд аз ёд мерафту умед барбод. Нон камчину зиндагӣ вазнин мешуд.

То шӯълаи меҳри Гулнисо хомӯш гардад, то маро камтар бубинаду дили супурдааш фаромӯш гардад, сояамро аз чашмонаш канор мегирифтам, худро дар саҳрои кор мегирифтам.

Як сол гузашт аз рӯзи нигоҳи дуздонаи аввалину хандаи мастонаи аввалин. Дар миён акси моҳи рӯяш чун нақши бебунёд борҳо ба баҳри чашмонам афтод. Ҳилоли абрӯяшро ҳанӯз моҳии дар об мепиндоштам. Метавонистам ба тӯри мижгон онро дорам, вале намедоштам.

Гулнисо дабистонро тамом кард, вале ба роҳи дабистон рафтану омаданаш давом кард. Ранги пештара дигар ҳар рӯз ӯро намедидам, бо панҷаи чашмонам гули рӯяшро намечидам. Гоҳо дар шаби моҳтобӣ пайдо мешуд, бо баҳонаи молкобӣ пайдо мешуд. Моли худро меҷуст, меши муҳаббати безаволи худро мечуст. Мекофт, намеёфт. Бенишона мерафт, ғамгинона мерафт.

Хонаашон аз бинои идора дур набуд, дар лаби сангоб буд. Дили ман ҳанӯз ҳам ранги санг сахту дили ӯ нарм мисли об буд.

Як сол сипарӣ шуду роҳ сӯи он кӯву дар нагирифтам, аз мазраи ишқи худ ҳосил набардоштам. Дар хаёли қисмати мардум шудам, дар саҳрои нангу номус гум шудам. Шабу рӯз домани саҳроро кофта, ганҷи умед ёфтам.

Дар маҷлиси солона ҳама ҳозир гаштанд, аксар ба таҳлили кори хубу таърифи банда гузаштанд. Танҳо «Сегонаҳо» ва ҳамтабақҳояшон беқарорӣ доштанд, беқарорӣ аз бебарорӣ. Даврони Ризо боз косаи пур аз заҳри дилашро холӣ кард. Асади Лутфуллоҳ аз нотарсию дастакзании муовинаш хушҳолӣ кард. Бақоев ҳам ғавғои ошноҳояшро шунида, як ҳарфи дилбардорӣ нагуфт. Вале аз ин парво накардам, гирехҳои ришгаи шикваи беҳударо мекушодам. Зеро ки ҳолӣ

ҳам дар корзори нанг мисли Рустам савори Рахш набудам, аз зафари худ қаноатбахш набудам.

Тахминаи Рустам духтари шоҳ буду Гулнисои ман духтари мулло. Мисли Гулнисо гулпираҳани нозукбадан нест, вале ҳоло ӯ аз ман нест. Аз идора то хонаи падари он моҳпора сад қадам роҳ аст, вале ҳар қадами ин роҳ пур аз гардҳои дарду оҳ ва реги нигоҳ аст.

Падари Гулнисо бадхоҳи ҷони ман аст, дар роҳи умедам чун роҳзан аст, аз дасташ ба кӯи васл расидану дидори духтарашро дидан баробари ҷон кандан аст.

Як соли дароз ману Асади Лутфуллоҳ бо ҳам будем, шарики шодиву ғам будем. Вале дар маҷлис боз ба тарафи Даврони Ризо гузашт. Наход рӯзе ба тарафи ман нагузарад? Агар бо духтараш рози дил гӯям, бахти худро аз олами ишқ ҷӯям, ҷигарбандашро ҳамқисмати худ намоям ва ба даргоҳаш рафтаву биёям, мумкин ба тарафи ман гузарад. Номамро ба некӣ ба забон барад. Не! Ин кори ношуданӣ. Дили сад шоҳро ёфтан осону аз ин муллоро не. Хайрият, ки аз ҳоли дили духтараш бехабар аст, сурхрӯ бехабар аз ҳоли хунҷигар аст. Агар хабар ёбад, роҳи кандани ришгаи муҳаббатро мекобад ва дуъое хонда, ришгаи бахти духтарашро ба ҳалқаи қисмати дигаре мепайвандад. Мумкин духтараш ҳам рӯзе ба ман бевафоӣ кунад, ба дардаш, ки дармон наёфтам, ҷудоӣ кунад. Не, бевафоӣ намекунад, ҳаргиз майли ҷудоӣ намекунад. Модараш холаи Ҳусноро инсони хуб аст, ба ҳама маҳбуб аст. Вале падараш хуб нест. Ба модараш рафтааст Гулнисо. Мисли холаи Ҳусноро ҳамсари бовафо мешавад.

Рафта-рафта ба муҳаббати духтарак бовар кардам. Ин муҳаббатро дар корзори муборизаҳои ҳаёт сипар кардам. Дигар паи ишқашро аз даргоҳи дил намеруфтам, дигар ин байтро намегуфтам:

Ошноӣ ба ҷавонон натавон кард ба зӯр,
Тир з-огӯши камон зуд ҷудо мегардад.

Дунёи ошиқӣ дигар будааст, заҳраш шакар будааст. Тираш, ки ба ҳадафи сина кора мекардааст, аз ҷудошавии камонаш фикр намекардаӣ, номеро ғайри номи маъшуқа зикр намекардаӣ. Оқибат тири нигоҳи ишқ ба ҳадафи ҷон расид, сӯзу дардаш пои хаёламро ба дармонгоҳи ҳастӣ бурд.

Дар хоб ӯро медидам, дар оинаи об ӯро медидам, дар сурати маҳтоб, ӯро медидам. Гул ранги рӯяшро дошт, хӯша шакли абрӯяшро дошт, ҳар лаҳза тарҳи духтарак аз пеши рӯ мегузашт, аз пеши рӯ як оҳунигоҳи силсиламӯ мегузашт, бегуфтугӯ мегузашт. Хаёлан дар гӯшаи дил хонаи меҳр бунёд мекардам, ӯро фарёд мекардам. Ҳамроҳаш лаҳзае менишастам ормони диламро мешикастам. Вале лаҳзае пас овози дари дилро мешунидам, дар рӯ ба рӯям Ҳалима ва падари духтаракро медидам. Хонаи дил боз вайрон мешуд, тифли меҳру ормон гирён мешуд.

Ҳалима ҳамсари меҳрубонам буд, модари кӯдаконам буд, олами ормонам буд. Акнун ин олам дар паси пардаи дуди оташи тарсӯзи ошиқӣ мемонд ва ин оташ ба сару рӯям гарди сиёҳӣ меафшонд.

Гоҳо Ҳалимаро ҳамроҳи Гулнисо дар як хона якҷоя медидам, гоҳо онҳоро ҳамсоя медидам. Гоҳи дигар ба хотири ишқи духтарак худро аз ҷаҳони тарсу ноумедӣ дур мекардам, тори умедамро ба тори дили рақибон ҷӯр мекардам, худро дар хонаи Асади Лутфуллоҳ тасаввур мекардам.

Ҳарчанд роҳ мечустам, аз банди андешаҳо раҳоӣ намеёфтам, ба дарди ишқ давоӣ намеёфтам. Сӯзи дилро танҳо ҷону тан медонист, ҳоли бади мани дилшударо танҳо Соҳиби Ватан медонист. Ҳам аз хаёли қисмати заҳматкашони колхоз ва ҳам аз андешаи тақдири фарзандону бори ғами ишқи ҷонгудоз дар азоб будам, ҷигар кабоб будам.

* * *

Соҳиби Ватан пеш аз ҳама дарди ҷонгудози маро фаҳмид ва дар саҳнаи тақдири муҳаббати ману Гулнисо нақши ҷовидона бозид. Вай бо ким-кадом хаёле ба тамошои майдони пунбазор рафта, бо модари Гулнисо вомехӯрад. Риштаи сӯҳбатро гирди найчаи кору зиндагӣ, қисмати фарзандону умеди модарон тоб дода, оқибат дар сари гирехи ишқу муҳаббат меояд ва роҳи кушодани ин гиреҳро аз холаи Ҳусноро мепурсад.

– Ин хел кӯргиреҳро, ки кушода метавонистам, дарди духтарамро даво мекардам, худро аз ҷабру азоб раҳо мекардам, – мегӯяд модар.

– Чӣ хел дард? – худро ба нодонӣ мезанад посбон.

– Наход надонӣ, бадтар аз дарди дандон.

Посбон мақоли «Дурӯғи маслиҳатомез беҳ зи рости фитнаангез»-ро ба хотир оварда, мегӯяд: «Ман, ки аз дари идора дур наравам, чӣ хел аз гапу калочаи дунё бохабар шавам?»

– Ҳама гап ҳам дар идора. Ҳаму Гулнисои сиёҳпича ба раиси зандор ошиқ шудааст. Аз ҳар ҷо хостгорон омаданд, баъзеашон хешу табор буданд, ба мо мададгор буданд, розӣ нашуд. Ҳамин хел якравӣ кардан гирад, шаҳд дар комамон заҳр мегардад, аз хешу табор ва бе ғамхору мададгор мемонем.

– Духтарак ошиқ шуда бошад, ба дардаш дармон накобед, кобед ҳам намеёбед. Бо ӯ хола-хола накунед, қисматашро ғайри ошиқаш ба дигар кас ҳавола накунед. Магар раис ба шумо маъқул нест?

– Маъқул аст, вале намехоҳам, ки духтари мо ба рӯзгори раис халал расонад, раис аз хонаву дар ва кӯдакону ҳамсар монад.

– Дузанаҳо кам нестанд-ку? Дар болои занаш гирад чӣ?

– Намегирад, моро писанд намекунад.

– Раис одами ҳавобаланд нест, хоксор аст, вале эҳтиёткор аст. мумкин дили ӯ ҳам ба духтари шумо кашад ва хоҳад аз шарбати муҳаббат чашад. Вале аз пушти шавҳаратон ба ин кор розӣ шуданашон амри муҳол аст, аз шавҳаратон малол аст.

– Раис, ки розӣ шавад ва ба хонаи мо омада равад, илоҷи шавҳарамро худам меёбам. Агар ба гапам надарояд, аз ӯ рӯ метобам.

– Ба раис ин гапро бигӯям?

– Бигӯ, бигӯ, ки ягон шаб аз дари мо дарояд, аз ин бурд мекунад.

Вақте ки посбони идора Соҳиби Ватан муждаи васлро расонд, мақсуди модари духтарро фаҳмонд, гӯё ба гӯшам таронаи бахтро хонд. Аввал аз ғояти шодӣ мисли кӯдакон беқарорӣ кардам, баъд худро ба даст гирифта, чун мардони рӯзгордида бурдборӣ кардам. Барои ман ёфтани дили духтару модараш не, ёфтани дили падараш муҳим буд. «Илоҷи шавҳарамро меёбам» гуфтани холаи Ҳусноро шарораи бахте буд, ки аз дур мерахшид ва ба дил гармӣ мебахшид.

Ҳамон шаб мурғи хоб аз лонаи чашмам парида, гӯё аз чандин кӯӣ шинос гузашт. Аз баҳр дони умеде ба кадомин доме афтод, ки ба зудӣ барнагашт. Дастони хаёлҳои мухта-

лиф ранги бандкашии паҳлавонон торҳои асабамро ба ҳар тараф кашида, оромам нагузоштанд. Ва дар ин миён боз тарҳи «Сегонаҳо», ки гӯё дар қатори бандкашҳо бошанд, пайдо шуданд. Онҳо пои худро аз хати шартӣ ақибтар ниҳода, дар ҳамин ҷо ҳам барои ғолибӣ ғиромӣ менамуданд.

Бехабар пайдо шудану бо ғиромӣ ғолиб омадан ва зуд пароканда гаштани дастаи «Сегонаҳо» дастаи ғаму дарде буданд, ки банди диламро кашида, маро аз доираи осудагӣ берун ованд. Чун доваре аз паяшон шитофтам. Дар лаҳзае аз дида нопадид шуданд, аз ягон гӯша нишонашонро наёфтам. Сардораш Асади Лутфуллоҳ – сардори дастаи пунбакорон аст, ӯро аз саҳро ёфтан осон аст.

Пои хаёл ба монанди пои хуфтае маро аз ҷогаҳи гарм хезонда маҷбур кард, ки қадам занам. Қадам зада, сӯи замини пунба, ки хело наздик буд, рафтам. Дар саргаҳи замин, дар суфаи зери дарахти себи пир Асади Лутфуллоҳ ва обронҳо Алии Камолу Наими Ҷамол мехобиданд. Дар ҳамин ҷо ҳам мулло ҷелаку дастор ва дигар либосҳояшро ҳар сӯ бетартиб гузошта, нисфи суфаро соҳибӣ мекард. Обронҳо бошанд мисли мусофирони бечорае мӯзаву либосашонро накашида, як кунҷакро амонат гирифта буданд, балки ҳамчун меҳмони нохонда менамуданд. Алии Камол ҳақ дошт, ки нисфи суфаро соҳиб шавад ва дар ҷои кушод хоб равад. Зеро ки дарахти себро падари ӯ сабзонда буд. Асади Лутфуллоҳ бошад чун дузди зӯре, ки соҳиби говро бастааст, парвои Алию падараш надошт. Чун сардори даста худро соҳиби ин фароғатҷо мепиндошт. Сояи салқини себ ҷои дамгирии пунбакорон буд. Хӯроки чоштро дар сояи себ хӯрда, соате дар рӯи суфа дам мегирифтанд, коркӯфтагон ба дардашон марҳам мегирифтанд.

Ин лаҳза нурҳои моҳтоб сояи баргҳои себро аз шохаҳо ба рӯи суфа кӯчонда буд. Суфаи пур аз сояи баргҳо айёми хазонрезро ба хотир меовард, ҳол он ки то расидани фасли хазон чаҳор моҳ монда буд. Тарҳи рӯи муллову обронҳо дар шаби моҳтобӣ хело хуб ба чашм метофт. Онҳо дар рӯи гилеми куҳнае дароз кашида, маҳрум аз болину бистар буданд. Дар ҳалқаи хоби ноз-марги сабук афтода, аз одаму олам бехабар буданд. Марг бошад хоби гарон аст. Инсон хоҳад нахоҳад рӯзе гирифтори хоби гарон мешавад. Пеши роҳи маргро найрангҳои Асади Лутфуллоҳ ҳам гирифта наметa-

вонад. Рӯзе ӯ ҳам чун меше дар пеши гурги аҷал лол мемонад. Дигар шабҳои маҳтобию сояи себро намебинад. Дар сари дастархони ҳамтабақонаш ҳамроҳи Собир Бақоев намешинад, аз дарахти кинаи худ мева намечинад. Дигар айбу гуноҳ намеҷӯяд, ба олам падруд мегӯяд. Аз ҷаҳони рӯшан меравад, дар гӯри торик мешавад.

Ҳоло қади қил намеҷунбад. Гӯё ки гирифтори хоби гарон аст, дар водии хомӯшону олами бегуноҳон аст. Вақте ки бедор шавад, боз роҳи фитнаю бадхоҳиро пеш мегирад, андеша намекунад, ки рӯзе мемирад.

Обронҳо низ осуда хобанд, бехабар аз маҷрои обанд. Ҷӯи об ба бехи ниҳоли себ тоб хӯрда, сӯи пунбазор меравад ва ба ҷӯяҳо тақсим мешавад. Онҳо ба ҷӯи калон монеаҳо гузошта, обро тақсим карданд. Вақти аз монеаҳо гузаштан дар шаршараҳои хурд-хурд шир-шири об баландтар ба гӯш мерасад.

Ҳоло дар таҳи себ се тан хомӯшанду дар бехи ниҳолҳои пунбазор як мусофир – оби равон ширширкунон ба рӯи хоки мулоим қадам зада, пайи худро мегузорад. Ин ду лаҳза ва ду тазод, ки ба як нигоҳ дар ойинаи чашм акс мешаванд, нишонаи маргу зиндагист. Гӯё ки ин лаҳза дар рӯи суфа маргу дар миёни пунбазор зиндагӣ ҳукм меронад.

Аз канор истода лаҳзае олами маргро ва суфаи пур аз баргро тамошо кардам. Баъд оҳиста-оҳиста қадам ниҳода, сӯи олами зиндагӣ рафтам. Маҷрои обро аз назар гузаронидам, хаспӯш шудани пеши роҳи ҷӯеро дидам. Об дам хӯрда ба ҷӯи дигар мегузашт. Хоки бехи чандин ниҳол дар чангаш афтода, гард-гард кам мегашт. Ҷӯйро тоза карда, роҳи обро кушодам ва решаҳои ниҳолонро аз камшавии хокашон наҷот додам. Ниҳолҳои то зону қадкашида аз порсола дида хубтар дар авҷ буданд, бо ҳосилашон ҷоми дилро аз бодаи фарах пур менамуданд. То мижа мезанем, ки саҳрои сабздоман сафедпӯш мешавад, азоби нармкунию обмонию ғизодиҳӣ фаромӯш мешавад. Агар мулло саркори дилсӯз бошаду домани корро сахтар дорад ва ҳар лаҳза сар ба болини хоб нагузорад, ҳосил боз ҳам фаровон мешавад, шӯҳрати колхоз аз водӣ берун меравад. Вале сад афсӯс, ки худи саркор коргурез аст, шӯрандозу фитнаангез аст.

Побанди хаёлҳои рӯзгор қитъаи пунбазорро бехабар давр зада дубора ба тарафи дарахти себ омадам. Ҳанӯз ҳамон се тан масти хоб буданд, бехабар аз баста шудани роҳи об бу-

данд. Охирин маротиба ба чеҳраи онҳо назар кардам ва аз барашон оҳиста гузар кардам. Рӯ-рӯи сангҳои байни сангоби камоб по ниҳода, дар лаҳзае дар бари ҳотаи бобои Шаҳоб шудам, наздиктар ба ҷои хоб шудам. Сангдевори ҳотаи мулло ҳам канори роҳи рости роҳро печонда, ҳам роҳи омаду рафти байни деҳаю мағоза ва истгоҳро гирдгардону дуртар мекард. Ҳангоми аз пушти сангдевор гузаштан пайғоми модари Гулнисо «Ягон шаб аз дари мо дароед» ба хотир расиду лаҳзае дар ҷо ҳайкал барин шудам.

Ба осмони пурситора нигоҳ кардам. Моҳтоб ба нимаи осмон наздик ва равшантар ҷойҳои нимторик мешуд. Чароғҳои аксар хонаҳо ҳанӯз милт-милт мекарданд. Танҳо саркори коргурезу обронҳояш, ки он рӯз маро надида буданд, барвақт хобида буданд. Ҳоли аксари мардон ҳамин. Вале занон то нисфи шаб бедоранд. Либос мешӯянд, дарз медӯзанд, барои нонпазӣ хамирмо тоза мекунанд. Хулоса банди саду як коранд. Шояд модари Гулнисо ҳам бедор бошад, шабзиндадор бошад. Ба ҳар ҳол фаҳмидан лозим, нафаҳмида ба хонаи бегона рафтан хубӣ надорад, хусусан ба хонаи Асади Лутфуллоҳ, ба хонаи рақибе, ки агар дасташ рассад, сояи маро аз бари девор метарошад. Тавонад пӯсти диламро ба теғи забон мехарошад.

Ба девори сангии хонаи мулло, ки нардбонро мемонд, по ниҳода, худро ба сари девор гирифтам. Захми аввалинро аз неши гулхор гирифтам. Аз паси шоху навдаҳо саҳни ҳавлӣ пурра метофт. Мурғи хаёлам дони умед мекофт. Дар таги тути пеши ҳавлӣ, дар рӯи сабза ҷогаҳ густурда буданд. Кӯдакон бари ба бар сар монда, инони ихтиёри худро ба дасти хоб супурда буданд. Вале Гулнисову модараш дар кунҷе нишаста, кадом матои кӯҳнаро ин сӯю он сӯ тоб дода, ришта тайёр мекарданд. Аз зӯри дарди рӯзгор худро ба дарди бедорӣ гирифтор мекарданд: Фурсати муносибро аз даст надода, бори танро ба дарун ҳавлӣ ҳаво додам. Ва баъд аз байни дарахтон ва замини намдор оҳиста гузашта, сӯи ҳавлӣ қадам ниҳодам. Садои поямро шунида модару духтар сарашонро боло карданд, ба ин сӯву он сӯ нигоҳ карданд. Холаи Ҳусноро маро дида саросема аз ҷо бархест ва пешпо хӯрда, сатили оби дар сари роҳаш бударо рехт. Гулнисо ҳам маро шинохта риштаҳоро партофта, аз шарм сӯи хона гурехт.

– Биё, хуш омадӣ, ба кулбаи вайронаи мо, –гуфт холаи Ҳусноро ва маро ба хона даъват ва аз боби роҳи пурпечутоби ҳаёт сӯҳбат кард.

То субҳдам сӯҳбаткунон дар ҳуҷраи хилвате нишастем. Аз гулҳои умеду орзу гулдастаҳо бастем, хорҳои кинаи падари Гулнисоро шикастем.

Он шаб бехобӣ кашидам, вале ҷамоли он оҳуи рамидаро надидам. Чашмонамро аз чашмаи чашмонаш об надодам. Калобаи умедро ба гирди рағзаи мақсуд тоб надодам. Ба ҳар ҳол роҳам ба даргоҳи рақибам кушода шуд. Гумон кардам, ки худ шаҳсавори саманди бахту бадхоҳам пиёда шуд.

* * *

Бози давлат гӯё ба сари китфам нишаст, қомати ғам аз бори фараҳ шикаст. Дигар миёни ману Асади Лутфуллоҳ ҷанҷоле набуд, малолӣ набуд. Ӯро ҳамсараш афсун карда ва ё дилашро хун карда, тарафдори ман намуд. Холаи Ҳусноро ба калиди сеҳр қуфли буғзу кинаро кушод, ба рӯи ман дари умеди деринаро кушод. Мулло дигар маро фиреб намедод. Танро ба ҳукми сояи салқини себ намедод. Домани корро сахттар медошт, борашро ба дӯши дигаре намегузошт. Дар маъракаҳо, дар ҳузури котиб аз боби нангу ҷонфидоии ман қиссаҳо мегуфт, бо ҷорӯби муҳаббат аз даргоҳи дилҳо ғубори дурӯғу тӯҳмати афкандаро мерӯфт. Касеро намемонд, ки дар ҳаққи банда носазо гӯяд, айб ҷӯяд.

Сеҳри сухани мулло ба дили котиб зуд асар кард, муъомилаашро бо ман дигар кард. Гӯё, ки фасли сармои қаҳратуну баҳори пур аз раъду барқаш гузашт, осмони ғуболудди вуҷудаш тоза гашт. Андак меҳрубон ва кам-кам ёрирасон шуд.

Ҳиммати Қудрату Даврони Ризо ин ҳолатро дида, дарундарун гӯшти баданашонро мехӯрданд, барои ҷанг андохтани ману Асади Лутфуллоҳ пинҳонӣ мубориза мебурданд. Вале тири тӯҳматашон ба ҳадафи дил намерасид, бори каҷашон ба манзил намерасид.

Акнун насими осудагӣ гардҳои парешони дарду аламро мебурд, панҷаҳои ғаму ноумедӣ анори дилҳои мардумонро намефишурд. Ҳама тан ба кор дода, паи пешрафти хоҷагӣ ва беҳдошти зиндагӣ ҷон мекандаанд.

Пунбакорӣ колхозро доро кард, дари қитъаҳои беҳуда хуфтаро кушод. Ниҳолҳои току нок, зардолую шафтолу, олучаю гелос ва себу анор харида, боғҳо бунёд кардем. Роҳҳоро ҳамвор ва сангфарш намуда, деҳаҳоро кам-кам обод кардем. Хуллас, дигар дар бораи рафти кори колхоз ва рӯзгори носоз ягон гап набуд. Вале ҳанӯз ҳам Даврони Ризо хап набуд. Ҳанӯз тарбузи ғаразашро аз домани умед афтода намедид, бероҳбалад монда бошад ҳам, худро берун аз ҷода намедид. Мехост муллоро ҳам бадном кунад, мурғи иқболашро дар дом кунад. Гӯшаш бод ёфта буд, ки духтари мулло ба раис дил додааст, раис ҳам дар кӯи муҳаббат афтодааст. Хайрият, ки ба хонаи мулло рафтану омадани маро пай намебурд. Агар пай мебурд аз рашку ҳасад мемурд.

Ҳар ҳафта як маротиб меҳмони нохондаи Асади Лутфуллоҳ шуда бо Гулнисо сӯҳбат мекардам. Ҳамроҳи ӯ то нисфи шаб менишастам, дур аз гӯшаи матлаб менишастам. Ҳалима пеши рӯям буд, ду дида ба сӯям буд, ҳифзгари обрӯям буд. Ғами фардоро мехӯрдам, сӯи Гулнисо даст намебурдам. Роҳи кӯи Яздонро тай мезадам, шайтони нафсро ҳай мезадам. Дасти раҳму шафқат дар гиребонам буд, покӣ нигаҳбонам буд…

* * *

Сӯҳбати Гулнисо маро ба сари нанг меовард, ҳоли роқибонро танг мекард. Зиндагиро дар дигар қолаб медидам ва ба зафар карданам бовар доштам.

Баъди як сол уқоби кинаи муллоро рому дар дом кардам, дили аз сӯзиши ишқ беқарори духтарашро ором кардам, як хаёли хом кардам. Ба бобои Холиқ, ба ҳамон инсони ба ҳама мушфиқ, ки ба даргоҳи бахти ҳар як сокини деҳа чун поя буд ва ба мулло ҳамсоя буд, рози дил ифшо кардам, ришташои гиреҳдори найчаи дардамро во кардам. Ва гуфтам ки духтари мулло худро шинохтааст, ба ман дил бохтааст. Ман ҳамсар дорам, писару духтар дорам. Ба мулло бигӯед, ки аз ман дасту дил бишӯяд, самар аз боғи умрам наҷӯяд. Ба духтараш бигӯяд, ки роҳи маро бо умед напояд, ба шавҳар барояд…

Бобои Холиқ, ҳамон инсони мушфиқ ва ба аҳд содиқ гарди роҳи сири мардонро нахезонда, қатраҳои аламу дарди дили пуроби маро нарезонда, ба назди Асади Лутфуллоҳ меравад, бехабар аз Даврони Ризо меравад, ӯро мекобад, аз

хона намеёбад. Муллоро дар лаби замини пунбазор мебинад, соате дар зери дарахти себ ҳамроҳаш мешинад. Гуфтаҳои маро такрор мекунад, косаи дили ҳамсояашро аз бодаи ғам саршор мекунад.

Асади Лутфуллоҳ баъди рафтани бобои Холиқ ба хаёлҳои мухталиф рӯзи худро шом кунад ва ба як хешовандаш пайғом мефиристад. Хешовандаш ҳам, ки маътали ишора будааст ва ба ҳамин хаёл овора будааст, хело харид карда, ҳамроҳи як-ду шиносаш зуд ба хостгории Гулнисо меояд. Гулнисо ҳамон хостгоронро дубора дида, мақсади падарашро фаҳмида, дили хостгоронро бо теги забон реш ва онҳоро аз хона пеш мекунад. Мулло боз аз пушти кӯтоҳандешию кори бемаслиҳаташ бадном мешавад.

Баъди рух додани ин ҳодиса ва овоза шудани ин қисса Даврони Ризо муллоро дар роҳ дида, ба ҷароҳати дили решаш намак пошида мегӯяд: – Аз Гулнисо наранҷ, ӯро хубтар бисанҷ. Гулнисо ҷавон бошад ҳам, дар олами фаҳм аз ману ту пеш аст, дурандеш аст. Медонад, ки рӯзгори раис дигар аст, ҳамсари деҳқон не, зани раис будан беҳтар аст…

– Гум шав, аз назарам, дигар наё ба дарам. Акнун фаҳмидам, ки санги сари роҳи ман ту будай, бадхоҳи ман ту будай. Бемори бистарӣ шавӣ, намак кӯрат кунад, аз мардум дурат кунад.

– Гум шав, дигар дидоратро набинам, рӯи доғи кунҷитакдоратро набинам. Агар дар ягон маърака аз ҳамин боб сухан гӯӣ, озори хотири маро ҷӯӣ, аз пуштат ба ҷои даркорӣ навишта шармандаю расвоят мекунам, дар маҳбас мешинонамат. Фаҳмидӣ?

Даврони Ризо, ки шунидани ин гуна суханҳои қабеҳро ҳеҷ гоҳ чашмдор набуд, посухе надода, бо сари хам қадам ниҳода, дарду аламашро мисли об мехӯрад ва ба тарафи роҳи лаб-лаби сангоб тоб мехӯрад.

Баъди аз назар ғоиб шудани Даврони Ризо, мулло низ андешакунон қадам зада, худро маломат мекунад, хашму ғазаб ва асаби худро ҳақорат мекунад. «Беҳуда Давронро ранҷондам, ошнои қадрдонро ранҷондам. Ин гапро ӯ овоза накардааст, дарди маро тоза накардааст. Гап аз хонаи худам овоза шудааст, берун аз дарвоза шудааст», – мегӯяд. Ва баъд ба куртааш кайк даромадагӣ барин зуд ба хонаи бобои Холиқ меравад ва

ба ӯ ишора мекунад, ки ҳамин шаб ҳамроҳи раис дар хонаи ман шавад.

Бобои Холиқ, ҳамон инсони мушфиқ ҳамон шаб маро ба хонаи мулло бурд, ҳамроҳам таъом хӯрд. Баъд узр хоста, зуд аз ҷой бархест. Гуфт, ки дар хона модари кӯдакҳо нест. Ӯ рафту ман мондаму мулло. Худи ҳамон шаб мулло илтиҷо карда гуфт: – Маро дар гап намон, маро аз ғам раҳон…

Пай бурдам, ки дили оҳанинаш пур аз занг аст, ҳар рӯз дар хонааш ҷанг аст. Зории мард диламро пур аз ғаму оҳ кард, ҳамон шаб худаш Гулнисоро ба ман никоҳ кард…

* * *

Шаби нахустини висол буд, шаби зиндагонии ҳалол буд. Бори аввал даст ба гесӯи Гулнисо бурдам, даст ба олами меҳру вафо бурдам. Бовар надоштам, ки баъд аз ин шарики ғаму шодии рақиби деринаам. Гумон менамудам, ки ҳанӯз ҳам ҳадафе ба чашми тири кинаам. Бовар надоштам, ки дар ҳуҷраи зеботарини мулло хобам. Хона киштию деҳа баҳрро мемонд. Гумон мекардам, ки дар ҳалқаи тӯфону дар байни гирдобам.

Дар пушти девор, яъне дар ҳуҷраи дуввум, ки аз тарафи муқобил дар дошт, падарарӯсам хоб буд. Ману Гулнисо аз оташи муҳаббат дилгарму муборизи мағлубшуда аз сӯзи дарун ҷигаркабоб буд. Хотири фарзанду дарди қисмат олами нангашро барбод дода, ӯро мағлуб кард. Бадхоҳамро дарди рӯзгор ночор одами ба назар хуб кард. Аслан ягон мағлубшуда хушбахтии ғолибомадаро намехоҳад. Вақте ки ҳарифаш дастболо мешавад, ҳамон замон рангу рӯяш мекоҳад. Шаби никоҳ падарарӯсамро дар чунин ҳолат дидам, ба дарди қисмат тан доданашро фаҳмидам. Мабодо рӯзгор маро ҳам рӯзе ба ҳамин аҳвол гирифтор накунад гуфта, ба ҳолаш нахандидам. Ӯ сар дар гиребон мисли дарахти сада буд, зоҳиран шоду ботинан ғамзада буд.

Ҳар кӣ чун гӯр занад ханда ба мотамзадагон,
Чашм дорам, ки фалак бар даҳанаш хок кунад.

Дар дили торикӣ, ки ранги рӯро аз ранги мӯ фарқ карда намешуд, панҷаҳоям ба шона кардани дастаи мӯҳои Гулнисо ва хаёлам ба авзои инлаҳзаинаи падарарӯсам банд буд. Гӯё

ки ӯ ба шери занҷирбанд монанд буд. Занҷири тақдирро ба дасти худ баркандан мумкин нест. Бо ҳама сахтӣ дидори маргро дидан номехоҳӣ. Ҳеҷ чиз аз зиндагӣ дида ширин нест. Ғайри ин ӯ аз аҳли Ислом аст, худкушӣ барои мусулмон ҳаром аст. Мурда-мурда зиндагонӣ мекунад. Илоҷи дигар надорад, ҷон дар ҷои сахт аст. Шоҳи соҳибдухтар низ бадбахт аст.

Касеро паси парда духтар бувад,
Агар тоҷ дорад, бадахтар бувад.

Дина шаб баъди никоҳ гувоҳдиҳандагон рафтанду соате ҳамроҳ нишастем, бо ҳам чун ғулому шоҳ нишастем. Ӯро шоҳу худро ғуломи даргоҳаш мешумурдам. Сӯи дастархонаш базӯр даст мебурдам. Ӯ аз аспи ғурури шоҳонааш фаромада бошад ҳам, поро аз рикоб гирифтан намехост. Ман ҷуръати сухан гуфтан надоштам. Ӯ низ ин гуна ҷуръат надошт. Хомӯшӣ фарқи сарварию зердастиро аз байн мебардошт.

Хайрият, ки дароз нанишастем. Хайрият, ки оби чойники хурд адо шуду хомӯширо шикастем.

– Як чойи дигар шавад, – овоз баровард падарарӯсам.

– Кифоя! Бояд ба идора равам, ба ҳуҷҷатҳо хубтар шинос шавам. Пагоҳии барвақт котиб меомадааст. Санҷиши беасос ба ҷонам задааст. Агар ин дафъа ҳам тарафи иғвогаронро гирифта, як сухани дурушт гӯяд, мансаби раисиро месупорам, аз ҳамин вазифа сад безорам.

– Сабукӣ макун, ҳаёт мубориза аст. Ҳар кас дар дунё барои амалӣ гардидани мақсадҳояш мубориза мебарад ва оқибат дурри мақсадро ба даст меоварад. Ту ҳам мубориза бубар ва кӯшиш бикун, ки ғолиб шавӣ, мансаби баландтареро соҳиб шавӣ.

Бори аввал аз забони падарарӯсам сухани ҳақ шунидам ва дар ҳамин ҷо ҳам аз пушти мансаби ман манфиъат ҷустанашро фаҳмидам. Умуман ин «муборизи таҷрибадор» ғайри бурди худ дигареро намедонад, манфиъатро аз маърифат боло мехонад. Халқи нодон ҳам ин тоифаро сарвари ғамхори худ мешуморад, аз баҳри дигарон гузашта ба ӯ рӯ меорад. Баъдтар асли мақсадро мефаҳмад, вале он вақт дер мешавад, безор аз дидани дидори ин «муборизи далер» мешавад. Чӣ

метавон кард, ки бинои ҳастиро ин гуна сохтаанд. Инсонҳо фирефтаи ганҷинаи дунёи фонӣ гашта, сари худро барои ин хонаи фанд бохтаанд.

Тоҷдорони ҷаҳон рафтанду ин кошона монд,
Аз сари садҳо ҳазорон сарвати ин хона монд.

Падарарӯсам низ аз тоифаи фиребхӯрдагони манфиъатхоҳ аст, балки роҳбалади дигарон дар ин роҳ аст. Вақте ки калимаи «иғвогар»-ро ба забон меорам, ранг аз рӯяш мепарад. Ба гумонам дар ин лаҳза тӯҳматҳои дар ҳаққи банда кардаашро ба хотир меоварад.

– Дина шаб ҳамроҳи падарам нишаста дар чӣ хусус сухан гуфтӣ? Ягон сухан дар бораи ман гуфтӣ? – ногоҳ суол дод Гулнисо ва риштаи хаёламро ба дасти худ ва моҳии дарёи андешаамро ба шасти худ гирифт.

– Аз ҳамдигар шарм карда, барои кушодани гиреҳи сӯҳбат ҷуръат накардем. Қариб, ки сӯҳбат накардем.

– Маълум мешавад, ки ҳолӣ ҳам оташи қаҳру ғазабаш хомӯш нашудааст. Бовар дорам, ки хомӯш ҳам намешавад. То даме ки ҳаст кори кардаи ман аз хотираш фаромӯш намешавад. Аз рӯзи шунидани қиссаи дил бохтанам қиблагоҳам худро шикастхӯрда мешуморад. Вуҷудашро панҷаҳои дарду ғам мефишорад. Рӯзҳои аввал ману модарамро азоб дода, бо фарёдаш хонаро ба сар мебардошт. Ману модарамро чашми дидан надошт. Дари чашмонашро ба рӯи мо мебаст, ҳамроҳамон дар сари як хон наменишаст. Бо гуноҳи ман аз модарам рӯ тофта буд. На танҳо, модарам, балки аҳли оиларо ба чоҳи ғам партофта буд. Аксар дар ҳуҷраи намозхонияш танҳо мехуфт. Ғамномаашро ба кас намегуфт. Хонаи мо ғамхонае буд, аз кори кардаи ман падарам мисли девона буд. Фақат баҳонаи ҷанг кардану косаи пур аз заҳри дилашро холӣ намудан мекофт. Ва баъд теғи нигоҳу ханҷари забонашро кашида сӯи модарам мешитофт.

– Эй гумроҳ, эй мӯдарози ақлкӯтоҳ! Оқибат аз дасти ту шарманда мешавам, ҳадафи тири мазоқу ханда мешавам. Ту зани беандешаӣ, ба решаи дарахти умрам тешаӣ. Чаро пеши роҳи духтарамро нагирифтӣ? Чаро тарафи ӯро гирифтию тарафи ҳамсаратро нагирифтӣ? Ба гапи ман нею ба гапи духтарат гӯш кардӣ, магар муносибати ману раисро фа-

ромӯш кардӣ? Акнун бо кадомин дида ба рӯи раис назар мекунам? Туву духтаратро аз хона бадар мекунам…

Аввалҳо модарам доду фарёдашро шунида, мурғи лаппӣ барин аз ҷо намеҷунбид, аз падарам сахт метарсид. Баъдтар ба ҷони ширин расида, овоз бароварда, аз хона қаҳр кард, шаҳди ҳаёташро заҳр кард. Падарам илоҷи дигар наёфта, оқибат худро дур аз олами ғазабу хашм ва гарди пои модарамро тутиёи чашм кард. Дар бозии шатранҷи ҳаёт модарам ғолиб гашт ва номи «хушдомани раис»-ро соҳиб гашт. – Мебахшӣ, дар ин бозӣ ишқу муҳаббат зафар кард ва хотири фарзанд роҳи падару модаратро дигар кард, – гуфта Гулнисоро сахт оғӯш намудам ва азоби чандинсолаву бадиҳои кардаи падарашро фаромӯш кардам.

* * *

Офтобро бо доман пӯшида намешавад. Навиштаҷоти дафтари қисматро кӯр карда, шаҳду заҳри насибаро ночашида намешавад. Домани эҳтиёт офтоби зиндагии ниҳони маро напӯшид. Пораҳои дафтари қисматам ба чашми дигарон расид. Баъди шарбати васлу фараҳи дусола аз ҷоми зиндагӣ бодаи ғам чашидам. Ҳамон шодии дусола оташе буд, ки аз пай сиёҳӣ дошт. Шере буд, ки макри рӯбоҳӣ дошт. Қитъае буд, ки дар дили ҳар каф хок санг дошт. Бешае буд, ки оҳуву паланг дошт. Дарёе буд, ки моҳию наҳанг дошт. Вале ман ба олами ҳусну малоҳат ва ба базми нозу муҳаббат афтода, хаёли фардои ҳастӣ намекардам. Мастӣ карда, андешаи пастӣ намекардам. Заҳр не, тарёки бодаи висолро медидам, ба ҷои хату нуктаи қисмат хату холро медидам. Оташи умедам ғофил аз сиёҳӣ ва шери бешаи бахтам бехабар аз макри рӯбоҳӣ буд.

Рӯзона дар саҳрои заҳмат мегаштам. Шабона низ хирману ҷои молнигаҳдориро хабар мегирифтам. Соате имкон ёфта, ба дари мулло мерафтам, ба пеши Гулнисо мерафтам. Ҳамин, ки субҳ наздик мешуд, дилам равшан не, торик мешуд. Аз банди оғӯши Гулнисо раҳо ва аз олами фароғат ҷудо мегаштам. Берун аз дар шуда, сагҳоро бедор мекардам, онҳоро боз ба дарди ҷакидани беҳуда гирифтор мекардам. Аз Ғиҷовак сӯи деҳаи Алиҷон мерафтам, ба даргоҳи Ҳалимаи меҳрубон мерафтам.

Ҳалима хоҳарзодаи падарам буд, қади баланду рӯи гандумгун дошту зебо набуд, вале зеби хона буд. Бо ақлу фаросаташ зебо метофт, дар ҳама ҳолат дили маро меёфт.

Субҳдам Ҳалима дари меҳрашро ба рӯям во мекард, гӯё сардиҳои теғи нигоҳи хабаркашонро ба гармии пайкари хеш даво мекард. Бе Гулнисо ҳам, барвақт ба хона омадани маро надида буд, бечора заҳри интизориро бисёр чашида буд. Ҳолӣ ҳам кораш интизориву бурдборӣ ва азоби фарзанддорист.

Ҳалима қиссаи зан гирифтанамро медонист, дӯсту душманамро медонист. Ҳар рӯз хабаркаше дари хонаро мисли шамол бехабар мекушод, вале ӯ ба гапҳои занҳои хабаркаш эътибор намедод. Ба ҳоли ин тоифа ханда мекард, бо ханда онҳоро шарманда мекард.

Санҷиши аризаи ба сарвари ноҳия навиштаи Даврони Ризо низ аз пурсупоси Ҳалима сар шуд. Авзои аризасанҷ аз ҷавоби додаи Ҳалима дигар шуд.

– Мегӯянд, ки шавҳаратон шабҳо дер ба хона меоянд. Ба духтари Асади Лутфуллоҳ ҳамхона шуда, ба рӯи шумо дари меҳр намекушоянд?

– Шавҳари ман даҳ сол боз ба хона дер меояд. Рӯзона пушта ба пушта гашта, шабҳо роҳи дуздонро мепояд. Худро ба обу оташи нангу номус мезанад, барои доро шудани колхоз ҷон меканад. Ба духтари Асади Лутфуллоҳ ҳамхона шуданашро аз забони шумо мешунавам, ин тӯҳмат аст, аз рашку ҳасад аст.

Намоянда посухи Ҳалимаро шунида, лол мемонад ва ба Даврони Ризо лаънат мехонад.

Даврони Ризо ҳанӯз қасди душманӣ дошт, лаб газида кинаи нагуфтанӣ дошт. Дар назар худро хап мегирифт, вале пинҳон-пинҳон аз ҳар кас гап мегирифт. Ҳушу гӯшаш ба хонаи мулло буд, интизори кӯдак ёфтани Гулнисо буд.

Рӯзи модар шудани Гулнисо ҳам фаро расид, овозааш ба ҳама ҷо рафт. Даврони Ризо ба ҳар сӯ нома навишт, варақаҳоро пур аз нақши сиёҳи хома кард. Ин дафъа аз боло, аз марказ намоянда омаду маро хело пурсупос намуд, ҷони маро Ҳалимаву Гулнисо халос намуд. Даврони Ризо боз мағлуб шуд, беқадр ранги хошоки пеши ҷорӯб шуд.

Баъд аз ин сӯи саҳрои муҳаббати худ бо умед қадам мегузоштам, тухми бахту ҳамқисматӣ мекоштам. Дигар аз муборизаю

таҳдидҳои Ҳиммати Қудрату Даврони Ризо ва дигар ноошноҳо парво надоштам. Танҳо аз сармои сахту хушк омадани баҳор метарсидам, аз талафёбии чорво ва хушкидани киштзор ҳарос доштам. Намехостам, ки як хаси колхоз кам шавад.

Колхози якҷояшуда ҳам аз хоҷагиҳои қафомонда фарсахҳо дур ва ба дорӣ машҳур шуд. Доро шуда, оҳани кор ва дигар лавозимоти рӯзгор мехаридем. Ба ҳар хона хати родиё кашида, заҳматкашонро ситоиш мекардем. Натиҷаҳои ҷамъбасту ҷаласаҳо аз тариқи родио эълон мешуд, радио кори тарғиботро осон менамуд.

Ҳарчанд, ки гили зиндагӣ аз обу хоки заҳмат аст, заҳматкашон акнун дидори фароғат ва дастархонҳои пур аз нозу неъматро медиданд. Овозаи доро шудани колхоз онҳоро шоду мамнун мекард, аз даргоҳи ноумедӣ берун мекард. Вале намедонистанд, ки аз паи ҳар шодӣ андӯҳ аст, фараҳ зайли коху ғам монанди куҳ аст. Заҳри ин ғамро ҳам аввал худам хӯрдам ва даст сӯи марҳам бурдам. Ин заҳр хабари аз нав якҷояшавии колхозҳо буд, ки Собир Бақоев ба ман расонд. Паридани рангу рӯи маро дида, сухан дар забонаш дармонд. Баъди чанд рӯз боз аз ин боб гап кушода, манфиати якҷояшавии хоҷагиҳоро фаҳмонд.

– Илтимос, маро ба ҳоли худ монед, наранҷонед. Навакак нон ба даҳонамон омадааст, боз аз биниамон хун наояд?

– Не, шумо акнун камбағал нестед, ки аз биниятон хун биёяд. Шумо пухтаед, чӣ кор карданатонро медонед. Сокинони чанд хоҷагии дигарро ҳам нон дода метавонед.

– Метавонем, вале хаставу коркӯфта шудаем, ғамгину ошуфта шудаем. Бори колхози нодорро бардоштан душвор аст. Чаро ҳама хоҳони нони тайёр аст?

– Дар дафъаи якҷояшавии колхози пешина низ айнан ҳамин гапро гуфта будед, розӣ нашудед. Баъди якҷояшавӣ ҳама хуб шуд-ку?

– То хуб шуд, ки аз хоби роҳату фароғати умр дур шудем, зиндадаргӯр шудем. Умрамон дар роҳи кӯҳу пушта сарф шуд, мӯи сиёҳамон ҳамранги барф шуд. Худамон медонем азоби кашидаро ва заҳри чашидаро.

– Ун солҳо кор вазнин буд, оҳани кор камчин буд. Ҳозир он тавр нест.

– Он чӣ ки ба дӯш бор аст, бардоштан душвор аст. Ун солҳо ҷавонтар будам, ғайрат доштам, ба хористон ҳам пои урёнамро мегузоштам. Ҳоло қудрати пешинаро надорам.

Суханҳоям ба дили котиб асар кард, ӯро дар лаҳзае дигар кард.

– Осуда кор кун, ягон фикри дигар мекунем, – гӯён маро гусел то пушти дар кард.

Бисёр хурсанд шудам, гӯё ки мисли мурғаке раҳо аз банд шудам. Вале хушбахтиам дер давом накард. Фаҳмидам, ки умри шодӣ кӯтоҳ будааст, ҷоми зиндагӣ пур аз бодаи ғаму оҳ будааст.

* * *

Собир Бақоевро аз кор озод ва хотири маро ношод карданд. Талбак Ҳошимов котиб шуд, ҳама бесоҳиб шуд. Бемаслиҳат кор мекард, ҳар гуна рафтор мекард, сиҳатро бемор мекард. Ба бозии майдони ҳаёт доварӣ карда натавонист, он қадар роҳбарӣ карда натавонист. Вале дар муддати кӯтоҳи котибӣ нақши нохуби худро гузошт, дар марзи дили мо тухми ғаму андӯҳ кошт. Нопурсида колхози «Тоҷикистон»-ро, ки нодор буд, ба колхози дорои мо якҷоя кард, гӯё, ки дасту пои моро ба рави қисмати миёншикастаҳо поя кард. Худаш рафту моро дар бало монд, тифлакони умеду ормонро дар сари роҳи даҳҳо аждаҳо монд.

Колхозҳои ҳамсоя якҷоя шуданд. Боз қуръа ба номам афтод. Дасти сармо ба шохаи бодомам афтод. Боз бо суханҳои гарм обам карданд, раис интихобам карданд. Ҳисобу китоб аз сар шуд, тифли хоб аз ҷабру зуқ-зуқи хаёл аз хонаи дида бадар шуд. Акнун роҳбарӣ ба колхоз осон набуд, саришта кардани созу носоз осон набуд. Замини хоҷагӣ дар ҳар канори ноҳия паҳну пареш буд, дил аз беандешагии тақсимкунандаҳо решреш буд. Рӯзона ба як гӯшааш мерафтаму шабона ба дигар канораш. Гоҳ дар саҳрои ғаллакораш будаму гоҳ дар чарогоҳи чорводораш. Гоҳе дар чайлаи сари хирмани деҳқон мехуфтаму гоҳо дар хаймаи чӯпон. Гоҳе лаби киштзор ҷои хобам буду гоҳе кабини трактор. Дидори фарзандонро ба зудӣ дида наметавонистам, ба висоли Гулнисо расида наметавонистам. Агар шамоли бегоҳро намехӯрдам, худро то гӯшае намебурдам, роҳи фароғат мечустам, ҷогаҳи роҳат мечустам, ба ҷое намерасидам, дурри мақсудро намедидам.

* * *

Баъди якҷояшавии хоҷагиҳо корро аз обёрӣ сар кардам. Ба ин кор кампире сабаб шуд. Кампир маро дар роҳи деҳаи қадимаи Пушинг дида гуфт: Номам Хатича, ҳаштодро пур кардам. Чанд вақт аст, ки ноҷӯрам, по ба лаби гӯрам.

Дар ин умри дароз бори ранҷу гудозро кашидам, заҳру зуқуми зиндагиро бисёр чашидам. Даҳҳо раҳбаронро дидаам, ки омадаанду бенишон рафтанд, чун тире аз оғӯши камон рафтанд. Фаромӯш накун, ки аз нек боғу аз бад доғ мемонад. Ободӣ аз об аст, об додан кори бисёр савоб аст, – гӯён дастамро гирифта ба тарафи рости кӯча бурд ва бо дасти дигараш ишора карда гуфт: Ҳо, ба ҳамин теғаи кӯҳ нигоҳ кун, хубтар нигоҳ кун, дар камари ҳамон кӯҳ чашмае ҳаст, ки «Чашмаи Айрон» ном дорад. Барои он «Айрон» ном дорад, ки обаш сарду ширин аст. Дар поёни ҳамон чашма ватани падари ман аст. Дар кӯдакӣ обашро хӯрда, то ҳол лаззаташро фаромӯш накардаам. Агар ҳаму ова биёрӣ, бачам, як қатра хӯрда баъд ҷон ба хок супорум, ормон надорум.

– Ҳаму ова меорум, оча, албатта меорум.

– Бачам, илоҳӣ бори умедут дар ними раҳ намона, парвардигор туро ранги ма ба пирӣ расона – гуфт кампир ва асозанон рафт, бо чашми гирёну бо дили бирён рафт.

Кампири Хатича рафт, ашки маро надида рафт. «Як қатра оби ватанро хӯрда, баъд ҷон ба ҳақ супурум, ормон надорум» гуфтанаш ватани кӯдакии маро – Бойпулии чун хирмани гулро ба хотир овард, бори дарду алам ба дӯши дили мани мусофир овард.

Дар ҷавонӣ касе ватан надорад, ватан аз пирӣ сар мешавад. Ҷавонӣ сармасти ишқу ҳавасҳо ва хушиҳои хеш ба ҳар тараф меравад. Вақте ки умр ба ҷое расид, дар сар аз фишори зиндагӣ сафедӣ дамид, ҳар кас худро канор аз байни мардум мезанад, дилаш ба ёди мулки бобоӣ гум мезанад.

Кӯдаки хаёли ман ҳам сӯи мулки бобоӣ гурехт, аз паяш абри дидагонам борони ҳасрат рехт. «Дар пирӣ бахт ҳабибам мешуда бошад, хоку оби Бойпулӣ насибам мешуда бошад?» Кӣ медонад? Насиби кадом хоку обе, ки кашида бошад, надида илоҷ нест. Хоку оби ватан насиб нашавад ҳам номаш насиб шавад, шуд. Аз пушти фарзанди нек номи ватан вирди забон ва машҳури ҷаҳон мешавад. Ба хотири номи ватан ҷонамро фидо

мекунам. Аз Бойпулӣ буданамро нишон медиҳам, ба кампири Хатича косаи об аз чашмаи Айрон медиҳам.

Бо ҳамин хаёл чӣ тавр аз як кӯча ба дигар кӯча гузаштану ба дари идораи колхози барҳамхӯрда расиданамро нафаҳмидам. Ба рӯям бехабар дар кушодани посбони идора банди хаёламро барканд, балки дар он лаҳза мурғаке будам, ки гӯё сайёде пару боламро барканд.

Ҳоли посбони мӯйсафедро пурсида, бо ду сухани нарм вақташро хуш кардам, баъд ҳисоботашро гӯш кардам. – Ғании Дилшоду Зафари Шаддод омада, як соат дар қабулгоҳ нишастанд, хумори худро шикастанд. Хело гулӯ даронданд, бо лақ-лақашон ба ҷон расонданд…

– Муҳибуллоҳи Ҳусейн наёмада буд?

– Не, он кас инсони неку дурандешанд. То кори зарураш наафтад, то суроғаш накунанд, ба ягон дар намеравад, худнамоӣ намекунад. Ғании Дилшоду Зафари Шаддод бошанд, ранги беди беоранд, реша надоранд.

– Рафта Муҳибуллоҳи Ҳусейнро кофта биёр.

– Мо ӯра раис бо ному насабаш не, ба лақабаш мешиносем.

– Муҳибуллоҳи экспедитор.

Посбон ба сари Муҳибуллоҳ рафт. Муҳибуллоҳ таъмингари масолеҳи бинокорӣ буд, одами даркорӣ буд. Домани корро сахт медошт. Дар корбудкунӣ ҳамто надошт. Забони русиро хуб медонист, бо сухани гарму нарми хеш дили ҳар гуна инсонро меёфт. Як одати дигар ҳам дошт ва бинандаро дар ҳайрат мегузошт. Шарт карда даст ба чӯяки занҷабил мебурд, як кило занҷабили тундро бе нон мехӯрд.

* * *

Посбон Муҳибуллоҳро ёфта оварда.

– Ҳа занҷабилхӯр, дар кучоҳо мегардӣ, дур-дур аз мо мегардӣ. Хабар намегирӣ, ба назар намегирӣ.

– Раис, агар дур-дур нагардам, дар кашондан машҳур нагардам. Бинокорон ба роҳам дидаи пазмонанд, такудав мекунам, ки бекор намемонанд.

– Ҳазл кардам, акаи Муҳибуллоҳ. Эҳтироми мову Шумо дар меҳнати ҳалол аст.

– Ман ҳам ҳамин хел гумон мекунам, мушкили бинокоронро осон мекунам.

– Шумо момаи Хатичаро медонед?

– Ӯро кӣ намедонад? Як зани солхӯрда аст.

– Барои чӣ хотираш мудом озурда аст?

– Ҳар қадар, ки одам солхӯрда шавад, ҳамон қадар хотираш озурда шавад. Агар дурафтода бошад, обу хоки ватан ба ёдаш меояд, ҷои мадфан ба ёдаш меояд, гирён мешавад, ҷигарбирён мешавад.

– Акаи Муҳибулло, шумо рамузфаҳмед, дунёи раҳмед. Мақсадамро зуд пай бурдед. Ана, ҳамон кампири Хатича аз хӯрдани оби талх ғамгин аст, дар хаёли оби ширин аст. Мехоҳад, ки аз оби ватанаш «Чашмаи Айрон» як қатра нӯш кунад, сӯзи дилашро хомӯш кунад. Мехоҳад, ки ҷони мардумро аз хӯрдани оби талх бихарад. Чӣ созем, ки кампир ин ормонашро ба гӯр набарад?

– То миёнаҷои деҳаи Пушинг овардани оби «Чашмаи Айрон» кори душвор, барои як фарсанг роҳ қубур даркор. Ҳоло дар хазина як дона қубур надорем. Кори хайр ҳамеша ба хубӣ анҷом меёбад, аз паяш шуда кофта меорем .

Муҳибуллоҳ сафарномаро дар ҷайб зад, як ҳафта ғайб зад. Куҷоҳоро кофт, дили киро ёфт, худаш медонад. Муҳимаш, ки супоришро иҷро кард, ҳуҷҷати барои як фарсанг роҳ қубурро тахт карда овард.

Дарҳол маблағ гузаронда, мошин ҷудо карда қубурҳоро кашондем. Бо ин кори худ роҳбарони ноҳияро дар ҳайрат гузоштем. Зеро ки Муҳибуллоҳи забондону дилёб доштем…

Устоҳо Ғулому Ғозӣ ва мардумони аз ин кори хайр розӣ ҳашар карда, дар саргаҳи обу дар миёнаҷои деҳа ҳавзҳои обғункунӣ сохтанд. Барои хобонидани қубур заминро се ваҷаб чуқур канда, дар бисту ҳафт рӯз обро оварданд.

Акнун хурду калон кӯза таги каш оби ширин мебурданд, дигар оби талхро намехӯрданд. Момаи Хатича ҳам ду сол аз оби ватанаш хӯрд, ормонашро ба гӯр набурд.

* * *

Бори рӯзгор, ки ба дӯш афтод, Гулнисо говдӯш шуд.

Ҳанӯз субҳ надамида, бонги хурус нарасида, аз пайроҳаҳои борик ва ҷойҳои торик гузашта, ба коргоҳ мерафт, барои ба говҳо додани кунҷораю коҳ мерафт.

Майдони чорвонигаҳдорӣ аз хонаашон хело дур буд. Аз дасти сагони гиранда ба он ҷо рафтан осон набуд. Вале ӯ

шабона фонус дар даст аз як канори деҳа ба дигар канораш мардонавор қадам мезад. Гӯё ки ба ангушти асочӯб эҳтиётӣ чодари шабро қалам мезад. Ҳамчун насими муждаовари бомдод дари коргоҳро бехабар мекушуд. Посбони мурдахоб бедор намешуд. Ҳама кунҷораҳоро, ки мебурданд, хабардор намешуд. Гулнисо остинро то оринҷ барзада, гирудор мекард, тарит тайёр мекард. Ва баъд пушту паҳлуи говҳоро нарм-нарм молиш дода, гӯсолаҳоро монанди тифлакон навозиш менамуд. Ҳайвон меҳрубониро ҳис карда, қади қил намеҷунбид. Гулнисо осуда гов медӯшид.

Гулнисо медонист, ки дар ферма чӣ қадар коҳу кунҷора мавҷуд аст. Баъди ба сомон расидани кори шабона, айни рафтанаш ба хона, аввал ғарами коҳу халтаҳои кунҷораро хабар мегирифт. Субҳдам низ ин корашро такрор мекард. Ҳангоми гирифтани коҳу кунҷора гирду атрофашро як маротиб давр зада, ҷо ба ҷо будан ва ё набуданашонро месанҷид, бо тарозуи нигоҳ чӣ қадар кам шудани кунҷораро бармекашид.

Аз рӯзе, ки Гулнисо говдӯширо пеша кард, хори ғам дар замини дили саркору посбон реша кард. Аз кунҷора бурдан монданд, аз ширу қаймоқ хӯрдан монданд. Медиданд, ки Гулнисо худ ба худ ким чи хел ишорат менамояд, онҳоро назорат менамояд. Намехостанд, ки Гулнисо дар ферма кор кунад.

Баҳона мекофтанд, ҳар гуна гап мебофтанд. Мехостанд, ки ба асабаш расида, азобаш диҳанд, роҳе ёфта, аз кор ҷавобаш диҳанд.

Ҳарчанд мекофтанд, илоҷ намеёфтанд.

Баъд аз говдӯш шудани Гулнисо Даврони Ризо зуд-зуд аз роҳи пушти девори ферма мегузашт, гоҳо дар саҳни майдон пайдо мегашт. Баъзе говдӯшҳоро дида, кору рафтори Гулнисоро пурсида, гап мегирифт. Гоҳо наздик омадани Гулнисоро дида, таъназанон: «Наход зани раис либоси куҳна пӯшад, гов дӯшад» – мегуфт ва гӯё бо ҷорӯби фараҳ гарду хошоки хонаи дилашро мерӯфт.

Вале Гулнисо ҳам сода набуд, дар пойгоҳи мубориза пиёда набуд. Саманди нангашро қамчин зада ба ҳариф ғолиб мешуд.

Ману Гулнисо аз дасти кору нанг ҳол надоштем, фурсати дидани висол надоштем, дар ҳафтае ду шаб пинҳонӣ во мехӯрдем, даст ба домани бахту зиндагӣ мебурдем.

Аз пироҳани Гулнисо накҳати ҳаловатбахши шири навдӯшида меомад, балки накҳати ҳавои баъди борон аз замини сабзадамида меомад. Бовар намекардам, ки ин ҳамон духтарак бошад, духтараке, ки як замон сӯям нигоҳи дуздона мекард, хандаи мастона мекард. Имрӯз ӯ чун дӯшина нест, овораи холу хату дидани оина нест. Рӯзгор ӯро тамоман дигар кардааст, дар хоки вуҷудаш тухми мардонагию нангу номус парвардааст.

Акнун Гулнисоро ҳам аз дасти хаёлҳои бесару нӯк хоб намебурд, ғами доро шудани колхозро мехӯрд. Гоҳо нисфи шаб гову гӯсолаҳоро диданӣ мерафт, бо ин баҳона дуздонро поиданӣ мерафт. Сари мӯе ваҳм надошт ва ба дуздон раҳм надошт. Якчанд ҷуволу хӯрҷини саркору посбонро аз маркаб фуровард, онҳоро аз саманди матлаб фуровард. Ба ҳоли дуздони худӣ ханда кард, гунаҳгоронро шарманда кард. Акнун саркору посбон эҳтиёт ва андешаи фардои ҳаёт менамуданд.

Якҷояшавии хоҷагиҳо барқе буд, ки дар дили иғвогарони мансабталаб чароғи андӯҳ афрӯхт, хонаи умедашонро сӯхт. Баъди барҳам хӯрдани колхозашон онҳо попӯшашонро нав карданд, хело такудав карданд. Вақте ки интихобашон накарданд, роҳбари кордон ҳисобашон накарданд, дилхун шуданд, баъд як ҷо ғун шуданд, нақшаи муборизаи худро созмон доданду ба роҳи тӯҳмату иғво қадам ниҳоданд.

– Мо якҷояшавиро намехоҳем, ҳамсояшавиро намехоҳем. Худамон сарҳисобамонро меёбем, саволу ҷавобамонро меёбем. Барои манфиати халқи худ мубориза мебарем, ҷонамонро аз азоби камбағалӣ мехарем, – мегуфтанд иғвогарон ва бо навбат дар қабули роҳбарони ноҳияву марказ буданд, гӯё ба мардум додрас буданд. Додрас не, бо ҳамин баҳона аз кор мегурехтанд, бо элаки найранг хоки қисмати мардумро мебехтанд. Оҳанрабоеро мемонданд, ки заҳматкашонро чун оҳан ба тарафи худ кашидан мехостанд, соҳиби мансаб шуда, лаззати меҳнати онҳоро чашидан мехостанд.

Дар якҷояшавии дуввумини колхозҳо бо таъқибу таҳқири «Сегонаҳо» гирифтор шуда будам, аз ҷони ширин безор шуда будам. Дар навбати сеюми якҷояшавӣ бошад, муборизаи сахти «Панҷгонаҳо»-ро дидам. Дар маҷлиси аввалини колхозҳои якҷоя суханҳои таҳдорашонро шунидам.

Мехоҳам тарҳи рӯи онҳоро як-як ба қалам ва онҳоро ба ҳукми фарзанди неки одам диҳам.

Зафари Шаддод – қади пасту рӯи хунук дошт, сергапу ҷанҷолӣ буд. Айбҷӯйӣ мекард, берӯйӣ мекард, ҳар рӯзаш бо даъво мегузашт, умраш бо ин дарди бедаво мегузашт, дилу хотири даҳҳо кордонҳоро озурда буд, сари мансаби чандин роҳбарро хӯрда буд.

Қурбони Усмон – аспрӯи зардчашм буд. Аз курсии мансаби калон афтода пурхашм буд. Мисли кӯдаки бесаре, ки бо асочӯбе хонаи занбӯрро хала-хала мекунаду занбӯронро гизала мекунад, дар роҳи сиёҳ карданам гом мезад.

Ҷӯраи Баҳром – қадпасти бузрӯй буд, мисли Зафари Шаддод айбҷӯй буд. Саводи казоӣ надошт, вале пои худро ба осмони ҳафтум мегузошт.

Ғании Дилшод – қадпасти зардрӯй буд, чашмони кабуд дошт, гарди пои Зафари Шаддоду Қурбони Усмонро ба дида мебардошт.

Наъими Комрон – тарҳи рӯи ӯро ба қалам намедиҳем, тасвири роҳу рафтораш аз фаҳмам дур аст. Хабаркаши машҳур аст.

Вақте ки «Панҷгонаҳо»-ро якто-якто ба ҳуҷраи корӣ мехондам, неку бадро мефаҳмондам. «Дигар даъво намекунам» гуфта, қасам ёд мекарданд. Ҳангоме, ки бо гурӯҳи худ як ҷо мешуданд, боз нақшаи макри худро кашида, девори кинаи худро бунёд мекарданд: Хулас онҳо маро ба ҷон мерасонданд, осуда кор кардан намемонданд. Вале ман: «Мард бояд ҳаросон нашавад, мушкиле нест, ки осон нашавад» гуфта, бо теғи нигоҳ «Муборизон»-и ҷамъкардаи онҳоро пароканда мекардам, дар ҷаласаҳо бо як сухан ҳар кадомашонро шарманда мекардам. Ҳарчи мегуфтам, чу ойина рӯ ба рӯ мегуфтам, на чун шона мӯ ба мӯ. Бори ғайбаташонро ба ҷое намебурдам, бештар ғами кори колхозу рӯзгори носозро мехӯрдам.

Дурии хирманҳову фермаҳои деҳаи Пушингу мавзеи Олимтой бори нангро ҳам гарон мекард, бандаро ҳамчун гумшудаи дур аз назари иғвогарон мекард.

Ду соли ҳаёт бо сахтгирии ману муборизаи чанд тан бад гузашт, бо вуҷуди ин колхоз ба даромад гузашт. Саҳроҳо пур аз ғалла шуданд, пуштаҳо пур аз раммаву галла шуданд. Ин ҳама нишонаи заҳмату кандани ҷон буданд, сипари

ханҷаргардон буданд. Самари заҳмат ба ман руҳ мебахшид, ба ҷисму ҷонам тоби куҳ мебахшид…

Баъди дувоздаҳ соли раисӣ, ки рӯзу шаб заҳмат мекашидам, бори аввал лаззати фароғатро чашидам. Роҳхат гирифта, ба диёри Қафқоз рафтам, дур аз колхоз рафтам. Дар ҳамон ҷо ҳам ҳушу ёдам банди кору бори хоҷагӣ буд, банди беҳтар шудани зиндагӣ буд. Афсӯс мехӯрдам, ки кори нобаҷо кардам, худро аз оғӯши саҳро ҷудо кардам. Охир, ки нашуд, аз баҳри дамгирӣ гузаштам, пеш аз мӯҳлат ба диёр баргаштам.

* * *

Зимистони соли 1963 ба дарахтони боғи колхоз не, ба бодоми қисматам асар кард, навдаву шохаҳои орзуву умедамро бесамар кард. Гӯё ҳама барфбодаш ба сарам рехт, муғчаҳои умри самароварам рехт. Дилам мисли ях сард шуд, сард аз дасти сангдилони номард шуд.

Вақте ки ханҷари умеди номардон ба ҷавшан нарасид, дастони кӯтоҳи нафраташон ба гиребони омоли ман нарасид, бо маслиҳати Даврони Ризо заифона дар номаҳояшон номи Гулнисоро ёдовар шуданд.

Он рӯзҳо дар пойтахт ҳолати ногувор ҳукмрон буд, дар ғами мансаби худ ҳар калон буд. Ҳайати роҳбарони ҷумҳуриро дигар мекарданд, намояндагони СЕКА барои аниқ кардани гунаҳгорон ба ноҳияҳо сафар мекарданд. Роҳбарони аксар колхозҳо дар ларза буданд, гӯё ки ба дами оташ мисли каҳдарза буданд. «Нависандаҳо»-и мо ҳам фурсатро ғанимат шумурда, ба намояндае, ки ба ноҳия омад, воҳӯрда баъд ҳамроҳи худ як дарза хат гирифтанд, қабулгоҳи СЕКАро ду моҳ амонат гирифтанд. Дузана будани маро ошкор ва бо талаби худ роҳбарони навро безор карданд.

Дар боло маро бисёр эҳтиром мекарданд, бояд соҳиби ягон инъом менамуданд, вале маҷбур шуда ба поён фармон доданд, ки коҳи нотинҷиро камтар бод намоянд, маро аз раисӣ озод намоянд.

Котиби ноҳия Анвари Назар намехост, ки маро аз вазифа озод кунад, хотири даъвогаронро шод кунад, вале амри боло воҷиб буд, марге барои котиб буд.

Як рӯз пеш аз оғози Наврӯз, яъне бистуми марти соли ҳазору нӯҳсаду шасту се маро аз раисӣ озод ва хотири коргурезони иғвогарро шод карданд.

Ҳамон рӯзоне, ки дар пуштаҳо сабза дамида буд, айёми рустани гиёҳову шукуфтани гулҳо расида буд, дар киштзорон донаҳои кошта сар кашида буданд, сабзаву гиёҳи умеди ман заъфарон ва гулҳои ормонам баргрезон шуд. Ҷелаки аз кашокаши мардум дарида, заҳру зуқуми чашида, рӯзу шабони нахобида, дуздони қапида, азобҳои кашида, хулоса ҳама заҳматҳои дида, як-як пеши рӯ омад, гиря дар гулӯ омад.

Колхози мӯҳтоҷ соҳиби боҷ шуд, мардуми бекулоҳ соҳиби тоҷ шуд. Дардҳои камбағалиро даво ва хоҷагии нодорро доро кардам.

Ба Раҳмони Талаб ғайри пули дар хазина 460 сар асп, 750 сар хук, 2596 сар гов, 13 ҳазору 333 сар гусфанд, 14 ҳазор сар мурғ, анборҳои пури ҷаву гандум, наску нахуд, кунҷиту зағир ва дигар намуди маҳсулотҳо супурдам. Ин ҳама дороии як колхози солҳои охири панҷоҳум буд, ки дар қолаби фаҳму идрок намеғунҷид, ин ҳама аз ҳисоби фаровонии ғаллаи арзон буд, нишонаи кандани ҷон буд, самари мазраи нангу виҷдон буд. Хуллас, қисмати колхози давлатмандро ба раиси нав ҳавола кардам, хайру маъзур бо заҳмату ҷонкании чаҳордаҳсола кардам.

Чаҳордаҳ сол ҷон канда, дар лаҳзае аз маърака берун шудам, аз дасти носипосӣ ҷигархун шудам, барои бемансаб шудан ғам нахӯрдам, барои аз даст рафтани вазифа намурдам. Ғами дилу ҷигари хункардаамро хӯрдам, ғами ганҷинаи бо азоб ғункардаамро хӯрдам.

* * *

Моҳи савр қадами нобаҷо гузошт, бар дӯшаш борхалтаи дарду ғамҳо дошт. Чанд рӯзи боронӣ дасти мардум аз домани кор хато шуд, зори паи пойи деҳқон саҳро шуд. Обҳои ҷамъшуда қадоваҳоро пур карданд, аз хамгаҳҳои миёни қитъаҳои гандумзор гузашта, ҷо-ҷоро мисли ҷӯю заҳбур карданд. Дар қади дараҳо селоб кашмакаше бо регу санг мекард, бо ҳар чие, ки аз сари роҳаш мебаромад, ҷанг мекард.

Шабона шир-шири борон баландтар ба гӯш мерасид, ҳамчун нолаи дардноке аз дили шаби хомӯш мерасид. Фиғони борон маро ҳам гирён мекард, гӯё аз расидани ҳар қатра дилам ҷиз-ҷизе мисли тобаи тасфон мекард. Лонаи чашмонам ранги боми чакон мечакид ва гӯё мурғи хоб аз тарси таршавӣ аз дарахти пайкарам мепарид. То нисфи шаб

меши чашмонам шиғи мижгонамро ба сар мебардошт, маро ором намегузошт.

Як моҳ хонанишин шудам, аз дасти бекорӣ ғамгин шудам. Роҳбаре суроғам накард, марҳаме ба доғам накард. Холи Мирзову Абдуғаффори Қаюм, Бароти Насриддин ва боз дигар деҳқонони ҳалолкори нонофарин барандаи ғами дилам буданд, шарики рӯзҳои мушкилам буданд. Мисли насими нарми субҳдам дари хонаамро бехабар кушода, меҳрубониҳо мекарданд.

Рӯзҳои боронӣ ман будаму кунҷи танҳоӣ, ман будаму ҳуҷҷатҳои бачоӣ. Аз ҳар ҳуҷҷату фармони додаам ва имзои ниҳодаам ду нусхагӣ доштам, якеро дар идораю дигареро дар хона мегузоштам. Сандуқи калон пур аз навиштаҷот буд, ҳамаи ин нишонаи қадами ниҳодаам, дар роҳи дури ҳаёт буд.

Ба ҳуҷҷатҳо назар мекардам, хаёлан аз роҳу пуштаҳо гузар мекардам. Чаҳордаҳ соли роҳбарӣ аз пеши рӯ мегузашт, мисли руде умри тақсимшуда аз роҳи садҳо ҷӯ мегузашт. Рӯзҳои боронӣ дардмандеро мемондам, ки дардҳои деринаам аз нав тоза ва беш аз андоза мешуд. Ҳамин, ки офтоб рух менамуду нам аз замин андак мепарид, дар ҳаётаву пуштаҳои пушти хона гардиш мекардам, соате рӯ ба олами осоиш мекардам. Аз талу теппаи баланд таҳдашт, пуштаҳои Пайқавоқу Дӯстбахш, Нони Калону Обдони Кӯчар ва мавзеи Олимтой ҳамвору махмалин менамуданд ва бо зебоии худ дилро мерабуданд.

Як замон он пуштаҳоро бо каланду сипор шудгор карда, дастӣ дон мекоштанд ва бо азоби миёншикан ҳосил мебардоштанд. Ҳосили ғалларо бо даст медуруданд, аз дарду алами меҳнати тоқатфарсо «Ман доғ» месуруданд. Ҳоло бошад колхоз гандумдарави сталинӣ ва якчанд комбайни навбаромад дорад. Кор акнун хело осон шуда аст, гӯё ки майдони пойгоҳи «давандон» шудааст. Ана, ҳамон хамгаҳи қитъаи Пайқавоқро сел зер карду гувоҳдиҳандае аз пушти чакмани зормонда моро аз ҷон сер кард. Қиссаи «Чакман»-ро фаромӯш карданам гарон аст, он порае аз мушкилоти рӯзгору тобу тоқати роҳбарон аст, бардоштани бори нозу ишоратгари чашми тамаъи тафтишгарон аст.

Мехоҳам он қиссаро ёд оварам, лаҳзае рӯ ба олами имдод оварам.

* * *

Баҳор сербориш омад. Як рӯз осмон софу се рӯзи дигар абролуд буд. Ҳар дам аз каноре овози ғулғулаафкани раъд ба гӯш мерасид, ханҷари барқ синаи абрҳоро медарид, борон беист меборид. Ҳар қатра мисли тире ба тани замин не, гӯё бар тани мо бармехӯрд, самари меҳнатамонро сел мебурд.

Сел роҳу пайроҳаҳоро монанди чӯби паҳне тарошида, ранги нова мекард, киштзорро бошад чун хирманҷо андова мекард. Майсаҳо чеҳраи офтоби ҷонбахшро надиданд, аз намнокии зиёд зард шуда пӯсиданд. Баъд аз як ҳафтаи хабар додан гувоҳдиҳандагон омаданд, бехабар омаданд, се нафар омаданд.

Онҳо дертар, қарибиҳои шом, ҳамон вақте ки офтоб, аллакай ба ғурубҷо наздик мешуд, дари ҳуҷраи кориамро кушоданд, ҳуҷҷатҳояшонро нишон доданд.

– Ҳоло то ба кӯҳу пушта хайма задании ҳокими шаб вақт ҳаст, хаму қитъаҳои офатрасидаро ба ҳамин равшанӣ дидан мумкин, – гуфтанд онҳо.

– Пагоҳ бинем-чӣ?

– Не, ҳозир беҳтар. Барои ирумаш як мебинему баъд бе-ташвиш мешинем.

Амри меҳмон воҷиб. Боз меҳмонони ман оддӣ не, гувоҳдиҳандаҳо. Ба амрашон розӣ нашуда, чӣ ҳам мекардам?

– Майлаш, хоҳед ҳозир, хоҳед пагоҳ. Ихтиёр ба шумо.

– Ҳозир беҳтар. Маслиҳат кардан гирем, дер мешавад. Рафтем. Пиёда-пиёда қадам зада, зуд ба сари замини шафати деҳа расидем, қитъаҳои офатзадаро дидем.

Майсаҳо заминшин шуда, ҷо-ҷоро хут зер карда буд. Киштзор монанди сари захмину каммӯй менамуд. Дилам ба заҳмати барбодрафтаи деҳқони хунҷигар месӯхт. Вале ҳар гувоҳдиҳанда сӯи гандумзори дар обу лой ҷӯлида бефарқ дида медӯхт.

Онҳо ғами шиму попӯши озодаи худро хӯрда, лаб-лаби замин гардиш карданд, гӯё тафтиш карданд. Як давр заданду дар фикри бори шикамро ба ҷое бурдану нишастану хӯрдан афтоданд.

– Ин бегоҳ ҳиммати раиси колхози дорорo мебинему пагоҳ ҳуҷҷатҳоро соз мекунем, – ишора карданд меҳмонон.

Чун аломати тасдиқ аз ноилоҷӣ сар ҷунбондам ва онҳоро ба хонаи худ хондам. Не нагуфтанд. Мамнун шуданд.

Дар рӯи суфаи кунҷи ҳавлӣ, ки ҷои камрафтуо буд, дастархони хоксорона густурдам. Ғайри ду нону се-чор дона қанди похсагӣ, ки сталинӣ мегуфтанд онро, чой ва як табақ палови камгӯшт дигар чиз дар дастархон набуд. Аз шароб ному нишон набуд.

Зиёфати бешароб, ба гумонам, ба онҳо он қадар нафорид. Болиштҳоро таги каш карда, ба нуқтаҳои номаълуме нигоҳҳои норозиёна медӯхтанд. Кӣ медонад, ки аз оташи қаҳри ниҳонашон дарун-дарун месӯхтанд.

Шаб ҳам мисли нигоҳҳои онҳо сарду дилгир буд, ҷисмҳои обутобнаёфтаашон нишони шамоли сарди чун тир буд. Шабона ҳаво торафт сардтар мешуд. Нимашаб бе рупӯши ғафс хобидан мумкин набуд. Хусусан гувоҳдиҳандагони азоби сардиро надида тоқати ин гуна сардӣ надоштанд, тоби мардӣ надоштанд.

Зиёфат ҳар ранге, ки буд, гузашт. Айни хоб шуд, вақти сарҳисоб шуд. Ду кӯрпа буду се меҳмон. Ҳайрон будам мани мизбон. «Ҳиммати раиси колхози дороро мебинем» – гуфтани меҳмонон ба ёд омад, гӯё ин сухан аз забони бод омад.

Хайр, гуфтем, ки колхоз доро, ба боғаш садҳо намуд нахл дорад, ин ба рӯзгори ман чӣ дахл дорад? Ганҷинаи колхоз ҳаққи ҳалоли заҳматкашон аст, азони деҳқону чӯпон аст. Музди кори ман ба ҳамин ду кӯрпаву кӯрпача ва хӯрондану пӯшондани оила сарбанӯг мерасад. Агар росташро гӯям, гапам ба гӯши гувоҳдиҳандагони тамаъҷӯ хунук мерасад. Наход ин ҷиҳатро нафаҳманд? Дар ин нисфи шаб аз хонаи ҳамсоя, ки дар он тарафи теппа ҳаст, кӯрпа талбидан хуб нест. Ҳар чи бодо бод гуфта, ду курпаро ба ихтиёри ду меҳмон ҳавола кардам, чакманро ба рӯи ҷогаҳи сеюмаш гузоштам. Чи кунам, дигар илоҷ надоштам. Субҳдам меҳмони чакманпӯшро дар рӯи ҳавлӣ дидам. Бо қавоқи овезон ба ҳар тараф нигоҳ мекард, балки бо кина ба ҳар алаф нигоҳ мекард. Ба гирдаш тоб хӯрдан фоида надошт, ғубори қаҳру кинаашро бурдан фоида надошт. Худро номаълумакак ба пушти девор гирифтам, ниҳон аз чашми он мурдор гирифтам.

Ӯ сахт ранҷида буд, ҳоли маро нафаҳмида буд.

Нонушто ҳам накард, ғайри «иштиҳо нест» сухане ба забон наовард.

Фақат дар идора ба гап даромад, овозаш баромад. «Ба фикрам як бори дигар замини обшустаро дидаву аниқ кардан зарур».

– Бегоҳӣ дидем, санҷидем, кифоя. Аз нақша мебарорем, дигар қуввати ба он ҷо рафтан надорем, – посух доданд ҳамроҳонаш.

– Бегоҳӣ саросема дидем, хуб насанҷидем..

Ман ба ҳар хел ҳуҷҷати хому хатала имзо намегузорам, – якравӣ кард ӯ ва ба гапаш истод. Бе имзои ӯ имзоҳои ҳамроҳонаш кор надод. Худи ҳамон сол қитъаи селзада дар нақша монд, ба баланд шудани ҳосили миёнаи ҳар қитъа халал расонд. Баъд фаҳмидам, ки хатоӣ дар ҳуҷҷатҳо не, дар чакман будааст, гувоҳдиҳанда малол аз ман шудааст.

* * *

Аз баландии пушти хонаам биноҳои идораи колхозу мактаб ва нисфи деҳаи Ғиҷовак метобад. Дидагони ман аз миёни хонаҳо хонаи Асади Лутфуллоҳро меёбад. Як ҳафта шуд, ки Гулнисову фарзандонро надидам, пораҳои дилу ҷонро надидам. Аз пеши Ҳалимаву фарзандони калонам ва бародарони ёрирасонам дур нашудам.

Ҳафтаи гузашта, вақти говгум ба Ғиҷовак расидам, аз бадбахтӣ дар роҳи пушти ҳаётаи мулло Даврони Ризоро дидам.

– Ҳа Абдукарим, дар ин бевақтӣ роҳгум задӣ, ки ба деҳаи мо омадӣ? Ё ки бекор монда, ба пеши Гулнисо омадӣ? Ҳа, фаромӯш кардам, кор-пор ёфтӣ? Хору зор намешудӣ, агар аз мо рӯ наметофтӣ. Ба пурсишҳои Даврони Ризо посух надодам, ба роҳи хеш қадам ниҳода, дарбачаи муллоро кушодам.

– Кор накунӣ ҳам рӯзат мегузарад, ҷамъкардаҳоят ҷонатро мехарад, – ба гӯш омад овози Даврони Ризо.

Вақте ки мансабдор будам, ба корафтодаҳо даркор будам, ба ҳама бадбинӣ Даврони Ризо ҳам маро «раис» ном мебурд. Бо панҷаи суханҳои сардаш диламро намефишурд, вале он бегоҳ бе салому пурсиш «Ҳа, Абдукарим, кор накунӣ ҳам рӯзат мегузарад, ҷамъкардаҳоят ҷонатро мехарад» гуфта, бо ханҷари забон диламро реш-реш кард, дарду аламамро беш кард.

Қисмати гузашта боз ба ёдам расид, аз қаъри дил фарёдам расид. Борҳо аз дасти ғаму нодорӣ қариб, ки мурдам, вале ҳаққи касеро набурдам, чун кирмак аз пушти шолӣ об

нахӯрдам. Аждаҳои нафсро кушта будам, ба хаёли доро шудани колхоз оғӯшта будам. Ягона гуноҳам ду зан доштан ва ба даргоҳи Асади Лутфуллоҳ қадам гузоштанам буд. Аз ин дар роҳи хато хӯрдан набуд, ҷои дили ошиқшудаи Гулнисоро озурдан набуд. Аз Гулнисо шикояте надорам, ғайри қиссаи муҳаббаташ ҳикояте надорам. Меҳрубонияш мададгорам шуд, гиреҳкушои ришстаи корам шуд. Ба дӯшаш, ки бори рӯзгор афтод, дар фикри кор афтод. Ба ферма рафта, ба говдӯшӣ овора шуд, назоратгари коху кунҷора шуд.

Ин бегоҳ дар хонаи падарарӯсам меҳмон мешавам, ҳамсӯҳбати Гулнисою фарзандон мешавам. Ва пагоҳ ба сураҳи ҷои кор ва таъмини эҳтиёҷи рӯзгор мебароям.

* * *

Баъд аз як моҳи бекорӣ, мани серфарзанди мӯҳтоҷи ёрӣ бо Раҳмони Талаб рӯ овардам ва аз ӯ ҷои кор талаб кардам. Хотири чаҳордаҳсола заҳмати роҳбарии маро надида, аз печутоби роҳи қисмат наандешида, дар як моҳи сардорияш гуфт:

– Бигӯ, ки ту чӣ ҳунар дорӣ?

Аз ин пурсиш қариб ҷонам баромад ва ин посӯх аз забонам баромад:

– Аз ӯҳдаи кори механизаторӣ, ронандагӣ ва ҳисобдонӣ мебароям. Ҳар коре, ки раис муносиб донанд, иҷро менамоям.

– Соҳиби чандин ҳунар будаӣ-ку? Бе мадади ман ҳам кобӣ, коратро меёбӣ.

– Охир ман узви ҳамин колхозам. Дар ҷои дигар кор кардан намехоҳам, бе иҷозати Шумо кӣ ҳақ дорад, ки маро ба кори колхоз қабул намояд?

– Ба ту кор чӣ даркор? Туро ганҷе зери ҳар ғарами хас аст, ҳаму ҷамъ кардаҳоятро як умр хӯрӣ, бас аст.

– Мебахшед раис, дар сари мо хаёли ҷамъ кардану ҳаққи мардумро дуздидан набуд.

Раҳмони Талаб дар чеҳраам чун аломати хашму ғазабро дид, сари ришстаи гапро ба тарафи дигар кашид.

– Шӯхӣ кардам, рӯзат, ки нагузарад, ҳозир ба пеши Рауфи муҳандис рафта гӯй, ки туро ёрдамчии Рӯзии тракторчӣ

бигиранд. Ҷумбидан бигир, боз ҳиммататро мебинем, трактори нав, ки гирифтем, албатта ба ту медиҳем.

Ҳарфе нагуфта, бо хотири ошуфта аз ҳуҷраи кории Раҳмони Талаб баромадам, дилам чунон сиёҳ шуд, ки гӯё дар рӯз аз маҳбаси тори шаб баромадам. Ва Фирдавсии бузург имдодам кард, гӯё аз дуриҳои дур фарёдам кард.

Чунин аст расми сарои дурушт,
Гаҳе пушти зину гаҳе зин ба пушт.

Рауфи муҳандисро, ки як моҳ пеш маро хуршеди умеди худ хонда, зайли офтобпараст ҳамеша ба сӯям майл дошт, кофта ёфтам.

– Раис мушкиламро осон карданд, маро ба пеши Шумо равон карданд, – рӯ овардам ба Рауф. Рауф аввал носи даҳонашро дар пешам туф карда, баъд овоз бароварда.

– Дар ин ҷо мушкил осон намегардад. Механизаторӣ раисӣ не, ки кайфу сафо карда гардӣ. Ин ҷо кор кардан даркор. Ана дар ҳамон трактор кор мекунӣ, дилу ҷигари фуровардаашро иваз намуда, мутор мекунӣ. Сару либосатро дигар карда, сардоратро ёбу худи ҳозир ба кор сар кун, – гуфт муҳандис ва худаш баромада рафт. Ӯ рафту Бедилро ёд кардам, дарун-дарун гириста, хомӯшона фарёд кардам. «Рӯзгор оинаро мӯҳтоҷи хокистар кунад».

Ҳанӯз гарди аз пай хезондаи Рауф ба замин нанишаста буд, ки сармеханизатор дар даст оҳани кор омад. Ба пеши сардорам, ки ҳанӯз аз мададгор ёфтанаш хабар надошт, ҳушаш ба трактораш банд буду ба ягон сӯ назар надошт, рафтам. Маро дидан баробар калидро як сӯ ҳаво дода, дудаста салом карда, гуфт: «Раис-бобо, чӣ ҳол дорӣ, осудаӣ, фарзандон сиҳату саломатанд? Бисёр камнамоӣ, дар куҷоӣ? Кор порат доданд?

– Ҳа, худи ҳамин рӯз маро ёрдамчии Шумо фиристоданд.

– Чӣ? Ёрдамчии мани почаканда? Ин хел нагӯен, маро гунаҳгор насозен, раис-бобо. Наход, ки барои шумо вори ҳокими як вилоят ва роҳбари кордон кори дигар наёван? Ба ёрдамчии механизатор шуданатон бовар надорум.

– Бовар кунед. Гуфтанд, ки худи ҳамин рӯз бояд либосҳоямро дигар карда, ба кор сар кунам. Акнун як калидро шумо гиреду яктоашро ба ман диҳед.

– Раис-бобо ин кор ба шумо намезеба, ҳайф мешавӣ, ба трактор наздик наша, худум соз мекунум.

Овозаи соҳиби трактори бе мутор шуданамро дигар механизаторон шунида, ҳайрон шуданд, ба қисмат тан доданамро дида, гирён шуданд. Хараке оварда, маро шинонданд. «Худамон соз мекунем» гуфта, ба трактор наздик шудан намонданд. Рауфи муҳандис дар харак нишастанамро дид, ин хабар зуд ба Раҳмони Талаб расид.

Маро раис ҷеғ зада, ҷанҷол кард, «Муфтхӯр» гуфта, малол кард. Аз раис хоҳиш кардам, ки коргоҳи барқии дизели колхозро ба ихтиёрам супорад. Аз соати 18 то соати 1 кор карда, кӯчаҳои деҳа ва ҳуҷраҳои мардумро нурбор намоям.

Раис ҳалқаи гапи бисёрро дар гӯшам кашола кард, адои хоҳишамро боз ба Рауф ҳавола кард.

– Муҳандис розӣ нашуд, насиби ман бурди ин бозӣ нашуд. Баъд аз ду ҳафтаи корӣ ва ба шарикам додани ёрӣ, ноилоҷ сарамро гирифта аз колхоз рафтам. Бо худ дилу ҷони пур аз дарду гудоз бурдам. Эҳтиёҷи рӯзгор ва хӯрондану пӯшонданӣ фарзанди бисёр то ёфтани дигар кор хизматгори хӯҷаини як мағозаам намуд. «Раис магазинчӣ шудааст» гуфта Даврони Ризо овозаам намуд. Баъд ҷои корро иваз кардам, ноилоҷ рӯ ба марказ овардам.

* * *

Роҳам дур ва рафтану омадан душвор. Барвақт ба истгоҳ баромада интизори гузаштани ягон мошин мешудам, гоҳо носипосии ҳамкорони деринаро ёд оварда, ғамгин мешудам. То соҳиби курсии мансаб будан ҳама дар гирдат парвона мегаштааст, ҳамин, ки аз кор мерафтай, ҳама бегона мегаштааст.

Рауфи сармуҳандис акнун аз ман рӯ гардонда, дар гирди Раҳмони Талаб тоб мехӯрд, бо умеди аз даст нарафтани мансаб тоб мехӯрд. Бе маълумоти олӣ буд, барои ҳифзи мансаб кораш хушомаду золӣ буд. Ӯ муҳандисро не, ҳунарманди нақшофаринро мемонд, барои манфиати хеш ва дилёбӣ ҳар хабарро зуд ба раис мерасонд. Дар давраи роҳбарии ман муши мурда буд, аз харидор наёфтани борхалтаи хабараш озурда буд. Вақте ки роҳбари ҳамранги худро шинохт, маро шӯр андохт. Маҷбур шудам, ки аз колхози бо хуни ҷигар доро кардаам баромада равам, мӯҳтоҷи дари коргоҳи дигар шавам.

Шаш моҳ иқтисодчӣ кор карда аз дасти нангу ор ба дари ягон роҳбар рӯи ниёз наовардам.

Рӯзе котиби аввали ноҳия Анвари Назар маро дар роҳ дида, бехабар фарёд кард, лаҳзаҳои рӯзгори гузаштаро ёд кард ва гуфт, ки чаро дар ин бегоҳӣ дар истгоҳӣ?

– Ҳар бегоҳ ҳолам ҳамин, поидани мошин.

– Чаро дар колхоз кор намекунӣ?

– Кор надоданд. Аввал маро ба як механизатор ёрдамчӣ фиристоданд ва баъди ду ҳафта барои аз ҳамин кор рафтанам фармон доданд. Дар сари роҳи умедам хору санг дида, ҷавлонгоҳи бахтамро танг дида, шаш моҳ хизматгори хӯҷаини як мағоза шудам.

– Ду ҳафта ёрдамчии механизатор будӣ? Шаш моҳ дар мағоза кор кардӣ? О, бефаросатҳо, чӣ хел дилашон шуд, ки туро ба паси чанбари трактор шинонанд? Ҳолӣ ҳам дар мағоза кор мекунӣ?

– Не, ҳозир иқтисодчии қатории як коргоҳам.

Баъд ӯ ба мошинаш савор шуда гуфт: – Ноилоҷ ба гапи калонҳо гӯш кардем, ту барин роҳбари ҷонфидоро фаромӯш кардем.

Он рӯзҳо гузаштанд, ақидаҳо дигар гаштанд. Мумкин аз хотири ҳама он рӯзҳо фаромӯш шуда бошанд, оташи дили хонасӯзи иғвогарон хомӯш шуда бошад? Мебахшӣ, ман ҳам туро аз хотир бурдам, ғаматро нахӯрдам, пагоҳ ба қабулам биё.

Ин охирин интизориам дар истгоҳ буд, раҳпоии дидагони пурнури ману роҳзании шоми сиёҳ буд.

Рӯзи дигар бо талаби Анвари Назар ба дастам фармони сарварии коргоҳи хизмати маишии ноҳияро супурданд ва маро барои муаррифӣ ба назди ҳунармандон бурданд. Баъди ду сол боз роҳбар шудам, роҳбар аз дурандешию қадршиносии Анвари Назар шудам. Ҳамчун сипосгузор домани корро маҳкам доштам, пояи коргоҳи афтодаро бардоштам. Аз зарби хаёлу ғами кор ҷигарам хун шуд, вале дар сари сол ҳама дигаргун шуд, шӯҳрати корхона аз ноҳия берун шуд. Талабгорони моли корхона афзуд, яке бунёди хонаву дигаре сохтани оташдону дарвоза фармуд. Нахустин коргоҳи табақтарошии ҷумҳуриро кушодем, аз чӯби худашон ба мардум табақ тарошида медодем. Роҳбарони вазорат заҳматҳоямро қадр ва дар маъракаи кордонӣ маро садр карданд. Қоматам андак рост шуд, вале қомати колхози рост

намудаам хам зад, нодорӣ мисли камоне дар ҳадафи дили мардум пайкоми ғам зад.

* * *

Аз ҳини аз раисӣ озод шуданам се сол гузашт, муомилаи аксар дигар гашт. Вақте ки боз миш-миши дубора раис шуданамро мардум шуниданд, барои ба ман наздик шудан кӯшиданд.

Рауфи сармуҳандис маро дар истгоҳ дида, мошинро боз медошт, сӯи мани интизор қадам мегузошт. Ғании Дилшод низ мошинро дар паҳлуям қарор медод, рози дил мекушод. Ба ҳоли ин гуна ашхос, ки эҳтиромашон ба хотири мансабу бо умеди матлаб буд, дарун-дарун механдидам. Онҳо ҳар гуна роҳбари навро дар ҳафтаи аввали кор фанд ва мурғи хаёлашро дар банд мекарданд. Мумкин ман ҳам аз нав раиси колхоз мешудам, вале марги донишманди бузург махсуми Санги Кулӯла мисли бошае ба тухми мурғи умеди бисёр роҳбарон қирон оварда, гӯё ки ҳар кадом барои тобути ӯ аз боми қисмати худ нардбон оварда.

Ба ҷанозаи донишманд шиносу ношиноси бешумор ва соҳибмансабони номдор омаданд. Майитро се рӯз нигоҳ доштанд, баъд тобуташро бардоштанд.

Рӯзҳои мотамаш дар хонаи дилҳои эътиқодмандон ғам нағунҷид, дар дашти Олимтой одам нағунҷид. Вақте ки Ковали роҳгузари хиёнаткор ҳазорон ҳазор одамро дид, оташи рашк аз домани кинааш аланга зад, балки аз синааш аланга зад. Аз бадбинӣ котиби аввалро хабар дод. Котиб ноилоҷ наворгирандагонро мисли бод ба дашти Олимтой фиристод. Оне, ки ба навор афтод, ҷоми дилаш пур аз ғаму оҳ шуд, рӯзи равшанаш сиёҳ шуд.

Раҳмони Талабро низ қатори дигар роҳбарон ба навор гирифтанд. Баъди ҳафтае ӯро аз сафи ҳизбу аз кор гирифтанд. Маро низ гунаҳгор хонданд, вале аз сафи ҳизб наронданд. Танҳо ҷои корамро дигар карданд, маро ҳамчун роҳбари минтақавии захираҳои меҳнатии ду ноҳия ороя дар ба дар карданд. Ба бахти ман баъди як сол ин вазифа барҳам хӯрду раиси гурӯҳи тафтишотии колхози дорокардаам таъин шудам, вале вақти ҳисобу китоб хело ғамгин шудам. Фаҳмидам, ки Раҳмони Талаб ҳама дороиҳои кол-

хозро аз каф додаст, аз сездаҳ ҳазору сесаду се сар гӯсфанд ёздаҳ ҳазорашро талаф додаст.

Соли 1969 Анвари Назар маро аз нав раиси колхоз пешниҳод ва хотири ошуфтаамро шод кард. Вале ҳарчанд кӯшиш ба харҷ дод, ҳуҷҷатҳоямро аз боло, ки қисматаш ба дасти Ковал буд, нагузашт. Ҳамчун иштирокчии ҷанозаи махсуми Санги Кулӯла бо нафрат нигоҳам карданд.

Баъди «гунаҳгорӣ» кору рӯзгорам ранги дигар ва таронаи қисматам оҳанги дигар гирифт. Агар узви ҳизб намебудам, касе ёду имдодам намекард. Хотири узви ҳизб буданам роҳбаронро маҷбур мекард, ки кори муносибе пайдо намоянд, маро дар кӯча напартоянд.

Вазифаи сарварии фермаи парвоиро, ки дар ҳолати бад буд, ба ман супурданд, вале вақте ки манфиате аз ман надиданд, ғам хӯрданд. Бо ҳар баҳона ва тафтишҳои беҳуда ҷонамро ба лаб расонда, оташи шавқамро хомӯш карданд, оқибат илоҷ ёфта маро аз вазифа сабукдӯш карданд.

Дасти зӯри манфиъат қуфли дари маърифатро мешикастааст. Роҳбар низ ба доно не, ба доро дил мебастааст. Майли тамаъҷӯёнро дида, мардумфиребон оташи умеди худро меафрӯзанд, хонаи бахти халқро месӯзанд. Имрӯз онҳо ба сар андешаи ҳифзи халқу диёр надоранд, нангу ифтихор надоранд, ғайри ҷамъ кардану доро шудан шиор надоранд. Дар замони мо заҳматкаши поктинат поённишину ғоратгари дорошуда болонишин аст. Обрӯи нонфурӯш баланд аз ҳазор нонофарин аст. Даврони зиндагии ҳақталошон гузаштааст, соҳиби мӯҳри мансаб дузду ноҳақ гаштааст.

Дасти зӯри тамаъ ба решаи дарахти бахти ман низ теша зад, номаи умедам боз ба дасти роҳбари кӯтоҳандеша зад. Муддате мани серфарзанд бекор ва мӯҳтоҷи мададгор гаштам. Оқибат кори муносибе барои мани солхӯрда пайдо шуд, гӯё ки ҷони зиндае дар тани мурда пайдо шуд. Ин кори сабук аз маркази ноҳия равған кашондан аст, ба хоҷагидорон ёрӣ расондан аст.

Ҳоло мошину ронандае дар ихтиёр дорам, ба қадри зарурӣ равған меорам. Ба тақсимгар мефаҳмонам, ки ба амри ҳар калон сӯзишвориро тақсим накунад, ҳаққи ронандагонро ним накунад. Аз пушти ин кор баъзе роҳбарон дидорамро дидан ва ҳарфамро шунидан намехоҳанд. Вале аз ин заррае

парво надорам, ба пеши мардумфиребон сари таъзим фуруд намеорам. Мемираму ба роҳи носипосӣ қадам намегузорам.

Дар паҳлуи ронанда нишаста, аз пушти шишаи мошини равғанкашон сӯи теппаи баланд менигарам, хаёлан бори танро ба ҳамон баландӣ мебарам. Дар он ҷо Ҳалимаи қадрдон хоб аст, ҳанӯз бо ёди дарди бедармонаш ҷонам дар азоб аст. Худро дар бари Ҳалимаи меҳрубон мебинам, дар водии хомӯшон мебинам.

Даҳ сол шуд, ки аз Ҳалима ҷудоям, ҷудо аз ҳамқисмати бовафоям. Ӯ дар пуштаи деҳа хоб асту ман дар пуштаи ғам. Ӯ гӯё оғуштаи фараҳ ҳасту ман оғӯштаи ғам. Ҳалима рафту бори ғаму дарди нӯҳ фарзанд ба дӯши дилам монд, мисли руд хушкиду бе ӯ лабони парсингбастаи соҳилам монд.

Баъд аз сари ӯ Гулнисоро, ки бисту се сол дар хонаи падараш мезист, бо нӯҳ фарзанд ба даргоҳи хеш бо дили реш овардам. Бо умеде, ки дар қадамҷои Ҳалимаи меҳрубон по гузорад, бори ғамхорию меҳрубонии ятимони ӯро бардорад. Вале фаҳмидам, ки ин ҳама хаёли хоми банда будааст, ҳар кас дар ҷои худ зебанда будааст. Лола дар гӯри ҷудойи рӯяд ҳам ғами мотамдор кам намешудаст. Гоҳо сад фараҳ ҳам ҷойгири як ғам намешудаст.

Ҳанӯз мурғи хаёлам аз таҳдиди сайёди фироқу андӯҳи Ҳалима мегурезад, ҷигарам аз сӯзи ҷудоӣ об шуда мерезад. Вале ба хотири фарзандон худро ба даст мегирам, ҷон меканаму намемирам.

Даҳ сол аст, ки Гулнисо ҳам заҳмат мекашад, ҷои ду модар бори гарони қисмат мекашад. Дар ин даргоҳ боз ду фарзанди дигар ёфт, ду ҷону ҷигар ёфт, аз хотири онҳо фикри роҳи дури зиндагонӣ мекунад, ба фарзандони Ҳалима ҳам меҳрубонӣ мекунад. Аз ҷамъ кардану гиреҳ карданаш фарзандон соҳиби хона мешаванд, дур аз олами кӯдакию афсона мешаванд.

– Ҷунбучули Гулнисоро дида аз дил мегузаронам: «Хайрият, ки аз баҳри мансаб гузаштаму аз дунёи матлаб не, вагарна дар пирӣ хор ва зори мададгор мешудам. Ҳазор ҷон мекандай, ҳамааш беҳуда ва ойинаи хотири мардум ба ғубори носипосӣ олуда будааст. Аз аспи мансаб, ки мефаромадай, саворе як қадам намебурдааст. Танҳо зану фарзанди худат сутуни хонаи дилат ва бардорандаи бори мушкилат мешудааст.

Наздик аст он рӯзи васлу ҷудоӣ! Аз Гулнисову фарзандон ҷудо мешаваму сурогаи Ҳалима меравам. Бе ман ҳоли Гулнисову бист фарзанд чӣ мешуда бошад? Намедонам! Бахту иқбол ёрашон ва Худо мададгорашон бод.

Наздик аст он рӯз, ки дилу ҷонам аз бодаи марг мадҳуш шавад, фарёди ёдҳоям хомӯш шавад. Хайру маъзур. Шумо дар рӯи замин осуда бошеду ман дар гӯр…

Абдукарими Ғафур. Анҷом соли 1988.

* * *

– Ҳайфи Абдукарим, сад ҳайфи Абдукарими Ғафур. Як умр заҳмат кашиду рӯи осудагию роҳати зиндагиро надид. Шабу рӯз пайи кори колхоз давиду давид, вале ба қуллаи мақсад нарасид, – гуфт падарам ва хост бори тани дардмандашро андак ҷунбонад, натавонист. Кат ҳам ғиҷиррос зада, мисли ҳамдарде гӯё ки ба ҳоли зораш гирист. Баъди лаҳзае ранг аз рӯи падарам парид ва овози канда-кандааш ба гӯш расид: – Қаҳрат наояд бачам, гила карданам беҳуда нест, замини сахти дилеро нарм карда, тухми раҳм парварданам беҳуда нест. Дар гуфта деворро мешунавонанд, туро шунавонида, ҳақиқати ҳоли замон ва носипос шудани одамонро гуфтам. Бемеҳрию беинсофӣ аз ин дида зиёд намешавад. Агар сад соли дигар ҳам умр бинам, хотири озурдаам шод намешавад. Дар диёре, ки одам ҷову мақом ва оғозу анҷомашро намедонад, марг беҳтар аз зиндагист. Ба дасти дигарон супурдани тақдири худ шармандагӣ аст. Одам бояд гузаштаи худро донад. Аҷдодашро фаромӯш накарда, фикри фардои қисмати авлодашро кунад. Хаёли роҳати дурӯзаро накарда, андешаи умрбодашро кунад. Вале мо чӣ? Аз як пайдои карда болида, парвои гумкарда надорем. Ту ҳам бачам, дар муҳити худхоҳон ва дур аз дилогоҳон афтодаӣ. Аз ин банд ба осонӣ раҳо намегардӣ, дарди ба ҳама гузаштаро даво карда наметавонӣ.

Қаҳрат наояд, ту ҳам роҳбарӣ, шарики корҳои давлатдорӣ ва гирифтори ҳамин беморӣ. Ба осиёб, ки рафтӣ, хоҳинахоҳӣ гардолуд мешавӣ. Ба пеши оташ, ки нишастӣ, оғӯштаи бӯи дуд мешавӣ.

Майлаш, маро дер-дер хабар бигиру ба олами манфиъат наздик ва ба ҳақи дигарон шарик нашав. Хаёли ҷамъ овардани пулу молро аз сар бадар бикун. Хонаи фиреб бақо надорад, аз даромади ба ранҷ пайдонакарда хонаву дар

насоз. Фаромӯш макун, ки ҳама чиз: ҳар дона реги саҳро ва ҳар қатра оби дарё дар ҳисоб аст. Оқибати роҳати муфт азоб аст. Дар номаи аъмол сафеду сиёҳ ва савобу гуноҳ навишта мешавад. Ба роҳи савоб қадам гузор. Аз ташнагӣ бимиру обрӯятро нигаҳ дор. Обрӯ обе нест, ки боз ба ҷӯй ояд, боғи хазонгаштаи бахтатро дубора сабз намояд. Ин дунё гузарон аст, аз оқибати кор андеша кун, роҳи бо меҳнати ҳалол ёфтани як бурда нонро пеш бигир. Осудагӣ хоҳӣ, даст аз тамаъ бишӯю ризқи худро аз хонадони банда не, аз даргоҳи Худо биҷӯ. Агар дигар роҳбарон низ мисли Абдукарим кору зиндагӣ мекарданд, аз боғи ҳаёт меваи фараҳ мечидем, ба рӯзи бад намерасидем. Афсӯс, ки носипосон ба қадри Абдукарим ҳам нарасиданд. Ӯ заҳмат кашиду дигарон шарбат чашиданд. Худи ҷамъият дуздро соҳиби тахт мекунаду ҳалолхӯрро бадбахт. Ба дастархони ин гуна ҷамъият файз намерезад, баракат аз ҳар даргоҳаш мегурезад.

Хайр, бачам, дигар тоби дидани диёреро, ки ба он носипосон ҳокиманд, надорам. Рӯ ба олами хамӯшон меорам. Ба назди Абдукарим меравам, ҳамсоягӯраш мешавам.

Хайр, бачам! Албатта, номи Абдукаримро барор. Барор, ки дигарон аз қисматаш хабардор шаванд, сипосгузор шаванд. Ман акнун хабарро ба Абдукарим мебарам. Мегӯям, ки: осуда бихоб, номатро мебароранд, осуда бихоб. Бачам, аз оби Ватан бидеҳ як коса об, бидеҳ як коса об…

ДУНЁИ ҚАФАСӢ

Ноумедӣ орзуи деринаи аз қафас озод шудану дар замин гардиш ва дар фазои кушод парвоз кардани кабкро барбод дод. Акнун мехост, ки қисмати пешина такрор шавад. Аз нав ба тухм табдил ёбаду вуҷуд доштани дунёи равшани қафасмонандро надонад. Аммо чи кунад, ки роҳи тақдир бебозгашт аст.

Гармии меҳри модар тухмро – қафаси нахустинашро об ва мушкилоти ба олами ҳастӣ омаданашро осон кард. Меболид ҷӯҷаи бехабар аз озодии муваққатӣ. Хоҳарчааш ҳам бо имдоди модар аз маҳбасча озод шуд. Модар ба ҷӯҷаҳои парвардааш дарси зиракиву парвоз омӯхт. Онҳо мустақил шуда, бо расидани фасли сармо кӯч баста ба кишварҳои гарм рафтанд. Дар нимаи роҳ монеаи эҷодкардаи инсони худбин ба сарашон бало овард. Роҳу ҷои нишасти пешинаро наёфта, аз болои дарёи паҳну нопайдоканор гузашта натавонистанд. Теппачаҳо дар зери оби дарёи аз соҳил болошуда монда буданд. Модару хоҳар ва ҳамҷинсонаш аз беқудратӣ ба баҳри нави сунъӣ афтода, бенишон гардиданд. Ӯ худро бо азобу машақат ба рӯи заврақе партофта, сари танҳо монд. Қатори ҳамҷинсон мемурд, беҳтар буд. Заврақдорон сайди муфтро дида, аз шодӣ дар курта нагунҷиданд. Онро ба хона оварда, муддате аз рӯи ҳавову ҳавас обу дон дода, дигар ғамашро нахӯрданд. Кабк аз беэътибории онҳо гоҳ ранҷи гӯшнагӣ мекашиду гоҳо азоби ташнагӣ. Соҳибхоназан бепарвоии фарзандонашро дида, тақдири мурғакро ба писархондаш ҳавола кард. Дар хонаи нав ҳоли кабк андак беҳ шуд, вале ин ҳам ба муроди дилаш набуд. Шаҳд дар комаш заҳр мегашт. Ҳар дона дар гӯлуяш тирро мемонд. Саҳрои кушоди хушкро аз қафаси пур аз дон авлотар медонист. Агар панҷаи зӯри қафасшикан медошт, чӯбчаҳо ва тахтаи ба он васлшударо шикаста, берун мебаромад ва аз бом ба бом, аз дарахт ба дарахт парида, худро дар ҷои чашмпаноҳ мегирифт.

Паҷаи қафасшикан, ки надошт, ночор аз пушти хоначаи саропо чашмакдори дар шохи дарахти тут овезон, ба атроф нигоҳ мекард. Ҳар қадами гузошта ва ҳар бори аз ҷо бардошта,

ба чӣ кор машғул будани хурду бузурги хонавода ва мардуми ба ҳавлӣ воридшавандаро медид. Дидани дидорҳои шиносу ношинос ба ин мурғаки беозор таъсири гуногун мекард ва ҳар хел қанотак мезад. Ин ҳама маънии рамузфаҳмӣ ва аз ҳамдигар фарқ кардани неку бадро дошт. Аз миёни садҳо кас соҳибашро, ки чеҳраи гандумгун ва чашмони фурӯнишаста дошт, ба осонӣ мешинохт. Зеро ҳамин мард дар соати муайян обу донаш медод, гоҳҳо ғизои дӯстдоштааш – мошу алафи шири харак ёфта меовард. Вобаста ба дигар шудани вазъи обу ҳаво қафасашро ин сӯву он сӯ бурда, аз таъсири офтоби сӯзону кора кардани сардии борон ҳифзаш мекард.

Кабк бо вуҷуди ҳама сардию гармӣ, тангии қафас ва маҳрумӣ аз гардишу парвози озодона, аз дидани дидори соҳибаш ҳаловат бурда, беқарор мегашт. Баробари пайдо шудани ӯ ба химчаҳо бисёртар нӯл зада, мехост онҳоро шиканад ва роҳе ёфта, ба китфи соҳибаш нишинад. Гоҳо бозикунон болотар ҷаҳида, сарашро ба шифти гунбазмонанди қафас мерасонд ва ба ин васила садоқаташро изҳор мекард.

Аслан соҳибаш аз ҷаҳони мурғпарварон фарсаҳо дур буд, ба ин шуғл на рағбат дошту на фурсат. Ҳатто дар кадомин гӯшаи шаҳр ҷойгир будани бозори кабкону қафасфурӯшонро намедонист. Фаррошзани идора он марди раҳмдилро мурғпарвар ва муқими олами бераҳмон кард. Ба ӯ кабкеро, ки аз беътибории фарзандонаш лоғару бемадор гашта буд, тақдим намуд.

Гумон мекардӣ, ки умри ин мурғак ҳамин дам ва ё чанд лаҳза пас ба охир мерасад. Агар бимирад, бори зоминӣ ба гардани қабулкарда меафтад. Вале ғубори хотири ихлосманде шудан аз бори зоминӣ ҳам гаронтар аст. Фаррошзан ба ӯ эҳтирому эътиқоди махсус дошт, ӯро аз ҷигарбандонаш кам намедонист. Аз ин рӯ пешниҳоди он модари меҳрубонро рад карда натавонист.

« Дар хона як қафаси зебо дорам, хоҳӣ меорам», – гуфтани сардори хоҷагии коргоҳ низ масъалаи ёфтану харидани қафасро аз байн бурд. Фикри поси намак соҳиби кабкро водор кард, ки хӯрдагириро раво надида, сухани бемантиқи сардори хоҷагиро дар хилвати худ шарҳ диҳад. «Қафас тиллоӣ ҳамбошад, қафас аст, ҳимоятгари ҷабру зулм аст, ифодагари

бераҳмист, маънии аз озодӣ маҳрум карданро дорад, ҳаргиз лоиқи ситоиш нест, зебо ҳам шуда наметавонад». . .

Рӯзи дигар бо дили нохоҳам кабкро дар қафас ҷо кард. Қафас аз химчаи пӯстканда ва тахтаи тунук устокорона сохта шуда буд. Андозаи сурохиҳояш ҳам якхела, ҷои кӯтоҳу дароз ё ки андак фарох надошт. Қутичаҳои обу донхурӣ ва ҷои сар баровардан низ ҳаҷман баробар ва ба ҳам монанд буданд.

Дар умри нимасрааш бори нахуст барои аз озодӣ маҳрум кардани мурғаке даст зад. Илоҷи дигар надошт, дарди сар шуда буд ин мурғак. Дар ҳавлии деворҳои печонидаи атрофаш ҷо-ҷо сӯрохдор, ки гурбаҳои гушна пайти муносиб ёфта, даробаро мекарданд, кабкро озод нигоҳ доштан ҳеҷ мумкин набуд. Маҷбур шуд, ки мурғаки озодро қафасӣ намояд.

То чашм ба ҳам зад, ки аз миён панҷ сол гузашт. Дар ин муддат мурғаки лоғар ҷон гирифт, фарбеҳ шуд, овоз баровард, вале аз шарбати озодӣ баҳраманд нагашт. Фикри даво надоштани ин дарди ҷонгудоз соҳибашро азоб медод. Медонист, ки сабаби он ҳама некияш гуноҳи дар қафас нигоҳ доштанро ҷуброн карда наметавонад.

Мехост кабкро аз қафас озод карда, худро аз кашидани бори ташвиши беҳуда раҳонад. Бигузор мурғакаш тӯъмаи гурбае ё саге шавад, вале зоминӣ ба гардани ӯ наафтад. Боз дудила шуда, аз райъаш мегашт. Сабаби дар байни чорроҳаи андешаҳои бесару нук мондан дунёро дар шакли қафас диданаш буд. Байни замину осмон, ки дар оғӯшаш ҳамаро ҷо додааст, қафаси бузургро мемонад. Дар чор унсури азал ҳам баробари нишонаи зиндагӣ асари маргро мебинад. Ба ақидаи ӯ инсон аз нияташ дар ин қафас ва дар байни обу оташ ва боду хок афтода, аз дидани рӯи осудагӣ маҳрум мегардад. Як умр роҳаш аз қафас ба қафас аст. Аз қафаси пушти падар ба батни модар, аз батн ба олами қафасмонанд, аз он ҷо ба лаҳад, баъд ба қиёмат, давоми роҳашро намедонад, мусофир гашта, рӯи озодиро намебинад.

Аслан, озодӣ шиор аст. Мақсади дар зери ин парчам қадам задан пинҳон кардани макру найрангҳост ва пиёда намудани ҳадафҳои судманди гурӯҳест. Инсон ҷои сарф кардани маблағҳои бо ҳар роҳ пайдокардаашро наёфта, барои соҳиб шудани шӯҳрати дурӯза нақшаҳои пешниҳодкардаи

кирмакҳои аз пушти шолӣ обхӯрро нишони башардӯстӣ пиндошта, дастгирӣ менамояд. Бехабар аз он, ки ин тоифа таҳти унвонҳои « Зӯроварӣ», «Хушунати оилавӣ», «Эҳтиёт аз микробҳои таъсиркунанда», «Барҳам задани сатҳи камбизоатӣ» ва дигар дарду балоҳо барномаҳо тартиб дода, ба ин васила қисми зиёди маблағҳои ҷудокардаи сарпарастонро обу лой мекунанд. Ва парвои ҳал шудану нашудани масъалаҳои муҳмтарини ҳаётро надоранд.

Мурғаки бечораи бехабар аз ин рӯсиёиҳо боз аз ин тоифаи худхоҳ озодӣ умедвор аст. Намедонад, ки худи инсон барои тасаллои дилаш умре бонги озодӣ зада, чизи набударо ҷустуҷӯ мекунад. Дар сар, ки хаёли қафассозӣ дорад, аз нияташ меёбад. Агар мақсаду мароми ҷовидониаш қафассозию домафканӣ набошад, чи хел ақлаш мерасад, ки даррандагони хашмгинро ром кунад ва ҷонварони азимҷуссаро осонакак аз по афтонда, кушад. Барои ба ҷисми гови тезшохи хунхӯр найзаҳо задану қурбон кардан, матои сурхро ба кор мебарад. Аз пӯсти баррачаи ҷингиламӯи серӯза телпак медӯзад. Ҳатто шиками гӯсфанди зиндаи бордорро чок карда, баррачаи дунёнадидаашро пӯст меканад ва барои пӯшондаи як сари хомхаёли худ ду ҷонварро беҷон мекунад. Камон сохтан, қапқон гузоштан, рӯи чоҳи кандаро хаспӯш кардан, обро лой карда, моҳӣ гирифтан мақсади сайдафкании худи инсон аст, ки боз онро ба кори шайтон нисбат дода, худро мӯсичаи бегуноҳ мегирад. Хаёл мекунам, ки ҳама ҷонзоди олам макру найрангро аз одам омӯхтааст. Агар одам шох медошт, қиёматро дар ҳамин дунё барпо мекард.

Дар ҳақиқат шакли дунё ба қафаси бузург шабоҳат дорад ва одам дар ин маҳкама зиста, дар ҳамин ҷо мемирад. Барои ҳамқисмат пайдо кардан дом афкандаву қафас сохта, қасди тақдирашро аз дигар мавҷудот мегирад. «Алами Исоро аз Мӯсо гирифтан хуб нест»-хулоса бароварда соҳиби раҳмдилаш ва дар қафас будани худашро кифоя шумурда, хост кабкро аз қафас озод намояд. Вале ба ёдаш расид, ки кабки солҳо дар қафас бударо дарҳол ба майдони кушод сар додан мумкин нест, болҳояш мешиканад. Аввал парҳояшро қайчӣ зада, сабук кардан лозим, баъд…

Кабкро аз қафас озод карда, қанотҳояшро қайчӣ зад. Бо

ин амал мурғаки бечораро аз имтиёзи озодона парвоз кардан маҳрум намуд. Бо вуҷуди ин кабк хушҳол буд. Аз зинаҳо оҳиста-оҳиста фуромада, дар замини ҳавлии хокаш нарм хоклӯтак мекард. Ҳангоми донадиҳӣ баробари мурғон давида, ҳаққашро соҳиб мешуд. Фақат аз хурӯси сурх метарсид.

Рӯзҳои аввал хурӯс кабкро ба мокиёнҳо наздик шудан наемонд. Ин корро шояд аз рашк мекард ва он бечораи дар ғами озодиро аз бари ҳамқисматонаш дур меронд. Баргашта майдонро холӣ дида, аз кардааш пушаймон мешуд. Зеро аз хӯрдани дон бебаҳра мемонд. Маҳз ҳамин ҷиҳат маҷбураш кард, ки дигар ба кабк кордор нашавад. Вале аз ин миён чи гузашт, намедонам, кабки унсгирифта якбора аз доираи марғон дур шуд. Танҳоиро ихтиёр карда, аксар дар таҳхонаю болохона маскан мегирифт. Соҳибаш гоҳо мурғаки гумшудаашро аз сари девору лаби бому тори дарахтони ҳамсояҳо пайдо мекард.

Рӯзе ҳангоми дондиҳӣ кабкашро ба зудӣ наёфта, сахт асабонӣ шуд. Ҳама ҷоро кофт. На пеши хона монду на паси хона, на ҷои худӣ монду на аз бегона. Ба ҳар сӯе, ки нигоҳаш афтод, фақат мурғони хонагӣ ва чанд майнаву мӯсичаро дид. Баъд чизеро пай бурдагӣ барин, ба болохона, ба ҷои хӯрдану хуфтани устоҳое, ки дар хонааш кор мекарданд, баромад. Тирезаҳоро баста дид. Кушода ҳам, ки мебуданд, кабк ҳанӯз қудрати аз баландӣ ба поён париданро надошт. Агар ба зинаҳо поён мефуромад, бо ӯ рӯ ба рӯ мешуд. «Ба ҳеҷ куҷо нарафтааст, дар ҳамин болохона пинҳон аст»-аз дил гузаронд ва қолину курпаҳоро тагурӯ кард. Оқибат кабкашро аз таги бастаи сабуки гарминигоҳдорӣ ёфт. Кошкӣ намеёфт. Ҳолашро намедиду намесӯхт. Рӯи по истода наметавонист кабк, як тарафи баданаш шох шуда буд. Чашмакони маҳзунаш базӯр кушодаву пӯшида мешуданд. Дар зери бори баста ҳам, ки мемонд, бояд ба ин андоза беҳол намешуд. Парҳои хунолудашро ҳилол карда, аз таги қаноти чапаш пораи сангчаи нӯгтезро кашида гирифт. Баданаш аз зарбаи сахт сӯрох гашта буд. «Ин кори устоҳост. Кабкро ҳангоми дар рӯи ҷойхоб гаштан ё ба дастархон помондан ва ё ахлот кардан зада, барои ошкор нашудани сир ба зери баста пинҳон намудаанд», – хулоса бароварда соҳибаш. Аз парҳои хуни ҳанӯз лаълнабаста маълум буд, ки ин

ҳолат чанд лаҳза пеш рух додааст. Устоҳо ҳам навакак аз сари дастархон хеста буданд.

Маротибаи охирин ба чашмакони ба андозаи пилишки сӯзан кушодаи кабки миранда нигарист. Мурғак гӯё бо забони чашмони пур аз нигоҳи ҳасрат мегуфт: «Дар ҳар як қадами ин дунё дому қафасе будааст. Дидаву дониста чаро маро дар қафаси дигаре нигоҳ доштӣ, барвақттар озодам мекардӣ, намешуд? Чаро ба қисматам зомин шудӣ? Интизориҳои шабонаву рӯзонаи маро бо чӣ ҷуброн мекунӣ?..»

Баъди лаҳзае кабк чашмонашро тамоман пӯшид, дигар баданаш намеҷунбид. Аз чашмони соҳибаш ашки ҳасрат мерехт. Ва бо нигоҳи ашколуд аз пушти шишаи он баландӣ медид, ки дар саҳни ҳавлӣ устои хиҷолатманде хоки андоваро не, гӯё хоки қисмати худро мебехт…

ГАРДИШИ АЙЁМ

Шавкат Азизии ҳаштодупанҷсола, ки шаст соли умраш бо умеди кушодани гиреҳҳои ришгаи илми интихобкардааш сарф шуда буд ва ҳанӯз ҳам нохуни баланди фаҳмаш имкон медод, ки уқдахои вонагаштаро во кунад, бори ҷисми пиронаашро ба пушт, ба рӯи кати дукасаи назди мизи кориаш партофта, чашмонашро тамоми рӯз ва то як ҳиссаи шаб аз шифти хона намеканд. Ба як нуқтаи номаълум, ки асрорашро Худо медонисту худаш нигоҳи андешаомез медӯхт ва дар ин миён гоҳ-гоҳ лаҳзае хобаш мебурд. Баъди бедор шудан боз нури нигоҳашро ба шифт фиристода, мехост на танҳо ҷои сояфтодаи шифтро, балки фарш, дару девор ва хонаву ҳавлиро равшан кунад. Алқисса, мехост, ки тамоми қаламрави диёрашро нуристон бубинад. Вале ба тани орзуяш ҷомаи амал пӯшонда наметавонист. Фақат дар як гӯшаи дури диёр охирин дастаи рӯшониро медид, ки гӯё аз нурҳои офтоби майл ба ғуруб нишонае дошт. Ва дар ин миён беихтиёр зодгоҳаш ва ҷиянаш Ҷовид ба ёдаш меомад. Сурфаи таги дарахти рӯи ҳавлиаш аз ин кати ҳоло хобидааш мулоимтар метофт.

Кати кӯҳнаи дукаса барои як кас роҳати ҷон буд. Хобанда метавонист озодона тоб хӯрад, ба ҳар паҳлӯе, ки хоҳад осуда

бихобад. Вале ҳангоми тоб хӯрдан, ки гоҳ-гоҳ рух медод ва мурватҳои хӯрдашудаи кат, ки мустаҳкамии чӯбҳояшро таъмин карда наметавонист, бо ғиҷир – ғиҷири гӯшхарошаш табъро хира мекард. Маҳз бо ҳамин сабаб мӯйсафед аз баҳри кайфияти паҳлугардӣ гузашта, ба пушт хобидану наҷунбиданро авлотар медонист. Ростӣ, худаш ҳам қуввати бисёр ҷунбидан надошт. Гоҳо як ҳиссаи шаб маҷбур шуда, андак меҷунбид ва барои кампиракаш Ҳалима-хола, ки аз кори рӯзона беҳад хаста мегашт ва худро дар паҳлӯи ӯ гирифтан мехост, ҷо холӣ мекард. Дар кати яккаса ҳам барои хӯгирифтааш ҷо ёфта метавонист. Зеро ҷисми одаткардааш бе соиши тани ҷони ширинаш лаззати осоишро намедонист.

– Ҳа, беинсоф, ҳоло ҳам аз ҳамин мани нотавон, ки поям ба лаби гӯр расидааст, умед дорӣ?

– Пир ҳам, ки шудӣ, ҳеҷ аз шӯхиҳоят намондӣ.

– Куҷо шӯхӣ, ҷиддӣ мегӯям. Мехоҳӣ, ки лаҷоми саманди ҳастии ҳамин ҷонбалабрасидаро то нафаси охирин сар надиҳӣ?Не, шикорат барор намегирад. Сайёди ҳақиқӣ ба сайди дар пеши пояш афтода кордор намешавад.

– Ёфтӣ сайёдатро, сайёде, ки дар роҳи ҳамвор мадори раҳгардӣ надорад. Ва гурги аҷал аз паяш қадам мегузорад.

– Ба ҳар ҳол таъкид кардан хуб аст…

Ва овозҳо оҳиста-оҳиста пасттар шуда, суоли яке беҷавоб мемонад. Фазои хомӯши хонаро ба ҷои ин овозҳо садои нафаскашии нолишдори пирона мегирад. Фақат аз як ҳуҷраи хонаи чорҳуҷрадор охирин бӯи дардолуди зиндагӣ мерасад. Ва аз рӯи ин кати дукаса рӯзе яке ва баъдтар дигаре меафтад. Баъд аз он фарзанди дурафтодаашон соҳиби ин даргоҳ мешавад. Агар беҳавсалагӣ ва беномусӣ карда хонаро фурӯшад, дар қадамҷояшон нишони қадаме ҳам намемонад ва пайи арвоҳашон низ аз ин манзил канда мегардад. Мехҳои бари деворҳо бесурат, рӯи миз беқаламу коғаз гашта, айнаки рӯи дидааш таги по мешавад ва дигар нишонаҳои хотиравии муаррифгараш, ки бозгӯи роҳи қисматанд, ба нобудӣ мерасанд. Аллакай ҷевонҳое, ки як замон аз китобу маҷала ва дастхатҳо пур буданд, холӣ шудаанд ва аз ин хона дигар накҳати маърифат намерасад. Кати холишуда ҳам, ки умре вазифаи курсиро низ адо мекард, алҳол танҳо як ҷойхоби шалакро мемонад ва чашми партобҷову дидаи танур

дар роҳаш интизор аст. Пештар, ҳине ки мадору ғайрат дошт дар тарафи ба миз наздики ин кат нишаста, то рӯз китобу дастхат мехонд, мавод ҷамъ мекард, менавишту хат мезад, хат мезаду менавишт. Дар паси пушташ, дар қисми холимондаи кат кампираш дароз мекашид. Ҳалима-хола низ муаллимаи бо донишмандияш маъруф аст, вале мисли ӯ сермаҳсул нест. Эҳтиёҷи зиндагӣ имкон намедиҳад, ки мисли шавҳараш фидоӣ гардад. Намегузорад, ки шабу рӯз нишаста, мутолиа намояд, маҷбураш мекунад бештар ба корҳои рӯзгордорӣ машғул шавад. Дар бозии шатранҷи ҳаёт, ки дурангӣ хосаш нест, бояд яке ғолибу дигар мағлуб гардад. Барои ғолиб омадани сарвари хона кампираш сар ба домани меҳрубонӣ фурӯ бурда, як умр ақибнишинӣ кард ва ба ҳамсараш роҳ кушод. Бори заҳмати хона ва тарбияи кӯдаконро ба дӯши худ гирифт. Нагузошт, ки шавҳараш ба ҳар кори беҳуда андармон шавад. Ҳоло ҳам бо вуҷуди бардоштани бори гарони пирӣ аз субҳ то шом ҷунбуҷул мекунад, хӯрок мепазад, чой мемонад, либос мешӯяд, рӯбучин менамояд ва боз даҳҳо корҳои майда-чуйдаро ба ҷо меоварад. Доро, ки мебуданд, дастёр мегирифтанд. Пули худашон агар базӯр ба хӯрок расад, ба харидани пӯшок кифоягӣ намекунад. Бедастёрӣ кампири Ҳалимаро маҷбур мекунад, ки аз ҷо хеста, барои идомаёфтани зиндагӣ шароит фароҳам оварад. Қуввати ба бозор рафтану харид карданро надорад. Духтари ҳамсоя, Худо умри пурбаракаташ диҳад, бозорӣ карда, мушкилашро осон менамояд. Агар ягон бачаи муҷаррад медошт, ӯро ҳатман келин мекард. Бачаи хонадораш пул мефиристад, вале омада дар паҳлуяшон истода наметавонад. Рӯзҳое, ки бо ҳам буданд, бо ҳама камбизоатӣ хонаашон пур метофт. Келину набераҳо мадад мерасонданд. Вале аз ҷои кор наёфтан фарзандаш маҷбур шуд, ки ба хориҷа равад. Кампир ҳоло ҳам домани кореро медорад ва мӯсафедашро дур аз дидаи эътибор намегузорад. Мехоҳад, ки шавҳараш ҳам бори ноумедиро аз дӯши дил афканда, аз ҷо хезад, аз вартаи шабу рӯз дароз кашидану ба як нуқтаи номаълум чашм дӯхтан раҳад. Вале ӯро аз ин варта раҳонида наметавонад. Шояд ҳамқисматаш дар бораи гардиши айём андеша карда, гузаштаву имрӯзаро бо ҳам муқоиса намояд ва бо ҳамин сабаб кунҷи хилвати хонаро осоишгоҳ шумурда, аз дар берун набарояд. Дар майдони махсуси назди

бино ҷамъомадагони имрӯза чӣ мегӯянд, медонад. Мӯҳтавои сӯҳбаташон пул ёфтан, сарват ҷамъ кардан, хона харидану ба иҷора додан, истироҳатгоҳ сохтан, соҳиби ягон вазифаи даромаднок шудан, хулоса, роҳи кӯи шикамро пеш гирифтан аст. Ин одамони аз олами маърифат дур шер будани зиндагиро надониста, бо думаш бозӣ мекунанд. Дастгоҳи фитанависии дар мошинаш бударо дар назди бино баланд карда, хомӯширо халалдор мекунад. Завқашон, ки ниҳоят паст аст, сурудҳои сабткардаашон аз дарди ширин ва муҳаббати самимӣ ориянд.

Мӯйсафед ёд меорад ҳамсояҳои пешинашашро. Донишмандони бузург буданд, ҳар суханро дониста мегуфтанд, кӯшиш мекарданд, ки ягон ҳарфашон ба тори хотире боре нашавад. Ҷамъияти хуб доштанд. Сӯҳбаташон аз навигариҳо ва дастовардҳои илмӣ оғоз мегашт.

Пештар ҳам, ҳангоми ҷавонӣ мисли ӯ қуввати то рӯз нишастану мутоила карданро надошт. Дар ин роҳ хеле қафо монд, вале бо заҳматаш ҳамқисматашро пешсаф кард. Он вақтҳо хонаашон бозори гардон буд. Ҳар лаҳза телефон ва занги дарашон садо медод.

– Муаллима, устод дар хона ҳастанд?

– Ҳастанд, марҳамат дароед, – гуфта корафтодаро бо меҳрубонӣ қабул ва гусел мекард.

– Ин хонаи устод Кабирӣ?

– Бале.

– Муаллима, агар мушкил намеафтод, гӯшаки телефонро ба устод медодед.

Муаллима ба ҳама зангҳои пайдарпай боодобона ҷавоб мегардонд, боре ҳам «безор аз ҷон кардед» намегуфт, касеро намеранҷонд. Балки ифтихор ва шукрона мекард, ки шавҳари номдорашро ҳар рӯз суроғ мекунанд. Медид, ки ҳамсараш навиштаҳои дигаронро мехонд, таҳрир мекард, маслиҳатҳо медод. Ба ҷои онҳое, ки акнун вазиранду раисанд ва дар донишгоҳе сарваранд, дил об мекард. Ба сатрҳои парешони ишон мақоми ҷамъ бахшида, китоб мекард. Вале имрӯз дидори он бенамакони харашон аз ҷӯбор гузаштаро дар хоб мебинад. Чи кунад, ки бинои ҳастиро аз гилу хишти бавафоӣ сохтаанд. Ба ҳаминаш ҳам шукр мегӯяд, ки гардҳои аз пай афтода доғе ба доманаш нагаштаанд. Эҳтиёҷи зиндагӣ ва нотавонӣ худашро

ҳам маҷбур кардааст, ки аз ёрони қадимиаш дурӣ биҷӯяд, сураташонро набинад. Ба ҳамон ёронаш-қаламу коғаз ва айнакаш, – ки силоҳҳои умедаш буданд, обрӯ ва мартабааш мебахшиданд ва як умр дар шикори сайди маънӣ имдодаш мекарданд, акнун назари эътибор намедӯзад, балки аз онҳо чашмашро мегурезонад. Онҳоро сабабгори камнур гаштани чашмону хароб гаштани хонаи асаб ва нотавонгаштанаш медонад. Дар ҳар ҷунбишу аз ҷо хестан чашмонаш ба онҳо меафтад, вале метарсад ба онҳо наздик шавад. Гумон мекунад, ки он се силоҳи нигаҳдорандаи сирри махфӣ дар назар ҷудоафтода менамоянд, вале дар ҳолати зарурат якҷо шуда, ба ӯ ҳуҷум мекунанд, тифлакони нурҳои боқимондаи дидагонашро гаравгон гирифта, оҷизи мӯҳтоҷи дигаронаш мегардонанд. Метарсад ба онҳо наздик шавад, гумон мекунад, ки ҳавсалааш пир шудааст, мадораш намондааст. Не, хато мекунад, ҳоло ҳам қувват дорад, вале дилаш аз тамошои ҷангали ҳастӣ, ки пур аз рӯбаҳ шудааст ва шеронаш майдонғарибро мемонанд, дилаш мондаст. Барои ҳамин аз баҳри шикори ин сайди маккори гӯшташ нодаркор гузашта, на ба силоҳи дасташ, на ба силоҳи чашмаш ва на ба сипари рӯи мизаш наздик шудан намехоҳад. Силоҳҳояш-қаламу коғаз ва айнак низ дар ҳар кунҷи миз ва дур аз ҳамдигар мехобиданд. Соле пеш бе онҳо ҳастии худро тасаввур карда наметавонист. Даҳони даррандагони ҷангали ҳастиро бо ҳамин силоҳаш мебаст. Акнун худаш – сайёди пир кунҷи хилватро амонат гирифта, метарсад аз тири нигоҳи замон, метарсад аз тири ноумедиву бемеҳрии одамон.

Даврони пурғайративу дурбинӣ ва сайдафканияш гузаштааст. Дигар тираш ба нишон намерасад. Дар он сармои заҳматҳо, ки фасли барори шикораш буд, шабу рӯз хоб надошт. Аз зарби камони хомааш саҳифаи сафед, ки ба пуштаи барфолуд шабоҳат доштанд, аз ҳарфҳо-аз сайдҳои афкандааш пур мегаштанд ва ғизои маънавии дигарон мешуданд. Дар ин миён сайёдони тарбиягирифтааш-толибилмони донишгоҳро ба ёд меорад. Ҳар сол агар дусад донишҷӯ дар бахшҳои рӯзонаву ғоибона таҳсил карда бошад, дар даҳ сол ду ҳазор ва дар шаст сол ин адад ба дувоздаҳ ҳазор мерасад, ки як варзишгоҳи калонро пур мекунанд. Акнун шогирдонашон аз ӯ дида пухтатар шудаанд, соҳиби унвону вазифаи баландтар гардидаанд. Ё ки эҳтиёҷи рӯзгор ба

ҳар сӯ бурдааст ва ё носипосии замон ишонро ба чоҳе афкандааст, ки дидорашонро дида наметавонад. Шояд ҳоли шогирдони донишмандаш аз ҳоли устодашон бадтар аст? Вале шогирдони кундзеҳнаш имрӯз машҳуртаранд, вазиранд, раисанд, роҳбари донишгоҳанд. Бе ихтирое соҳиби ҳама унвонҳо гаштанашонро шунида, зоҳиран шоду ботинан ғамгин мегардад ва дар лабонаш хандаи оҳолудае пайдо мешавад.

Рӯзҳои вазнини ҷанги шаҳрвандӣ, ки аз дуру наздик садои тир ба гӯш мерасид ва боре тири хаторафтае ба тирезаи ҳуҷраи кориаш барҳӯрд ва фарши хона пур шуд, парво накарда, навиштану хонданашро идома медод. Ӯ ҳам бо мақсади шаҳид нагаштани қаҳрамонони умеду орзуяш бо худ меҷангид, барои ғолиб шудану охирин нишона мондан мубориза мебурд. Дар он рӯзҳои мудҳиш аз хона берун набаромада, чандин китоби тадқиқотӣ навишт, дар саҳрои маърифат донаи фаҳму дониши худро кишт. Вале имрӯз дар муҳити сулҳу оромӣ на китоберо ба даст мегирад ва на ба хомаву айнаку варақҳояш наздик мешавад. Балки онҳородӯстони шаст сол ҳамқисматашро душмани ҷони худ мепиндорад. Даст ба сӯяшон дароз намекунад, шояд ғами охирин лаҳзаҳои ҳастии худро мехӯрад. Гоҳ-гоҳ ҳамсараш ҳангоми рӯбучин қаламу айнак ва коғазҳои хобидаро аз рӯи миз бардошта, баъди тоза кардан ба ҷояш мегузорад.

Вақтҳои охир шавҳараш ҳатто гӯшаки телефони дар паҳлӯяш бударо бардоштан намехоҳад. Кӣ телефон мекунад, чи мехоҳад дигар ба ӯ аҳамият надорад. Бехуда садо доданашонро медонад. Медонад, ки дар ин садоҳо садои ошно нест, сипосгузорию вафо нест. Аксари зангҳо зангҳои хатоафтодагонанд. Рақами шиносашонро аниқ надониста, дигаронро овора мекунанд. Танҳо ба хотири ба гӯш нарасидани ин садоҳо ба ҳамсараш ишора мекунад, ки гӯшакро бардорад ва ё дарро кушояд. Тугмаи занги пушти дарро ҳам онҳое зер мекунанд, ки аз дунёи дигаранд, бо ӯ ягон муносибату наздикие надоранд. Аксарашон дорандагони хонахаранд.

«Хонаатонро фурӯшед, барои пиру кампир хонаи якҳуҷрагӣ кифоя. Розӣ шавед, хонаро бегона накунед, пули хуб медиҳем» гуфта худро чун пайванди онҳо мешуморанд. Сари чандин ҳамсояашонро, ки камбизоат шуда буданд, гаранг карда, хо-

наҳояшонро хариданд ва онҳоро ба гӯшаи дури шаҳр фиристоданд. Ба он гӯшае, ки дар он ҷо хонаҳо аз надоштани шароити хуб арзонтаранд. Хабар меояд, ки он фиребхӯрдаҳо ҳоли бад доранд, он ҷо таъмини обу барқу газ хуб нест. Ин дорандаҳо мехоҳанд, ки охирин намояндагони хонаҳои дар замонаш махсусро фиреб дода, сарсону саргардон намоянд. Не, дар ин бозӣ ҳаводор намеёбанд. Нақшаи кашидаашон барбод меравад. Хонаашро намефурӯшад. Бача дорад, ин хонаро мерос мегузорад. Бигузор баъди сараш ворисаш ин чор деворро фурӯшад. Ганҷинаи асосӣ – самари заҳматҳояш, ки аз фикри дар куҷо монданаш осудагӣ надошт, ҷои худро ёфт. Хонаи ҷиянаш Ҷовид бойгонии корҳои тадқиқотии тағояш шуд. Мӯйсафеду кампир аз миёни зангҳо зангҳои телефонии Ҷовидро мешиносанд. Занги дарро ҳам зер карданаш аз дигарон фарқ мекунад.

– Гӯшакро бардор занак, Ҷовид аст, аз роҳи дур занг мезанад. Ғайри Ҷовид ва писарамон, ки садоравонкуниашон махсус аст, дигар ягон роҳдурӣ он тараф, наздиконамон ҳам ба мофаромушгаштагон, дар як сол як-ду маротиба занг мезананд.

Кампири Ҳалима оҳиста-оҳиста рафта гӯшакро мебардорад. Рост баромадани тахмини шавҳарашро тасдиқ мекунад. Ҷовид занг зада ҳолашонро мепурсад ва аз натиҷаҳои истеҳсолии боғу майдонаш мужда мерасонад.

– Меваи боғ имсол фаровон аст, чашм нарасад себу ангуру шафтолую нокро бо қувваи худӣ ҷамъ овардан ғайри имкон аст. Чормағз ҳам хуб бастааст, мевааш аз баргаш кам нест. Гандумро даравида, дар ҷояш полез кардем. Баъди бардоштани ҳосил дар замини картошка бодирингу помидор парвардем. Имсол соли пиёз будааст, фурӯхтем, анборамонро пур кардем, рӯи ҳавлиамонро низ пиёз пӯшонидааст, рӯзҳои наздик аз ҳамааш ҳаққатонро мефиристам.

Кампир гуфтаҳои Ҷовидро як ба як ба хӯҷаинаш нақл кард ва илова намуд, – ҷиянат марди баномусу қабиладӯст аст, вале дар вақташ ба ӯ эътибори дуруст надодем, аз дастамон меомад, дасташро нагирифтем, аз таги дилаш бохабар нагаштем. Умед дошт, ки ба ягон донишгоҳ дохилаш мекунем. Саводаш бад набуд, «Ту як бесавод, ту як дунёбехабар» гуфта, ба тори асабаш нохун задем. Бечора бо қувваи худаш им-

тиҳонҳоро супурда, аз нарасидани як хол донишҷӯ нашуд. Поквичдонии туро, ки хуб медонист, малол нашуд. Фаҳмидӣ, ки ғайри ҳамон решапайванд ягон кас парвоямон надорад.

– Коҳи кӯҳнаро ҳам бод кардан хуб нест. Худам ҳам аз хатои ислоҳнашавандаам хиҷолат мекашам. Хайрият, ки Ҷовид он рӯзҳоро ба ёд намеорад. Дили бузург дорад, дурандеш аст, ҷиян ҳам бошад, дар сафи вафодорон аз фарзандамон пеш аст. Баъди дар хонааш дидани чандин нусхаи китобҳои аввалинам, ки дар вақташ харида ҷилдпеч карда будааст, беихтиёр гирён шудам. Китобҳо гуё ки навакак аз чоп баромада бошанд, ягон доғ надоранд, батартиб дар ҷевон чида шудаанд. Китобҳои дар худамон бударо эҳтиёҷмандони бемаърифати замон гирифта, ба ҷои нусхабардор кардан, саҳифаҳои лозимиашонро канда гирифтанд. Қариб ягон китоб пурра нест, китобҳои ҳама саҳифаҳояш ҷо ба ҷо ва бе соядасти ман дар хонаи Ҷовид аст. Сад афсӯс, ки дар вақташ ба ҳама бо соядаст китоб додаму ба ҷиянам не. Акнун фаҳмидаам, ки ҷои решапайвандро ҳеҷ кас иваз карда наметавонистааст. Дар ҳуҷрае, ки махсус ба номи ман сохтааст, пур аз навиштаҷотҳои ман аст. Дар як гӯшаи дур аз шаҳр зиста, онҳоро кай ва аз куҷо ҷамъ оварда бошад, ҳайронам. Баъди дидани ин китобхона ӯро ягона нигаҳдорандаи осору нишонаи умрам хондам ва гуфтам, ки дар ин дунё фақат ба ту бовар дорам ва мехоҳам, ки китобу дастхатҳои дар хонаи худам бударо ҳам дар ин ҷо бубинам. Ҷовид ин васиятамро зуд ба ҷо оварда, омада ганҷинаи бебаҳоямро бурд. Гуфта будам ку, дар рӯзи кушодани осорхонаи ба номи Шавкат Кабирӣ сарварони ноҳия ва дигар маърифатпарварони маҳал ширкат карда, ба ташкилкунандаи ин кори хайр – деҳқони оддӣ, вале решапайванди як олими фаромӯшшуда Ҷовиди Фирӯз аҳсану офарин хонданд ва ба ҳамин хотир ҷашни ҳаштодсолагии бандаро гузаронданд. Ба шумо як хабари дигарро нарасондам. Ғайр аз осорхона Ҷовид дар як кунҷи боғаш барои худамон хона бунёд кардааст, ҳарчанд, ки моро хонаи охират интизор аст. Ба ҳар ҳол як рӯз осудатар зистан давлати бузург аст. Қалам дар тасвири ҷои барои худамон интихобкардааш оҷиз мемонад. Аз пеши хона об мегузарад, дар як кунҷи боғ чашма аст. Дарахтони гуногун ва бӯи гулу гиёҳҳои атроф ба ҷон ҳаловат мебахшад. Агар ҳамроҳам ба

ҷашн рафта, ҳамон манзараро бо чашмони худ медидӣ, дигар ба шаҳр барнамегаштӣ ва аз ҳамин муҳити ғавғо ва мардумони аз ҳоли ҳамдигар бехабар мегузаштӣ. Мегӯянд, ки бузургон дар деҳот ба дунё омада, дар шаҳр ҳайкал мешаванд. Рост мегӯянд, мавлудашон ба ёдбуд табдил меёбад. Барои ҳамин Ҷовид ният дорад, ки моро аз шаҳр ба деҳа, ба ҳамон мавзеи биҳиштмонанд бубарад. Ту чӣ мегӯӣ?

– Мегӯям, ки ҳамон бесаводи мегуфтагият аз худамон дида дурбинтар будааст. Мо мардуми дар ободӣ афтода мақоли « Ганҷ дар вайрона»-ро фаромӯш мекунем. Ҳоло ҳам гуфт, ки шуморо дар паҳлӯям дидан ва кӯдаконамро ба хидмататон супурдан мехоҳам. Меҳрубонию садоқат ва одамгарӣ аз ин зиёд намешавад.

Мӯйсафед дигар ҷавоби ҳамсарашу давоми ҳасратномаашро гуфта натавонист. Дар ҳамин ҷо ба суханаш нукта гузошт ва чашмонашро, ки пур аз нигоҳҳои ашколуд будаанд, мисли пештара ба ҳамон нуқтаи номаълуми шифт дӯхт. Кампиракаш низ ба рӯи шавҳари дар пирӣ қадрнодидааш нигоҳ карда, ҳарфе ба лаб оварда натавонист. Ба фикр фурӯ рафта, заҳматҳои кашидаи роҳатнадидаашро бори дигар пеши рӯ овард. Дар шаст соли зиндагии якҷоя бо чи азобҳо гирифтор шудани ҳамқисматашро тасвир кунанд, даҳҳо қиссаи хотирмону ибратбахш мешавад. Кампири Ҳалима баъди лаҳзае ба муҳити хона ҳукми хомӯшӣ бахшидан тоқат накарда: – Чӣ ашки ноумедӣ мерезӣ, чаро ғами беҳуда мехӯрӣ? Наход бевафойи дунёро фаромӯш карда бошӣ? Хусусан дар замони мо ҳоҷати аз касе гила кардан нест. Касе бори нози касеро намебардорад. Зеро чашмони танги манфиат дидори маърифатро дидан намехоҳад. Вале ман то дами нафаси охирин бори нозатро мебардорам ва аз дидорат серӣ надорам. Мард барои зан ватан аст, ба ҳар ҷое, ки хоҳӣ, ҳамроҳат меравам, ҳатто мехоҳам, ки дар гӯр низ ҳамроҳат бошам. Вале то рӯзи рафтан ба он мулки биҳиштмонанду хонаи бо умед сохтаи Ҷовид ту ҳам бори танатро ба пушт напартофта, аз ҷой бархез, қаламу коғазат ва айнакатро бесоҳиб намон. Фаромӯш макун, ки айни ҳол мо дар бинои академикҳо зиндагӣ мекунем. Ба хотири ҳамин номи баланд мехоҳам, ки аз ҳисоби ҳар лаҳзаи боқимондаи умр рӯзҳои рӯ ба даргоҳи илм наовардаатро ҷуброн бикунӣ.

– Худат медонӣ, ки тадқиқот ва навиштани мақолаи илмӣ истифода бурдани иқтибос ва истифодаи маводҳои хазинавиро талаб менамояд. Ҷевонҳои холишудаи мо гувоҳи гардиши айём аст. Пештар ин биноро бинои академикҳо мегуфтанд, ҳоло бошад бинои кулфатзадагон мегӯянд. Маҳалла ҳам бо номи кулфатзадагон машҳур аст. Аз ин пас навиштани асару умрро сарфи тадқиқоте кардан бесуд аст. Зеро марсия барои меҳргумкардагон суруд ва ёдбуд рӯзи мавлуд аст …

ФАЛСАФАИ ЗИНДАГӢ

Қисми зиёди мизҳои чойхонае, ки онро баъдтар ба мақсади афзудани даромад ба ошхона табдил доданд, банд буд. Дар сари ҳар миз ду-се касӣ, гоҳо чортанӣ нишаста, аз ҳар боб, бештар аз хӯрдану хуфтан, умри ғаниматро бо дилхушӣ гузаронидан, ҷону танро ранҷу азоб надодан ҳарф зада, гӯё озмуни меъдаи худро пур кардан доштанд. Мизҳоро шаробу кабоб, помидору бодиринг, кабудӣ, чакка, меваҷот ва дигар хӯришҳо зеб мебахшиданд.

– Бичашед, дар умрам ин хел чаккаи бомаззаро нахӯрда будам. Шаробаш ҳам тозаи тоза, ба фикрам, навбаромад, баъди чанде мефаҳмӣ, ки обаш андак зиёдтар шудааст – ба гӯш расид аз мизи наздиктарини дукаса. Сӯҳбатро марди бурутғафси биникалони лунҷҳояш даму каллааш калон ва китфпаҳн оғоз кард.

– Сад намудашро нӯшидаам, дар ин кор собиқаи зиёд дорам. Ин ҳам тозаи тоза нест, одами тоза ёфт намешаваду аракӣ тозаро аз куҷо меёбӣ? – илова кард ҳамтабақаш, ки пуштнокӣ нишаста буд ва чеҳрааш наметофт.

– Шуд, шуд, даҳонамро мепӯшам. Як гап гуфта, дар бало мондам. Аввал бигир, нагирифта чи баҳо медиҳӣ?

– Агар хомӯш бимонам, бовар дорам, ки ту бодирингу помидорро ҳам бедору мегӯӣ, ҳол он ки имрӯз бе дору ҷонро дар ҷисм нигоҳ доштан душвор аст.

Гирди дигар мизҳои дуртар низ танпарварон ҳукмдори инони иштиҳо буданду пайи ҳам луқмаҳоро ба даҳон мебурданд, мехӯрданду мехӯрданд. Шояд дар ин лаҳзаҳо аз дил ҳам мегузаронданд: – Худоё, ё ҷонамонро бигир ё шикама-

монро бузургтар бикун. Ростӣ, дар ин лаҳзаҳо садои газидани себу бодиринг, қулт кардани шароб ва хоидани устухон садоҳои нафаскаширо мавҳ мекард.

Овози пасти барандаи радиои бари девор, гоҳо ба шунидани ин садоҳо, ки дар маҷмӯъ садои иштиҳо ном мегирифт, халал мерасонд. Агар атрофро ғайри садои ҷунбиши лабону дандонҳо садои дигаре иҳота намекард, оҳанге ширинтару пурмаънотар аз симфонияи хӯрдан, ки ба фаҳми бисёриҳо оҳанги аслии зиндагист, ба гӯш намерасид.

Хусусан, ҳамтабақҳои ҳамон мизи аз ҳама наздик менӯшиданду мехӯрданд ва дам ба дам суръати хӯрданро тезтар карда, сағалҳоро бегӯшт ва анору себу нокро ба пучоқ табдил медоданд. Чандин соғари пур аз шаробро ҳам холӣ карданд. Дар ин пойга аз онҳо гузашта, ба марра расидану ғолиб омадан ниҳоят душвор буд. Вақти расидан ба шишаи навбатӣ майли нӯшбодгӯӣ пайдо карданд. Баъд аз ин на танҳо дар корзори хӯрдан, балки дар минбари сухан ҳам ғолиб шудан мехостанд. Дастак задану овоз баланд кардан аз тан надодан ва сар задани ҷанҷолу харҳаша гувоҳӣ медод. Вале зуд-зуд омадану рафтани пешхизматон, ки ҷилваҳояшон ҷилваи нарми мавҷи обро мемонд, оташи хашму ғазабашонро то андозае фурӯ менишонд. Пешхизматҳо бо либоси кӯтоҳу чокдори аврупоӣ, ки аз он пеши қафаси синаву бари ронашон метофт, диққати мизоҷонро ҷалб карда, ҳар гуна баҳсу харҳашаро барҳам зада метавонистанд. Онҳо бо мӯи кӯтоҳу рӯи пардоздода ғофилонро мафтун карда, дар дили эшон умеди ба даргоҳи васл роҳ ёфтанро мепарвариданд. Баробари пайдо шуданашон чашмҳо дар панҷаи пилкҳо тоб хӯрда, пешвозашон мегирифтанду гуселашон мекарданд. ..

Дуртар аз он тоифа дар паси мизе, ки дар рӯяш фақат як чойники чою ду пиёла метофт ва ба қисми чойхонаи бино мансуб буд, ду каси дигар менишастанд. Аз тарзи сухангӯию чеҳраи кордида ва қифҳои пурборашон маълум буд, ки зиёянд. Онҳо ба суханҳои беработи танпарварона аҳмият надода, гапи худро мезаданд. Вале баъзе вожаҳое, ки баландтар садо медоданд, хоҳу нохоҳ ба гӯшашон расида, риштаи хаёлашонро ба сӯи овоз мекашиданд. Пешхизматҳо дидори онҳоро, ки мизро банд карда, суръати бозори даромадро паст мекарданд, хуш

надоштананд. Онҳо низ ба танпарварон, ки сабабгори дар паси пардаи хоб мондани пардаҳои умеду омол мешуданд ва ғайри фикри даромади ҳамонрӯзаи худ дар сар андешаи дигар надоштанд, бо дидаи нафрат менигаристанд. Сари ин миз ҳам сӯҳбат идома дошт, ду зиёӣ табодули назар менамуданд.

– Хомӯшии аз ҳад зиёд ҳам хуб нест. Хомӯшӣ пешаи мурдагон аст, зинда бояд гап занад, фикру ақидаашро иброз намояд, пешниҳодеро тасдиқ ё инкор кунад. Гоҳ-гоҳ забон баровардан ҳам бадӣ надорад…

– Рост. Ман ҳам дар умри нимасраам садҳо китоб хонда, шабҳоро ба бедорию андешаҳои зиёд рӯз карда бошам ҳам, вале маънии зиндагиро ба қадри зарурӣ нафаҳмидаам. Ҳамин қадар фаҳмидаам, ки маънии фалсафаи зиндагӣ якеро фиреб додани дигаре будааст. Масалан, ҳунарманд наът мехонад: –

Луқмони Ҳаким хонааш хору хас аст,
Меҳмони равандаро ҳамин кулба бас аст.

Ё худ:

Дунёра ба худ вафо надидем, гузашт,
Ангушти пушаймонӣ газидем, гузашт.

Таъкид мекунад, ки молу зар душман аст, ба дунёи фонӣ дил набандед, вале чашмони худаш ба ҷайби маъракадор аст. Мехоҳад, ки пул ҷамъ карда, ҳарчи зудтар сохтмони хонаашро ба охир расонад, мошини тамғаи хориҷӣ бихарад, истироҳатҷояшро ободтар намояд. Вале барои сайқал додани ҳунар ва афзудани теъдоди сурудҳояш кӯшиш намекунад. Ҳамон панҷ-даҳ суруди дар ҷавонӣ азхудкардаашро маъракаба маъракахонда, пул кор мекунад. Аксари муллоҳо низ роҳи осони зиндагиро пеш гирифта, тан ба заҳмат намедиҳанд. Ба ҷуз аз ёд кардани чанд ояту ҳадис дигар китобҳои ирфониро варақ намезананд ва аз усулҳои нави қироат ғофил мемонанд. Фақат бо роҳи ҷустани ҳаводори кундзеҳну танидани тори фиреб соҳиби амвол мешаванд. Шароити зисти худро беҳтар мекунанду ҳамсари нав мегиранд.

Ҷавоне ҳам барои ба даст овардани дили нозанине худро

ошиқи шайдо хонда, « Аз ту як соат ҷудоӣ хуш намеояд маро», «Бе ту як лаҳза зистан марг аст.» – мегӯяд, вале боз мебинӣ, ки зинда аст. Гуфтам – ку, маънии фалсафаи зиндагӣ ҷуз фиреб додани яке дигареро чизи дигаре нест.

– Ман ба гуфтаи шумо сад андар сад розиям. Саҳнаи зиндагӣ аслан аз маводи макру фиреб сохта шудааст. Савдогар аз тарозу ва бофанда аз тору пуд мезанад.

– Бовар бикун, гоҳо аз ноумедӣ ба ҷон расида, « аз донистан надонистан беҳтар» мегӯям. Доно ки шудӣ, ҳама макру фиребро пай мебарӣ, хиёнаткору ҷосусро аз тарзи нигоҳаш мешиносӣ, сар задани фитнаву ошӯбҳоро пешакӣ эҳсос мекунӣ, неку бадро аз ҳамдигар фарқ менамоӣ ва дар ботлоқи андеша афтода, ба марг рӯ ба рӯ мешавӣ ва дилат аз зиндагӣ мемонад.

– Чӣ илоҷ!Сари роҳи макру фиреб ва дурӯғро гирифтан кори осон нест. Ҳама кору кирдори бад эҷоду офаридаи худи инсон аст. Худованд зидди хислатҳои бад аст, мехоҳад, ки бандагонаш фақат ба роҳи ростию покӣ қадам гузоранд, ба додаҳояш-ақли расо, чашми бинову гӯши шунаво, пои равону дасти гиро шукр карда, дар маҷмӯъ ба қадри тани солим бирасанд. Вале ношукрон баъди даст ба ҳаққи мардум задан ва аз ҳисоби ришва гирифтану андак доро шудан худписанд мегарданд, фукро ба осмони ҳафтум бардошта, заминро намебинанд ва кӯҳ дар назарашон тали коҳ метобад. Дар маъракаҳо шиносону қадрдонҳои деринаро нодида мегузаранд, ҳатто решапайвандони худро суроғ намекунанд.

– Халқ рамаро мемонад, ба ҳар тарафе , ки гӯянд, рафтан мегирад. Асосгузори ҳама рафторҳои номатлуб худи ҳокимонанд. Чиркиниҳо аз онҳо рӯ зада, ҷомеаро иҳота мекунанд. Ба гуфти Саъдии бузург: « Агар ҳоким аз дарахте мевае барканад, раъият шохаву навдаҳоро меканад». Сиёсати сарвар дар амалаш таҷассум меёбад. Агар гуфтору кирдораш ба ҳам мувофиқ бошад, нуран ало нур мешавад. Мардум ӯро дӯст медоранд, ба қадраш мерасанд.

– Ҳақ ҷониби туст. Инсон дар кадом муҳите, ки умр ба сар мебарад, ҳамон муҳитро медонад ва то дер дар доираву таъсири он мемонад. Ба ҷараёни зиндагиву сиёсати ҳамон давр ва ба шунидаву дидаҳояш баҳо дода метавонад. Аз байни даҳҳо сарваре, ки дар аҳди мо ба сари қудрат омаданду рафтаанд, фақат

номи чанде аз онҳо ба лавҳаи хотирам мондааст. Ман, ки аз ту солортарам ва парвардаи даврони Иттиҳоди Шӯравиам, аз рӯи шунидаҳову хондаҳо Сталинро ҳамчун сиёсатмадори бузург ва доҳии ҳақиқӣ эътироф мекунам. Ба гуфтаи Черчил, Сталин Россияро бо ассо қабул карда, бо бомбаи атомӣ боқӣ гузошт. Солҳои дароз як мамлакати бузургро идора карда, дар ҷанги даҳшатбор марзу буми қаламравашро ҳимоя ва ғалабаи артишро таъмин карда тавонист. Вале дар рӯзи марг аз бисоташ попӯши нав пайдо накарданд. Ҷонсахттарин сарвар ва ба номаш мувофиқ будааст Сталин.

– Андропов ҳам, рӯҳаш шод бод, сарвари андак набуд, дар муддати кӯтоҳи ҳокимӣ табаддулот кард, вале дарёдаркашон ба сиёсаташ тоб наоварда, ришташро бармаҳал баркананд. Бечора, орзуҳояшро ба хок бурд.

– Косигин ҳам одами хуб ва иқтисодчии бузург буд, низоми нархро дар меъёраш нигоҳ дошта метавонист.

– Таърих фаромӯш намешавад. Заминларзаи Арманистону ашкрезии Николай Рижков ҳаргиз аз ёдам намеравад. Дар он рӯзҳои талх, гӯё ҳеҷ ҳодиса рух надода бошад, Михаил Горбачёв парво надошт.

– Медонӣ, сурати шерозаи сиёҳдоштаи собиқ сарвазир Виктор Чернамирдинро дида, барои аз дунё гузаштани як марди оқилу хирадманд ашки ҳасрат рехтам. Владимир Путинро ҳам барои аз вартаи бесарусомонӣ раҳонидани Россия дӯст медорам.

Шояд баъзеҳо бигӯянд, ки агар Иттиҳоди Шӯравӣ абарқудрат мебуд, магар барҳам мехурд? Дигар аз ин ҳаводорию таассуф чӣ фоида?Сад ҷон биканӣ ҳам, оби рехтаро ҷамъ карда нашавад?! Мо худамон соҳибдавлатем, дигар вобастаи он Иттиҳод набошем. Ин нуқтаи назар хатост. Ватандору миллатдӯсти ҳақиқӣ боз башардӯст ҳам мешавад, бузургони кишварҳои бегонаро ҳам эътироф карда, меҳрашонро дар дили худ ҷой медиҳад. Мисли он ки сарвари давлатамон Эмомалӣ Раҳмон масъалаи «Об барои ҳаёт» – ро ба оламиён пешниҳод кард. Ҳол он ки худи мо аз ҷиҳати таъмини об ягон ташвиш надорем. «Бани одам аъзои якдигаранд» – гуфтан ҳамин маъниро дорад.

– Ҳайфи Саддом Ҳусейн, ки қурбонии фитнаи Ҷорҷ Буш

шуд. Диктатураи кӯҳнаи он кас аз демократияи навини Буш садҳо маротиба хубтар буд. Бо сари баланд ба зери дор рафту сар нафуровард. Баъди марги ӯ Ироқ ба харобазору мотамхона табдил ёфт. Ҳар лаҳза таркиш, ҳар қадам таҳдиди марг. Ҳар рӯз риштаи умри даҳҳо нафари бегуноҳ канда мешавад. Агар нишони гирифтаи ҳамон хабарнигори ҷасур ба ҳадаф мерасид ва аз кафши партофтааш ба сари Буш доғе мемонд, доғи сиёсат муаррифӣ мешуд, ки маънои давоми муборизаҳои ҷабрдидагонро дошт. Партофтанаш ҳам партофтани маводи таркандаро мемонд ва дар худ бедор шудани хуфтагонро таҷассум мекард. Буштинатон метавонанд донишмандони бузургро ҳам ба гирдоби гуноҳи кардаи худ бикашанд. Китоби «Ҳаёт, марг ва бемаргӣ», ки аз қисмати Алберт Эйнштейн ҳикоят мекунад, бозгӯи фитнаҳои ин тоифаи манфур аст. Ихтирои ба хотири таъмини осудагӣ кардаи олимро барои пиёда кардани сиёсати ҷангҷӯёнаи худ дар Херосима ва Нагасаки озмуда, ҳаётро дар он мавзеъҳо ба марг табдил доданд. Баъд аз шунидани ин даҳшат олими бузург гирифтори авзои девонагӣ шуда, оқибат гуноҳкорона оламро падруд гуфт.

– Хонаи фитнакорон бисӯзад. Қариб буд, ки кишвари моро ҳам аз харитаи ҷаҳон нест кунанд. Хушбахтона, Худованд ба сари қудрат сарвари ғамхору дурандеш овард.

– Сарварӣ ҳам кори ҳар кас нест. Бояд сарвар баробари доноӣ ва дасту дили пок доштан боз нотарсу далер бошад, аз мушкилот наҳаросад. Гаправ набошад, дар симои дӯст душманро набинад. Зеро дарбор ҷоест, ки ҳар дарборӣ барои мустаҳкам шудани мавқеи худ муборизаи ошкору ниҳон мебарад, дар дили худ нисбат ба оқилону хирадмандон ҳисси бадбинию кина мепаварад, барои аз дарбор дур шудани онҳо роҳ меҷӯяд. Манфиатҷӯён маърифатҷӯёнро сиёҳ мекунанд. Аксари сарварон бехабар аз ғаразҳо ба тоифаи бадкор бовар карда, бегуноҳонро гирифтори азоби алим мегардонанд. Ҳатто Анушервон ба хабаркашон эътимод баста, вазири донояш Бузургмеҳрро аввал зиндонӣ, баъди узр напурсидан чоҳнишин кард. Ва боз барои узр хостани вазир надимро назди ӯ фиристод. Вазири хирадманд чунин посух дод:

– Ба шоҳ бигӯй, ки ин чоҳи торик аз даргоҳи шоҳ пурнуртар аст. Баъди ин ҷавоб бо фармони шоҳ Бузургмеҳрро дар танури

оҳанини мехдор, ки мехҳо бар баданаш мехалиданд, ҷой карданд. Вақте ки фурсати дуруст будани пешгӯиҳои вазири доно расид, шоҳ аз карда пушаймон шуда, барои раҳидан аз вартаи мушкилот боз ба Бузургмеҳри рангаш хазону чашмонаш камнур рӯ овард. Бо маслиҳати вазири доно бо қайсари Рум сулҳ баста, на танҳо кишварашро аз ҳуҷуми лашкари турк эмин нигоҳ дошт, балки қаламравашро дар Шарқ то марзи Ҳинду Чин, дар Ғарб то кишвари Яман васеътар кард. Як қисми замини ниёгонро аз ихтиёри давлати Рум гирифт. Бо ин ҳама бузургӣ пеши рӯ овардани хатоҳои дар ҳаққи Бузургмеҳр содиркардааш, куштани ду писару ду бародар ва дигар хунрезиҳо осудагиашро барҳам мезаданд.

– Рост, сарварӣ кори ниҳоят сангин аст. Ҳоким хоҳу нохоҳ ба фитнаҳои атрофиёни хушомадгӯ ва тамаъҷӯ бовар мекунад. Кайфияту лаззати давлатдориро ҳам дар ҳамин заҳри ширин мебинад. Оё мумкин нест, ки баъди омӯзишу санҷишҳо фақат инсонҳои дурандешу худшинос ба дарбор даъват карда шаванд?

– Ин ҷиҳатҳоро танҳо рӯҳшиносони ҳақҷӯ муайян карда метавонанд. Вале сад афсӯс, ки ҳанӯз дар кишвари мо рӯҳшиносон мавқеъ надоранд. Шояд дар ояндаҳои дур ба ин масъала эътибор дода шавад. Масалан, ба шунидам, ростӣ бо чашмони худ нахондаам, дар кишвари Ҷопон ҳам сарварон ва ҳам коргарони оддии ба коргоҳ воридшаванда аввал аз муоинаи рӯҳшиносон мегузаранд. Агар авзои коргаре нохуб маънидод шавад, дастгоҳи он коргарро ба ихтиёри коргари авзояш хуб медиҳанд. Он кас ҳарду дастгоҳро назорат карда, музди иловагӣ мегирад. Ба коргаре, ки аз санҷиш нагузашт, низ имтиёз дода мешавад. Сабаби торафт баланд шудани сифати маҳсулот ва дар бозори ҷаҳон мавқеи мустаҳкам пайдо кардани кишвари Ҷопон низ дар ҳамин аст.

– Инаш бахайр. Дар он ҷо барои сохтани асбобе ё дастгоҳе ба ихтирокорон имтиёзи дарозмуддат дода, барояшон ҳамаи шароитҳои зиндагиро муҳайё мекунанд. Онҳо даҳ-бист сол фақат сари ҳалли масъалаи ихтирои худ андеша карда, оқибат гирехи мушкилотро мекушоянд. Дар фурӯши аввал ҳама харочотро барзиёд ҷуброн карда, даҳҳо маротиба фоидаи соф мегиранд. Касони аз ин ҷиҳатҳо бехабар дар маъракаҳо беҳуда

ҷор зада, сабаби пеш нарафтанро дар суханофарӣ мебинанд ва ба сари шоиру нависанда борони таънаву маломат мерезанд.

– Бо роҳи қалам то куҷо меравем? Бо сухан шикам сер нашавад. Аз ҳазор шеъру суруд як дучарха баровардан беҳтар. Даҳони яке аз ҳамон фитнаҷӯёни танпарварро бастам. Гуфтам, ки шеърашро ман навиштам, чаро ту ба ҷои маърака ба маърака шикам чаронда гаштан домани ягон шуғли дигарро намедорӣ?

– Нагуфтӣ, ки « Гар сухан ҷон набувад, мурда чаро хомӯш аст»?Ва боз ворисони киҳо буданатро ба ёдаш наовардӣ?Таъкид накардӣ, ки таърихро як бори дигар варақ бизанад . Аз ҷаҳонро бе ҷангу бе хун гирифтани ниёгон бохабар шавад. Бидонад, ки ҷавшанашон дафтару ханҷарашон қалам буд. Сарбози зафарёрашон сухани пуралам буд. Тақвими Хайёму муодилаҳои Ал-Хоразмӣ ва фармудаҳои Сино, ки донишмандони ҳамаи давру замонҳо аз онҳо баҳра мебаранд, магар бузургтарин эҷоду ихтироъ нестанд? Баъзе қонунҳои Нютонро ҳам ба Хайём нисбат медиҳанд, ки ба ҳақиқат наздик аст. Оё «Сиёсатнома»-и Низомулмулк пураразиштарин китоб барои сиёсатмадорон нест? Ҳаст, вале бовар дорам, ки баъзе амирону вазирон вуҷуд доштани чунин китобро намедонанд. Барои исботи бузургии ин миллат боз садҳо мисол овардан мумкин аст. Масалан, дар ҳазор соли бедавлатӣ забону ҳастии худро нигоҳ доштан ва муборизаи қаҳрамононаш барои қисмати фардои миллат магар нишонаҳои бузургӣ нестанд?

Ҳоло дар мамлакатҳои бузург« Маснавии Маънавӣ»-ро мехонанд. Агар ба маъниҳои офаридаи Бедил сарфаҳм мерафтанд, шояд дигар китобро варақ намезаданд.

– Ба кӣ мегӯӣ, гӯши суханшунав куҷо, дидаи эътибор ку? Замони танпарварон расида бошад ҳам, медонам, ки дар роҳу растае, дар гӯшаву манзиле, дар дурии дуре ва ё дар хилватгоҳе дидаҳои назоратгари равшандилоне вуҷуд доранд. Онҳо метавонанд, ки бо неруи дасти фаҳми баландашон занҷири ин лангари дарозафкандаро кашида, дар лаҳзае муҳитро дигар бикунанд. Вале ба рафти ин ҷараён, ки ҳубоб дами мавҷашро гирифта наметавонад, халал расондан намехоҳанд. Медонанд, ки ин дарё рӯзе маҷрои худро меёбад. Ба хотири озодию соҳибистиқлолӣ ва давлатдорӣ, ки орзуи ҳазорсолаи ин қавм

буд ва акнун насибашон гаштааст, саброо пеша карда, интизори рӯзҳои нек мешаванд. Шукр мегӯянд, ки ватан доранд, ҷони осуда дар бадан доранд. Роҳу пул сохта, даргоҳи умед бунёд мекунанд, вайронаҳоро обод мегардонанд, худро аз бастаҳои боқимонда озод месозанд. Ин ҳама барои ихтирову дастовардҳои нав заминаанд, барои расидан ба қуллаи мақсад зинаанд…

Торафт баландтар шудани овозҳои мизи ҳамсоя ристаи сӯҳбати ду зиёиро барканд. Ба теғи чашм ба он сӯ нигаристанд. Гуфтугӯҳо торафт тезу тунд ва ҳолатҳои сархушӣ мураккабтар гашта, ҷаҳишҳову афтишҳо пайдо менамуданд. Хомӯшӣ мақомашро ба фарёд медод. Боқимондаи шишаи дуввумро ҳам ба соғар рехтанд.

– Инашро ҳам мегирем. Вале пеш аз нӯшидан сухани кӯтоҳи туро шунидан мехоҳам.

– Ростӣ, чӣ гуфтанамро намедонам. Фақат як сухани Авиценаро, ки ба фикрам фалсафаи чуқур дорад, ёд овардан ба маврид аст. «Бигрез аз он магас, ки бар мор нишаст», - гуфтанаш беҳуда набудагист.

– Исто! Магас гуфта, маро дар назар дорӣ? Худат магас. Таъкид мекунам, ки бо ман шӯхӣ макун, хоки ман аз теппаи баланд аст, вориси одамони бузургам. Маҷбурам, ки аз кадом шаҷара буданамро бигӯям. Не, ҳоло намегӯям.

– Нагӯӣ ҳам, фаҳмидам, ман ҳам аз ҳамон шаҷараам.

– Ҳаминро барвақттар мегуфтӣ, намешуд? Ҳар ду аз як реша будаему…, - ифтихор карданд онҳо ва хостанд, ки аз ҷо бархоста, ҳамдигарро оғӯш бигиранд, натавонистанд. Дар пояшон мадор намонда буд, фақат даҳон доштанду халос.

Тали пучоқу устухон ва шишаҳои холишуда аз эҷоду ихтирояшон ҳикоят мекард…

САРҲАДИ ИНСОФ

Талбаки Мурод хаёлан аз нобарории кораш, дар рӯи коғаз мондани нақшааш, ки умед дошт аз деҳаи матруки мавзеи кӯҳдоман ба таҳдашт об оварад ва ба тани мақсади наҷибаш ҷомаи амал пӯшонад-ғамгин шуда, дар гирдоби дарёи пурталотуми андеша афтод ва роҳи раҳоиро наёфт. Дар ҳаёт ба ин

дараҷа азоб кашиданашро ёд надошт. Тамоми умраш дар ҷои беоб гузашта бошад ҳам, дар дарёи ҳақиқӣ оббозӣ карда метавонист. Дарси шиновариро ҳангоми адои хизмати ҳарбӣ омӯхта буд. Вале дар дарёи хаёл қудрати шиноварӣ надошт, гоҳ рӯ мебаромаду гоҳо таҳ менишаст.

– Чаро дидаву дониста худро ба оғуши дарёи бесоҳили хаёл зад, ба гирдоби дарёи саволҳои бечавоб афтод. Соҳилнишинию осудагияш беҳтар набуд? Худаш шоҳу таъбаш вазир, парвои бешу ками дунёро надошт. Ин ҳама аз як хабар, аз як овоза сарчашма гирифт. Ин хабар – хабари соҳибмулк шудани Талбаки Мурод ва ба осоишгоҳ табдил додани анбори кӯҳна буд, ки барқосо ба тамоми гӯшаву канори ноҳия паҳн шуд. Аслан, ин хабар аз марказ ба ноҳия ва баъд ба деҳа расид. Паҳнкунандагони ин хабар-ёрони айёми ҷавонӣ ва ҳамдарсони давраи мактабиаш буданд, ки дар боло, дар вазифаҳои баланд кор мекунанд ва барои хусусӣ гардонидани бинои анбори кӯҳна ба ӯ маслиҳатҳо медодаанд.

Ростӣ, андешаи соҳибмулкӣ дар хаёли Талбаки Мурод набуд. Ӯ ғайри сари вақт гирифтани музди кораш хаёли дигаре дар сар намепарварид. Ҳатто мехост, ки дар як моҳ ду бор маош диҳанд. Гоҳо бо сабаби тангдастӣ маошашро пештар мегирифт ва худро аз идора қарздор мекард. Ҳар тангааш дар ҳисоб буд ва кас бе мушкилӣ барои чӣ сарф шудани онро аз тарзи рӯзгордории ӯ пай мебурд. Манбаи дигари даромадаш аз ҳисоби даъват кардан ба ҷашну маъракаҳои хонаводагӣ буд, ки бе ӯ намегузашт. Вай барои рафтан ба ҳар ҷо маблағ надошт. Маъракадорони аз вазъ бохабар роҳкирояшро медоданд. Зиёд диҳанд, намегирад. Дар назди ёрону қадрдонҳои сарватмандаш муттаҳам будан намехост. Онҳоро ҳушдор мекард, ки мабодо додани роҳкиро фаромӯш кунанд?!

– Не, не, магар туро фаромӯш карда мешавад? Осуда бош.

Баъди шунидани ин суханҳои дар назар эътиборолуду эҳтиромоомез лаҳзае вуҷуди Талбаки Муродро ҳиссиёти гуворое фаро мегирад ва чеҳраи аноррангаш сурхтар гашта, худро дар олами қаноатмандӣ ва шукргузорӣ мебинад. Вале баъди андак тори бурдашро аз нав ба тарафи пуди нангу номуси худ мекашад. «Ман кӯдак нестам, ки алла гӯянд, бихобам. Маънии эътиқоду эҳтиромро хуб медонам. Ҳис мекунам, ки онҳо роҳи

дигар надоранд, мачбуранд, ки ҳурматамро ба ҷо оранд. Ин корро барои овоз баланд накардани ман мекунанд. Дасти дарози нопокашон забонашонро кӯтоҳ кардааст. Тарс балои ҷон, аз тарси дар ҳаққашон носазо нагуфтан маро бологузар мекунанд. Дар асл дидани рӯи мани тундгӯро хуш надоранд. Вале ман ҳам хом нестам, фирефтаи эҳтироми дурӯғин нашуда, гоҳо нешашон мезанам. Ман аз он тоифа не, аз худам миннатдорам»-ба хулосаи баровардааш нуқта мегузорад Талбаки Мурод.

Воқеан ҳам Талбаки Мурод одами як деҳа нест. Ӯро дар ҳама ҷо мешиносанд. Вазифаи баланд ҳам надошта бошад, мавқею обрӯ дорад, номаш ба мардум ошнотар аст. Ин ҳам нишонаи бахту иқболи баланд аст.

Худованд ҳар касро ба ҳар ранг медиҳад. Яке бо мартабаву вазифа, дигаре бо дороӣ, сеюмӣ бо киштзору боғаш, чаҳорумин бо устоди касби худ будан маълуму машҳур аст. Вале Талбаки Муродро хушгӯиву ҳозирҷавобӣ, қиссабофӣ, дар ҳолати зарурӣ дурӯғро ба росту ростро ба дурӯғ табдил додан ва аз ҳама муҳим-адлу инсофаш овозадор кардааст. Ҳангоми ҳикоя кардани ягон рӯйдод аз худ иловаҳое мекунад, ки даҳони шунаванда воз мемонад. Як хислати дигари Талбаки Мурод ин аст, ки дар ҳолати зарурӣ хоҳиши ҳозиринро, хоҳ шинос бошад, хоҳ ношинос, ба инобат нагирифта, мисли қиморбозон онҳоро ба сӯҳбат ҳамроҳ мекунад.

– Аз рӯи инсоф бигӯ, оё ман ноҳаққам? Магар ҳамин тавр нест? – қураи нигоҳи эътибораш ба ҳар касе, ки афтад, ҳамон бечораро тасдиқгар муаррифӣ мекунад.

Боре дар як ҷамъомад хабарнигори шиносеро дида: – Нависанда, наздиктар биё, худат нисбати ҳамин масъала чӣ андеша дорӣ, – гуфта, ӯро ба ҳалқаи ҳамсӯҳбатонаш кашид. Ӯ, ки аз асли мақсад воқиф набуд, – Нафаҳмидам! – гуфт.

– Чӣ фаҳмидан дорад гапҳои бозору мазор? Маънияш харидану бурдану хӯрдан ва оқибаташ мурдан аст. Дар ин ҷо ягон кашфиёту қитъакушоӣ нест. Агар нависанда бошӣ, ҳақиқати ҳолро бинавис.

Хусусӣ кардани анбори кӯҳна ҳам аз як шӯхии рафиқона пайдо шуд. Ба дӯстони мансабдораш гуфт, ки чанбари замон дар дасти шумо, ҳокимони давр аст. Хоҳед ба пеши аспон устухону ба назди сагон алаф мегузоред. Хулоса, шумо пулдо-

ру унвондори замон шудеду ман асли қадимӣ мондам. Ғайри нишони аълочии соҳа дигар мукофот надорам. Шояд хизмати ба Ватан кардаам ба гирифтани ному унвони баланд наарзад. Бо вуҷуди ин аз бахшишҳои давр ноумед нестам. Ақаллан, бинои анбори кӯҳнаи хоҷагиро ба номам мемонданд, дигар ормон надоштам. Тани ин орзу бе дасти мадади шумо ҷомаи амал намепӯшад. Ҳарчанд анбор ба хусусӣ гардондан намеарзад, дар ҳолати харобӣ қарор дорад. Ҳар шифераш ҷигари лахт-лахтро мемонад ва қариб ба асли хеш-ба кӯҳнаматоъ мубаддал гаштааст. Бовар дорам, ки касе онро намехарад. Баъди ду-се сол аз он асар намемонад. Ҳоло вақт аст, ки фармони ба номи Талбаки Мурод гузоштанро бароранд.

– Пешниҳоди бад не, вале як мушкилот дорад. Чӣ хел фаҳмонем, ки миннат нашавад. Мо аз ту ёриро дареғ намедорем. Хоҳӣ, мадади моддӣ мерасонем, фарзандонатро ба дилхоҳ донишгоҳ дохил мекунем, вале барои иҷрои ин хоҳишат дастамон кӯтоҳӣ мекунад. Зеро номгузорӣ дастаи тасдиқгари худро дорад, ки номҷӯро аз ғалбер мегузаронад. Беҳтараш мардумро овора накарда, анборро хусусӣ гардон. Амвол аз худат, ки шуд, ҳуҷҷати қонунӣ номатро вирди забони пиру ҷавон мегардонад. Ин роҳи ягонаи номдор шудан аст, – маслиҳат доданд шиносони мансабдор.

– Маслиҳати хуб, андеша мекунам, , – гуфт Талбаки Мурод. Вале ҳарфи хонои нигоҳ ва ҷумлаи хати ҷабинаш ифодагари давоми ҷавоби пешниҳоду таҳлили рӯзгори минбаъда буданд. Зеро дар он як лаҳзаи хомӯшӣ аз роҳи андешаи Талбаки Мурод корвони фарёдҳо гузашт. Ин овозҳои маҳрум аз ширинӣ монанд ба садои товуси фарёдҳои замон буданд, ки ба тори асабаш таъсир карда, осудагияшро барҳам мезаданд. Теъдоди сарбозони лашкари хашму ғазабашро зиёд карда, ӯро ба мубориза даъват менамуданд. Бо ин мақсад бар зидди мардумфиребон нақшаҳои ҳуҷум кашида, боз аз райъаш мегашт. Пеши роҳи ҳуҷумашро лашкари хотири ҳамдарсони дерина, ки муҳофизони сарҳаду ватани хотираҳо буданд, мегирифтанд. Чӣ кунад, ки хотирбинӣ одати деринаи ин миллати дилсӯз аст.

Баъди ин гуфтугӯи худ ба худ Талбаки Мурод ба хусусикунии анбори кӯҳна розӣ шуд ва худро хаёлан қатори соҳибмулкон дид. Вале ҳанӯз ҳам дар як кунҷи сараш хаёли андӯҳомезе

гардиш мекарду ӯро нороҳат месохт. Оқибати ин пешниҳод ақибнишинӣ, мағлубшавӣ, гап нагардондану гуфтаҳои гурӯҳи хоинпешаро тасдиқ кардан буд. Талбаки Мурод тоби чунин беномусиро надорад. Мирад ҳам, рост мемирад. Онҳо ҳоло ҳам Талбаки Муродро хуб намедонанд. Боло гузаштану худро гули сари сабади маҳфилу маҷлисҳо дидан баъди хусусӣ гардондани анбори кӯҳна сар мешаванд.

Талбаки Мурод барои соҳибмулки ҳақиқӣ шудан пешакӣ нақша кашид ва барои дар чашми мардум натофтан як рӯзи истироҳат рафта, анбори вайронаро дид. Дарозии бино ва барашро бо қадам чен кард. Онро хаёлан ба се ҳисса тақсим карда, аз байн ду девор бардошт ва андозаи айвонро муайян намуд. Баъди тарҳ кардани паҳнии деворҳои мобайн дар як қатор ду ҳуҷраи калони дукатаи рӯ ба рӯ ва айвондорро дид. Дар ду қатор 18 ҳуҷра ҷойгир буд. Баландии биноро ба ду тақсим карда, бинои якошёнаро ба дуошёна табдил дод. Якбора теъдоди ҳуҷраҳо ба 36 адад ва истироҳаткунандагон дар як навбат ба 72 кас расид. Хурсанд шуд ва аз дил гузаронд: «Беҳтарин истироҳатгоҳ, ба хусусӣ кардан меарзад, аз хароҷоташ даҳҳо маротиба зиёд фоида меорад».

– Шарт аст, ки барои тасдиқи як ҳуҷҷат ба сад дар сар халонӣ? Даст пеши бар бигирӣ, зорӣ бикунӣ, худро бечораву муттаҳам пиндорӣ. Беҳтараш биноро канда, масолеҳашро фурӯш. Шояд фоидаи кандану фурӯхтан аз бунёд кардани истироҳатгоҳ кам набошад, – васваса кард шайтон ва лаҳзае ҳамон бадомафтодаро маҷбур намуд, ки чанд тахтаву фанери пӯсидаро канда, тагашро бубинад ва чӣ доштанашро аниқ муайян намояд. Бо ин мақсад ба душворӣ худро ба бом гирифт, қариб сарозер афтода буд. Агар меафтод, мемурд ва ормони соҳибмулкиро ба хок мебурд, ё ки миёну пову дасташ мешикаст ва тифли орзуяш шаҳид мегашт. Хайрият наафтод, Худо мадад кард. Дар таҳи бомпӯши пӯсида болорҳои оҳанинро дид. Барои ба чашми ҳасудон натофтан зуд ҷои кушодаашро аз нав пӯшонд ва ба ҳисобу китоб даромад. Оҳанҳои ғафсу дароз талабгорони зиёд доранд, бо нархи гарон харидорӣ мешаванд. Агар яклухт фурӯшад даҳ баробар, дона-дона фурӯшад, сенздаҳ баробар фоида ба даст меорад. Хаёлан баъди фурӯхтан, марди як умр пиёда, дар рӯи ҳавлиаш

мошини нави сабукравро дид. Аз замини бари деҳа қитъаеро харид. Ва аз дил гузаронд: – Зиндагӣ дар ин ҷо будаасту мо дар кадом сайёраи дигар бо маоши ночиз умра беҳуда мегузаронидаем. Ва баъди андаке хароҷоти кандани бино ба ёдаш омад. Барои ин маблағи зиёд сарф мешавад. Ман ин миқдор пул надорам. Бепул суханат асар надорад, касе саломатро алек намегирад, ягон корат пеш намеравад. Воқеан, кам касон аз ҳисоби худашон иморатҳои пуршукӯҳ месозанд. Онҳое, ки зуд доро мешаванд, бешубҳа, даст ба ҷайби халқу давлат мезананд. Ман беқарз коре карда наметавонам. Истироҳатгоҳ сохтанам ҳам гапи беҳуда аст. Як шухӣ карда, дар бало мондам. Роҳи пас гаштан нест. Хонаамро гарав монда, аз бонк қарз мегирам. Қарздеҳон ҳам бетамаъ коратро буд намекунанд. Боз дар чоҳи қарз афтода, аз хонаву дарам ҳам намонам? Не, фурӯхтани оҳанҳо ҳамаашро ҷуброн мекунад, фоида ҳам мемонад. Баъди вайрон кардани бино ва фурӯхтани масолеҳ мабодо барои мақсаднок истифода набурдани анбор тафтиш кунанд, чӣ ҷавоб медиҳам? Фоидаи гирифтаам сарфи ин кор мешавад ва ба ман танҳо бадномӣ мемонад. Шояд забони тафтишгарро ҳам биёбам, зеро аксари тафтишгарон одамони худӣ, бобоёну падарони раҳматиашонро медонам. Мегӯям, ки қиблагоҳи азизатонро дар хоб дидам. Аввал муносибати ману шуморо пурсон шуданд. Гуфтанд, ки хабари хусусӣ гардонидани анбори кӯҳна ба мо ҳам расид, муборак бошад, ин амали нек лоиқи дастгирист. Обод кардан кори савоб аст. Хусусан, ба мардуми мо, ки заҳмат кашиданро баду рӯ ба раҳми Худо истодану хоб карданро дӯст медоранд, ҳар қадар истироҳатгоҳ бошад, кам аст. Камбизоативу пеш нарафтанашон аз ҳисоби бо умеди ёрии башардӯстона зистан аст. Падаратон таъкид карданд, ки аз ҳад нагузаронад. Роҳи тамаъро пеш нагирад. Рӯдаи ҳаромашро аз ҳисоби луқмаи ҳалоли дигарон пур накунад. Фаҳмон, ки оқибати ҷабру ситам инқилоб аст…

Ногаҳ қуввае риштаи хаёлашро ба дигар сӯ кашид. Ноумед шудан лозим нест. Ҷанг бе қурбонӣ намешавад. Ба корзор ки даромадӣ, пешомадатро фикр намекунӣ. Ғолиб, ки шудӣ, озоду сарбаланд мегардӣ, мағлуб, ки шудӣ, сарпасту занҷирбанд мегардӣ. Фалсафаи зиндагӣ ҳамин аст.

Талбаки Мурод дигар таъхир накарда, хаёлан дар як лаҳза тамоми ҳуҷҷатҳои лозимиро омода карда, имзоҳои муборакро гирифт ва билохир ба рӯйхати соҳибмулкони мамлакат дохил гардид. Ин хабарро мардуми бекор ҳар хел баҳо медоданд.

«Агар ҳамин анбори кӯҳнаро ба осоишгоҳ, ба як ҷои зебо табдил дода тавонад, нонаш ҳалол, номаш дар таърих мемонад».

«Худо қувваташ диҳад, орзуяш ҷомаи амал пӯшад».

«Ман ба сафедии субҳи козиб бовар дораму ба амалӣ гаштани нақшаҳои Талбаки Мурод не. Аз дасташ хоки мазор ҳам намеояд».

« Пеши раҳи мардакро, ки ғайрат дораду мехоҳад ба кори хайр даст занад, гирифтан хуб нест. Агар дар вақташ ту барин хӯрдагирон ба майдон баромада, кӯчонидани мазори кӯҳнаро бадбахтӣ маънидод намекарданд, Роғун бунёд мешуд».

«Роғун ба ин баҳси мо чӣ муносибат дорад? Дар асри бисту як коҳи кӯҳнаи асри бистро бод кардан камоли хирадмандӣ нест. Ба гузашта салавот мегӯянд»

«Талбаки Мурод шиноси деринаи ман аст. Ҳамдарсаш будам, ҳамроҳаш аз бешаву пушта ҳезуму хас, аз чашма об ва аз таҳдашт коҳ кашидаам. Феълу фаҳму фаросаташонро аз ҳама хуб медонам. Девонаи ба кори худ ҳушёр аст. Дар сабру тоқат касе ба ӯ баробар намешавад. Омӯзишгоҳи чорсоларо дар бисту шаш сол хатм карда, унвони «Аълочии савдо» гирифт».

«Мардак, оҳиста-оҳиста хонда, мағзи илмро азхуд карда, соҳиби унвон гардидааст. Мегӯянд, ки бобоҳоямон барои сазовори мартабаи «домулло» шудан дар мадрасаҳои Бухоро бисту панҷ сол таҳсил мекардаанд. Баъзе ҷонсахташон чиҳил сол умрашонро ба таҳсил мебахшидаанд. Ҳоло бошад, зиёди зиёд ҳафт сол мехонанд. Илм ҳам баҳри беканор аст, ҳафт солу даҳ сол хондан дар соҳили об гардиш кардани оббозро мемонад»…

Вақте ки ба гӯши Талбаки Мурод таънаи дар як омӯзишгоҳ бисту шаш сол таҳсил карданаш мерасид, таъкид мекард, ки муболиға накунанд, дурӯғ нагӯянд, дурӯғгуӣ торикии имон аст. Ман омӯзишгоҳи чаҳорсоларо дар бисту шаш сол не, дар бисту се сол хатм кардам. Шояд бигӯянд:

– Чӣ фарқ дорад, бистусе ё бистушашаш?

– Фарқ дорад. Дар ин муддат, агар хонадор мешудам, соҳиби ду-се фарзанд мегаштам, ҷавонтар мебудам, хизмати ҳарбиро адо мекардам, сайёҳ мебудам, ними ҷаҳонро мепаймудам. Се соли умри маро кӣ ҷуброн мекунад? Метавонам тӯҳматгаронро ба додгоҳ кашам. Агар осудагӣ хоҳанд, бояд низоми одобро риоя бикунанд, дар ҳаққи ман тӯҳмат накунанд, аз ҳад нагузаронанд. Дарё ки пур шуд, хоҳу нохоҳ аз ягон гӯшаи соҳилаш лаб мезанад…

Талбаки Мурод рағми таънаву ишораҳо роҳи хусусӣ гардонидани анбори кӯҳнаи хоҷагиро ёфт. Хаёлан соҳиби ҳуҷҷати қонунӣ (сертификат) шуд. Баъди ин каллаи калонаш калонтар, пешонии тангаш васеътар, торҳои бурутҳову абрӯвонаш ғафстар, бинии паҳнаш паҳнтар, дандонҳои калони оҳанини зардрангаш калони тиллоӣ ва чаҳраи сурхи зардомезаш сурхтар намуданд. Хулоса, соҳибмулкӣ ба ӯ шукӯҳу шаҳомат бахшид. Ӯро шинохта намешуд. Акнун анбори калонро дар ихтиёр дошт. Вале бардоштани девору ба ҳуҷраҳо тақсим кардан ва ба истироҳатгоҳ табдил доданро масъалаи дуюм шумурд. Кашидани хати обу бунёди боғу сохтани ҳавзи моҳипарварӣ дар ҷои аввал меистод. Пеш аз харидани қубур роҳи чашмаи деҳаи матрукро пеш гирифт. Ба сари чашма расид ва гирду атрофро аз назар гузаронд. Баъд бо дасташ ишораҳо кард. Даҳмардае, ки андак дуртар, дар бари пуштаи сабзпӯш якпаҳлӯ зада, чаридани даҳҳо бузу гӯсфанд ва гову гӯсоларо назорат мекард, ин ишораро ба худ нисбат дода, аз ҷо бархост ва ҷониби чашма омад.

Алаф имсол хеле баланд шуда буд, дар баъзе ҷойҳо зонуро мепӯшонд. Аслан хоки намдори ин мавзеи дилрабо бе бориши зиёд ҳам гулу гиёҳро то дер сабзранг нигоҳ медорад. Солҳои пеш дар ин ҷо баъди даравидани ҳосили ғалла кишти такрорӣ мегузарониданд. Лубиёву полезӣ зуд сабзида, ҳосили хуб медоданд. Хусусан, тарбузу харбузаи лалмиаш дар ширинӣ ҳамто надошт. Ҳоло ин мавзеъ ба чарогоҳ табдил ёфтааст. То наздик шудани даҳмарда нури нигоҳи Талбаки Мурод аз пеши мижгон то ҷои чашмрас сайр карда, чандин маротиба дар хандақҳо пешпо хӯрд ва аз дил гузаронд, ки ин хандақҳо худ аз худ пайдо нашудаанд. Солҳои пеш дар ин мавзеъ ғайри хати реша, ки барои нигоҳ доштани мустаҳкамии замин ва муҳофизат аз бо-

ронҳои сахт ёдгоре аз гузаштагони дурандеш монда буд, тарҳи дигаре ба назар намерасид. Хатҳо ва хандақҳои нав нишонаи амали кӯтоҳандешони солҳои охиранд ва барои кандашавии теппаҳо заминаанд. Пайдост, ки ин пуштаҳои серҳосилро иҷора гирифта, ба чарогоҳ табдил додаанд. Чашма ҳам дар ҳалқаи яке аз пуштаҳои хандақпеч афтодааст. Шояд чашмаро ҳам хусусӣ кардаанд? Ин ҷо расида буд, ки даҳмарда дасташро барои салом дароз кард.

– Сафарҳо ба хайр. Мегӯм, ки ҳамсояи Файзулло нестӣ?

– Шинохтӣ, хотираат мустаҳкам будааст. Ман ҳам туро дар рӯзи маъракааш дида будам, гов оварда будӣ.

– Офарин! Ман ҳам хато накардам, ту ҳам. Кори мо ба калонҳо хизмат кардан. Гов ки набарӣ, говатро дар чарогоҳ чарондан наметонанд. Хайр, майлаш, бало ба паси ҳамаи ин корҳо, беҳтараш гапи худамонро бизанем. Мегӯм, ки ҳеҷ мушоҳида кардаӣ, ки солҳои охир шумораи бузхӯр бисёр шудааст. Ҳар рӯз бузхарӣ меоянд. Харидор бошед, серкаи хуб дорам.

– Ман харидор нестам. Мехоҳам як ҳиссаи ҳамин оби чашмаро то анборам бубарам. Боғ бунёд кунам, ҳавз сохта, моҳӣ парварам.

– Мебахшед, ман ҳам ба хотири ҳамин чашма кӯҳу пуштаро маскан гирифтаам ва хӯҷаинамро аз ҳосили меҳнатам бенаво наметононам. Чандин касон мехостанд, ки ин чашмаро соҳибӣ кунанд, натавонистанд. Зӯрашон нарасид, ноумед шуда рафтанд.

– Подаи мардум дар куҷо мечарад ва аз куҷо об мехӯрад?

– Намедонам. Онҳое, ки пештар гову гӯсола доштанд, чорпошонро ба чарогоҳи ҳу, ана он баландкӯҳ мебурданд. Ҳоло намебаранд. Ба фикрам, баъди ба иҷора додани он пуштаҳо мардум чарогоҳ наёфта, молашонро фурӯхтанд.

– Наход барои манфиати як кас шуда, дигаронро…

– Ҳоло замони фикри дигарон кардан нест. Ҳар касу дави аспаш. Зӯрӣ, мебурӣ, нотавонӣ, мемурӣ. Маслиҳати ман ҳамин, ки худои худатро гуфта бигард. Хоҳӣ, ки забони сурхат сари сабзатро барбод надиҳад, ба ҳар ош қатиқ нашав.

Талбаки Мурод аз ишораҳо кӣ будани пуштибони даҳмардаро фаҳмид. Шиносҳои зӯрашро ҳам дар нисбати он зӯр нотавон дид. Барои ҳамин дар ин хусус сӯҳбатро идома додан нахост. Дарк намуд, ки масъалаи кашидани хати об роҳи ҳал надорад. Дигар дар бобати бунёди боғу сохтани ҳавзи моҳи-

парварӣ ҳоҷати андеша нест. Ҳоло ин даҳмарда ҳокими кӯҳу пушта мебошад. Хоҳад садҳо Талбаки ҷонканро дар ҷо мешинонад. Талбаки Мурод, ки то ин вақт худро шери замон мехонд, барор нагирифтани корашро ҳис карда, бори дигар ба афту андоми даҳмарда, нигариста, аз дил гузаронд: – Боми сипехр, ки боми умеди тамоми оламиён аст, бо ҳама шукӯҳу шаҳомат бесутун аст. Вале дар зери дастори гунбазмонанди ин марди дуруштрӯй танест, ки сутунро ба хотир оварда, аз такягоҳ доштанаш гувоҳӣ медиҳад.

Бори ноумедӣ ба дӯши дилам гаронӣ кард ва ӯ бо қадамҳои ноуствор ба роҳи омадааш баргашт. Пояш пеш нарафт. Ноилоҷ дар бари роҳ, ки баландии теппа дар он ҷо ба охир мерасид, лаҳзае амонат нишаст ва аз ҳамон баландӣ ба таҳдашт, ки чун кафи даст метофт, нигоҳ кард. Аз рӯи ранги бомпӯшҳо ошхонаву тарабхона, заводу фабрика ва дигар ширкатҳои шинос ва ба киҳо тааллуқ доштанашонро муайян кард. Дар ин миён биноҳои мактабу театр, хонаи фарҳанг ва боз чанд иншооти дигарро дид, ки ҳанӯз моли давлат буданд. Дастаи нури нигоҳаш ба тарафи майдонҳои шафати ноҳия ва дуртар аз он рафта, чеҳраҳои соҳибонашонро пеши рӯяш овард. Аксари ин корхонаҳо баъди хусусӣ гардондан фаъолият надоранд. Майдонҳои доманпаҳн низ холӣ аз зироатанд. Қитъаҳои зиёди ҳосилхезро барои рӯзи мабодо гирифта, на худ баҳра мебаранд ва на ба ҳоҷатманде медиҳанд. Заминро истифода набурдан гуноҳи азим аст. Дарди дилатро ба кӣ мегӯй? Бигӯй ҳам, гапат намегузарад. Оқибаташ ба хайр шавад. Вале ин тӯда: «То табар меояд, кунда меосояд»-ро шиори худ карда, парвои фардо надоранд. Ин муҳит-ин шаҳри якчашмаҳо маро ҳам водор мекунад, ки якчашма бошам. Бояд мақоли «бел ба равиши об»-ро панди рӯзгори худ намоям. Не, не, боз мегӯям, ки ман бори ташвиши беҳударо кашидаву либоси шӯҳрати ғуболударо пӯшида наметавонам. Ба гуфти мардум, дар як омӯзишгоҳ бисту шаш сол таҳсил карда бошам ҳам, аз доираи сарҳади инсоф берун набаромадаам. Бе ҳамон анбори кӯҳна ҳам бисту шаш соли таҳсил номамро дар лавҳаи ёдҳо ва саҳифаи таърихи диёр сабт мегардонад –гуфта, Талбаки Мурод сабук аз ҷой бархест…

ИМТИЁЗ

Амини Зуҳур, ки бо қомати баланду каллаи калон, рӯи гирди кунҷитакдору лабони кӯтоҳи ғафс ва чашмони бумиюшиками дам ғули ҳақиқиро мемонд, ғавғокунон аз роҳи калон гузашта, ба тангкӯча даромад. Дар даст химчаву санг дошт, бисёр хашмгин менамуд.

«Гургро дуру майдонро холӣ дида, ба замини ман наздик шудай, ҳа. Хоки заминат накунам, намемонам. Ҳоло ба собуни ман ҷома нашустай» – гуфта, ба касе таҳдид мекард. . Ҳолдонҳо медонистанд, ки ӯ киро дар назар дорад. Яку якбора аз ғурбат ба сангпартоӣ гузашта, саги газандаи амаки Давронро аз хоб бедор кард. Мурғи қутзани холаи Меҳрубонро ҳам ба санг зад. Як санги хаторафта шишаи тирезаи хонаи амаки Мансурропора-пора кард. Зану бачааш берун баромада, баробари дидани Амин-амак бозпас ба хона даромаданд. Баъд чашмаш ба кӯдаки шиносе, шояд ошнои набарааш буд, афтод: «боз ту аз куҷо пайдо шудӣ, саги дайду, гум шав аз назарам» гуфт ва андак аз паси кӯдак давид. Кӯдак додгӯён гурехта, зуд аз назар пинҳон шуд.

Амини Зуҳур тез-тез қадам гузошта, дар як мижа задан худро дар паси девори хонааш гирифт.

Ҳамсояи деринааш бобои Оқил ғавғои ӯро шунида, даступо хӯрд. Фурсат тангӣ кард, имкон наёфт, ки белро пинҳон кунад. Алаккай дуртар аз худ Аминро дид, ки лабонаш бозӣ доранд.

– Дар назди ҳотаи ман чи кор мекунӣ, дигар ҷои гардиш наёфтӣ? – ба сари бобои Оқил дод зад Амин.

– Мехоҳам, ки ҳамин гӯшаи хушкидаро сарсабз намоям, заминро нарм карда каду корам.

– Ман бисёр чиҳо хостанатро медонам. Дами иштиҳоятро набанданд, оламро фурӯ мебарӣ, ранги каду ҳама ҷоро иҳота кардан мехоҳӣ, вале ба мақсад намерасӣ. Агар як навдаи кадуятро дар замини ҳотаам бубинам, тамоми кадуҳоятро аз реша меканам, фаҳмидӣ? Бо баҳонаи кадукорӣ хандақ наканӣ?

– Не, не, Аминбой, ман беақл нестам, ки аз роҳи нишон-

додаи ту як қадам берун бароям. Бе розигии ту на хандақ меканаму на девор мебандам.

– Кӣ розӣ мешавад, ман? Девор мебандӣ? Номаъқул кардӣ, белатро гирифта, зуд аз назди ҳотаи ман бирав.

Амин пеш аз рафтан як маротибаи дигар химчаашро ба замин зада, санги дасташро ба қитъаи нармкарда партофт. Гӯё таъкид мекард: « Дар ин гузар гапи ман қонун аст. Агар дар ин ҷо каду шинонӣ, кадуи хӯрдагиятро аз патаки биниат мебарорам».

Баъди рафтани Амин мӯйсафед санги партофтаи ӯро аз замин бардошта, ба сӯе ҳаво дод ва аз дил оҳи сард кашид.

– Садқаи номи Амин шавад, раҳмат ба падари касе, ки ба ӯ тахаллуси « нотинҷ» додааст. Хулқу рафтораш ба тахаллусаш бисёр мувофиқ аст. Амин ҷони ширини маро ба лаб овардааст. Наметмонад, ки дар рӯи ҳавлии худам осуда қадам гузорам. Аз бало ҳазар, фалокат аз таги по мехезад. Бо ин ҳамсояи бадфеъли як дам ба худу як дам бехуд чӣ кор кунам, намедонам. Бо ин девона чи ҳам мекунӣ? Ба сараш мушт бардорам нашавад. Гапаш қонун аст, имтиёз дорад. Аз бинӣ боло гап занӣ, дар бало мемонӣ, борони сангу кулӯхро ба сарат мерезад.

Боре набераи хабаргиру кунҷковаш Соҳиб баъди таҳдиди Амин-амак ба бобо суол дод: – Бобоҷон, чаро аз Амин-амак метарсед? Он кас дар даст сангу химча дораду шумо бел.

– Худо аз ҳамсояи бад нигоҳ дорад. Амин-амакат одами хуб нест. Ба бемории рӯҳӣ доштанаш шубҳа дорам. Дошта бошад ҳам, дараҷаи бемориаш ба он рақаме, ки худро вонамуд мекунад, намерасад. Девона бошад ҳам, ба кори худ ҳушёр. Дар ҳузури зану бачаҳояш нисбатан ором аст. Дар назди бегонагон гӯё тори асабаш бори гапи вазнинро намебардорад, ғавғо мекунад. Ба фикрам, ин усулро барои ҳимояи манфиати худ истифода бурда, гоҳо аз ҳад мегузаронад. Ин ҳолати ӯро дида, марди оқилу дурандеш барои ҳифзи шаъну шараф ва нарехтани обрӯи худ маҷбур мешавад, ки хомӯширо ихтиёр намояд. Ту ҳам кӯшиш бикун, ки дар чашми ҳамон ғул натобӣ. Зеро девонагӣ аз нимҳушёрӣ беҳтар аст. Девонаи силоҳдор ҳам, аз санги дасти тифлон метарсад. Вале одами нимҳушёру марди асабаш хароб аз балову офат наметарсад. Амин, ба фикрам, аз тоифаи дуюмаш аст.

Набера аз саволи додааш пушаймон гашта, ба чидани ачириқҳои ба рӯи хок баровардаи бобояш машғул шуд. Мӯйсафед дар симои давоми умраш, ки акнун кӯдаки хурд нест, дувоздаҳсола аст, ақлаш ба бисёр корҳо мерасад, соҳиби ин даргоҳу ин қаламравро дида, дилпур мегашт.

Вақте ки ба ин манзил кӯч бастанд, набера надошт. Дертар, дар миёнаумрӣ соҳиби зану фарзанд шуд. Фарзанди калониаш дар донишгоҳ таҳсил мекард, муҷаррад буд. Ҳамон рӯзе ки шастолагиашро дар хонаи пешинааш ҷашн мегирифтанд, набераи аввалинаш ба дунё омад. Баъдтар ба нақша афтодани манзилашонро ба эътибор гирифта, дар ҳамин гӯшаи шаҳр ҷояшон доданд ва дар таҳҷои хонаи кӯҳнаашон корхонаи нав сохтанд. Онҳо кӯчидан намехостанд, хонаашон бо вуҷуди намуди зебо надоштан дар марказ буд, аз обу барқу газ азоб намекашиданд. Вале баъди фаҳмидани мақсади наҷиби ҳукуматдорон, ки манфиати халқу ватанро ифода мекард, бе саркашӣ ба кӯчидан розӣ шуданд.

Мӯйсафед дар он айём, ки тобистони фасли умраш ҳисоб мешуд, ҳанӯз тоби бардоштани бори гарон дошт. Зӯри бозуяш имкон медод, ки хонаи барҳаво созад. Ба ӯ ва Амин дар як рӯз аз ҳамвории бари теппа замин доданд. Қитъаи берун аз нақша ҳам, ки дар он ҷо хона сохтан номумкин буд ва танҳо барои бунёди боғ мувофиқат мекард, дар ихтиёрашон афтод. Хост, ки як қисми ками ҳамон қитъаро обод кунад. Ҳанӯз ниҳоли аввалинро нашинонда, дар рӯ ба рӯяш Аминро дид.

– Дар замини ман чи кор мекунӣ? Шаҳрро бедарвозаю дунёро бесоҳиб гумон кардай? Ман фақат ба хотири ҳамин қитъа аз бари теппа ҷо гирифтам ва ҳамсояи ту шудам. Зуд бору бандатро аз ин ҷо бардор. Агар ба хубӣ наравию нияти ҷанг кардан дошта бошӣ, ман ҳам ба ҷанг омодаам.

– Медонам, ки тамоми ҷанги ҷаҳон барои гирифтани як пора замини кишвари бегона аст. Вале маро аз ҷанг натарсон, аз фашист, ки натарсидам, аз ту метарсам? Ёфтӣ тарсончакатро. То Олмон ҷангида, сари садҳо немисро барбод додам, парчамро дар Рехстаг задам. Ту бигӯ, ки бо ин баҳодурӣ дар кадом майдон ҷангидай, маҷрӯҳи гурӯҳи чандумӣ?

Амин ба суханони ҳамсояи наваш сарфаҳм нарафта, якбора дод зад:

– Ту худат кӣ ҳастӣ, ки дафтари аъмоли маро варақ мезанӣ, гузаштаи маро донистан мехоҳӣ? Маро ҷосус ё гуреза гумон мекунӣ? Мехоҳӣ, ки сари маро ҳам барбод бидиҳӣ? Не, наметавонӣ, зӯри милиса ҳам ба ман намерасад. Фаҳмида мон, ки ман аз гурӯҳи якумам, чандум нестам, – гуфта, худро якбора ба замин партофт Амин ва лабонашро ҷунбонда, чашмонашро пӯшид. Ҳамсоя аз тарс аввал гӯшҳои ӯро молид ва баъд гӯш ба қафаси синааш гузошта, фарёд кард, ки зуд об биёранд. Баъди ба рӯяш об пошидан Амин чашмонашро кушода, сиёсат кард:

– Ҳоло ҳам дар ҳамин ҷоӣ, нарафтаӣ? Ба хубӣ мегӯям, ки аз ин замин умедатро бикан, ҳамааш аз они ман аст, як пораашро ҳам ба ту намедиҳам.

Сухани пухта гуфтану дар як лаҳза яксаду ҳаштод дараҷа дигар шудану худро беҳуш кардани Амин дар доираи тасаввури бобои Оқил намегунҷид. Ба ӯ баҳои ҳақиқӣ дода наметавонист. Дар девонагияш аломати ҳушёрӣ ва дар ҳушёриёш аломати девонагиро медид. Ин одам сояравшанро мемонд, ки дар вуҷуд ҳам зулмот дошту ҳам нур. Балки бо пайдо шудану гум шуданаш ба ғул шабоҳат дошт, яъне махлуқи одамранги девсиратро ба ёд меовард. Алқисса, дар муқоисаи ин ду олами мухталиф музтар мемонд. Ба хотири таъмини осудагии худ аз баҳри ҳамон қитъа гузашт. Ҳанӯз ҳам дар ҳамон қитъа як дарахти сабз вуҷуд надорад ва аз хашми Амин касе ба он гӯшаи бекорхобида қадам намегузорад. Дар вохӯрии нахустин ҳамон ҳамсояи ғулмонандаш алови чашми сарбозеро, ки то Олмон ҷангида, аз майдон ғолиб баргашта буд, гирифт. Он вақт Амин ба дараҷаи имрӯза пургӯ набуд. Баъдтар беҳудагӯ ва ҳамсояҳоро ба ҷони ширин мерасондагӣ шуд. Хусусан сояи ҳамсояи аз ҳама наздикаш, рӯ ба рӯю девор ба деворашро дидан намехост. Намегузошт, ки як тарафи сарҳади ҳотаи худро девор кунад. Бобои Оқил ғайри ҳавлии худ ягон ҳавлии як тарафаш кушодаро намедид. Ҳол он ки ӯ аввалин шуда ба ин гузар омада буд. Дар як мижа задан гӯё аз байн чандин фасли умр гузашт, писараш донишгоҳро ба итмом расонида, хонадор шуд. Ана-мана нагуфта набераи аввалинаш Соҳиб ба камол расида, ҳамқисмати худро меёбад. Аз рӯзи ба ин ҷо омадан дар рӯзгорашон даҳҳо дигаргунӣ рух дод, вале як тарафи ҳавлиа-

шон бедевор монд. Амин намегузошт, ки барои чашмпаноҳ ақаллан аз болои хандақ қадри як вақаб девор бардоранд. Мӯйсафед розӣ буд, ки ҳама хароҷотро ба гардан гирифта, як вақаб дарунтар, аз ҳисоби замини худаш девор бардорад, вале аз дасти доду фарёди ҳамсоя бел ба замин бурда наметавонист. Медонист, ки орзуи деринааш ҷомаи амал намепӯшад. Дигар дар ин хусус андеша накарда, барои осудагии минбаъда роҳи муросо меҷуст.

Солҳои пеш музди хуб мегирифт, пасандоз дошт, метавонист ҷои зисташро иваз карда, хонаи нав созад. Ҳоло он имконро надорад. Бо умеди ояндаи нек сабр кард, вале рӯзаш аз дасти ҳамсояаш беҳтар не, торафт бадтар шуд. Баробари ба замин бел задан дар тори бора Аминро медид, ки чашм аз ӯ намеканд: «Хокро аз байни ҳотаат бигир, дар наздикии замини ҳотаи ман лой макун, намаш таъсир карда, ин бораро мегардонад. « Айби шамолро ҳам, ки баргҳои рехтаи лаби бораро бурда, ба замини ҳотааш паҳну парешон мекард, ба гардани ӯ мезад. Зани ӯро низ нон пухтан наметавонд, мегуфт, ки дуди чагдонат ба тарафи ҳотаи ман меояд. Навдаҳои дарахтонашро, ки ба он сӯ майл мекарданд, бепурсиш мебурид. Гови ҳамсояашро ҳам аз паси девораш меронд. Хайрият, ки хонаи Амин дар баландӣ ва хонаи ӯ дар пастӣ ҷойгир буд. Агар ҷойҳо иваз мешуданд, дар рӯзи борон « борони ҷамъшудаи аз бомат рехтаро, ба сӯи хонаи ман равон макун» мегуфт.

Амин аз ҳамон баландии пешаш кушода гаштугузори аҳли хонаводаи ӯро пайваста тамошо мекунад. Ҳар рӯз чандин маротиба паси дарвозаву пушти деворашро аз назар мегузаронад. Ғавғои худро фаромӯш карда, онҳоро овоз баланд кардан наметавонад. Хулоса, аз дасти Амин осудагӣ надоранд. Вале фарзандони ӯ дунёи дигаранд, бачаҳои хубу боодобанд, аз падар ба куллӣ фарқ мекунанд. Бачаҳо мехоҳанд, ки дар болои хандақашон як вақаб девор бошад, рафтану омадани аҳли хонаводаи ҳамсояро набинанд, чашмашон ба моли дигарон наафтад. Вале аз тарси қиблагоҳашон, ки аслан ситорааш ба ситораи ҳамсоягон мувофиқ нест, аз боби девор бастан лаб намекушоянд. Сабр мекунанд, ноумед намешаванд. Медонанд, ки дунё ба як қарор наметавонад. Оқибат алмоси зиндагӣ санги дуруштро низ ҳамвор мекунад.

Бобои Оқил ҳам бовар дорад, ки баъди сари ӯ ва Амини ҳамсояааш муҳит дигар мешавад. Фарзандони аз рӯзгори падарон бохабар хулосаи худро бароварда, аз даричаи меҳр ба чеҳраи зиндагӣ менигаранд ва роҳи некномиро пеш мегиранд. На танҳо як тарафи кушодаи ҳотаро девор мебанданд, балки замини бекорхобидаи бари хонаашонро низ баробар тақсим карда, боғ бунёд мекунанд.

Инак умри ӯ ба ҷое расидааст, ки бозгардӣ надорад. Бисёр қувват кунад, панҷ-даҳ соли дигар ба фишори бераҳмонаи зиндагӣ тоб меорад ва баъд олами фониро падруд мегӯяд. Ҳавлии як тарафаш кушодаю замини бедарахти бари хонааш ва роҳу гузарро ба ҳамсояи бадфеълаш монда, ба олами хомӯшон дасти холӣ меравад, ба хуфтагони садсола баробар мешавад.

Умри ҳамсояи ҷангарааш ҳам, ки ҳар рӯз чандин маротиба аз сари роҳаш мебарояд ва бехабар дар лаби бораи пеши ҳотааш пайдо мешавад, ба таги ҳафтод расидааст. Бекорӣ ва бепарвоӣ аз як тараф, аз ҷониби дигар кӯса будан пирии Аминро ниҳон медорад. Вале ҳангоми шиштану хестан ин аломат ошкор мешавад. Ҳамсояи мӯйсафедаш низ ин дардро дорад. Роҳхат гирифта, ба табобат рафт, муддате хост, ки ҳам табобат кунаду ҳам истироҳат. Пеш аз рӯзи ба табобат рафтан бо баҳонаи Аминро рӯ ба рӯ дидан ва ғавғояшро шунидан бел гирифта, дар кунҷи охири ҳотааш, ки ба замини ҳамсоя часпида буд, нақши лойкунандаро бозӣ кард. Аслан белро мебурду меовард. Лаҳзае нагузашта фарёди Амин баромад:

– Дар назди ҳотаи ман чи кор мекунӣ? Магар қасами хӯрдаатро аз ёд бурдӣ, ки боз ба кандан машғулӣ? Девор накун, ки дар бехи деворат гӯрат мекунам.

Ба суолаш посух нагирифтан хашми Аминро зиёд кард ва зуд худро ба лаби бора расонд. Дид, ки ҳамсояаш чандин қадам дур аз сарҳади ҳавлии ӯ белро бурдаву оварда истодааст. Баъди дидани ин манзара «бо бел бозӣ мекунӣ, магар девона шудаӣ» гуфт ва аз ҳайрат дигар сухани муносиби ба ҳалли ин масъала дахлдор наёфта, хомӯширо пеша кард. Оромии яклаҳзаинаро овози ҳамсӯҳбаташ, ки ноилоҷ аз бед тут ҷустан мехост, барҳам зад.

– Амин, аз мушоҳидаҳои чандинсолаи ҳамсоягӣ хулоса ба-

ровардам, ки дар ҳамин гузар одами аз ҳама дурусту боақл ту будаӣ, – гуфт мӯйсафед ва суханашро идома дод. -Ғайри ту ҳеҷ кас аз имтиҳонам нагузашт. Туро ягона одами бовариноку бовафои худ меҳисобам. Мехоҳам, ки дар набуданам хонаву аҳли оилаи маро назорат кунӣ, нагузорӣ, ки гапи бачаҳо гурезад. Хулоса, ҳамаро ба ту ва туро ба Худо месупорам. Чи гуфтӣ?

– Мебинам, илоҷашро меёбам, катамро оварда, дар лаби бора мегузорам. Шабу рӯз назорат мекунам, гунаҳгорро намебахшам. Касе ба гапам гӯш надиҳад, рӯзашро сиёҳ мекунам.

Амин ба аҳдаш вафо кард, то аз табобат баргаштани бобои Оқил аз гирди хонаи ӯ дур нарафта, ҷони мардумро ба лаб овард. Рӯзона сари роҳро гирифта, ҳатто мошинҳоро гузаштан намемонд. Ба ронандагон таъкид мекард, ки чанг нахезонанд, девору дари хонаи ҳамсояро ғуборолуд насозанд.

– Эй гов, говатро ба он сӯи роҳ ба чаро бубар, тарафи роҳи хонаи ҳамсояи маро чиркин макун, – дӯғ мезад ба молдоре.

– Эй кӯдак, ғулакат аз сарат монад, ба сӯи хонаи ҳамсоя тир наандоз. Дар бехи девори ҳамсоя нагард, агар як мева кам шавад, дасту поятро мешиканам, – чашм ало мекард сӯи кӯдаке.

Касе ҷуръати рад кардани суханашро надошт. Ҳатто шабе яке аз бачаҳои бобои Оқилро, ки дер ба хона омад, сарзаниш карда, гуфт: – Даромадан мумкин нест, рафта шабатро дар ҳамон ҷое, ки будӣ, рӯз кун ва баъд саҳар биё.

– Бегона ё дузд набошам, ки аз ман шубҳа кунӣ ва ҳақ надорӣ, ки маро аз ҳуқуқи ба хонаи худамон даромадан маҳрум намоӣ?

– Дер ки омадӣ, ҳуқуқи даромадан надорӣ. Хонаи худатон ҳам бошад, хонабон манам, фаҳмидӣ?

Бача дид, ки баҳс бо Амин-амак фоида надорад, аз аспи ғурур фаромада, ба роҳи паси хона тоб хӯрд ва дар торикӣ аз назар ғоиб шуд. Хулоса, як моҳ бо назорати ҷиддӣ гузашт. Дар ин муддат Амин-амак худро хӯҷини мутлақи хонаи ҳамсоя ҳисобида, парвои хонаву дари худ надошт. Рӯзона дар гирду атрофи хонаи ҳамсоя чарх зада, шабона дар рӯи кати лаби бораи ҳотааш дароз кашида, чашмонашро аз атроф намеканд. Сагу пишакеро, ки аз ҳамон сарҳад гузаштанӣ мешуд, сангбо-

рон мекард. Аз қазо як санги ҳавододааш боре ба шонаи яке аз шабгардон зад ва оҳу фарёди ҷабрдида ба фалак печид. Хайрият, ки ҷабрдида дар торикӣ сангпарторо надид.

Ин назораткунанда, ки ҷояш паси девору сари роҳ буд, аз мошин фуромадани бобои Оқилро пеш аз ҳама дид ва ба истиқболаш шитофт. Бар ба бараш қадам зада, гиреҳи риштаи гуфтугӯро аз ҳолпурсӣ не, аз ҷои ҳисобот кушод.

– Ҳамааш хуб гузашт, ягон шикоят нест. Акнун хонаву даратро ба худат месупорам, вале кати ба лаби бора гузоштаамро аз ҷояш наҷунбонда, назоратро боз ҳам пурзӯр мекунам. Зеро дар набудани ту фақат як чизро фаҳмидам. Ҳама сагу пишак аз ҳотаи ту ба ҳотаи ман мегузаштааст, кӯдакон ҳам. Ман ин корро ба ин ҳол наемонам. Аз пагоҳ ба деворкунӣ машғул мешавам. Деворе мебардорам, ки на одам гузашта тавонаду на сагу пишак.

Мӯйсафед, ки солҳо интизори як ишора буд, аз шунидани ин сухан дар ҷо шах шуда, лаҳзае бо дидаи ҳайрат ба рӯи Амин нигарист. Бори нахуст аз ҳарфи нигоҳаш ҳамон як гапи коғазпечро бо оҳанги дигар хондан мумкин буд. «Гапи ту барои мо қонун аст, баландии деворро то фалак барӣ ҳам, мо розӣ, ту имтиёз дорӣ…»

ШАРИКИ УМР

Аз роҳи саҳрои хаёлаш яку якбора корвони шубҳаву ноумедӣ ва тасдиқу инкор гузашт ва дар ин миён ӯ худро мусофири роҳгумзада тасаввур карда, парешону безобита гашт. Ибоде, ки ҳар қадамашро дониста мемонд ва ҳама кораш аз рӯи нақша сурат мегирифт, дар лаҳзае ба куҷо рафтану чӣ кор карданашро намедонист. На хомӯширо пеша ва на рози ниҳонашро ошкор карда метавонист. Агар ишора мекард, гумонбарияш, ки нишонаи торикии имон аст, тасдиқ мегардид. Агар ишора намекард, пурсиш идома ёфта, аз гап гап мебаромад ва уқдаҳои нокушодаи ин асрорро нохуни тези баҳсҳо мекушод. Дар натиҷа кор аз кор мегузашт, шубҳа ба хусумат табдил меёфт ва шармандагӣ сар зада, хонаи ободе вайрон мешуд. Наход кор ба ин дараҷа бирасад? Ба ин дараҷа набояд расид. Итминон дошт, ки баъди ин гумонҳо ҳам ягон воқеа рух намедиҳад.

Зеро ин розҳо ҳам гапи набудаанд, шубҳаанд, бофтаҳои дурӯғини хаёланд, заминаи боэътимод надоранд. Шояд на бофтаҳои дурӯғини хаёл, балки ҳақиқати ҳол бошанд? Шояд ҳақиқат ҳам набошанд, – боз дудила шуда, нӯги риштаи калобаи хулосабарориашро сар медод Ибод ва ба як қарор омада наметавонист. Зеро аз пайи ин пурсиши сабук боз ҷавоби вазнин буд. Вале ошкор накунад ҳам, қиссаи ин рози ниҳонро аз хати пешонӣ ва ҳарфҳои маънидори нигоҳаш хондан мумкин буд: – Малол машавед, устод ҳам бошед, суханамро рӯирост мегӯям, шояд эродам ба шумо нафорад, лек чӣ метавон кард, ки ҳақиқат талх аст. Хулосаи гап ҳамин, ки шумо аз дастархони падару модараш нон хӯрдаед, дар хонаи волидонаш иҷора нишастаед. Онҳо ба шумо хизмат ва дасти мадад дароз кардаанд. Поси намакро, ки доред, хубаш рафта ба аҳли ҳамон хонадон миннатдорӣ изҳор кунед. Ба Сурайё чӣ кор доред?

Хатои худро зуд ҳис кардам. Фаҳмидам, ки пурсиш ноҷо афтод, Тарзи баёни сипосам ба шиноси деринаам нафорид. Ибод ба ҳар суолам бо дили нохоҳам ҷавоб мегардонд, ҷавоби сард. Ҳамзамон дар гумонам ханҷари тези нигоҳаш аз ҷавшани ҷонам мегузашт ва бесухан сар ҷунбонданаш мӯҳре буд, ки ҳуҷҷати қабули маҷбурии дидорамро тасдиқ мекард. Бо вуҷуди пушаймон шудан аз ин дидор ва кушодани риштаи сӯҳбати гирехдор ба мағлубӣ тан надода, барои бартараф кардани кадомин шубҳаи эҷодкардаи ҳамсӯҳбатам, кӯшиш мекардам, ки баъди ҳар ҷавоби нешдор посухи мувофиқ биёбам. Хаёлҳои хому гумонҳои бади Ибод ва дар роҳу кӯчаҳои поки инсонӣ ғуборҳои рашку хиёнат диданаш, ки дар ягон гӯшаи мағзи сари аз чунин андешаҳо озодам намегунҷид, маро маҷбур мекард, ки ба лаб мӯҳри хомӯшӣ назада, бо ҷавобҳои далелдорам аз вартаи ин муҳокимаи давомдор берун бароям.

– Сурайё, хоҳараки азизи мо, дастархон мегустурд, чой дам мекард, хӯрок меовард. Ҳама сари як дастархон нишаста, гоҳо аз як табақ нон мехӯрдем. Гоҳо ҳамроҳи модараш либосҳоямонро шуста, дарзмол мекард. Қисса кӯтоҳ, мо иҷоранишинону хонадорон – он бошандагони маскани меҳру шафқат, – дар маҷмӯъ зодагони кишвари инсониро мемондем, ҳамчун узви як оила озими роҳи дури зиндагонӣ будем.

– Фаромӯш макунед, ки он мегуфтагиятон, он як узви оила, як кӯдаки аз асрори оламу одам бехабар, як духтараки мактабхони ҳанӯз нодон буд, як дидаи дар роҳи қисмат ҳайрон буд, Сурайё набуд, – аз роҳи сарҳади гумонҳо берун қадам мондан намехост Ибод.

– Рост мегӯяд Ибод. Он духтараке, ки акси ҳусни зебои тасвирнашавандааш дар оинаи хотири ман мондааст, ин Сурайёи панҷоҳсола ва он ҷавон ҳам, ки дар шаклу сурат аз ҳамқисмати интихобкардааш камӣ надошт ва ӯро шоми бастани издивоҷ ва рӯзи ҷашни хонаободӣ дар бари арӯс дида будам, ин Ибоди лоғари шастсола набуд, – ба дил тасдиқ кардам ва айёми донишҷӯиву рӯзгори иҷоранишиниро ба ёд овардам.

Даврони донишҷӯии мо аз сабаби камбизоатӣ ва кӯшиши ёфтани ҳуҷраи арзони иҷоравӣ рӯзгори кӯчиёнро мемонд. Хобгоҳ аз омӯзишгоҳ хеле дур, дар канори охири шаҳр ҷойгир буд, ки сад қадам онтарафтар аз он деҳа оғоз мешуд. Деҳотиёни бештар аз роҳи бари хобгоҳ гузашта, ба шаҳр мерафтанд. Аксари онҳо ширфурӯшони бидондор буданд. Мехостем шир бихарем, вале ҷои пухтан надоштем. Дар хобгоҳ ғайри хобидану шабро рӯз кардан ягон шароит, ҳатто ҷои дастшӯӣ ва обҷӯшонӣ набуд ва мо дар чойхонаву ошхонаи назди омӯзишгоҳ шикамамонро пур мекардем. То ба хобгоҳ расидан хӯрдаҳо ҳал мешуд ва дасти иштиҳо аз нав ба домани меъдаамон чанг мезад. Барои ҳамин аксари донишҷӯён аз баҳри хобгоҳи умумӣ гузашта, иҷорашин мешуданд. Мо низ чанд тан аз як деҳа аз ҳамон зумра будем, ки зуд-зуд ҷои зистамонро иваз мекардем. Ин ивазшавӣ ба арзиши иҷора ва муомилаи соҳибони хона вобастагӣ дошт. Дар ин қисмат гоҳе мебурдему гоҳе мебохтем.

Боре бо ташвиқи кампираки танҳое, ки фақат бинии дарози борикаш ба ёд мондааст, аз баҳри ҳуҷрае, ки дар он осуда мезистем, гузашта ба хонаи ӯ кӯчидем. Ду шабро дар он ҷо рӯз карда, шаби сеюм берун аз дар шудем. Кампирак даркушоии худро фаромӯш карда, гум шудани сагашро дар бепарвоию шумқадамии мо дид ва таъкид намуд, ки дигар дар чашмонаш натобем.

– Дар ин нимашабӣ ба куҷо меравем, – гуфта, зорӣ карданамон ба дили сангинаш кора накард ва моро дар торикӣ аз

даргоҳаш ронд. Борҳои вазнин дар пушт базӯр-базӯр боз бехабар ба хонаи падари Сурайё омадем.

– Чаро аз он манзиле, ки аҳлаш ҷони одам буданд, рафтем? Ягона сабаби рафтанамон тангии ҳуҷра буд, ки барои хондану дам гирифтани се-чор кас мувофиқат намекард. Хонаи кампирак калон ва майдони ҳавлияш васеъ буд. Боғ ҳам дошт. Фурсат даст надод, ки сабаби танҳо зистани ӯро бипурсем. Вале аз тарзи гуфтору кирдор ва нишонаҳои бозгӯи тарҳи рӯю хати ҷабину ҳарфи нигоҳаш маълум буд, ки ӯ одами хуб нест, кӯтоҳандешу дилтанг аст. Хайрият, ки рафтану пушаймон шуда баргаштанмонро ғайри як ҳамдарсамон дигар касе пай набурд. Сабабгори ба ин хонаи танг омадани иҷоранишинҳо низ ман будам. Ман дар хонаи як хеши дурам, хеш не, як шинос зиндагӣ мекардам. Он кас амаки шавҳари холаам буд, фарзанд надошт. Занаш ҳам безурётии ӯро фаҳмида, ба тақдир тан дод. Онҳо бо умеди равшан нигоҳ доштани чароғи хонаашон кӯдаки бегонаеро парварда, гули хӯроку пӯшокро барояш муҳайё мекарданд. Ҳамон парвардаашон ба воя расида, ба хондан рафт ва баъди соҳиби касб шудан дигар ба хонаашон барнагашт. Пиру кампири аз интизорӣ ноумедгашта дар ҷои ӯ маро дида, гоҳе бекасиашонро фаромӯш мекарданд. Эҳтиёҷи зиндагӣ баъдтар маро ҳам ба роҳи дигар бурд. Рӯзи рафтанам дидагони абрмонанди онҳоро ғарқи борони ҳасрату ноумедӣ дида, гуфтам, ки лаҳзае бе ёди шумо намегардам. Ба аҳдам вафо кардам, пайваста хабарашон мегирифтам. Онҳо аз дидори ман беҳад хурсанд мешуданд. Ҳатто мӯйсафед, ки дуторро хеле бад менавохт ва овозаш садои товусро мемонд, аз ғояти шодӣ ба навохтану сурудан мегузашт. Вале ҳазорон шодии сохта, ғами қаъри дили онҳоро ҷуброн карда натавонист. Оқибат он ду нокоми роҳи умр бори ҳасрату интизорӣ ва бенишониро бо худ ба гӯр бурданд ва он хонаву ҳавлии калон ба як хеши дурашон монд.

Дар он хона ҷои хоб ва хӯроки ман ройгон буд. Танҳо аз дурии роҳ азоб мекашидам. Агар он хона чархдор мебуду кашида ба омӯзишгоҳ наздик бурда мешуд, бешубҳа, даврони донишҷӯии ман бо подшоҳӣ мегузашт. Афсӯс, ки хона чархдор набуд. Вале хонаи ҳамдарсони иҷоранишинам ба омӯзишгоҳ хеле наздик, пиёда рафтан мумкин буд. Онҳо аз кӯча ба боғи

марказӣ ворид шуда, аз дарвозаи дигари боғ берун мебаромаданд ва ба тарафи муқобили роҳи калон гузашта, худро дар назди дари омӯзишгоҳ мегирифтанд.

Рӯзе ба суроғи ҳамдарсонам ба он даргоҳ рафтам. Баробари кушодани дарича дар рӯ ба рӯям зани тахминан панҷоҳу панҷсолаеро дидам, ки аз хомфарбеҳӣ ҳафтодсола менамуд. Аз ӯ дар куҷо будани рафиқонамро пурсидам.

– Ба бозор рафтанд, барои харидани маводи ғизоӣ, андак пас меоянд. Зан маро маҷбуран ба гӯшае шинонда, майдапурсӣ кард. Баъди фаҳмидани суроғаам, зодаи кадом водӣ буданам ва номбар кардани чандин решапайвандам, – «Ту на танҳо ҳамшаҳрӣ, балки хеши худам будаӣ. Духтари амаки холаат келини аппаи ман аст. Метавонӣ ҳар вақт ба ин хона биёӣ, балки ҳамроҳи мо бошӣ. Ин хона ба мактабат наздик».

Баъди чанд сухани афсунгараш, ки аз меҳру шафқат саршор менамуданд, дар ҳалқаи ҷоду афтода, хаёлан нақшаи ба ин даргоҳ кӯчиданро кашидам. Баъди ду рӯз ба хонаи «хеши навам» омадам.

– Ду-се шаб дар ҳуҷраи ҳамдарсонат хоб бикун, баъд ҷоятро меёбем, – гуфт он хомфарбеҳ чашмонашро гардиш дода.

Ду-се рӯз не, чанд моҳ сабр кардам, вале аз ин боб дигар ҳарфе нашунидам. Он зан баробари дигарон аз ман иҷорапулӣ мегирифт. Аз фиреб хӯрдану ҷои гармамро хунук карданам ва аз хӯроку ҷои хоби ройгон монданам афсӯс мехӯрдам, вале илоҷи ба ҷои аввала баргаштанро надоштам.

Дар ин даргоҳ маро дар бехи девори ҳуҷрае, ки ҳамдарсонам мезистанд, ҷо доданд. Ҳангоми бапушт хобидан аз бехи девор осмони ситоразорро медидам. Майдони диданам аввал ба хати кашидае монанд буд, вале баъдтар дар назарам васеъ шуда, шакли ҷӯборакеро гирифт. Билохир ҳис кардам, ки болорҳо оҳиста-оҳиста мелағжиданд. Шабе, ки маблағи иҷораро ҳисобӣ кардам, ба ҳамдарсонам гуфтам, ки ман як хона ёфтам, агар майлу хоҳишатон бошад, ба он ҷо мекӯчем. Агар накӯчем, ягон шаб дар зери ин бом монда, хокдаҳон мешавем. Ҳамдарсон розӣ шуданд, вале яке аз онҳо барои ширин кардани худ соҳибхонаро аз мақсадамон воқиф кард. Ҳамон зани, ба гуфти худаш, хешам, ки бисёр забони тез

дошт ва аз дасташ ҳама бадӣ меомад, тиру теғи ғазаб кашида, бо овози баланд гуфт:

– Кирмаки бетоқат, маълум шуд, ки корат фақат кӯчидану ба сад дар рафтан будааст. Рафтанӣ, худат бирав, инҳоро сарсону саргардон макун, фаҳмидӣ?!

– Ман ба ҳеҷ куҷо намеравам, шухӣ кардаму садоқати ҳамдарсонамро фаҳмиданӣ шудам, – гуфта, домани соҳибхонаи бераҳмро бо чормағзи пуч пур кардам. Вале нисфи шаб, замоне, ки ҳама дар хоби ноз гирифтори марги сабук буданд, даричаи ҳавлиро оҳиста кушода, дар дӯш бори гарон гурехтам ва худро дар хонаи Ҳоким-амак гирифтам. Бори нахуст дар ин хонаи соҳибонаш бегона нигоҳи пур аз раҳм ва дилу чеҳраи кушодро дидам ва маънии вожаи одаму одамгариро хубтар фаҳмидам.

Ҳамдарсон ҳам, ғайри ҳамон хабаркаш, баъд аз ҳафтае рӯ ба ҳуҷраи иҷоравии ман оварданд ва то хатм кардани омӯзишгоҳ ҳамроҳам зиндагӣ карданд.

Баъдтар эҳтиёҷи рӯзгор моро ба роҳҳои дигар хонаҳои иҷоравию хобгоҳҳои оилавӣ ва дарёфтани даргоҳи худӣ бурд. Вале он осудагиву хушҳолие, ки дар хонаи падари Сурайё доштем, дар хонаи худамон пайдо накардем.

Падару модари Сурайё ҷуфти муносиб буданд ва ягон лаҳзаи ҳастиро бе ҳамдигар тасаввур карда наметавонистанд. Бори ғаму шодии ҳаётро бо ҳам мекашиданд. Ҳангоми сӯҳбат низ барои ба ҳам бар нахӯрдани нигоҳҳо ва орӣ будан аз хислатҳои мағрурию нописандӣ сарашонро андак хам мекарданд. Гӯё ҳанӯз ҳам чун навхонадорон аз ҳамдигар шарм медоштанд. Вале медонистанд, ки дар бозии тақдир хоҳу нохоҳ бояд як кас мағлуб шавад. Мард мехост худро аз занаш боло нагирад. Зан аз баҳри боло будан гузашта, ба шавҳараш имтиёз медод ва ӯро дар набарди майдони ҳастӣ ғолиб мекард. Зайнаб-хола аз ҳамин хислаташ ганҷинаи осудагӣ ва мукофоти зиндагӣ пайдо карда буд.

Падари Сурайё - Ҳоким-амак гоҳо баъди кор сархуш ба хона меомад. Кор кардан бо рангу маводи кимиёвӣ талаб мекард, ки коргари ин бахш ҳар рӯз ду-се маротиба ғизои ширӣ бихӯрад ва ё андак шароб бинӯшад. Барои Ҳоким-амак, ки нӯшиданро дӯст медошт, ин тарғибот баҳонаи хубу заминадор буд.

Ҳангоми сархушӣ ҳам ҳарфи зиёд намегуфт, дилу хотири касеро намеозурд. Дар ҳама ҳолат Зайнаб-хола ба шарики умраш рӯи хуш медод. Дасти ӯро дошта, ба ҷои муқаррарияш бурда, мехобонд. Ва лаҳзае дар паҳлӯяш нишаста, бо дидаи меҳр ба чеҳраи сурхгаштаву чашмони пӯшидаи ҳамқисматаш менигарист. Гоҳо мӯйҳои сари ӯро бо панҷаҳои нарму навозишпарвараш шона мекард. Дар чунин ҳолат чӣ хаёлҳо аз сараш мегузашт, Худо медонаду худаш. Вале аз ин муомилаи хомӯшона ҳам гӯши аҳли фаҳм садоеро мешунид: «Маст ҳам бошӣ, паст ҳам бошӣ, ҳамқисматӣ, барои ман дунёи бахту саодатӣ…»

Ҳоким-амак баъди ба худ омадан хӯроку чойи талх мефармуд. Дар табақ хӯрдани шӯрбову шакаробро нағз медид. Нонро хирман карда, моро ба ёрӣ даъват мекард. Мо толибилмони нимсеру нимгурусна интизори як ишора будем ва панди куҳани « биҳишти косалесон» – ро ба ёд оварда, ҳатто дар лесидани табақ ёраш мешудем.

Алқисса, пиру кампир ва фарзандонаш луқмаеро бе мо намехӯрданд. Иҷорапулии мо як ҳиссаи хароҷоти онҳоро ҷуброн карда наметавонист. Аз иҷорашин қабул кардан чӣ манфиат диданашонро пай намебурдем. Гоҳо дар ҳамон ҳавлии танг футболбозӣ мекардем. Дарвозаи ҳавлиро дарвозаи майдони бозӣ пиндошта, зарба мезадем. Аз зарбаҳои сахти туб дарвозаи оҳанин садо бароварда, хомӯшии гузарро халалдор мекард. Хурду бузурги оила ин манзара ва гоҳо рехтани гилҳои бари девори хонаву ҳавлиро медиданду лаб намекушоданд. Ёдашон бахайр, аҷаб инсонҳои нек буданд пиру кампир.

– Буданд не, ҳастанд. Зиндаҳоро қатори мурдаҳо нашуморед. Рӯзашон, ки буд шуд, худашон бори сафари ҷовидона мебанданд.

Аз ин таъкиди маънидор ман аз ҳисобу китоби нодуруст ва воқифи ҳол набуданам хиҷолат кашида, худро маломат кардам.

Сурайё ин суханҳоро шунида, мехост ба сӯҳбат ҳамроҳ шавад, ҳоли ману аҳли оилаамро бипурсад, бачаи донишҷӯямро бубинад, духтаронашро ба ман муаррифӣ бикунад ва рӯзгори гузаштаро ба хотир оварда бигӯяд: – Умр дар як мижа задан мегузаштааст. Фарзандонамон акнун ними умри моро доранд. Косаи навбат тез давр мезадааст. Мо, ки дирӯз кӯдак будем,

имрӯз соҳиби набераем, бибиву бобоем. Мехост, ки аз хусуси падару модари пираш, ки ман аз бехабарӣ номи онҳоро аз сабти дафтари зиндагӣ бароварда, дар лавҳаҳои водии хомӯшон навишата будам, сухан бигӯяд ва тасдиқ бикунад, ки шукри Худо, падару модарам ҳанӯз зиндаанд, яке ба саду дигаре ба навад даромадааст. Мехост, ки аз ҳаёти се бародару хоҳараш ҳикоят карда, дар охир ба ришгаи гуфтор мӯҳраи гилаашро бикашад ва маро бо носипосӣ муттаҳам намояд. Вале аз тарзи сухангӯии ҳамқисматаш, аз хаёлҳои шубҳапарвари сарвари хонаводааш хулосаи нохуб бароварда, хомӯширо авло донист ва худро ба ман ношинос вонамуд. Бо вуҷуди ин ҳама ман ба гӯшаи чашм чеҳраи коҳидаи ӯро дидам, ки аз гузашти умр хабар медод. Воқеан ҳам ин Сурайё он Сурайё набуд. Ранги рухсораи он Сурайё садбарги гулобӣ ва абрӯвони сиёҳаш абрӯвони навакак усмакашидаро мемонд. Лабони сурхаш барги гули лоларо ба ёд меовард. Ин зебоиҳо айби бинии андак калони кӯлуларангашро мепӯшонд. Сунбули мӯйҳояш, ки ҳини шитофтан гоҳе пеши рӯи пуртароваташро мепӯшонд, ба шаршараву чашмакони зебояш ба санчилҳои тари ба бари девори кӯҳ часпида шабоҳат доштанд. Ба қадду қомати рехтааш ҳар гуна пироҳану ҷома мезебид. Пардаи сурхи шарму ҳаё ба ҳуснаш ҳусни дигар зам мекард. Зебо буд, париваш буд он Сурайё. Ин Сурайё як зани бармаҳал пиршударо мемонд. Аз ҳусну малоҳати пешина осоре набуд. Чеҳраи коҳидаи ба каҳрабо монанд, абрӯвони ҷо-ҷо сафедшуда ва дастаи мӯйҳои ба оби шаршара ҳамранг, бинии калони кӯлуларанг, ки рӯи пӯст ба устухонгаштаашро барҷастатар кардааст, низ тасдиқ мекард, ки ин Сурайё он Сурайё ва ин Ибод он Ибод нест. Ҳангоме, ки Ибодро ба он хона барои ақди никоҳ оварданд, як ҷавони хушсурат ва рӯи гандумгунаш гандуми пурмағз буд. Қадди баландаш ба ӯ шукӯҳи дигаре мебахшид. Ҳоло ӯ ҳам ин нишонаҳоро надорад. Метавон хулоса бароварда, ки Ибод на танҳо худро, балки Сурайёро ҳам пир кардааст. Ман ҳам акнун он ҷавоне нестам, ки Сурайё ва Ибод дида буданд. Дарди ҳастӣ ва гузашти умри пурсамар дар тани мани мусофири роҳи қисмат низ нақши худро гузоштааст. Навбати рахти сафар бастани се шиносе, ки аз як дидори тасодуф ва пурсиши ноҷо бегона гашта буданд, торафт наздик мешуд. Мо се тан гавҳари бебаҳои ҷавонии худро ба фарзандон бахшида, аз

шарми тиҳидаст набудан пинаи охирини ҳастии худро нигоҳ медорем. Дар ҳамин ҳолат ҳам Ибод бо кадомин хаёле, ки чун теғ ба рагҳои асабаш мерасид, бо баҳонаи бо телефони дастӣ гап задан майда-майда ҷунбида, бо сипари зангоби ҳастихӯрдаи пайкараш дами кунди шамшери нигоҳамро баст. Нагузошт, ки таъсири зарбаи ин шамшер ба шарики умраш бирасад. Фишори зиндагӣ ва бори ранҷу азоб, ки маҷмӯи маҳсули нанг аст ва гирифторони он ба хотири ҳифзи як ном умр ба сар мебаранд, дар пайкари мо асари худро гузоштааст. Мо се шиносе, ки қариб аз ҳама чиз мондаем, ҳанӯз ҳам ба хотири кадомин орзуи надида домани номуси ҳастиро аз даст додан намехоҳем. Дар ин ҷода ҳатто намехоҳем аз ҳамдигар мадад бипурсем ва дӯстро аз душман бишносем. Бо ин ҳама нохоҳамӣ ман Ибодро аз дур дида шинохтам. Фаҳмидам, ки он зани умрдида зани ӯ ва он духтаракон фарзандони ӯянд. Дар ин ҳолат ба назди Ибод рафтан маънӣ надошт, вале илоҷу роҳи дигар набуд, хоҳу нохоҳ бояд аз паҳлӯяш мегузаштам. Ҳангоми аз бараш гузаштан ҳатман ӯ маро медид. Маҷбур будам, ки аз бари шиноси дерина бепарво нагузарам, ҳеҷ набошад саломи қарзи Худоро диҳам. Ин андеша сабабгори воҳӯрии мо шуд. Ман Сурайёро, ки аз қадду қоматаш шинохта будам, акнун рӯяшро дида, дар лаҳзае ҳама хотираҳои мозиро, ки бозгӯи соҳибдилию поктинатии аҳли оила буданд, тагурӯ кардам.

– Наход ӯ маро, бародарашро, фаромӯш карда бошад?

– Не, ӯ маро фаромӯш карда наметавонад. Аз хотири шарики умр, аз таъсири дарди ҳастӣ рӯзгори деринаро ба ёд овардан намехоҳад. Фаҳмидам, ки аз тамоми ҷавонмардони рӯи олам ҳамоне, ки ӯро бармаҳал пир кардааст ва ба ин ҳолат расондааст, барояш азизтар аст ва ҳамсафари роҳи умрашро, ки ширеши зиндагӣ ҳар дуро мисли гӯшту нохун ба ҳам пайвастааст, ба касе иваз карда наметавонад. Сурайё ҳам фурӯтанию хоксорӣ, итоату дар ҳама ҳолат ба қадри шавҳар расиданро аз модараш омӯхтааст ва ҳамон гуна чароғи муҳаббати ҳамқисматиро афрӯхтааст. Ҳамчун пайрави модари вафодораш раҳкушову ҳамраҳашро, ки ба хотири пайванди ҷовидонӣ тарки рафтуомади дигар роҳҳо намудааст ва аз нақши гузоштааш пайи пои давоми умр пайдо гаштаст, аз ҳазорон пайи ишқу муҳаббат боло медонад ва як зарра гарди меҳрашро ба зари

дунё намедиҳад. Ин роҳ ба ғайри ӯ чашмашро ба рӯи арзандатарин мусофири олам бастааст. Ин роҳи ватани ҳамқисматист, ин роҳи аз сарҳади ҷавонӣ то охирин хату нишонаи қаламрави пирӣ расидан аст, ин роҳи то қиёмат дар кишвари бахт худро соҳибмулк дидан аст. Ибод ҳам ба марг розӣ мешаваду аз ин роҳу сарҳад берун баромадан намехоҳад. Пои муҳаббати одаткарда дар кафи худ қадами ноошное надорад, ки ба роҳи дигар гузорад. Садҳо мардону занони ҷавону зеботар аз пешу аз паҳлӯ мегузаштанд, вале ду ҳамқисмат ба сӯи онҳо дидаи эътибор намедӯхтанд. Барои надидани рӯи дигарон сари худро андак хамонда, сӯҳбат мекарданд ва дар ин миён гоҳ-гоҳ ба чеҳраҳои фарзандони басафарбаромадаашон нигариста, худро дар маскани хушбахтии тасаввурнашаванда, ки лаззати умрбодии олам ба як лаҳзаи талху ширинаш намеарзад, медиданд ва дасти шукрона ба гиребони қаноатмандӣ мебурданд.

Ин вохӯрии мо дар фурудгоҳ ба вуқӯъ пайваст. Ҳар се гуселкунанда будем. Фарзандонамонро, нурони дидагону ороми ҷону танамонро ба роҳи дури сафар мефиристодем. Дар лабони писари ману духтарони онҳо, ки дар як қатор истода буданду аз қисмати деринаи мо хабар надоштанд ва ҳамдигарро намешинохтанд, табассум гул мекард. Вале ба тори асаби мо ангуштони садҳо хаёли ноладор нохун мезад. Оҳангҳои ҳузновари ҳичрон эҷод шуда, дилу ҷигарро обу адо мекард ва қатраҳои ҷамъшуда баъди қувват гирифтан боло баромада, аз қабатҳои монеадори дидагони мо мегузаштанд ва оҳиста-оҳиста ба рӯи мо ҷорӣ мешуданд. Дар ҷои интизорӣ, ҳарчанд, ки курсии холӣ бисёр буд, неруи хотире моро маҷбур мекард, ки рост биистем. Ин неру ба хотири бори охирин аз пушти қабати шиша дидани фарзандон пайдо шуда буд, ки моро аз нишастан бозмедошт.

Се шиноси дерина бегонавор ба ҳамдигар эътибор намедодем. Сарчашмаи ҳамаи ин беэътиборӣ ҳамон саволи ноҷоафтода буд. Аз саволи додаам сахт пушаймон шудам, ҳатто роҳи аз ин варта халос шудану дар чашми Ибоду Сурайё натофтанро мекофтам. Вале илоҷи роҳи гурехтану раҳо гаштанро надоштам. Хотири фарзанд, ки касро ҳатто ба хонаи душман мебарад, сарнофарореро пеши поафтодаи дигаре мекунад, маро пеши ин шарикони умр, ки ҳақ тарафдори онҳо буд, маҷбуран нигоҳ медошт…

Ҳ АСРАТИ ДИДОР

Зимистони тӯлонии онсола, ки мисли ҳокими шаҳди мансабро чашида, мавқеашро бекашмакаш ба фасли баҳор додан намехост, бисёр сарди сахттаъсир буд. Лашкари тундбоди муҳофиз қудрати худро нишон дода, сад дар сад дуруст будани мақоли « дар фасли Наврӯз, чил кунда бисӯз»-ро тасдиқ мекард. Намедонист, ки дар як гӯшаи фалак низ лашкари нерӯманди нурҳои офтоб ҳамчун ҷонибдор барои ба сари қудрат омадани намояндаи фасли баҳор нақшаи ҳуҷум мекашад ва мардумро аз вартаи ноумедӣ мераҳонад. Воқеан, мардуми интизори баҳори оламафрӯз аз хирагии ҳавои барфолуд ва хонанишинии худ безор шуда буданд. Рӯздармиён барфи майда ё лак-лакӣ меборид. Дар боғҳо ва дашту ҳомун аломати бедоршавии табиат ба чашм намерасид. Сафедпӯшони ғазабдор ҳанӯз ҳам бедодӣ карда, имкон намедоданд, ки сабзпӯшон ҳам аз гиребони худ сар бароранд. Идома ёфтани ин мубризаи сахт умеди ҳастии деҳотиёни захираашон камшударо то андозае барҳам мезад. Аслан бисоти рӯзгори соддаи онҳоро ду-се халта гандуму чанд дарза ҳезум ва андак хасу коҳ ташкил медод. Аксар каҳдону ҳезумхона ҳатто пари коҳу чӯби дандонковӣ надошт. Онҳое, ки дар мавсими дарав бепарвоӣ карда, мушкилоти фасли сарморо саҳл мепиндоштанд, акнун худро дар паси дари хонаи мардуми андак захирадор мегирифтанд. Гоҳо хоҳишашон иҷро мешуду гоҳо не. Дорандагон ҳам аз пешомад метарсиданд. Зеро лашкари бераҳми сармо аз доираи итоъат берун баромада, мехост, ки ҳоли ҳамаро аз будаш бадтар бикунад.

Ёрони ноумедгашта илоҷи дигар наёфта, бо дили нохоҳам роҳи сахроро пеш мегирифтанд. Онҳо хору хаси баргрехтаи аз бори барф хамхӯрдаву шикастаро даравида, ба хона меовардаанд ва то рӯзи дигар аз банди мушкилоти ҳаёт мерастанд. Дар миёни хаскашон писараки тахминан 14 солае низ буд, ки бо чеҳраи коҳидааш аз дигар даравгарон фарқ мекард. Кабудии дастон ва дир-дир ларзиданаш аз ҷисми обутобнаёфта ва дасту бозуи пурзӯр надоштанаш гувоҳӣ медод. Бечора бе мадади дигарон дарзаҳоро ба маркаб бор карда наметавонист. Маркаб

ҳам аз итоат сар печида, ғамаш медод. Гоҳо аз якбора давидану ногаҳон дар ҷо истодан бораш чаппа мешуд ва гоҳо аз бадхислатӣ сараш дар зери бори дарзаҳои партофтааш мемонд. Писарак маҳз бо ҳамин сабаб тоқа ба саҳро рафтанро хуш надошт, ҳатман хамроҳ мекофт. Гоҳо маҷбур мешуд, ки тани танҳо ба саҳро биравад. Агар ба адир нарафта, мисли занбӯри асал холӣ ба хона бармегашт, зери борону барфи таънаву маломат монда, субҳи умедаш ба шоми ҳасрат табдил меёфт. Ҷабру зулме, ки дар хона медид, аз мушкилоти бори аз маркаб афтода ва ҳуҷуми сармои қаҳратун ҳам сангинтар буд. Писарак ҳангоми танҳо ба пушта рафтан дар ҳалқаи шӯрандозони хаёл, ки дили касро аз зиндагӣ сард мекарданд, афтода, роҳи аз ин варта раҳиданро меҷуст. Онҳо ӯро ба чоҳи ноумедӣ тела дода, дар танҳоии ваҳмовар аз боби дунёбезорӣ қисса мегуфтанд. Баъди шунидани қисса ҳатман аз дил мегузаронд: «Чаро ба дунё омад? Оё аз зиндаҷудоиву надидани рӯи осудагӣ ба олам наомадан беҳтар набуд? Чаро падару модар хотири ӯро надида, зуд аз ҳамдигар ҷудо шуданд? Кӣ сабабгори хати талоқ шуда бошад? Ва ба ҳамин маънӣ мизроби дигар суолҳо ба тори асабаш нохун зада, гунгеро соҳиби забони гӯё мекарданд.

Дарду ғами зиндагӣ ва ҷабру зулми солҳои охир доираи андешаҳои писаракро торафт фарох мекард. Баъди рӯйдоди вазъияти нохубе ё дашному таънае писарак худро ба қаъри баҳри андешаҳо зада, дурри маънии суханҳои пардапӯшро ҷустуҷӯ мекард ва аз ёфтаҳо хулосаҳои мантиқан дуруст мебаровард. Он чӣ ки дар доираи фаҳмаш намегунҷид, мисли бори гароне тори нозуки асабашро таранг мекард. Вале аз бими таҳдиди волидон ҷӯръат намекард, ки хабари ин ҳолати зиндаргӯриро ба дигарон расонад. Агар мерасонд, асрори оила ошкор ва теъдоди бадбинонаш зиёд мешуд. Ноилоҷ домани сабрро гирифта, намегузошт, ки хомӯшиаш оҳанги фарёд бигирад ва мисли какб аз фарёди ноҷо бимирад.

Писарак фурсати холӣ надошт. Аз саҳар то бегоҳ ҷунбуҷул мекард; ҳезум мешикаст, аз пушта хасу хор мекашонд, аз чашма об меовард, оғилҳоро мерӯфт, ба чорпо ва муроғон хӯрок медод. Аз меъёр зиёд кор ҳам, ки мекард «ландаҳур»-аш гуфта, номи аслиашро қариб ба забон намегирифтанд. Танҳо аз паси дарвоза ва пушти девори хона: «Нодир, ҳо

Нодир» гуфтани ҳамсоягону хешовандони ба меҳмонӣ омада ва фарёди баланди «биё, ба мактаб равем, дер шуд»-и ҳамдарсонашро мешунид ва лаҳзае аз ном доштанаш ифтихор мекард. Лақаби «ландаҳур»-ро ҳам падарандар ба ӯ дода буд. Он марди зиштрӯй ҳатто тамом шудани захираи хонаро ба тӯл кашидани фасли сармо не, ба бепарвофалакии ӯ часпонда, дар ҳар нишасту хез гӯшрас менамуд: «Аз дасти ин шумқадами дарди сар ва ландаҳури исрофгар ҳама захира буд шуд. Коҳу алафро аз меъёр зиёд дод. Ба мурғон донро арзонӣ дошт, хонаи ҳезумро сӯхт» ва дуо мекард, ки: «Илоҳӣ дасти ин «саховатманд» шиканад, хасеро аз ҷо бардошта натавонад. «Модар дар ин ҳолатҳо аз ноилоҷӣ шикоятҳои беасоси шавҳари бадхашмашро тасдиқ мекард. Вале дар танҳоӣ худро барои бечӯръатӣ, ки он аз тарси дубора бева гаштану бадном шудан сар мезад, маломат менамуд. Писараки аз ин дарду алам бехабар дар симои модар бадбинашро медид ва дилаш аз одаму олам мемонд.

Дар пушти тирезаи хона барф меборид. Табиати тозакор барои доғдор нашудан палосҳои пештар партофтаашро аз нав ҷилпӯш мекард. Дарахтон ҳам аз болои такпӯши рангаш барфӣ боз пироҳани сафед мепӯшиданд. Шушаҳои найзамонанди лаби бомҳо низ аз ҳисоби чарби сафеди навпайдошуда, наёмдор мешуданд. Ҳавои берун сард буд, вале бадани писарак аз таъсири зарбаи суханҳои сард ва бори таънаву маломат дар хонаи гарм ҳам меларзид. Тундбоди зимистони сабилмонда нолаи гургони пур аз хашму ғазабро мемонд. Ба болои сармои сахт асари ҷанги шаҳрвандӣ зам шуда, бисёр оилаҳоро ба азобу машаққати сахти рӯзгор ва камбизоатӣ гирифтор карда буд. Аҳли хонадони онҳо низ аз дарди камбағалӣ асабонию пургӯ шуда, бо либоси баданашон соз намегирифтанд. Дар чунин мавридҳо падарандар пайкони кинаву нафраташро, ки ҳамсар тоби диданашро надошт, сӯи Нодир меафканд. Модар сипару ҷавшани муҳаббаташро вонамуд накарда, бо баҳонаи анҷом додани коре ин сӯву он сӯ рафта, дами роҳи пайкони фиристодаи шавҳари бераҳмашро мебаст. Вале дар хилват барои ҳӯшдор шудани фарзандаш таъкид мекард: «Наход падарат зинда бошаду ту дар хонаи падарандар рӯз ба сар бубарӣ. Мардбачаи ҳақиқӣ бори

зиндагии худро бардошта, онро ба дӯши дигаре намеафканад…»

Нодир бозии зери ин пардаро ҳам нафаҳмида, ба нақши офаридаи модараш, ки дар кинааш осори меҳру дар меҳраш нишони кина дошт, баҳо дода наметавонист. Намедонист, ки бо ин роҳ он муштипар заҳри дарду алами косаи дилашро ба ҷоми пур аз шарбати беғамии шавҳари худхоҳаш мерезад.

Модар қиссаи бо амакаш вохӯрдани писарашро намедонист ва гумон мекард, ки Нодир аз қисмати гузашта бехабар аст. Аввалҳо сирри ятим набудани Нодирро пинҳон мекард ва аз боби кӣ ва чикора будани қиблагоҳи асосии писараш лаб намекушод. Мехост, ки Нодир падар доштанашро надонад. Вале дар ду соли охир, хусусан дар ҳамин фасли дарозу дилгири сармо, лангари суханро дуртар партофта, номи шавҳари аввалаашро озод ба забон мегирифт ва ишора мекард, ки «Мардбачча бояд худаш роҳи ҳаёти минбаъдаро биёбад. Ҳуқуқ дорад, ки мустақил бишавад, агар падар дошта бошад, метавонад ба даргоҳи падараш биравад…»

Писарак аввалҳо сабаби ин таъкиду ишораҳоро дар тангдастӣ ва мушкилоти рӯзгор медид, баъдтар нуктаи назараш дигар шуд. «Наход сабабгори ҳама бадбахтӣ ва пешомади нохуб танҳо ятимаке бошад? Чаро модар пишаки фарзандони дигарашро пишт нагуфта, фақат маро сарзаниш мекунад? Ё ки қасди шавҳари авваларо аз писари худ гирифтан мехоҳад? Ба гардани як писараки бехабар аз он рӯзгор партофтани бори ҳама гуноҳ аз рӯи инсофу адолат нест. Чӣ гузашт аз байнашон, надонад…»

Писарак баробари дидаи ақл кушодан худро дар ҳамин хона дид ва бори нахуст падар доштанашро дар роҳи мактаб аз забони ҷавони хушсурате, ки худро амаки хурдияш муаррифӣ кард, шунид. Падарашро ҳамранги амакаш пиндошта, бо симои падарандар муқоиса кард. Гардани баланд, рӯи лолагун, мӯйлабу абрӯвони дудӣ, бинии рости беайб, чашмони рӯшани обдор, мӯйҳои сиёҳи андак ҷингила ӯро аз дигарон фарқкунанда мегирифтанд. Вале нишонаҳои ин тасвирро дар чеҳраи сиёҳрангу гундимонанд ва чашмони бумии падарандараш пайдо карда натавонист. Бо гузашти солҳо шояд ҳамин фарқият алами модарашро зиёд карда буд ва гумон мекардӣ, ки ӯ қасди

шавҳарашро аз писараш гирифтан мехоҳад. Зеро писараш каллаи кандаи падарашро мемонд…

Барфҳо ҳам об шуданд, нишонае аз ҳуҷуми лашкари сармои аз яхҳо сипару найзадор ҳам намонд. Фасли баҳор ҳокими мутлақи диёр шуд. Офтоби саховатманд ба дили хок гармӣ бахшида, дашту ҳомунро сабзпӯш кард. Насими накҳатдор вазида, ба кас рӯҳу ҳаловат мебахшид. Баъди чор моҳи дағдағаи ҳокимӣ лашкари шикастхӯрдаи сармо рӯ ба гурезоварда, дар паси ағбаи умр макон гирифта бошад ҳам, вале писарак ҳанӯз чеҳраи офтоби меҳри обкунандаи яхҳои дилашро намедид ва аз доираи муҳити сарди андешаҳои дерина берун баромада наметавонист. Шабҳоро бо камхобӣ рӯз мекард. Дар торикии хона, ки чароғҳоро барвақт хомӯш мекарданд, ғайри шамъакони дидагони ятимаке, ки рахшидана-шонро дигарон пай намебурданд, чароғаке вуҷуд надошт. Писарак дар атрофи чандин масъалаи муҳим, ки паҳлӯҳои фардои ҳаёташро дар бар мегирифтанд, андеша карда, ба саволҳои пайдошуда ба қадри фаҳм посух мегардонд. Саволҳои беҷавоб ҳам кам набуданд. Дар ин миён хаёлан худро дар паҳлӯи падар ва ба сараш дасти навозишро медид. Падар ӯро мошинсавор то назди донишгоҳ бурда, аз пайи кор мерафт. Дар ӯ нишонаи фиребу найрангро надида, корҳои бозорӣ ва сарфи маблағро ба ихтиёраш супурда буд. Бо вуҷуди ин модарандар аз рашк дар дили кӯдаконаш нисбат ба ин меҳмони нохонда ҳисси бадбанӣ мепарварад. Писарак дар ин даргоҳ низ ранг нагирифтани обашро эҳсос карда, ба кадом дар задани сари сахташро намедонист. Вале ҷонибдории падар умеди бадбинонро барҳам зада, ҷавлонгоҳи бовариашро васеътар мекард. Маҳз ҳамин андешаҳою хулосаҳои бароварда ва ёфтани таъбирҳои хобҳои дида, ӯро ба сари мақсади дидани дидори падар меовард. Оқибат рақами телефони кории қиблагоҳи ҳанӯз надидаашро пайдо карда, бо ангуштони ларзон рақам гирифт. Аз он сӯ садои ба овози амакаш монанд ба гӯш расид. Фаҳмид, ки гӯширо падараш бардоштааст. Баъди салом гуфт: – Агар пул қарз гирифта ба шаҳр биёям, маро қабул мекунед?

– Нашинохтам, шумо кӣ ҳастед?

– Ман, писратон - Нодир.

– Нодирҷон?

– Бале!

– Нодирҷонамро, шираи мағзи устухонамро ба ҷону дил қабул мекунам. Қарз нагир, ба даре рӯи ниёз наовар, пуле, ки мефиристам, то бегоҳ ба дастат мерасад. Тавонӣ, ҳар чӣ зудтар биё, ҷони падар, туро бесаброна интизорам, зудтар биё, ки аз дидани дидори мубораки ту дили солҳо ноосудаам ором бигирад.

– Меоям, додоҷон, пагоҳ не, албатта пасфардо меоям…

Ҳолати падар чӣ гуна буд, Худо медонад, вале бори нахуст дар чашми писарак ашки шодӣ пайдо шуд. Илтифоту шунидани сухани нарм шӯълае буд, ки дили солҳо сардашро якбора гарм кард.

Қарибиҳои говгуми ҳамон рӯз, ки навакак азони намози шомро дода буданд, ҷавони ношиносе даричаи ҳавлиашонро кӯфта, номи Нодирро ба забон гирифт. Писарак, ки дар пеши дари каҳдон буд, сабадро як сӯ гузошта, зуд ба истиқболаш шитофт. Хайрият, ки аз омадани он ҷавон касе хабар наёфт.

– Ба ман Нодири писари Наим лозим аст.

– Ман писари ҳамон касам.

– Падарат роҳпулӣ фиристод, ҳамон амонатро овардам. Пасфардо туро интизор аст, – таъкид кард ҷавони рамузфаҳм вазъи ҳоли писаракро фаҳмидагӣ барин

«фурсатам танг, имкони нишастан надорам» гуфт ва ба мошин нишаст.

Писарак баъди анҷом додани корҳои боқимонда ба хилвате рафта, пулҳояшро шумурд. Ҳеҷ гоҳ ин қадар пули бисёрро надида буд, ҷои пинҳон карданро намедонист. Пул ба роҳкирову нав кардани сару либос ва барои ба аҳли хонавода харидани масоили якмоҳаи хӯрданӣ ва пӯшиданӣ мерасид. Ҳамрози боваринок надошт, ки ин сирро бигӯяд, ҳатто аз модарашшубҳа мекард. Вале аҳд кард, ки пеш аз ба назди падар рафтан як қисми маблағро ба модараш дода, дуо мегирад.

Пагоҳии рӯзи дигар писарак ба оғил, ба назди модари говдӯшаш рафта, баъди банди гӯсоларо доштану фурсате гузаштан масъалаи ба назди падар рафтанро гузошт: « Ман ба назди падарам меравам, падарам пули бисёр фиристодааст», – гуфт писарак ва як қисми пулро ба модар дароз кард.

Модар бидони пур аз ширро як сӯ гузошта: – Пули туро

чӣ мекунам, ба ман худат лозим. Ман барои ту шуда умри ширинро барбод додам. Заҳри дашному таънаҳо чашида, бори ҷабру ситам кашидам. Ба зиндадаргӯрӣ тоб оварда, туро ба ятимхона надодам. Як лаҳза бе ту буда наметавонам, зӯри зиндагӣ намерасад, фақат марг маро аз ту ҷудо карда метавонад. Майлаш, бурун аз деҳа, дар ягон ҷои хилват бо падарат вохӯр, вале ба шаҳр марав, аз барам дур машав – ҳунгос зада гирист модар.

Дили писрак ба модар, ки дидаи ҳайрон шуда, гиря дар гулӯяш дармонда буд ва дигар давоми меҳрашро изҳор карда натавонист, сӯхт ва баробараш гирист. Бовар кард, ки ҳама ишораҳову таънаҳои модар аз рӯи дил будааст, аз дасти рӯзгори мушкил будааст. Дар як лаҳза ҷои ҳама ҷароҳату доғи деринаи писаракро шӯълаи меҳр гирифт ва ятим будани худро фаромӯш кард. Силаи дасти навозиш ва дубора шунидани овози пасту ҳасратолуди модар « Падарат ошиқи зорам шуд. Дили мани духтараки ба хондан рафтаро бехабар бурда, барои ба кӯи васл расидан ба хонаи бобоят хостгор фиристод. Баъди ду соли ҳаёти хуби хонадорӣ ва таваллуд шудани ту дасти тӯҳмати кадомин нокасе ду гули ошиқи печонро аз ҳам ҷудо кард. Падарат аз устоди донишмандам, ки ҳамсоли бобоят буд, рашк бурда, хати талоқи мани бегуноҳро дод. Бобову бибият тори ҳастии мани беваро маҷбуран ба пуди умри ҳамин марди дилтангу одамбезор пайвастанд. Худо раҳматашон кунад, худашон гузаштанду зомини қисмати ману ту гаштаанд. Натиҷаи ҳамон пайванди номувофиқ буд, ки ҷои нарми нишасти бахти туро ин рағзаи дурушти ҳаёт гирифт…»

Садои мошини пушти дарича модару писарро маҷбур намуд, ки сӯҳбатро қатъ карда, ҷониби кӯча шитобанд. Писар пештар расида, дар назди мошин ҳамон ҷавони амонатовардаро дид. Ҳолаташ парешону чеҳрааш коҳида метофт. Модар ҳам баъди лаҳзае сарашро аз дарича берун кард.

– Хола, ман бояд Нодирҷонро ба хонаи раҳматии бобояш бубарам. Дар ҳамин вазъияти нотинҷ, ғами ҷони худро нахӯрда, аз марказ як даста роҳбарони бонуфузу воломақом омадаанд. Имкони сабр кардану бафурҷа ба хок супоридани маитро надоранд, зуд баргашта рафтанианд. Мардбача бояд бо падари шаҳидгаштааш, ки ӯ умри азизашро дар роҳи

даъват барои ҳифзи марзу бум ва таъмини сулҳу осудагӣ сарф кард, видо кунад.

– Ҳайфи Наимҷони ғуррамарг, ки фарзанди хоҳони дидорашро дубора ятим кард…

Ронанда Нодири беҳушгаштаро аз замин бардошта, ба мошин шинонд ва худ ба паси чанбар нишаст.

– Як дам сабр бикун, додар, ман ҳам бояд ба видои бахти аввал биравам, – гуфт зан ва нолакунон барои пӯшидани либоси мотам ба хона даромад…

ГӮРИ ХОЛӢ

Полковники мустаъфӣ Далери Ҳабиб, ҳамон марде, ки умре дар ҳама сабқату санҷишҳои ҳарбӣ ва гузаронидани амалиёти махусан вазнин ширкат варзида, ягон маротиба шикаст нахӯрда буд, бори нахуст, баъди дидани гӯри холӣ худро мағлубтарин инсон пиндошта, ашки дидагонашро пинҳон карда натавонист. Аз дидани гӯри холӣ дар банди хаёлҳои мухталиф афтода, аз дарду алами зиёд заминро газид ва муддате хомӯшона гирист. Баъд сарашро андак бардошта, бо чашмони ашколуд ба атроф, ба пуштаи мазор ва дуртар аз он, ба ҷойҳои ҳамвору баландиҳои зинадор нигарист. Панҷаи дарду ҳасрат дафтари хотираҳои деринаро саҳифагардон кард. Чандин лаҳзаи рӯзгори гузашта ва пастиву баландии роҳи тайгашта ба ёдаш расид ва дар ҳар рафта нишонаи аз нав омаданро дид. Хаёлан аз байни токзори пуштаи хандақпеч, ки аз появу тор осоре надошт, бори баргу навда ва меваашро ба рӯи хок партофта буд, гузашта, ба замини полез омад. Дид, ки модари сариштакораш дилаҳои харбузаро оҳиста ба тори каппаи хаспӯш мепартояд ва барои дар фасли сармо бо ғизоӣ таъмин будан, печак захира менамояд. Падараш аз паси маркаби бордор қадам зада, ба дари чапармонанди баромадгоҳи полези гирдаш хандақпеч наздик мешавад. Маълум аст, ки ба даргоҳи интизоре меравад.

Қиблагоҳаш марди бисёр саховатманд буд, ҳатто луқмаеро танҳо хӯрда наметавонист. Ҳама баракатро дар хайру сахо дида, ҳар рӯз ба ин ё он хона хӯрҷину ҷуволи пур аз тарбузу харбуза мебурд. Мехост, ки хурду калони деҳа ва раҳгузарон

самари боғу полезашро бичашанд. Ба онҳое, ки аз дуру наздик ба деҳаашон барои об меомаданд ва аз роҳи паси хандақ мегузаштанд, себу ангур ва тарбузу харбуза медод.

Боре ӯ дар ҳузури додараш сиёҳхори наймонанди дарунаш холиро сигор карда, бо умеди кашидан, ки ақли кӯдаконааш ба оқибати кори нохубаш намерасид, даргиронд ва оташи пайдошударо хомӯш карда натавонист. Оташ аз ғизои ба комаш афтода – таҳмондаи хору хаси чандинсола, аллафҳои навдаравида ва дарзаҳои қатрабону уштурхори талчида аланга гирифт. Мардуми деҳа дуди ғафси ба ҳаво печидаро дида, дар як мижа задан дар даст белу каланд ва ҷорӯбу зарфҳои пуроб ба ҷои ҳодиса расиданд. Бо азобу машаққати зиёд сари роҳи оташро баста, нисфи боғро аз сӯхтан эмин нигоҳ доштанд. Он рӯз падараш барои фурӯши дастранҷ ба бозор рафта буд. Дар бозгашт аз роҳи дур дуди ғафси ба фалак печидаро дида, то расидан ба пушта қариб ҷон аз дасту пояш барояд. Вале писараш аз тарси кори карда ба деҳа рафта, дар оғилашон пинҳон мешавад. Дар нимаи дуюми рӯз милиса омада, мехоҳад, ки мӯйсафеди навакак аз бозор баргаштаро ба мототсикл шинонда, ба пурсишгоҳ бубарад. Вале қатори мардум дами роҳи ҳаракати сечархаро гирифта, намегузоранд, ки барои дарахтони сӯхта қадрдонашонро ба ҷавобгарӣ бикашанд. Хайрият, ки додараш, сабабгори пайдо шудани ҳамин гӯри холӣ, боақлӣ карда, хоҳарчаашро аз ҷои ҳодиса канора мебарад. Агар ба хоҳараш ягон воқеа рух медод, касе мӯйсафедро дифоъ карда наметавонист.

Нигоҳи Далери Ҳабиб аз рӯи гӯри холӣ лағжида, ба гӯри падару модараш бархӯрд. Хам шуда чанд сӯрохии болои гӯрҳоро, ки аз кандани мушҳо пайдо шуда буданд, аз нав хокпӯш кард. Баъд ба навиштаҷоти санги рӯи гӯри волидон, ки пайвандон пеш аз ҷанги шаҳрвандӣ гузошта буданд, нигарист ва соли умри ворисонро аз адади он солҳо тарҳ кард. Он вақт биступанҷ сол дошт, аппааш се сол калон, додараш ду сол ва хоҳаракаш чор сол аз ӯ хурд буданд. Ҳоло ҳама фарзанддор ва соҳиби хонаву дари худанд. Агар волидон зинда мебуданду даҳшати ҷанги шаҳрвандиро медиданд ва моҳҳо фарзанди калони дар майдон будаашонро интизорӣ мекашиданд, ҷон ба сало-

мат мебурданд, аз шунидани ҳар хел хабарҳои шум талхакаф шуда мемурданд.

– Зиндагӣ ҳар лаҳза нафас шумурдан ва оқибати ҳар зинда мурдан будааст. Зиндагӣ талх аст, онро марг ширин мекунад, – хулоса бароварда Далери Ҳабиб ва як гӯшаи пуштаи мазорро, ки чанд сол пештар майдони холӣ буд, далели бемеҳрии модари гетӣ донист. Ва дар ҳамон як лаҳза аз пеши рӯяш чеҳраи даҳҳо нафари шинос гузашт, ки шири хӯрдаашон хуни ҷигар гашт. Ду қадам онсӯтар гӯрҳои решапайвандон: аммаву хола, амак ва тағояшро дида, ба чӣ дард гирифтор шудану бо чӣ азоб аз дунё гузаштани ҳар кадомеро ба хотир овард. Роҳи чанд сол баъдинаро бодвор паймуда, худро вакили анҷумани водии хомӯшон дид. Вале баробари ба чашмаш бархӯрдани ҳарфҳои калони санги мармари сиёҳ риштаи хаёлаш аз олами нестӣ ба маскани ҳастӣ, ҷониби дарди хуфтаи дерина, ки дар худ осори таъсири бемориҳои замон дошт, тоб хӯрд.

Генерал майёр Собир Ашрафӣ (1945-2005)

Қиблагоҳи рутбадори мо гузашт,
Даври умри шаҳдбори мо гузашт.

Аз номи фарзандон.

Баъди хондани навиштаҷот дар банди саволҳои бечавоби худ монд. – Чаро ӯро дар мазори номдорони шаҳр гӯр накарданду ба ин ҷо овардаанд? Шояд васият карда бошад. Оромгоҳи гузаштагони ин кас ҳам дар ҳамин ҷо будаасту худро бегона вонамуд мекардааст. Киҳоянд хешовандону пайвандонаш? – фикр кард Далери Ҳабиб ва рӯзҳои ҳамроҳи генерал кор карданашро пеши рӯ овард.

Мувофиқи расму низоми ҳарбӣ ӯро бе пурсиш, ба он қисме, ки генерал сарварӣ мекард, гузаронданд. Аз рӯзи аввал Собир Ашрафӣ аз бими « мабодо ҷояшро бигирад» ба марди машҳури корзор рӯи хуш надод. Баъдтар фаҳмид, ки генерал манфиати шахсии худро аз ҳама муқаддасот боло гузошта, ба ҳарбиёни ҳақҷӯю сарбаланд ҳамин хел муносибат мекардааст. Ӯ зоҳиран худро содиқи халқу ватан нишон медод, вале дар асл бештар ба

миллатҳои ғайр майл дошт. Сабақи таърихро ба инобат нагирифта, аз хати кашида ва доираи маслиҳати онҳо берун намебаромад. Хизмату гарди попӯшашро тутиёи чашм кардани онҳоро садоқат пиндошта, намефаҳмид, ки ин сайёдони хамхамрав қасди мурғи ҷонаш доранд. Далери Ҳабиб ба ин муҳити пурғубор тоб наоварда, бо сад даводав ва хотирандозӣ дубора ба ҷои кори аввалааш баргашт. Баъди як моҳи хизмат барои бозомӯзӣ ба хориҷи кишвар равонаш карданд. Вақте ки хабари марги маҷбурии генералро шунид, мӯи сараш рост хест ва таъкиди «бегона саги девона»-ро барҳақ шумурд, вале дар куҷо хок щуданашро намедонист. Акнун бо чашмони худ хокдаҳан шудани генералро дида, аз дил гузаронд: – Ту чӣ донӣ, ки ба ҳар гард саворе будаст. Шояд ин гардҳо сарбозони саворааанд, ки ҷазои тамаъҷӯро дода, шаҳдро ба комаш заҳр карданд. Ин тоифа оқибати корро наандешида, мехоҳанд, ки якбора ҳам соҳиби кому ҳам соҳиби ном шаванд. Вале ба мақсад нарасида, аз зарби ханҷари хаёлҳои хом шаҳид мегарданд. Додараш ҳам аз ҷабри номаълуми ҳамин гушначашмон барвақт, дар айёми сарсабзӣ ва гулшукуфти умр аз олам гузашт. Ин баҳор аз баҳори орзукардаи модараш фарқ дошт. Модари як умр нотавону дардмандаш дуокунон мегуфт, ки «Худованди бахшандаву меҳрубон, ҷони мани хазонранги зори дармонро дар баҳоре бигир, ки дар рӯзаш офтоби омехтаи нам-нами борон бошад ва аз тарафи боғ бӯи гули себ ба машом расад. Нишонае аз замини лағжонак намонад ва тобутбардорон рӯ-рӯи қолини сабзи саҳро қадам гузошта, ба хонаи охиратам бубаранд…»Дуояш мустаҷоб шуд. Шаби фавташ ҳавои сард дар бисот борони барфолуд дошт. Вале пагоҳӣ офтоби набудае аз зери абр пайдо шуда, то дами дафн нами заминро паронд ва тобутбардорон дар роҳи кӯтали гӯристон азоб накашиданд. Марги бародараш ҳам ба фасли баҳори гулафшон рост омад, вале ин баҳор дар худ паёми бӯи хазон дошт.

Далери Ҳабиб акнун дастаи нури нигоҳи гумҷӯяшро аз ҳама нуқтаҳо гирифта, фақат ба даруни гӯри холӣ фиристод. Мехост ба ҳамон гӯри холӣ дарояду дидори баднафсону мардумфиребони замонро набинад. Вале ҷон дар ҷои ширин, осонакак аз хонаи тан баромадан намехоҳад. Кай ва дар куҷо аз тан ҷудо шуданашро ҳам касе намедонад.

Воқеан, ҳеҷ кас ихтиёран мурдан намехоҳад. Нафас гирифтан мехоҳад, ҷон супурдан намехоҳад. Инсон бақои зиндагиро дар ҳаракат дида, барои ҳифзи тансиҳатӣ медаваду мечаҳад ва даҳҳо машқи баданро ба ҷо меоварад. Роҳи кӯтали пуштаи мазорро озодона ва бе ҳак-ҳаку дамгирӣ тай кардани Далери Ҳабиб низ нишонаи машқи пайваста буд. Вай исбот намуд, ки ҳанӯз пир нашудааст, қуввати ба баландӣ баромадан дорад. Дӯсти деринааш Абӯалии муаллим, ки ҳамроҳияш мекард, аз ӯ хеле ақиб монд. Аз тарзи қадаммонӣ ҷонро азоб надоданаш маълум мешуд. Зеро баъди фатҳи ҳар теппача бе нишастану лаҳзае дам гирифтан роҳашро давом дода наметавонист. То даромадгоҳи мазор чанд баландии дигарро, ки дар маҷмӯъ ба дидаи нозукбин зинаеро мемонад, гузаштан лозим меомад. Теппаи охирин то майдончаи нимҳамвори поёнтар аз даричаи мазор доман паҳн карда буд. Далери Ҳабиб ҳангоми кушодани симҳои печондаи даромадгоҳи мазор «салом, аҳли қубур» гуфт ва баргашта ба ақиб нигаристу дид, ки Абӯалӣ ҳанӯз ҳам зӯр зада, миёнашро дошта, қадам мегузорад. Интизори ӯ нашуда, ба пайроҳаи монанд ба хати ҷӯй, ки аз байни гӯрҳо мегузашт, оҳиста қадам ниҳода, худро ба сари гӯри волидон гирифт.

– Дар ҳаққи арвоҳҳо дуо хондӣ? – гуфтани Абӯалӣ, ки баъди ором гирифтани ӯ расида омад, риштаи хаёлашро барканд.

– Не, маътали ту истодаам.

– Як лаҳза сабр бикун, андак нафасам рост шавад, худам қироат мекунам.

– Оқибат манзили мо водии хомӯшон аст. Ғайри тоб овардану сабр кардан дигар чора надорем.

– Меваи дарахти сабр ширин аст, – гуфт Абӯалӣ ва ба қироати ояте аз Қуръони маҷид пардохт. Тарзи талаффузи ҳар як ҳарфу ҳиҷо ва кашишҳо хуб риоя мешуд ва овози пуралмаш таъсири маъниро пурзӯртар намуда, тамоми лаҳзаҳои зиндагиро радду бадал ва ба ҷаве арзиш надоштани умри гузароро таъкид мекард.

Хуб шуд, ки Далери Ҳабиб ҳамчун имтиёздори собиқаи корӣ дар айни камолоти умр ба нафақа баромад. Метавонист, ки бо сабаби нарасидани нерумандони ҳарбӣ муддате

чанд дар кор бимонад. Вале муҳити носозгор ва амалҳои маккоронаю зулми мардумфиребон маҷбураш карданд, ки домани осудагиро бидорад ва ба нафақа барояд. Сад сол кор кунад ҳам, фоида надорад. Охираш бори қисматро ба танҳоӣ бурдан ва ногаҳон мурдан аст.

Солҳои охири кор азоби сахт кашид. Роҳи дармон ёфтани дарди марговари нобасомониҳои мамлакатро меҷуст. Барои хомӯш кардани оташи ҷанги таҳмилӣ ва аз вартаи нестӣ нигоҳ доштани Ватан мубориза мебурд. Ҳама вақт дидаи назорат буд, аз дидгоҳ дур рафта наметавонист. Ҳар рӯзу шаб рух додани таркише, суиқасд ба ҷоне ва шабохун задан ба маҳали зисте осудагии ӯ ва ҳамхизматонашро барҳам мезаданд. Хоб надоштанд, мижа таҳ накарда, иншооти махсусан муҳимро муҳофизат менамуданд. Баъзан аъзоёни дастаашонро бо навбат ба майдон мефиристоданд. Ӯ ҳам дар анҷом додани чандин амалиёти махсусан вазнин ширкат карда, борҳо аз сарҳади марг гузашт ва, хушбахтона, худро боз дар маскани ҳастӣ гирифт. Дар байнашон қурбоншудагон ва шерони майдонғариб кам набуданд. Номи фавтидагон, ки рӯзи видоашон«ёдатон абадӣ дар дили мо мемонад» мегуфтанд, зуд аз лавҳи хотирҳо фаромӯш мешуд. Шерони майдонғарибе, ки дар рӯзҳои вазнин беморхат доштанд, баъди тантанаи осудагӣ худро пешоҳанги муборизон гирифта, ба дигарон интизому машқи ҳарбӣ меомӯхтанд. Изои мӯъмин ҳаром, симои яке аз ҳамразмони ҳамонвақта, ки аз баромадани садои тири нахустин худро дар ахлотрав гирифта, дигар ба майдон барнагашт, ҳаргиз аз хотир фаромӯш намешавад. Вақте ки сулҳ фаро расид, ба ҳамон кас, ки ҳанӯз аз баданаш ба машом бӯи бад меомад, саҳван, шояд саҳван ҳам набошад, рутбаи баландтар доданд ва сардори ҷонфидоён таъйинаш карданд. Бахил набошад ҳам, сахт аламаш кард. Қариб буд, ки аз васвасаи дастаи хашму ғазаб лашкари меҳру садоқаташ аз доираи фармон барояд ва по ба сарҳади кинаву нафрат гузорад. Вале зинда мондану ба рӯзҳои осудагӣ расидан ва бо обрӯи муҳаммадӣ ба нафақа баромаданашро бахти бузург пиндошта, инони ихтиёрро ба даст гирифт ва давлати пирӣ ронданро мақсади ягонаи худ қарор дод. Роҳи таъмин кар-

дани ҳаёти минбаъда ва аз маҳбаси андешаҳои нодаркор озод шуданро низ дар ҳамин дид.

Муддате хонанишин шуд. Қитъаи замини назди ҳавлиашро гаштаву баргашта нарм карда, навдаҳои ду-се дарахтеро, ки буд, борҳо қайчӣ зад. Ҳар пагоҳӣ аввал рӯи ҳавлӣ, баъд пушти дарвозаро то роҳи гузар об мезад. Рӯзҳои гармтар ин корро ду бор такрор мекард. Баргу хаси афтода ё сангу кулӯх ва ё меваи нимгази партофтаро аз замин чида, ба халтае меандохт. Хулоса, бо ҷунбуҷул рӯзашро кӯр мекард ва давоми вақти ғанимати худро сарфи хондану навиштан, тамошои телевизор ва гӯш кардани барномаҳои радио менамуд. Боз дар ин миён фурсати холӣ ёфта, соате мехобид. Марди солҳо ба кори мушкилмуҳофизати марзу буми Ватан ва таъмини осудагии мардум одаткарда баъди андак муддат аз хонашинӣ ба ҷон расида, нақшаи ба коре банд шуданро кашид. Хост дар ягон идораи ҳарбӣ машваратчӣ шавад, вале боз аз фикраш баргашт. Аз майдони бозӣ, ки баромадӣ, дубора ба он ҳамчун тамошобин ворид гаштан маънӣ надорад. Шояд андак пул кор карда, таъмини рӯзгорашро беҳтар намояд, вале обрӯи бударо аз даст медиҳад. Хост, ки посбони коргоҳе шавад. Фарқаш чӣ, ки шабро дар хона рӯз мекунад ё ки дар коргоҳ ва боз фикрашро дигар кард. Посбонӣ шабро рӯз кардан нест, дар дили торикӣ шӯълае будан аст. Наход фидойие, ки замоне иншооти бузурги дорои аҳамияти ҳарбиро муҳофизат мекард, имрӯз ба хотири маблағи ночиз, ба хизмати дастаи ба як танга наарзанда камар бандад. Вай марди байни аърофмонда нест, ки дам ба дам аз ҷо хеста, дари корхонаеро, ки қариб ба нестӣ расидааст, ба рӯи касу нокас кушояду бипӯшад ва «ба куҷо меравию ба кӣ кор дорӣ» бигӯяд. Не, ӯ бори таънаву маломати саркори навкисаеро, ки суханаш омехтаи дашном аст, бардошта наметавонад. Вай худро ҳурмат мекунад, номусу шараф дорад ва рутбаашро аз ҳама чиз боло медонад. Аз гушнагӣ бимирад ҳам, домани зиндагии рӯсиёҳонаро намедорад.

Аслан Далери Ҳабиб ба кор он қадар эҳтиёҷ надошт, нафақапулӣ ба таъмини рӯзгораш мерасид. Вале ин пул барои ба пайвандони камбизоаташ мадад расонидан камӣ мекард. Замоне, ки неруманд буд, даромади хуб дошт. Илова ба вазифаи хизматӣ дар лаҳзаҳои фориғ аз кор ҷони худро ба ҳукми

панҷаи ранҷ дода, нигоштаҳои дигаронро таҳрир ва матнҳоро аз забони ғайр тарҷума мекард ва ба ин васила пул меёфт. Як қисми даромадашро барои таъмини роҳати фарзандони падар сарф мекард. Аз аввал ба онҳое, ки тарғибгари бемеҳрии замон буданду дар зиндагии дурӯза фақат ғами худро хӯрда, аз пайвандон дурӣ меҷустанд, бо дидаи нафрат менигарист. Аз ин тоифа бӯи вафо ва накҳати ифтихору эътиқод намеояд мегуфт ва танҳо мардуми дилсӯзу дардошноро инсон меҳисобид. Баъди ба нафақа баромадан ҳам ин хислати хубашро, ки ифодагари меҳру шафқати бузург аст, идома додан мехост, вале имкони мадад расондан надошт. Мехост, ки ба хонаи хешовандон, хусусан ба хонаи апаву хоҳараш дасти холӣ наравад ва ба ҷиянҳояш ягон чизи арзанда бихарад. Ин ҷиҳат маҷбураш мекард, ки ба коре андармон шуда, илова ба нафақапулӣ маблағе пайдо кунад ва аз ин вартаи ноумедӣ берун барояд. Ҳатто ба даргоҳи додари тоҷираш Зафари Ҳабиб, ки ҳеҷ чизро аз ӯ дареғ намедошт ва бо як ишора дилхоҳ масъаларо ҳал мекард, рӯи ниёз намеовард. Далери Ҳабиб мехост, ки дар баҳои дастгириҳои пайваста ягон гӯшаи тиҷорати бародарашро назорат кунад, вале боз ба корҳои ӯ дахолат карданро муносиб намедонист. Ҳеҷ кас намехоҳад, ки асрори бурду барорашро наздиктарин одамаш бифаҳмад. Далери Ҳабиб ҳифзи номусу шарафро аз ҳама боло дониста, дуриву бануриро шиори худ мекард. Ӯ фақат аз мушкилоти вазифаи муҳофизатӣ, ки беҳтарин даврони умрашро сарфи он карда буд, хабар дошт. Валедушвории кори бародарашро намедонист, дертар ранҷу заҳматҳои кашидаи ӯро фаҳмид, вале даври мададрасонӣ гузашта буд. Аввалҳо гумон мекард, ки Худо ба бародараш роҳи осони зиндагиро нишон додааст ва дари ризқашро васеъ кушодааст. Зафар ҳам аз ин боб ба бародари муҳофизаш, ки он вақт гапаш дар сад ҷо мегузашт, даҳон намекушод. Аз лаҳзаи бор гирифтану то ба манзил расидан чӣ қадар азоб мекашид, Худо медонисту худаш. Нури нигоҳи ҳар тамаъҷӯ сӯзанеро мемонд, ки дар роҳу истгоҳ ба рагу пайвандаш механид. То талабашонро қонеъ намекард, аз банди ҷабрашон раҳо намешуд. Безор шуда буд аз тиҷорату дастаи тамаъҷӯ. Барои равнақи кораш қарз мегирифт, вале ба мақсади ниҳоӣ намерасид. Гоҳ сахт асабӣ мешуд ва гапаш бо онҳо мегурехт. Таъсири муҳит ва

фикру андешаи зиёд ҳолати рӯҳии бардари ба ҷону дил баробарашро дигар кард. Оқибат ба сактаи дил гирифтор шуда, оламро падруд гуфт Зафар. Далери Ҳабиб аз пайвандон хоҳиш кард, ки гӯрашро дар мазори деҳа, дар бари гӯри падару модар бикананд. Вале пагоҳии рӯзи дигар дар ҷавоби « гӯр тайёр аст» ба хешовандон гуфт, ки сухани хона ба бозор рост намеомадааст. Зану фарзандони бародараш пешниҳоди дар деҳа гӯр кардани азизашонро рад карданд. Гуфтанд, ки шаҳрӣ шудаанд, дигар муҳити деҳаро хуш надоранд. Мехоҳанд, ки маитро дар мазори болои шаҳр ба хок супоранд, то ҳар гоҳе, ки хоҳанд, зиёрат карда тавонанд. . .

Далери Ҳабиб як рӯз пеш аз додани оши чили додар ба кулбаи падарӣ омад. Дар ҳавлии як замон зеботар аз ҳама манзилҳо, ки ҳоло сарду дилгир метофт, шиносонро дид. Мардҳо ҷои дегу обҷӯшонакро дуруст менамуданд, ҳезум мешикастанд, чорпо забҳ мекарданд. Занҳо ба нонпазиву тамиз кардани ҷои нишаст машғул буданд. Ҳама бо мақсади хуб гузаштани оши чили Зафари Ҳабиб, ки дар ҳар маъракаву ҷашни деҳа ҳозир шуда, ба мӯҳтоҷон дасти мадад дароз мекард, ҷунбуҷул менамуданд. Далери Ҳабиб аввал ба қадрдонҳо миннатдорӣ изҳор кард ва баъд фурсатро ғанимат шумурда, ҳамроҳи Абӯалӣ роҳи мазори деҳаро пеш гирифт. Аз таҳи чанорҳои азимҷуссаи ба чашма наздик, ки як замон ҷои бозиашон буд, гузашта, рӯ ба роҳи кӯтал овард. Дар кӯдакӣ бо ҳамин роҳ пойгакунон то пуштаи бари мазор медавиданд, баҳорон нахустин гулҳои сияҳгӯшу ҳолмонро мечиданд. Дар ин мавзеъ мол мечаронданд, аз он ҷо хасу хор мекашонданд. Аз чашмаи болои деҳа ба сари полези «Пуштаи хадақпеч» об мебурданд. Дар ин давутозҳо ва гирумонҳо бародари думравакаш ҳам иштирок мекард. Баъди расидан ба сари гӯри холии мазори деҳа ранҷи бисёр кашидану умри кам дидани бародари ормониашро ба хотир овард. Дилаш об шуд аз сӯзи ғами бародараш. Агар дар ҳамин ҷо, дар бари решапайвандон гӯраш мекарданд, ба василаи зиёрат риштаи хешутаборӣ мустаҳкам мемонд. Ворисонаш кори хуб накарданд. Гӯрғарибии фарзанди падар теғи аламе шуд, ки дилашро реш-реш кард. Зарбаҳои андешаҳо ва ҳуҷумҳои ногаҳонии лашкари дарду аламҳо ҷисмашро абгор карданд, то ҳадде, ки базӯр аз ҷой

хест. Марде, ки соате пештар роҳи кӯталро бе душворӣ паймуд, акнун озод қадам монда наметавонист. Абӯалӣ бемадорӣ ва дигар шудани авзои ҳамдарсашро ҳис карда, аз камараш дошт. Баъди гузаштани теппачаи якум аз далерии Далери Ҳабиб нишоне намонд ва ба сӯзиши қафаси синааш тоб наоварда, ишорати нишастан кард. Лаҳзае паҳлӯи ҳамдигар нишастанд. Аз он баландӣ таҳдашт, боғҳои ғарқи гул ва майдонҳои сабз бисёр зебо метофтанд. Дидагони фарзанди дурафтодаи деҳа қадамҷои даврони наврасиро, ки дар зери иморатҳои навсохта монда буд, меҷустанд. Ба осмони мисли замин тақсимгашта низ ҳам абр ва ҳам хуршед ҳукмронӣ мекарданд. Аз баҳам омехтани майдаборону дастаи нури хуршед рангинкамон пайдо мешуд. Вале қуллаҳою кӯҳҳои сар ба фалак ҳанӯз ҷо – ҷо сафедпӯш буданд.

– Ба пирӣ нарасид додарам. Роҳати умрро надид модарам. Инак боз даврони ҳукмронии баҳор аст, айёми гули себу фасли гулшукуфти диёр аст…Ҷудоӣ муҳол аст…Гӯри холӣ чашми интизори мазор аст…

Баъди лаҳзае Абӯалӣ рӯи даст ҷисми бечони пуркунандаи гӯри холиро дид ва фарёди ҷонгудоз кашид. Гӯё он овоз тоб хӯрда-тоб хӯрда тавассути бод аввал ба деҳа ва баъд ба даргоҳе, ки бошандагонаш ба як маърака омодагӣ дида, аз дуюмаш бехабар буданд, расид. Фиғони хурду калон ба фалак печид…

ОВОРА

Рустами Нозим солҳои охир шабу рӯз дар хусуси қисмати марде, ки овозаашро шунида, дидорашро надида буд ва пайғомаш тавассути дигарон мерасид, андеша мекард. Шабаҳи он мард дар гӯшаи дури қаламрави хаёлаш қадам мезад, шояд аз тири нигоҳи атрофиён метарсид, ки ба манзили мақсад наздик намешуд. Овозаи пайдо шудани он мардро бисёриҳо шунида бошанд ҳам, вале чеҳраашро ғайри ду-се хешованди дураш касе надида буд. Рустам дар банди таъсири рӯҳи ҳамон марди ношинос афтода, роҳи аз ин балои пайгир халос шуданро мекофт, вале илоҷи раҳоӣ намеёфт. Чашмонашро ҳам, ки мепӯшид, боз он суробро

медид. Наздик, ки мешуд, ба ҷои ҳавзи пур аз об, саробро медид.

Мехост, ки ақаллан як маротиба дидори он касро бубинад, ҳамроҳаш лаҳзае нишинад, дарду аламашро аз забони зоғ не, аз худаш, аз каси дилаш пур аз доғ шунавад ва шояд аз ҳосил шудани муродаш андаке осуда гардад. Дидану шинохтани чеҳраи он худҳоҳи ношинос, ки худро ҳокими мутлақи он қаламрав мехонд, барояш ниҳоят муҳим буд. Агар чеҳраашро медид ва дар он аломатҳои монандии худро пайдо мекард, он гоҳ хулосаи аниқ бароварда метавонист ва шубҳааш камтар мешуд. Ҳамрангаш ҳам, ки мебуд, баъди аз забони модараш шунидани рози куҳан ва пайдо шудани ду наврас, ки худро апаву додараш мехонданд, дигар ягон далел ба кор намерафт.

Акнун Рустами Нозимро дарёфтани роҳи ҳалли ин масъала не, бештар хаёли рӯ тофтан аз он дидор ва бад дидани овозасозон азоб медод ва барои ин бераҳмӣ ба худ нафрат мехонд. Дар ҷавоби саволҳои: «Чаро умедашро барбод додам? Чаро ба роҳи бедардӣ қадам ниҳодам? Чаро дидори камарзиши худро аз васлҷӯи як умр интизор дареғ доштам ва дар марзи дили бечорае тухми ҳасрат коштам? Чаро?. .» лол мемонд.

Чил сол пеш Рустами Нозим аз шунидани хабари пайдо шудани он мард қимоб шуда буд, ҳоло аз пайгирии беишораву бефарёдаш безор гаштааст. Хам-хаму оҳиста қадам гузоштанаш, сайёди ҳадафдорро ба ёд меовард. Он вақт сайдаш кӯдаки даҳсолаи ба бозии худ оворае буд, ки парвои оламу одам надошт. Шодона аз як тараф ба тарафи дигари деҳа чархакашро давонда, чанги кӯчаро ба фалак мехезонд. Бодосо чандин маротиба мерафту меомад. Гоҳо дар гармии рӯз ҳам давида, дар арақ оғушта мешуд. Ба хастагӣ тан надода, то бегоҳ бозӣ мекард.

Рӯзе аз рӯзҳо, санаи аниқашро ёд надорад, ҳангоми давидан бо марди миёнаумре, ки Мансури Амир ном дошт, рӯ ба рӯ омад. Салом дода гузашт, вале «Рустамҷон, як дам ист, ба ту гапи муҳим дорам, як хушхабарро мерасонам» гуфтани Мансури Амир писаракро аз давидан боздошт. Хонаи Мансури Амир аз хонаи онҳо хело дур, дар ҷои баланди охири деҳа буд. Он кас гоҳ-гоҳ аз роҳи паси хонаи онҳо гу-

зашта, пайи ҳалли масъалае ба идораи хоҷагӣ мерафт. Ин вохӯрии тасодуфӣ ҳам дар сари дуроҳа, дуртар аз бинои идора сурат гирифт.

Мансури Амир аввал ба сару рӯи аракҷолуди Рустам нигариста, андак чашмони бумияшро бозӣ доронд ва баъд гиреҳи риштаи мақсадашро кушод.

– Ин хушхабарро танҳо ба ту мегӯям, таъкид мекунам, ки ба ягон кас магӯй, ҳатто ба модарат. Агар хонагиҳоятон шунаванд, хоки маро мебезанд.

Дар чашмони Рустам ҳам барқи интизорӣ шӯъла зад ва нигоҳашро аз чеҳраи ба рӯи аспмонади Мансури Амир наканда, маъмали шунидани давоми сухан шуд.

– Медонӣ, Рустамҷон, имшаб падарат меҳмони хонадони мо буд. То нисфи шаб сӯҳбат доштем. Туро «бачаи хуб» гуфта таъриф кардам, хурсанд шуд. Воқеан, душман ҳам ситоишгари фарзандашро дӯст медорад. Бачаашро парварӣ, паланг корат намегирад.

– Падарам имшаб меҳмони шумо не, дар хона, дар паҳлӯи ман хоб буд.

– Ман дурӯғ намегӯям, ягон манфиат ҳам намеҷӯям. Фақат мехоҳам, ки ҳақиқати ҳолро бидонӣ ва ба саволи зиндагӣ дар намонӣ. Хулосаи гап ҳамин ки он каси мегуфтагият, одами бисёр хубу маъруфи деҳа бошад ҳам, падари аслият нест. Фаромӯш макун, ки ҷои падарро каси дигар гирифта наметавонад. Дидори падаратро дидан хоҳӣ, боз даъваташ мекунам.

Баъди шунидани ин хабар дар нигоҳи соддаи Рустам манаҳу мӯйлаби Мансури Амир ҷояшонро иваз карданд. Манаҳ ҷои бурут ва бурути наълшакл ҷои манаҳро гирифта, ба сумби асп монанд шуд. Яъне, дар ӯ як нишонаи асп – ҳайвонро дида, «дидори худатро ҳам дидан намехоҳам» гуфт ва ба давоми суханони Мансури Амир гӯш надода, чархакашро давонда, дар лаҳзае аз дида ғайб зад ва рост ба хона омад. Ба ҳуҷраи хилвате, ки барои нишастану хобидан ҷиҳозонида шуда буд, ба пурӯ зада, сарашро ба болин сахт зер кард ва хомӯшона гирист.

Андак пас аз як бало раҳида, ба дигараш гирифтор шуд. Дар назараш мӯйсафед аз кунҷе сӯи ӯ теғи нигоҳи таъкиддор

афканда, бе шарҳ маънии ғазабашро мефаҳмонд, гунаҳкораш мехонд.

– Дадаҷон, ман гуноҳ надорам, гунаҳкор Мансури Амир аст. Бовар бикун, ба дигар кас майл надорам, танҳо туро дӯст медорам, – гуфта хобаш бурд.

Воқеаи он рӯз рухдода ба Рустам сахт таъсир кард ва авзояш бечо шуд. Кӯдаке, ки аз мафҳумҳои муҳаббату садоқат ва хиёнат бехабар буд, бори нахуст дар гӯшаи дили худ сарбозони раҳму шафқатро дид, ки барои кадомин муборизаи ҳанӯз номаълум машқ мекарданд ва дар ӯ ҳисси муҳофизати сарҳади поси намакро мепарвариданд. Баъд аз он рӯз ҷавлонгоҳаш танг шуд. Дигар ба он тарафи деҳа намерафт. То назди анбори бари роҳи байни деҳа рафта, бозпас мегашт. Кӯшиш мекард, ки бо Мансури Амир рӯ ба рӯ нашавад. Ҳамин ки ӯро медид, мегурехт…

Рустам хабари пайдо шудани марди ношиносеро, ки худро падари ӯ муаррифӣ мекард, бори дуюм баъди панҷ сол аз забони ҳамсояи тағояш Сироҷи Умар шунид. Тағояш ҳамсояи гӯшкалони рӯи кунҷитакдорашро одами хуб гуфта, таъриф мекард. Агар девори пастакаки байни хонаву ҳавлиашон намешуд, онҳо ҳамсоя не, бошандаи як манзил буданд. Он девор ҳам як дарича дошт, ки доимо кушода буд ва хурду калон ба ҳавлии ҳамдигар озодона даробаро мекарданд. Рустами Нозим маркабсавор гоҳо ҳамроҳи модар, гоҳо танҳо аз деҳа ба шаҳрак рафта, аз боғу полезашон барои тағояш тарбузу харбуза ва себу ангур мебурд ва аксар вақт ҳамсояи тағояшро, ки дар хараки паси девори хонааш менишаст, медид. Бовар намекард, ки аз забони ҳамон одами хуб ҳам хабари бади панҷ сол пеш паҳншударо мешунавад ва эътиқодаш аз ӯ ҳам мегардад.

– Рустамҷон, шуморо дӯст медорам, модару тағоятро эҳтиром мекунам, – гуфта дар оғози сухан дили ӯро шод кард Сироҷи Умар ва баъд идомаи мехрномааш ба кина табдил ёфт. – Ба ҳамин хотир мехоҳам, ки як гапи муҳимро, аниқаш як хушхабарро ба ту расонам. Ҳафтаи гузашта омада будай, афсӯс, ки хабар наёфтам. Баъд аз хурду калони хона хоҳиш кардам, ки баробари дидани Рустамҷон, ҳатман маро огоҳ намоянд. Хайрият, ки пештар аз онҳо худам бо ту вохӯрдам.

Писарам, хулосаи гап ҳамин, ки дах сол боз бо падарат ошноӣ дорам. Ҳар боре, ки аз забонаш қиссаи пуралами ҷудоӣ аз фарзандро мешунавам, тоқат накарда, гирён мешавам. Ростӣ, чӣ маънӣ ва чӣ бузургӣ доштани фарзандро касе аз ӯ хубтар намедонад. Он кас ҳам аз шумори чорагарҳои бечора будааст. Дасти дароз ва қудрати даҳҳо касро хӯрондаву пӯшонданро доштааст. Фақат зӯраш ба давои дарди бефарзандӣ намерасидааст. Зори нохуни фарзанд будааст. Ягона фарзандаш ту будай. Вақте ки дарди дилашро шунавӣ, дили худат ҳам ба ҳолаш месӯзад. Як моҳ пеш меҳмонам шуда буд. То дер сӯҳбат доштем, номи туро ба забон гирифтем. Ягона умедаш дидани дидори ту будаасту халос. Мехоҳад бо ту вохӯрад, вале намедонад ба кадом роҳ.

– Мо доим боҳамем. Ман суханашро дар замин намемонам, ҳар супорише, ки медиҳад, ичро мекунам.

– Чӣ хел? – ҳайрон шуд Сироҷи Умар ва боз пурсишашро идома дод: – Магар роҳаш ба даргоҳатон кушода шуд?

– Кайҳо.

– Кори хайр шуда будаасту ман бехабар. Дидед, вай чӣ хел одами хуб, дидадаро, ранги рӯят ба ранги рӯяш монанд. Каллаи кандаи ҳамон касро мемонӣ. Шояд гуфта бошанд, чанд сол пеш ба умеди наздиктар шудан ва ба димоғаш расидани бӯи фарзанд ӯро ба хонаи хешам Мансури Амир, ки дар деҳаи шумо зиндагӣ мекунад, фиристода будам. Вале баъдтар шунидам, ки ҳамон бечораи зори дидори фарзанд аз дидани дидорат бенасиб монда будааст. Дертар ин омаду рафт оғоз шуда бошад ҳам, фаромӯш макун, ки таҳқурсии бинои ин дидорро банда гузоштааст, бояд тамоми умр аз ман миннатдор бошӣ.

– Маънии ишораатонро нафаҳмида истодаам, шумо киро дар назар доред?

– Падаратро.

– Падари ман боғбон аст, замини полез ҳам дорад. Шабу рӯз дар паҳлӯяш ҳастам. Заҳматкаши машҳур аст. Хандақ меканад, замин шудгор мекунад, алаф медаравад, ҳосили коридаашро беталаф ҷамъ меорад. Чорпо мепарварад. Хулоса, луқмаи нонашро бо ҷонканӣ меёбад. Аз даме, ки дидаи ақл кушодам, ғайри ӯ каси дигареро надидаам.

– Аз ҳамааш воқифам. Он пири боғбон ҳам ниҳоят одами хубу мӯътабаранд, тарбиятгари шумоянд, вале падари аслиятон нестанд.

Рустами Нозим он касро ҳам бад дида, бе хайрухуш аз бараш дур шуда, сӯи хонаи тағояш рафт.

Бори сеюм хабар омад, ки падарат аз марги нобаҳагоми арӯсат ва хонавайрон гаштанат андӯҳгин шудааст. Ба гуфте, ҳамон ҳамдарду дилсӯз номаълумакак дар ҷаноза ҳам иштирок карда, туро аз гӯшае дида будааст. Бечора ба сар тоқии азодорӣ пӯшиданатр ба ёд оварда, ашк мерехтааст. Мехостааст, ки рӯзу шаб дар паҳлӯят бошад. Омода будааст, ки баъди додани оши чил сари танҳоятро аз нав ҷуфт кунад. Ҳатто розӣ будааст, ки аз баҳри ҳама кор гузашта, давоми умри боқимондашро бо нигоҳубину тарбияи набераҳои ятиммондааш гузаронад. Ин хабарро кӣ расонда буд, ба хотир оварда наметавонад. Дар ҷавоб ҳамин қадар гуфт, ки « беҳуда ташвиш накашад, ғамамро зиёд ва мӯйсафеди обрӯманди тарбиятгарамро сарҳаму модарамро дар пирӣ шарманда накунад шуд…»

Охирин маротиба ҳамон хабари ташвишомезро дар замони сарварӣ аз забони муовини гаправу халалрасонаш Назари Далер, ки бори нахуст одоби муошират низоми мавқею мартабаро риоя мекард, шунид. Оҳанги гуфтораш оҳолудаву илтиҷоомез ва саршори ҳасрату пушаймонӣ буд. Ҳеҷ гоҳ ӯро дар чунин ҳолат надида буд, бовар намекард, ки ин кас ҳамон зердасти пешина бошад. «Ба гузашта салавот, одам ширихомхӯрда, гоҳо дар симои бародар ҳам душманашро меҷӯяд ва дар ҳаққи наздиктарин одамаш носазо мегӯяд. Нафаҳмида ба оташи фитнаангезон равған рехта, андеша намекунад, ки занҷире бе ҳалқаҳои пайванд вуҷуд дошта наметавонад. Ман ҳам то имрӯз ҳалқаи пайванди хешутаборӣ доштанамонро намедонистам. Шояд ту медонистӣ, вале пинҳон мекардӣ. Ин шаҷараро донӣ, хуб, агар надонӣ, барои аз як реша буданамон далели зинда дорам», - бо нармӣ изҳори меҳр кард муовин.

Рустами Нозим лаҳзае ба чеҳраи муовин дидаи ҳайрат дӯхта, сар ҷунбонд: « Ман ҳам бар он ақидаам, ки ҳамаамон аз як тухмем, фарзандони Момаҳавову Бобои Одамем, вале аз

хеши қариб буданамон то ҳол хабар надоштам. Хеш бошем, соҳиби давлати бузургем, аз бегонагӣ хешӣ ҳазорон маротиба беҳтар» гуфт ва интизори тасдиқи далел шуд.

– Далели зинда падарат. Ду соат дар паси ҳамин девор, дар ҳуҷраи корӣ сӯҳбат доштем. Агар мисли дигар рӯзҳо бехабар аз дар медаромадӣ, дидорашро медидӣ. Хоҳиш кардам, ки омада дар қабулгоҳат нишинад, шояд бо ҳамин баҳона дидоратро бубинад. Бечора ғайрат накард. Гуфт, ки , ба шунидам, дар кӯдакӣ аз дидорам безор буд, ҳоло, гумон мекунам, номамро ба забон гирифтан намехоҳад. Падарат амакбачаи ман аст, бист сол пеш ӯро дар бозори шаҳри Кӯлоб дида будам. Фаҳмидам, ки аз шаҳр кӯчида ба мавзеи Сарихосор рафта, ҳамроҳи аҳли оилааш дар як ҷангал зиндагӣ мекардааст. Ҳама дороиҳои ҳамон мавзеъ дар ихтиёраш будааст. Молу сарвати бисёр доштааст, мехостааст, ки фақат ту меросхӯраш бошӣ.

Рустами Нозим фаҳмид, ки ин қисса давоми ҳамон овозаи пешина ва ин мӯйсафед ҳамон марди аз зини умед фуромадаи ҳанӯз по дар рикоб аст. Ин даъфа аз шунидани ин хабар он қадар парешону ғамгин нашуд, балки ба хотири «хеши мо будаӣ, «гуфтани муовинаш хуш қабул кард. Дар ҷавоби ин пайғом намедонист, ки фарзанди одамро пухта бигӯяд ё хом, дона шуморад ё дом? Оқил бихонад ё ҷоҳил, баҳо додан ба фарзанди одам мушкил. Гоҳо солораш ҳам, ки соҳиби зану фарзанд ва набераю абера аст, сухане мегӯяд, ки беақл ҳамонро ба забон намегирад. «Далели зинда дорам» гуфтани муовинаш ба ҳамин монанд аст. Бо вуҷуди ин пайи гапу кори дунё нагашта, баъди лаҳзае боз худро дар маскани мақсади аввала дид.

– Моли мӯъмин -хуни мӯъмин, гуфтаанд. Касеро, ки надонам, бо кадом рӯ ӯро падар шуморида, меросхӯраш мешавам? Бигузор давлату сарваташ ба ворисонаш насиб кунад.

– Чӣ хел намешиносӣ? Он кас падари аслият. Ҳайрони туам, ки меросро қабул намекунӣ. Ҳоло фарзандхонҳо пул дода, бо роҳи сохтани ҳуҷҷати қалбакӣ амволи падари ҳақиқии бародаронашонро аз они худ мекунанд, ту бошӣ…

– Мебахшед, ман аз тоифаи гушначашмону ҳарисон нестам, сери серам, луқмаи ҳалоли худро базӯр мехӯрам.

– Медонам, ба ҳар ҳол касеро, ки умре туро меҷӯяд, ноумед кардан хубӣ надорад. Хеши ман ҳам бошад, аз роҳи дур ба хотири дидани фарзанд ба ин даргоҳ омада, шуморо нодида рафт. Ба фикрам, имшаб дар шаҳр мемонад, хоҳед, он касро ба хонаам даъват мекунам, рӯ ба рӯяш менишинӣ, дидорашро мебинӣ. Шояд фарзанди он кас набуданро рад кунӣ. Гап сари аз тухми он кас будану набудан ҳам нест. То аниқ кардан барои тасаллои дилаш як маротиба падари азиз бигӯед, кам намешавед. Дил ба даст овардан ҳам ҳаҷи акбар аст. Агар дидорашро дидан ҳам нахоҳед, худро ҷигарбандаш ҳам нахонед, ҷои малолӣ нест, баъд аз ин барои ман ҳамчун реша мемонед. Ин аҳди мардист, на ҷои хушомад задан ва на умеди тамаъ кардан аст.

Пештар ҳам муовин соҳиби қудрат будани сардорро хуб медонист, вале эътироф кардан намехост. Баъди дар дафтари корӣ пайдо шудани ҳамон марди овора Назари Далер одами тамоман дигар шуд. Чӣ гуфту чӣ ишора кард, ки ҷои саркашию худписандии пешинаро фурӯтанию хоксорӣ гирифт. Дигар дар ягон масъалаи корӣ бо ӯ баҳсу мунозира намекард, балки ҷониби ӯро гирифта, дар ҳама ҷо аз дасту дили пок доштани сарвараш сухан мегуфт ва барои ҳимояи ақидаи он кас мубориза мебурд.

Воқеан, Рустами Нозим одами ба ситоиш арзанда буд. Манфиъати давлатиро аз шахсӣ боло гузошта, мехост, ки ба қадри эъибору эҳтиром бирасад. Пеш аз ҳама ба чашмони ҳақиқатҷӯёну адолатпарвароне, ки ӯро, ятими деҳотии назарногирро, аз ҳама муҳимаш ягон хеши соҳиб мансаб надоштаро, аз миёни ҳазорҳо мансабхоҳон ёфта, сарвар таъин кардаанд, нигариста тавонад. Мақсад дошт, ки даргоҳи умедашро обод, кохи номусашро бунёд кунад ва мақому мартабаи сарварию обрӯи тавсиядодагонро баландтар бардорад. Исбот кунад, ки сарвари доно ҳаргиз дар нимароҳи ҷодаи мақсад намемонад, аз шӯразор ҳам чӣ гуна ҳосил гирифтанро медонад. Дар сурати набудани обу барқ низ кори осиёби умедашро аз ҳисоби бод таъмин карда метавонад.

Падараш буд ё набуд, пайи қадами ҳамон бечораи зори нохуни фарзанд, муҳити идораро дигар кард. Акнун сардору муовин ҳарду баробар заҳмат кашида, барои соҳиб шудан ба

натиҷаҳои баланди кор мубориза мебурданд ва якҷоя роҳи забони хӯрдагирону иғвогарони ғараздорро мебастанд. Онҳое, ки то он вақт матои ин носозгориро парчами мубоизаи ниҳонӣ истифода мекарданд, акнун дигар шудани вазъиятро фаҳмида, нақши миёнравро мебозиданд.

Рустами Нозим ин ҳамаро фоли нек шумурда, дар дилаш нисбати ҳамон марди хоҳони дидор шӯълаи меҳре меафрӯхт. Мехост, ки ин қиссаро аз модараш, ки ягона далели боэътимод шуда метавонад, бипурсад. Бо мақсади раҳидан аз андешаҳои дардовар дар рӯзҳои вазнини беморӣ, ки охирин барги ҷони модар дар сари шохаи умр аз таҳдиди боди марг меларзид, ба паҳлӯяш нишаста, овоз бароварда:

– Медонам, зери бори дарди гаронӣ, дар талвосаи ҷонӣ, аз пешомад огоҳӣ, ҳатто овози булбулро шунидан намехоҳӣ. Ман ҳам намехоҳам, ки ба болои ин дарди вазнин дарди куҳнаро зам намоям, вале маҷбурам ба як саволам, ки тамоми умр ба хотири ҳурмати шири сафедатон аз пурсиданаш худдорӣ мекардам ва рӯҳан азоб мекашидам, ҷавоби аниқ бигирам.

– Бигӯ, ҷони модар, ҳоло ки забони гуфтор дорам, шояд то пагоҳ аз сухан гуфтан бимонам, бимирам.

– Зандагӣ саҳнаи бузургеро мемонад, ки машҳуртарин ҳунарманд ҳам дар он нақши худро бенуқсон бозӣ карда наметавонад, дар ҷавоби саволи ҳаводори нозукбин лол мемонад. Дар саҳнаи ҳаёти ман низ тарҳи марде нақш офаридан мехоҳад, вале ҳис мекунад, ки ҳаводор надорад, барои кӣ бозӣ карданашро намедонад. Ба ҳамин хотир дур-дур чарх зада, чеҳраашро нишон намедиҳад. Ин тарҳи Носири Азиз ном мардест, ки аз овони наврасӣ ин саҳнаро банд карда, худро падари ман муаррифӣ менамояд. Гумон мекунам, ки дар ҳама ҷо аз пайи ман мегардад ва ё аз пушти равзанае роҳи маро мепояд. Бигӯ, ки ин овоза аст ё ҳақиқат?

– Ин овоза аст, дурӯғ аст, шир гуфтани дӯғ аст. Агар рост бошад, илоҳӣ хонаи имонам бисӯзад, Худованд ба ман нигоҳи эътибор надӯзад. Ман ҳам баробари ту ин овозаро шунида, бори азоб мекашидам, заҳри алам мечашидам. Агар ту танҳо ба қисмати худат ҷавоб медодӣ, вале ман ба тақдири як хонавода ҷавобгар будам. Ҳар гоҳе, ки ин овоза паҳн мешуд, қошу қавоқи мӯйсафедро овезон медидам. Сабабаш-

ро, ки медонистам, боиси дигар шудани авзояшро намепурсидам. Шояд он кас ҳам овозаи паҳнгаштаро шунида, дар давраҳо сар боло карда наметавонист. Сарпастии мард, ки нишонаи аз кафи умед рафтани парчами нангу номус аст ва дарди зиндадаргӯрист, аз ҷон додан ҳам сахттар аст. Таънаи занонро намегӯй? Худо накунаду гапат бо онҳо гурезад, гуноҳи сад сол пеш гузаштаро ба рӯят кашида, обрӯятро як пул мекунанд. Вале он овозае, ки баробари ту шунида, ин қадар солҳо гӯш ба карӣ зада мегаштам, дигар хел ҳақиқат дорад.

Солҳои дар хонаи бародарам зистан аз дасти тангии рӯзгор ва шунидани суханҳои нешдор ба ҷон расида, розӣ шудам, ки маро ба ҳамон хостгор, ба ҳамон марди чилсола ба шавҳар диҳанд. Бо Носири Азиз, ҳоло зинда ё мурда буданашро намедонам, чанд сол ҳамқисмат будам. Он кас ҳам мисли ин мӯйсафед одами хуби хуб ва марди дасткушод буд, вале ӯ фарзанд надошт. Айби фарзанд наёфтанашро дар ман дида, бо умеди аз даргоҳаш шунидани овози тифлаке нақшаи аз ёри кӯҳна ҷудо шудану ёри нав гирифтанро мекашид. Вале ман аз он хонае, ки дар замони қаҳтӣ азоби гушанагиро ҳис намекардам, рафтан намехостам. Он солҳо ҳама дар ғами нағора назадани шиками худ буданд. Аксар ба дарди гушнагӣ тоб наоварда, ба марг розӣ мешуданд. Аввалан, аз фикри дарди ҷудоӣ, баъдан, аз хаёли афтодан ба ҳоли баду бенавоӣ шабу рӯз намехуфтам. Оқибат илоҷи дигар наёфта, барои мондан дар ҳамон даргоҳ ва бори миннати дигареро накашидан дурӯғ гуфтам. Ишора кардам, ки дар батнам фарзанд дорам. Чӣ гуна бори тифлакро бе имдоди падараш мебардорам?Сухан таъсираш кард, вале кор аз кор гузашта буд. Қуръаи фоли ҷудоиро кайҳо ба номам зада буданд. Талаби қатъии ҳамсари нав, ки дар деҳаи ҳамсоя зиндагӣ мекард ва наомада худро кадбонуи хона меҳисобид, ҷони хӯҷаинамро ба лаб расонд. Бечора маҷбур шуд, ки аз дуроҳа барояд ва аз ду якеро интихоб намояд. Баъди талоқ бори нокомиро баста, ба хонаи холаат рафтам. Дар он ҷо зистанам ҳам дароз накашид. Сарватманди дигаре харидорам шуд ва баъди ду соли зиндагӣ ту ба дунё омадӣ. Вале дар ин даргоҳ ҳам шодии ман дер давом накард. Падарат ногаҳон аз олам гузашт ва ман боз бева мондам. Баъд ҳамин марде, ки худат бузургияшро медонӣ ва қиблагоҳаш мехонӣ, маро аз вартаи

ноумедӣ раҳонд. Вале шунидам, ки Носири Азиз аз ҳамсарҳои минбаъдааш низ фарзанд наёфта, тифлакони навзоди мӯҳтоҷонро ба фарзандӣ қабул кардааст ва барои ошкор нашудани безурётиаш аз баҳри ҷои ободаш гузашта, бечора дар як ҷангал макон гирифтааст. Шояд баъди гузаштани солҳо ҳама фаромӯш шуда, ҳамон дурӯғи гуфтаи ман ба ёдаш мондааст ва онро рост гумон карда, суроғат баромадааст…

Баъди фавти модар ва гузаштани мӯйсафед оташи ин овоза, ки дудаш ба димоғи на танҳо аҳли хона, балки ба деҳа низ расида буд, хомӯш гардид. Шояд қаҳрамони ҳикоя Носири Азиз, ки дар паёмҳои аз дур расонидааш худро падари Рустами Нозим мехонд ва касе аз решапайвандон дидорашро надида буд, пири барҷомонда шуда бошад. Агар соли боқимондаи умрашро ба айёми дар чилсолагӣ хонадор шуданаш зам кунем, аз сад мегузарад. Зинда мебуд, ягон вориссашро барои ормон набурдан ба хок ба аёдаташ мефиристод ё ки дар ҷанозаи охирин хабардеҳаш Назари Далер иштирок мекард. Маълум, ки вафот кардааст.

Ҳайфи умри одамӣ, ки мисли дави бод тез мегузаштааст. Рустами Нозим ҳам, ки дирӯзакак аз паси чархаке медавид ва тарғибгарони падари пайдошудаашро бад медид, имрӯз дар айёми пирӣ худашро, ки падару бобои чандин фарзанду набера мебошад, бад мебинад. Бо гузашти умр ба маънии « Нури чашмон, пораи ҷон ва шираи мағзи устухон» хубтар сарфаҳм рафта, пазмониҳои хонагии худро дар роҳи фарзанд ба интизориҳои ба сафар баромадан ва дар хонаи мардум шабҳоро рӯз кардани ӯ муқоиса карда, дилаш ба ҳоли он овора месӯзад. Баъди ҳар маротиба дар қаламрави хаёлаш аз дур дидани ҳамон шабаҳ, ки ҳайкали дарду аламро мемонад, ғарқи баҳри андешаҳои мухталиф шуда, ба ёди як бегуноҳи дар назар гунаҳкор аз абри дидагонаш борони ҳасрат мерезад ва пушаймонона бо худ меситезад.

ПУШАЙМОНӢ

Ҳавои ғуборолудаи моҳи аввали тирамоҳ, ки хокбориш дар бисот дошт, ранги ҳама мавҷудотро ба ҳам монанд кар-

да, имкони шинохтро ночиз мегардонд. Сафари Хоҷа мошини хизматии сарвари ноҳияро, ки бо суръати баланд ҳаракат мекард ва яку якбора истода, оҳиста ба қафо омад, аз рӯи рақамаш шинохт.

Садои гӯшхароши соиши байни чарххӯву роҳи қирпӯш, ки мурдахоб ҳам аз шуниданаш бедор мешуд, риштаи хаёлашро ба тарафи худ кашид. Вале дар дохили бодпо будану набудани раисро намедонист. Вақте ки аз мошин фуромадани раисро дид, хурсанд шуд. Гумон кард, ки шиноси дер боз надидааш хабари бадҳолиашро шунида, ба аёдаташ омадааст. Вале гумонаш ботил баромад. Баробари наздик шудан ба ҷои пурсишу навозиш ғуруру худписандӣ ва сарзаниши раисро дида, аламаш тозатар ва ҳар сухан барангезандаи дарди дигар шуд.

То омадани раис дар ҳолати нимхобиву нимбедорӣ қарор дошт. Дар ҳарду ҳолат ҳам дидаву шунидаҳоро ба ёд оварда, инони ихтиёрро аз даст медод. Дар лаҳзае садҳо хаёл аз сараш мегузашт. Айёми наврасию ҷавониро пеши рӯ меовард ва ғаму андӯҳаш зиёдтар мешуд. Аз дидагонаш борони ашки ҳасрат мерехт ва лаҳзае осудагиаш барҳам мехӯрд.

Се сол пеш фарзандонашро ба мошин савор карда, субҳи барвақт, пеш аз чанг хезондани пода, аз деҳа баромада, баъди паймудани роҳи каҷмакаҷ, худро дар оғӯши саҳро мегирифт. Дигарон дертар, баъди қадди як найза боло шудани офтоб пиёдаву савора ба майдон омада, бо вуҷуди гармии ҳаво, то торик шудани атроф заҳмат мекашиданд. Вале ӯ дар сояи салқин нишаста, аз дур рафти корро назорат мекард. Зеро аз фарбеҳӣ тоқати дар зери офтоби сӯзон гардиш карданро надошт. Фақат саҳар ва бегоҳ, ҳангоми паст будани дараҷаи гармӣ, қаторҳо ва гирду атрофро аз назар мегузаронд. Ҳоло он қудратро ҳам надорад, аз ҷо ҷунбида наметавонад. Дардмандӣ ӯро аз дастаи гапгираш ҷудо ва дастнигар кардааст. Акнун ба паси чанбари мошин писари калонӣ нишаста, фарзанди хурдӣ аз китфонаш дошта, дукаса ӯро ба сари замин меоранд ва дар ҷои муқаррарияш мешинонанд. Худашон дуртар, дар паси теппа ҳосили пухтаро ҷамъ меоранд, себу ангур ва тарбузу харбуза чида, тавассути телефони дастӣ аз ҳоли падар хабардор мешаванд. Ҳамкорони дерина ва посдорони нону намак низ бо ҳама пуркорӣ фурсат ёфта, рӯз дар миён, дери дер ҳафтае як маротиба

ба суроғаш меоянд. Аз пайи онҳое, ки ба дарав кардану мева чидан ва хирман кӯфтану бор кашондан машғуланд, бо дидаи ҳасрат менигарад.

Сафари Хоҷа дар паси тали тарбуз, зери як дарахти соядори бари роҳи калон, ки сояшро тамоми рӯз нигоҳ медорад, маскан гирифта, рӯзро кӯр мекунад. Дар сояи салқин ҳам ки бошад, аз тафсу рутубати ҳаво баданаш арақолуд гашта, ба хориш медарояд ва ҳар лаҳзаи дилгири рӯзи гарми тобистон дар назараш аз шаби ялдо дарозтар метобад. Мисли интизорону рӯзадорон даҳҳо маротиба ба соати дасташ чашм медӯзад ва аз дурустии ҳаракаташ шубҳа карда, боз ба соати телефонаш менигарад. Рақамҳои якхеларо дида, ин вазъро ба пеш нарафтани чархи замон нисбат медиҳад. Ба хаёлаш офтоб ҳам суръати ҳаракаташро суст карда, мадори пеш рафтан надорад, пири хастаҷони барҷомондаро мемонад. Ӯ низ аз саҳар то бегоҳ дар як ҷо нишаста, мисли каси баста аз нишастан безор шудааст. Хеста ки наметавонад, маҷбуран ба қисмат тан дода, зиндагии бадтар аз маргро идома медиҳад. Фақат аз вазиши насими нарми дашти кушод, ки гоҳ-гоҳ рух дода, то андозае тафси ҳавои сӯзонро фурӯ менишонад, андак ҳаловат бурда, лаҳзае сари хобро мегирад, вале боз аз ҷунбиши баргу навдаҳои дарахтону буттаҳои хушкидаи хордор ва садои пою ғавғои роҳгузарон бедор шуда, ҳаросон ба атроф менигарад. Гоҳо дар сараш хаёли худкушӣ пайдо мешавад. Мехоҳад, ки худро кушта, барангезандагони дарди хунмакашро, ки ба ҷисмаш нештар зада, аз ҷони ширин безораш мекунанд, хокдаҳан намояд. Баъди аз ҳарду по маҳрум шудан ҳам ҷисмаш аз ҷабри барангезандагони боқимонда халосӣ наёфт. Онҳо гӯё пешомадро фаҳмида, то дами ҷарроҳӣ барои идома додани мубориза ҷояшонро иваз карда, болотар гузаштанд, дар меъдаву рӯда ва дигар узвҳои баданаш маскан гирифтанд. Аз неши ҷонсӯзи онҳо сӯрох гаштану ба ғалбер монанд шудани баданашро ҳис кунад ҳам, боз лабро газида, « замин паст, осмон баланд» гуфта, пеши касе бори шикоят намебарад. «Шукри Худо, хеле беҳтар шудам», – ба пурсишҳо посух медиҳад ва гоҳо бепо буданашро фаромӯш карда, «рӯзҳои наздик ба по мехезам», – мегӯяд Сафари Хоҷа. Дар асл ягон беҳбудӣ намебинад, балки сӯзиши баданаш торафт зиёд шуда,

дарди бедармонаш авҷ мегирад. Хашму ғазаби барангезандагони қасдгир, ки қасди ёрони гумшударо гирифтан мехоҳанд, боз ҳам афзуда, ҷонашро ба лаб меоранд ва ҷисмашро ба хӯса монанд мекунанд. Сафаре, ки як замон лунҷҳои суп-сурх, китфону дастон ва пойҳои пургӯшт дошт ва бори шикамашро базӯр мебардошт, ҳоло марди пӯст ба рӯи устухон гаштааст. Рагҳои баданаш барҷаста ва чашмрас шудаанд. Акнун ҳазорон табиб ҳам ҷӯяд, худро дар ҳолати пештара дида наметавонад. Оби рафта аз нав ба ҷӯй барнамегардад. Гумкардаро низ дар шакли аввала пайдо кардан мумкин нест. Кӯтоҳандешӣ карда, неъмати худододро зуд аз даст дод. Орзу кардани даврони гузашта дигар фоида надорад. Ба ҳамааш ганаҳкор худаш. Баъди андак зиёд шудани молу мулк назоратчӣ шуд, дигар даст ба оби хунук намезад, хасеро аз замин намебардошт, кораш хӯрдан буду хуфтан. Лангари иштиҳоро дароз партофта, худро аз ҳад зиёд фарбеҳ ва бадафт кард. Шиками халтазада ба қадди кӯтоҳаш намезебид. Танпарастӣ фурсат намедод, ки чашмонашро бимолад. Андеша намекард, ки ҳама чиз меъёр ва ҳисобу китоб дорад. Агар тан ба кор медод, қуввааш ро сарф ва равғани баданашро об макард, шояд ба ҳоли бад гирифтор намешуд. Баъди беморӣ ҳам парҳез накард. Барангезандагони дард низ хӯрдании фаровонро дида, барои дар ин пойгаҳ аз ҳамдигар гузаштан саманди иштиҳоро қамчин мезаданд. Вақте ки кор аз кор гузашт, даври ҳукмронии баҳор рафту тирамоҳи умр ҳокими диёри бадан гашт, аз иштиҳо монд. Барангезандагони одаткарда дигар хӯрданӣ наёфта, ночор ба гӯшти баданаш даҳон заданд. Дар айни камолоти умр замони роҳату осоиш ва даврони шоҳияш гузашт, шарбати охирини умрашро чашид ва оқибат мурғи умед аз лонаи ҳастияш парид. Побанду фирефтаи кайфияти дурӯза шуда, таснифу танзими зиндагиро фаромӯш кард, оташи чароғи умри нотакрорро пеш аз мӯҳлат хомӯш кард. Акнун каси дер боз надида ба як дидан ӯро шинохта наметавонад.

Сарвари ноҳия ҳам дертар, баъди корди забон ба устухони ҷон расидан, ӯро шинохт ва дар мусобиқаи сипосгузорон бохт.

Рӯзҳое, ки тани сиҳату дасти дароз дошт, ба касе мадад расонида метавонист, хонааш бозори гардонро мемонд. Ба

ҳоҷатмандон мадад мерасонд ва рӯиниёзовардаро ноумед намекард. Пайваста аз дегаш ҳавр мебаромад, ба меҳмонҳои аз дуру наздик омада зиёфат медод. Ӯ аз ҳисоби меҳнати ҳалол, парвариши чорво, рӯёндани ҳосили баланд ва хариду фурӯши маҳсулот доро шуда буд. Аз вазифааш зарар медиду фоида не. Ӯ дастаи ниҳолпарваронеро сарварӣ мекард, ки ҳанӯз токзорашон ба самар нарасида буд. Ҳоло ҳам рӯзгораш бад нест. Боғи калону майдони васеи зироат дорад, аз хоҷагии деҳқонияш ҳосили хуб мебардорад. Фарзандонаш барои таъмини эҳтиёҷи рӯзгор ва табобати падари бемор ҳам дар саҳро кор мекунанду ҳам ба тиҷорат машғуланд. Ҳосили дастранҷро фурӯхта, барои таъмини гардиши молу рӯзгор замина мегузоранд. Фақат тарбузи гирифтаашон, ки санги беҳисоби санглохро мемонад, баъзе хароҷотро пӯшонда метавонад. Вале он ҳама дороӣ дар қиёс бо ганҷинаи ноёби тансиҳатӣ арзише надоранд. Аз рӯзе, ки дасти дарди бедавое аз домани пироҳани умраш гирифт, худро нодортарину танҳотарин одам мешуморад. Аз хонанишинии шабу рӯз дилтанг шуда, мехоҳад, ки дар ҳавои кушод гардиш кунад, дар байни мардум бошад, вале по надорад. Вақте ки дардаш хуруҷ карда, аз сарҳади даво гузашт, табибон дигар илоҷ наёфта, ба хотири эмин нигоҳ доштани дигар узвҳо пойҳои хулбутшудаашро болотар аз зону буриданд. Марди як умр саҳрогард якбора аз қадамзанӣ монд, дигар гардиш карда ва мошин ронда наметавонад, барои гузаштан аз имтиҳони умри боқимонда китоби дигари зиндагиро мехонад. Ҳар лаҳза аз сараш садҳо хаёл мегузарад, худро эҳтиёт мекунад. Гули хӯрокро оранд ҳам, азоби қазои ҳоҷатро ба ёд оварда, аз тарси дарунравию кашидани бори хиҷолат меъёри тановулро риоя мекунад.

Ҳар пагоҳӣ ӯро фарзандон аз хона ба сари полези бари роҳи калон бурда, дар курсие, ки барои нишастану хобидан мувофиқ аст, мешинонанд ва рӯи пойҳои буридаашро бо матои чармӣ пӯшонда, аз пайи кор мераванд. Азбаски курсӣ тоб намехӯрад, аз тамошои самти боло маҳрум аст ва ноилоҷ ба поён менигарад. Майдонҳои ҳамвору теппаҳои як тарафашон нимҳамворро мебинад, ки замоне замини киштбоб буданд ва аз баъзе қитъаҳояш ду бор ҳосил мегирифтанд. Ҷави пешпазакро даравида, баъди шудгор дар ҷояш дони тарбузу харбуза меши-

нонданд. Теъдоди талабгорони тарбузу харбузаи ширини лалмӣ ниҳоят зиёд буд. Онҳо аз дуру наздик омада, ин моли бозоргирро мехариданд. Ҳоло он ҳама майдонҳои корами таҳдашт аз беназоратӣ ба хорзору чарогоҳ табдил ёфта, фақат роҳҳову пайроҳаҳо чун хатҳои хонои дафтари саҳро боқӣ мондаанд. Он навиштаҷотро зиндагиномаи худ пиндошта, аз ҳар варақаш қиссаи айёми наврасию даврони хаскашӣ ва подачарониро мехонад. Дар мавсим коҳдонро аз коҳ ва як гӯшаи ҳавлиро аз хору хаси аловибоб пур мекард. Токҳои боқимонда низ замони саркорӣ ва дар токзор заҳмат кашидани дастаашро ба ёд меоранд. Айни ҷӯшу хурӯши ҷавонӣ буд, неруи тоза дошт, хасташавиро намедонист, ба гуфте, як пояш дар саҳро буду пои дигараш дар хирман. Ҳар рӯз як ё ду маротиба аз роҳе, ки дарахтони соядори ду тарафаш қатори сарбозонро мемонданд, гузашта, ба маркази ноҳия мерафт ва мушкилеро ҳал мекард. Ҳоло дар панҷоҳ ва сад қадам як дарахти шохаҳояш хушкро мебинад. Садҳо дарахтро онҳое бурида ҳезум кардаанд, ки дар умрашон ниҳоле нашинондаанд. Гузашт он даврони тиллоии умраш. Тағйири вазъи замон дастаи заҳматкаши ӯро низ пароканда кард ва нишонаи ягона мошини мукофотгирифтааш монд, ки онро ҳам ронда наметавонад. Ҳоло он қаламрави ҳар қадамаш шиносро танҳо ба пои хаёл мепаймояд.

Дидани чеҳраи раиси ноҳия ва шунидани овозаш Сафари Хоҷаро, ки то он лаҳза сокини олами хаёлу хотироти худ буд, муқими ҷаҳони дигар кард.

– Маро мешиносӣ?

– Ҷаҳонгири Давронро хуб мешиносам.

– Аз афташ, пулат бисёр шудааст, ки одам дар назарат одамча менамояд. То заминатро гирифта, хоҷагии деҳқониятро барҳам надиҳам, ба фикрам, ба сари ақл намеоӣ. Кошки аз ҳамин роҳ намегузаштам ва дидори ту барин муттаҳамро намедидам, – гуфт раис хашмгинона ва ба ронанда амр кард, ки мошинро пештар ронда, тарбузҳояшро зер бикунад.

Ронанда ин амрро шӯхӣ пиндошта, мошинро аз ҷо наҷунбонд. Баъди таъкиди дубораи сарвараш маҷбур шуд, ки ба ин амали ноҷавонмардона даст занад. Бечора аз хатти кашидаи раис берун баромада наметавонад, агар берун барояд,

дар бало мемонад, аз ҷои кор маҳрум ва ҳолаш бад мешавад. Зеро ӯ ҳамроҳи зану се фарзанд дар як ҳуҷраи хобгоҳи умумӣ, ки барои хизматгорони давлатист, зиндагӣ мекунад. Метавонад ба дигар коргоҳ гузарад, кор бисёр, вале аз ҷои зист маҳрум мегардад. Эҳтиёҷи зиндагӣ маҷбураш кардааст, ки ба бори гапҳои пасту баланд тоб оварда, иҷрои фармонҳои номумкинро ҳам ба ӯҳда бигирад, рӯбоҳмизоҷ шавад. Агар дасти дароз медошт, бо як ишора тали тарбузҳои марди барҷомондаро зер намекард. Бо амри сардор мошинро ба рӯи тарбузҳо давонд, пасу пеш ронд. Ба ҷунбишу беқарорӣ ва таъкиди «адоза нигоҳ дор, ки андоза накӯст. Фармӯш макун, ки ҳамааш мегузарад»-и соҳиби мол эътибор надода, ба тарафи дигари тали тарбуз гузашт. Мехост, ки тарбузҳои боқимондаро ҳам ба хок яксон карда, оташи хашму ғазаби сардорашро хомӯш бикунад. Вале дидани пойҳои буридаи мард, ки аз афтодани рӯйпӯши чармин намоён шуда буданд, ронандаро дар чоҳи даҳшат афканд. Раис ҳам, ки то он дам аз тамошои тағйирёбии ҳолати рӯҳии соҳиби мол лаззат мебурд, аз дидани пойҳои бурда безобита шуд. Забони лоли он ду ноҷавонмард, ки гуноҳи содиркардаашон ягон роҳи ҷуброн надошт, дигар гирди вожаҳои узру пузиш гашта наметавонист. Дилаҳои пошхӯрдаи тарбузҳо, ки пештар ба чашмонашон латтапораҳои сурх метофтанд, акнун дилу ҷигари рехтаи марди бепоро мемонданд. Гирдбоде, ки ногаҳон аз хоктӯдаи бари тали тарбуз бархост, тоб хӯрда – тоб хурда, панҷаи хокеро, ки гӯё подоши амал буд, ба сару рӯяшон зад ва раису ронанда давом додани роҳу ифтитоҳи бинои мактаби навро фаромӯш карда, илоҷи аз ин варта баромаданро меҷустанд…

НАЗАРФИРЕБ

Дарандаву хазанда ва дигар мавҷудоти оламро аз як ҳаракату амали табиӣ ва ҳуҷуми рӯирост ё таслим шуданаш, ки орӣ аз макру фитна аст, шинохтан мумкин, вале одамизодро шинохтан аз ҳама мушкил будаст, – хулоса бароварда Мансури Дилшод, – вақте ки ӯро ба марказ ба кор даъват карданд. То он дам дар диёри содаву беолоиши худ осудаҳолона зиста, ба каму бешаш қаноат мекард ва ба ҳаёту қисмати одамон аз диди

як музофотӣ баҳо медод. Ҳангоми баҳсҳо муҳаббатномаи бедалелашро асос шумурда, ба ақидааш уствор истода ва хӯрдагиронро дар ҷо мешинонд. Номи шахсонеро, ки ба фаҳмаш сутуни қасри умеди ватан ва чеҳраи шинохтаи миллат буданд ва ба онҳо ихлосу эътиқоди беандоза дошт, бо ифтихор ба забон мегирифт. Барои ҳифзи шаъну шарафи ҳар кадоме мубориза бурда, ҳатто ба хотири онҳо аз гиребони баъзе эродгирон мегирифт ва имкон намедод, ки аз зери нохун чирк бикобанд. Дар он айём бисёриҳоро аз дур, тавассути гуфтори нарму ширин ва суханҳою нигоштаҳои дилрасашон мешинохт ва ҳарфҳои калони номашонро дар ҳафтаномаю маҷалаҳо хонда, ба онҳо меҳр мебаст ва орзуи дидани дидорашонро мекард. Баъдтар, ҳамон вақте, ки бо онҳо ҳамкору ҳамнишин шуд ва аз олами ин дидадароёни назарфиреб воқиф гашт, кӯшиш менамуд, ки чашмонаш ба чашмонашон, хусусан ба дидагони камонранги Талаби Зоҳир, ки як замон баҳодеҳ ва баъдтар сарвараш буд, наафтад. Вале гоҳо аз тири нигоҳаш паноҳ бурда наметавонист.

Шаҳр, ки он қадар калон нест, онҳо зуд-зуд бо ҳам вомехӯрданд, гоҳо дар роҳу истгоҳ, гоҳе дар кӯчаву бозор ва ҷамъомадҳо ҳамдигарро медиданд. Агар андак фурсат меёфтанд, барои ба чашмони ҳамдигар натофтан худро байни анбӯҳ зада, ҷонашонро аз таъқибу таҳдиди шӯрандозони хаёлӣ мераҳонданд. Гоҳо тасодуфан рӯ ба рӯ омада, роҳи гурехтану пинҳон гаштанро намеёфтанд. Дар ин ҳолатҳо маҷбуран ба ҳам менигаристанд. Нури нигоҳҳояшон сайёдони нишонгирро ба ёд меовард ва ҳар кадом мехост, ки пешдастӣ карда, тири умедро ба ҳадаф расонад. Дар ин сабқат Мансури Дилшод аз баҳри зӯрӣ гузашта, ба нотавонӣ рӯ меовард ва аксар бозиро мебохт. Соҳибдилию дурандешӣ водораш мекард, ки ба ҳукми тақдир тан диҳад ва ба хотири даврони ҳамкорӣ ба Талаби Зоҳир гузашт кунад.

Солҳои пеш, замоне, ки дар музофот кору зиндагӣ мекард, орзу менамуд, ки ҳамнишини Талаби Зоҳир бошад, аз сӯҳбаташ баҳра бубарад, аз ӯ дарси ибрат биомӯзад. Ростӣ чеҳраи ҳаводорашро гоҳо аз «оинаи нилгун» дида, ӯро сарвари ҷавонмардон мешумурд ва ба ӯ ҳасад мебурд. Он замон тарҳи зоҳирии Талаби Зоҳир низ дигар буд. Ҷавони қоматаш рост,

камгӯшти устухонғавс, ишкамаш аз қафаси сина ҳам пасттар, ҳоло бошад аз фарбеҳӣ чӣ гуна устухон доштанаш маълум намешавад, ҳама гӯшту шикам, аз дил нишон нест, шояд ҷои мағзро ҳам равғану гӯшт иҳота карда бошад. Ҳамин тавр ҳам ҳаст. Гуфтораш сад андар сад бемағзиашро тасдиқ мекунад. Мансури Дилшод тарҳи чанд сол пеши Талаби Зоҳирро ба хотир оварда, ба он кас будани ӯ шубҳа мекунад. Он замон ӯ ҷавони навчаро мемонд, чобукона ва озод қадам мезад, тарзи ҳаракат ва дигар амалҳояш зишт наметофтанд. Ҳоло бошад роҳгардиаш ба роҳгардии хирсу хӯрданаш ба кавша кардани гов монанд аст. Дар назар бисёр манфур менамояд. Ҳатто хоксорию дасти пеши бараш, пеш аз ҳама салом доданаш, дар маҷлису ҷамъомадҳо ба қарсакзанӣ оғоз бахшиданаш, на ба муҳаббату садоқат, балки ба хушомад задан шабоҳат дорад. Аз паси минбар сухану ватан гуфтанаш, ба роҳи ифтихори миллӣ ва худшиносӣ ҳидоят карданаш ҳам таъсиркунанда нест. Ҳарфаш, ки дурӯғ аст, дурушт ба гӯш мерасад. Парчами худшиносияш низ олудаи сояи худхоҳист. Баҳори фиреборо мемонад, ки бехабар аз сардии бисоташ, ба рух намуданаш бовар карда, гулҳои бодоми умратро барбод медиҳӣ. Алқисса, ӯ як хонасӯз аст. Аз ҳисоби дигарон сарваташро афзун гардонда, барои бунёд кардани қасри минбаъдаи мақсадаш замина мегузорад. Ҳама ин кору кирдорашро медонанд, вале касе ҷӯръат намекунад, ки пишакашро пишт гӯяд.

Талаби Зоҳир санъати ба дили одамони даркорӣ роҳ ёфтан ва ба кӣ хизмат расонданро хуб медонад. Бо вуҷуди дар мансаби баланд будан, дар рӯзи ҷашни хешовандони мансабдорони бузург худро соҳибмаърака пиндошта, ба пешвози омадагон мебарояд, дасташонро об мегирад, табақҳоро иваз мекунад ва дар лаҳзаи мотам ба сар тоқӣ монда, гӯё ҳамдардӣ изҳор менамояд. Гоҳо он лунҷсурх худро хунҷигар нишон дода, бо рӯмолчаи оҳарияш дидагони тиҳӣ аз ашкашро пок мекунад. Барои дар курсии мансаб мондан хоки қадами вобастабудагонро тавоф карда, ба дида мебардорад. Агар Талаби Зоҳир нақшофар мебуд, ҳамеша ғолибият насибаш мешуд. Вуҷуди ин баднафс замини порудорро мемонад, баробари зироати асосӣ даҳҳо намуд алафи бегона дорад. Касе ҷӯръат намекунад, ки ҳуқуқи ӯро поймол намояд. Дар ҳама ҳолат метавонад аз об

хушк барояд. Дасти дароз, ки дорад, метавонад хишовагарро ба дарди сӯзиши бадан гирифтор намояд. Ҳатто Мансури Дилшод ҳам бо ҳама нотарсӣ эҳтиёт карда, дар ҳузураш аз боби дасту дили пок доштан лаб намекушояд. Ҳаволааш ба Худо гуфта, фақат бо нигоҳи тез то андозае ҳуҷуми ӯро барбод медиҳад.

Мансури Дилшод ҳамон рӯзи баргузории ҷаласаро, ки ӯро панҷ маротиба бо Тоҳири Зоҳир рӯ ба рӯ овард, ҳамчун рӯзи бехосият ҳаргиз фаромӯш намекунад. Дидори ҳамдигарро панҷ маротиба аз дуру наздик диданд. Пеш аз маҷлис Мансури Дилшод аз пушти сутуни ғафси айвони калони даромадгоҳ омадани Тоҳири Зоҳирро дида, барои бо ӯ вонахӯрдан чапғалат партофт ва аз дари дуюм ба маҷлисгоҳ вориди шуд. Гумон кард, ки аз дидори ёри номувофиқ халос шуд. Вале баъди гузаштани фурсате боз ба гӯшаш ҳамон овози шинос расид. Ин тарафу он тараф нигариста, дар қатори сеюми толор Талаби Зоҳирро дид, ки ба ҳар тараф салом медоду гап мепартофт. Гоҳо хам шуда аз болои ду-се курсӣ дасти одами даркориро медошт ва кайфияти нишастагонро барҳам мезад. Хайрият, ки маҷлис сар шуду дигар имкони ба пушт баргашта нигоҳ кардан наёфт. Вале барои ба ҳадаф расидан ноумед нашуда, роҳи дигари худнамоиро пеш гирифт. Баъди ҳар таъкиду ишораи сарвар, ки пеш аз ҳама ба худи ӯ дахл дошт, қарсак зада, ё аз ҷо хеста, ҳозиринро маҷбур мекард, ки кору рафтори назарфиребашро такрор кунанд. Бори сеюм баъди маҷлис дар айвон вохӯрданд. Тоҳири Зоҳир бо карру фар аз бари Мансури Дилшод, ки ҳамроҳи чанде аз роҳбарони зертобеи идора сӯҳбат дошт, гузашт. Роҳи гурез наёфта, ночор салом дод ва баъд барои олиҳимат нишон додани худ ба яке аз навсарварон, ки ӯро дар кори якҷоя намешинохт, рӯ оварда, ширинзабонӣ кард.

– Ба фалон кормандатон эҳтироми хоса дорам. Ба он кас расонед, ки пагоҳ ба қабулгоҳам биёянд, сарпарасти яквақтаи лоиҳааш мешавам. Ин сухани тирмонандро, ки ҳадафнок буд, маҳз барои нишон гирифтан ва эътироф накардани зердасти деринааш гуфт ва намедонист, ки Мансури Дилшод кайҳо аз ин зинаҳо гузаштааст ва ин тоири озод дигар парвои мансабу тахти шӯҳрат надорад. Беҳунар нест, ризқашро меёбад. Танаш

сиҳат бошаду вақташ хуш, рӯзашро ба подшоҳӣ мегузаронад. Вале дар ин ҷо Мансури Дилшод дар бораи як чизи муҳим – беҳуда саргардон шудани ҳамон корманд фикр карда, ғамгин мешуд. Зеро ӯ худнамоӣ ва ба аҳдаш ҷаҳд накардани Талаби Зоҳирро хуб медонист. Воқеан, хислатҳои неку бади инсон – ҷавонмардию ноҷавонмардӣ дар ҳамкорӣ зудтар аён мешаванд. Мансур овозаи сарвар таъин шудани шиноси деринааш – Талаби Зоҳирро шунида, аз хурсандӣ дар курта нағунҷид ва худро дар осмони ҳафтум дид. Вале ҳангоми пешвозгирӣ аз нигоҳи беэътиборона, худписандӣ ва худро бегона вонамуд кардани Тоҳири Зоҳирро дарк карда, ақидааш нисбати ӯ тамоман дигар шуд. Нахустин ғуборе, ки аз роҳи омадани шиноси деринааш бархост, гӯё фақат ба матои ҳарири дили ӯ нишаст. Аз ҳамон лаҳза тамоми хулқу атвор, кӣ будану дар саҳнаи зиндагӣ чӣ нақшро бозидани шиноси куҳнааш маълум шуд. Аз кор воҳимааш зиёдтар буд. Аввалин ислоҳоти дар соҳа ворид намудааш соҳиби осёбро аз осёб дур кардан, вале сифати ордро боз аз ӯ пурсидан буд. Мансури Дилшод ба ҳамин рӯйхат афтод.

– Мебахшед, муаллим, аз боло амр шуд, ки шумо мувофиқи иҷрои вазифаи хизматӣ бояд дар бинои марказӣ нишинед, – гуфта аз ҳуҷраи муқаддасе, ки аз аввали ташкилшавии коргоҳ сарварони зертобеи идора дар он ҷо менишастанд ва рафти корро аз наздик осонтар назорат мекарданд, ӯро дур кард.

Мансури Дилшод бофта будани суханҳои ӯро пай бурда бошад ҳам, гапро ду накарда, ба дигар бино гузашт. Ислоҳи дуюмаш ба ҷои ҳунарманд беҳунарро сардор таъин карданаш буд, ки бӯи манфиат дошт. Ҳуҷумҳои пайдарҳами рӯҳию таънаҳои беҳисобаш ва сиёсатҳои тарсонандаву муттаҳамкунандааш камҷӯръатону ноуҳдабароёнро водор мекард, ки ба хизмат камар бубанданд. Ба нав иваз кардани чанд палоси куҳна низ яке аз навигариҳояш ҳисоб меёфт. Баъди ба вазифаи баландтар гузаштан аз ҳама навовариҳо танҳо ташнобҷои дар ҳавлии коргоҳ бунёдкардааш боқӣ монд, ки то ҳол бӯи ноҳушаш ба машоми коргарон мерасад. Мансури Дилшод манфиатҷӯиву дурӯғгӯӣ, ваъдахилофию хабаркашӣ, дар боло некро баду сафедро сиёҳ гуфтанашро фаҳмида, кӯшиш мекард, ки ба чашмони нишонгири он кӯтоҳандеш наафтад. Хулоса, Талаби

Зоҳир ба мазраи сабзу хуррами андешаву эҷод мисли селе ворид шуда, дар муддати кӯтоҳи сарварӣ ҳосили умедҳоро ба хок яксон кард. Хайрият, ки умри раду бадал карданаш тӯл накашид ва ҷони мардум аз сели ҳар мавҷи мормонанди ӯ раҳид.

Мансури Дилшод рӯзҳои ба Талаби Зоҳир ихлосу эътиқод доштан, лаҳзаҳои вохӯрдану аз ӯ маслиҳат гирифтанашро ба ёд оварда, бори дигар содагӣ ва одамношиносии худро тасдиқ кард. Қариб буд, ки васфи ӯро ба қалам диҳад, достонаш кунад. Хайрият, ки сабр кард, саросема нашуд, зуд хулоса набароварда, беарзишро ситоиш накард.

Он рӯз баъди пароканда шудани иштирокчиёни маҷлис Мансури Дилшод дар роҳ низ аз пушти шишаи мошин Талаби Зоҳирро дид, ки ӯ ҳам дар мошини хизматиаш савор буд. Ин вохӯрии чорумини онҳо дар як рӯз буд, ки дар доираи тасаввур намегунҷид. Чароғи роҳнамо онҳоро аз ҳамдигар ҷудо кард.

Мансури Дилшод ронандаи мошинашро барои дермонӣ сарзаниш карда, шӯхикунон таъкид намуд, ки агар аз ҳамон мошин нагузарӣ, ҳамроҳи ман кор намекунӣ. Бечора ронанда он амрро ҷиддӣ пиндошта, чунон суръати ҳаракати мошинро баланд кард, ки дар чароғаки сеюм аз он мошин гузашт ва ба тарафи чап тоб хӯрд. Ронанда ҷои рафтан ва ба маъракае даъватӣ будани сардорашро ду рӯз пеш медонист.

– Мошини ишоракардаатон пайгирӣ карда истодааст, – ногаҳон ба хомӯшӣ овоз бахшид ронанда.

– Шояд он касро ҳам ба ҳамон маърака даъват кардаанд? – посух дод сардор.

Тахмини сардор рост баромад. Ҳар ду пешу думкол ба тарабхона ворид шуданд. Талаби Зоҳир тезтар қадам зада, ба тарафи мизе, ки соҳибмансабони номдор нишаста буданд, рафт. Азбаски чанд курсии дигар холӣ буд, Мунсури Дилшодро ҳам ба сари ҳамон миз хонданд. Пурсупос сар шуд, танҳо он ду нафар ҳолпурсиашонро бо ишораи маҷбурӣ тасдиқ карданд. Баъд ба хотири навхонадорон нӯшбод гуфтанд. Дар ин миён боз ба гӯши Мунсури Дишод овози Талаб расид ва таъбаш андак хира гардид. Дар вохӯрии охирини онрӯза Мансури Дилшод бори нахуст аз доираи эҳтиром баромадаву аз баҳри ақибнишинӣ гузашта, теғи тези ни-

гоҳашро ба сӯи он назарфиреб равона кард. Ин қасдро дар ҳолате гирифт, ки он ҳазрати шикам оби олучабандак менӯшид. Талаби Зоҳир аз таъсири ин нигоҳи тез худро гум карда, гулоби сурхро дар пироҳани сафедаш резонд. Ин сурхӣ аз хунҷигарии мардум ва аз хуношомии роҳи пешгирифтаи он ҳоким ҳикоят мекард…

ПОСИ ОШНОЙ

Ба дил гуфтам кадомин шева душвор аст дар олам,
Нафас дар хун тапиду гуфт, поси ошноиҳо.

Бедил

Мӯйсафед сарашро боло набардошта, уштурхор медаравид. Дар кафи досаш ғайри буттаҳои хордор дигар чизеро намедид. Дос оғӯши душохаро аз хор пур мекарду холӣ мекард. Лаҳзае, ки буттаҳои ғафси аз қади хамгардааш баландро аз по меафтонд, хушҳолӣ мекард.

Мӯйсафед бори нахуст бо чунин хорҳои ғафсу панҷадор, ки дар замини шудгоршуда рӯида буданд, дучор мегашт. Гоҳҳо вақти дарав буттае ба рӯяш панҷа зада, буттаи дигаре ба миёнаҷои шонааш бархӯрда, аз ҷелаки тунукаш мегузашт. Барои аз неши хор эмин будан ҳар буттаро боэҳтиёт медошт. Душоха ҳам хорҳоро ба ангуштонаш наздик шудан намегузошт. Агар андак беэҳтиётӣ карда, бо умеди даспӯшаки фарсудаву ҷо-ҷо сӯрохдораш мешуд, хорҳо аз он сӯрохиҳо гузашта, қасди хорҳои аз бех ҷудогаштаро мегирифтанд, қасди ёрони аз дами дос гузаштаро мегирифтанд.

Мӯйсафеди соҳибтаҷриба дар роҳи дарав кардану кашондани дарзаҳои хасу хор чи гуна қадам гузоштанро медонист, аз куҷои ҳар бутта доштанро медонист. Хорҳои дар кафаш ҷамъшударо рӯи бандинаи алафӣ гузошта, ҳангоми ба меъёри муайян расидан сари зону менишаст, бо зӯри дасту по бандро сахт кашида, дарза мебаст.

Дарзаҳои хушкидаи даравкардаашро метавонад, ки худи ҳамин рӯз ба маркабаш бор карда, ба хона бубарад. Беҳта-

раш, дарзаҳои офтобхӯрдаи ғарамкардаро аз ҷо наҷунбонад, барои осон шудани кор ва якбора бурдан мошини боркашон оварда, ҷони худу фарзандонашро аз ранҷу азоби бо маркаб кашондан бихарад.

Задани хор ва ба сӯзиш даромадани ҷояш мӯйсафедро аз банди хаёли кашондани дарзаҳо раҳонд. Қоматашро андак боло карда, лаҳзае аз дарав бозмонд. Сипас дастпӯшаки дасти чапашро кашид, ҷои хуншудаи ангушташро дид.

– Сурхии нон ҳам аз ин сурхӣ ранг мегирад. Одам барои таъмини осудагии зиндагӣ борҳо мемирад, – аз дил гузаронд мӯйсафед ва боз дастпӯшакашро пӯшид.

Буттаи навбатӣ, ки дар ғафсӣ аз ҳамрангонаш бартарӣ дошт, осон аз бех ҷудо нагардид. Дид, ки нашуд, онро бошаст тарафи худ кашид. Бутта аз ҷои қаламзадааш шикаст ва мӯйсафед мувозинаташро гум карда, ба пушт, ба замини даравшудаи пехдор афтод, гӯё ки бехабар ба рӯи тахтаи мехдор афтод.

Мӯйсафед сабаби афтоданашро дар хастагӣ ва камқувватӣ дида, дигар андешаи дарав накард, фикри қатор шудани дарзаҳои нав накард. Шамъи умедашро дубора наафрӯхт. Ба хорзори сари як по интизор не, ба майдони аз хор тозашуда чашм дӯхт. Баъд ба рӯи такмондаҳои хорҳо, ки ҳар кадом баробари як ангушт дарозӣ дошт, эҳтиёткорона по гузошт. Сипас домани майдони танги нигоҳаш фарохтар шуда, ба ғарамҳо бархӯрд. Ғарамҳоро як-як шумурд. Як, ду, се… шашто. Ҳар кадоме панҷоҳ дарза, ҷамъ сесад дарза. Ҳар рӯз барои нон пухтан ду дарзагӣ сарф шавад, ба як саду панҷоҳ рӯз мерасад. Зимистон навад рӯз, як саду бист дарзааш мемонад. Шояд аз ин ҳам камтар сарф шавад, зеро ки ҳамсараш ҳар рӯз не, рӯздармиён нон мепазад. Барои зимистон навад дарза кифоя, ду саду даҳ дарзаи бокӣ ҳам барои хонадони худаш басанда ҳасту ҳам барои хонадони ягон ҳамсоя. Ҳамсоягон ҳам ба хасу хор он қадар эҳтиёҷ надоранд, худашон аз пуштаҳо хасу хор меоранд. Як ғарамашро агар ба ягон бедастёр ҳам диҳад, боз даҳҳо дарза зиёдатӣ мемонад. Хулоса, захира бошад, ҷои истифода бурданашро медонад. Дигар дарав ҳам накунад, мешавад. Ҷонашро азоб дода барои кӣ медаравад? Мақсади асосӣ ҷамъ овардани аловӣ не, аз хор тоза кардани замини ҳосилдеҳ аст. Хоки ин замин нисбати хоки

дигар пуштаҳо фарбеҳ аст. Ин қитъаро тоза кардану миқдори дарзаҳоро ба панҷсад ё ки шашсад расонидан ҳам ягон зарар надорад. Вале ба ин хастагӣ, агар хастагиаш нагузарад, ба панҷсад расонидани миқдори дарзаҳо бовар надорад. Миқдори дарзаҳоро ба чорсад ҳам расонад, мешавад. Ҳоло то чошт хеле вақт аст, метавонад андаки дигар дарав карда, дертар ба хона равад. Мехоҳад бо шавқ дарав кунад, хорҳои даравидаро дарза бандад, дарзаҳои хушкидаро болои ҳам гузорад. Вале имрӯз бисёр хаста аст, мадори аз бех ҷудо кардани як буттаро ҳам надорад. Агар хастагияш ҳамин гуна давом кардан гирад, маҷбур мешавад, ки барои тоза кардани замин хорҳои боқимондаро оташ занад. Оташ зада ҳам наметавонад. Бояд, ки риштаи ин хаёлро аз банди маҷмӯи андешаҳояш барканад. Оташ, ки зад, хушку тар месӯзад, боғи самаровар месӯзад. Аз он ҷо ба боғи қадрдони деринааш мегузарад, ҳар он чи ки пеш омад, оташ ба комаш фурӯ мебарад. Бояд чанд рӯз дам гирад, дами беғам гирад. Қувват, ки пайдо кард, боз аз домони дарав медорад, қувват, ки пайдо накард, ба оғози некаш нуқтаи анҷом мегузорад. Ин ягона чора аст, хаёлҳои дигар бекора аст…

Кораш аз мӯи сар ҳам бисёр, вақти дамгирӣ намеёбад. Ҳама дарди хастагӣ аз он аст, ки кам мехобад. Баъди нимаи дуввуми рӯз, Худо хоҳад, маркабсавор аз пушта нишеб шуда, ба таҳдашт меравад, дар идораи ҳоҷагӣ мешавад. Бо роҳбарон ҳисобот дода, хабари иҷрои нақшаро мерасонад. Мегӯяд, ки ба қадри ду нақшаи солона мева супорида метавонад. Мегӯяд, ки имсол мева бисёр аст, бе мададгор ҳосилро беталаф ҷамъ овардан душвор аст. Боз мегӯяд, ки хорзорро тоза карда, ниҳол мешинонад, аз ин ҳисоб майдони боғро васеъ мегардонад. Хулоса, дар назди роҳбарон чӣ гуфтанашро медонад.

Мӯйсафеди банди ҳазору як хаёл хомӯшона қадам зада, ба миёнаҷои замин рафт, ба назди хару хӯрҷин рафт. Хӯрҷинро аз замин гирифта, ба пушти маркаб партофт. Ва баъд аз банди кадуи пур аз об дошта, роҳи осони ба маркаб савор шуданро кофт. Борачаеро дида, банди маркабро ҳамон сӯ тофт. Худро бедушворӣ ба рӯи ҷонвар гирифт, кадую банди мехдори харро ба пеши бар гирифт. Аз миёнаҷои роҳи кандааш, ки ду тарафашро қатори хор аз чашми мардум пинҳон мекард гузашта, ба майдони хорҳояш пасту назарногир омад, ба гӯшаи тамо-

шогоҳи пуштаву адир омад. Аз он ҷо манзарҳои гирду атроф ва дуриҳои дур, кӯҳу пушта, таҳдашт, деҳаҳои бар ба бар, рафтуои мошину тракторҳо ва аспсаворону харсаворон, хулоса, он чи ки ба муҳити кӯҳистону рӯзгори мардумаш хос буд, бараъло метофт. Аз он пуштаи аз таҳдашт баланд нисфи зиёди қаламрави хоҷагӣ ва як қисми дигар хоҷагиҳо метофт.

Нигоҳи мӯйсафед аввал аз пеши бараш ва баъд аз болои ҳар ду гӯши хараш гузашта, ба дуриҳои дур рафт, чун дастаи нур рафт. Ҳамон даста пеш-пеш ва соҳибаш аз думбол аз майдони хорзор берун шуда, ба тарафи рост, ба он майдоне, ки хасу хораш аз як–ду вақаб баланд қад надошт, тоб хӯрд. Баъди тоб хӯрдан тангтар шудани майдони гардиши нурҳои нигоҳашро пай бурд. Акнун теппаи баланди рӯ ба рӯ имкон намедод, ки ба таҳдашт ва деҳаҳои бар ба бар гузарад, ҳама ҷоро дар ҳисоби қаламрави худ дароварад. Дастаи нур то теппа мерафту меомад ва роҳи аз монеа гузаштан мекофт, вале гузаргоҳе намеёфт.

Мӯйсафед инони ихтиёрро ба даст гирифта, дигар дастаи нури нигоҳро ба ҳар сӯ рафтан намонд, ҳамон теппаи рӯ ба рӯро қадамҷои оворагонаш хонд. Дастаи нури нигоҳ маҷбур шуд, ки ба фиристандааш итоат кунад, ба сар фаровардан одат кунад. Андозаи гардишгоҳаш он қадар танг ҳам набуд. Дарозиаш аз ҳазор ва бараш аз панҷсад қадами соҳибаш кам набуд. Пуштаи хандақпеч ҷавлонгоҳаш буд, мисли хатҳои каҷмакаҷи бари теппа роҳаш буд.

Дастаи нур аз аввали теппа ҳар вақабу ҳар қадам ҷоро аз они худ карда, ба миёнаҷои полиз расид ва полизбони мисли ҳайкал беҳаракатро дид. Пешу қафо рафтанаш нишонаи дасту по гум кардани соҳиби бобаракаташ буд ва нишони ба низом даровардани давоми роҳи ҳаракаташ буд.

Дар воқеъ, баъди дидани полизбони қадрдон мӯйсафед дастаи нури нигоҳашро идора карда натавонист. Парокандашудагонашро ҷамъ оварда натавонист. Дастаи навбатӣ аз мамнӯъгоҳи нигоҳаш берун омада, дар лаҳзае полизбону полизу токзорашро печонд. Ҳалқаи бастааш пуштаи хандақпечи дигареро мемонд.

Мӯйсафед низ дар доми афкандаи худ афтод. Аз болои маркаб сухан гуфтанро беҳурматӣ дониста, баъд аз фаромадан ба рафиқи мушфиқаш салом дод:

– Ассалому алайкум, ака. Ассалому алайкум, ака. Наход овози маро нашунавӣ? Наход рози маро нашунавӣ? Бовар дорам, ки ҳамин лаҳза овози баланди маро аз деҳа, аз таҳдашт, аз сари кӯҳу лаби ҷар ва гӯшаҳои дигар мешунаванд. Мусофирон шунида, як қадам пеш намераванд. Даравгарон шунида, досҳоро ба замин мегузоранд. Подабонҳо шунида, аз парешонӣ подаашонро дубора мешуморанд. Наход овози маро дуриҳои бегона шунаваду наздиктарин ошно шунида натавонад? Шояд нуқс дар гӯши шумо не, дар овози ман бошад. Одам айби худашро худаш намедонад. Медонам, ки шумо овози маро хуб мешунавед, вале ҳазор фарёд, ки занам, дигар ҷавоби як фарёдамро намегардонед. Шумо ҳам аз кӣ ранҷиданатонро медонед. Шумо ҳақ доред, ки аз ман ранҷед. Хоҳиш мекунам, ки аввалин гуноҳамро бубахшед ва як маротибаи дигар кӣ будани маро бисанҷед. Ман ҳама гуноҳро ба гардан мегирам. Агар маро набахшед, пиҳил накунед, як умр ҷон меканаму намемирам. Агар қадри намаки шуморо надонам, кӯр мешавам, зиндадаргӯр мешавам.

Ака, барои ҷанҷолу хархашаи бачаҳо шуда, аз ёри қадимӣ малол нашавед. Ман наздиктарин ва безаволтарин одами шумоям, дур аз мани наздику безавол нашавед. Бачаҳо ранги ҳавои фасли баҳоранд, берун аз инони ихтиёранд. Лаҳзае абру раъду барқу борону ҷола доранду лаҳзае офтоб. Гоҳе боодобанду гоҳе беодоб. Ҳам хашми палангона доранду ҳам навозиши сагона. Ҳам коҳанду ҳам дона. Онҳо кӯдаканд, бехабар аз мафҳуми қадрдонию поси намаканд. Вале мо зиндашарику мурдашарики ҳамдигарем, нишонаи як қабилаем, фарзанди як оилаем, ёру бародарем, ҷудо фақат дар хонаву дарем. Бояд аз ҳамдигар малол нашавем, бояд аз пайи ҳар носозиву ҷанҷол нашавем.

Ака, чаро ақаллан ба як суханам ҷавоб намедиҳед, гапамро об ва ё тоб намедиҳед? Шояд аз нисфи заминро соҳиб шуданам ранҷидаед. Бо аризаи: – зӯрам намерасад, заминро тақсим кунед, – навиштаатон дӯсту бегонаро санҷидаед? Шояд аз ҳамин хорҳоро даравиданам малолед? Чаро хомӯш дар ҷавоби ин саволед?

Ака, такроран мегӯям, ки дарахти ҳастии мо решапайванд аст. Хотиру қадри шумо барои ман аз ҳама чи баланд аст. Ба-

ланд аст аз ин дашту майдон, аз боғи пур аз меваю хирмани пур аз дон, аз ҳама симу зар ва ганҷҳои дигар. Аз хотири шумо, агар аз ман заррае ранҷида бошед, аз баҳри ҳама чиз мегузарам. Шумоед ба ҷои бародари калонам, ба ҷои падарам. Фаҳмидед? Магар ҳарфҳои охиринамро ҳам нашунидед? Шунида бошед, ҷавобамро гардонед, маро дар вартаи ғам намонед.

Мӯйсафед аз бари хорзор, аз майдони нисбатан ҳамвор, сӯи теппаи ба замини ҳамвор моилбудаи полиз, ки дар байни полиз полизбон буд, бо овози баланд ҳикоят аз боби меҳру вафо кард, зорию илтиҷо кард. Вале аз он тарафи теппа ҷавобе наомад, ба ҷӯи умедаш обе наомад.

– Шояд овози маро нашунида бошад?Шояд маро надида бошад? – аз дил гузаронд мӯйсафед ва боз бо умед банди дарози маркаб дар даст, рӯ ба рӯи қадрдони дар баландӣ будааш нишаст.

Муддате нишаста садое нашунид. Дар як ҷо беҳаракат истодани полизбонро ҳам нафаҳмид. Дар маҳбаси андеша афтода, худро танҳотарин одами рӯи дунё дид. Ба худ нафрат хонд, худро сарзаниш карда, гирёнд.

Мӯйсафед дар ҳамин як лаҳза худро хубтар шинохт, худро марди аз оламу одам бехабар шинохт. Шинохт онҳоеро, ки барои бурди худ дурӯғ гуфта, одамро аз будаш зиёд баҳо медиҳанд, рӯсиёҳӣ карда бадномро дар бари некном ҷо медиҳанд.

– Себзорро аз полизу токзор ҷудо кардем, аз байни шиносон ёди ёри ошно кардем. Бори нигоҳубини полизу токзорро ба дӯши бобои Абдуғаффор мегузорем. Боғи себро ба ихтиёри шумо месупорем.

– Ман боғбон намешавам ва барои тақсими пуштаи хандақпеч ба назди қадрдони деринам намеравам. Хоҳиш мекунам, ки маро ба ҳоли худ гузоред. Себзорро ба ихтиёри ягон каси арзандатар супоред.

Самараи заҳматҳои кашида ва хандақҳои кандаи қадрдонро аз они худ карда наметавонам, тақсим кардани пуштаи хандақпечро кори хато медонам.

– Мо ҳам андеша мекунем, инсоф дорем,ҷавонмардем. Замини пуштаро аз пеши худ не, бо хоҳиши бобои Абдуғаффор ду тақсим кардем.

– Бовар надорам, ки одам бе фишору носозӣ ба тақсим кардани қаламрави умедаш розӣ шавад.Ягон бозингар намехоҳад, ки ихтиёран берун аз бозӣ шавад.

– Мо аризаи ба дасти худ навиштаи полизбонро дорем, онро асоснома мешуморем.

Полизбони пир навиштааст, ки дигар қудрати назорат кардани ин қадар майдонро надорам. Мехоҳам, ки қисми себзори пуштаро ба дигаре супорам. Ин хоҳиши маро ба назар бигиред, барои нигоҳубини боғи себ боғбони дигар бигиред.

Мани соддаи зудбовар ҳарфи ихтилофдоре ба лаб накардам. Дидани аризаи навиштаи қадрдонамро талаб накардам. Аслан нӯги кадомин риштае, ки сӯи сӯзану матои манфиаъате майли тоб хӯрдан дорад, одамро дудила ва сарашро калоба мекунад. Ва одам дертар хатои худро фаҳмида, беҳуда оҳу лоба мекунад. Ман ҳам мисли каси бачодуафтода, баъди андак дудилагӣ ба боғбонӣ розӣ шудам, ҳамроҳ ба ин бозӣ шудам. Беҳтараш ба ин кор розӣ намешудам, гирифтори носозӣ намешудам. Беҳтараш дар гапи аввалам устувор меистодам. Дудила намешудам, розигӣ намедодам. Бигузор хизмати хирсона мешуд, бигузор боғ аз они бегона мешуд. Он вақт, ба ҳар ҳол осуда монда, фикри ранҷонидани полизбону тароҷгарони боғ намекардам. Дили бедоғамро пур аз доғ намекардам.

Сабаби ба ду тақсим кардани пуштаро дертар фаҳмидам. Бо амри ҳамон дастаи гушначашм даҳҳо халта себ чидам. Борҳо сари полизу сӯи токзор рафтанашонро ҳам дидам. Ҳар ҳафта меоянд, ногуфта меоянд. Ҳам аз полиз мебаранду ҳам аз боғ, ҳам каргасанду ҳам зоғ. Халта-халта кашонданашонро дида, онҳоро дузд нагуфта, таъзимкунон гуселондам. Як дона кандану чашидани кӯдакону раҳгузоронро дида, дуздашон хондам. Ҳақ дорем гуфта, хӯҷаинон нисфи зиёди ҳосилро мебаранд. Ҳатто бо номи замини шарикӣ доруву пору гирифта, ба боғу ҳотаи худ бурда мерезанд. Хоки маблағҳои бо ин мақсад ҷудошударо мебезанд. Хароҷоти шахсиро ба хароҷоти замини шарикӣ ҳамроҳ карда, замини поруву дору нахӯрдаро «камҳосил шудааст» гуфта, тӯҳмат мезананд. Барои соҳиби хонаву қаср шудани худ гӯри мардумро мекананд. Афсӯс, ки замин забон надорад, агар забон медошт, ҳама розашро ошкоро мегуфт ва

пайи ин тоифаро аз роҳи худ мерӯфт. Бар замми ғам додану бурдану хӯрданашон, дина аввалин шуда нақшаи солонаи супоридани себро иҷро кардам. Боз ду-се маротиб аз нақша зиёд себ месупорам гуфта, дар сарам хаёли ӯҳдадориро ҷо кардам. Фикри хато кардам. Ба чашмашон гул ҳам, ки афтад, дигар як дона себ ба анбору дӯкон намесупорам. Боғро лош карда, ҳосили боқимондаро ба ихтиёри раҳгузорону ҳамдеҳагон мегузорам. Бигузор, ҳар касе, ки тавонад, чида хӯрад, барад, фурӯшад. Медонам, ки даромади аввалин ҷойи ҳама хароҷотро мепӯшад. Хулоса, аз хӯрдани чанд нафар дида, мардум хӯрад беҳтар, мардуми ранҷкаши аз роҳати дунё бехабар.

Маро ҳамон гурусначашмони ҳаққи мардухӯр боғдор не, доғдор карданд, полизи зоғдор карданд. Акнун ҳарфи мани фиребхӯрдаро беҳтарин қадрдонам шунидан намехоҳад, шояд аз ин пас дидорамро дидан немехоҳад. Ман ҳам ба онҳое, ки пуштаи хандақпечро тақсим карданд, яктану якҷонҳоро ду ним карданд, рӯи хуш намедиҳам, ба гапашон гӯш намедиҳам. Худи ҳамин шаб, агар шаби маҳтобӣ бошад, хаймаро канда, ҳама асбобу анҷомамро ба деҳа мебарам. Ба хотири поси ошноӣ, аз баҳри ҳосили боқимонда ва ғарами хорҳо мегузарам. Боғро лош мекунам. Барои дар назди қадрдонам сабуктар шудани бори гуноҳам ва кам шудани ғаму нолаву оҳам гӯсфандеро сар зада, хомталош мекунам.

Мӯйсафед дар ҳамин ҷо ба боби худмуҳокимаронӣ нуқта гузошт ва бори ҷисми хастаашро оҳиста рӯи по бардошт. Сипас банди мехдори дар дасташ бударо кӯтоҳтар карда, бо азобе ба маркабаш савор шуд. Рӯзи дигар ба ҷои хайма як суфаи гилрехта намудор шуд. Раҳгузарон шоху навдаҳоро то шикастан хам карда, ҳарисона себ мечиданд. Полизбони дар пуштаи рӯ ба рӯ бударо, ки чашм аз онҳо намеканд, намедиданд.

Полизбон фурсати рӯзона ба таҳдашт рафтану асли воқеаро фаҳмидан надошт. Аз дасти дуздону зоғон имкони аз дидгоҳ ҷунбидан надошт. Метавонист, ки баъди шом ба деҳа равад ва аз асли воқеа бохабар шавад. Ба хонаи ҳамдеҳагон ҳам баъди намози шом тарбузу харбуза мебурд. Самари заҳматашро танҳо намехӯрд. Вале ба хонаи Назаралӣ рафтану ӯро дубора ба боғи дар як рӯз тороҷгардида овардан фоида

надошт. Ҳар лошачин асари нохуби худро гузошт. Даҳҳо шохаву навдаи пурсамар шикаст, хандақ аз чандин ҷо роҳ шуду чапардар шикаст.

Аз боғ рафтани Назаралӣ полизбони пирро ғамгин кард, бори назорати пуштаи хандақпечро вазнин кард. Баъд аз тороҷ шудани себзор, тороҷгарон ба полизу токзор мегузаранд. Гузаранд ҳам сагҳо наемонанд, ки онҳо халта-халта тарбузу харбуза ва сабад-сабад ангур бубаранд. Майлаш бурда нӯши ҷон кунанд, фурӯшанд, танҳо хандақҳоро вайрон накунанд. Ҳар сол аз таъмири хандақ ба ҷон мерасам, ба асаби вайронкунандагон мерасам.

Назаралӣ на танҳо умеди худ, балки умеди моро ҳам барбод дод. Ба роҳгузарон хандақбароиву ба ҳаққи ҷамъият даст заданро ёд дод. Аз ҳама аламовараш он аст, ки худаш ба таҳдашт рафту ҳаволаи моро ба теппаву пушта кард. Ҳамрозу ҳамнишини дилшоди худро ба баҳри ғаму андӯҳ оғушта кард.

Бе ӯ ҳаво дар назарам сард метобад, пушта аз будаш зиёдтар зард метобад. Бори нахуст дар фасли гармо нишонаҳои айёми хазонро мебинам. Дар фазо абрҳои сиёҳи пур аз боронро мебинам. Овози шамоли баргрезонро мешунавам. Фарёди хасу хори аз ҳуҷуми бод гурезонро мешунавам. Дар пушти хандақ қарори дастаи раҳгузаронро мебинам, лашкари тороҷгаронро мебинам. Фурсатро ғанимат мешуморам. Мададгор оварда, ҳар чи зудтар ҳосилро меғундорам ва ба ҷойи таъиншуда месупорам. Бору бандамро баста ба таҳдашт меравам, боз ҳамсӯҳбати Назаралӣ мешавам…

Фасли тирамоҳ ҳам гузашт, даври ҳукми боди гардрезону парвози пари коҳ ҳам гузашт. Селоби хазон дар боғу пуштаи фарох гирифтори шикаст шуд. Шавкати полизу полизбон ва боғбону боғ намонд. Дар полизу боғ зоғ намонд. Барф борид, барфи аввалин. Ин барфи тунук мисли докае буд дар сари замин.

Дар ҳамин рӯзи барфолуд, ки замин баъди хастагӣ меосуд, дар роҳи дуртар аз деҳа ду муйсафед ҳамдигарро диданд. Баъди се моҳи дурӣ ба рӯзи дидор расиданд. Яке маркабсавар бо роҳи калон мерафту дигар пиёда аз ақиби маркаби бордор, бораш дарзаҳои тари хор аз роҳи борики байни

дашт меомад. Аз садои ҷунбишу гуфторашон овози дардолуди умри даргузашт меомад. Яке бобои Абдуғаффор буду дигаре бобои Назар. Аз борҳояшон пайдо буд, ки яке аз хонаи Усто-Барот меомаду дигаре аз Обдони Кӯчар.

Бобои Назар аз пеши маркабаш гузашта, лаҳзае ҷонварро боздошт. Бобои Абдуғаффор нӯхтаро сахттар кашида, маркабашро ҳаракат кардан нагузошт. Бобои Назари даступо гумкарда, гуноҳдореро мемонд. Маркабаш ҳам беқарорӣ карда, борашро аз пушт партофтан мехост, вале банди аз таги шикамаш гузашта, ба амалӣ шудани ин мақсад халал мерасонд.

– Назаралӣ, вақтҳои охир бисёр камнамо шудаӣ,

тухми анқо шудаӣ. На хатат ҳасту на хабарат. Маслиҳат напурсида, бармаҳал лош кардӣ боғи пур аз самарат.

Имсол боғат серҳосил буд. Он ҳама ҳосилро ҷамъ овардан кори мушкил буд. Метавонистӣ аз нақша ду-се маротиб зиёд мева супорӣ, дар як соли боғбонӣ ном барорӣ. Намедонам барои чи аз ин амали нек даст кашида, ҳосили боқимондаро ба ихтиёри раҳгузарону тороҷгарон додӣ. Чаро як моҳи дигар дар пушта наистодӣ? Бе ягон гап дар як шаб бору бандатро бастӣ, бе маслиҳати ту кор намекунам мегуфтӣ, аҳдатро шикастӣ. Ҳамин қадар ҳунар, ки доштӣ чаро боғбониро пеша кардӣ? Рафтию маро побанди ҳазору як андеша кардӣ? Майлаш, кори шудагӣ, шуд. Давраи ташвишҳо гузашту айёми осудагӣ шуд. Ман радиоямро, ки дар сари замин вайрон шуда буд, бурда соз кардам, гунгеро соҳиби овоз кардам. Қисса кӯтоҳ, ман аз дидани Усто-Бароту таъмир кардани радио намондаму ту аз хоркашонӣ намондӣ. Аз афташ аз таҳдашт захираи дусолаи алобиро кашондӣ?

– Фақат ҳамин рӯз, аз сабаби як сари хас надоштан ба таҳдашт рафта, панҷ дарза хор даравидам. Ва чандин пуштаи пурхорро дидам.

– Аз ин хорҳои тармазза танӯр ҳам гарм намешавад. Инҳоро дида, дили ҳамсарат ҳам нарм намешавад. То ин хорҳои тар хушк мешавад, ки нисфи зимистон мегузарад. Ин хорҳоро, ба фикрам ғайри ту барин ҷонбезор касе даравида ба хонааш намебарад. Чаро дарзаҳои хорҳои ғарамкардаатро намекашонӣ? Ба умеди фикри захира кардан машав,

ки онҳоро мепӯсонӣ. Гумон мекунӣ, ки соли дигар хор намерӯяд. Хор гул нест, ки ҳар сол шинонӣ, худаш барои аз зери хок сар боло кардан роҳ меҷӯяд. Барои ҳамин ту ҳам хорҳои дар пушта ғарам кардаатро зери барфу борон намон, ҳар чи зудтар онҳоро ба хонаат кашон.

– Ака, маро бубахш. Агар барои дандонкобӣ чӯбак ҳам наёбам, он хорҳоро намекашонам. Як сабаби малоливу ба ман гап назаданатро аз пушти ҳамин хорҳои сабил медонам. Сабаби шабона кӯч бастани ману лош шудани боғи пурҳосил ҳам ба суолам ҷавоб надоданатон буд. Дами фарёдам хомӯш истоданатон буд.

Вақте ки ба суханҳои илтиҷоомезам ҷавоб надодед, маҷбур шудам, ки шабона хаймаамро канда, бору бандамро бубарам. Аз баҳри боғи пур аз меваю хорҳои ғарамкардаам гузарам.

– Назаралӣ, ин тавр магӯед, аз ман хислати фахр кардану қаҳрӣ шуданро маҷӯед. Ман бо шумо гап назадану ба саволатон ҷавоб надоданамро ёд надорам. Наход фарёди одами аз ҳама наздиктаринамро, яъне фарёди худамро шунида, овоз набарорам. Ин ба доираи ақл ҳам намегунҷад. Меҳру муҳаббати беандозаи мо ба ягон қиссаву нақл ҳам намегунҷад. Ҳақиқати ҳаёти мо барои ғайри мо афсона аст. Дунёи ошноии мо барои ноошноён бегона аст. Худамонро танҳо худамон медонем. Дирӯз тавоно будем, имрӯз нотавонем. Дар деҳа ду кӯҳансол мондаем, ду қоматхамида ва ду аломати савол мондаем. Ҷунбишу ҳаракати шабонарӯзӣ ва кам хӯрдану кам хуфтан моро аз мурдан нигоҳ медорад, аз бехабар ҷон супурдан нигоҳ медорад. Ҳамсолони мо, ки хӯрданду хуфтанду роҳат карда гаштанд, зуд аз дунё гузаштанд. Ду тани зиндамонда, ки дар шодиву ғам ва сахттарин рӯзҳо аз имтиҳони дӯстӣ гузаштаем, бояд имрӯз иншои хатодори ин дафтарро аз нав насанҷем. Яке бори ранҷи дигарро ба дӯш гирему аз ҳамдигар наранҷем. Мо ба сӯҳбату дидори худамон мӯҳтоҷу зорем. Бояд ҳамдигарро зери бори шубҳа нагузорем.

– Ака, ман ҳаргиз шуморо зери бори шубҳа намегузарам, шумо бегуноҳед, ман гунаҳгорам. Беандешагӣ карда, боғу ҷои дараватонро гирифтаам, ними қаламраватонро ги-

рифтаам. Шумо ҳақ доред, ки бо ман гап назанед, ҷавоби саволамро магӯед. Сад шукр, ки ҳоло бо ман дар гуфтугӯед.

– Ин гапҳои дупуларо бимонед. Фақат як чизро бояд бидонед. Ин боғу майдон аз сари ҳамаи мо сабил мемонад. Он ки муддате пой дар гил мегузорад, албатта, рӯзе сар дар гил мемонад. Касе, ки донову дурандеш аст, медонад, ки дар ҳама дороиву сарватмандӣ нишонаи фиреб хӯрдану фанд аст. Аз ҳазор боғу майдон ва дигар ганҷинаи ҷаҳон қадри як қадрдон баланд аст. Барои ҳамин такроран мегӯям, ки дар куҷо бо шумо гап назадану ба саволатон ҷавоб нагардонданамро ёд надорам.

– Ҳақ номи Худост, он чи ба шумо гуфтаму ҷавоб нагирифтам, бори дигар ба ёд меорам.

Дар ҳамон пуштаи хандақдор, шумо дар байни полизи бари теппа будеду ман дар ҳамвории бари хорзор. Аз пастӣ сӯи баландӣ чандин маротиб салом додам, ака гуфта, гиреҳҳои ришатаи розамро кушодам. Вақте ки ҷавобе нашунидам, «шояд овозам ба гӯшаш нарасида бошад», гуфта, беодобона фарёд задам. Баъди бечавоб мондани фарёдам, ба хотири дар назди шумо шустани гуноҳам пушти по ба олами фитнаву бебунёд задам. Рафта дар сари хашму ғазаб сари ҷигарбандамро кафонда, хаймаро шабона канда, боғро лош кардам, аз баҳри хорҳои даравидаам гузаштам. Ба худ нафрат хонда, аз сарҳади хати кашидаам гузаштам.

– Назаралӣ! Дигар ҳоҷати шарҳ додан нест.

Ҳамаашро фаҳмидам. Акнун метавонам гӯям, ки на шумо марову на ман шуморо дидам. Шумо, Назаралӣ, бо хӯса гап задаед. Бо хӯсаи азимҷусса гап задаед. Бо хӯсае, ки онро аз чӯб устухонҳои пову сутунмӯҳра ва аз қаҳдарза гӯшту пӯсти бадан буд. Дар танаш эзору куртаву ҷелак ва дар сараш саллаи ман буд. Он хӯсаро чунон устокорона сохтаам, ки дар сурат аз ман фарқ надошт. Зоғ аз он метарсид. Шабона дузди ба полиз наздикшуда ҳам аз он меҳаросид.

– Ака, маро масхара накунед, ба хӯса будани он ҷелакпӯши салладор бовар надорам. Худи худатон будед, ба ин хотир ман он дарзаҳоро аз пушта ба хона намеорам.

– Бовар кунед, ҳамон ҷелакпӯши салладор хӯса буд, ман набудам, хӯсаи азимҷусса буд, ман набудам.

– Шумо набудед, вале ҷелаку эзору пероҳани шумо буд, нишонаи бадани шумо буд. Саллаи шумо буд, нишонаи каллаи шумо буд.

Ҳаминаш ҳам барои ман бас аст. Хас ба дидаи эътиқод ҷои кас аст. Аз ин хотир ман он хорҳои ғарамкардаро аз ҷояшон намеҷунбонам, онҳоро аз они худ намедонам. Бигзор пӯсанд, хоку хокистар шаванд, парво надорам. Хулоса, зори сари як хас ҳам гардам, онҳоро ба ҳавлиям намеорам.

Бобои Абдуғаффор ба ҷойи ҷавоб як табассуми ширин карда, дигар таги дили ихлосмандашро накофт. Ва дар ҳамин ҷо сӯҳбати ду мӯйсафед, ду шохаи ларзони бед анҷом ёфт. Онҳо рафтанду аз пай танҳо хиш-хиши ба замин ва бо ҳамдигар барҳӯрдани хорҳо ва садои помонии маркабҳо ба гӯш мерасид. Бо дуртар рафтану аз назар пинҳон шудан садоҳо низ хомӯш шуданд. Дар ин лаҳзаҳо шояд аз дидагони ҳар ду ҳам ашки ба охир расидани навбати ҳастиву сиришки ҳасрати рӯзи ҷудоӣ мечакид.

Рӯзи дигар бобои Назар дар ҳамин соат аз саҳро хорҳои тармазза оварда, дар рӯи ҳавлӣ дарзаҳои беҳисоби уштурхорро дид. Баробари дидани ин манзара фаровардани бори маркабашро фаромӯш карда, бо сари хам сӯйи хонаи ёри кӯҳан хатти роҳ кашид…

ПУШТАИ ХАНДАҚПЕЧ

Он пушта танҳо он пушта нест,
Ин ошуфта танҳо ин ошуфта нест,
Ин гуфта танҳо ин гуфта нест,
Хоби бедории мо бедории хуфта нест.

Хобам ё бедор? Бедорам ё хоб? Ҷавобам ё суол? Суолам ё ҷавоб? На инам, на онам, на дар хоби гаронам, на бедори ҷовидонам. Ман бедори хобам, суоли осонҷавобам. Фалсафаи зиндагиям дар сурат панд аст, вале дар маънӣ фанд аст. Аз дигарон низ ҳамин хел аст, пешвозу гусел аст. Бедор гаштану хуфтан аст, гард рехтану рӯфтан аст. Шабро рӯзу рӯзро шаб кардан аст. Умрро сарфи хаёли ҳазору як матлаб кардан аст. Хулосааш омадану рафтан аст, омадану мондан нест. Ин фал-

сафа шояд барои гӯш кардан аст, барои хондан нест. Балки ин фалсафа ончунон соддаву хандаовар аст, ки ба як лаҳза андеша кардан намеарзад. Ин пунбаи зоҳиран нарму ботинан сангин ба парвардан намеарзад. Ин талқингари бедорӣ намедонад, ки хоб гоҳо аз бедорӣ беҳтар аст, хоб гунги ишоратгар аст. Хоб дидани дидорҳои бегуфтугӯст, пайдошудагонибечустучӯст. Ин ба замони мо, ки тори асаби мардумаш бори суханро намебардорад, мувофиқ аст. Хулоса, бедории гӯё булҳавас асту хоби ишоратгар гунги ошиқ аст.

Бедории баъди хоб гирехҳои ришгаи айбу гунаҳро кушодан аст, ҳукмравоии мулки танро ба ихтиёри нохуну дандон додан аст. Бедории баъди хоб бедории нохуб аст. «Аз хоби гарон хез» – гуфтан ҳидоят кардан ба роҳи шӯру ошӯб аст.

Пас ман хобам ё бедор? Бедорам ё хоб? Ҷавобам ё суол? Суолам ё ҷавоб? На инам, на онам, на дар хоби гаронам, на бедори ҷовидонам. Ман бедори хобам, суоли осонҷавобам. Балки навбедорам, саворест дар ғуборам. Савори одилу оқилам, на ҷоҳилу қотилам. Ман Манучеҳри Алишерам, гушнамарги чашмсерам.

Ман ҳарфи дилро аз нигоҳ омӯхтаам, дарди ҳастиро аз оҳ омӯхтаам, тоби хомӯширо аз роҳ омӯхтаам, ҳифзи оби ғамро аз чоҳ омӯхтаам.

Сокини олами маърифатам, бегона ба дунёи манфиъатам. Мусофири роҳи номусу нангам, гоҳо ба ҳама мумӣ дарҷошинонандаи регу сангам. Нотавон ҳам, ки бошам, пеши бади тавоно сарамро хам намекунам. Ба ҷароҳатам хокистари намади сӯзандаро марҳам намекунам. Ҳарчанд, ки дунёи меҳрам, гоҳо барои дар хонаи дил ҷо додани дастаи кинаву ғазаб маҷбурам. Гоҳо суроғи сиёҳӣ меравад ҳидоятгари нурам.

Чи тавон кард, ки инсон як дунёи ниҳоят мураккаб шинохта шудааст. Бинои ҳастӣ аз гили ростию хишти найранг сохта шудааст. Одам гили пинҳонгари одамро дида, хишташро намебинад. Кишташро мебинаду дони зери хоки кишташро намебинад. Масалан, ман бо Зуҳур аз хурдӣ як ҷо калон шуда, ҳамроҳаш хонаву ҳавлии кӯдакона сохтам. Аз чашма об, аз пушта хас, аз беша ҳезум оварда, ӯро мешинохтам. Мешинохтам, на ба он ранге, ки имрӯз аст. Намедонистам, ки ӯ дар

назар мироб, вале дар амал заминсӯз аст. Оташест, ки ногаҳон замини қисмати дигаронро месӯзад, аз ҳисоби сӯзи ғами мардум шамъи фараҳи худро меафрӯзад. Кӣ будани Зуҳурро, ҳамсояи на он қадар дурро дар даҳ соли охир хубтар фаҳмидаам. Ҳине, ки ӯро дар пуштаи хандақпеч дидаам. Имрӯз ба ҳамон наздиктарин шинос зоҳиран наздикам, ботинан аз ӯ дури дурам. Аз хотири ёдҳои хуши рӯзҳои бебозгашти кӯдакию наврасӣ шикандаи по не, тозагари пайи Зуҳурам. Зуҳуре, ки пояшро дар роҳу қадамҷои падарам мемонад, дар роҳ не, по ба тори сарам мемонад. Гӯё, ки наълу мехҳои мӯзаи нимчармаш риштаҳои рағзаи роҳамро меканад, балки аз қолини ин роҳ гулҳои нигоҳамро меканад. Садои пояш тоби хомӯшиамро барҳам мезанад, худфаромӯшиамро барҳам мезанад. Рағми ин садо овози ошноеро мешунавам, хаёлан сӯи овоз медавам. Соҳиби овозро мекобам, вале намеёбам. Боз ин овоз аз дару девор ба гӯшам мерасад, заҳри неше ба нӯшам мерасад. «Беҳавсалаҳо, номдорони бенанг, хомаҳои гумкардаранг, созҳои гумкардаоҳанг».

Ин овоз аз наздики наздик не, аз дури дур аст, аз дили гӯр аст, аз теппаи баланди болои зодгоҳ аст, овози қиблагоҳ аст. Дар он ҷо қиблагоҳам хоб аст, дар он ҷо сарчашмаи меҳру оҳам хоб аст.

Ин овоз чӣ гуна аз пуштаи болои деҳа ба гӯши мани муқими шаҳр омада расид? Ғайри ман чаро каси дигаре ин овозро нашунид? Ин овози наврасида нест, овози деринаву шинос аст, овози ошное, ки ҳастии ман аз ҳастии соҳибаш мерос аст. Оҳангест, ки дар сози гӯши хаёли ман хоб аст, интизори расидани мизроб аст. Мизробаш нохуни ёдҳост, тавлидгари фарёдҳост.

Ман ин фарёдро, ин овози таъкидиро мешунавам, хаёлан сӯи русто меравам, бо лашкари хашму ғазабам, бо шӯрангезони хаёлии дунёталабам. Меравам ба қасди Зуҳуре, ки қадамҷои падарамро гирифтааст, пуштаи хандақпечро не, пуштаи сарамро гирифтааст. Меравам, маро ҳеҷ кас аз роҳ баргардонда наметавонад, агар наравам, рӯзе ин ё он шӯрандози хаёлӣ хонаи диламро метарконад.

Ин овози ошно аз роҳи гӯш ба хонаи мағзу майнаам сар дароварда, ҳама қаламрави вуҷудамро ҷавлонгоҳи худ кард ва

маро берун аз хонақоҳи худ кард. Ҳар як ҳарфи сухани ошно мӯҳраи тори асабам шуда, ба шаддаи хотироте мубаддал гашт ва оқибат дар баёзи гардани андешаҳоям бастаи мукаммал гашт. Ин бастаро кандаву ин мӯҳраро афканда натавонистам. Ин риштаро кӣ танг бастааст, донистам. Ин кори ҳамон Зуҳур аст, Зуҳури рустоӣ, ки аз шаҳр дур аст. Хиёнаткорона ҳангоми масти хоб буданам омада, ин шаддаро дар баёзи гардани мағзу майнаам бастааст. Дар бедорӣ ҳам пеши назарам пайдо мешавад. Ин лаҳза низ гӯё ки чун мижгон рӯ ба рӯи дида нишастааст. Маънии нигоҳи тезамро медонад ва нигоҳашро аз нигоҳам мегурезонад. Мехоҳам бо ӯ аз бобе гуфтугӯ карда, гиреҳи риштаи дарди деринаро кушоям. Боз худдорӣ менамоям. «Бало ба пасаш» – гуфта, аз ин боб ҳарфе ба забон намеорам, ба дафтари хаёлам сенуқта мегузорам. Сенуқта ҳам ифшогари маъниҳои печидаанд. Ин нуқтаҳо чашмҳои сафеди дафтарамро мардумакҳои дидаанд. Сӯям пайваста менигаранд, гӯяндаи розҳои ногуфтаи падаранд. «Беҳавсалаҳо, номдорони бенанг, хомаҳои гумкардаранг, созҳои гумкардаоҳанг.»

Хобам ё бедор, бедорам ё хоб? Ҷавобам ё суол, суолам ё ҷавоб? На инам, на онам, на дар хоби гаронам, на бедори ҷовидонам. Дар миёни баҳри пурмавҷи зиндагӣ чун ҳубобе дидаи ҳайронам.

Ҳарчанд, ки пайваста андеша мекунам, асрори фиреби ҳастиро намедонам, ҳастие, ки маънии фалсафааш фиреб аст. Маҳруми дидани шукуфтани гулаш андалеб аст. Фиреб, ки набошад, чи сон мани муқими шаҳр дар як мижа задан даҳҳо фарсах роҳро тай карда, худро дар русто мебинам, дар роҳу пуштаҳои ошно мебинам. Гоҳо ин лаҳза дар пуштаи Регравонам, суруди «Биё бурем регравон» – ро мехонам. Аз куҷо ва чи гуна рег гирифтанро медонам. Борҳо кирдори селона кардаам, регҳоро дарбадару бехона кардаам. Барои чакдону дегдони хонаамон ва хонаи тағояму холаам рег бурдаам. Неши алмосранги сангҳоро хӯрдаам. Пойҳои озорнадидаамро бо умеди гирифтани рег хунолуд кардаам, вале дили модари аз ин захм бехабарро хушнуд кардаам.

Дар поёни пуштаи Регравон санги калон аст, аз сояаш баҳравар амаки Абдуҷаббори гӯсфандчарону китобхон аст.

Гаштаву баргашта баланд – баланд бо оҳанги ба худ хос ғазалҳои Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртиро мехонад. Мӯйсафед як лаҳзаи умрашро беҳуда намегузаронад.

Ғазалхонии амаки Абдуҷабборро мешунавам, ба наздаш меравам. Вале ӯро намебинам, лаҳзае бо ёдаш дар сояи санги калон менишинам.

Хасми аҷал шабохун зад ба кишвари ҷонаш, гурги фалак нобуд кард гӯсфандонаш. Рафту монд пуштаи Регравону сояи санги калонаш. Пуштаи мазор шуд ҷои хобаш. Дигар ғазал намехонад, дар дасти кӣ бошад китобаш?

Садои ҷар шудани сангҳо, сангҳои пуштаи Регравон ба гӯш мерасад, фарёди ҳазорон регу санги хомӯш мерасад. Сангҳо аз парак-параку давак-даваки бузҳои гушначашм ҷар мешаванд. Регҳо аз ҳуҷуми сангҳо дар паропар мешаванд. Бузҳоро касе ҳақораткунону сангзанон аз боғу полезаш сӯи пуштаи Регравон меронад. Ҳар буз аз тарси ҷон хез зада, сангеро меафтонад. Сангҳои ҷаршуда ба регҳо бархӯрда нолаву фарёд мешаванд, олами эҷод мешаванд. Он ҳақоратгару азобдиҳандаи ҳайвон ҳам Зуҳур аст, ҳамон қадпасти аз раҳму шафқат дур аст. Не, Зуҳур нест, марди қоматбаланд аст, ба Қосими Амин монанд аст. Зуҳур аз ташвиши ба боғаш даромадани одаму ҳайвон озод аст. Дар ин бобат худодод аст. Боғбонӣ барои ӯ ҳеҷ аст, заминаш хандақпеч аст. Боғи умрашро аз чашмаи умеди дигарон об дода мегардад, буруташро тоб дода мегардад. Аз ранҷи падари ман роҳат дорад. Вале боре номи қиблагоҳамро ба забон намеорад. Танҳо дар фикри бурди хеш аст, кӯтоҳандеш аст.

Чашмам ба боғи хазоншудаи бобои Мулло Худойназар меафтад, ба хонаи ҳастиам шарар меафтад. Аз оташи ғаму андӯҳ саропо месӯзам. Ба таҳҷои боғе, ки танҳо ду – се дарахти пираш нишона мондааст, дидаи ҳасрат медӯзам. Тарҳи рӯи нохуби Зуҳур аз пеши назар нопадид мегардад, чеҳраи нуронии боғбони пир тавлид мегардад.

Мулло Худойназар фарзанд надошт, вале худро бефарзанд намепиндошт. Кӯдакони деҳа фарзандони ӯ буданд, параҳои ҷони ӯ буданд. Қатор шуда, ӯро суроғ мерафтанд, сӯи боғ мерафтанд, хушдимоғ мерафтанд. Медонистанд, ки доманашон аз шоҳисеб пур мешавад. Медонистанд, ки касе аз боғи мӯй-

сафед ноумед намеравад. Ҳоло аз он себҳо ва аз он пири саховатманд, нишоне намондааст. Сарвари лашкари ҳастӣ сарбозони аз хидматмондаро аз сафаш рондааст.

Ҳамсараш – кампири Сафармоҳ ҳам аз дунё гузашт. Хонаи бесоҳибашонро бечораи бехонае соҳиб гашт. Ин хона аз хонаи Зуҳур дур набуд. Хайрият, вақти гирифтанаш Зуҳур набуд. Вагарна хасашро ба касе надода, ҷои он ҳавлиро ҳам бехабар мегирифт. Аз боғаш самар мегирифт.

Кампири Сафармоҳ ба мо нону шир медод, маскаву фатир медод. Ба ангуштонаш ба зери манаҳи мо сиёҳии таги дег шакида, гулудардро даво мекард, моро аз банди нафаскашии мушкил раҳо мекард. Меҳрубони мо буд, дилу ҷони мо буд. Рафту дар гӯшаи андеша кулбаи ёдаш монд, меҳрбунёдаш монд.

Дар болотари боғи бобои Мулло Худойназар таҳҷои боғи бобои Сафар аст. Дарахтони пурмеваи мардумкандааш танҳо дар замини хаёли ёдовар аст.

Бобои Сафар ҳам боғи хуб дошт. Барои афтодани меваҳои шохаҳои баланд ходачӯб дошт. Шохаҳои пурмеваи аз девори боғ берунаш дасти пурсаховати мӯйсафедро мемонду ҷилваи шоҳисебҳо ҳамаро тарафи худ мехонд. Ҳар шоҳисеб ба сурати шоҳписараш метофт. Аз боғи ҳастӣ шоҳписарашро мекофт. Ниҳолҳоро бо ёди ягона бачаи шаҳидгаштааш месабзонд, аз ғами гумкардааш доира зада, суруд мехонд.

Дар ин лаҳза саворе аз пеши назар мегузарад. Савору аспи самандаш хаёламро мебарад. Акаи Қурбон ба ёд меояд. Ба гӯшам фарёд меояд. «Пагоҳ Нозими Салим хурсандӣ дорад, арӯс мефарорад. Ин бегоҳ нони маслиҳати ҷашни арӯс, боз дер намонед. Намози шомро дар ҳуҷрааш мехонед».

Мешавам гирён, куҷо шуд Қурбон? Куҷо шуд Қурбони камбағал, шарики шодию ғами мардуми маҳал. Бечора, ки имкони хайру худоӣ кардан надошт, ҳамаро ба ҷашну мотам хабар мекард. Аспакӣ ба деҳаҳои дуру наздик сафар мекард, гоҳо шабона аз ҷойҳои ваҳмангезу пурхатар гузар мекард. Ҳайфи савори аспи саманд, ҳайфи Қурбони мардумписанд. Аз дасти гулӯгири аҷал агарчи хомӯш аст, вале ҳанӯз ҳам акси овозаш дар гӯш аст.

– Чалиш, эй Чалиш, мардуми гузаратонро ҷаноза хабар

кун. Зуд дар назди анбор ҷамъ шаванд, онҳое, ки имкони рафтан доранд. Бобои Сайфи Хушобакӣ гузаштааст. Баъд аз намози пешин ба хокаш месупоранд. . .

Аз тарҳи роҳи калоне, ки ҳанӯз ҷо-ҷо чун ҳарфҳои хате дар дафтаре дар деҳи матрук мондааст, таҳҷои ҷувози бобои Ҳакимро мекобам ва бехато меёбам. Балки пайи қадами айёми кӯдакии худро мебинам. Ёд меорам лаҳзаҳои ширинам. Аз замини даравшуда хӯшаи ҳасрат мечинам.

Дастаи кӯдакон нон дар даст, давида ба шаст ба дари ҷувози бобои Ҳаким мерафтем, «нонамонро дар равған тар кун» мегуфтем.

Мӯйсафед, ки аз ғам додани мо ҷонбезор шуда буд, дами дарро гирифтани моро ҳам, ки медид, худро нодида вонамуд месохт. Ҳар кадоми моро дар шаби торик ҳам аз нафаскашиву дастдарозкуниамон мешинохт, дар пастӣ буду мо дар баландӣ, ӯро ғами таъмини ҳоҷати мардум буду моро хурсандӣ. Аз пайи аспаш гашта, мисли тири ҷувозаш тоб мехӯрд, тоби беҳисоб мехӯрд. Чашмони мо ҳам бо умеди истоданаш тоб мехӯрданд, ӯро меоварданду мебурданд. Зағир, ки рӯғану кунҷора мешуд, оби даҳони мо ба шоридан овора мешуд. Ҳар кас мехост, ки нони худаш дар рӯған тар шавад ва шодикунон аз дар берун равад. Дар ҳамин ҷо ҳам Зуҳур навбатро вайрон мекард, хашми мӯйсафеди хасташударо меовард. Агар ҳамон замон мефаҳмидам, ки фардо Зуҳур ҷои қиблагоҳамро мегирад, ҷавлонгоҳи нигоҳамро мегирад, ором намеистодам, телааш медодам. Ба санги рӯи чигинаи ҷувоз зада, дандонашро мешикаст. Дар дасташ нони калонашро мешикаст.

Он вақт ҳам зӯрам ба ӯ намерасид, зӯри неши хор ҳам ба он ору намерасид, аз ман се сол калон буд, ҳамон замон ҳам корчаллон буд. Ҷабр ба кӯдакони аз худ хурд мекард «Нони киро уштур созам» – гуфта нонҳои дар рӯған таркардаи кӯдакони соддаро газида, аз ин ҳисоб бурд мекард.

Бо айби Зуҳур, ки мӯйсафед ӯро ниҳоят бад медид, кӯдаконро аз дараш меронд. Ва дари ҷувози торикашро аз дарун мепӯшонд. Дар берун байни кӯдакони ноумед шӯру ғавғо мешуд ва Зуҳур нишони камони дидаҳо мешуд. Баъд ҳама ноумед мерафт, ман ҳам. Вале дубора тоб хӯрда меомадам, то расам ба мақсадам. Интизори даркушоии мӯйсафед мегаштам,

интизори олами умед мегаштам. Ногоҳ овози пуралами дари куҳна баланд мешуд, дили ман хурсанд мешуд. Мӯйсафед сарашро аз дари коргоҳаш бароварда, ин сӯ он сӯ назар мекард, назар ба дуртар мекард ва маро дида «Ҳолӣ ҳам дар ҳамин ҷойӣ» – гуфта, аввал хашмгинона, баъд хандида нонамро дар рӯғани навкашида тар мекард. Ин некиро аз хотири падар мекард. Ширинтарин хӯрданӣ буд нони таршуда дар рӯғани зағир. Ширинтарин хӯрданӣ буд дар машки амаки Азизу Тухсабойи пир. Атрофи деҳа чарогоҳи гӯсфандонашон буд. Ду дидаи ман сӯи машки айронашон буд. Аз хотири падарам ба ман Файзиддини Зайниддин олучаву зардолу медод. Нурмуҳаммади Мир себу шафтолу медод. Хулоса, аз хотири падарам бурд насибам буд, ҳама ғамхору ҳабибам буд. Ҳамсолон низ бори нозамро мебардоштанд. Тухми меҳрамро дар мазраи дилашон мекоштанд. Дар ин миён Зуҳур майсаи киштаи умедамро даравидан мехост, маро хирмани холӣ дидан мехост.

Инак, падарам боз бемузд хандақ меканад, ба умеди ба боғаш надаромадани дузд хандақ меканад. Меканад баробари се қади ман, барои тороҷ нашудани дороиҳои Ватан. Ба хастагӣ тан надода, канданашро давом медиҳад. Кандани ҳар қадам хандақро бо ченаки набаромадани Назари дузд анҷом медиҳад.

Назар ба як ҷаҳидан худро ба болои аксар девор мегирад, гули таги чашмкардаашро аз бағали хор мегирад. Вале бехбехи хандақи кандаи падарам гашта, роҳи осон ба боло хез заданро намеёбад, роҳи ба боғ даромаданро намеёбад. Ноумед гашта меравад. Бо дили пурҳасрат аз бари боғ гузашта меравад.

Зуҳур низ ҷонканиҳои падари пурҳунарамро медид. Рӯю риши пурхоку куртаи дар арақ тари падарамро медид. Вале имрӯз он лаҳзаҳоро ба хотир овардан намехоҳад. Рамаи нафси бадашро аз ин пуштаи хандақпечи ҳелмонанд баровардан намехоҳад.

Ин лаҳзаҳо хира-хира ва нопурра дар бедорӣ пеши назар пайдо мешаванд, дарди бедаво мешаванд. Вале дар ҳолати хоб қисмати гузашта ранги дигар метобад, ворис волидайни гумкардаашро ба сурати асл меёбад, бо онҳо гуфтугӯ мекунад, дидани дидори некашонро пайваста орзу мекунад.

Пас ман хобам ё бедор, бедорам ё хоб? Ҷавобам ё суол, суолам ё ҷавоб? На инам, на онам, на дар хоби гаронам, на бедори ҷовидонам. Не, ман хобам. Гоҳо хоб аз бедорӣ беҳтар аст, хоб гунги ишоратгар аст.

Инак ман хобам. Мехоҳам аз хоб бедор нашавам. Аз кабириам монда, ба ятимӣ гирифтор нашавам?Дар хоб падару модар ҳамроҳи ман аст. Дар сурати лашкари меҳру навозиш ҳазорон ҳазор ҳимоятгар ҳамроҳи ман аст. Дар бедорӣ чеҳраи онҳоро пурра дида наметавонам. Рассоми машҳур ҳам бошам, расмашонро ба он ранге, ки буд, кашида наметавонам. Тасвир ҳам намоям, тасвир беҷон аст, нишонае аз водии хомӯшон аст. Вале дар ҳолати хоб падару модарам зиндаанд. Меросгузорони хоки кишварам зиндаанд. Машғули коранд, побанди ташвишҳои рӯзгоранд, дар фикри ободии диёранд.

Модарам дар назди оташдони бари чайлаи полез аст. Аз дуди оташи дегдон дидагонаш ашкрез аст. Хасмайдаҳои чидаашро ба дегдончаи лахчадор ба тартиб мегузорад. Лахчаро пуф карда, оташ мегиронад ва об мечӯшонад. Барои ҳосил шудани мақсад оташкобро мекобад. Ҳамон ранге, ки харобу дардманд ва чашмонаш фурӯ рафта буд, метобад. Боз тани ранҷурашро мебинам. Ба зиёраташ ҳам нарафта, аз дур гӯрашро мебинам. Дар мазори деҳаи дури дур паҳлӯи гузаштагонаш хоб аст, ба он ҷо рафтан азоб аст. Вале ба чандин теппа баромадану фаромадан ва аз роҳҳои пурпечутоб гузаштан дар нисбати якшаба заҳмати бедориаш ҳеҷ аст. Маънии китоби умраш ба воя расонидани як лулакпеч аст…

Ба хотири бузургиаш рӯзҳои ид ба сари манзилаш меравам, ба дидани омадану рафтани беҳосилаш меравам.

Дилам месӯзад ба модарам, ба модари дардманду ғампарварам. Ҳама умр бемадору дардманд буд, гиёҳи умраш дар рӯи тобаи сӯзони дард чун сипанд буд. Аз сулфидани пайдарҳам бемадору безор мешуд, доруи марги барвақтиро талабгор мешуд. Ҳангоми ба ҷое рафтан дар роҳ даҳҳо маротиб нишаста дам мегирифт, аз ин кораш маро ғам мегирифт, хашму ғазабам меомад, ҷон ба лабам меомад. Имрӯз ба гарди қадамаш зорам, ҳар лаҳза он дами меҳрро ба ёд меорам. Мехоҳам бошаду ӯро пуштора карда гардам, ҳайфи модари

якумр бадардам. Бо ҳама нотавонӣ ҷумбуҷул мекард, хорро гул мекард. Хонаву дараш ойина барин тоза буд, дар тозакорӣ номаш овоза буд. Аз аввали харбузапаз то лош шудани полез дар чайла зиндагӣ карда, нон каму харбуза бисёр мехӯрдем, ҳаловат мебурдем. Ширинтарин харбузаҳо доштем, харбузаҳои замини лалмиро беҳтарин доруи дарди худ мепиндоштем. Дар фасли харбузапаз ба рӯи модарам низ сурхӣ медамид, то зимистон азоби беморӣ намекашид. Харбузаҳои пухтаро хушконда, печак мекард, печакро аз дилаи харбузаҳои қандак мекард. Сандуққҳои пури печак доштем, пеши меҳмон мегузоштем. Зимистони дароз печак мехӯрдем, ҳар куҷо, ки мерафтем, печак савғо мебурдем.

Ҳоло ҳам мисли пештара модарам баъди об ҷӯшондану чой дам кардан, дилаҳои харбузаҳои буридаро ба рӯи чайлаи килкпӯш мепартояд ва боз ангур хушк менамояд. Дар хоб дидани ангур хубӣ надорад. Вале барои бори дигар зинда дидани модарам розиям хоби дидаам ғуссаву ғам биорад. Мехоҳам хобам дароз бошад, рӯи бедориро набинам, бемодарию беғамгусориро набинам. Мехоҳам ба модарам наздиктар шавам, сарамро сила карда, мани ҳанӯз хумори кӯдакиро бо суруди «Аллааш» хобонад. Вале боз чи қуввае ҳаст, ки маро ба модарам наздик шудан намемонад. Гумон мекунам, ки ҳамон қувва ҳам Зуҳур аст, дидани ҳамон дидори манфур аст. Гӯё даст дароз карда, аз рӯи чайла печакҳои хушкидаро гирифта гурехтан мехоҳад, хоки заҳмати модарамро бехтан мехоҳад. Модарам дуздро дида, сӯи чайла медавад, нопадид мешавад, қисмати дигаре тавлид мешавад.

Падарам ба манзили хоб меояд, маркабсавор аз лаби об меояд. Дар байни ду бидони баста, ки хӯрчини пурборро мемонад, савор аст, пойҳои кашоли мӯзадораш намудор аст. Дар назди бари чайла аз маркаб мефарояд ва банди ҳунармандона бастаашро мекушояд. Дасти бора як бидони поёнфуромадаро ва дастони падарам дуввумашро медорад. Падарам халтаи ордро ҳам бо мадади ҳамин бора аз маркаб мефарорад. Таҷрибаи зиндагӣ, ки дорад, касеро интизор намешавад, мӯҳтоҷи мададгор намешавад.

Бидонҳои вазнинро якта-якта бардошта, ба чайла медарорад. Ҳар рӯз ду маротиб об меорад.

Маркаби одаткарда ба пучоққои харбузаву тарбуз даҳан зада, баргаштани соҳибашро интизор мешавад. Падарам аз чайла баромада, ба маркабаш савор шуда, хандақканӣ меравад. Андак пас ӯву худамро дар бехи хандақи қитъаи себзори пушта мебинам, меканаду ман нигоҳ карда менишинам. Зӯри ман ба кандани хок расад ҳам, барои ба боло партофтан намерасад. Ҳоло ҳам ба бардоштани як зарра бори заҳмати кашидаи падарам зӯри ман намерасад. Ҳар сол аввали баҳор, ҳини мулоимии замин хандақканон як маротиба гирди пуштаи боғу полезаш тоб мехӯрд. Ҳангоми ба марра расидан аз чашмаи шавқу ҳавас ва ифтихори касб дилаш об мехӯрд. Аз кандану ба болову ба поён, ба тори хандақу ба сӯи дара партофтани хок хандақ баланду бехаш роҳи мошингузар шудааст. Ва алафҳои замини бари хандақ то таги дара аз ҳисоби хоки намдори шорида сабзтар шудааст. Бисёриҳо медонанд, балки Зуҳур ҳам медонад, ки як тан ба зӯри даст роҳи мошингузару ин хандақи баландро кандааст. Ва ҳолдонҳои инсофдор мегӯянд, ки ин заҳмати кашида, ба ҳама мукофот арзандааст. Мукофот куҷо? Ҳаққи ҳалолашро ҳам намедоданд, вале падарам даъво надошт. Он солҳо дар сари ӯ баринҳо фикри ободии Ватан буд, андешаи манфиати худӣ ҷо надошт. Шудгор мекарду хандақ меканд, хандақ меканду шудгор мекард. Соли дароз дам нагирифта, кор мекард. Хӯроки чошташ пораи нону кадуи об буд. Шабҳо ҳам дар пуштаи ваҳмангези хандақпеч, ки пуштаи мазорро мемонд, хоб буд. Чайла мақбараву кати зери чайла гӯрро мемонд, ин ҷо низ чун ҷонфидои касби худ хуфтаи машҳурро мемонд.

Қиблагоҳам аз хазинаи баҳои инсонӣ танҳо ганҷинаи нанг дошт. Сози қисматаш дигар оҳанг дошт.

Як замон дар қаламравашон роҳбар будааст. Дар ихтиёри хоҷагӣ майдонҳои корами пурсамар будааст. Ҳосили баланд гирифта, даромад мекардааст. Аз ҳамин ҳисоб ба ҳоҷатмандон мадад мекардааст. Хулоса, пешомади корҳояш хуб будааст, худаш ба ҳама маҳбуб будааст. Бо ин ҳама вақте шунидааст, ки намояндаи ким – кадом миллате дар бунёди роҳи Термиз «Ифтихорнома» гирифтааст, падарам аз матои нанги баланд ҷома гирифтааст. Аз мансаби раисӣ гузашта, дур аз оғӯши дашту даман рафтааст, баҳри бунёди Роҳи Оҳан рафтааст. Коргари оддӣ кор карда, дар муддати кӯтоҳ

соҳиби чунин «Ифтихонома» гардидааст. Ва ба мақсад расидааст. Дар охири умр, ки нафақаи ночиз мегирифт, «Ифтихорномаи»-и бачоиашро дидем ва имтиёз доштанашро фаҳмидем. Такудав карда нафақаашро зиёд кардем, дилу хотирашро шод кардем.

Аз тухми ҳамон соҳибнанг, кӣ рӯид? Беҳавсалаҳо. Номдорони бенанг. Хомаҳои гумкардаранг, созҳои гумкардаоҳанг. Рост! Мо боҳавсала нестем, ҳалқаҳои як силсила нестем. Наход се бародар ба як Зуҳур баробар набошем, ободгари қадамҷои падар набошем. Нонатро аз даҳонат кашида гиранд, магар беҳавсалагӣ нест. Ҳаст! Аз мо донотар будаст як қадпаст. Қадпастҳо зираку доноянд, ба ҳарифонашон дастболоянд. Масалан Зуҳур, хонаашон аз хонаи мо дур, омада замини пушти хонаи мову қадамҷои падари моро гирифт. Пуштаи хандақпечи пурсамари моро гирифт. Чаро қитъаи дигареро неву ҳамин пуштаро интихоб кард. Ва мани муқими шаҳрро неву бародаронамро боб кард. Не, маро ҳам маҳруми бедориву хоб кард. Аввалҳо «Ба ман замини корам лозим нест, аз уҳдаи коркардаш баромада наметавонам» – мегуфтам, ҳоло бошад мегӯям «Бигзор натавонам, вале дар замини меросӣ дигаронро кор кардан наемонам».

Пуштаи хандақпеч ҷои хобкардаву хеста ва ҷои калоншудаи ману бародарони ман аст. Хандақ девори сарҳаду пушта барои ман Ватан аст. Дар кадомин гӯшаи дунё, ки бошем, бояд он аз мо бошад. Касе бояд дони ҳастии худро ба хокаш напошад. Рӯзе дар шаҳр ҷон супорам ҳам, аз шаҳр дурам мекунанд. Бурда рӯ ба рӯи пуштаи хандақпеч гӯрам мекунанд. Мегӯянд, ки: «баъди мурдан зинда гардондан ҳақ аст». Ин танҳо қудрати сарвару ҳокими мутлақ аст. Шояд баъди зиндашудан хаёли пуштаи хандақпеч боз ба сарам ояд, ба дил ҳаваси дидани қадамҷои падарам ояд ва нимашаб аз гӯр баромада, ба ҷавлонгоҳи ошно шояд нигарам. Шояд не, бояд нигарам. Одам барои аз дастдодаҳояш дар ду дунё осуда нест. Пахтаи рӯи ин ҷароҳат ғайр аз намаки суда нест. Ҳатто ҳангоми ба водии хомӯшон, ба зиёрати қиблагоҳ рафтан аввал андешаи аз Зуҳур гирифтани пуштаи хандақпечу хаёли соҳибӣ кардани Ватан ба сарам меояд, баъди зикри имон бурдан фикри гӯру кафан ба сарам меояд. Алқиса, бошем ё набошем, бояд қадамҷои падар аз мо

бошад. ҷои чакдону дегдончаҳои модар аз мо бошад. Ғайри мо касе ба соҳибӣ кардани он пушта ҳақ надорад. Зуҳур он замини меросиро бояд ба мо супорад. Агар насупорад рӯзе он қадпаст тороҷ шудани меваҳои шохаҳои баланди боғи умрашро мебинад. Дили моро, ки бо нақши амали номардонааш доғдор кардааст, доғи умрашро мебинад. Медонам имрӯз Зуҳур бегона ба олами панд аст, дунёи фанд аст. Панду фанд душмани якдигаранд, барҳамзани якдигаранд. Оқибат панд зафар мекунад, Зуҳурро мисли лолаҳои он пушта хуни ҷигар мекунад…

Дар хоб, дар ҳузури падарам, ки ба хандақканӣ овора буд, ба Зуҳур нафрат хондам ва ӯро аз пешомади қисматаш тарсондам. Гиреҳҳои пайдарҳами риштаҳои ғамамро кушодам, вале падарам эътибор надод ба арзи сипосу эътиқодам. Хашмгин шуда, белашро сӯи дара партофт ва якбора аз назар ғоиб гашт. Ба ҷои ӯ дар бехи хандақ Зуҳур тофт…

Бедор шуда банди ҳазору як хаёлу андеша мондам, ба худ нафрат хондам, маънии белпартоию хашми падари як умр заҳматкашидаамро ҷустам, таъбири хоби дидаамро ҷустам.

Ба фикрам аз мо розӣ набуд, зеро ки дар имрӯзи мо нишонаи даври мозӣ набуд. Ҳамаро аз даст дода будем. Пуштаи хандақпечро не, пуштаи нанги баланди худро ба як қадпаст дода будем. Хайр ман, Манучеҳри Алишер, гушнамарги чашмсер, дар шаҳр ба хаёли эҷодам банд будам, бародаронам чӣ? Дур аз ин гуна олами фанд будам, бародаронам чӣ? Чаро онҳо фикри гирифтани пушта накарданд?Чаро роҳат ҷуста, гарди нанги худро ба хоки заҳмати падар оғушта накарданд? Чаро фикри хандақҳои бадастканда накарданд? Чаро Зуҳурро шарманда накарданд? Агар дар деҳа мебудам, гарди ин заминро ба дидаи Зуҳур тутиё кардан намемондам. Ӯву ҳаводоронашро аз қаламрави қиблагоҳам меронданам. Афсӯс, ки корд аз устухон гузашт, тир аз нишон гузашт. Аз гирифтани пуштаи хандақпеч дер хабар ёфтам. Афсӯс хӯрда, дигар таги гапро накофтам. Кофтан ҳам беҳуда буд, Зуҳур низ бо ранге ба хоки ин пушта олуда буд. Ман ҳам маблағи хонаи сохтаи ӯро дода наметавонистам, ҳам хонаашро ройгон додан намехост, хасисии ӯро медонистам. Вале имрӯз таги гапро мекобам, гуноҳашро меёбам. Тир аз нишон гузашта бошад ҳам, боз дар тирдон тир ҳаст, чандин ҳалқаи нанги дигар дар ин занҷир ҳаст.

Ҳақ дорам, ки хонаашро ба хок яксон кунам ва бо ин роҳ мушкиламро осон кунам. Даъво кунад чӣ?Бигзор даъво кунад, маро гирифтори ҷазо кунад. Худаш ҳам бечазо намемонад. Бояд ҷои хонасозиашро донад. Фаромӯш накунад, ки ҳама ҷанги дунё аз гирифтани қаламрав ибтидо мегирад. Аз пушти дунёталабии чанд тан садҳо бегуноҳ мемирад, ҷои як касро ба зӯрӣ гиранд ҳам, охираш нохуб аст, ин гуна ғолиб оқибат мағлуб аст. Зиндагӣ аслгумкардаро боз ба ранги асл танзим менамояд, ба ҷӯе, ки об рафтааст, боз об меояд. Вале дар кори хайр, ки аз он рӯҳи падарам шод мегардад, ҳоҷати сабр нест. Ин алам даргузар мисли борону абр нест. Ҳар қадар, ки интизорӣ кашам, мавқеи Зуҳур мустаҳкамтар мешавад, дар ин бозии тақдир бурди мо камтар мешавад.

Танҳо як роҳи ҳалли ин масъала мавҷуд аст. Ин оташест, ки дар нафасаш дуд аст. Ин роҳ ду фарзанди Зуҳурро ба Донишгоҳ дохил кардан аст. Ин кори душвор осон барои ман аст. Ҳаққи хизмат баргардонидани пуштаи хандақпеч, дигар ҳеҷ. Розӣ мешуда бошад? Бояд розӣ шавад ва ба ин роҳ равад. Зеро ки боз чандин пуштаи дигар дорад, аз фурсат наёфтан дар баъзе қитъаҳо чизе намекорад. Он пуштаҳо ҳам аз ӯ нест, азони мардум аст, истилогари замини бечораҳои раҳгум аст. Дар ҳаққи мардумхӯрӣ Зуҳур ҳарифу ҳамто надорад. Шарму ҳаё надорад. Вале ман чӣ гуна аз ӯ баҳои хизматамро талаб мекунам? Чӣ сон баъди фарзандони нодони ӯро ба Донишгоҳ дохил кардан, шабро рӯзу рӯзро шаб мекунам? Оё пуштаи хандақпечро гирифтан бар мани маърифатчӯ манфиатчӯӣ нест? Беобрӯӣ нест? Манфиатчӯӣ ҳаст, беобрӯӣ ҳаст! Вале мулки меросиро аз истилогар озод кардан кори нораво нест, ҷиноят бошад ҳам, мукофоташ ҷазо нест. Ватандорӣ эътиқоду имон доштан аст. Дар қитъаи хурд ҳам тухми бузургӣ коштан аст. Гӯшаеро оламе пиндоштан аст. Бигзор овоза шавам, бо ин гуна манфиатчӯӣ, бо ин гуна беобрӯӣ. Ба ҳар роҳе, ки бошад, бояд пуштаи хандақпечро бигирам, вагарна ман бедори хоби тақдирам. Бояд хоби бедор бошам, ҷавобе аз суоли рӯзгор бошам. Дарёфтаҳоро ҷустуҷӯ бошам. Амалҳоро орзу бошам. Он вақт ман аз Зуҳур фарқ мекунам. Фанди ҳидоятгари Ғарбро ҳам панди ҳимоятгари Шарқ мекунам. Он гоҳ рӯҳи ранҷидаи падарам шод мешавад ва сарам аз ғавғои шӯрангезони хаёлии

пуштаи хандақпеч озод мешавад. Он вақт падарам ману бародаронамро беҳавсала намегӯяд, номдорони бенанг намегӯяд, хомаи гумкардаранг намегӯяд, сози гумкардаоҳанг намегӯяд. Он рӯз дур нест, вале ин вобаста ба Донишгоҳ дохил шудани фарзандони Зуҳур нест. Фарзандони Зуҳур аз хондан қимобанд, онҳо низ роҳҳои гуногуни фиреби зиндагиро мекобанд. Ман ҳам роҳи дигари гирифтани пуштаи хандақпечро мекобам, иншооллоҳ меёбам. Ва ҷои чайлаву ҷавлонгоҳи падарамро мегирам, ҷои танӯру оташдони модарамро мегирам. Ба фалсафаи қисматам маънии дигар бахшида, ҳамаро мемонаму вожаи ноумедии «ҳеҷ» – ро мегирам. Ва билохир аз дасти Зуҳур ҳуҷҷати пуштаи хандақпечро мегирам.

Оё баъд аз ин хобам ё бедор, бедорам ё хоб? Ҷавобам ё суол, суолам ё ҷавоб? Баъд аз ин бедори хоб не, хоби бедорам. Хоби бедор аз бедории хоб беҳтар аст. Хоби бедор гунги ишоратгар аст. Дар хоб такрори рӯзгори гузаштаро мсбинам. Падару модар ва ҳамдеҳагони дубора зиндагаштаро мебинам. Ва мебинам, ки оламест дар ҳеҷам, соҳиби пуштаи хандақпечам. Дигар бедор шудан намехоҳам. Дур аз пуштаи хандақдор шудан намехоҳам, ҷудо аз диёр будан намехоҳам…

ВАСИЯТ

– Биё, биншин наздиктар, наздиктар нишин умеди падар. Шукронаи ҷони ҳама фарзандонам, шукронаи нури дидагонам. Вале дар байнашон, фарзанди хурдӣ ҳам набошӣ, туро аз ҳама азизтар медорам. Наздиктар нишин ғамхорам, ба ту як гапи муҳим дорам.

Медонам, ки дарди ман аз сарҳади маскани даво гузаштааст. Ҷойи ҷавлонгоҳи ҷавонмарди хаёлам дигар гаштааст. Қаламрави қадима ба чашмам манзили бегона метобад. Дидагони камбинам дигар аз он ҷо нишони худро намеёбад. Қадамҷоям қадамҳоямро намедонад, садои пои ғамҳоямро намедонад. Одам, ки пири пир шуд ва мӯҳтоҷи дастгир шуд ва аз маъракаҳо дур монд, номашро ҳатто ба забон намеоранд. Ӯро танҳо сокинони водии хомӯшон интизоранд.

Ман ҳам имрӯз як фаромӯшгаштаро мемонам. Пири

даври суроғаш гузаштаро мемонам. Дигар роҳи аз чанги хазони зиндагӣ раҳо ёфтан надорам. Акнун мӯҳри навбати ҳастиро ба соҳибони мулки умрам месупорам. Имрӯз ё пагоҳ аз он макон хатам меояд, хати ба охир расидани умри ғаниматам меояд. Шояд баъди як рӯз, шояд баъди як соат бори сафар бандам. Падару модари ормонӣ рафтаамро рӯ ба рӯ дида, хаёлан худро чун гарде ба хоки бузургашон мепайвандам. Аз манзили дерина беихтиёр суроғи онҳо меравам, аз дидани дидори шумо маҳрум мешавам.

Ҳоло ҳам фурсат ҳаст. Метавонӣ боз ҳам наздиктар нишаста, ҳарфи маро гӯш кунӣ ва дигар қиссаҳоро фаромӯш кунӣ. Наздиктар нишин, ки ба димоғам бӯят намерасад, ба гӯшам овозу гуфтугӯят намерасад.

- Ҳамин ҷоям, дар барат ҳастам, падар.
- Ҳолӣ ҳам нишин наздиктар. Туӣ нури дидагону қуввати дилу ҷонам, туро пайрави худ медонам. Ту ҳунармандӣ, рӯзу шаб ба хаёли эҷоди худ бандӣ, аз пушти ҳунар нони ҳалол ёфта, ҳаққимардумхӯриро намедонӣ. Вале бо ҳама сеҳри эҷод ва табъи худодод маро аз роҳи сафар баргардонда наметавонӣ.

Мегӯянд, ки: «Ҷон нолаи ҷонгудози найро шунида, рақскунон ба қолаб даромадааст». Вале ҷони ман барои баромадан аз қолаби тан ба лаб омадааст. Ҳазор, ки навозию сароӣ ин саркашу гапнодаро дигар майли ба хонаи тан баргаштанро надорад. Ин занг ғами оҳанро надорад.

Медонам, ки шабҳо нахобида, ашк дар дида оҳанг эҷод мекунӣ, хомӯшиҳоро овоз бахшида, соҳиби фарёд мекунӣ. Гӯри маро пешакӣ, ба ман нишон дода, аз дарди ҷудоӣ фиғон менамоӣ. Ту, ки дур аз зодгоҳӣ, меҳру муҳаббати худро пешакӣ ба мани зиндаву модари фавтидаат баён менамоӣ.

Аз хоки Ватан гӯри падар дар дили ман монд,
Модар чу мазори лаби ҷар дар дили ман монд.

Ё ки пуралам мехонӣ:

Модари дилсӯз рафт, меҳри шабу рӯз рафт,
Ёди падар карданам ёди Ватан кардан аст.

Мӯйсафед ин мисраҳоро, ки ба ҳар кадоме фарзанди ҳунармандаш оҳанги ҷонгудоз бастааст, зери лаб такрор карда, гирист. Фарзанд ҳам хост, ки чашмаи дидагони пуробашро ба кафи дастонаш пӯшонад, натавонист.

Дар ҳамин як лаҳзаи ғамовар қатраҳои ашкаш, қатраҳои ашк не, донаҳои хӯшаи умри даргузар омехта гашт ба донаҳои хирмани қисмати падар, қисмате, ки гузашта буд, дар кӯи дигар. Дар ҳамин як лаҳза мурғи хаёл, мурғи ташнаву гушнаи висол рафта ба он кӯҳнадиёр ва аз он мулки хазонгаштаи дар назар ҳамешабаҳор қулбаи қадимаро кофт, ҷои гандумтозакунии кампири Фотимаро кофт. Сад афсӯс, ки аз ҳар ду ҳам осоре наёфт. Шариф ёд овард кулбаи қадимаро бо ҳамон ранги аслаш, ёд овард кампири Фотимаро бо ҳамон ҳолати васлаш. Кулбаи фақирона буд, хонаи лойии якошёна ва аз рафтагон нишона буд. Чаҳор ҳуҷра дошт, бори сарпаноҳии фарзандони кампирро мебардошт.

Кампири Фотима қаду гардани баланд дошт, чеҳраи нуронии мардумписанд дошт. Сурхии рӯяш нони нав аз танӯр кандаро мемонд. Абрувону мижгонҳои сиёҳаш хатҳои қаламии аз дур тобандаро мемонд. Асари ин зебоӣ ба фарзандон ҳам гузашта буд. Аз гиле ба гиле ин нам гузашта буд. Ҳамсараш – амаки Соҳиб низ қомати баланд ва рангу рӯи зеборо соҳиб буд, ба ҳамқисматаш муносиб буд.

Амаки Соҳиб мансаби хуб дошт, вале по аз ҳад берун намегузошт. Чун дурандеш дур аз олами зулму ҷабр буд. Дарёи тӯфонии хашмаш низ пур аз қатраҳои сабр буд. Аз ҳисоби зердастон зиндагӣ кардан намехост. Парчами ному нангро паст фаровардан намехост. Ними нон роҳати ҷон мегуфт. Бо ҳама ранҷу ташвиши рӯзона шаб осуда мехуфт. Баднафсу забонкӯтоҳу муттаҳам набуд, пеши касе сари хам набуд. Агар ҳаромхӯрӣ карда, ҳар имзояшро мефурӯхт, сарватманд мегашт ва пора дода соҳиби мансаби боз ҳам баланд мегашт. Вале бо ин роҳ мансабдор шудан намехост. Соҳиби лақаби «аждаҳор» шудан намехост. Заҳмат кашида, дарди рӯзгорашро дармон мекард, ҷон канда, мушкилашро осон мекард. Осудагӣ аз ноолудагӣ дошт, аз хотири ҳифзи покӣ зиндагӣ дошт. Обиладорӣ обрӯмандаш карда буд. Хӯрдани ғами мардуми зердаст мардумписандаш карда буд.

Кампири Фотима ками ҳалоли ҳамқисматаш овардаро бо файзу баракати хонадорӣ бисёр мекард ва фарзандони худро аз зарари танпарварӣ хабардор мекард. Фарзандон ҳам ба муҳити созмондодаи волидон хӯ гирифта, ба рӯи худ дари олами қаноатро боз мекарданд, поро қади курпа дароз мекарданд. Рӯзона дар сомон додани корҳои хона ба волидон мадад мерасонданд ва шабона ба ҳуҷраҳо тақсим шуда, китоб мехонданд. Модар то хомӯш шудани охирин чароғи ҳуҷраи фарзандони китобхонаш бедор менишаст, зери бори умеду ифтихор менишаст. Қисмати неки фардоро интизор менишаст. Яъне умраш ҳама ба бедорӣ мегузашт. Кам мехуфт, субҳдам корро аз покӣ оғоз карда, ҳавлиро об зада, мерӯфт, баъд говро дӯшида, барои наҳории фарзандон шир мепухт. Серфарзанд, ки буд ҳар рӯз хамир карда, кулчаву фатир мепухт. Гоҳо миҷгону абрувони қаламиашро оташи тези танӯр месӯхт. Баъди давои дарди шиками хурду калони хона ба кунҷе нишаста дарз медӯхт. Алқисса, ранҷу ташвишаш охир надошт, лаҳзаи дамгириро дар хотир надошт. Бо ҳама бори гарони зиндагӣ меболид аз бахту тақдираш, аз фарзандони гапгираш, розӣ буд аз посдорони ҳаққи шираш. Омаду заҳмат кашиду рафт. Ҳам ҷашни хонаободӣ ва ҳам мотами фарзандро диду рафт. Рафту такрори нусхаи рӯи зебояш дар рӯи фарзандонаш монд, нишонаи меҳри бепоёнаш монд. Ва ҳам шабҳои нахуфтанаш, субҳдам ҳавлӣ рӯфтанаш, ширу нон пухтанаш ва дарз дӯхтанаш ва ҳангоми гуселу пешвози фарзандон ашк рехтанаш ва аз дасти хобҳои дида хаёл гурехтанаш аз хотир нарафт. Аз пеши рӯ тарҳи рӯи ин заҳматкаши мусофир нарафт.

Ғами марги фарзандони хонадорро пиру кампир бо ҳам тақсим мекарданд, такягоҳи якдигар шуда, ба ҳам нерӯи умеди зиндагӣ тақдим мекарданд.

Кампир, ки гузашт, мӯйсафед дигар ба бори ғами минбаъда тоб оварда натавонист. Баъди ҷудо шудан аз тавлидгари фарзандонашу бахшандаи нишонаш фаҳмид, ки ғам чисту маънии мотам чист. Аз дидагони як умр ба хоби барвақтӣ одаткарда, якбора мурғи хоб парид. Шохаву навдаи узву пайвандаш ларзид. Дар ниҳоли тан лонаи холии дида монд, ёди он рамида монд. . .

Фарзандон дар ҳастии падар осори марг доштани хонавайрониро медиданд, аз як лаҳза танҳо гузоштанаш метарсиданд. Акнун, ки ҳар кадоме соҳиби хонаву дар буданд ва ба чандин писару духтар падар буданд, мехостанд қиблагоҳашонро аз даргоҳи ғам берун бароваранд ва ба хонаҳои хеш бубаранд. Вале ӯро то додани сари солу ҷамъ кардани дастархони ёдоварди ҳамсараш аз кулбаи танҳоӣ берун карда натавонистанд, чеҳраи хазонгаштаашро гулгун карда натавонистанд. Аз ночорӣ як сол бо навбат дар бараш буданд, навозишгараш буданд. Ҳар қадамашро назора мекарданд. Ба теғи андӯҳи падар дили ғамшарики худро пора-пора мекарданд.

Мӯйсафед ба марги ҳамсараш, ба ободкардаи хонаву дараш бовар накарда, ҳар рӯз ду – се маротиба қадамҷои ӯро аз назар мегузаронд. Гоҳе сӯи оғил ва гоҳе сӯи дегдонхона қадам мемонд. Пушти деворро хабар мегирифт, дари анборро хабар мегирифт, ҷои гову говдӯшаш тали тапакро медид, ҷои мурғону донадеҳашон рафҳои холии катакро медид. Дилаш барои ҳамқисмати гумкардааш гум мезад. Ҳама ҷоро мекофт, вале гумкардаи худро намеёфт. Ба ёдаш мерасид шаби дасти аҷал чидани гули умедаш, рӯзи бурдани садбарги сафедаш. Баъд аз он рӯзи мудҳиш риштаи бахти некашро канда дид, маҷмӯи андешаҳои сарҷаъмашро пароканда дид. Як сол ҳам гузашт, аз кӯи вуҷудаш пайи ҳам сели ғам гузашт. Дар рӯи гӯри ҷудоӣ лола рӯид, вале мотами ӯ кам нагардид. Миёни ҷамъи решапайвандон низ худро танҳо мепиндошт. Ҳалқаи вафоро ҳам доми ҷафо мепиндошт.

Ба ҳар ҳол баъди як сол фарзандон бо зорию тавалло, бо сеҳри сухани воло мӯйсафедро афсун карданд ва ӯро аз даргоҳи ғамаш берун карданд. Ба хонаҳояшон бурда, ба хизматаш камар бастанд. Гумон карданд, ки кулвори умеди муқимии олами ҳастиро ҷои рахти сафар бастанд. Не, хато карданд, бо ин роҳ ба кӯи мақсад нарасиданд. Боз тори сози авзои қиблагоҳашро ноҷӯр диданд.

Мӯйсафед аз дидани дидори фарзандону наберагон серӣ надошт. Вале ин ҳама шодӣ ба сари ғами танҳоӣ қудрати далерӣ надошт.

Ҳама мехобиду боз ӯ бедор мемонд, борони шодии садсола ҳам ғубори ғами хонавайрониашро фурӯ намешинонд.

Илоҳӣ душмани кас мотами рӯзи ҷудоиро набинад, азоби марговари танҳоиро набинад.

Дина рӯз аз истироҳатҷо баргашт. Дар он ҷо низ се ҳафтаи умраш беҳуда гузашт. Аз зарби мушти хаёлҳои мухталиф як лаҳза дам гирифта натавонист. Дар базму маҳфилҳои истироҳатҷо лаҳзае худро шоду хуррам гирифта натавонист. Баъд аз як моҳи аз истироҳатҷо омадан, боз сар ба болини беморӣ гузошт. Дарди пирию хонавайрониаш роҳи даво надошт.

– Бигӯям ё нагӯям ҳамон гапи муҳимро, – гуфтани падар риштаи хаёли Шарифро барканд.

– Бигӯ, бигӯ, ҳалқа зад ашк дар дидагони фарзанд, аз шунидани овози ларзони дардманд.

– Не, намегӯям, намегӯям. Ба касе бовар надорам. Беҳтар он ки ба ҳоли бечорагии худ чора биҷӯям. Либосамро ба собуни дигар нашӯям. Агар он гапро бигӯям ва фарзандони дигарам шунаванд, меҳру ихлосашон ба ман кам мешавад. Ин барои ту ҳам бори гарони ғам мешавад. Баъд аз шунидани ин гап ба рӯи ту бо чашми бегонагӣ назар мекунанд, аз ту ҳазар мекунанд.

– Осуда бош, аз ин боб ба касе ҳарфе намезанам, эҳтиёт мекунам, ҳини сухан гуфтанам, ба сари роҳи худам чоҳ намеканам.

– Мабодо ҷавонӣ карда, нагӯӣ ва аз дӯст душман наҷӯӣ.

– Не, ҳаргиз аз дӯст душман намеҷӯям, бади бародаронамро ҳам нек мегӯям.

– Пухта буданатро медонам. Ба шеърҳои баланд оҳанги ҷонгудоз бастану бо овози аламдор суруданатро медонам. Ҳадиси дурандешию ҷавонмардиро мехонӣ. Ба сеҳри ҳунарат ҳатто абри сафеди хушкро ғубори дигар бахшида, мегирёнӣ. Васфи ватанро аз ҳама хубтар месароӣ ва меҳри диёри аҷдодиро дар дили мардум ҷо менамоӣ.

Хуб аст, ки паҳлӯҳои мардумписанди замону рӯзгори хешро тараннум карда, ба бадаш кордор намешавӣ. Иншоолоҳ ба нигоҳи тирдори чашми камонранге намеафтию ба таъқиб гирифтор намешавӣ. Ин аз таҷрибаи худам. Ман низ ҳама умр мусофири роҳи ҳақиқат будам. Нони ҳалоли заҳмати кашидаи худро мехӯрдам, вале аз гуфтани ҳақиқати ҳоли

замон дам фурӯ мебурдам. Мегуфтам ҳам, гуфтаам беҳуда буд. Посухгардони шикоятнома боз худи ҳамон гуноҳолуда буд. Ҳоло ҳам бо вуҷуди по ба лаби гӯр бурданам аз гуфтани ҳақиқати ҳол метарсам, аз дар комам заҳр шудани луқмаи ҳалол метарсам. «Битарс аз касе, ки наметарсад аз Худо». Метарсам аз гуфтани он гапи муҳим, ҳарчанде, ки мешавам аз шумо ҷудо.

– Матарс, бигӯ, ба ягон бандаи Худо розамро намегӯям. Ба ман бикун бовар, бигӯ гапи муҳимтарро, падар. Бигӯ рози дилатро, шояд кушоям гиреҳи мушкилатро.

– Ба ту бовар дорам, аз ту дилпурам. Мегӯям ба ту он гапи муҳимро фарзанди заҳматкаши ҳалолхӯрам.

Қисса кӯтоҳ ман акнун офтоби лаби бомам. Субҳи рӯшани умрам гузашт, ин лаҳза дар ҳолати фурӯ рафтан ба оғӯши шомам.

Дар ин роҳ пухта шудам аз сӯхтан, аз худгудохтану ба оламу одам нигоҳи гарм дӯхтан. Бо ин ҳама ҳанӯз ҳам дар пухтагиям осори хомӣ дорам, дар тамомам нишони нотамомӣ дорам. Ба олудагии дигарон ночор шарик шуда, тамғаи бадномӣ дорам. Дар маъракаҳо афтода, сӯи дастархони ҷабркунандагону ҳаққимардумхӯрон даст бурдам, нони хунолуди ин «рӯсурхони замон»-ро хӯрдам. Нони ҳамсояи дар ба деворро илоҷи нахӯрдан надоштам. Илоҷи бадномии баъзе шиносонро аз миён бурдан надоштам. Бел ба равиши об гуфта, ба муқобили ҷараёни дарёи замон ҳаракат накардам.

Ту ҳам нусхаи аслии худам ҳастӣ. Луқмаи нонатро меёбӣ бо ҷонканӣ. Балки болотар аз манӣ, дар таърих мемонӣ. Ба эҷодат номи маро ҳам абадӣ мегардонӣ. Ҳунармандӣ ба ту рутбаи дигар мебахшад. Хуршеди бахти ҳунарманди асил ҷовидона мерахшад. Бародарони мансабдорат низ унвони муваққатии забардастиро доранд, шӯҳрати дурӯзаи дунёи ҳастиро доранд. Рӯзҳое, ки меҳмони хонадонашон будам, баъзе чизҳоро пай бурдам, нонашонро не, худамро хӯрдам. Шояд рӯзе ҳамин гуна аз ҳисоби дигарон ба номам оши худоӣ диҳанд ва гӯё ба ин роҳ маро аз пурсиши азоби охират раҳоӣ диҳанд. Вале ба ин васила гарди гуноҳи роҳи умри тайгашта тоза намешавад. Ранги азалие, ки Худованд ба одам додааст, ба шустан намеравад.

Ба номи ман нон додан ҳам нишони олудагии ман нест, асари ноосудагии ман нест. Аслан додани оши худой эҷоди мардуми танпарвари ҷаҳон аст, хайре ба номи мурдагону ба коми зиндагон аст, ба ин тариқ ёд овардани рӯҳи фавтидагон аст. Бо вуҷуди ин ҳама, нон додану шиками бечораеро сер кардан кори савоб аст. Касеро аз банди азоб раҳондан худро раҳондан аз банди азоб аст.

Майлаш, бародарони дорандаат ҳар хароҷотеро, ки ба хотири номи ман кардан мехоҳанд, кардан бигиранд. Ихтиёр доранд. Вале медонам, ки ҳама хароҷоти ин дунёӣ ба тағйири номаи аъмоли охират бетаъсиранд.

Он чи ки дар сафари охират ҳамроҳи ман аст, ин танҳо кафан аст. Метавонам аз ҳисоби пасандози нафақаи кори ҳалолам кафанӣ бихарам ва онро чун гувоҳи покии ҳаётам бо худ бибарам. Вале дар рӯзи маргам барои саҳмгузории ту, ки рӯзгори миёнаҳолона дорӣ, ҷо намемонад. Ба чӣ қудрат доштани туро падарат хуб медонад. Охирсуханам, васиятам, ҳамин ки кафаниямро аз маблағи ҳаққи ҳалолат мехарӣ, аз подоши ранҷи ҳунари безаволат мехарӣ...

ГУЛИ ДОҒ

Яке дар хона буду дигар дар пушти дар,
Яке рӯсурх буду-дигар хунҷигар.
Яке ғамдори беғам буду дигар беғами ғамдор,
Яке бедори хуфта буду дигар хуфтаи бедор.
Яке бехуди дар худ буду дигаре бохуду аз худбадар,
Яке духтар буду дигаре падар.

Духтар хоб буду падар бедор. Бедори такя ба девор, ба девори пушти бари дар, ҳазорон ғам ба дил дошт ва ҳазорон ғам дар сар.

Дар як ҳуҷраи торику ваҳмангез духтару набераи семоҳааш хоб буд. Дарде надошт падар, вале дидагонаш пур аз об буд. Ҳазору як хаёл аз сараш гузашт, шабаш дар пушти дар рӯз гашт.

Духтар вақти говгум, даме ки бародаронаш охирин

дарзаи алафро, ба захираҷо мекашонданд, хонаи падар меҳмонӣ омад. Онҳо як гови гӯсоладор ва як бузи бузғоладор доштанд. Барои сер кардани чорпоҳояшон дар замини назди ҳавлӣ ҷуворӣ коштанд. Бо ин роҳ хӯрокӣ таъмин карда натавонистанд. Мушкил будани парвариши чорпоро донистанд. Ночор алаф хариданд. Дар лаҳзаи охирини алафкашӣ аз дур фарзанди падарро дида, дарзаҳоро партофта, сӯяш давиданд. Падар, ки ба шохӣ алафҳои овардаро сӯи як ёрирасони болои боми захираҷо дароз мекард, дигар дарза наёфта, аз дермонии бачаҳояш хашмгин шуда, шохиро партофт ва сӯи дарвоза шитофт. Гумон кард, ки бачаҳояш бо ошноҳояшон гуфтугузор доранд, на парвои дарзагиру на ғами дарзабардор доранд. Вале дар паси дарвоза духтару набераашро дида, на танҳо хашмашро, балки ёрирасонро ҳам фаромӯш кард. Олами меҳру навозиш ӯро оғӯш кард.

Духтарашро ҳамсоязан дӯст медошт. Аз дидораш шод гашта, ӯро ба гап гирифт ва навозишкунон ба тифлак номҳо гузошт. Бародарон аз сӯҳбат дар канор монданашонро дида, боз алафкашиашонро идома доданд. Падар низ рафта боз бо шохӣ дарзабардориашро давом дод. Духтар пас аз муддате қадам ба ҳавлӣ ниҳод.

Саги дар бехи девор баста духтари дар зери каш кӯдакдоштаро нашинохта, рост-рост аз ҷо хест ва худро ба ҳар тараф зада, таъкид мекард, ки наздик наояд. Мехост, ки аз занҷир раҳо гашта, ба ӯ ҳуҷум намояд.

Саг гиранда буд. Ҳамсояҳову кӯдаконаш аз ин саги баста метарсиданд. Чун хас аз аловдаста метарсиданд. Ва бе пайдо шудани соҳиби хона ҷуръат намекарданд, ки дарвозаро кушоянд, ба ҳавлӣ дароянд.

Саг сӯи духтари ҷуръаткарда, ки гӯё нисбаташ нописандӣ карда бошад, хашмгинона ҳуҷум мекард. Вале занҷири кӯтоҳи дар мехи оҳанин баста, пешрафтанаш намемонд. Гоҳо вақти ҳуҷум худи ҳуҷумгарро меафтонд.

Баъди наздиктар шудан саг нондеҳи пешинаашро шинохт ва дигар пеш натохт. Акнун ба ҷои ҳамлакунӣ гунаҳкорона сарашро ба замин зада, майли пеши пои ӯ афтодан мекард, гӯё ки ёди даврони нон додан мекард.

Саг сулҳ кунад ба устухоне,
Нокас накунад вафо бо ҷоне.

Баъд аз арӯс шуда рафтани духтар саг ҳам мисли хонадорон муддате дар худ набуд. Чун сипосгузор нондеҳи меҳрубонашро мекофт. Акнун ки шинохт, сӯи духтару кӯдакаш нигоҳи меҳрубонона кард ва аз шодии пайдо шудани гумкарда рақсу бозии сагона кард.

Духтар вақти говгум хонаи падар омад. Хонааш ба хонаи қиблагоҳ наздик буд, дар як маҳалла, бист хона он тарафтар. Дар назар наздик, вале дури дур ба ченаки хаёли падар. То рӯзе, ки ӯро хешовандони наваш наталбид, духтарашро ба серӣ надид. Аз бари хонаи духтараш мегузашт, хабар гирифта наметавонист, сари қадам аз дараш даромаданро бенангӣ медонист. Ҳамин гуна одат аст, ҳамин гуна қисмат аст. Ба интизориҳо тоқат мекунӣ, оқибат ба зиндачудоиҳо одат мекунӣ…

Аз бари хонаи духтараш, гоҳо пиёда ва гоҳо савора мегузашт, дар ҳар ду ҳолат ба дили пора-пора мегузашт. Муштипарашро ёд мекард, дарун – дарун фарёд мекард. Баъд аз талбидан дидори фарзандашро ҳар ҳафта медид. Акнун осуда худро ин ошуфта медид.

Падар духтарашро дар ҷои вохӯрӣ маътал намекард, ягон масъаларо ҳал намекард. Фақат ҳолашро пурсида мегуфт, ки аввал хусуру хушдоманашро ҳурмат кунад, қадри тавон хизмат кунад. Гапи ҳамқисматашро нагардонад, ягон касро наранҷонад. Хулоса, дар бобати ҳифзи обрӯи падар андеша кунад, роҳи некию инсонпарвариро пеша кунад.

Насиҳат карда, зуд ҷавобаш медод ва боз ба роҳи худ қадам мениҳод. Савора, ки мешуд, бо роҳи калон рафта, баъди чандин гардишҳо ба хона меомад. Пиёда, ки мебуд, аз пули хурди рӯи дарё гузашта, ба кошона меомад.

Дарё ин маҳалро ба ду ҳисса тақсим мекард. Як лаби соҳилашро ба мардуми гузари духтараш ва лаби дигари соҳилро ба мардуми гузари падараш тақдим мекард. Яъне, дар он тарафи дарё духтар ва дар ин тарафи дарё падар.

Дарё аз поёни ҳаётаи падар мегузашт. Ҳубобҳо ҳарфҳою мавҷҳо хатҳои шикастаро мемонданд. Балки дарё наворе буд, ки аз пеши назар мегузашт.

Аз дари ҳавлӣ бозии мавҷҳои пуршӯру талотуми оби кабудранг, ки ба монеаҳо бархӯрда, ранги ширӣ мегирифт, баръало метофт. Пораи ба монеъаҳо бархӯрда, баъди ба қафо баргаштан, тоб хӯрда боз ба пеш мешитофт. Насими гармибарандаи дарё ба ҳавлӣ мерасид, ҳарчанд ки вазиданашро касе намефаҳмид. Нимашаб ҳавои ҳавлӣ сардтар мешуд, аз таъсираш тани маҷрӯҳ пурдард мешуд. Дар шаби гармои тобистон ҳам дар рӯи кати ҳавлӣ бе болопӯш хобидан душвор буд. Ин дарё, ки рамзи зиндагию умри гузаронро дошт, қисматҳоро ҳам мисли хонаҳо ҷудо мекард ва оқибат дарди ҳастиро бедаво мекард.

Духтар ҳамроҳи хусуру хушдоманаш дар як хона мезист, дар як бинои серошёна мезист, алҳол хонаи худро надошт. Дар ҳавлии падар гаштанро, ки пур аз гулу гиёҳ ва дарахтони гуногун буд, дӯст медошт.

Мавсими самари боғашон ба ҷое, ки даст намерасид, зина мемонд. Баъди чидани меваҳои навдаҳои паст, бо чӯби дароз меваҳои шохаҳои баландро меафтонд. Зардолуву шафтолу, ҳатто анҷири афтодаро баъди титу хоколуд шадан ҳам шуста мехӯрд. Аз меваҳои афтодаю аз ҳаво доштааш табақчаеро пур карда, барои модараш мебурд.

Шодӣ мекард ҳине, ки чормағзҳои мурғакон афтондаро медид. Даврони кӯтоҳи ҳукми лаҳзаи говгум ҳам ба охир расид, соҳиби хонаи вақт хомӯш шудани шӯълаи хуршедро дида, дуди тутаи оташдонашро такид. Гарди сиёҳӣ ба тани олам печида, пироҳани мотамӣ гашт. пироҳани сиёҳе ба мотами хуршеде, ки бо дили пурхун гузашт. Дигар чӯпонони кишвари ҳастӣ аз пуштаҳои пурҷути зиндагӣ мешҳои умеди худро намеёфтанд. Дигар меваҳо чун мурғакони макони пинҳонёфта, дар пушти баргҳо ором гирифта, ба чашмони ҷӯяндагон намеафтоданд. Акнун ба ҷои дастаи нурҳои хуршед дастаи чароғи бари девори пушти хона ба дарахтони баргдор бархӯрда, ҳавлиро пури сояравшан мекард. Хулоса, мусофири нуронии вақт низ аз гардиши айём сояпӯш шуда, макони бегонаеро ватан мекард.

Замини ҳавлии пур аз сояравшан ба намади гулдор монандӣ дошт. Балки шаб дар сурати сояравшанҳо дар маҳкамааш ҳазорон – ҳазор бандӣ дошт.

Гоҳ – гоҳ дар кушодани дари ошхона даста – даста нурҳо чун бандиҳои раҳоёфта, ба берун давида, аз хашм ҷо-ҷои намадҳоро месӯзонданд. Ва зангиҳои базмороро аз базмҷо меронданд. Вале хонадорон аз ин парвое накарда, даробаро ва гирудор мекарданд, танҳо ба меҳмони сафедпӯсти дар хонанишаста зиёфат тайёр мекарданд. Метавонистанд, ки кам даробаро бикунанд, то пухтани хӯрок дар ошхона бимонанд. Интизорони дар хона бударо ҳам ба назди худ бихонанд. Вале худашон дар ошхона монда наметавонистанд, интизоронро наздашон хонда наметавонистанд. Дидори меҳмони азизу тифли навзодаш, ки рӯи ширин дошт, косаи сабрашонро лабрез мекард. Ба ҷои шӯълаи дастгоҳи оташбор оташи ҳамнишинии онҳоро тез мекард. Сабаби зуд – зуд дар кушодану пӯшиданашон соате бештар ҳамроҳи меҳмонон нишастан буд, аз охирин ришгаи банди ғаму дарди фироқ растан буд.

Дар зери қандили фурӯзони меҳмонхона чеҳраҳои хурду калон ба ҳама рангу холу хат метофт. Балки ҳар кадомеро аз ҳарфи нигоҳи хати чин навиштаҷоти китоби қисмат беғалат метофт.

Нигоҳи ҳама сӯи тифлаки ширинрӯ буд. Кӯдак гули тару тоза ва ҳама ба сараш ору буд. Ӯро гоҳе падар ва гоҳо модар аз дасти духтар мегирифт. Яке дар рӯи зонуву дигар дар тори сар мегирифт. Мехостанд ширинрӯро чун хурмаи ширинӣ дасти ба даст кунанд, таби ҳаваси баланди худро андак паст кунанд. Мехостанд дам ба дам ба рӯяш бӯса зананд, мӯҳри шодиро ба дафтари ғаму ғусса зананд.

Ҳине ки навбат ба фарзандони падар расид, духтар овоз баровард, овози оҳангаш бадард «Бисёр нахандонедаш, боз худашро дуои бад накунад, бисёр ғамаш надиҳед, азоби дам ба дамаш надиҳед» ва хам шуда, тифлакашро аз дасти модараш гирифт, олами меҳрро аз дасти меҳрпарвараш гирифт. Ва ба бародаронаш ишора кард, ки ҳамин хел аз дур тамошо кунанд ва сурати меҳри худро дар ойинаи дилаш ҷо кунанд.

Духтар дар бари модар боз ҳам зеботар менамуд. Дар миёни онҳо ҳам фарқ ва ҳам монандие буд. Духтар сафедрӯ, абрӯвони пайванди борик, чашмони оҳурангу миҷгонҳои дароз ва бинии ба рӯ мувофиқ дошт. Ӯсма ҳам дар хами обрӯяш буд, барги гул ошиқи гесӯяш буд ва лола ҳам дар талаби рӯяш буд. Бо ин ҳама

зебоӣ дар чеҳрааш аломати камхунӣ мушоҳида мешуд. Ин хоси модари ҳақиқӣ аст, ки кам мехобад ва аз фикру ғами фарзанд аз ҷавонӣ ранги пир метобад.

Модар гандумгун буд. Ранги сурхи зоҳираш нишонаи дили ғамгину ҷигари пур аз хун буд. Бо ҳама якҷоягӣ фарзандонашро занҷире медиду худашро ҳалқаи аз ин силсила ҷудо. Дарду аламашро худаш медонисту Худо. Танҳо ранги меҳрубонияш ӯро ба духтар ҳамранг мекард. Ва гуфтораш низ овозашонро ҳамоҳанг мекард. Модар набераашро: «Дар ту бумбурам, туро бухӯрам» – мегуфт. Дар ин лаҳзаҳо гарди алами дерина боз дар хоки қисматаш мехуфт.

Падар бо гӯшаи чашм ба духтару ҳамсараш нигоҳ карда, ҳам хурсанд мешуд, ҳам ғамгин. Ғаму шодияш буд нишонаи зиндагии талху ширин. Аз он хурсанд мешуд, ки духтару модар зуд унс гирифтанд ва дилашон аз ғубори бегонагӣ пок аст. Аз он ғамгин буд, ки ҳамранги духтараш дар оғӯши хок аст. Ба ҳар ҳол бахт дубора мадад карду ба ҷои гумкардааш мувофиқе пайдо намуд ва аз банди бепарастории фарзандаш раҳо шуд. Бо вуҷуди ҳама бурду шодӣ дар гӯшаи дилаш ғаме дошт. Чун аламбардори кишвари умед боз аз ноумедӣ аламе дошт. Ҳамсараш гузашту бори гарони бавоярасонии ду писар ва як духтар ба дӯшаш афтод. Маъшуқаи зиндаҷудоии бадтар аз марг дар оғушаш афтод, заҳри неше ба косаи пур аз бодаи нӯшаш афтод.

Духтар ба модари наваш дил басту ғами сари сахти ятимиро фаромӯш кард. Оби меҳру навозише оташи зоҳири ғамашро хомӯш кард. Шояд фаромӯш накарда бошад, аз ин боб ҳарфе намегуфт. Рӯзона бар – бари модараш қадам зада, шабона боз дар канораш мехуфт. Мехуфт, вале алоӣ мегуфт. Аз осудагӣ маҳрум буд. Аломати хазон дар чеҳрааш маълум буд. Дар хоб сиёҳӣ азобаш медод, дод мезад, фарёд мезад. гоҳо парида аз ҷо мехест, мегирист. Аз сиёҳӣ сахт метарсид, ҳама чиро ба сурати балову деву ҷин медид. Чароғро хомӯш кардан намегузошт, аз шаби рӯшан низ тарс дошт. Ба хотири духтари ягонаи хона, дигарон азоб кашида, то рӯз неши ханҷари нурҳоро мехӯрданд. Бори тани абгору роҳатнадидаро ба кишвари рӯз мебурданд.

Солҳо ноаён мегузаштанд. Хоб ба бедорию бедорӣ

мубаддал ба хоб мешуд. Духтар ба воя расида, арӯсбоб мешуд. Вале ҳанӯз ҳам осори тарси дерина дошт, гӯё сурати таҳдидгаре дар пушти ойина дошт. Хоби нороҳат абгораш мекард, нотавону бемораш мекард.

Падар ғами ояндаи фарзанди дардмандашро мехӯрд, ғами рангзардии фарзандашро мехӯрд. Духтар бо ҳама камқувватӣ ҳамроҳи модараш аз субҳ то шом ҷумбуҷул мекард, хонаву ҳавлӣ аз тозагӣ бӯи гул мекард. Ҳама рӯз хона пур аз меҳмон буд. Кори модару духтар пухтани хӯроку нон буд, харидаҳояшон ба ҳафтае намерасид, вале аз кам шудани захира чашмашон намепарид. Медонистанд, ки сарвари хона боз маблағ меёбад. Аз фикри пайдо кардани ризқ шабҳо намехобид. Ҳамсару фарзандон заҳмати сарвари хонаро пай мебурданд, ғами эҷоду азоби бедориашро мехӯрданд. Духтар бештар ғами падарашро мехӯрд, ҳине ки бачаҳо ягон чӣ талаб мекарданд: «Падарамро ғам надиҳед» – гуфтани ӯро шунида, хап мекарданд.

Аввалҳо ҳангоми озурдагӣ ё ки побанди хаёли дури зиндагӣ будани падар духтар ба наздаш омада мегуфт: «Додо, барои чӣ ғамгинӣ, чаро ҳамроҳи мо намешинӣ?» баътар фаҳмид, ки падараш танҳое не, ҷуфт – ҷуфт қаҳрамонҳо дорад, гуфтугӯ бо онҳо дорад.

Вале бачаҳо аз тағйири ҳолати рӯҳии падар бепарвотар буданд. Онҳо ба кӯча сайру бозӣ мерафтанду духтар дар хона мемонд. Худаш ҳам майли берун рафтан надошт, чун соя бар – бари модараш қадам мегузошт.

Дар хона ҳам, ки буд, дур аз чашмони мардуми бегона ҳам ки буд, кору кирдори некашро диданд, тарҳи келин карданашро кашиданд ва дар гирди хонааш тор таниданд.

Падар дурдонаашро, гавҳари ягонаашро ба хазинаи қисмати доротаре супурдан намехост, нангу номуси баланд, ки дошт, бори баландмартабаҳоро ба манзили тақдири худ бурдан намехост. Метарсид, ки боз « падари ту ғайри қоғазу қалам чизе надорад» – гуфта духтарашро таъна назанад, умедашро аз зиндагӣ наканад. Духтарашро келини як инсони миёнаҳол кард. Аз дараш як нозанини беруннадидаи соҳибҷамолро бароварда.

Ҳангоми гусели арӯс ҳамсараш баланд гириста, дигарон-

ро ҳам гирёнд, лаҷоми саманди шодиро сӯи ҷавлонгаҳи ғам гардонд.

Мард барои дар хурсандӣ мотам гирифтан қариб занашро занад, забони навҳагарашро канад. Занҳо фаҳмида, ба миён даромаданд, хашми марди хонаро барҳам заданд.

Мард чун шикастхӯрдае ноилоҷ ба дигар хона гузашт. Гӯё ки аз олами ошно ба олами бегона гузашт. Дар танҳоӣ худаш ҳам гирист. Дар рӯзи шодӣ чун каси пурғам гирист. Оби дида рехт. Оҳуи саҳрои фараҳи авзояш аз ҳуҷуми гурги бешаи андӯҳ гурехт. Мурғи хаёлаш низ пару болашро боз кард ва ба дуриҳои дур, ба олами афсонаҳои дерин парвоз кард.

Оламе, ки обу дони ширин дошт, маскани сабзоғӯше, ки накҳати савсану насрин дошт. Обу донаш дар зери дом буд, домаш чашмони бодом буд. Дигар мурғони хаёл низ ба ин гуна дом афтоданро орзу мекарданд, ин гуна обу донро ҷустуҷӯ мекарданд. Ӯ ҳам тоире буд дар қафаси меҳр, масти висол буд бехабар аз гардиши фироқовари сипеҳр. Намедонист, ки қафас месӯзаду булбул мемонад. Баргҳои ҳусн мерезаду гули доғе аз он гул мемонад.

Намедонист, ки он қафас – қафаси синаро хок оғӯш мекунад ва маъшуқа худаш ба дом афтода ошиқи баҷонрасидаро фаромӯш мекунад… Вале баҷонрасида ҷононаашро, он олами афсонаашро фаромӯш карда натавонист, чароғи даргоҳи муҳаббати деринаро хомӯш карда натавонист. Дар лаҳзаҳои шодӣ ҳам ғами гузаштаро ёд кард, бо ҳама донаҳои рӯзгори наваш коҳи кӯҳнаи хирмани бахти аввалро бод кард. Духтарашро бо ҳама модардорӣ хазонгашта дид ва ҳангоми гусел ду қатра ашкашро ҷои ин омада ва он гузашта дид.

Абрҳои сиёҳи андешаҳои мухталиф фазои умрашро печонд, ӯро шодӣ кардан намонд. Дигар хаёли осудаҳолӣ ва некиқболӣ намекард. Аз қисмати фардои ҷигарбандаш ғам мехӯрд, ҳар лаҳза сад маротиба зинда мегашту мемурд. Фикри тарсидану нотавонии духтараш азобаш медод, аз кӯзаи ғами фарзанддорӣ обаш медод. Дар танҳоӣ серӣ гирист, баъд чашмонашро пок карда, аз ҷой бархест. Ба гусели духтараш баромад. Бо ҳама худро мард гирифтан боз қатра – қатра об аз чашмони тараш баромад. Духтарашро бур-

данд, ҷону ҷигарашро бурданд. Духтаре, ки дар бари домод зебанда буд, духтаре, ки умре тарсанда буд.

Тарс ҳам аз имону эътиқод аст, сутуни хонаи бахту иқболи умрбод аст. Ва духтар ҳангоми аз дарвоза баромадан бегумон тоб хӯрда, бори дигар ба ҳавлии падар назар кард. Гӯё аз забони дил ин байтро бадар кард:

Аз хона баромадум оҳе кардум,
Сӯи ватани падар нигоҳе кардум.

Духтарро занҳо савора бурда пиёда баргаштанд. Аз рӯи пули хурд аз он сӯи дарё гузаштанд. Аз ҳамон рӯз зиндачудоӣ сар шуд, ҳафтаҳо падар хуни ҷигар шуд, қаландар шуд… Ҷон дар ҷои сахтӣ ки буд, аз тан набаромад. Оҳиста – оҳиста одат карданд. Духтар чандин маротиба ва боз ин бегоҳ, вақти говгум ба ҳавлии падар омад. Аввалҳо тӯрхалтаи сабук, ки қариб вазне надошт, дар даст аз дар медаромад. Ҳоло бошад ҳамон гуна тӯрхалта дар даст ва кӯдаке дар зери каш ба ҳавлии падар меояд ва бехабар дарвозаро мекушояд.

… Имшаб низ духтар меҳмони хонаи падар аст, вале фикру хаёлаш дар ҷои дигар аст. Хурду калон аз ғояти шодӣ беқарорӣ мекунанд, ӯву тифлакашро дӯстдорӣ мекунанд.

Пеш аз дастархон густурдан ҳам, ҳангоми даст ба таъом бурдан ҳам, баъди зиёфат хӯрдан ҳам, падар медид, ки духтараш бетоқату безобита аст, ӯро ба олами дигаре робита аст, олами мушкилтасвир, олами тақдир.

Духтар аввал рӯи кӯдакро бо матои тӯрӣ пӯшонд. Ҳуҷуми пашшаҳоро гардонд. Вале дастаи ҳашароти нур аз сӯрохиҳои тӯр гузашта, рухсораҳояшро мелесиданд, балки шираи чашмонашро мемакиданд. Тӯрро ба дока ва баъд ба болопӯши сонӣ иваз кард. Кӯдак тоби гармои фасли тамуз наоварда, дасту почакзанон болопӯшро аз болояш афканд. Ва дар ин лаҳза қисматҳое буданд монанд. Падар ба ҳолати рӯҳии духтар нигоҳ мекарду духтар ба ҷунбишҳои фарзанд.

Духтар ноилоҷ аз ҷо хеста, ба назди гаҳвора рафт, рӯпӯши гавҳораро гирифт, дастбандакҳоро кушода, баъд барои овардани ширхора рафт. Тафлакашро оварда ба гаҳвора баст. Дубора ба сари дастархон нанишаст, гавҳораро ҷунбонда, кӯдак-

ро аз нав хоб кард. Ва барои ба ҷои оромтар гузаронидан, ҳуҷраи аз тарафи пушти хона бударо интихоб кард. Бародари калонӣ мақсади хоҳарашро фаҳмида, гаҳвораро бардоштан хост, вале хоҳар «Бедор мешавад, худам мебарам» – гуфт. Ва худаш, ки пештар кӯзачаи обро базӯр мебардошт, гаҳвораи вазнини кӯдакдорро бо эҳтиёт бардошта, ба хонаи дигар бурд. Ва дарашро пӯшида, чароғро хомӯш карда хуфт…

Бори нахуст дар хонаи торики ваҳмангез хобидани духтарашро дид падар. Ангушти ҳайрат газид аз нотарсии духтар. Ба ҳар ҳол натарсад гуфта, то рӯз побанди сад фикру хаёл такя зад ба девор, ба девори бари дар. Фарёд не, дар ҳиссаи охирини шаб, ҳангоми оғоз шудани овоздиҳии мурғакон садои ҷунбиши гаҳвораю суруди «Алла» хондани дахтараки шармгинашро, ки паст-паст ва канда-канда мехонд, шунид. Ва ба ҷои ӯ беихтиёру беовоз навҳа кашид…

Яке дар хона буду дигар дар пушти дар,
Яке рӯсурх буду дигаре хуни ҷигар…

БЕЧОРА

Хиромон аз ҷамъе, ки дар лаҳзаи танҳоӣ рӯ ба рӯ ва дар паҳлуяш пайдо мегаштанд, безор шуда буд. Аз ҳуҷуму зарбаҳои лашкари хаёлҳои мухталиф, ки рози хуфтаро бедор мекарданд, абгор шуда буд. На дидорашонро дидан мехосту на маънии ҳарфи нигоҳашонро фаҳмидан. Аз он дидорҳо гурехта, ба хонаи дарун ба дарун ва ҷои торику хилват мерафт ва дарро аз дарун мебаст. Бо ин роҳ ҳам аз таъқиби таҳдидгаронаш намераст. Онҳо чун ҷодугаре гӯё қуфли дарро бекалиду беовоз мекушоданд ва ӯро дар гӯшаи хилват ёфта, азобаш медоданд. Бечора, худро сайде мепиндошт ва аз тири нигоҳи ин сайёдон роҳи халосӣ надошт. Онҳо се тан буданд, шаш чашм, шаш чашмаки камон, ду гуноҳбахшандаву чаҳор хонасӯзи замон. Гоҳо ду-се нусхаи тофта, чашмистонро ташкил мекарданд. Алқисса, ҳазорон нигоҳи таҳдидомезро ба ёд меоварданд. Се нафар дар ҳар қадам назораташ менамуданд, монанди соя пешпешу бар ба бараш буданд. Дар он аксҳо се ғоратгари хазинаи бахташро медид, се оварандаи рӯзи сахташро медид. Барода-

раш Рустам-тоҷир, Талаб-ҷонишини сардори шӯъбаи корҳои дохилии ноҳия, собиқ нозир ва шавҳараш Содиқ-ронандаи мошини хизматии Талаб. Акси ҳар кадоме дар хонаи чашмаш манзил гирифта, пеши роҳи нигоҳашро девор мегашт, дастаи нури умеди нигоҳаш аз ин монеа намегузашт. Нигоҳ мекард дар оинаи чашмаш ба ҷои девору дар ва ҳавлию роҳи гузар нахуст он се тан метофт. Ҷои аз онҳо пинҳон шуданро мекофт, вале намеёфт. Тарҳи даҳшатангези Талаб лаҳзае оромаш намегузошт. Дасти ғаме буд, ки бехабар дар хобу бедорӣ аз домони шодияш медошт.

Рӯзи ҷашни арӯсӣ дар пеши тахт танеро байни ду ҳамқисмат дида, ба худ нафрат мехонд. Аз тарафи росташ Содиқ ва аз паҳлуи чапаш Талаб истода буд. Ӯ ҳамчун дарёе дар маҳкамаи соҳил афтодаро мемонд. Дар назди мардум худро ноҳинҷор ҳис карда, мехост, ки дар ҳамин лаҳза замин кафаду дарояд, дигар на нишонааш монаду на овозааш барояд. Мехост, ки аз пеши тахт гурезад, наметавонист. Агар мегурехт базму бозӣ ва маъракаи вайрон мешуд. Оқибати ин амали ноҷоро медонист. Аз ҳама бадаш наворбардор аз назди онҳо дур нарафта, дам ба дам акс мебардошт. Ним соати дар пеши тахт рост истодан дар назараш як рӯзи ҷонгудоз ва муддати дароз тофт. Фақат ҳангоми дар мошин нишастан, ҳине, ки Талабро надид, андак осуда нафас кашид. Ба бахташ дугонааш пешдастӣ карда, ҷои Талабро гирифт, рӯшании рӯз ҷои тирагии шабро гирифт.

Хиромон пиёда гаштани Талабро надида буд. Агар Талаб пешдастӣ карда, ҷои Гулхуморро мегирифт, рози дерина ошкор гашта, ҳалқаи навпайванди занҷири ҳамқисматӣ пора-пора мешуд. Зеро ки Талаб ҳангоми дар бараш нишастан хоҳу нохоҳ танашро ба тани ӯ расонда, мавқеашро танг мекард, хомӯше маҷбур шуда, овоз мебароварад. Овоз, ки мебароварад, навшаҳро ба шубҳа меовард. Хуб шуд, ки Талаб ба мошини сиёҳранги худаш нишаст ва Хиромон лаҳзае аз фишору таҳдиди лашкари ноумедӣ бираст. Бо ин ҳама метарсид, ки мумкин дертар ба хонаи домод биёяд, ҷашни арӯсиро муборакбод намояд.

Хиромон хост, ки роҳе ёфта, ба қафо, ба корвони мошинҳо чашм андозад, будану набудани мошини сиёҳрангро аниқ ку-

над. Вале аз тангии ҷо илоҷи ба қафо тоб хӯрдан надошт, худро базӯрнишаста мепиндошт. Содиқ ва Гулхумор аз ӯ фарбеҳтар буданд, ду кас дар назараш се нафар менамуданд. Баъди андак роҳ рафтан пай бурд, ки Талаб дар мошини худаш не, дар мошини арӯс савор будааст. Ин хулосаро баъди ба гӯшаи чашмаш нигаристан баровард. Баробари дидани Талаб аз Худо маргашро талаб кард.

Хиромон дугонаашро дар сурати Талаб дид. Гулхумор дар назараш Талаб шуда буд. Бадани чун дастаи гул нарму латифаш мисли хорҷорӯб сахту дурушт менамуд. Ҷои абрувони қаламию рӯи лолагунро абрӯвони ғафси поёнхамида ва рӯи кунҷитагдори фатирмонанд гирифта буд.

Мошин дар назди хонаи домод истод. Аввал Талаб фаромад, баъд арӯсу домод. Талаб дар тан либоси занона, куртаву поҷомаи атлас дошт. Мӯйҳояш дароз ва гарданаш андак кӯтоҳ метофт. Оҳиста ва нозкунон қадам мегузошт. Ҳине, ки ними рӯяшро тарафи арӯс гардонд, Хиромон ҳайкалвор шах шуда монд. Дар як лаҳза Талаб боз Гулхумор шуд. Хиромон нафаҳмид, ки ин як лаҳзаи радду бадал, лаҳзаи хоб ва ё бедорӣ буд.

Дар хонаи домод низ барои арӯс ҷои махсус оростанд. Базму тараб шуд, мардум аз шавқи тамошо ба зудӣ аз ҷо барнахостанд.

Як ҳиссаи шаб ҳам гузашт, ҳама хаста гашт. Барандаи ширинсухан суруди «шаб ба хайр»-ро талаб кард ва арӯсу домод зери оҳангу суруди дилнишин ба хонаи худ гузаштанд ва аз ҳамон лаҳза ҳамтақдир гаштанд. . .

Содиқ ҳамсарашро беҳад дӯст медошт. Хиромон ҳам шавҳарашро эҳтиром карда, бори нозу нузашро мебардошт. Шавҳараш ронанда буд, хуҷаин мекашонд. Мошинро шабона дар ҳавличааш мемонд. Ҳамин ки садои овози мошин ба гӯш мерасид, Хиромон аз ҷой бархоста, сӯи берун медавид. Зуд дарвозаро мекушод. То либос иваз кардани шавҳараш, дуртар рафта рост меистод. Ҳамеша собуну дастпок ва оби ширгармаш тайёр буд, Хиромон зани хидматгор буд.

Шабҳое, ки Содиқ дер аз кор меомад, то омаданаш Хиромон ранҷи бедорӣ мекашид, Шавҳар ҳам ин меҳрубониро ҳис карда, ба қадри ҳамсараш мерасид. Онҳо рӯзгори миёнаҳоло-

на, ҳавлича ва ду писару ду духтари дар рангу рӯ ба худ монанд доштанд. Дороиашонро дар ганҷи меҳру муҳаббат дида, аз боғи умр самар мебардоштанд. Вале бо ин ҳама Хиромон дар таҳти рӯи фарзандонаш олудаи ранги бегонаро медид, ранги марди гандумранги берун аз хонаро медид. Ба суолҳои додааш Содиқ не, Талаб ҷавоб мегардонд. Хайрият, ки ӯ қиссаи деринаро ҳикоят накарда, дар доираи саволи дода сухан меронд. Ҳангоми дар бараш нишастан ва ба ҷогаҳ даромадан низ ҷои бароҳаташ намерасид, худро миёни ду мард медид. Курсӣ ва ҷогаҳи кушод дар назараш танг метофт, роҳи аз ин варта халос хӯрданро намеёфт. Дардашро худашу Худо медонист. Пайванди даргоҳе бошад ҳам, худро зиндаҷудо медонист. Розӣ буд, ки бимираду рози деринааш пинҳон монад. Мехост, ки дасти марг сӯяш санги нестиро афканаду ғуборолудии ин оинаро касе надонад.

Аз рӯзе, ки Содиқ аз боби хӯҷаини наваш Талаби Қодир сухан гуфт, Хиромон паи умеди ҳастии худро аз даргоҳи зиндагӣ рӯфт. Риштаи пайванди рӯзгорашро хаёлан канда медид, лашкари ҳифзгари сарҳади бахту тахташро пароканда медид. Фикр мекард рӯзу шаб, ҳарфи ноумедӣ дар лаб. Худ ба худ гуфтугӯ менамуд, инони ихтиёр дар дасташ набуд.

– Мабодо сухан аз қисмати дорандаҳо раваду номи Рустам ҳам ба ёди Талаб биёяд. Зори як танга буд, ӯро ман доро кардам, лекин хато кардам. Рустам ноодам будааст, – гуфта шояд дар миён гиреҳи риштаи гуноҳи деринаро кушояд ва ба Содиқ қиссаи гузаштаро ҳикоят намояд. Он гоҳ забонам дар назди шавҳару бародар ва аҳли гузар кӯтоҳ мешавад, рӯзам сиёҳ мешавад.

Сирри мардон пӯшида мегӯянд. Наход рози ниҳонро Талаб ошкор намояд, наход ҷони маро дубора дар оташи ғаму ҳасрат партояд. Қасам хӯрда буд, набояд қасам шиканад, набояд риштаи бахти маро биканад. Ба мардҳо ҳам бовар кардан душвор аст, аксарашон занмиҷозанд, розро дар дил нигоҳ намедоранд, сархуш, ки шуданд, амалҳои зишташонро бо ифтихор ба ёд меоранд. Талаб ҳам як рӯз не, як рӯз ба ҳамсафараш, ба Содиқ аз қисмати Рустам, ки имрӯз худро аз ӯ боло мешуморад, шикоят ва қиссаи чи гуна фиреб додани апаашро ҳикоят мекунад. Хиромон дар баҳри андеша афтода, дар симои худ як

бечораи танҳои танҳоро медид, дар оинаи қисматаш чеҳраи бадбахттарин занҳоро медид.

Аслан, дилаш аз зиндагӣ барвақт монда буд, аз ҳамон рӯзе, ки фарзанди падараш, ягона бародараш Рустамро ба меҳмонӣ хонда буд. Умед дошт, ки баъд аз ин роҳи додар ба хонаи апа кушода мешавад ва аз ҳама наздиктарин одами дунёи умедаш хабаргири ин дурафтода мешавад.

Ҳавобаландӣ ва карру фарри додарашро дида, аз дил гузаронд: – Додар аз куҷо медонад, ки апааш дар баҳои бахшидани мӯҳри бахту ҳастӣ гуноҳашро ошкор шудан намонд. Агар он қиссаро донад ҳам Талабро ба хотири манфиъате бародар мехонад. Он рӯз ҳам дур нест, риштаи муносибати ин дӯстони нонӣ барканад. Додараш, ки рамузгири замон шудааст, акнун аз пайи дигар баландмартабаҳо қадам мезанад. Майлаш, чи мекунад ва ё намекунад, дигар барои апа аҳамият надорад. Акнун ҳар кас ба роҳи зиндагии худ қадам мегузорад.

Ҳар чи кард, ба хотири озодии фарзанди падар кард, додарро рӯсурху худро умре хуни ҷигар кард.

Шароит, ки надошт, бародарашро дертар, баъди фарзанд ёфтан талбонд. Омадани бародари ба ҷон баробарашро шунида дар курта нағунҷид. Неруи тоза гирифт. Дар як миҷа задан худро дар пеши дарвоза гирифт. Ширинихои коғазпечи дар остин будаашро бо ҳазорон умед ба сари додараш, ки тарҳи рӯ ва қомати паҳлавонсурати падарашро ба ёд меовард, барчош кард. Ин анъанаи куҳна, ки маънии талаби ширинии рӯзгорро ифода менамуд, ба додараш нафорид. Дар чеҳраи ӯ аломати норозигиро дида, бори ҳиҷолат кашид. Бо вуҷуди ин ҳама кӯшиш кард, ки ҳолати лабони пуртабассуми худро нигоҳ дорад, бори нози бародарашро бубардорад. Вале чӣ кунад, ки дар дидори нахуст аз дуди оташи дили бародар як кунҷи дилаш сиёҳ шуд. Нафаси гармаш аз муносибати сарди бародар ях баста, дар гулӯ оҳ шуд.

Дар ҷое, ки роҳи даромад ба меҳмонхона буд, пойандоз густурд. Ба дили додараш нахӯрдани ин рамзи эҳтиромро ҳам пай бурд. Ҳис кард, ки дорои бародарашро аз олами меҳр дур ва ҳавобаланду мағрур кардааст. Дар ҳақиқат шаҳбози давлату дорои дар зери параш сояи парӣ дорад. Са-

буктинатонро зуд баланд мебардорад. Метавонад, ки бародарашро низ дар ҳамин қатор гузорад.

Ба ҳар ҳол ҳурмати меҳмонро воҷиб дониста, аз баҳри мушоҳидаҳои майда – чуйдаҳояш гузашт ва дар гирди фарзанди падар, ки ягона чароғи умедаш буд, парвона гашт.

Он чи ки аз хӯрданиҳо дошт, рӯи дастурхон гузошт. Вале Рустам даст сӯи неъматҳо набурд. Иштиҳо надорам гуфта, чизе нахӯрд. Бо ҳеҷ роҳ дили Рустамро наёфт. Нусхаи аслии падар дар назараш бегона тофт. Ба пурсишҳояш низ бепарвоёна ҷавоб мегардонд. Дили апа аз додар монд.

Бегоҳӣ Содиқ аз кор баргашу ду-се ҳамсояро даъват карданд, эҳтироми меҳмондориро ба ҷо оварданд. Ба ҳамсояҳо низ додари меҳмонаш, ки аз маскани хоксорӣ фарсаххо дур буд, писанд наомад. Баъдтар аз ин боб гап баромад.

Вақти гусел Хиромон бастаеро ба мошини додараш гузошт. Баста як ҷомаву як курта дошт.

– Боз ин чӣ? – нигаҳашро ба рӯмоли баста афканд Рустам.

– Ин як сафедӣ, нишонаи барҳам задани ноумедӣ.

– Бигиред ин бастаро, худатон ба як либоси куҳнаи ман зоред, аввал худро аз вартаи ноумедӣ бароред. Хайрият, ки худам танҳо омадам, агар ҳамроҳи Талаб мебудам, ба ин урфу одатҳои куҳнаатон шарманда мешудам. Талаб кори ниҳоят зарур дошт, омаданро ба навбати дигар гузошт. Ман ҳам одами серкор, фурсатам кам, метавонед, ки дигар роҳи маро беҳуда напоед, имкон ёфта гоҳ-гоҳ худатон маро хабаргирӣ биёед, – гуфта, мошинро ба ҳаракат даровард ва дигар ба ақиб нигоҳ накард.

Хиромон гӯё аз ин ишора чизе нафаҳмида бошад, дам фурӯ баст ва баъди ба хона рафтани шавҳараш даст дар зери манаҳ муддате дар погаҳи дарвоза нишаст. Ишораи бародарашро фаҳмид, аз дидагонаш ашки ҳасрат шорид. Ишорааш чунин маънӣ дошт «ба қадри ман нарасидед, маро ҳурмат накардед, зиёфати хуб надодед». Аз куҷо медонист, ки ҳамон гӯсфанди дар пеши пояш хун карда ва баъзе майда чуйдаи рӯи дастархонро ҳам аз хонаи хусураш оварданд. Фақат ҷомаву куртаро аз ҳисоби пасандози худашон хариданд. Худаш воқиф аз нархи бозор аст, ба як маоши ронандагии шавҳараш худашон ва чаҳор кӯдакро хӯрондану пӯшондан

душвор аст. Сер кай парвои гушна дорад. Ба чашму гӯши доро дидору гуфтори камбағал намефорад.

Шабона, баъди рафтани ҳамсояҳо умед дошт, ки Рустам ҳамроҳаш нишаста, гиреҳи сӯҳбатро мекушояд, ба рӯяш дари меҳру муҳаббатро мекушояд. Рӯзгори гузаштаро ба ёд меорад, дили апаи муштипарашро мебардорад. Вале додар як лаҳза гуфтугӯро ҳам дареғ дошта, бо баҳонаи хастагӣ ба дигар хона гузашта хоб рафт. Додар осуда хоб рафту то саҳар аз дидаи бедори апа об рафт.

Баъд дар ин миён ба ёд омадани ишораи дигари додар «Талаб кори ниҳоят зарур дошт ва омаданро ба дигар вақт гузошт», Хиромонро парешон кард ва дафтари хотираи деринаро бо нуги ангушти ҳасрату пушаймонӣ аз нав саҳифагардон кард.

Рӯзҳоеро, ки ду нафар-апаву додар дар як ҳавлии калон умр ба сар мебурданд, ғами ҳамдигарро мехӯрданд, ба ёд овард. Коҳи ғами куҳнаи хирмани ҳастиро бод кард. Ҳавлияшон аз ҳавлии ҳамсояҳо дида калонтар буд. Дар як тараф хонаи панҷҳуҷрагӣ, дар муқобилаш дегдонхона, ҳезумҷо, каҳдон, ду оғил ва аз паси девори ин ҳама боғ доштанд. Бо ин ҳама осонкунандагони мушкилоти зист дар сина доғ доштанд. Он рӯзҳо ояндаро не, гузаштаро суроғ доштанд. Падару модари мехрубонро, сутуну зеби хонадонро мекофтанд, сояву нақши пояшонро ҳам аз қадамҷояшон намеёфтанд.

Хиромон ба хотири хизмат кардан ба падару модари дардманд ва дуо гирифтан хоҳиши хостгоронро борҳо рад намуд. Баъди бори сафари охират бастани ду заҳматкаши роҳатнадида дар фикри ба камол расонидани бародар шуд, пирдухтар шуд. Бехабар рӯз аз паи рӯзу моҳ аз паи моҳ рафт, бародар бистсола шуду Хиромон бистуҳафт. Рустам ба гуфти худаш кори хуб пайдо карда, майдонӣ шуд, Хиромони танҳо дар хона зиндонӣ шуд. Баъд аз як моҳи корӣ бародараш се рӯз ба хона наомад. Дигар тоқати бардоштани бори гарони интизорӣ накарда, ба ҷустуҷӯи додар баромад. – Шояд бемор шуда бошад, – аз дил гузаронд, аввал шифохонаҳоро кофт, вале аз ягон рӯйхат номи ӯро наёфт. Пагоҳии рӯзи чаҳорум як корманди милиса ба хонаашон омада, сабаби наомадани бародарашро фаҳмонд.

– Бародаратон ҷинояти ниҳоят вазнин содир кардааст, худро шарики фурӯшандагони маводи мухаддир кардааст. Банди қисматаш ба дасти мо афтодааст, ҳамчун гунаҳкор ба тақдираш тан додааст. Дар куҷост, танҳо ман медонам. Хоҳиш кард, ки ин хабари нохушро ба шумо расонам. Ҳоло аз ин боб ба ягон ҷо иттилоъ надодаам, инак дар назди шумоям, мунтазири ҷавобатон истодаам.

– Илтиҷо мекунам, ки озораш надиҳед, ягон вақт некиятонро бармегардонам. Ҳоло ягон имкон надорам, аз кӣ қарз гирифтанамро намедонам

– Маблағ, ки надошта бошед, роҳи дигари хизмат расонданро андеша кунед, фикри аз оташи гуноҳ муҳофизат кардани реша кунед. Замона гирифтори ҳамин гуна дард аст тамаъҷӯ аз нотавон то забардаст аст. Ин ҷо бисёр истодани ман хуб нест, рақаму ранги мошини маро аксар медонад, ҳатто чандин сокини гузар медонад. Ҳеҷ кас бе душман нест, беҳтараш дар ягон ҷои дигар гуфтугӯ кунем, роҳи ба маҳбас наафтодани додаратонро ҷустуҷӯ кунем. Дар ин кор таъхир кардан номумкин аст. Боз мегӯям, ки ҷинояти содиркардааш бисёр вазнин аст. Ба хона баргаштанашро бихоҳӣ дар назди дӯкони китобфурӯшии ноҳия, ки аз ҳама ҷои камодам аст, интизор мешавам. Гапҳо, ки пухт, мададгорат мешавам.

Талаб рафту Хиромон лаҳзае дар ҷо шах шуда, чи кор кардану ба куҷо рафтанашро надонист. Баъд ба хона даромада, такя ба девор карда, гирист. Ишораҳои Талабро ба ёд оварда, хаёли барбод рафтани ганҷинаи номуси солҳо ҳифзкардааш чашмонашро ғарқи об кард. Муборизи дерина аз хотири фарзанди падар худро таслимшуда ҳисоб кард. Дигар илоҷ надошт, он хуршед ғами ин вартоҷ надошт. Маҷбур шуд, ки аз хона баромада равад, дар назди дӯкони китоб интизори Талаб шавад.

Талаб ӯро ба хилватгоҳе бурда, то рӯз нигоҳ дошт, ба хона рафтан нагузошт. Бори нахуст дур аз хонаву дар шуд, дур аз ҳавлии падар шуд. Он шаб Талаб ваъда дод, ки дастгираш мешавад, ҳам сири додарашро пинҳон дошта, ҳам ҳамтақдираш мешавад. Он шаб Хиромон зорӣ кард, баҳонаи беморӣ кард. Вале Талаб «розӣ нашавӣ, ноз бикунӣ, пушаймон мешавӣ, дигар дидори додаратро намебинӣ»-гуфта Хиромонро тарсонд.

Хиромон ночор ба ӯ наздик шуд ва дилаш сиёҳтар аз шаби торик шуд. Он шаб муҳри бахту ганҷинаи ҳастияш ба яғмо рафт. Ҷои ӯро кадом ҳамноми ношиносаш гирифт. Он Хиромоне, ки дунёи покию сабр буд, аз дунё рафт. Талаб гуноҳи Рустамро пинҳон дошт, вале Хиромонро дар нимароҳи зиндагӣ гузошт. Пеш аз издивоҷ бо Содиқ Хиромонро ба табиб бурда, дарди ниҳонашро даво кард, ӯроаз вартаи ноумедӣ раҳо кард. Вале барои дарди виҷдону имонаш ягон даво наёфт. Солҳо гузашту он шаби торики дар хотир монда, рӯзи равшан нашуд. Шарику рафиқи умр пайдо кард, вале озод аз таҳдиди душман нашуд. Умрест, ки худро душмани ҳастии худ мехонад, зиндадаргӯрро мемонад. Аз ин баъд боз ҳам хастатар шудани рӯҳашро, афзудани ғамашро ва наздик шудани рӯзи ҷудоиро медонад.

Рӯзҳои охир дар гӯшаш аз дуриҳо ба ҷои навозиш дашноми каси мушфиқ меояд, овози Содиқ меояд. – Фиребгари пухта, андомдӯхта, ҳамхобаи Талаб, ҷалаб. Мерасад замони фироқ, ҷудоӣ аз шавҳар, шунидани таънаву рӯтобии бародар. Аз ин гуна қисмат мурдан авлотар. . .

ФИРЕБХЎРДА

Ба ёди Гавҳари Ғоиб

Гов мегирист, дарун-дарун мегирист, хун мегирист, овозашро касе намешунид. Касе, ки ба симтӯр наздик мешуд, ашки равони чашмонашро медид. Сарашро ба замину девори бари охур мезад, ба сутуну симтӯр мезад. Гирди сутун гашта, баъди дарозтар шудани банди печида, ба сар дарашро мекӯфт, ба ҳама чизе, ки барои саркӯбӣ мувофиқ буд, сарашро мекӯфт. Аз рӯзе, ки он даҳшат рӯй дод, ин одат ба он ёр шуд, ба дарди худкӯбӣ гирифтор шуд. Худро душмани ҳама хонавода мехонд, худро фиребхӯрдаи мағлубафтода мехонд. Ҳар амале, ки мекард, аз наздику дур метофт, аз паси симтӯр метофт.

Оғилаш дар ҷойи назаррас, дар рӯ ба рӯйи хона, дар бари дарвоза буд. Аз оғилаш бӯйи нохуш намеомад, ҳамеша тоза буд. Ҳар касе, ки аз хона ба ҳавлӣ мебаромад, ё ки аз дарвоза ба ҳавлӣ медаромад, аввал чашмаш ба ҷонвари паси симтӯр меафтод. Бенавояш намемонд, ҳаққашро медод.

Аз оғили сари раҳ бурди калон дошт. Дар охур каҳу шулхаю кунҷора ва берун аз охураш пӯсти харбузаю тарбуз ва дигар хӯрдании фаровон дошт. Яке аз ҳота буттаи ҷуворию офтобпараст оварда, аз болои симтӯр мепартофт. Дигаре баргҳои туту ток ва себу хӯшаи ангур мепартофт. Кӯдаки шӯхе навдаи аҷриқеро аз лаби ҷӯй оварда, пешу пас бурда фандаш медод, тифлаки дигаре аз нофаҳмӣ қандаш медод. Аз ягон чиз парҳез надошт, парҳез аз тунду тез надошт. Кораш хӯрдан буду кавша кардан, самари фурӯбурдаҳоро баровардан. Хӯрокҳои серғизоро хӯрда, сершир мешуд, соҳиби камбизоташро дастгир мешуд. Ҳар саҳар ширашро мехӯрданд, аз ҷурғоту дӯғу маскаву чаккааш баҳра мебурданд. Ширашро ҳам ба гӯсола, ҳам ба аҳли хона ва ҳам ба чандин шиносу бегона мерасид. Дар баҳои ширашро ризқаш аз дари ҳар хона мерасид.

Гов мехӯрду хоб мекард, мехӯрду саргину пешоб мекард. Кадбонуи хона аз фикри тозагии оғилу ҳавлӣ сар ба болини осудагӣ надошт. Зери пои говашро руфта, ба наздаш обу хӯроки тоза мегузошт.

Кадбону дар рӯзҳои гарм барои салқин кардани говаш тадбирҳо меҷуст. Онро аз оғил ба саҳни ҳавлӣ бароварда, бо обпошак мешуст. Оғилро ҳам бо обпошак шуста, оинавор мекард. Лаҳзаи дамгирии кадбонуро ёд надошт, бечора шабу рӯз кор мекард.

Ҳар рӯз рӯфтану либос шустан ва хӯроку нон пухтанашро медид. Гоҳо дар зери дарахти тути рӯи суфа нишаста, дарз дӯхтанашро медид. Дастаи нури нигоҳашро, намояндагони чашмони сиёҳашро аз пайи ғамгусораш мефиристод ва гӯё ба кораш баҳо медод.

Гов кадбонуро дар ҳар гуна либос аз миёни ҳазорон зан мешинохт. Агар дар сутуни паси симтур аз шохаш баста намебуд, агар дараш аз берун баста намебуд, аз пайи соҳибаш метохт. Гӯсолаи синамакаш ҳам метавонист аз пасаш давад, дар бари кадбонуву модараш рост шавад.

Кадбонуро аз рӯи мижгонҳои дарозу чашмони рӯшани обӣ, абрӯвони сиёҳи пайваставу чеҳраи гулобӣ ва қади миёнааш мешинохт. Агар рӯяшро ҳам намедид, ӯро аз тарзи роҳ гаштану оҳанги овозу бӯи навозиши меҳрубононааш мешинохт.

Аз рӯи ҳисобаш бори охирин ду ҳафта пеш кадбонуро дида

буд, овози нарму меҳрубононаашро шунида буд. Дар саҳни ҳавлӣ духтари қадраси ба худ монандаш ва ҳамсараш аз китфонаш дошта, бори вазни дуҷониашро мебардоштанд. Ба онҳо як табибзан маслиҳат медод. Дар ин сӯҳбат фарзандони калон ва ҳамсоязанон низ ширкат доштанд.

Кадбону дуҷон буд, дуҷонӣ аз шиками барҷастааш аён буд. Умед дошт, ки баъди кӯдак ёфтани соҳибаш боз як хӯрокдеҳ зиёд мешавад, аз дидани дидори дӯстрӯяке шод мешавад. Вале умедаш барбод рафт, мунодии шодияш ба ғамобод рафт. Кадбону омад, худаш танҳо, бе ҳамсару фарзандону бе ҳамсоязанҳо. Дар дасташ як баста буд, шикамаш мисли пешина барҷаста буд. Аввалин шуда соҳибашро дид, аз шодӣ дар худ нагунҷид. Кадбону ҳам рост ба назди симтӯр омад ва овозаш баромад:

– Раҳм ба ҳоли ҳамин ҷонвари безабон накардед? Ширашро дӯшидеду тоза кардани оғили ифлосро аз ёд баровардед? Гӯсолаи сияҳпӯст дар пешобу саргинаш ҷӯлида, сабзранг шудааст, гов дар шинохтани гӯсолааш гаранг шудааст.

Кадбону баъди дидани ин манзара ба хона даромада либосашро дигар кард, хилъати корӣ ба бар кард. Аз кунҷи охири паси симтӯр ҷорӯбу порубардоракро гирифта, дари оғилро кушод, доди тоза карданро дод. Аз як тараф ба рӯфтан сар карда, ба гов наздиктар шуд. Аз ин кораш ҳамқисматаш бохабар шуд. Ишора кард, ки аз оғил барояд. Гуфт, ки агар кӯдакон беҳавсалагӣ кунанд, худаш оғилро тоза менамояд.

Кадбону, ки дар бист соли хонадорӣ, гапи шавҳарашро ду накарда буд, ночор аз оғил баромад. Ҳамин, ки ҳамсараш сӯи дарвоза рафт, аз нав ба оғил даромад. Тоза карданашро давом дод. Ба гов наздик шуда, бандашро аз сутун кушод. Хост, ки аввал говро ба ҷойи тозакарда гузаронад, баъд гӯсолаи хобидаро аз ҷо хезонад. Пасон қисми боқимондаи оғилро рӯбаду чинад. Мехост, ки касе ин сон дар оғили говаш ҳам гарди ифлосиро набинад.

Гов базӯр хам шудану рӯфтан ва хошок бардоштанашро медид, шиками барҷастаи озордиҳандаи танашро медид. Рӯзҳои дуҷонии худро ба ёд меовард, аз зӯри дард бетоқатӣ мекард. Мехесту менишаст, менишасту мехест. Дуҷонӣ гуфтан ҳам беҳуда нест.

Дар хонаи соҳиби пешинааш азоби сахти дуҷониро пай бурда буд, вақти зоидан қариб мурда буд. Баъдтар, вақте ки бозию давак-даваки гӯсолаи сиёҳашро дид, азоби зоидану ғами танҳоии деринаро фаромӯш кард, ӯро дунёи дигаре оғӯш кард. Дунёи шодию умедпарварӣ, дунёи ворисдорию раҳму навозиши модарӣ. Вале ин шодӣ як сол ҳам тӯл накашид. Боз ғами танҳоиву кунҷи оғили торик насибаш гардид. Тайлоқчаашро як пагоҳӣ аз мех кушода бурданд. Гумон кард, ки ба пода бурданд. Умед дошт, ки бегоҳӣ меояд, фарёдзанон аз дарвоза медарояд. Рӯзу ҳафта гузашт, чандин моҳ гузашт, вале ҷону ҷигараш барнагашт. Сиёҳрангашро бурда фурӯхтанд, кушта хӯрданд ё ки парвардану, намедонад. Хулоса, бо фарзандаш чӣ карданд, намедонад. Як соли дигар аз насл маҳрум гашт, аз дунёи васл маҳрум гашт. Дар пода модагов бисёр буд, буққае, ки номусу ифтихори буққагӣ дошта бошад, наменамуд. Чандин наринаи мавҷудбуда ҳам базӯр роҳ мегаштанд, аз бари ғуноҷин ҳам чашм пӯшида мегузаштанд. Говҳои қисирмонда маъюсу озурда буданд. Буққаҳои аслиро қассобон харида бурда буданд. Аз ҳамин сабаб ӯ ҳам қисир монд, як хонавода бешир монд.

Пештар ҳам гови камшираш гуфта, таъна мезаданд, вале аз боби шулхаю кунҷора гап намезаданд. Саҳро меравад гуфта, ягон хӯроки хӯрданибобаш намедоданд. Аз бари чашма мегузарад гуфта, ҳатто обаш намедоданд. Оби чашмаи хурд ба як подаи калон намерасид. Гоҳо барвақт чашми подабонро гурезонда, аз пода ҷудо шуда, сӯи чашма медавид. Гоҳо аз ҷабри подабон аз об бенасиб монда, азоби ташнагӣ мекашид. Ин аҳвол камшираш кард, бадтақдираш кард. Ӯро ба бозор бурда, гуфтанд, ки зоти сершир аст, буққа дидааст, нагуфтаанд, ки қисир аст. Даҳони ростгӯиро дӯхтанд, дурӯғ гуфта, ӯро фурӯхтанд. Аз ҳисоби харобияш бовар дошт, ки ӯро намекушанд, гӯшташро намефурӯшанд. Ӯро хариданд, барои баҳра бурдан, наслашро гирифтан ва ширашро хӯрдан. Аз рӯзе, ки ба ин даргоҳ омад, ҳолаш беҳ шуд. Бори нахуст хӯроки фаровони серғизоро хӯрда, фарбеҳ шуд. Фарбеҳӣ бедораш кард, буққафораш кард. Фарёд зад, фарёдашро шуниданд. Бетоқатӣ кард, бетоқатиашро диданд. Аз хонаи кадомин буққапарваре буққа оварданд, бордораш карданд. Ором гирифт, баъди як

соли интизорӣ гови гӯсоладору сершир ном гирифт. Дар ин миён боз буққафор шуд ва боз гӯсоладор шуд. Гӯсолаи аввалашро, ки тайлоқ шуда буд, бехабар бурданд. Намедонад, ки тақдири ҷигаргӯшаашро ба дасти кӣ супурданд. Тайлоқаш ҳам аз бӯи оғӯши модар сер накарда буд, сер аз хӯрдани шир накарда буд. Агар дуртараш намебастанд, фукашро дароз карда, чочи модарашро мемакид. Ширдӯшии кадбонуро дида, об аз даҳонаш мечакид. Якбора аз унсгирифтааш ҷудо шуд, ҷудо аз дидадаро шуд. Бозиҳои гӯсолаи навзодаш ва навозишу меҳрубониҳои кадбону тасаллояш мебахшид, боз шӯълаи умеде дар чашмонаш мерахшид.

Кадбону зани хушбахт аст. Аз он хушбахт аст, ки фарзандонашро бехабар аз бараш намебаранд, калону хурдашро аз бари модараш намебаранд. Ҳама сарҷамъ дар як даргоҳ аст, фарзандон ситораҳову модар моҳ аст. Вале ман ҳам модарам, модагови бадбахтам, гирифтори рӯзи сахтам. Ҷигарбандони маро аз барам бурда, дигар намеоранд, маро дар вартаи ғаму андӯҳ мегузоранд. Ман мемонаму кунҷи танҳоӣ, ман мемонаму фироқу ҷудоӣ. Оқибати дуҷонии кадбону фараҳбахшу самаровар аст ва оқибати дуҷонии ман ҳастии беасар аст.

Кадбону ҳам он қадар осуда нест, фараҳолуда нест. Серфарзанд аст, ҳар лаҳза ба фикру хаёле банд аст. Ҳар фарзанд ҷойи ғами худро дорад, ҳалқаи қисматаш ба занҷири саду як дарду ғам пайванд аст. Ҳатто ғами ману гӯсолаамро хӯрда, бо ҳамин тану ҷони хаста оғил тоза мекунад, бо ҳамин шиками барҷаста оғил тоза мекунад. Соҳибаш тозатарин зани ҷаҳон аст, меҳрубонтарини меҳрубонон аст. Дилу ҷон аст, маҷмӯи хубиҳои инсон аст. Номаш ҳам ба худаш муносиб, ҳақиқатан Гавҳар аст, зеби тоҷи сар аст. . .

Гов баъди ситоиш кардани соҳибаш сарашро аз таги шиками кадбону бурда, хост ӯро баланд бардошта, тори сар кунад, тоҷи сари тозакорони баҳру бар кунад. . Вале хато кард, фанд хӯрд, заҳр ба ҷойи қанд хӯрд. Сари шохаш дар шиками соҳиби ғамгусораш дармонд, шиками барҷастаи кӯдакдорашро кафонд. Фарёди ҷонхароши қадбону ҳамаро ба по хезонд. Ӯро бурданду ҷорӯби ба замин хобидаву оғили норӯфта монд…

Кадбонуро бо пойи худ бурданду баъд аз ду соат аз чор

тараф бардошта оҳу фиғонкунон оварданд, ба хона дароварданд. Рӯзи маҳшар шуд. Аз фиғони хурду калон дар фиғон девору дар шуд.

Гов ҳам гунаҳкорона гирист, як шабу як рӯз дар мотами кадбонуи хона гирист. Ҳангоме, ки тобутро ба саҳни ҳавлӣ бароварданд, сӯяш ба нафрат нигоҳ карданд. Вақте ки хурду калон фарёдзанон гирди тобут ва тифли печондаро ҳалқа бастанд, фарзандону решапайвандон барои рӯи худро ба тобут расонидан хам шуда, сари по нишастанд, Гов ҳам сари шохдорашро ба охуру сутуну симтӯр кӯфта, мехост, ки дар бари ҳалқабастагон бошад, ҳамроҳи сарипонишастагон бошад. Мехост, ки шохашро ба тани худаш бизанад, мехост, ки ҳар ду шохаш шиканад.

Баъди рӯй додани ин воқеа гов шохашро бори гарони сар мепиндошт. Ба худ мегуфт, ки кошкӣ шох намедошт. Сагу хару аспу уштур шох надоранд, намурдаанд ку? Гургу хирсу паланг аз шохдорон дида далеру багурдаанд ку? Мани шохдор дар пеши шери бешох оҷизу нотавонам. Сад шох, ки дошта бошам ҳам, худро аз ҳуҷуми бисёр ҷонварон муҳофизат карда наметавонам. Кошкӣ калгов мешудаму ҳама ба ҳолам механдиду ин рӯзи сиёҳро намедидам. Нолаи талху ҷонхароши ҳамсару фарзандону пайвандони кадбонуро намешунидам.

Бигузор дар умрам ягон маротиб хӯроки серғизо намехӯрдам, аз гушнагию ташнагӣ мемурдам. Бигузор қисир мемондам, бе гӯсолаву бе шир мемондам. Ба ҳама ранҷу шиканҷа розӣ будам, фақат сабабгори марги модари армоннашикаставу тифлаки дунёнадида намешудам.

Чаро ба пеши пойи кадбону сари таъзим фуруд наовардам? Чаро кадбонуро зеби тоҷи сар гуфта, ӯро тори сар кардам? Бигзор кадбону зебу тоҷи сар намешуду зинда мебуд, машҳури баҳру бар намешуду зинда мебуд.

Баъди ишорае ҳалқабастагону сарипонишастагон аз ҷо хестанд, сахттар гиристанд. Тобутро мардҳо бардошта, хомӯшона бурданд, бурда ба хок супурданд.

Рӯзе дар саҳни ҳавлӣ чанд қадам дуртар аз оғил маслиҳати додани оши чилро карданд ва ба соҳиби хона рӯй оварданд.

– Ягон гови дигар надоред? Ин гов гӯсолаи ширмак дорад, онро куштан гуноҳ аст, ин фикри ёрони хайрхоҳ аст.

– Нӯҳ фарзанди маро аз модар маҳрум кардан магар кори савоб аст? Ҳамин гови фарбеҳи сархӯр гови куштанбоб аст.

– Хайр, ихтиёрат. Имконият, ки набошад, ҳамин говро сар мезанем, гӯри ин сархӯрро меканем.

– Гови дигар мехарам, ин гови бехосиятро ҳамроҳи гӯсолааш ба бозор мебарам.

Гов гӯё ки ин суханҳоро фаҳмида, сарашро бисёртар ба сутуну охуру симтӯр мекӯфт, ба ёди тозакоре, ки ҳар лаҳза оғилу ҳавлиро мерӯфт. Розӣ буд, ки фикри гӯсолаи ширмакаш накарда, сарашро аз танаш ҷудо намоянд, гӯшташро сарфи оши чили тозакортарин зани дунё намоянд.

Гов мегирист, барои ба бозор бурдан мегирист, барои дар ҳамин ҳавлӣ намурдан мегирист.

Гов мегирист, аз як меҳрубонии нофаҳмонаи говона мегирист, аз мотамсаро шудани хона мегирист, дарун-дарун мегирист, хун мегирист…

ДАҲШАТ

Як ҳафтаи умрашро таҳдиди дузди маргу ғорат шудани ганҷи бебаҳои ҳаёташ барбод дод.

Бемори ҳучгарде буд, аз по афтод.

Лашкари марг машқ мекард дар корзори андешааш, мехост теша занад ба решааш. Сарбозон дарси чӣ гуна муҳосира кардани қаламравашро меомӯхтанд, роҳи аз тахти вуҷуд афтондани хусравашро меомӯхтанд. Онҳо аз рӯи оташи пураланга гузашта, намесӯхтанд. Роҳи задани зарбаи бераҳмонаю тарзи газидани саги девонаро ёд мегирифтанд. Давидаву парида аз рӯи монеаҳои мавҷуда бедушворӣ гузашта, сӯяш қадам мениҳоданд. Бемори бедори дарозкашидаро роҳ пиндошта, по ба сараш мениҳоданд, балки ҳадафаш хонда, сӯяш тир мекушоданд.

Хушбахтона, он тирҳо ба нишон нарасида, аз пеши бараш ва аз болои сараш мегузаштанд. Аз садҳо тир ягон-ягон тасодуфан ба пӯсти баданаш мерасид ва ӯ даст-даст карда, ҷои захминшудаашро медид. Вале чи гуна тире буд, ки аз ҷои расидааш як қатра хун ҳам намечакид.

Рӯзҳои аввал майдони машқи сарбозонро гӯё аз дур бо дур-

бин нигоҳ мекард, хаёли фаро расидани рӯзи сиёҳ мекард. Онҳо ин ҷову он ҷоро метарконидану месӯзониданд, дарси талхакаф кардани соҳиби манзилу маконро меомӯзонданд.

Садои тирҳоро мешунид, дуохонии пирҳоро мешунид. На инҳо ба ҷисмаш корагар буданд, на онҳо. Афтода буд дар ҳалқаи нотавонҳо. Ба пайкараш не, ба гӯшаш мерасид овози пайконҳо.

Дурии масофа роҳи ҳаракати тирҳоро дигар мекард. Вале рӯзҳои охир наздик шудани тирандозонро фаҳмида, аз ҷони набаромада, умед канда, хаёлан ба водии хомӯшон сафар мекард.

Дар панҷоҳ соли ҳаёташ ин гуна ҳуҷумро надида буд. Мӯреро ҳам озор надода, умре бо худ ҷангида буд. Ба хотири ба мақсад расидан ғайри сабру тоборӣ ва бо рақибон муросокорӣ дигар ҳунарро надошт. Қудрати гирифтани пеши ин гуна лашкарро надошт. Акнун ба рагу пайванд ва пӯсту устухонаш тири дарди бедаво мерасид, лаҳзаи гусел кардани меҳмони хонаи умраш фаро мерасид.

Ба сахттарин ҷангҳои зиндагӣ тоб оварда буд. Балки аз баҳри бемавҷу беҳубоби сароби умр об оварда буд. Вале имрӯз дар олами нангу саркашаш радду бадал медид. Ин гуна осон ва ихтиёран мағлуб шуданро бори аввал медид.

Шебу фароз ва ағбаи пуразоби бекасиро гузашта, ба дигарон соҳибӣ кард, худро аз чоҳи ноумедӣ бароварда. Дарси заҳмат омӯхта, шамъи дилу дида афрӯхта, рисола навишт. Дар як гӯшаи саҳрои маърифат тухми донишу ҳунари худро кишт. Вале ба зудӣ самари кишти умедашро надид. Дар самои қисмат абрҳои дилсиёҳкунандаро дида, хуршедашро надид.

Ҳамсараш бо роҳи хиёнат қадам гузошт. Ҳамболини дигарон гашта, ӯро дар вартаи ғам гузошт. Фикри ҳифзи шаъну шарафи шарики умрашро накард. Хиёнати зан вазнинтарин зарба аст барои мард.

Дар қаламрави ҳастияш набарди байни фикру асаб сар шуд, набарди расидани ҷон ба лаб сар шуд. Аз ин корзор илоҷи гурехтан ҳам надошт, илоҷи хуни хиёнатгарашро рехтан ҳам надошт. Дилаш ба ранҷи кашида ва навиштаҳои ҳанӯз ба дасти мардум нарасида месӯхт. Сабр карда, ба фардо дидаи умед медӯхт. Рақибони камдонишу бехабар аз ка-

рашмаи сухан ва қонундонҳои қонуншикан ҳамнишину ҷонибдори ҳамсараш буданд, раҳнамои хиёнатгараш буданд. Аз зери нохуни тоза ҳам чирк мекофтанд. Ҳимояи рисолаву унвонгириашро ақиб мепартофтанд.

Он замон матоъи бозори тӯҳматгарон серхаридор буд. Мӯро аз хамир ҷудо кардан душвор буд. Алқисса, баъди интизориҳои чандинсола ва фурӯ бурдани заҳри оҳу нола соҳиби унвон шуд, машҳури замон шуд. Вале барои ӯ ҷудо шудан аз ҳамсари хиёнатгар бурди аз ҳама бузург буд, раҳидан аз таҳдиди селаи гург буд. Дар оғӯши ҳамсари нав бори нахуст асари меҳрубониро дид, хубию ҳаловати зиндагониро дид. Ҳамсараш низ унвони донишмандӣ дошт, ҳалқаи ишқу умеди ҳар ду бо ҳам монандӣ дошт. Бахт силсилаҷунбон шуд, мӯри тақдираш Сулаймон шуд. Бехабар мансабаш доданд, гиреҳҳаи ришатаи дар калобаи хаёлаш набударо кушоданд. Вале ин дер давом накард. Бемадор шуд аз лашкари дард. Акси ҷои дардмандашро гирифтанд, талхкомаш карда, аз даҳон қандашро гирифтанд. То дами акс бардоштан ҳам ранги рӯяш андак зард буд, вале бемори ҳучгард буд. Баъд якбора бистарӣ шуд. Ин акс ба матоъи дардаш астарӣ шуд. Оҳи ашколудаи аҳли хоноводаро ҳис кард, ба кадомин дард тааллуқ доштани доруҳои табибдодаро ҳис кард. Дарун-дарун гирист, дидагонаш ашку дилаш хун гирист. Як дардаш сад дард шуд, фарохтар майдони набард шуд. Ғолиб шудани сарбозони ноумедиро дид. Ба ҳукми Заҳҳок гузаштани давлати Ҷамшедиро дид. Ба ҷои сиёҳмӯӣ сарсафедиро дид. Фикри беморию ранҷи бедорӣ чашмонашро сарди шишаранг кард. Торҳои сози ҳастияшро ба торҳои сози марг ҳамоҳанг кард. Корвони хаёлҳои мухталиф, ҷудоии умрбодӣ аз зану фарзандон ва хешу пайвандон аз роҳи саҳрои дилаш мегузашт. Сели марг ба руди ҳаёташ омехта, баландтар аз лаби соҳилаш мегузашт. Дар як ҳафта аз дасти кашокаши сарбозони ноумедӣ банди бофтаи умедаш ришатаи борик шуд, маргаш наздик шуд. . .

Хайрият, ки хабари иваз шудани рақами аксҳоро шунид ва ба ӯ расидани акси бемори гирифтори дарди саратонро фаҳмид. Ҷони бори сафарбастаи худро дубора муқими мулки бадан дид…

ПАРВАРДА

Гов аҳли хонаводаро не, танҳо дӯшандааш Озодаро чашми дидан надошт. Ба охӯраш кунҷора ҳам ки мебуд, садои пову омадани ӯро ҳис карда, сарашро боло мебардошт, наздик шуданаш намегузошт. Аз дидани дидори ӯ безобита шуда, зӯр мезад, ки бандашро канад ва кадбонуи хонаро шох занад. Аз байни садҳо нафар ӯро мешинохт, бетоқатӣ карда, бо ишораи говона шӯраш меандохт. Вале дар набудани ӯ бо бегонагон ҳам унс гирифта, осудаву ором мешуд, ром мешуд.

Танҳо ва танҳо аз дидани Озода, ки ҷои хушдоманаш Ҳалима-холаро гирифта буд, нороҳат мегашт. Дар ин лаҳзаҳо аз роҳи хаёли Озода ҳам лашкари пушаймонӣ мегузашт. Озода хатои кардаашро ёд меовард, аз ҳайвон не, аз худ гила мекард. Акнун аз ин рӯзи ба сараш омада хулоса мебароварад, ки ҳайвон ҳам неку бадро мефаҳмад, нияту мақсадро мефаҳмад.

Баъди ба водии хомӯшон бори сафар бастани хушдоманаш Озода гови гӯсолаи якмоҳадоштаашро базӯр медӯшид. Намехост даст ба чочаш барад, маҷбур медӯшид. Ҳангоми дӯшидан гов по мебардошт, ба чочҳояш даст расондан намегузошт. Аз шохаш доштани фарзанди кампирро дида, лаҳзае ором меистод ва дар ин ҳолат ҷонвар Озодаро азоб намедод. Ширашро покиза дӯшида, аз қаҳру ғазаб ҳаққи гӯсоларо ҳам наемонд. Қасди говро аз гӯсолаи навзод меситонд. Мехост, ки аз ин зот ному нишона намонад, нишони охуру меху бандаш дар хона намонад. Хаёл кард, ки агар аз баҳри ширашгузашта, дигар ин говро надӯшад, ҳамсараш синаи аз шир тарангшудаи говро дида, ночор онро ба бозор бурда мефурӯшад. Ин корро ҳам кард, нашуд. Пайдо давои ин дард нашуд. Ҳамсар нияти хонумашро фаҳмида, рӯи рост гуфт, ки лозим ояд зардоби ғам менӯшам, вале ҳаргиз говро намефурӯшам. Ин гов парвардаи дасти модарам ҳаст, баракати хонаву дарам ҳаст.

– Ягон балоро ба сарам орад чи? Ҷонамро аз танам барорад чи?

– Парво макун, туро занад ҳам аз хотири ману фарзандон ҷонатро аз танат намебарорад. Намаки заҳмати раҳматии модарамро пос медорад. Андеша мекунад, фикри навда не,

аз реша мекунад. Вале ман ба ҷои ин гов мебудам, хотири ҳеҷ касро надида, меху бандамро канда, туро сари шох мекардам, барои пайдо шудани дари раҳм хонаи дили бераҳматро сӯрох мекардам.

Озода гапгардониро ҷабр ба ҷони худ дониста, аз тарс ҳарфе ба забон наовард, хомӯширо пеша кард. Ӯ аз шавҳараш сахт метарсид. Ҳини хашму ғазаби шавҳар мисли барги бед меларзид. Хушдоманашро ҳам дар набудани марди якраву худписандаш меранҷонд. Дар ҳузури шавҳараш худро хизматгор нишон дода, ҳангоми хестан дасташро мегирифт, дами нишастан бапушташ болишт мемонд. Гумон мекард, ки ҳамқисмати берун аз дараш заҳри забони ӯро намедонад. Баъдтар фаҳмид, ки фарзанд аз ҳарфи нигоҳи модар номаи майли ҷудо зистани занашро мехонад. Ва имрӯз дар ҳолати ишораҳои шавҳару бетоқатии гов рӯзгори мозиву дилтангию кӯтоҳандешии худро ба ёд меорад. Сад пушаймон мешавад, вале пушаймонӣ суд надорад.

Ёд меорад фасли лоларо, сарсабзии пуштаву ёларо, хушдоманаш Ҳалима-холаро ва гӯсоларо.

Фасли лола буд. Гов гӯсола буд, ширдеҳаш Ҳалима-хола буд. Сабзаҳо зард шуданд, баргҳо рехтанд ва доғи тугмаи лола монд. Гов ҷар шуда мурду гӯсола монд. Банди қисмати гӯсола ба дасти Ҳалима-хола монд.

Гӯсола навзод буд. Ҳалима-хола аз ҷар шудани гови ширдеҳаш ношод буд. Фалларо пухта ба умед ба набераҳояш доду дигар сафедии ширро надид, маскаи рӯи фатирро надид.

Говаш аз баландӣ ҷар шуда мурд, гӯшташро селаи каргас хӯрд. Ҳалол ҳам, ки мешуд, гӯшти гови парвардаашро хӯрда наметавонист. Гӯштбирёнро аз дег кашида, ба пеши аҳли хонавода бурда наметавонист. Балки гӯшташро пухта наметавонист, хом ҳам фурӯхта наметавонист. Кампир гови серширашро дӯст медошт, онро аз шох не, аз пӯст медошт. Гов аҳл буд, дӯшиданаш саҳл буд.

Ҳалима-хола ба мурдани говаш бовар накарда, ҳар пагоҳӣ баъди хондани намози бомдод либоси куҳнаашро пӯшида, хурма дар даст говдӯшӣ мерафт, аз хотирфаромӯшӣ мерафт. Ҳангоми дидани оғили холӣ, нобуд шудани гов ба ёдаш мера-

сид, ба гӯш аз хонаи дил фарёдаш мерасид. Бегоҳӣ низ бо умед аз дарвоза берун рафта, интизори аз дар даромадани гови сершираш мешуд, интизори дастгираш мешуд. Боз ба ёдаш мерасид, ки интизориаш беҳуда аст. Интизорӣ ба ҷароҳаташ намаки суда аст. Ғамгину ноумед ба хона баргашта, ёди гови ҷаршудаву фикри нонтарии наберагон мекард, фикри гушнагии гӯсолаи навзоди ҳайрон мекард.

Гов ягона сарчашмаи нонтарии фарзандони камбағал аст, ширу маскаву ҷурғоташ лаззати даҳони камбағал аст. Бе гов бе нонтарӣ гаштанд. Дардманди ҳучгарде буданд, ки бистарӣ гаштанд. Беговӣ паи хаёли кампирро аз даргоҳи сари баландаш канда кард, ӯро талбанда кард. Сер кардани гӯсолаи навзод ба ҳар дар ширталбияш мебурд. «Шири говамон ба худамон базӯр мерасад»-гуфтани баъзеҳоро шунида, худ ба худ ғам мехӯрд. Ба ҳар ҳол аз даре ҳоҷаташ пайдо мешуд, гиреҳи ришстаи умедаш во мешуд. Гӯсолаашро ба шири талбида парвариш мекард, пушту паҳлӯяшро силакунон навозиш мекард. Гӯсолаи навзод кампирро бӯ мекашид. Бо забону лабони широлудааш ба замини пироҳани кампир хати ҷӯ мекашид. Гӯсоларо дунёи дигар оғӯш карда буд, бемодариашро фаромӯш карда буд. Бо ин ҳама дили кампир ба ин навзоди нокомгашта месӯхт. Ба гӯсолаи ҳарсӯдавак аз пушти шишаи ашки ҳасрат дида медӯхт.

Гӯсола духтари дардманди кампирро ҳам мешинохт, аз пушташ метохт. Айни ширдиҳӣ ҳамеша дар бараш буд, бемадоре мададгори модараш буд. Гӯсолаи навзод хурмачаи ширро дидан баробар бетоқат шуда, ба хурмача ҳучум мекард ва духтари дардмандро аз доштани банд маҳрум мекард. Духтарак ба зӯри гӯсолаи навзод ҳам тоб наоварда, аз по меафтод. Баъдтар гӯсола инро ҳис карда, бе доштани банд ҳам дар бари духтар оромона меистод.

Ҳалима-хола аз ғами дардмандии духтараш абгор буд, балки худаш бемор буд. Сӯи домоди азизаш чун гунаҳкори роҳи қисмат нигоҳ мекард ва ноумедона фикри фаро расидани рӯзи сиёҳ мекард.

Кампир дари сад давобахшандаро мекӯфт. Гарди роҳи ҳар маслиҳатдиҳандаро бо ҷорӯби мижгон мерӯфт. Ба тасаллобахшию гуфтугӯ нашуд, ба хӯрдани дору нашуд. Маслиҳат

доданд, ки аз болои оташ бупарад, бо ин роҳ шояд дардаш гузарад. Бо умеди дармон ёфтани бемораш баъди шом дар кунҷи хилвати боғи фарзандаш оташ афрӯхт, аз беэҳтиётӣ лаби домани қабояш сӯхт. Парвои қабо накард, ғайри фикри ёфтани роҳи даво накард. Духтарашро аз болои оташ гузаронд, дардмандашро бо хотири мушавваш гузаронд.

Келин аз дидани тӯпи хокистару авзои хушдоман аловпарак карданро пай бурд. « Дарди духтарат ба фарзандони ман мегузарад» – гуфта, дили дардманди хушдоманашро дубора озурд. Гӯсола, ки ҳамроҳи кампир буд, зиқидани Озодаро шунид, балки қавоқи овезонашро дид ва бешафқатии ӯро фаҳмид.

Агар ҳамон замон сарҳӯй мебуду шох медошт, Озодаро зада, хуншору захмин мекард, гирифтори ҷароҳати вазнин мекард. Кампир, ки одати хабаркашӣ надошт, аз боби рашк ҳарфе нагуфт. агар мегуфт, писари сабуктабиаташ калуши келинашро пеши по мегузошт. Шавҳар аз ҳамсар ҷудо мешуд, норизо Худо мешуд. Даҳон фурӯ баста, пеш аз ғуруби офтоб бо баҳонаи гӯсолачаронӣ духтарашро берун аз деҳа, ба қади дараи назди пахтазор бурд, ба як ҷои хордор бурд. Пеш-пеш Ҳалима-хола буд, дар дасташ банди гӯсола буд. Аз паси гӯсола духтараш қадам мезад, аз бори дардмандӣ қоматаш хам мезад. Гӯсола бозикунон мерафт, бори нахуст аз оғил ба майдон мерафт.

Кампир ба назди замини пахта расида, ҷои аловпаракро интихоб кард, ҳама корро баъди ғуруби офтоб кард. Ҳамсоязан бозгашташро дид ва ё аз касе ба назди замини пахта рафтанашро шунида, гуфт: – Дигар дар торикӣ дур аз хона марав, ки дучори сагҳои газанда мешавӣ. Суроғи мо кунед, аловпаракро дар боғи мо кунед.

– Боз дилатон дур наравад, малоли хотиратон нашавад.

– Ин тавр нагӯед, дарди ҳар кас ба худаш, танҳо роҳи даво ёфтани фарзанди худро биҷӯед. . .

Кампир чанд рӯзи дигар дар боғи ҳамсоя, ки дар бари боғи фарзандаш буд, оташ афрӯхт ва гӯё хирмани дарди бемораш сӯхт. Не, сӯхта натавонист, хас сӯхту донаҳои хирмани дард монд. Аз тухми худруста майсаи зард монд. Ба самар нарасида, хушк шуд. Накҳати ҳастӣ ҷудо аз он мушк шуд...

Домоди азизу наберагони ятиммондаашро сархам дид, худро дар зиндони ғам дид. Гӯсолаи парвардааш гови гӯсоладор шуд, худаш фарзандгумкардаи ноладор шуд. Субҳдаме худи кампир аз баландии пуштаи ҳастӣ афтод, гузашт аз ҷаҳон ношод. Аз ҳамон лаҳза авзои гов ҳам дигар шуд, чашмони чор дар роҳи кампир буд. Чашмони Озода барояш миллаи камони пуртир буд. Ӯро дидан баробар безобита шуда, мехост меху бандро канад. Тағораи сабӯсу кунҷораи овардаи ӯро бо шохаш зада дур афканад. Алқисса обу хӯроки додаи ӯро хӯрдан намехост. Ҳамсараш ин ҳолатро медид ҳам парвардаи модарашро ба бозор бурдан намехост. Озода аз кардаҳо пушаймон шуда, худро маломат мекард, барои фиреб додани ҳайвон тағйири аломат мекард. Роҳҳои унс гирифтани бадбинашро мекофт ва оқибат илоҷи ором кардани ҷонварро ёфт. Пироҳану рӯймоли кории хушдоманашро, ки ёдгорӣ монда буд, пӯшид ва рафта гов дӯшид. Гов рӯмолу пироҳани шиносро дида аз ҷояш наҷумбид. Вале ҳангоми доштани чочҳояш дуруштии дасти бегонаро фаҳмид. Бо ин ҳама чун мағлубшуда дар ҷо ором истод ва бар асари ин фиреб шири кам дод. . .

Фасли лола ҳам гузашт, Халима-хола ҳам гузашт. Даври гов шудани гӯсола ҳам гузашт. Ва оқибат баъди соҳиби келин шудан ва ҳангоми ором истодани гов аз абри дидагони Озода низ борони оҳу нола рехт, ба ёди Ҳалима-хола рехт.

ГУМГАШТАПАЙДО

Шамоли сарди ноумедӣ баҳори ҳамқисматиро хазон кард. Аз дарахти умр баргҳои умеду ормон рехтанд. Аз таҳдиди гургҳои бодҳо оҳувони баргҳо гурехтанд. Зиндагӣ чун боғбони пир ба сабзондаҳои зардшудааш дидаи ҳасрат дӯхт ва дилаш ба заҳмати барабасрафта сӯхт. Дарахти дубаҳраи боғи муродаш низ анори хун баст ва аз ночорӣ то баҳори дигар даричаи боғашро аз берун баст.

– Бихез, аз баҳори умр баҳра бардор. Фаромӯш макун, ҳар баҳор аз паяш хазон дорад. Дар қаламрави ҳамқисматии мо ҳам хазон шуд. Бихез, вузӯ кун, ки вақти азон шуд. Бихез, ки пайдокардаи наватро боз гум накунӣ, фарзандони маро

мӯҳтоҷи дари мардум накунӣ. Ӯро биёбӣ, маро ҳам дубора меёбӣ, ба дарди бечорагият чора меёбӣ.

Бихез, аз хоби бисёр парҳез. Нахезӣ бенасиб аз олиҳаи субҳи сафо мемонӣ, аз корвони зиндагӣ қафо мемонӣ.

Шамсиддин бедор шуда, хоби дидаашро андеша кард, таъкиду ишораҳои ҳамсари ким чӣ хел норизову ранҷидаашро андеша кард. Ду рӯз пеш низ ба ҳамин монанд хобе дида буд. Аз ҳуҷуми лашкари хаёлҳои сарди ғамовар қариб зарфи дили гармаш кафида буд. Бо умеди таскин ёфтан ва дур шудан аз муҳити ғамовараш ба хонаи хоҳари калони раҳмгину ғамхораш, барои абри фараҳ пайдо кардани фазои дили ғамдораш рафт.

Дар он ҷо ҳам лаҳзае пушт ба девор нишаста, бехабар хобаш бурд, гӯё хона ҳам киштии вайроншудае буд, ки фурӯ обаш буд. Нохудои бедорӣ дигар қудрати ба соҳили ҳастӣ ронданашро надошт, имкони аз ғарқшавӣ чораи раҳонданашро надошт. Балки табиберо мемонд, ки арзи дармон бахшидани дарди вазнини беморашро наямемонд, илоҷи бастани пеши роҳи марги мардумшикорашро намеёфт. Дардаш дарди аз ҳама вазнини зиндагонӣ буд, дарди хонавайронӣ буд. Ин дарди бедаво тамоми вуҷудашро месӯзонд, марсияхонаш карда, китоби тасаллобахши сурудашро месӯзонд. Ҳар даму ҳар қадам чеҳраи ҳамсари гумкардаву ятимони дар хона интизораш пеши рӯ меомад, худ ба худ ба гуфтугӯ меомад.

Ин лаҳза ҳам баробари чашм пӯшидан ҳамсарашро дар хонаи хобаш дид, таъкидашро шунид: «Эй марди мард, эй ҷӯяндаи даво ба дард, ба роҳи омадаат баргард. Номоиле ба ту моил мешавад, муродат ҳосил мешавад».

Шамсиддин аз хоб бедор шуда, дар паҳлӯяш касеро надид, балки дастархон кушодану овардаҳои хоҳари фарёдрасашро надид. Дар як лаҳза ба манзили хоб расидану хоб диданашро фаҳмид. Шояд хоҳар хастагии ӯро дида, бедораш накардаст, аз хоб нофораш накардаст. Шояд ба чеҳраи коҳидаи бародараш хеле нигаристаст ва ба ҳоли ин хонавайрону ҷиянҳои гирёнаш гиристаст.

Аз рӯзи хонавайрон шуданаш як сол гузашта бошад ҳам, ҳанӯз ба худ наомадааст, авзояш парешону аҳволаш бад аст. Ба ҷое бори сафар баста наметавонад, равад ҳам соате осуда

нишаста наметавонад. Фикру ғами ятиммондагонаш азобаш медиҳад, аз косаи нобоварӣ обаш медиҳад. Андешаҳои мухталиф маҷбураш мекунанд, ки тарки ҷои рафта намояд ва зуд ба хона биёяд.

Алқисса, хонавайронро осуда будан мушкил будааст, хонавайронӣ рехтани баргҳои умеду меваи дил будааст.

Ду соат пеш аз роҳи дур хоҳарашро хабаргирӣ омад, гӯё аз гӯшаи зиндони ғамаш ба озодӣ баромад. Аҳд кард, ки аз баҳри ҳама ғаму ташвиш гузашта, ҳафтае худро дар хонаи фарзанди падараш мегирад, дур аз хонаву дараш мегирад. Вале ба аҳдаш вафо карда натавонист. Тифли ғаму андӯҳашро аз хонаи дил бароварда натавонист. Баъди хоби дида мурғи дилашро мори бетоқатӣ газид. Заҳри парешонӣ ба хунаш давида, ба асабаш расид. Ва худро дар олами дигаре дид. Аввал мардона гирист, гиряи хомӯш кард ва баъд аз ҷо хеста бо хоҳар хайрухуш карданро ҳам фаромӯш кард. Аз дар баромад, ашки алам аз чашмони хоҳар баромад. Дили хоҳар ба бародари даст ба дастархон набурдааш сӯхт, ба ҳоли ғамозурдааш сӯхт.

Шамсиддин ба он роҳе, ки омада буд, баргашт. Дар роҳ аз роҳи хотираҳо корвони умед гузашт. Аз паси шишаи мошин чун аз пушти тирезаи хона ҳамсарашро дар даст ҷорӯб машғули ҳавлирубӣ медид, дар олами нохубӣ қисматашро нақши хубӣ медид. Ҳавлиро об зада, тоза мекард, тоза то таги дарвоза мекард. Гоҳо ҷорӯбашро монда, ба шири деги рӯи оташбуда чашм медӯхт. Гоҳе хас мепартофт ба чагдоне, ки оташаш кунд месӯхт. Инро монда, онро мебардошт. Алқисса, ба садҳо майдачуйда эътибор дода, ҳар чизро ба тартиб мегузошт.

Ин лаҳза ҳам шояд ҳамсараш побанди кор аст. Наметобад, шояд машғули рубӯчини пораи ҳавлии пушти девор аст? Не, дар пушти девор нест, дигар машғули кор нест. Ин ҳама хобу хаёл аст, аз сӯи водии хомӯшон вазидани шамол аст. Ин ҳама ёд аст, хомӯшии пур аз фарёд аст. Балки хобу хаёл ҳам нест, вазидани шамол ҳам нест. Ана, дид боз ҳамсарашро, ободгари хонаву дарашро, бо ҳамон қаду баст, бо ҳамон рӯи лолагуну абрӯвони пайваст. Лабони чун барги гулаш ҳамеша моил ба ханда буд. Бар тани зебо либоси оддӣ ҳам зебанда буд.

Дид ӯро дар истгоҳ, қарибии бегоҳ. Суръати тези ҳаракати мошинашро зуд тағйир дода натавонист, якбора дар ҷо истода натавонист. Ба ҳар ҳол андак дуртар рафта, суръати ҳаракатро паст кард ва ҳалқаи диди хаёлии худро ба занҷири умеду боварӣ пайваст кард. Ва оҳиста-оҳиста қафо омад, барои аз банди интизорӣ раҳонидани бахшандаи меҳру вафо омад. Вале дер монд, аз дидани дидори неки пайдокардааш носер монд. Нақлиёти умумӣ пештар аз ӯ расида, дарашро кушод, умедашро барбод дод. Аз бараш гузашта рафт, чун бахти омада, боз баргашта рафт: «Хайр ҳеҷ гап не, бегоҳӣ ӯро дар хона мебинам, ҳамроҳаш менишинам»-гуфта, дилашро таскин дод, тифлаки умедашро фиреби ширин дод.

Вале бегоҳӣ он олами меҳрро дар хона надид. Он рӯзи маҳшар, рӯзи бемори сахт шудану аз олам гузаштани ҳамсараш боз ба хотир расид. Бегонаи монанди ҳамқисматаш будани он зани дар истгоҳ дидаро фаҳмид.

Он шаб низ хоб дид. Дидагони ҳамсарашро пуроб дид. Овози гиряолудашро шунид: «Бепарво, ҳамон вохӯрдаи гумкардаро дарёб, ки он манам, дар сурати дигар меҳрубон манам. Он ҳамранги ман аст, муносибтарин зан аст…»

Шамсиддин аз хоб бедор гашт, сад хаёл аз сараш гузашт.

– Чӣ мехоста бошад он бечораи аз дидори фарзандону ширинии ҳаёт бенасибгашта? Чӣ мехоста бошад он бевафои аз баҳри ман гузашта? Кӣ бошад он вохӯрдаи гумкарда? Розест паси ин парда. Куҷоро бикобам, ҳамрангаш аз куҷо биёбам? Шаҳр калон аст, пур аз оҳучашму пур аз абрукамон аст. Лаҳзаи ба нақлиёти умумӣ нишастани ҳамсарро ба ёд овард, худро ба гумҷӯю зиндагиро ба беша монанд кард.

Аз хотири мансабу дороӣ бисёр нозанинон мехостанд ҳамсараш шаванд, ободгари ҳавливу дараш шаванд. Вале ҳушу хаёлаш ба ҳамон ёфтаи гумкарда буд, ба ҳамон дилбари ҳамсарашро ба ёдоварда буд.

Аз ҳама дасти умед шуст, танҳо ношиноси ҳамранги он хокдаҳанашро ҷуст. Муддате аз баҳри кор гузашта, аз пайи дарёфтани гумкардааш гашта, рафта дуртар аз истгоҳ дар мошинаш нишаст, ду дида ба роҳи омадани нозанинаш нишаст. Моҳе дар интизорӣ гузашт. Нохост рӯзе он оҳуи раманда аз пеши ин шикорӣ гузашт. Алқисса, баъди азоби ин-

тизорию ранҷи тоборӣ дар ранги дигар гумкардаи вафодорашро ёфт. Боз шубҳа дошт, аз гармии баҳоре, ки назарфиреб аст. Дар гармии ин гуна баҳор сардии ғами гулу ҳасрати андалеб аст. Шубҳа дошт аз ёфтааш. Бовар надошт ба сайд афкандани доми партофтааш. Ёфтааш ҳанӯз аз они ӯ набуд, дар хонадони ӯ набуд.

Фаҳмид, ки он нозанин табиб аст. Аз они ӯ шудану нашуданаш вобаста ба қисмату насиб аст. Ба ҳар ҳол дар танӯри дилаш шуълаи умеде рахшанда гашт, рӯшангари рӯзи сиёҳу шаби тори оянда гашт. Вале бо ӯ ҳамсӯҳбат шуда натавонист. Ғолиби озмуни шарму ҳаё будани ӯро донист. Якбора ба хонаашон хостгорӣ рафт, бо умеди гирифтани самари интизорӣ рафт. Ба падару модари он нозанин мақсадашро фаҳмонд, дарди қисмати ҳоли бадашро фаҳмонд…

– Фарзанди мо – гуфт падари он нозанин, - аз хати кашидаамон берун намебарояд. Вале гирехи риштаи ҳамқисматиро танҳо нохуни розигии худи ӯ мекушояд. Зеро ки ӯ ҳанӯз духтар асту шумо падари шаш фарзанд, ӯ аз хушиҳои ҷавонӣ шод асту шумо аз бераҳмии қисмат мустаманд.

– Духтар бисёр, вале ҳушу ёди ман танҳо ба фарзанди шумо банд аст, ӯ ба ҳамсари гумкардаам монанд аст. Торест, ки ба сози қисмати ман ҳамоҳанг аст. Бе ӯ хоки нарми қисмат дар назарам сахттар аз санг аст.

– Дар дунё ҳамрангҳо бисёранд, зоҳиран монандӣ доранд. Вале аз ҳамдигар ботинан фарқ мекунанд. Зоти оҳан ҳам ки бошанд, мисли пӯлоду чӯян фарқ мекунанд. Хулоса, худи духтар ҳакам аст дар ин бозӣ. Ӯ ризо гардад, мо розӣ.

Гуфтаҳои падари духтар, ки аз дидаи бино маҳрум буд, ба Шамсиддин хуш омад. Ва хайрухуш карда, бо умеди дили духтарро ёфтан аз дари онҳо баромад.

Рӯзҳо мегузаштанд, бо ғаму сӯзҳо мегузаштанд. Роҳзанҳои дарди фироқи гумкардаву рӯинатанҳои хаёлии висоли пайдокарда ғамаш медоданд, азоби пайдарҳамаш медоданд. Роҳи расидан ба кӯи муродро ҷустуҷӯ мекард, дубора хонаобод буданро орзу мекард. Дарди бадан не, дарди қисмат ҳар саҳар ӯро ба муоинагоҳ мебурд, барои аз дур дидани дидори он нозанини аз дилаш ноогоҳ мебурд. Мехост, ки дам ба дам гумкардаи пайдогаштаро бубинад, такрори рӯзгори гузаштаро

бубинад. Мехост бубинад дидори ҳамқисмати аввалинро, дидори неку ширинро. Дидани дидор ягона давои дардаш буд, борони фурӯнишонандаи гардаш буд. Фикри ҳастӣ ин роҳзани ганҷи иқболи бегонаро рӯинатан кард, роҳи рафтану омадани он моҳҷабинро ватан кард.

– Аз миёни садҳо нозанин танҳо ва танҳо ба ту рӯ овардаам, туӣ пайдошудаи гумкардаам. Туӣ бахшандаи умеди ҳаётам, туӣ барандаи ғаму оварандаи нишотам. Ин суханҳои илтиҷоомез ба дили духтар асар намекард, роҳи эътибори ӯро дигар намекард, ба ин гуфтаҳо бовар намекард. Сармои танҳоии худро аз ин гармо беҳтар мешумурд. Аз шаҳди ҳусни беғубору хоби ширини худ лазат мебурд. Сӯи сояи равони аз бараш назар ҳам намекард, аз кӯчаи хотири умеди ӯ гузар ҳам намекард.

Ин ҳолат чандин моҳ давом кард. Хотири меҳри он Аёз ин Маҳмудро ғулом кард.

Чандин моҳ гузашту баҳор ҷои фасли поизро гирифт, мавсими гулшукуфт ҷои хазонрезро гирифт. Вале ҳанӯз ҳам гули умеди Шамсиддин нашкуфта буд, дар парпечи баргаш хуфта буд. Расидани фасли баҳори умед номаълум буд, соати рӯ овардани гули вартоҷ ба хуршед номаълум буд.

Шамсиддин ҳанӯз ҳам бар – бари ҳамранги ҳамсараш қадам мезад, бо қалами дидагонаш абрӯвони қаламинашро қалам мезад.

Мисли соя бар – бараш қадам зад, нашуд. Вале даст аз олами умед нашуст, роҳи дигар ҷуст. Роҳе ёфт, ки ӯро ба манзили мақсад расонд, роҳе, ки тарҳаш дар кишвари ҳастиаш ҷовидона монд.

Шамсиддин дубора ба муоинагоҳ омада, кӯшиш мекард, ки ба чашми шиносу бегона кам тобад. Касе аз мақсади ба он ҷо рафтанаш хабар наёбад. Ҳатто намехост ба ҷиянаш, ки муовини сартабиби муоинагоҳ буд, рӯ ба рӯ шавад, намехост, ки бо ӯ аз ин боб дар гуфтугӯ шавад. Вақте ки нӯги риштаи калобаи корашро наёфт ва ба чашми шиносу бегона тофт, ночор ба ҷиянаш рӯ овард ва рози дили аламдорашро изҳор кард.

Ҷиянаш он монандиро тасдиқ ва он нозанинро ситоиш кард ва аз даст надодани он ҳамранги поктинатро хоҳиш кард.

– Ростӣ, ба андешаи дарёфтани роҳи расидан ба олами матлаб ҳама шабам рӯз мешуду ҳама рӯзам шаб. Роҳи ягона, ба фикрам, – гуфт тағо ба ҷиян, дар набудани ман зиёфат ташкил кардан аст ва табибзанҳоро ба хона овардан аст. Шояд он нозанин баъди ба хона омадан ба гуфтаҳои ман бовар кунад, хокистари умеди маро ахгар кунад.

Ҷиян зиёфат ташкил кард ва табибзанони муоинагоҳро ба хонаи тағояш овард. Он оҳуи гурезанда ҳам надониста ба хонаи Шамсиддин омад. Ҳангоми ба ҳавлӣ қадам мондан ба гӯшаш гӯё фарёди осмону замин омад. Кӯдаки тахминан чаҳорсолаи ӯро дидан баробар : «Ба куҷо рафта будӣ, оча? Ба ҳеҷ куҷо дигар марав» гуфт ва худро ба оғӯши духтар зад. Гӯё ба неши забони аламдораш дар дили духтар ханҷар зад.

Ҳамон лаҳза бачаи аз хоҳараш калонтар пешвози меҳмонон омада баробари дидани духтар аз роҳаш баргашта сӯи хона давид. Овози «модарҷонам зинда шуда омад» – гуфтанаш ба гӯшаш расид.

Духтар дасту по гум кард, шарм аз мардум кард. Ноилоҷ дасти он модаргумкардаро гирифта, ба зиёфатҷо бурд. Ҳама шаҳду шакар , вале ӯ заҳри алам хӯрд. Мавизаш мардумакҳои чашмони сиёҳу себу аноораш рухсораҳои сурхи он ширинрӯ буд. Кӯдак ҳам ба меваҳои рӯи дастархон эътибор надода, меваи меҳру муҳаббати модарашро дар ҷустучӯ буд.

Хоҳару додаронаш низ аз пушти тиреза дам ба дам тарҳи сурати худро нишон дода, сӯи гумкардаи пайдогашта назар мекарданд, нигоҳ ба чеҳраи модар мекарданд. Акнун ба мурданаш не, ба зинда буданаш бовар мекарданд.

Духтар барои аз ин варта раҳидан ва худро дар ҷаҳони дигар дидан гуфт: Ин хоҳари ман аст, ҷону ҷигари ман аст.

_ Ман хоҳарат нестам, духтари туам, ту модарҷони манӣ, модари Нодиру Чаманӣ, додоҷонам канӣ?

Табибон ин суханҳоро шуниданд, дигаргунии ҳолати рӯҳии духтари шавҳарнадидаро диданд. Дасти шарм ба рӯяш пардаи сурх кашида буд ва ранги табассум аз лабонаш парида буд. Чашмонаш ба ҳамкорон буду хаёлаш дар ҷои дигар. Афтода буд ба дунёи дигар. Олами раҳму шавқат ӯро оғӯш карда буд. Кӣ будани худро фаромӯш карда буд. Гуфтаҳои марди миёнаумр ба ёдаш расид, ба хонаи кӣ ома-

данашро акнун фаҳмид. Ғарқ дар баҳри андешаҳои шодиовару ғамовар шуд, хаёлан модар шуд. Хаёлан худро соҳиби хона дид. Дилаш ба ятимакони модарҷӯ сӯхт ва дар дафтари қисматаш хати розигӣ кашид. . .

ҲАМСОЯИ МО

Зиндагӣ маҷмӯи асрори аҷиб ва хотирмон аст, ки дар ғамҳояш шодию дар талхиҳояш ширинӣ дорад ва баръакс. Зиндагӣ шер аст, ки бо думаш набояд бозӣ кард. Ифтихори содааш ҷои нанги мураккабашро намегирад. Агар бо дидаи эътибор нигарӣ, дар майда-чуйдааш ҳам осори бузургиро мебинӣ. Ба дарёи андеша ғӯта зада, ба худ савол ҳам медиҳӣ: – Чаро чеҳраҳо, рафтору гуфтору пиндорҳо якранг нестанд, созҳоитақдирҳо низ бо ҳама монандӣ оҳангҳои мухталиф доранд?Ин фарқият аз гуфтани ҳарфе ва гузоштани қадаме ба мушоҳида мерасад. Агар ин гуногунрангӣ намебуд, ҳама як хел овоз мебароварду, дар натиҷа касро аз нокас ва гулро аз хас шинохта намешуд.

Масалан, кору кирдор ва рӯзгори ҳамсояи мо ба ягон кас монанд нест. Ин махсусият ба мо писанд аст. Маънои зиндагияш барои хирадманд панд ва барои бехирад фанд аст. Мо ба рӯзгори ҳамсояи худ ҳасад мебарем, ҳамон гуна зистан мехоҳем ва ӯро дӯст медорем.

Ҳамсояи мо Нодир-амак ба дӯст доштан меарзад. Вай аз он тоифае нест, ки обро лой карда, моҳӣ мегиранд. Аз он зотест, ки баъди хӯрдани чандин неши занбӯр соҳиби ангубин мешавад. Нодир-амак заҳмат кашидану мурда-мурда зиндагӣ карданро ба гардан мегираду бори миннати касеро ба дӯш гирифтан намехоҳад. Ба қадру манзалати худ расида, шаъну шарафашро ҳифз менамояд. Рӯзашро бо такудав ва шабашро бо омӯзиш мегузаронад. Чи гуна сарф кардани ҳар лаҳзаи умри нотакрорро медонад. Вай бо ҳама кордонию донишмандӣ камбизоат аст. Зеро донишмандон тасодуфан доро мешаванд. Ҳам доро шудану ҳам доно будан бисёр душвор аст. Ҳалолхӯрӣ ҳамсояи моро камбизоат кардааст. Хоки порудори замини хурди ҳавлиаш аз ҳисоби ҳаромхӯрӣ ҳамеша сарсабз аст.

Нодир-амак аз камбизоатӣ шикоят накарда, осудагияшро баҳои дунё мешуморад. Рӯзгораш миёнаҳолона бошад ҳам, дар рӯи кати паси дарвозааш дастархони қушода дорад. Дастархонашро гоҳе якто ва гоҳе нимто нони танӯрӣ, ду – се дона қанд, кӯлулаи набот, зарфи тутмавиздор ва пиёлаи ширинӣ пур мекунад. Тутмавизу ширириро хешовандон аз зодгоҳаш меоранд. Мехоҳанд, ки Нодиршоҳашон аз дороиҳои мулки бобоӣ бенасиб намонад, ватани падариро фаромӯш накунад. Бе ин ҳам дар вуҷуди Нодир-амак осори носипосӣ ва қадрношиносӣ нест. Касе, ки аз даричааш сар дарорад, маҷбураш мекунад, ки як пиёла чой бигирад, лаби нонашро шиканад, аз он ширириҳо баҳра бубарад. Ба дасти меҳмони саросема ҳам як пиёла чойро дода, хоҳиш мекунад, ки нанишинад ҳам, ростакӣ бинӯшад.

Нодир-амак ва ҳамсараш роҳи қаноатро пеш гирифта, ба дода шукр мегӯянд. Фарзандонаш-се духтар ва ду писар низ ба рӯзгору муҳити оилавӣ одат карда, поро аз ҳад берун намениҳанд, ба дороии дигарон ҳасад намебаранд. Падари миёнақадашонро беҳад ҳурмат карда, аз ҳама баландтар мешуморанд. Аз ҷо хезад, дасташро мегиранд, попӯшашро пеши пояш мемонанд, лаҳзаи нишастанашро интизор шуда, дарҳол ба пушташ болишт мегузоранд.

Гардиши айём ва дарди пирӣ Нодир-амакро эҳсосотӣ ва сахтгап кардааст. Ин чиҳат зуд-зуд авзояшро беҷо мекунад. Ҳангоми ҳақро ноҳақ маънидод кардани ҳамсӯҳбате оташи хашму ғазабаш аланга мезанад ва дар чунин ҳолат бо қаҳрамонони мусобиқаи гӯштину муштзанӣ дастугиребон мешавад. Дасту бозуи пурқувват надошта бошад ҳам, дилу гурдаи шерона дорад. Нотарс аст ҳамсояи мо.

– -Ту худат кӣ? – рӯзе рӯ овард ба марди ношиносе, ки ба масҷиди гузар намозгузорӣ омада буд. Аз дигар маҳалла омада, дар гузари мо маҳмадоноӣ мекунӣ, аз боби озодӣ ҳарф мезанӣ. Худат маънои озодиро медонӣ?

– Медонам.

– Намедонӣ. Ку ҳамон озодӣ? Магар дар пушти падару дар батни модар маҳбасӣ набудӣ? Ба дунёи рӯшан омадӣ, байни замину осмон маҳбасӣ нестӣ? Дар гӯр, дар қиёмат чӣ? Роҳи паймудаи одамизод роҳест аз маҳбасе ба маҳбасе. Медонӣ, ки инсон аз андак дорошавӣ ва соҳиб шудан ба имтиёзи озодии нисбӣ аз худ

рафта, аз роҳи идорашавӣ берун мебарояд. Агар озодии комил насибаш шавад, дар ҳамин дунё қиёмат барпо мекунад. Мамлакатҳои абарқудрат ҳам дар зери шиору парчами озодӣ демократияи кишварҳои дигарро ҳокимияти диктаторӣ шумурда, баҳри амалӣ шудани мақсадҳои ғаразноки худ мубориза мебаранд, бо дасти худи соҳибмулкони гаправ хонумони мардумро месӯзанд. Боз ту дар хусуси кадом як озодии бофтаю хаёлӣ сухан гуфта, байни мардум оташи фитна меангезӣ. Мехоҳӣ осудагиву истиқлолияти нисбиро ҳам халалдор бикунӣ? Наметавонӣ, зӯрат намерасад! Моргазида аз банди ало метарсад. Доғи мондаи ҷанги шаҳрвандӣ барои ҳафтод пушти ин миллат басанда аст. Бихез, зудтар боратро бубанд, ба корҳои гузардории мо шарик машав, – гуфта алови чашми марди ношиносро гирифт.

Нодир-амак марди доно аст, мантиқи суханро хуб медонад , дар баҳсҳо ҳамеша дастболо аст. Мақсадаш ҳалол зистан, фикри халқу Ватан кардан ва номи нек гузоштан аст. Ӯ, ки аз ягон кас мӯттаҳам нест, гапашро ба зӯрдаст ҳам гуфта метавонад, саркашонро низ дар ҷояшон мешинонад.

– Он дафъа қубури об гузаронда, роҳи кандаатро қирпӯш накардӣ, ҳарфе нагуфтем, хотиратро дидем. Ин дафъа таъмири ҷои вайронкардаатро фаромӯш макун.

– Чи ҳам аз дастатон меояд, хоҳам таъмир мекунам, нахоҳам не.

– Аз дасти мо наояд, аз дасти қонун меояд.

– Ин қадар ваҳима макун, маро аз қонун матарсон. Қонунро ҳам ту баринҳо баровардаанд. Ҳар кас бояд пояшро қади кӯрпааш дароз кунад.

– Бо ин ишора нодории ману дороии худатро дар назар дошта бошӣ, хато мекунӣ. Мо ҳам як умр роҳбар кор кардем, мӯҳру курсӣ доштем. Манфиъати халқу Ватанро аз ҳама боло мегузоштем. Нони ҳалол хӯрда, яки худро аз ҳисоби дигаре ду накардем. Вале бо сари баланд ва обрӯи муҳаммадӣ ба нафақа баромадем. Ту бошӣ, дар як муддати кӯтоҳ дорои доро шудӣ. Аз кадом ҳисоб? Аз ҳисоби тиҷорат ҳам бошад, гумон мекунам, ки як қисми даромадатро пинҳон дошта, ҳамчун мусулмон на закоти молро пурра месупурӣ, на андози давлатро…

Ва боз чанд далели дигар оварда, ҳамгузари худписандашро муттаҳам мекунад.

Ҳамсояи мо камбизоатии манфиъатбахшашро ба он дороие, ки ифодагари душаманӣ бо халқ аст, намедиҳад. Либосҳои оддӣ, шиму пиҷаки даҳҳо маротиб обу собун дидааш ва пироҳану гарданбанди камрангаш ҳам ба ӯ зебанда аст.

Ҳамсояи мо дар байни вакилони гузарҳои шаҳр номдор аст, ба дӯшаш бори нангу масъулият бор аст. Субҳдам бо ҳамон либоси расмияш, ки ҳамеша покиза ва дарзмолдида аст, аз хона баромада, ба ҳукумат меравад. Дар маҷлисҳо масъалаҳои муҳимро ба миён мегузорад. Масъала гузошта, шахсони дахлдорро маҷбур мекунад, ки роҳи ҳаллашро биёбанд. Кӯшиш мекунад, ки бо ҳар роҳ мушкили мардумро осон намояд.

Барои дархосту пешниҳодҳои пай дар паяш баъзе болонишинҳо Нодир-амакро нағз намебинанд. Гоҳо мехоҳанд, ки ӯро иваз кунанд, боз дудила мешаванд. Метарсанд, ки сипосгузорон онҳоро не, вакили итихобкардаашонро дастгирӣ мекунанд.

Бошандагон ба ӯ эътиқоду эҳтироми хоса доранд. Бе маслиҳаташ ягон маъракаро оғоз намекунанд. Кореро, ки як даста иҷро карда наметавонад, ӯ бо қудрати фаҳму ҷуръаташ ба сомон мерасонад. Агар дар рӯзи барфбод ҳам ҳашар эълон кунад, занону мардони маҳалла суханашро нашикаста, ба майдон мебароянд. Роҳраву пушти деворҳо ва ҷӯйборҳоро тоза мекунанд, ниҳол мешинонанд.

Маҳаллаи мо тозатарин маҳаллаи пойтахт аст, зеро ки сиёсати вакили маҳалла сахт аст. Ҳатто кӯдаконе, ки гоҳо дар роҳравҳо тӯббозӣ карда, гили деворҳои намдорро мерезонанд, омад-омади вакилро шунида, ҳар сӯ пароканда мешаванд.

– Дарвозаро кушо, мегӯям, аз интизорӣ ба ҷон расидаам, – як ҳини шаб ба гӯш мерасад овози ҳамсоя. Маълум мешавад, ки ҳамроҳи намояндаи ҳукумат ягон мавзеъро аз назар гузаронидааст, ё ки кӯча ба кӯчаву хона ба хона гашта, масъалаҳои тозагӣ, аз рӯи меъёр истифода бурдани газу неруи баркро ба мардум фаҳмондааст. Ё ин ки барои даъват кардани ҷавонон ба сафи қувваҳои муссалаҳ ба кормандону афсарони комисариати ҳарбӣ мадад расонидааст.

Ҳазору як ташвиш дорад вакил. Ба хотири интихоби мардум ва нанги ватандорӣ умрашро сарфи адои корҳои нек ме-

кунад. Агар музди ин вазифаро талаб кунад, манфиъат мебинад, аз номи нек маҳрум мешавад. «Дар дунё муқаддасоте ҳаст, мисли Ватан, Миллат, ки лозим шавад, барояш ҷонро дареғ намедорӣ. Сар медиҳию домани муҳаббатро сар намедиҳӣ. Нангу ифтихори худро баҳои дороии дунё шумурида, музди ҳама кас дасти ба даст аст ин ҷо» -намегӯй. Баъди расидан ба ин дараҷаи фаҳмиш ҳама рӯсурхии дурӯзаро олудаи хун пиндошта, аз олами нафсу ҷамъ кардани мол берун мешавӣ…

Дар тараддуди хоб будем, ки он овози шинос боз ба гӯш расид.

– Сайфиддин, ҳо, Сайфиддин!

– Лаббай.

– Охир, мурдум интизор, зудтар дарро кушо.

– Як калидро ёфтаму дигарашро наёфта истодаам, рафта анбурро биёрам.

– Дар куҷо мондӣ, ки намеёбӣ?

– Ман не, Аҳлиддин мондааст.

– Фарёдаш бикун.

– Хоб аст, тобаш нест.

– Хайр , зудтар анбурро биёр, ки аз хастагӣ ба ҷони ширин расидаам…

Гоҳо субҳдам ин овози ошно ба гӯш мерасад.

– Калидро дар куҷо гузоштед, ки наёфта истодаам. Зудтар биёбед, ки аз маҷлис дер мемонам. Ҳукумат шӯхиро намедонад. Раиси шаҳр дидори роҳбари беинтизомро дидан намехоҳад. Каси дермонда ҳуқуқи ба толор даромадан надорад, мефаҳмед!

Аз хашму ғазаби Нодир-амак аҳли оилааш тарсида, калидро дар зери замин ҳам бошад , пайдо мекунанд.

Дарвозаи ҳамсояи мо қуфл надорад. Ҷои қуфлро як оҳани аз ду тараф мурватдор иваз мекунад. Тарафи мурвати пайвандашро бо калиди чаҳордаҳ дошта, бо калиди ҳабдаҳ мурвати тобхӯрандаашро кушодан мумкин аст. Агар мабодо як калид гум шавад, то пайдо гаштанаш тӯфон мехезад. Ҳангоми наёфтан анбӯр мададгор мешавад.

Ҳамсояи мо чаро ба ин қадар ташвишу интизорӣ тоб оварда, худро асабӣ карда, як қуфл намехарад? Аввал ин ки

ҳама лавозимотро харида наметавонад, дуввум ба мустаҳкамии куфлҳои навбаромад, ки бо дигар калидҳо кушода мешаванд, бовар надорад.

Акнун меоем ба сари мақсад. Ҳамсояи мо чаро оҳани мурватдорро аз сӯрохии ду қабати дарвоза гузаронида, сахт тоб медиҳад ва гоҳо ҳангоми кушодан ҷони худро азоб медиҳад? Як одами камбизоат аз чӣ шубҳа дорад, намефаҳмам. Аз дидани ин манзара ҳам дар олами ханда меафтаму ҳам дар олами андеша.

Ҳамсояи мо дар ҳавлию хонааш чи дорад, ҳама медонад. Дар бехи девори бари дарвозааш як симчӯби бетонӣ, он тарафтар се – чор қубури хурду калони оҳанӣ ва як зинапояи кӯҳнаи чӯбӣ хоб аст. Кати оҳанинаш дар зери чойлоби ангур гузошта шудааст. Нонхонаи сутундораш пур аз дарзаи ҳезум аст. Аз тали поруи як гӯшаи замини ҳавлияш пайдост, ки ҳамсоя барои нонтарии аҳли хонаводааш як гови гӯсоладор низ дорад. Гови гӯсоладорашро дар оғили дарунбадарун нигоҳ медорад. Кушодани дари оғилаш ҳам душвор аст. Бинои хонааш низ пастакаки назарногир аст. Дар дохили ҳуҷраҳои хонаи пастаку назарногираш ғайри ҷевони пур аз китобу мизу курсии кӯҳна ва қолину гилеми нимдошт чизи дигаре нест. Хулоса, аз хонаву ҳавлии Нодир-амак молу маводе, ки барои ба яғмо будан арзанда бошад, пайдо кардан ғайри имкон аст. Вале дар пештоқи хонааш барои чашм нарасидан як гирдаи хор овезон аст. Дарвозаи баставу гирдаи хор барои ҳамсояи камбизоати мо чӣ лозим аст, намефаҳмам. Не, хато мекунам, ҳамсояи мо камбизоат нест, аз дороён ҳам доротар аст. Духтаракону писарони падардӯсташро қиматтарин сарват медонад. Замон нотинҷ аст…

САДОҚАТ

Содиқи Ватан бовар немекард, ки аз вазифа сабукдӯш мешавад. Дар як лаҳза ҳама заҳматҳои кашида ва худаш аз ёдҳо меравад. Бовар намекард, ки амрдеҳ дар зери амри аз вазифа озод шуданаш имзо мегузорад, номашро аз рӯйхати одамони бобаринок мебарорад. Ба ҳақиқати ҳол бовар надошт, ин амрро шӯхӣ мепиндошт. Ҳол он ки амрдеҳ бозиву шухӣ надорад.

Хоҳад дар як лаҳза ба фалак мебардорад, нахоҳад дар осмони ҳафтум ҳам, ки бошӣ, ба замин мефарорад.

Содиқи Ватан хост, ки дар ин хусус дигар наандешад, ғами беҳуда нахӯрад, дарду аламашро зуд фаромӯш кунад ва оташи хашму ғазаби худро хомӯш кунад. Медонист, ки масъалаи аз вазифа сабукдӯш шудан ба андеша кардан намеарзад, бори шӯҳрати дурӯза ба бурдан намеарзад. Вазифаи ӯ, аслан, суханро обу ранг додан, навиштаҷотро хонда, ислоҳу илова кардан, тақриз навиштан, ба мактубҳои воридгашта ҷавоби пухта гардондан, дар маҷлисҳо ширкат варзидану обрӯ ва манфиъати коргоҳро муҳофизат кардан буд. Хулоса, дар баҳои гум кардани нури чашм ва хароб гаштани хонаи асаб музду мукофоти ночизе ба даст овардан буд. Аз ҳамин вазифа, ки мағзи маънияш мурда-мурда зиндагӣ кардан аст, сабукдӯш шудан дар доираи тасаввураш намегунҷид. Баъд аз ин барои пешаи итихобкарда худро бад медид. Бо вуҷуди ин ҳама ҳанӯз кадомин ришгаи умеде ӯро ба тарафи курсии мансабаш мекашид. Зеро роҳи дил кашидану по рафтани ҳама давру замон роҳи мансаб аст, ҳатто бурд ҳам надошта бошад, шӯҳрагаш нирубахши ҳастии матлаб аст. Нӯги ин ришта ба қисмати доимии ҳисси баланди миллию ифтихори ватандорӣ, ҳимояи марзу бум ва таъмини осудагии зиндагихоҳони як мамлакат рафта мерасад. Яъне, аз ин масъалаи хурд бузургӣ ибтидо мегирад ва фидоии ҳалкунандааш то ба нафақа нарасида, мемирад.

Шояд ба ҳамин хотир Содиқи Ватан дар хусуси аз мансаб озод шуданаш андеша мекард ва тешаи ноумедиро дур аз реша мекард.

Дар ҳар сӯҳбате, ки сухан аз боби мансаб мерафт, ҳаммартабаҳо бо дили пур ба Содиқи Ватан мегуфтанд: – Решаи ту аз решаи мо дида мустаҳкамтар аст, балегӯву даргоҳи ниёз дорӣ, имтиёз дорӣ. Рӯзе моро гусел мекунию худат ҳамроҳи навтаъиншудагон мемонӣ ва давр меронӣ.

Дар ин ҳазлу ишораи онҳо низ мафкураи ҳамшаҳридорию иллати ҷамъият буд. Дар асл Содиқи Ватан зодаи як маҳал не, фарзанди баруманди миллат буд. Вале «сухани хона ба бозор рост намеояд» гуфтагӣ барин Содиқи Ватанро бехабар аз вазифа озод карданд, гӯё ба ҳасадбарони ишорагар имдод карданд.

Рӯзҳо гузаштанду ҳанӯз ҳам Содиқи Ватан ба амри аз вазифа сабукдӯш шуданаш бовар надорад. – Чӣ хел дили сарвар мешавад, ки ба зери амри аз вазифа озод шудани Содиқи Ватан имзо гузорад. На, ин амру имзои ӯ нест. Сарчашмаи ин амр пешниҳоди одамфурӯшону манфиатҷӯён аст, тасдиқи пешниҳоди фақат дар сари минбар ватангӯён аст. Мақсаду нияти сарвар роҳ бастан не, роҳ кушодан аст, ғамгин кардан не, аз банди ғам раҳо додан аст. Бунёд кардану обод кардан аст. Зиндон кардан не, аз маҳбас озод кардан аст. Вале дар амрномае, ки ба қисмати аз вазифа сабукдӯш шудани Содиқи Ватан дахл дорад, имзои ӯст, имзои бегона не, аз дӯст. Касе бе амри ӯ пишаки Содиқи Ватанро пишт гуфта неметавонад. Фақат ӯ ҳуқуқ дорад, ки ба зери амрномаи аз вазифа сабукдӯш кардан имзо монад. Хулоса, ба амрнома худи ӯ имзо гузошта, Содиқи Ватанро аз вазифа сабукдӯш кардааст, тугмаи чароғи рӯшани иқболи ватандӯстеро ба дасти худаш зер карда, хомӯш кардааст. Содиқи Ватан ба баҳри андешаҳо боз ҳам чуқуртар фурӯ рафта, бофтаҳои хаёлии худро аз нав рад мекард. Хулосаҳои баровардаашро гумону ҳазён шуморида, худро маломат мекард. Шояд савҳ шудааст. Ӯ нисбати банда назари нек дорад, дилаш намешавад, ки ба зери амрномаи аз вазифа озод шуданаш имзо гузорад. Ин хостаи ӯ нест, хостаи хабаркашони бемурурват аст, хостаи сӯзандагони хонаи маърифат аст. Онҳо ба роҳи доғ гузоштан ба ҳаёти дигарон қадам мениҳанд, хирадмандонро ҳам фиреб медиҳанд.

Одам шири хомхӯрда, ба тори асабаш, ки пайваста нохун задан гирифтанд, навозиш мепиндорад. Сияҳкунандаро дӯсту сафедкунандаро душман гумон карда, ҳукмашро мебарорад. То ҳақиқати ҳолро мефаҳмад, ки ҷабрдидаи бегуноҳ аз дасти ҳуҷумҳои пай дар пайи фикр сар ба болини беморӣ мегузорад. Балки аз ҳаёт дасти умед шуста, хаёлан рӯ ба водии хомӯшон меорад.

– Чаро манфиатҷӯ маърифатҷӯро фурӯхта метавонаду маърифатҷӯ манфиатҷӯро не? Зеро шикам банди хаёли хӯрдану дарёфтани ризқу рӯзӣ аст, вале дил побанди дилсӯзӣ аст. Соҳиби шикам лозим ояд барои пур кардани рӯдаи худ ба хиёнату куштор ҳам даст мезанад. На танҳо ошноро, балки падару

модар ва кишвари худро мефурӯшад. Соҳиби дил бошад аз муборизаҳои хонаи мардумсӯзӣ худро канор гирифта, паи таъмини осудаҳолӣ мекӯшад.

Содиқи Ватанро маҳз тоифаи аввал сиёҳ кардаанд. Ӯро санги сари роҳи худ пиндошта, берун аз роҳ кардаанд. Дар ҳақаш ҳарфи тӯҳмат зада, болоро фиреб доданд, дар роҳи аз вазифа сабукдӯш гаштанаш нақши худро ниҳоданд.

Содиқи Ватан аввалҳо дар хусуси вуҷуд доштани амалҳои ноҷавонмардона бовар намекард. Ғайри фикри кор ва хизмат ба халқи диёр андешаи дигар намекард. Дар музофот роҳбар буд. Он ҷо муҳит дигар буд. Муҳити соддае, ки накҳати меҳрубонию ҳамдардӣ дошт, бӯи ҷавонмардӣ дошт. Дастаи пуркуввати корӣ буд, маслиҳату мададгорӣ буд. Заҳмат кашида, самари офаридаҳои худро пешкаши мардум мекарданд. Баъди ҳар бурд ва баҳои ҳаводорон аз шодӣ чун кӯдаке дасту по гум мекарданд.

Ҷанги шаҳрвандӣ ҷамъияти онҳоро низ пароканда кард, хуршеди дар дами ғуруб истода ба рӯяшон ханда кард. Сияҳдилон дидори равшандилонро дидан намехостанд, ҳарфашонро шунидан намехостанд.

Дар ҳамон рӯзҳои мудҳиш қумондонҳо мошинашро боз дошта, гирифтанӣ шуданд, аз мошин нафаромад.

– Ин мошини давлат аст, ба он ҷавобгарам, бе ҳуҷҷат ба шумо дода наметавонам. Қариб буд, ки барои як мошин аз ҷонаш ҷудо шавад. Вале яке аз он силоҳдорон бо ишорае Содиқи ба ҷабргоҳ овардаро аз чанги шарикони гургсураташ раҳо дод ва гиреҳҳои риштаи қисмати ӯро кушод.

Баъдтар фаҳмид, ки қумондони мададгораш бародари ҳамон духтари маъюби ба кор қабулкардааш будааст. Некии як замон кардааш дар рӯзи сиёҳ офтоби бахт шуда, ба рӯяш тофт ва аз сахои нураш роҳи субҳи саъодати худро дубора ёфт.

На танҳо дар рӯзҳои душвор, балки дар рӯзҳои осудаҳолӣ ҳам ташвиши роҳбар беҳисоб аст, дар роҳати мансабдор нишонаи садҳо азоб аст. Дар ташвиши хурди ҳаёти роҳбар ҳам осори табадуллоти бузург аст, шодии меши номусаш ҳам вазнинтар аз андӯҳи гург аст.

Мактуби ихтисори ҷои корӣ омаду қурраи озод кардан ба номи бобои Рустам афтод. Мӯйсафед ҷорӯбкаши ҳавлии идора

буд. Ҳар рӯз саҳни қирпӯшро шуста, гулҳои гирду атрофро об медод, барои музди ночизе ҷони ширинашро азоб медод.

Содиқи Ватан медонист, ки меъёри тасдиққардаи ҳукуматро риоя накардан мумкин нест. Вале ӯ ҷои ихтисоршудаи ҷорӯбкаши пирро нигоҳ дошта тавонист.

Ба сармуҳосиб гуфт, ки кормандони дастгоҳамон одамони хубанд, ба гап қарибанд, ҳар моҳ аз ҳисоби музди меҳнати ҳамаамон барои ҷорӯбкаши ихтисоршуда маблағе ҷамъ меорӣ, баъди имзо дар варақаи сохта маблағро ба он кас медиҳӣ. Агар беимзо бидиҳӣ, худро талбанда ҳисобида, маблағро намегирад. Ихтисор шуданашро фаҳмида, дилаш аз давлату ҳукумат мемонад.

– Ҳангоми рухсатӣ хоҳу нохоҳ ин сир ошкор мешавад.

– Ошкор намешавад. Он вақт ҳам ҳаққи думоҳаро ҷамъ карда медиҳем, вассалом.

Алқисса, мӯйсафеди ҷорӯбкаш аз дурандешии Содиқи Ватан то дами ихтиёран аз кор рафтан дар варақае, ки танҳо номи худаш сабт гардида буд, имзо гузошта, музд мегирифт, розӣ буд аз қисмат ва аз давлату ҳукумат.

Ба марказ омадан дар гӯшаи хаёли Содиқи Ватан набуд. Ӯ бо муҳиту кори идораҳои марказ ва сарваронаш ошноӣ надошт. Берун аз қадамҷояш по намегузошт. Ногаҳон даъваташ карда, бори гарони масъулиятро ба дӯшаш гузоштанд. Бовар доштанд, ки ин бори гаронро ба манзили мақсад мерасонад, дар ними роҳ намемонад.

Содиқи Ватан медонист, ки гаронтарин бор бори масъулияти ватандорӣ аст. Дар лаҳзаҳои хоби соҳибватан низ нишонаи бедорӣ аст. Аз субҳи барвақт то як ҳисси шаб кор мекард, ҳастиашро фидои халқу диёр мекард. Рӯзҳои корӣ аз ҳисоби шабҳои бехобӣ дароз мегашт, аз нохуни фаҳмаш гиреҳҳои мушкилкушо боз мегашт. Дар марказ асрори дунёи сиёсатро хубтар фаҳмид, дари ҷаҳони дигареро ба рӯяш кушода дид.

Мансабашро мояи ифтихор дониста, зиндагонию ватандориро олиҳаи покӣ мешумурд, фақат аз як мошини хизматӣ баҳра мебурд.

Вақте ки ба дари хонааш мошинсавор меомад, хурду калон бо ҳавас ба сӯяш чашм медӯхтанд, худро хушбахттарин инсон ҳисоб мекард. Ҳангоми ба мошин нишастан, аввал ба

забон шукронаи ҳастибахшандааш ва баъд пеши рӯяш симои модару сарвараш меомад. Он яке тавлидаш карда, ба воя расонд, дигаре ӯро ба тахти мансаб шинонд.

Барвақт ятим монда, чеҳраи падарро ёд надошт, Содиқи Ватан.

Ба сари ақл омаду мӯйсафедеро дид, ки падарвор навозишаш мекунад. Мӯйсафед ибрати ҳамдеҳагон буд, номаш вирди забон буд. Боғи давлатиро нигоҳубин мекард, кори сангин мекард. Ҳосили полезаш ҳам санги санглохро мемонд, ҳамаро ба дӯкону анбори давлат супорида, ба хонааш намекашонд. Баракатро дар меҳнати ҳалол медид, фарзандонашро бо нони меҳнатӣ мепарварид.

Инак, парвардаи ҳамон мӯйсафеди поксириштро, ки худ сокини водии хомӯшон аст ва дур аз олами ғайбатгарону одамфурӯшон аст, бехабар аз вазифа озод карданд, хотирашро ҳам ғамгину ҳам шод карданд.

Ғамгин аз он шуд, ки бе ягон пурсиш, бе муҳокима ва аниқ кардани гуноҳаш аз вазифа озодаш карданд, заҳматҳои кашидаву саҳми гузоштаашро ба ёд наоварданд,

Аз ҳама аламовараш он аст, ки кори зердаст дар боло он тараф, дар худи идора баҳо намегирад, ҳазор ҷон канад ҳам, бенишон мемирад. Забони на ҳар роҳбар дар ситоиш кардани зердасташ пеш меравад, гумон мекунад, ки баъди додани ин баҳо обрӯи худаш кам мешавад. Ҳол он ки зердасти арзанда аз ҳеҷ ҳар чиз месозад ва дар саҳнаи тақдири коргоҳ нақши муҳим мебозад.

Шод аз он гашт, ки аз кори мушкил ҷавобаш доданд. Аз кӯзаи осудагӣ обаш доданд. Дар хилваташ банди хаёлҳои мухталиф шуда, соатҳои кории дар вазифа буданашро ҳисоб кард. Ба рӯз гардонд, чаҳор солаш шаш сол шуд. Ғайр аз рӯзҳои истироҳатӣ, ки он ҳам дар идора мегузашт, рӯзаш дар коргоҳ шаб мегашт. Яъне баъди шаш соли корӣ бори нахуст рӯзона соате хоб кард. Бедор шуда, худро хеле сабук ҳис намуд ва рӯзҳои дар мансаб буданашро ба ёд овард.

Содиқи Ватан дар роҳи мақсад ва расидан ба қадри мансаб қадами устувор дошт. Ҷавҳари нангу ор дошт. Дар муқобили забткунандагони мафкураҳо меистод, ҷавоби суолҳои хурдагирону бадниятонро медод, ба номаҳояшон по-

сух мегардонд. Ҳарфаш нигоҳи тези соҳибватанро мемонд. Умеди онҳоеро, ки хармӯҳраи фикру ақидаи худро ба тори нозуки зеҳни миллаташ бор карданӣ мешуданд, барҳам мезад, гӯё як тан худро ба як олам мезад.

Ғосибон барои ошкор нашудани ниятҳои нопоки ниҳонашон ва бехабар ба мақсади ниҳоӣ расидан, аввал мафкураҳоро забт мекунанд. Тавассути тарғиби ватандорони сабукфикр андешаҳои халқу миллатеро дигар карда, дороиҳои қаламрави онҳоро осон азони худ менамоянд. Аз ин забткуниҳои ноаён ошӯбу табаддулот ва ҷанги шаҳрвандӣ тавлид мешавад, парчами умед аз даст меравад. Танҳо дурандешию ифтихори ватандорӣ намегузорад, ки адолати демократӣ халалдор гардад, мор аждаҳор гардад.

Сиёсат аслан муборизаи ақидаҳост. Ғолибӣ фақат насиби ҳамон кас мешавад, ки шамшеру сипар ва ҷавшану ханҷари сухан дорад, яъне силоҳи пинҳонасари сухан дорад. Агар идораи дастгоҳи маънавӣ ба ҳукми бефарҳанг афтад, пешниҳоди ғамовари бегонагонро ҳам ғамхорӣ пиндошта, ҷонибдорӣ мекунад, халқаш шакари заҳролуди зиндагиро наҳорӣ мекунад.

Содиқи Ватан ин паҳлӯҳои нозуку ноаёнро бо чашми хирад дида, ба номаҳои тоифаи бадхоҳ ҷавобҳои талх мегардонд, тифли фиреби бегонагонро аз дари ҳақиқати ватандорӣ меронд. Ба баҳри сиёсати беруна ғӯта зада, аз чашмаи сиёсати дохилӣ осуда буд, дили покаш бехабар аз муҳити ғуборолуда буд. Намедонист, ки сафедхоки замини вуҷудаш аз ин обаки хурд нам гирифта, дар ҷо менишинад, дигар баландиро намебинад. Намедонист, ки девори ин сиёсатро аз хишт не, аз ҷисмҳои зиндаи қатор чидаанд. Зиндадаргӯр шудаанд, онҳое, ки зери гили ин деворро дидаанд. Ин девор ончунон майдачинӣ шудааст, ки аз дасти роҳбандон то дами мурдан нома дар даст дар пушти ин давор интизор менишинӣ, то рӯзи қиёмат дидори неки он олиҷанобро намебинӣ. Худи сарвар ҳам бехабар аз асрори пушти ин девори бедар мемонад, бехабар аз қисмати ёрони хунҷигар мемонад.

Содиқи Ватан намехоҳад, ки дар паси девори ин даргоҳ азоби интизорӣ кашад, шарбати заҳролудаи косаи сиёсатро чашад. Ӯ якрӯ ҳаст, як қаҳрамон дорад, умрест, ки танҳо як

арзандаро аз сидқи дил ва бетамаъ ситоиш карда, барои тобу тоқаташ ба ӯ садҳо офарин мехонад, баробари «Ватан» гуфтан симои нуронии ӯро пеши рӯ меорад, номашро парчами нанг карда, болои сар мебардорад.

Гоҳо мехоҳад, ки дар як гӯшаи хилвати дури дур боқии умрашро гузаронад, чизеро нашунавад, надонад, чашми умед аз оламу одам пӯшад, дар мотами тифли шаҳидгаштаи орзуяш либоси ғам пӯшад. Вале боз аз роҳи хаёли одамфиребаш баргашта, мехоҳад, ки худро дар ҳалқаи оташ занад, барои хомӯш кардани алангаҳои ҳастисӯз ҷон канад. Агар корвони умедаш дар гӯшаи хилвате манзил гирад, тақдири фарёдгоҳаш чи мешавад? Қисмати фардои ватанхоҳаш чи мешавад?Кӣ домани нангу номусро медорад? Кӣ парчами ифтихорро баланд мебардорад? Мумкин аст, ки дар як лаҳзаи хилватнишинӣ заҳмати як умр кашидааш барбод равад, номунасаби фидоӣ буданаш аз ёд равад. Бояд ноумеду рӯҳафтода нашавад, содда нашавад. Хилватнишинӣ, яъне дурӣ аз ҷамъият шудан нишонаи шикаст хӯрдан аст, нишонаи зистан не, мурдан аст. Набояд мағлуб шавад, хошоки дами ҷорӯб шавад. Ҳаёт ҷустуҷӯ кардан, мубориза бурдан ва таслим нагаштан аст. Дар ин пойгаҳ гузашт кардан не, аз дигар човандозҳо пеш гузаштан аст.

Моҳҳои аввал бо ҳамин умеду дили гарм кор мекард, бо сиёсати хосааш хоболудагонро бедор мекард. Роҳҳои ислоҳи камбудиҳоро мекофт, хатоиҳо меёфт. Ҳунарманду беҳунар маълумаш мегашт. Аз баҳри онҳое, ки танҳо истеъдоди лаганбардорӣ доштанд, мегузашт. Баъдтар азоби роҳи пешгирифтаашро дид, соҳиб доштани беҳунарҳоро фаҳмид. Хост мубориза барад, ба боло шикоят кунад. Боз худдорӣ кард. Фарёдраси боваринокеро намедонист, ки ин қиссаро ҳикоят кунад. Дар боло ҳам суханчинони хабаркаш кам нестанд, намак ба ҷароҳатанд, марҳам нестанд.

Содиқи Ватан ҳамроҳи чандин роҳбар кор кардааст. Кӣ будану чи мақсад доштанашро фаҳмида, хулосаи худро баровардааст. Сарҳади биниши аксарашон то шиғи мижгон аст. Азоби ҷон кандан аз зердасти зиндаи онҳо будан осон аст. Бисёрашон зудбовару гаправанд, дағалмуомилаанд, хурдагиранд, воҳимачианд, хулоса хоре ба обилаанд. Бо ин

ҳама онҳо худашонро оқилу дигаронро аблаҳ мешуморанд. Дар ҳузури кормандони зинаҳои паст ба зердастон фишор меоранд. Хислатҳои он роҳбароне, ки ҳамроҳашон кор кардааст, ҳаргиз аз хотираш намеравад. Агар ба хобаш дароянд, тарсида бедор мешавад.

Шояд ин ҳам як сиёсат аст барои тарсондану манфиъат ҷустан. Вагарна хирс ҳам аз зарби чуб дида бо муносибати хуб бештар гапгир мешавад. Танҳо роҳбари охирин, бо он, ки асрори соҳа ва донандагонашро хуб медонист, доғдоршудаи деринаро нигоҳ дошта натавонист.

– Наход одам ба ҳамин гуна фаҳму фаросат роҳбар шавад? Наход Содиқи Ватан ба хотири шӯҳрати дурӯза, аз пайи ин тоифа қадам гузорад? Наход мансаб одамро ба ҷои ба зинаи баланди мартаба баровардан, ба поён фарорад?

Содиқи Ватан мехост ихтиёран аз вазифа равад, аз таънаву маломат озод шавад. Дигар дидори худпарастонро набинад, азоби зердастонро набинад. Вале боз бори нангро аз дӯш наафканда, ба ҷони худ ҷабр мекард. Ба хотири эҳтироми амри сарвар сабр мекард.

Содиқи Ватан масъалаи аз вазифа маҳрум гаштанашро ду ҳафта пештар медонист. Дар муоинаи тиббии беморию дил буд, ки телефони дастияш овоз баровард. Соҳиби овозро шинохт. Аз баҳри табобати худ гузашт ва аз беморхона рост ба қабули он кас рафт, мақсади даъват шуданаш маълум гашт.

Аз он даргоҳи бузург баромада, роҳравон симои гунаҳгоронеро, ки пешдастӣ карда, бегуноҳонро мефурӯшанд, бори дигар ба ёд оварда, ба онҳо нафрат хонд. Аз гурӯҳи назоратие, ки кору кирдори эшонро хуб медонанд ва пинҳон медоранд, дилаш монд.

Бисёр андешид, ягона роҳи ошкор шудани неку бадро дар қабули худи сарвар дид. Сарвар аз байни чандин ҳазор нафар якеро сардор ва чанд нафари дигарро муовин таъин менамояд. Амру фармонҳо як, вале дараҷаи вазифаҳо гуногунанд.

Сарвар гумон мекунад, ки таъинкардааш ҳуқуқу имтиёзҳои зердастонашро таъмин менамояд. Вале дар асл ин хел нест. Тақсими вазифаҳои хизматӣ фақат дар фармон аст,

ин дард дар ҳасрати дармон аст. Ин дардро кӣ дармон ва ин мушкилотро кӣ осон карда метавонад?Танҳо як нафар, ҳамоне, ки ин ё он касро аз беҳтарини беҳтаринҳо хонда, ба тахти мансаб мешинонад. Сарвар ба хотири эҳтироми амру фармони худ бояд ҳар сол ва ё дар ду сол як маротиб имкон ёфта, таъинкардаашро лаҳзае ба ҳузураш бипазирад, як навъ аз ӯ имтиҳон бигирад. Ҷамъи қабули ҳама таъиншудагон бист-сӣ соат, яъне ду-се рӯзро ташкил медиҳад. Вале манфиъати як қабули сарвар ба даҳсолаҳо мерасад.

Ҳисобот он тараф, ҳатто шунидани хабари қабули сарвар вазифадорро ҳушёр мекунад, пои ақли бахобрафтаашро бедор мекунад. Таъиншуда то саволи сарварро шунидан даҳҳо маротиб ба худ савол медиҳад: – Чаро маро қабул мекардааст? Магар аз ман хатое гузаштааст? Маро шояд ягон кас фурӯхта бошад? Ғарқи баҳри андешаҳо гашта, баду неки худро ба ёд меорад, бори савобу гуноҳашро дар тарозуи ақл бармекашад, яъне худаш дар назди худаш ҳисобот медиҳад.

Ҳангоми рӯ ба рӯ сӯҳбат кардан, сарвар дараҷаи фаҳму фаросат ва мақсаду нияти пазируфтаашро хубтар дарк менамояд ва хабарҳои шунидаро ба ҳолати дида муқоиса карда, хулоса мебарорад, ҳақу ноҳақ ошкор мешавад. Ғайр аз ин хабари даъвати сарвар дар танӯри дили соҳибмансаб шӯълаи умед афрӯхта, ӯро ба кору рӯзгор дилгарм мекунад. Ӯ аз эътибордеҳу соҳиб доштанаш ифтихор мекунад. Ба сӯи ояндаи дур чашми умед медӯзад, дилаш ба халқу ватанаш месӯзад.

Аз ҳама муҳимаш шахси аввали идора аз нуфуз пайдо кардани зердасташ дар шубҳа меафтад. Метарсад, эҳтиёткор мешавад. Вазифаро манбаи манфиъат не, нишонаи обрӯю эътибору шӯҳрат ва атои қисмат медонад, худро фарзанди содиқи ватан мехонад.

Як қабул вазъи идораву муҳити атрофро дигар мекунад, зари зоҳирро хоку хоки ботинро зар мекунад. Боз агар жарфтар андешем як қабул паҳлӯҳои башарӣ низ дорад, мансабдори соҳибифтихорро дар ҳама ҳолат ба сари нангу номус меорад. Ками диёри кӯчакашро ҳам аз ҷаҳони бузург бузургтар мешуморад. Аз сиёсаташ бадхоҳе тарсида ба сарҳади ватан қадам намегузорад.

Содиқи Ватанро аз вазифа сабукдӯш карданд, ҳеҷ гап не,

боз чандин машғулияти дигар дорад, барои гирифтани дами шамшери зиндагӣ сипар дорад. Онҳое, ки ин ҳунарро надоранд, дар давлат бо умеди зина ба зина боло рафтан кор мекунанд, бо музди ночиз худро ва аҳли хонаводаро одат кунонда, аз одами давлатӣ буданашон ифтихор мекунанд, баъди бехабар аз вазифа сабукдӯш шудан, ба куҷо мераванд, ба чӣ кор машғул мешаванд?

Ризқ азалӣ ҳаст, онҳо ҳам бекор намемонанд, эҳтиёҷи зиндагӣ маҷбур мекунад, ки риштаи қисмати худро ба ҳалқаи шуғле пайванданд. Шояд аз ноилоҷӣ муддате ба кишвари бегона бираванд, хидматгори дари хоҷаи дигаре бишаванд. Вале заҳматҳои солҳо кашидаашонро кӣ ҷуброн мекунад? Ба таънаҳои сабукандешон кӣ посух мегардонад?

Соҳиби Ватан бо вуҷуди ҳунарманд будан, худро пеш аз ҳама фарзанди ҳукумат мехонд, ба роҳи сиёсати пешгирифтаи давлат қадам мемонд.

Фарзандонаш низ ба хӯрдани нони меҳнатӣ одат карда буданд, гоҳо дар рӯи дастархон ягон навигариро медиданд, ҳайрон мешуданд. Таъоми гӯштӣ гоҳ-гоҳ насибашон мешуд. Аслан ғизояшон нону чою қанд ва таъоми донагӣ буд. Аз ҳамон насибаи худ лаззат мебурданд, рӯсурх буданд, ғами беҳуда намехӯрданд. Вориси кӣ буданашонро андеша мекарданд, қаноатмандиро пеша мекарданд.

Акнун бо кадом рӯ ба онҳо мефаҳмонад, ки худашро, тарғибгари сиёсати давлатро, ҳидоятгари роҳи ҳақро, фидоиро, соҳибватанро аз вазифа сабукдӯш карданд. Шояд ягон гуноҳ кардаст, – гӯянд. На, онҳо дар назди падар гап намезананд, вале то аз асли воқеа бохабар шудан хоҳу нохоҳ дар олами шубҳа меафтанд. Ҷаҳони одамӣ ҳамин аст, каси афтода дар назараш ангуштарини бенигин аст. Охирин умеде, ки бардорандаи афтода аст, аҳли хонавода аст.

Содиқи побанди андешаҳо чи гуна ба чорроҳа расиданашро пай набурд.

Чароғи сурх роҳи пиёдаравҳоро банд кард. Дар ҳамон як лаҳзаи гузаштани мошинҳо чандин шиноси савора ва фарзандони онҳоро дид. Онҳое, ки ба гуфти мардум ҳатто хар надоштанд, мошинсавор аз бараш гузаштанд, худро нодида вонамуд карданд.

Дидани ин манзара ба ӯ он қадар таъсир ҳам накард. Ба мошинсаворӣ ҳам сахт одат накарда буд. Замоне бо мошини нави хидматӣ меъёри яксоларо дар чаҳор сол гашт. Баъди ӯ мошини ҳанӯз напа-навро шахсӣ карда, фурӯхтанд. Бало ба паси ҳамин гуна мафкураҳо.

Ранги чароғи чорроҳа дигар шуд, вале Содиқ ба хулосае омада натавонист, чи кор кардану ба куҷо рафтанашро надонист. Хост, ки роҳашро давом дода, рост ба хона равад, боз аз райъаш баргашт. Дар ин ҳолат ба хона рафтанаш ҳоҷат нест, аз авзояш пай мебаранд, ки ягон гап шудааст. Хоҳу нохоҳ майдапурсӣ мекунанд. Маҷбур мешавад, ки гиреҳи ристаи қиссаро кушояд. Баъди шунидани қисса албатта ҳамсараш ишора менамояд:

– Кор гуфта, номусу ор гуфта, худатро зуд пир кардӣ, дардманд шудӣ. Акнун чӣ ғам мехурӣ, дар мансабдориат ҳам яки мо ду нашуд. Чи навъе, ки будем, ҳамон хел мондем. Фаҳмидӣ, ки охири мукофоти амалат чи будааст? Сад нобуди ҳамон вазифа, танат сиҳат бошад, шуд.

– Не, рост ба хона намеравад. На тоби навозиш дидан дораду на тоқати таъна шунидан. Беҳтараш ба тамошои бозор рафта, ба дунёи дигар ворид мешавад ва ҳамаро фаромӯш мекунад.

– Бозор ҳам чи ҷои тамошо дорад?

– Қасам хӯрдан, дурӯғ гуфтан, аз тарозу задан, рӯзро бо рӯсиёҳӣ кӯр кардан, савдо ҳазор ранг, фурӯхтани матои инсофу ному нанг. Аз ҳамин ҷо ибтидо мегардад доду гирифт, ки охираш ба одамфурӯшӣ рафта мерасад.

Мазор аз бозор беҳтар аст. Ба мазор рафта, олами хомӯшонро зиёрат мекунад, навиштаҷоти лавҳаҳои рӯи гӯрҳоро мехонад. Оромгоҳи мақбарамонанди хӯҷаинҳои фаромӯшшудаю гӯрҳои оддии ба ёдмондагонро мебинад. Олами фонию бевафоии дунёро андеша карда, худро тасаллӣ медиҳад. Лаҳзаҳои боқимондаи умрро ғанимат шуморида, ба дода шукрона мекунад. Ҳама дорой, ҳама шӯҳрати дурӯза дар кафи оташи дунё хас аст, аз кӯҳи Ватан барои лавҳи гӯраш санге расад, бас аст, – мегӯяд ва то нафаси охирин нишонаи неки ҳастиро меҷӯяд.

Ба мазор рафтан ҳам шарт нест. Хоки вуҷудаш мазорро ме-

монад. Оромгоҳи некномону фидоиёне ҳаст, ки дар давоми умри нимасрааш аз ҷаҳон гузаштаанд. Гузаштанду фаромӯш нагаштаанд. Вале ному насаби болонишинонеро баъди як ҳафтаи аз кор рафтан ба ёд оварда наметавонӣ. Он гузаштагони баёдмонда мурда нестанд, мурда ин зиндагони азёдрафтаанд. Мазор барои ҳамин тоифа аз бозор фарқ надорад. Агар дар гӯри навканда зинда ҷояшон бикунӣ, баъди баромадан ҳам аз пешомади қисмат андеша намекунанд.

На ба бозор мераваду на ба мазор, рост ба идора рафта бо ҳамкорону зердастони вохӯрдааш хайру хуш менамояд. Онҳоеро, ки дида наметавонад, албатта худашон ин хабарро шунида, аз рӯи эътиқоду эҳтиром суроғаш меоянд.

Содиқи Ватан баъди ба ин хулоса омадан, аз як тарафи раҳ ба дигар тараф гузашта, сӯи идора рафт. Идора ба роҳи калон беҳад наздик буд.

Ба ҳуҷраи хуб ҷиҳозонидаи корияш даромада дид, ки ғайри ду китоби «Фарҳанги забони тоҷикӣ» ва расми бузурги сарвар чизи дигаре надорад. Ҳамон ганҷинаҳои бебаҳояшро, ки се сол пеш, баъди ба вазифа таъин шудан аз хонааш оварда буд, дубора бардошта, аз дари бинои коргоҳ баромад. Бори гарон надошт, вале базӯр-базӯр қадам мегузошт, гӯё гумкардаҳояшро мекофт. Роҳи хонаи дар масофа наздикаш низ бори нахуст дури дур метофт…

ВАФОДОР

Писарак аз бими дар чашми ягон шинос натофтан дуртар аз истгоҳ, дар бари роҳи калон танҳо рост меистод. Бо як даст аз банди сагаш гирифта, дасти дигарашро барои боздоштани мошинҳо дам ба дам боло мекард. Ба пиёдагону саворагоне, ки лаҳзае дар бараш истода, ба ӯ не, ба саги холдораш дидаи эътибор медӯхтанд, рӯ оварда мегуфт:

– Бихаред, мефурӯшам. Арзон, – ва аз рӯи одат дар ҳолати баҳо додан ва нарх гузоштан дасташро ба сари холдораш мебурд.

– Шояд ягон айб дорад, арзон фурӯхта, бо ҳамин роҳ мехоҳӣ, ки ҷонатро аз ташвиши сагдорӣ халос кунӣ.

— Дилам намешавад, ки фурӯшам. Намехоҳам аз вафодо-

рам ҷудо шавам, вале илоҷ надорам, пул лозим шудааст, – мегуфт писарак.

Ба даҳҳо саворагону пиёдаҳои пурсанда, ки вақташро мегирифтанд, вале сагашро намехариданд, ҳамин як ҷавобро медод. Баъзеашон «сагфурӯш» гуфта, ба ҳолаш механдиданд, баъзе дигарашон ба ӯ эътибор надода, аз бараш гузашта мерафтанд.

Писарак аз рост истодан монда шуда, дар ҷо сари по нишаст. Аз як тараф хастагӣ, аз ҷониби дигар ҳавои сард ба ҷисмаш асар кард. Либоси на он қадар ғафсаш дами нафаси сарморо гирифта наметавонист. Андак барф басанда буд, ки попӯши рангпаридаи бегӯшакашро панаҳ кунад. Хулоса, пӯшидааш сафарӣ набуд, бо ин гуна либосу попӯш метавонист, ки то паси дарвоза ва роҳи гузар барояд.

Ҳангоми ба кӯча баромадан майда-майда борон меборид, баъди ба роҳи калон расиданаш борон якбора ба барф табдил ёфт. Оҳиста-оҳиста дашту пуштаҳо, гиёҳҳову дарахтон ва писараку саги холдор низ якранг гашта, сафедпӯш шуданд. Танҳо хокистаррангии роҳи қирпӯшро рафтуомади саворагону пиёдаҳо ҳанӯз нигоҳ медошт.

Писарак ноумед гашта, акнун ба мусофирон эътибор намедод. Мурғи хаёлаш дар фазои дидаву шунидаҳо парвоз мекард. Замоне, ки нозбардор дошт, ноз мекард. Ҳоло чӣ? Ягона қуввати дил қиблагоҳаш мебошад, ки худ мӯҳтоҷи нозбардор аст. Аҷаллан додар ё хоҳаре медошт, месӯхт ҳам дуди дилаш мебаромад. Нашавад, ки ба ин вафодораш аламҳои бемодариву зори нохуни додару хоҳар буданашро ҳикоя кунад. Акнун аз ҳамин бовафояш низ ҷудо мешавад. Саг баракси ин ноумедӣ худро ба соҳибаш боз ҳам ҷафстар карда, мисли пештара баҳудаву беҳуда на меҷунбид, на меҷакид.

Соате пештар, ҳар гоҳе, ки соҳибаш « саг мехаред, саги беҳтарин аст, арзон мефурӯшам, бигиред, пушаймон намешавед» барин суханҳоро ба забон меовард, саг гӯё фаҳмидагӣ барин худашро ларзонда, ав-ав мекард. Гӯё ишора менамуд, ки «ба соҳибам бовар макунед, бачаи шӯх аст, шӯхӣ мекунад. Ӯ сагашро дӯст медорад, дилаш намешавад, ки парвардаи худашу модарашро фурӯшад». Вале намедонист, ки дар ин гуфтаҳо аз ҳазлу шӯхӣ нишона набуд, ҳақиқат буд ин ҳама,

афсона набуд. Ҳарчанд, ки дилаш ба сагаш месӯхт, чи кунад, ки дигар илоҷ надошт, бояд сагро мефрӯхт, ҳатман мефурӯхт.

Сагчаи навзодро аз кӯча ёфта буд, аз гурбача фарқ надошт. Сагчаро бардошта ба хона овард. Модар ӯро сарзаниш кард.

– Чаро хокдаҳонаш кардӣ, намондӣ, ки аз ширу аз бӯи модараш сер шавад. Фаҳмида мон, ки ҳама ҷонзоди рӯи олам парвардаашро дӯст медорад. Сагҳо ҳам барои аз хатар эмин нигоҳ доштан сагчаҳои навзодашонро дар даҳон гирифта, ба ҷойҳои бехавф мебаранд. Шояд навбати бурдани ҳамин бачааш омада буд, ки ту онро гирифта овардӣ. Андеша накардӣ, ки ҳоли саг бе сагчааш ва қисмати сагча бе модараш чӣ мешавад?Фаромӯш макун, ки ҷудоии модар аз фарзанд ва фарзанд аз модар аз марг ҳам вазнинтар аст. Ҷон, ки дар ҷои сахт аст, осон намебарояд, вагарна нисфи одамони рӯи олам аз дарди ҷудоӣ мемурданд. Беҳтараш сагчаи овардаатро бурда, ба ҷои пешинааш сар бидеҳ, модарашро овораву сарсон макун. Агар набарӣ, бечора, сарашро ба сад дар зада, бачабарашро дуои бад мекунад, оҳи дилаш туро мегирад.

– Ман ин сагчаро, аз дасти кӯдаконе, ки азобаш медоданд, базӯр кашида гирифтам. Намегирифтам, мемурд.

Модар дигар чизе нагуфт ва рафта сабади куҳнаи ба кунҷи ҳота партофтаро бардошта овард. Якчанд чӯби сабадро барои кушодани дарича шикаст. Сабади дардору намадпеч барои сагча хоначаи гармакаке шуд.

Писаракро он замон олами меҳр оғӯш мекард, осуда буд, парвои неку бад надошт. Ба маънии суханҳои модараш низ он қадар сарфаҳм намерафт. Вақте ки модараш аз олам гузашт ва рӯзи бад ба сараш омад, баъд ба қадри он суханон расид ва гаронии дарди ҷудоиро фаҳмид.

Холдораш, аслан, овардаи ӯву парвардаи модараш буд. Модар бо шири харида сагчаро калон кард. Сагча ба ӯву модараш унс гирифт. Падараш дар ҳавлӣ нигоҳ доштани сагро он қадар хуш надошт. Вале мавқеи ҳамсару фарзандашро мустаҳкам дида, лабро таги дандон карда мегашт. Саг ҳам муносибати сарди сардори хонаводаро пай бурда, на пешвозаш мебаромад ва на гуселаш мекард. Баробари шунидани садои қадамаш худро ба пушти девор мегирифт, намехост, ки дар

чашми соҳиби бадбинаш тобад. Вале аз пушти кадбонуи хона ба дари каҳдону дегдонхона, ба кӯча ва лаби чашма мерафт. Баъди гузаштани кадбону саг маъюсона ба атрофиён менигрист, гумкардаашро аз қадамҷояш мекофт. Гоҳо аз хона баромада, баъди чанд рӯз пайдо мегашт. Акнун умеди ягонааш писарак буд. Дигар бе ӯ дар хона истодан намехост. Медонист, ки бадбини аввалааш акнун танҳо нест, ҳамроҳ дорад, ду кас шуданд. Кадбонуи нави хона на танҳо сагро, балки соҳиби хурдашро ҳам чашми дидан надошт. Айёми зинда будани модараш саг писаракро то дари мактаб гусел мекард, ҳоло бошад то ба охир расидани дарсҳо дар пушти девори мактаб чашм ба роҳ истода, садоқаташро нишон медиҳад.

Имрӯз бошад аз ҳаррӯза дида сарашро бештар ба пеши пои соҳибаш гузошта, дастонашро лесида, меҳру вафодориашро изҳор менамояд. Гумон мекунад, ки соҳиби хурдакакаш ӯро ба назди гумкардааш мебарад. Намедонад, ки писарак ӯро фурӯхтанист. Шояд мақсадашро фаҳмад, забони гуфтугӯ, кинадорад, хомӯширо ихтиёр карда, тан ба тақдир медиҳад.

Писарак аз хонаашон хеле дур рафта бошад ҳам, ҳанӯз ҳаросон аст. Метарсад, ки мабодо ӯро кофта биёбанд, дар ҳузури роҳгузарон одобашро дода, гирифта бубаранд. Мехоҳад, ки ҳарчи зудтар сагро фурӯхта, маблағашро роҳкиро карда, ба зиёрати сари гӯри модар равад ва дарҳол баргашта биёяд, касе гурехтанашро пай набарад.

Ҳангоми аз хона баромадан падараш ӯро дар назди дарвоза дида, овоз бароварда:

– -Дар ин ҳавои сард ба куҷо?

– -Мехоҳам сагро гардиш диҳам.

– -Ҳеҷ аз сагбозӣ намондӣ, ки намондӣ. Ба умеди саг шуда, боз шамол нахӯрӣ, боз дар рӯзи ид кунҷи хонаро манзил гирфта, худатрову маро дар зери бори таънаву маломат намонӣ.

– Не, эҳтиёт мекунам, додоҷон.

Маҷбур шуда, дурӯғ гуфт. Домани падарашро бо чормағзи пуч пур карда, аз як кӯча ба кӯчаи дигар гузашт ва оқибат худро ба роҳи калон гирифт. Инак дар бари роҳи калон интизори сагхару маблағ ёфтану ба мошин савор шудан ва ба мавзеи дигар рафтан аст. То сари манзили модараш пиёда рафта намешавад. Пиёда қариб якрӯза роҳ аст. Бояд савора рафта, баъди

ду-се соат баргардад, вагарна аз хона гурехтанаш ошкор мешавад ва модарандар фурсати муносиб ёфта, гиреҳҳои айбҳои пештараашро кушода, ришгаи шӯрандозиашро дарозтар мекунад. То аз шавҳараш мушт хӯрдани ин дарди сарашро набинад, дилаш об намехӯрад. Дили падар намешавад, ки сояи даташро ба сӯи фарзандаш бубарад, вале дар чунин ҳолат аз ночорӣ худро хашмгин вонамуд карда, муштро сахт ба сӯи писараш бурда, оҳиста ба рӯяш мерасонад.

Дина бегоҳ дар набудани модарандар фурсатро муносиб дониста, ба падар рӯ овард: – Маро ба сари гӯри модарам намебаред?

– Мебарам, вале дертар, ҳоло имкон надорам.

– Худам равам, чӣ?

– Ту он ҷоро намеёбӣ.

– Меёбам, ба ягон мошин савор шуда меравам.

– Ба гӯристон танҳо рафтан хубӣ надорад.

– Дар рӯзҳои пеш аз ид ва рӯзҳои ид мазор пур аз одам аст. Зиёраткунандагон маро ҳамроҳӣ мекунанд, дар сари гӯри модарам дуо мехонанд.

– Бе ман ба ҳеҷ куҷо намеравӣ, ягон рӯз бо ҳам меравем.

– Майлаш, ба шарте намеравам, ки барои харидани китоби дарсӣ пул диҳӣ.

– Барои китоб бошад пул медиҳам.

Ҳангоми пул додани падар модарандар дар паси дар будааст. Гапҳоро шунида, якбора дарро кушода ба ҳуҷра даромада: – Китоб мехаридааст?! Гумон мекунӣ, ки ин сагчаи аз модараш нишон монда, сагбозиро партофта китоб мехонад?Хоки мазор мехонад.

– Мехонад, аълохони синфашонаст.

– Таъриф макун, аълохон, ки мебуд, китобро тӯҳфааш мекарданд.

– Пагоҳ ид аст, рӯзи саид аст, пеш аз ид дилу хотиреро озурда кардан хуб нест.

– Ба ӯ ҳам фаҳмон, ки дар рӯзи ид занак барин дар кунҷи хона нашинад ва китобро аз ҳисоби маблағи идгардакаш бихарад.

Писарак ҳунгос зада гирист ва пулро ба пеши пои модарандараш партофта, берун аз ҳуҷра рафт.

Дурӯғ гуфт, маблағро барои роҳкиро гирифтанӣ буд.

Дар рӯзгори пешина падараш дар чеҳра шодӣ ва дар лаб табассум дошт. Модар падарашро беҳад ҳурамат мекард, бори гарони қисматро ба дӯши худ гирифта, наметонд, ки дасташро ба оби хунук занад. Ҳоло бошад дар чеҳраи падар аломати хазонро мебинад, рангзардиаш нишонаи тирамоҳи ғаму андӯҳ аст. Қиблагоҳаш бори ғами хонавайрониро аз бори зиндагонӣ гаронтар медонад. Гоҳо чашмони пур аз ашки падарашро дида, дар паҳлуяш ғамгинона менишинад.

Он шаб писарак бо ҳамин хаёли «аз куҷо маблағ ёфтану ба сари гӯри модар рафтан» сар ба болин ниҳода, хоб дид. Ба назди гӯри модараш расидан баробар, аз гӯри дигаре модарандараш, ки омаданашро мепоид, баромада пеши роҳашро гирифт. Нагузошт, ки даст ба санги сари гӯри модараш бубарад. Хост, ки тоб хӯрда, аз он тарафи гӯр гузарад, гузаштанаш намонд. Аз доманаш дошта, ба тарафи гӯри худаш кашид. Вале дар ҳамин лаҳза мӯйсафеди нуроние, ки дар сари гӯрҳо дуо мехонд, аз байни мазор омада, ӯро аз чанги модарандар раҳонд ва модарандарро аз мазор берун ронд.

Ақибнокӣ омадану дар наздаш ором гирифтани мошинипешрафта, якбора риштаи хаёлу хотираҳои аламоварашро барканд. Дар чашмонаш шуълаи умед рахшид.

– Саг маъқул шуд, мехаред? Мефурӯшам, арзон, бигиред, пушаймон намешавед, – рӯ оварда ба ҷавоне, ки аз дари мошин сарашро ба берун бароварда буд.

– Гумон кардам, ки интизори мошинӣ.

– Роҳкиро надорам.

– Биё, савор бишав, бачаи хуб, мо туро бепул мебарем.

Писарак аз ҷо бархост, вале боз афтод, банди саг аз дасташ хато хӯрд. Аз афташ пойҳояшро хоб бурда ва ё сахт хунук хӯрда буд. Ҷавон аз мошин фаромада, ӯро аз ҷо бардошт ва дар курсии пеши мошин шинонд ва баъд ишора кард: – Сагатро ҳам мебарӣ?

– Саг аз ман ҷудо шудан намехоҳад. Агар набарам, аз паси мошин медавад, то ҷое, ки қувват дорад, меравад.

Писарак ҳанӯз посухи саволро ба поён нарасонда, саг худро ба бараш гирифт. Дари мошинро пӯшиданд, мошин ба

роҳ баромад. Лаҳзае пас аз курсии ақиб овозе ба гӯш расид: – Фаҳмидем, ки номат Вафо ва сагат вафодор будааст. Наход Вафо вафодорашро фурӯшад?

– Аз дуздӣ кардану бадном шудан, қиматтарин чизро фурӯхтан беҳтар аст. Аслан, ман ҳам дар ин фикр набудам, намехостам аз вафодорам ҷудо шавам, эҳтиёҷ маҷбур кард. Барои ба сари гӯри модар рафтану зиёрат кардан маблағ лозим шуд. Зеро ки модар бебаҳост, вафодортарини вафодорҳост...

Писарак давоми қиссаашро ҳикоя кард. Дар чашмони мусофирон ашки меҳру раҳм пайдо шуд. Ғамашро хӯрда, ба ӯ роҳпулӣ низ доданд.

Писарак аз мошин фаромада бори дигар ба рӯи мусофирони ғамхор нигоҳи меҳр дӯхт ва аз дил гузаронд: – Хобаш рост баромад, ба дидани дидори одамони нек мушарраф гашт. Ва баъд бо аломати қаноатмандӣ даст афшонда, ба роҳи кӯтал қадам монд. Саг аз ӯ пеш гузашта, дар як мижа задан худро ба байни мазор, ба сари гӯри гумкардааш, ки аз дур метофт, гирифт. Писарак тахмин кард, ки саг рӯзҳои аз хона баромада рафтан ба ҳамин ҷо меомадааст. Меҳраш ба саг зиёдтар шуд ва аҳд кард, ки дар мушкилтарин ҳолати ҳоҷатмандияш ҳам вафодорашро намефурӯшад.

Роҳи кӯтал низ дар ин лаҳза дар назараш кафи даст барин ҳамвор метофт. Рӯҳи модар мадораш мебахшид, хастагиро ҳис намекард, дар роҳи барфолуд намелағжид…

НОМУС

Падар аз назди роҳбарон, ки дар майдони коргоҳ гирд омада буданд, бо димоғи сӯхта ва сари хам ба назди мошин омаду ба писараш гуфт:

– Фаро, пиёда меравем!

– Чаро пиёда?

– Мошинро зӯрҳо гирифтанд.

– Чаро гирифтанд?

– Лозим шудааст.

– Ба худамон лозим нест?

– Лозим аст, лекин гирифтанд.

– Чи, шумо зӯр нестед?

– Ман ҳам зӯрам, лекин онҳо зӯртаранд.

– Чаро шумо зӯртар нестед?

– Калон, ки шудед, кӣ будани марову онҳоро хубтар мефаҳмед.

– Зӯр ҳам набошед, шуморо дӯст медорам, калон шавам ман ҳам зӯр шуда, мошинатонро гирифта медиҳам.

****– То ту калон мешавӣ, ки…

– Пагоҳ калон мешавам.

– Майлаш, зудтар калон бишав, бачам, умедам ба ту.

– Ҳозир калон мешавам.

Писарак давида аввал болои санге мебарояд ва фарёд мезанад: –

– Додоҷон, бубин дар як дам калон шудам, боз калонтар мешавам, – гуфта худро ба болои бораи баландтаре мегирад.

Дар лабони падари ғамгинаш табассум пайдо мешавад ва посух мегардонад:

– Ту баланд шудӣ, калон не. Баландӣ аз калонӣ беҳтар аст.

Ин манзараро Даврон баъди чандин сол, ҳангоми дар истгоҳ дидани мошини обкашони падараш пурра ба ёд оварад. Пештар, ҳар гоҳи дидани падар ваъдаи дар кӯдакӣ додааш «калон шавам, мошинатонро гирифта медиҳам» ба ёдаш меомад. Ҳоло бошад, баъди дар наздаш қарор гирифтани мошин ва ишораи ронанда хотираҳои кӯдакию рӯзгори деринаш тагурӯ шуданд.

Падараш ронандаи ҳамин мошини обкашони рангаш кабуд буд, обро дар вақташ ба макони интизорон мерасонд. Аз роҳҳои каҷ-макаҷ гузашта, ба сари чашмаи деҳаи ҳамсоя мерафт. Дар назди чашма обгиронро медид. Онҳо дар кӯзаву бидон ва зарфҳои дар маркаб боркарда об мегирифтанд. Баъди чандин обгир навбаташ мерасид. Мошини пур аз обро аввал ба саҳро, баъд сӯи ферма ронда, деҳқонону чорводоронро бо об таъмин мекард.

– Додо, чаро доим мо ба онҳо об мебарем, худашон об биёранд намешавад? – мегуфт ҳамсафари хурдсолаш.

– Не, намешавад. Онҳо барои об равонд, говҳоро кӣ назора мекунад? Говон, ки соҳибашонро набинанд, ба ғаллазор даромада, майсаҳои хӯшанабастаро мехӯранд. Гандумҳоро, ки хӯрданд, мардум бенон мемонанд.

– Борону барф шавад, мошин ба ин теппа баромада метавонад?

– Наметавонад. Ҳаво, ки хунук шуд, подабонҳо ҳам ба ҷои гарм мекӯчанд, ба ҷои обдор мераванд.

- Ҳозир ба ҷои обдор раванд намешавад?

– Мешавад, вале дар макони обдор пуштаҳои алафдор нест. Як-ду мошин об барои говҳо басанда аст, вале даҳҳо мошин алафро дар як рӯз мехӯранд. То худашон начаранд, бо кашондан чорпоро сер кардан номумкин аст.

Риштаи роҳро гирехҳои сӯҳбат торафт кӯтоҳ мекард, падару писар бегоҳ шудани рӯзро ҳис намекарданд. Боз аз роҳҳои каҷ-макаҷ гузашта, ба лаби чашма меомаданд. Падари савобҷӯяш ҳар бегоҳӣ барои мардуми деҳаашон об меовард.

– Мошини обкашон омад, – аз ду тараф овоз мебаромад. Ҷои муайяни байни деҳа ҳамеша серодам буд. Ҳама батартиб об мегирифтанд. То обро тақсим мекард, ки ҳама ҷоро пардаи торикӣ мепӯшонд. Гоҳо чароғҳои мошинро фурӯзон карда, то як ҳиссаи шаб об тақсим менамуд. Ба даргоҳи ҷашндорон ва мотамзадаҳо об мебурд.

Рӯзе ҳангоми шом аз саҳро ба хона баргаштан мошини сармуҳандис мошини ӯро дунболагирӣ кард, чанд маротиба тугмаи садоро зер кард, ронанда садоро нашунид. Сармуҳандис дар ҷои васеътари роҳ аз мошини ӯ гузашта, ишора кард: – Аз паси ман ба қароргоҳи мошинҳо биё, роҳбарон туро интизоранд, гапи муҳим доранд.

Мошини сармуҳандис чанги роҳро ба ҳаво хезонида, рафт. Мошини обкашону ронандааш аз пушти қабати чанг ҳаракаташро давом дод. Ба қароргоҳ расида мошинро боздошт. Аз пушти шиша мудир ва таъмингарро дид. Сарвари хоҷагӣ наметофт. Аз мошин фаромада, ба назди онҳо рафт ва аз меҳр дасти ҳар кадомеро фишурд. Ин маротиба ба рӯяш нигоҳи сард дӯхтанд, чӣ гуноҳ содир карданашро намедонист. Баъди лаҳзае сармуҳандис гирехи риштаи мақсадро кушод:

– Ин касро аз роҳи хамгашти наздикии хонааш баргардондам, барои мардум об мебурдааст. Андак дер мемондам, ба тақсим кардани об банд мешуд, аз байни мардуми деҳа оварданаш мушкил меафтод.

– Ҳа, ҳар бегоҳ як мошин об бурда, ба ҳамдеҳагон тақсим

мекунам. Аз холӣ рафтан об бурдану савоб гирифтан беҳтар.

– Мо кӯдак не, ки алла бигӯй, бихобем. Манфиъат, ки набинед, ҳаргиз намебаред, – ба сӯҳбат ҳамроҳ шуд мудир.

– Ин тавр нагӯед, ин мардум зиндашарику мурдашарики ман аст.

– Парво макун, бе ту ҳам онҳо роҳи аз ташнагӣ раҳогаштани худро меёбанд, – гуфт сармуҳандис ва ба ҳалли масъалаи асосӣ гузашт. Фарз кардем, ки мошини туро бигирем, мардум чӣ кор мекунанд?

– Фарз кардем не, ҳолӣ бояд мошинро супорад. Ин мошин аллакай шахсӣ аст, қонунӣ фурӯхта шудааст, мана ҳуҷҷатҳо ва маблағи супурдааш. Метавонед ҳамин дам калидҳои мошинро ба соҳиби наваш, ба Эркин супоред, илова кард мудир.

– Чаро ба Шодӣ ва ё ба Субҳон неву ба Эркин супорам? Чи, магар Эркин каллаи шер фуровардаст, ки мошинҳои ободтарро аз соҳибонаш гирифта, ба ӯ медиҳед? Ду мошини наппа-навро шахсӣ карда, фурӯхт.

– Ба кӣ медиҳем ё намедиҳем, ба шумо дахл надорад, роҳи ҳалли ин масъаларо аз ягон кас намепурсем. Гапро ду накарда, калиди мошинро ба соҳиби наваш супоред.

– Лоақал иҷозат диҳед, ки охирин маротиб оби овардаамро бурда, ба мардум тақсим кунаму баъд мошинро супорам.

– Ман ҳам обро тақсим карда метавонам, – овоз бароварда Эркин.

Ронандаи миёнасол фаҳмид, ки бо ин тоифа баҳс кардан фоида надорад. Ноилоҷ калидро дур партофта, бо сари хам ба назди писараш рафт ва ӯро аз кабин фуровардa, гуфт: – Рафтем, пиёда.

Падар дасти писараки ягона, додараки духтараконашро дошта, оҳиста-оҳиста ва гарон қадам мезад. Баробари ба тарафи чап тоб хӯрдан ва ворид шудан ба тангкӯчаи деҳа, овози мошинашро шунид. Баргашта ба роҳи калон, ки понздаҳбист қадам дуртар буд, нигоҳ кард ваЭркинро дар паси чанбар дид, ки писхандаш мезад.

Даврон ҳам ин писхандзаниро мушоҳида кард. Хам шуда, аз замин сангеро бардошт ва хост, ки ба сӯи мошин ҳаво диҳад, шишаи пеши мошинро шиканад. Падар дасти ӯро

дошта гуфт: – Лозим не, писарам. Ҳаволаи бад ба Худо. Маккориву баднафсии Эркин ба ин кор сабаб шуда бошад ҳам, ин ҷо аслан айби роҳбарон. Агар роҳбарон розӣ намешуданд бо ҳама дороӣ Эркин мошинро гирифта наметавонист. Ин мардум, ки аз таърих сабақ нагирифтаанд, ту бо як санг заданат чи ҳам карда метавонӣ?

Ба як мошини обкашон чи дахл доштани таърихро Даврон баъди дохил шудан ба донишгоҳ, сабақ гирифтану шабҳоро бо худомӯзӣ рӯз кардан фаҳмид, вале таги гапро накофт, таги гапро кофтан ҳам фоида надошт. Ҳар гапу ҳар кор рӯзу соат дорад. Инсон бояд ҳамон вақт ақидаашро изҳор кунад, ки хомияш ба дараҷаи пухтагӣ расида бошад, вагарна бори фаҳмаш ба тори нозуки зеҳни ҷомеа гаронӣ меоварад ва аз кандани ин тор шӯру ошӯб мехезад. Муборизе, ки ин ҷиҳатҳоро ба инобат намегирад, зуд шикаст хӯрда, дигар дидори зафарро намебинад. Падараш маҳз ба умеди осудагӣ аз баҳри даъво гузашта, мошинро супурд. Даврон баъдтар фаҳмид, ки ба навиштаҷоте чашм дӯхтан ронандаро ҳам донанда мекунад. Қиблагоҳаш дар мошин чандин рӯзномаву маҷалла ва китоб дошт. Ҳангоми тӯл кашидани навбати оби ками чашма вақташро ба хондан мегузаронд. Як китобаш дар бораи Сталин буд. Сталинро нағз медид, барои баҳои баланд додан ба миллаташ, барои мақсадҳои наҷибе доштан дар хусуси қаламраваш. Ҳарчанд вазъият имкони ҷомаи амал пӯшидани орзуяшро надод, вале ихлосу эътиқодаш ба доҳӣ кам нашуд. Оқибат аз асли маънӣ воқиф гашта фаҳмид, ки сабақи таърих ба як мошини обкашон низ сахт дахл доштааст. Парчами нангу ифтихорро хам ва бехи девори сиёсати худшиносию ватандориро пурнам мекардааст. Ин андеша ӯро водор намуд, ки бояд ба рағми ҳамин сиёсат амал карда, дар қатрае тӯфонро ва дар заррае ҷаҳонро бубинад. Халқу ватанашро дӯст дорад, ҷанбаи ифтихору худшиносиро пурқувват намояд. Ҳам хонаду ҳам домани кореро мустаҳкам дорад, заҳмати кашидааш самар биорад, пеш аз ҳама ба аҳдаш вафо кунад, падари ронандаи пиёдаашро соҳиби мошини обкашон гардонад. Зеро падарро ёд овардан Ватанро ёд овардан аст. Баробари падарро ёд кардан, аз шаҳр то истгоҳ, аз истгоҳ то роҳи калон, пастиву баландиҳо, теппаву кӯҳҳо то зодгоҳаш, ҳама ҷо, як мамлакати бузург, як кишвари биҳишт-

монанд, пеши назар ҷилвагар мешавад, ки Тоҷикистон ном дорад. Худро соҳибватан мебинад, дар ин миён пеши рӯ қиблагоҳаш – соҳиби мулки бобоӣ пайдо мегарад.

Бист сол пеш ҳамин мошини обкашонро падараш меронд. Инак бо ҳукму гардиши замон ин мошинро Эркин меронад. Чи сон бегона соҳиби ин мошини шинос шуд, ҳама медонад. Падараш мошинро хуб нигоҳубин мекард, намегузошт, ки гарде ба он нишинад. Ҳар бегоҳ ҷои самандаш як гӯшаи ҳавлӣ буд. Духтараконаш мошинро мешустанд. Намегузоштанд, ки Даврон ба ин кор даст занад. Хоҳарон додараки ягонаашонро чунон дӯст медоштанд, ки ҳадду андоза надошт. Дилашон намешуд, ки ӯро кор фармоянд. Вале Даврон чашми онҳоро гурезонда, гоҳо шишаҳои пешу бари мошинро тоза мекард.

Инак ҳамон мошине, ки аз тозагӣ ва ҷилои рангаш осоре намонда буд, дар наздаш қарор гирифт. Даврон нафаҳмида даст боло карда буд. Баробари дидани дидори шуми Эркин рӯяшро сӯи дигар тофт, баҳона кофт.

Даврон барои дер ё барвақт ба истгоҳ омадан худро маломат кард. Чаро дина бегоҳ не, ин пагоҳ ба сафар баромад? Чаро як лаҳза ист накарда, рост ба истгоҳ омад? Агар шитоб ва ё сабр намуда, ба роҳ намебаромад, ин симои аз кӯдакӣ дар оинаи чашмаш ноҷонишастаро намедид ва овози товусмонандашро намешунид. Шояд ӯ дар соати даркорӣ ба истгоҳ ҳозир шуд, вале хотирбинию риоя кардани навбат дар рӯзи истироҳат ва камтар будани мошин вақти ӯро гирифт ва барои ин дидорбинӣ шароит фароҳам овард.

Истгоҳро мусофирони интизори синну солашон гуногун иҳота карда буданд. Ҳар мошине, ки намоён мешуд, мусофирон бо умеди барвақт ба манзил расидан даст мебардоштанд. Даврони бистсолаи борхалтадор низ дар ҳамон қатор буд.

Болову поён медавид, аз дигарон чобуктар метофт. Мошинҳо дар як ҷо намеистоданд. Ба мошинҳои боздошта, ки дуртар рафта қарор мегирифтанд, ношиносон савор мешуданд. Баъди хеле интизорӣ ронандае мошинашро дар назди ӯ қарор дод. Даврон гӯё мошини шиносро надида бошад, рӯяшро ба тарафи муқобил гардонд.

Эркини ронанда, ки лабони кӯтоҳ дошт ва лабони кӯтоҳаш дандонҳои пасту баланди аз нашустан зардшудаашро пӯшонда наметавонист ва бисёр безебаш мегирифт, аз кабина сар бароварда: – Даврон, метавонед ба мошини худатон нишинед. Ё ки ҳоло ҳам аз мо мололед?Нахоҳед, ихтиёратон.

– На, ман як шиносро интизорам.

– Интизор мебудед, даст намебардоштед. Медонам, ба ман кина доред, дидорамро дидан намехоҳед. Вале ба ман фарқ надорад, – гуфта мошинашро ба ҳаракат даровард.

Мошини шинос рафт, вале Даврон дар истгоҳи хатираҳои навпайдошуда монд. Эркин об тақсим мекард. Падару писар дар навбати об буданд.

– Минбаъд маблағи хароҷоти мошинро фикр кунед. Худатон медонед, ки мошин бо об ҳаракат намекунад, – гуфтану ишора кардани ронандаи нав тори умеди ҳоҷатмандонро канд. Онҳо аз баҳри обгирӣ гузашта, ба ронандаи кӯҳна нигоҳи меҳр дӯхтанд. Даврон ҳам ба чеҳраи падараш нигариста, осори хашму ғазабро дид. Қиблагоҳаш аз ҷайб чанд пул бароварда, ба Эркин дароз кард; – Бигир, сер бишав, –гуфт ва аз баҳри обгирӣ гузашта, ба писараш ишрат кард, – рафтем, пагоҳ аз деҳаи ҳамсоя об меорем, оби ширин.

Ноҷавонмардии ронанда ба Даврон, ба кӯдаки бегуноҳ сахт таъсир кард ва ӯро маҷбур намуд, ки ба амали нохуб даст занад. Писарак аз қаҳри зиёд пинҳонӣ аз падараш бегоҳӣ ё шабона рафта, дами чархи мошини обкашонро, ки дуртар аз хонаи соҳибаш буд, мебароварад. Гоҳ шишаи пешашро гилолуд мекард. Гоҳо ҷумаки оби ба мардум надодаро мекушод, об беҳуда мерехт. Ин рафторашро ронанда дертар фаҳмида, шӯхӣ пиндошт. Ин шӯхӣ набуд, дарду алам буд, дарду алами падараш ва дигар ҳамдеҳагони камбизоат, ки пули нақд надоштанд. Гоҳо халтаи гандум, гоҳо сатили наску нахӯд дода, об мегирифтанд. Ин доду гирифт дер давом накард. Ҳоҷатмандони нодор маҷбур шуданд, ки аз баҳри оби пулакӣ гузашта, роҳи чашмаро пеш бигиранд. Дигар аз деҳа овози: – «Мошини обкашон омад», ба гӯш намерасид. Мардум ронандаи навро дуои бад мекард.

Гузаштани мошини азимҷусса, ки бори вазнин дошт, бо-

раш деворҳои бетонӣ буд, риштаи хаёлҳои дар роҳу кӯчаҳои деҳа овораи Давронро якбора ба ҳалқаи қисмати шаҳрияш пайваст.

Рӯзи дубора ҷои кор ҷустанаш дар назди бозори шаҳр, дар он ҷое, ки гурӯҳ-гурӯҳ ҷӯяндагони ҷои кор гирд омада буданд, ба ёдаш омад. Падар ӯро хонданӣ фиристода буд, вале ӯ мехост ҳам хонад ва ҳам кор карда, пул ёбад ва барои падараш мошин бихарад. Ҳар мошине, ки меомад, ҳама медавиданд. Бахти касе, ки баландӣ мекард, суроғааш медоданд ва ё савораш карда мебурданд. Мошини навбатӣ омад, мошини тамғаи хориҷӣ. Боз чанд кас давид, байнашон ғавғо сар шуд.

– Ман ҳунармандам, – худро ситоиш мекард он яке.

– Ман аз ӯҳдаи ҳама кор мебароям, – роҳи савдоро заданӣ мешуд дигаре.

– Дар куҷое, ки кор кардаам, мукофот гирифтаам, – худро баҳои баланд медод сеюмӣ.

Хӯҷаини ҳоҷатманд онҳоро хомӯшона гӯш карда, бо ду сухан ҷавобашонро гардонд.

– Ман аксари шуморо медонам, фиребгаред, ҳаромкоред, обро лой карда, моҳӣ мегиред. Баъд ба гирду атроф чашм дӯхта, ҷавони шиносеро дид ва фарёд кард, – Даврон, ту дар ин ҷо чи кор мекунӣ? Даврон сарашро хам карда, гӯш ба карӣ зад, гӯё суханеро намешунид. Вале дар асл ӯ он марди некро, ки Давлат ном дошт шинохт. Дар хонааш кор карда буд ва баъди фаҳмидану норизоии падар муддате аз он даргоҳ рафт ва дар ҳеҷ ҷо кор накард. Он марди ба номаш мувофиқ, ки дорандаи боҳиммат аст, ба пеши ӯ омад. Даврон маҷбур шуд, ки сарашро боло бардошта, салом кунад.

– Даврончон, чӣ ҳол дорӣ, аҳли хонавода хубанд, чаро хабар намегирӣ, магар аз мо ягон беҳурматӣ гузашт? – гуфт Давлат ва боз пурсишро идома дод. – Гуфта будӣ, ки то хатм кардани донишгоҳ кор намекунам. Вале боз туро дар қатори онҳое мебинам, ки ҷои кор меҷӯянд. Кор карданӣ, ки будӣ, ба назди худам наомадӣ?

– Рӯям нашуд, имкон ҳам надоштам. Ҳоло имкон дорам, барои ба мақсад расидан ба шӯъбаи ғоибонаи донишгоҳ гузаштам, ки аз ин кор падарам ҳам хабар надорад.

– Мо ҳам бинои дидагиатро сохта, ба истифода додем, бунёди бинои дигарро ба ӯҳда гирифтем. Биё, дигар гапро ду накарда, ба коргоҳи нав биравем. Агар мисли худат ягон ҷавони ҳалолкори шинос дошта бошӣ, ҳамроҳ бигирем.

– Ман ғайри худ ҳеҷ касро кафолат дода наметавонам.

Баъди ин сӯҳбати яклаҳзаина Даврон соҳиби ҷои кор шуд.

– Ин кас ҳамон Даврон, агар дар ёд дошта бошед, боре дар ғайбаш таърифаш карда будам. Бо пайдо шудани ин гуреза, Худо хоҳад, кор ранги дигар мегирад, олам гулистон мешавад, – гуфт хӯҷаин дар ҳузури бинокороне, ки Даврон онҳоро намешинохт. Ин баҳои додаи соҳибмулк ба онҳо нафорид, ҳамзамон аз нигоҳу тағйир ёфтани чеҳраашон осори бахилӣ аён гардид ва дар рӯзи аввали кор аз кадом тоифа будани ишон маълум гашт.

Даврон зуд либос иваз намуда, аз ҳамон лаҳза бо супориши сардор корро аз шикастани девори хонаи таҳкурсияш хаторехта шурӯъ кард. Путкро поёну боло мебурд, пора-пора бетон аз девор меафтод. Ба гӯшаи чашм медид, ки дар набудани хӯҷаин баъди андак заҳмат кашидан даҳ тани дигар дуртар аз ӯ дар бехи девор амонат менишастанд.

– Биёед, беҳтараш, чорта дами беғам бизанем. Ҷонро ҳам бисёр азоб додан хубӣ надорад, дар он дунё ҷавобашро аз соҳибаш талаб мекунад. Ба вафодории хӯҷаинҳо низ он қадар эътимод нест, то қуввати кор доштан дастатро мегиранд, ҳамин, ки дардманд шудӣ, аз баҳрат гузашта, коргари нав мекобанд, – гуфтанашонро, ки маҳз ӯро ишора мекарданд, мешунид.

Вале ӯ хомӯширо пеша карда, ба сӯҳбати онҳо ҳамроҳ намешуд ва як лаҳза ҳам даст аз домани кор намегирифт. Ғайри ӯ ҳама фиребгару ҷонхалос буданд. Ҳар рӯз аз кор дида, ба дамгирӣ, таъназанию маломат ва песондан машғул буданд.

Баробари омад-омади сардор онҳо аз ҷо хеста , ба кори худ машғул мешуданд, регу қум мекашонанд, хишт мечиданд.

Хӯҷаин бехабар омада, лаҳзае аз дур рафти корро назора мекард. Ба чи кор машғул будани ҳар касро медид, вобаста ба андозаи ихлосу эътиқодаш бо ҳар кадоме муносибат мекард.

Ба қадри заҳмати Даврон, ки дар соатҳои корӣ лаҳзае дам намегирифт, мерасид. Бо дигарон саридастӣ салом мекард,

вале ӯро оғӯш мегирифт ва аз ҳавас илова ба музд ба ҷайбаш пул меандохт.

Гоҳо шабона ба ҳуҷраи хобаш омада, ҳолашро мепурсид ва барои беҳтар шудани шароити зисташ дасти мадад дароз мекард. Сардор кори ҳалоли Давронро ба инобат гирифта, фақат барои ӯ ҳуҷраи алоҳида ҷудо карда буд. Дар ҳуҷраҳои боқимонда се-чор касӣ мезистанд.

– Чаро гоҳо парешон мешавӣ, хаёлат ба ким-чӣ банд аст? – мӯҳраҳои мушоҳидаҳояшро ба риштаи суол мекашид сардор.

– Зиндагӣ бе фикр намешавад, дардҳое дорад, ки баъди дармон ҳам, дар ёд ҷои сӯзишаш мемонад, ҳамон хотира ҳам дард аст, дарди умрбодӣ.

– Домани андешаат фарох аст, Даврон. Ба ҳар ҳол ҳис мекунам, ки ба осудагият ким-чи хел парешоние халал мерасонад. Ба гумонам боз хоб дидай, боз хумори дидори падарат гирифтааст…

– Шумо соҳибдилед, аз дили дардманд огоҳед. Ҳамин шаб воқеаи даҳ сол пеш гузашта аз нав ба хобам даромад. Тарсида аз ҷо хестам, дигар хобам набурд. Хоб дидам, ки падарам аз паси маркаби бордор аз деҳаи ҳамсоя меояд. Дар нимаи роҳ мошини обкашон омада, дар назди падарам қарор мегирад.

– Ту савдои маро задӣ, аз ту сар шуд об нахаридан.

– Ман ба дигарон чӣ кор дорам? Ин замон, замони ихтиёрӣ аст, – ҷавоб гардонд падарам.

– На, ин мардумро ту бероҳа кардӣ, – гуфта, банди харашро ба думи мошин баста, худашро тела мезанад, падарам пуштнокӣ меафтад ва ронанда зуд давида ба мошин менишинад. Мошин харро мекашад, банд меканад.

– Падарат мошини обкашон меронд?

– Бале, мошинашро гирифта, ба дигар кас доданд. Ман, аслан бо умеди харидани чунин мошин кор мекунам. Мехоҳам падари пири пиёдаамро аз нав савора бубинам.

– Намешавад, ки падаратро ҳам кӯчонда биёрӣ?

– Не наметавонам, вай аз мулки бобоӣ дил канда наметавонад. Ба саҳрову пуштаҳо ва обу ҳавои зодгоҳ сахт одат кардааст. Давлати дунёро ҳам, ки пешкашаш кунанд, ба кӯчидан розӣ намешавад.

– Мефаҳмам, вале фикри омадану рафтани ту маро ором намегузорад. Барои як лаҳзаи дидор овора шуда, аз роҳҳои пурхатар ва ағба гузашта, ба зодгоҳат меравӣ. Аз дидори падару модар сер нашуда, зуд бармегардӣ. Беҳтараш барои осон шудани мушкилҳо як мошини сабукрав мехарам, бурда ба падарат тақдим мекунӣ. Минбаъд он кас туро хабаргирӣ меоянд.

Даврон, ки дар як гӯшаи коргоҳ, дар зери айвони калоне мошини обкашони бекорхобидаеро дида буд, бо умеди харидану таъмир кардани он риштаи суханро ба тарафи ҳалқаи мақсадаш тоб дода, гуфт:

– Хароҷоташ зиёд ҳам бошад, барои падари ман мошини обкашон лозим аст. Зеро дар ҷои мо аз масъалаи таъмини об дида, масъалаи муҳимтаре нест. Барои ба қавлам вафо кардан минбаъд ҳам аз сидқи дил кор мекунам, моли касро муфт нагирифта, арзишашро ҷуброн менамоям. Медонам, ки ҳатто ёрии башардӯстона ҳам бе ҳадаф нест. Оқибати шарбати ин гуна мадад заҳр аст.

Падарам бо ҳама камбизоатӣ аз ёрии башардӯстона даст мекашид. Ҳатто дар рӯзҳои қаҳтӣ ёрии башардӯстонаро қабул накард. Аз касе қарз гирифтан ҳам намехост. Мегӯянд «Сӯхтагӣ дуғро пуф карда мехӯрад». Ба ёрии беминнати ҳамсоя бовар карда, аз як ҳиссаи замини назди ҳавлияш маҳрум шуд.

Баъди ин сӯҳбат мошини обкашони зери айвонро надид. Кӣ бурд, ба куҷо бурд, напурсид. Аз байн як моҳ гузашт. Даврон аз нав бори сафар баст. Ҳангоми ба роҳ баромадан хӯҷаин ба ӯ ишора кард: – Агар ягон кори зарур набарояд, шояд дар роҳ вохӯрем, қиблагоҳатро ҳамроҳ зиёрат кунем.

Мошини навбатиро ҳам Даврон мошини обкашони Эркин гумон карда, дарҳол рӯяшро ба тарафи муқобил гардонд. Вақте ки овози шинос:

– Биё, ба мошини падарат нишин, – ба гӯш расид, – баргашта нигоҳ кард ва мошини нави обкашонро дид. Ҳайрон монд, ба ронандаи мошини сардор чи ҷавоб доданашро надонист. Ашкҳои ҳарфмонанд дар саҳифаи рӯяш муҳаббатномаеро мемонд, муҳаббатномае, ки маънои номусу мукофоти заҳмат дошт ва аз боби ҷавонмардӣ ҳикоят мекард. Акнун бо дили пур гуфта метавонист, ки падараш як писар

не, дар сурати Даврону бародархондаш Давлат ду писару чаҳор духтар дорад…

МУАММОИ ЗИНДАГӢ

Саг маро аз дур дар либоси варзишӣ дида, аз байни варзишгароне, ки баъди давидану бозии футбол хастаҳол аз роҳи тангкӯча гузашта, ба хонаҳояшон мерафтанд, шинохт. Гӯё ки гумкардаашро пайдо карда бошад, ба сӯям тохт. Ман, ки аз одати бади саг огоҳӣ доштам, хам шуда, аз замин сангеро гирифтам ва ба сӯяш ҳаво додам. Саг аз санги ба пояш расида садо набароварда, хомӯшона ҳаракаташро давом дод. Санги дубора партофтаам низ сагро тарсонда натавонист. Аз лат хӯрданаш парво накарда, ба ман наздик шуд ва дарҳол сарашро ба пеши поям гузошт. Ҳамроҳон барои тарсонданаш, мабодо поямро газад, аввал ба сараш дод заданд, баъд по ба замин кӯфтанд, вале суд набахшид. Саг ҳамоно сарашро ба поям молиш медод. Пештар, замони зинда будани соҳибаш-бобои Давлат, саг маро бе ҳуҷум пешвоз намегирифт ва бе ҷакидан гусел намекард. Ҷакидану ҳуҷуми аҷибаш ба ман мефорид. Худро тарсончак гирифта, чанд қадам мегурехтам. Саг шерак шуда, хашмгинона сӯям медавид. Баробари наздик шуданаш, санге ё чӯберо аз замин бардошта, сӯяш ҳаво медодам ва саг мегурехт. Ин дафъа ҳолати ғайричашмдошт рух дод. Бори нахуст ин саги шиносро дар ҳолати меҳрубонию навозишхоҳӣ ва бечорагӣ дидам, соҳиб ҷустанашро фаҳмидам.

Ин саги хурди пахмоқмӯй аз туб фарқ намекард, кирои тарсондану задан ҳам надошт, агар бераҳм мешудам, метавонистам футболаш кунам. Вале барои дилхушӣ имтиёзу имконаш медодам, онро ба зинаи ғолибӣ бароварда, худам дар роҳи мағлубӣ қадам мениҳодам.

Мӯйсафед ин манзараро ҳақиқат пиндошта, ба саги одам бадбинаш таҳдид мекард ва фарёди ҷонхарошашро мебароварад. Ҳар пагоҳ ин манзара ва саҳнаи ҳамроҳи мӯйсафед субҳона хӯрданам такрор мегашт.

Мо, сокинони гузар, як дастаи варзишгарон созмон дода, ҳар пагоҳӣ ба машқгоҳ рафта, медавидем, мепаридем, санг

мебардоштем, бори вазни худро мекашидем, тӯб бозӣ мекардем, хулоса, дар обу арақ оғушта, хастаҳол ба хона бармегаштем. То назди хонаи мӯйсафед бар ба бар ва пасу пеш қадам мезадем. Аз пеши ин хона ҷудо шудан оғоз мегашт, якто-якто кам мешудем. Сабагораш мӯйсафеду ширчояш буд. Мӯйсафед ҳатман пеши роҳи маро мегирифт. Ночор аз қатор баромада, дасташро мефишурдам ва ҳолашро мепурсидам. Дар ин лаҳза дигар бозингарон барои халал нарасонидан ба сӯҳбат, мунтазир нашуда, мерафтанд. Ман мемондаму бобои Давлат.

- Муҳаммадғоиб !-ному насабамро якҷоя талаффуз мекард, – ширчой тайёр, биё, ҳамроҳ субҳона мехӯрем.

- Арақолудам, худамро нохуб ҳис мекунам, бояд оббозӣ кунам.

- Эҳе, то ту ҳаммом мекунӣ, ки навбати хӯроки чошт меояд. Дастонатро бишӯй, мешавад, бо баданат намехӯрӣ-ку?

Мӯйсафед дастамро дигар сар надода, маҷбуран маро ба хонааш мебурд. Гоҳо дар таги долон ва гоҳо дар ҳавлӣ, ки дар як кунҷаш мизу дар кунҷи дигараш кат гузошта шуда буд, мешинонд, ширчой ва ё ширбиринҷ зиёфат медод.

Ба варзишгоҳ рафтанамро аз куҷо медонист, ҳайрон мешудам. Охир, баъзе рӯзҳо аз шабзиндадорӣ хаста шуда, базӯр роҳ мегаштам. Ба варзишгоҳ рафтан он тараф, аз хона берун баромадан намехостам. Мӯйсафед соату рӯзи ба варзишгоҳ рафтанро аниқ медонист ва дар вақташ ба сари роҳ мебаромад. Ягон маротиб дер наемонд. Чаро? Посухи ин суолро ёфтам. Фаҳмидам, ки пири бечора аз айвони баландаш ба варзишгоҳ рафтани маро назора карда, баробари дидан, зуд аз зинаҳо мефаромадааст ва то аз бозӣ баргаштанам дар роҳи бари хонааш бори интизорӣ мекашидааст.

Бобои Давлат пири сахтгап ва ниҳоят хашмгин буд. Дар нигоҳу тарҳи рӯяш осори ноумедиву малулӣ метофт. Дар ҷавонӣ чи гуна оҳанги гуфтор дошт, намедонам, дигар ҳамнишинону ҳамсоягон ҳам намедонанд, зеро мо ҳама навомадагон аз ҳар гӯшаву канори мамлакат ҷамъ шуда будем.

Баъди ҷанги шаҳрвандӣ, ки намояндагони миллатҳои дигар тоби нанги ватандорӣ наоварда, хонаҳояшонро фурӯхтанд ва ба диёри ҳамрешаҳои худ рӯ оварданд, маҳалла аз навомада-

гон пур шуд. Бобои Давлат низ дар ҳамин қатор буд. Бо вуҷуди ин парокандагии ҷамъияти маро касе ҳис намекард.

Дар бинои ҷамъомадгоҳи маҳалла, ки дар миёнҷои гузарвоқеъ буд, гирд меомадем. Гуфтугӯе набуд, ки охири риштаи сухан ба ҳалқаи сиёсат напечад.

– Агар сарвар мешудам, медонистам, ки аввал кадом масъаларо ҳал бикунам ва чи гуна роҳи таъмини эҳтиёҷи зиндагиро биёбам, – худро ситоиш мекард он яке.

- Ман ин мамлакатро, ки бошандагони зиёд надорад, ба мулки биҳиштосо табдил медодам, – луқма мепартофт дигаре.

Сеюмӣ боз худро аз ҳама кордону оқилтар нишон дода, даҳонкалонӣ мекард. Хулоса, саре буду савдое. Аслан, онҳое ман-манӣ мекарданд, ки ҳатто дар хонаи худ обрӯ надоштанд. Аз ӯҳдаи дуруст нигоҳубин кардани як хонавода намебаромаданд.

Ин баҳсҳо ба гӯши Бобои Давлат нохуш мерасид, хашмаш меомад. Лаб мегазид ва оқибат мекафид ва посухи худро медод. Бобои Давлат бе ягон бим ҳақиқати ҳолро мегуфт. Баъзеҳо барои теғи тези забонаш ӯро нағз намедиданд.

Бобои Давлат мани навомадаро ҳам ду маротиб ранҷонд. Сабаби ранҷондани аввалаашро фаромӯш кардам. Бори дуюм гӯё барои худсарона аз майдони ҷамъомадгоҳ гирифтани лӯлаи резинӣ, ки бояд ҳавлӣ об мезадам, сарзанишам кард. Вале ман лӯларо бо иҷозати посбон гирифта будам.

– Бигир, – гуфт посбон, вале намедонист чиро?Хоболуд будааст, бечора.

Ҳангоме ки бобои Давлат дар майдони ҷамъомадгоҳ лӯларо намебинад ва аз посбони хоболуд посухи «намедонам»-ро мешунавад, оташи хашму ғазабаш баланд мегардад. Дар ҳамин лаҳза мани вақтрасида лӯларо оварда, хостам ба соҳибаш супорам. Нигоҳи мӯйсафед ба ман афтод, маро бо гӯшаи чашм песонд ва ғур-ғур кард.

– Аз посбон пурсида будам.

– Ба ёдам нест, – гуфтани посбон хоболудиашро бори дигар тасдиқ кард ва ман дар ҳолати ногувор мондам.

Мӯйсафед аз асп фаромада бошад ҳам, ҳанӯз аз узангу фаромадан намехост. – Моликияти ҷамъиятиро ба манфиати шахсӣ истифода бурдан мумкин нест. Агар як маротиби ди-

гар аз ҳадди худ берун мебароӣ, сахт малолат мекунам, – таъкид кард ба посбон ва баъд ба ман рӯ овард: – Ту ҳам бори эҳтиёҷатро ба дӯши ҷамъият напарто, фаҳмидӣ?

Ростӣ, ки баъди дидани ин муомила ва боз чандин ҳолати ногувори дигар, ки байни бобои Давлат ва ҳамнишинон рух дод, дилам аз ин мӯйсафед монд. Вале ин дилмондагӣ дер давом накард. Баъди чанд рӯз ҷисми хотираҳои нохушро ба гӯри фаромӯшӣ супурда, боз ба ҷамъомадгоҳ рафтам. Бобои Давлат ранҷидани маро ҳис карда, мехост бо ягон роҳ диламро биёбад. Мӯйсафед аз ҳамон ёрони деринааш-хашму ғазаби ба ҷон пайвандаш безор буд, аз карда зуд пушаймон мешуд, вале илоҷ надошт. Дар хуну мағзи устухонаш дарди асабу ғазаболудӣ нишаста буд. Мехост, ки фурсати муносиби меҳрубонӣ ёфта, кинаро барҳам занад. Вале боз шонаву қомати нангу ғурурашиҷозат намедод, ки пеши малолгашта сар хам бикунад. Ман бошам, баръакс. Пешдастӣ карда, барои зуд ба ҷо овардани қарзи инсонӣ бо мӯйсафед оштӣ мешудам. Барои аз вартаи ноҳинҷорӣ берун кашидани мӯйсафед, роҳҳои гуногуни дилёбиро истифода бурдам, вале суд набахшид. Аз пардаи дидагони мӯйсафед доғи хиҷолату пӯшаймониро бурда натавонистам.

Рӯзе ҳолати ғайричашмдоште рух дод, ки муҳити ҳамнишиниро дигар кард. Дар рафти сӯҳбат бобои Давлат риштаи мавзӯъро сӯи дигар кашида, ба ҷамъомадагон рӯи ниёз овард: – Ду китоби қадимӣ дорам, муқова надоранд, чанд саҳифаи даридаву ҳарфгумкардаашро мушкил, вале муқоваашро барқарор кардан мумкин. Ду-се шинос ваъда доданд, вале бар аҳд вафо накарданд, пайгум шуданд.

– Дар як рӯз муқоваашро барқарор мекунам, – овоз баровардам.

Мӯйсафед бо дидаи ҳайрат ва хиҷолатомез ба сӯям нигарист. Бовар намекард, ки ман ҳамон таргаштаи борони хашму ғазабаш ҳастам. Забонаш намегашт, ки розӣ шавад. Вале ман пагоҳӣ, пеш аз рафтан ба кор китобҳоро талаб кардам. Мӯйсафед муъомилаи илтиҷоомезонаи маро дида, ноилоҷ китобҳоро овард. Бегоҳӣ китобҳои навгаштаро ба соҳибаш супурдам. Мӯйсафед аз хурсандӣ намедонист, ки чӣ хел миннатдорӣ изҳор кунад, вале рост ба чашмам чашм дӯхта наметавонист, нигоҳашро аз нигоҳам мегурезонд. Хашму ғазаби

дерина ва суханони ноҷо гуфтааш ҳанӯз азобаш медоданд, санги сари роҳи озод ҳис карданаш мегаштанд. Аз ҳамон рӯз муомилаи мӯйсафед нисбати ман тамоман тағйир ёфт, ки ин барои дигарон ҳам ҳайратовар буд.

Меваи дарахти боғи истиқлолро пеш аз ҳама бобои Давлат чашид. Имконият пайдо кард, ки Афғонистон рафта, дидори хешовандони зиндаҷудояшро бубинад. Инқилобу даврони ҷазо тешае ба решаи ҳастии миллат буд. Хунпайвандон аз дасти тӯҳмату эълони ҳукми марг ҷон дар сари мӯ рӯ ба гурез оварда, пароканда шуданд. Яке бо ҳукми тақдир дар он тарафи соҳили дарёи Панҷу дигаре дар ин тарафи соҳил монд. Дарё садду сарҳади ду кишвар буд ба сари роҳи интизорон. Бисёриҳо аз шарбати васлу осудагӣ бебаҳра монда, дар ҳасрати дидори хешу ақрабо аз олам гузаштанд. Амакҳои бобои Давлатро низ ҳамин қисмат ёр шуд. Гардиши айём мушкилоти мӯйсафеди дар Ватан зинда монда ва ба рӯзи нек расидаро осон кард. Ба ҷустуҷӯи писарони амакаш рафт ва ба дидорашон мушарраф гашт. Ду моҳи умраш дар сафар гузашт. Аз кашвари афғон бо дили пурфараҳ баргашт. Бо худ сурати кӯҳнаи писарамаки фавтидаашро, ки ними тарҳи рӯяш покиза шуда буд, овард.

– Даврони наврасии писарамакам ба ёдам мондааст. Мани ташнаи дидор мехоҳам тарҳи рӯи ӯро дубора ва хубтар бубинам, ягон роҳи барқарор кардани ҳамин сурат бошад? – рӯ овард ба ҷамъомадагон.

– Барқарор кардан мумкин, суратро ба ман бидеҳ, – гуфта, рассоми машҳур Бек Наимро дар назар доштам.

– Суратро аз мӯйсафед гирифта, ба рассом супурдам. Бек Наим нусхаи хурди суратро барқарор кард ва гуфт, ки аввал аз назари соҳибаш гузарон.

Бобои Давлат офаридаи рассомро дида, кӯдаквор шодӣ кард.

– Худи худаш, сурати писарамакро калон кунад, ҳаққи заҳматашро медиҳам, шуморо ҳам бемукофот намемонам.

Мӯйсафед пули андак набудани арзиши кори рассомро намедонист. Нафақаи ночиз ба таъмини рӯзгораш намерасид. Барои нонтарӣ ёфтан ва мӯҳтоҷи дари дигар нагаштан пинҳонӣ чорво парвариш мекард, зеро дар шаҳр нигоҳ доштани чорво мамнӯъ буд. Аз ин ҳисоб бурде мекард, ки ба гуфтан

арзиш надошт. Гоҳо бохт насибаш мегашт. Қиссаи гови ширхӯрашро ҳама медонад. Як гови гӯсоладор харид, умед дошт, ки ширу ҷурғоташ фаровон шуда, ба ҳамсояҳо ҳам мерасад. Вале шири гов ба гӯсолааш базӯр мерасид. Бо додани хӯрокҳои серғизо ҳам шир зиёд нашуд. Як ҳисси шаб мӯйсафед ба тарафи оғил рафта дид, ки гов гарданашро дароз карда, чочҳои ширдорашро мемакад. Мӯйсафед бори нахуст чунин ҳолатро медид, бовар намекард, ки даҳони гов ба чочи худаш бирасад. Сабаби шир надодани говро фаҳмид. Тадбир ҷуст. Резини ғафси доирашакли бекорхобидае, ки дар таҳхонааш буд, ба ёдаш расид. Резинро ба гардани гов овехт. Гов дигар имкони сарашро сӯи чочҳояш бурдан надошт. Гардандбанди резинӣ ба гови бадфеъл халал мерасонд, шир дар пистон мемонд.

– Як ҳиссаи ҳаққи кори рассомро худам медиҳам, – гуфта арзиши кори рассомро фаҳмондам.

– Чи хел мешавад? Ҳам барқарор кунию ҳам як қисми пули рассомро бидиҳӣ, – хиҷолатмандона гуфт мӯйсафед.

– Ҳеҷ гап не, кори савоб мешавад, аз мо нишона мемонад.

Расми қобдори писарамакашро ба мӯйсафед дода, дуо гирифтам. Аз ҳамон рӯз бечора мӯйсафед дар банду ҳалқаи тан додану сар фуруд овардан афтода, чун сипосгузор ҳар саҳар дар роҳи омадани ман бори интизорӣ мекашид ва маро ба хонааш даъват мекард. Мани арақолуд дар ҷумаки оби бари даромадгоҳи ҳавлияш дасту рӯ шуста, ба паси миз менишастам. Духтаракони ба фарзандӣқабулкардааш, ки гуларӯсак шуда буданд, ба хидмат камар баста, аввал нону ширинихо ва баъд ширчой ва ширбиринҷ меоварданд. Агар бахт ба рӯяшон хандад баъди як-ду сол пайи тақдири худ мераванд. Боз хона холӣ мешавад, боз пир мемонаду кампир, ду каси мӯҳтоҷи дастгир.

– Чаро бобои Давлат ягон писарро ба фарзандӣ қабул накард? – ба худ суол медодам. Писар, ки медошт, чароғи фурӯзонихонааш хомӯш намегашт. Бечора, шояд аз таваллудхона писар наёфта, ноилоҷ духтар гирифта калон кардааст.

Бобои Давлат зори нохуни фарзанд буд. Ба ғайр аз ин неъмати бебаҳо гӯё ҳама чизро дошт, ҳавлии калони дилрабо, хонаи оддии зебо. Як қисми замини назди ҳавлияш пур аз дарахтони

гуногуни мевадор ва навдаҳои токичайлобипеши хонаашаз хӯшаҳои ангур хам буд. Дар охири замини ҳотааш оғилу каҳдон дошт. Аз байни шохаҳои дарахтон гову гӯсолааш метофт. Аз дару даргоҳи тозааш бӯи хуш ба машом мерасид. Манзилаш ҷои хуби эҷодӣ буд. Ҳар кас ва ман ҳам орзу мекардам, ки дар маркази шаҳр соҳиби ҳамин гуна хонаву ҳавлӣ бошам. Ҳар гоҳе ки ин хаёл аз сарам мегузашт, саги хомӯши дар таги кат хобида сӯям бад-бад нигоҳ мекард. Орзуи маро мақсади ҷиддӣ фаҳмида, ягон-ягон меҷакид. Гӯё таъкид мекард, ки ҷои каси дигар насибат намекунад, ғайр азин фиҳмида мон, ки дунё бесоҳиб нест, ман онаи зори ҳавлигирро нишон медиҳам. Хулоса, дар чашми ин саг шубҳанок метофтам. Ҳарчанд, ки ҳар рӯз маро ҳамроҳи соҳибаш медид, рафтораш тағйир намеёфт, сӯям ҳуҷум мекард. Ҳине, ки мӯйсафед аз ӯҳдаи гирифтани пеши роҳи саг намебаромад, духтараконаш ин мушкилотро осон мекарданд. Сагро ба хоначааш дароварда, дарашро аз берун мебастанд. Гоҳо дар ин ҳолат занаш ҳам аз дарича сар бароварда, мехост мадад расонад.

Мӯйсафед ҳамсарашро аз рӯи меҳру дӯстдорӣ «нозанин» ном мегирифт. Ҳамсараш кампири хароби шонаҳояш барҷаста буд. Тарҳи рӯи аспмонанд, чашмони фурӯрафта, абрӯвони ғафси сафедгашта ва гардани борики кӯтоҳаш бо ҳам номувофиқ буданд. Алқисса, дар чеҳра ва қаду қомати ӯ осори нозанинӣ ҳам вуҷуд надошт. Вале дар дидагони мӯйсафед кампираш зеботарин ва меҳрубонтарин зани дунё метофт. Шояд даврони ҷавонии шарики умраш дар ёдаш монда бошад, ки ба хотири ҳамон айём ӯро «нозанин» ном мебарад.

Умри мӯйсафед ҳамроҳи ҳамин зан гузаштааст. Талху ширинии ҳаётро бо ҳам чашида, ҳар ду пир шуданд, дар банди қисмати бефарзандӣ асир монданд. Шояд ғами бефарзандӣ занро ба хӯса монанд кардааст. Мӯйсафед фарзанд наёфта-нашро аниқ медонист, ин паҳлӯи қисматро ба ҳамсараш фаҳмонда буд. Розӣ буд, ки ҷудо шаванд, ҳамсарашро аз бебаҳотарин гавҳари ганҷинаи ҳастӣ маҳрум накунад. Вале зан ба тақдир тан дода, дилаш намешуд, ки ӯро дар нимароҳи зиндагӣ танҳо гузорад. Дигар ин ки аксари бефарзандон аз меҳри падариву модарӣ маҳруманд ва бебаҳоии фарзандро тасвиру тафсир карда наметавонанд, ноилоҷ ба дунёи худодат

карда, барои аз даст надодани дарёфтаҳояшон, банди ҳалқаи даргоҳе мемонанд. Дар доираи тасаввурашон фаҳми рӯзгори дигаре намеғунҷад. Онҳо заҳмат кашида, навъе рӯз мегузаронанд. Қисмати Бобои Давлату ҳамсараш низ ҳамин ранг буд. Бисоти сози ҳастияшон пураламтарин оҳангро дошт. Гоҳо мегуфтанд, ки барои кӣ ранҷ мекашанд? Барои кӣ беҳуда ҷон мекананд? Бародарону хешовандон ҳам побанди андешаи рӯзгори хешанд. Мӯйсафеду кампир гоҳо дар танҳоӣ дар хусуси соҳиби ояндаи даргоҳашон андеша мекарданд. Чандин каси хунпайвандро, сараввал ҳар кадом намояндаи наздиктарини худро соҳиби ин манзил медиданд ва оқибат дар сари гулдухтарони талбидаашон ва хонадомодҳояшон қарор мегирифтанд. Дар ҷоихона ва оғилхона ду бинои рӯ ба рӯи баландошёнаи замонавиро қоматафрохта медиданд. Кампир ҳафтае дар хонаи духтари калонӣ ва мӯйсафед дар хонаи духтари хурдӣ шаби худро рӯз мекарданд ва ҳафтаи дигар ҷойҳояшонро иваз менамуданд. Дар маскани хаёлашон ҳар кадоме ду даргоҳӣ доштанд. Вале боз аз баҳри ин орзуи ширин мегузаштанд. Аз дил мегузаронданд, ки «лой аз хокистар намешавад, домод писар намешавад». Аввал аз Худо, баъд аз ҳамдигар намонанд. Бемуҳобот, онҳо бе ҳамдигар шабро осуда рӯз карда наметавонистанд, он чунон ба ҳамдигар одат карда буданд, ки дар танҳоӣ хобашон намебурд, бояд ба як болин сар мегузоштанд.

– Чи хел мӯйсафед аз зане, ки барои ӯ шуда, ҳаёти худро барбод дод, бенишона монд, дурӣ биҷӯяд? Наметавонад, ки домани ин зани меҳрубонро то нафаси охирин сар бидиҳад. Агар бимирад, бояд дар бари ӯ бимирад.

Мӯйсафед дар умраш танҳо як маротиб, дар айёми пирӣ, се моҳ пеш аз марг ба дарди сахти рагу пайвандаш тоб наоварда, ночор ба дармонҷӯӣ рафт. Аз обҳои маъдании табобатгоҳ баҳра бурд. Пойҳои дардманду шахшӯлаш нарму сиҳат гаштанд, кори меъдаву ҷигараш беҳтар шуд, вале бори дилаш гаронтар гардид. Дар ним моҳи истироҳату табобат «нозанинаш»-ро ёд кард, дилаш фарёд кард. Ҳамсараш низ дар ин муддат бо вуҷуди ҳамроҳи гулдухтарон буданаш ва дидани дидори бародаронаш худро бекас ва танҳотарин зани рӯи дунё пиндошта, андак нотоб шуд. Мӯйсафед ин ҳолатро дида, ҳамсарашро низ ба табобатгоҳ бурд. Ба хотири раҳондан аз

азоби танҳоӣ ҳамсарашро ҳамроҳӣ кард. Боз гармӣ ва дигар усулҳои табобатро қабул намуд. Ҳол он ки муддате бояд сабр мекард, табобат гирифтанаш мумкин набуд. Дармони аз меъёр зиёд ҷисмашро зӯр овард ва баъд аз як моҳ ба дарди бедаво гирифтор шуд, ҷон ба ҷонофарин супурд. Баъд аз маргаш ҳақдорони гумном пайдо шуда, худро соҳиби хона хонданд. Ба ҳамсараш гуфтанд, ки ин қадар хонаву ҳавлиро чи мекунед, беҳтараш ба ту ва духтараконат ҷои муносиб меёбем ва боз пули зиёд медиҳем, ки рӯзатонро шоҳона гузаронед. Алқисса, фиребаш дода, хонаашро фурӯхтанд. Пулаш байни хешовандон тақсим ва чошу пош шуд. Тӯфони дарёи зиндагӣ худашонро ҳам мисли мавҷҳо ба соҳилҳои ноошно партофта, аз дидани дидори ҳамдигар маҳрум кард. Дигар аз он манзил накҳати ошно намерасид. Ман ҳам намехостам бо роҳи бари ҳамон хона гузашта, ба варзишгоҳ биравам, вале илоҷ надоштам, роҳи дигар набуд. Ягона нишонаи зиндаи берун аз дар ҳамон посбони пахмоқмӯй буд. Сагро баъди чанд моҳи гузаштани мӯйсафеду пароканда шудани он оила дидам. Ман сагро не, саг маро аз байни варзишгарон шинохт ва ба сӯи ҳамнишини соҳибони гумгаштааш тохт. Аз таҳдиду сангпартоӣ ва дод заданам наҳаросида, сарашро ба пеши поям гузошт ва то дари хонаам гусел кард. Ҳарчанд ишора кардам, аз дар надаромад. Ин охирин пешвозу гусели хомӯшонааш буд, дигар он сагро надидам…

ЧАРОҒИ МЕҲР

Раҳим бели хашму ғазабашро аз пештара бештар тез карда, хост гӯри шахси аз ҳама наздиктаринашро биканад ва он азизи ба гумонаш фавтидаро дар як гӯшаи пуштаи фаромӯшхотирӣ ба хок супорад. Вале боз дасти раҳми дилаш аз домани гулӯи саркаши андешааш гирифта, нақшаи кашидаашро барбод дод. Нагузошт, ки ба васвасаҳои шайтони ҳастӣ дода шавад. Маҷбураш кард, ки роҳи сабрро пеш бигирад. Чандин маротиба ба сари ин мақсад омада бошад ҳам, боз аз баҳри шӯрандозони наздикбини хаёлаш гузашта, тарафи ошнои бегонагаштаашро гирифт. Он манаҳи хаёлан бастаашро кушод ва он тобути аз чӯби андеша сохтаашро шикаст. Хулоса, то ба гӯр

кандан нарасида, бели хашму ғазабашро дубора ба ҳамон ҷои нонамоёни пештарааш гузошт. Аз баҳри нақшаи борҳо кашидааш гузаштан сабаб дошт, сабаб якто, – нохуни сиёҳгаштаро ҳам то дами худаш аз гӯшт ҷудо шудан кандан мумкин нест. Яъне, ин ҷо ҳам пайванде мавҷуд буд, ки ҳалқаҳои қисмати онҳоро нигоҳ медошт. Ин пайванд пайванди ҳастӣ буду кандани ин ҳалқаҳо гусастани занҷири дӯстӣ.

Бе Мӯнис барои ӯ вожаҳои меҳру садоқат ва дӯстию рафоқат маънӣ надоштанд. Бо ҳама пайгумӣ наметавонист, ки ӯро қатори фавтидаҳо бубинад. Дар ҳама ҳолат Мунисро мунисаш мехонд. Акси ӯро дар оинаи чашмонаш медид. Тарҳи рӯяш пайваста пеши назар буд, ҳоло ҳам ҳаст, вале на бо он ранги пештара. Инак бо ӯ соле ё дар ду сол тасодуфан дар маъракае, дар роҳу истгоҳе, дар дафтари кории мансабдоре рӯ ба рӯ меояд. Аламовараш он аст, ки коргоҳи ҳар ду дар як маҳалла ҷойгир буда, масофаи байнашон аз сад қадам зиёдтар нест. Агар дуртар мебуду барои хабаргирӣ фурсат пайдо намегашт, аз ӯ гила кардан маънӣ надошт, вале ҳоло ба гила кардан ҳақ дорад. Дар ҳамин масофаи наздик ҳам ошнои деринааш на суроғаш меояд ва на телефонаш мекунад. Ҳангоми тасодуф вохӯрдан Мӯнис боз ба ӯ даст медиҳаду оғӯш мекушояд, вале аз рӯзгори мозӣ ҳарфе намезанад. Раҳим ҳам намехоҳад, ки гирехи риштаи деринаро кушояд. Нигоҳҳои дидагони онҳо, ки як замон аз тамошои рӯяшон серӣ надоштанд, акнун бегонавор аз ҳамдигар мегурезанд. Нахуст ошнои бегонагаштааш мехоҳад худро аз вартаи вуҷуд надоштани носипосӣ осон барорад: – Хок бар сари ин зиндагӣ, намегузорад, ки як дами беғам бизанӣ. Бо ташвишу такудав ва сафари хидмативу дигар пешомадҳояш имкон намедиҳад, ки дидори ёрони қадимиро бубинӣ, – гуфта худро сафед карданӣ мешавад. Вале мебинад, ки девори ковоку пояи пӯсидаи дурӯғаш ба бори боми ростии дӯстӣ тоб намеорад, баҳонае кофта, зуд роҳи халос шудан аз ин дидорро мекобад. Ӯ мераваду намедонад, ки дар ин лаҳза ҳоли мехрбастааш чи мешавад. Раҳим дар байни роҳ танҳо монда, дигар аз ҷо ҷунбида наметавонад, ашкҳояш ҳамчун тифлони мехраш аз сари симхори мижгонаш гузашта, гуселаш мекунанд. Ва ин маҷрӯҳгаштаҳо дар роҳи пуштаи рӯ

ҳалок гашта, бо оташи ғаму андӯҳашон хонаи дилу дидаашро харобу азодор менамояд. Зор-зор мегиряд, безор мешавад, аз зиндагии пур аз фанду найранг, аз замини ҳастии камҳоку пур аз санг.

Азм мекунад, ки ҷисми ин рафиқи аз дида рафтаву дар дил мондаро худи ҳамон лаҳза ба хоки фаромӯшӣ супорад, боз аз раъяш бармегардад. Раҳмаш меояд ба ҳолимардуми кӯтоҳандешу ғофил ва манфиатҷӯю гушначашм. Ин тоифаро бадбахт мешуморад. Мӯнисро ҳам дар ҳамин саф мепиндорад. Мехоҳад аз баҳраш гузарад, вале боз гузашта наметавонад. Барои чи, худаш ҳам намедонад. Ин муаммо мисли риштаи гиреҳдор аст. Ин муҳаббатномаи дили одаткардаро ба забон овардан душвор аст.

Аз омаданаш умедашро канда бошад ҳам, гӯшаш интизори занги телефон ва шунидани овози Мӯнис аст. Овози нарми ӯ бист сол пеш дар пардаи гӯшаш нишаста буд, мисли гарде, ки онро борон ба замин менишинонад ва баъди намаш паридан насими хотираҳо онро мехезонад, соҳиби ҷунбишу садо мегардад, садои ошно.

– Раҳим, ту обрӯю эътибор дорӣ, ба садҳо шинос гапат мегузарад, як бало кун, ки ман ҳам соҳиби ягон вазифа шавам, некиятро фаромӯш намекунам, то нафаси охирин дар барат рост меистам, ту фармондеҳ мешавию ман сарбоз.

– Дар бари ман, ки рост истӣ, кори давлатию вазифаи хидматиро кӣ ичро менамояд? – мегуфт Раҳим ва ба лофи росту фоли дурӯғи ӯ нукта мегузошт.

Рӯзҳои аввали шинос шудан Мӯнис аз ин боб гап намекушод. Хомӯширо ихтиёр карда, ба гуфтаҳои Раҳим гӯш медод. Ба маънии сухан сарфаҳм наравад ҳам, худро нодон вонамуд намекард. Вале Раҳим ҳис мекард, ки шиноси нав пайдокардааш дониш надорад. Дертар фаҳмид, ки вафо ҳам надоштааст. Хараш, ки аз ҷӯбор мепаридааст, суроғат намекардааст. Аслан нодонҳо барои мустаҳкамии аҳди баста ҷаҳд намекунанд. Онҳо бевафояд, гомзани роҳи ҷафоянд. Балки боғеро мемонанд, ки дорои баргу навдаҳои дилфиребанд, вале аз меваи дарахти муҳаббат бенасибанд. Баъди сарсабзӣ азоби рангзардгаштаро ба ёд намеоранд, поси намаки заҳмати боғбонро намедоранд.

Ин тоифа мақсади худро ошкор намегӯянд, бурди худро танҳо аз саҳнаи санъати дилёбӣ мечӯянд. Маҳз ҳамин хислат Мунисро бо Раҳим наздик мекард. Қариб ҳар рӯз Мунис дари хона ва ё дари дафтари кории Раҳимро мекушод. Ҳолашро мепурсид, аз ҳар боб сухан мегуфт, ӯро ситоиш мекард, хулоса, ҳама воситаҳоро ба кор бурда, ғамашро ба шодӣ ва ноумедиашро ба умед табдил медод. Вале аз қисмати худ, чӣ гуна рӯз гузарондану ба чи кор машғул будан ва дар дил чи умед парваридан ҳарфе намезад.

Соҳиби хонаи нав шудан ин ду ношиносро бо ҳам шинос кард. Онҳо дар бинои даромадгоҳу ошёнашон гуногун мезистанд.

Дар он айём ба ягон кас бенавбат хона намедоданд. Хидмату нафъе ва дигар паҳлуҳои самари ба ҷомеа расондаро ба инобат гирифта, баъд калиди хонаро месупориданд. Ошёнаҳо низ аз рӯи дараҷаи мавқеъ тақсим мешуданд. Мӯнис, ки мавқею обрӯ надошт ва касе ӯро намешинохт, аз рӯи навбати ҷои кор соҳиби манзил шуд. Дар ошёнаи охирин ба ӯ ҷой доданд. Аз ҳамон баландӣ омадани Раҳимро дида, зуд ба ҳавлӣ мефаромад, сари роҳашро мегирифт. Медонист, ки Раҳим мошинашро дар поёни бино, ки ҷои мувофиқи нигоҳдорӣ дошт, мемонад. Дар ҳамон манзил фақат Раҳим соҳиби мошини нав буд, мошини рангаш осмонӣ. Агар мошинашро дуртар аз бино ҳам, ки мемонд, касе ба он кор намегирифт. Ҳатто кӯдакон мошинашро тоза ва назорат мекарданд, касеро ба он наздик шудан намемонданд. Зеро ҳар рӯз Раҳим онҳоро савор карда, то роҳи калон мебурд. Кӯдакон ба хотири андак муомилаи нек ва барои бори нозашонро бардоштан ӯро дӯст медоштанд.

Мӯнис ҳам аз ошёни боло ба поён фаромада, Раҳимро пешвоз мегирифт, оғӯш мекушод ва ӯро то дари ҳуҷрааш гусел мекард.

Мӯнис дар як коргоҳи хурд корманди оддӣ буд, музди кам мегирифт, навъе рӯзашро мегузаронд. Раҳим бошад сарвари коргоҳ буд, ҳам мошини хидматӣ ва ҳам шахсӣ дошт. Бо ҳама мартабаву обрӯй ба хидмати Мӯнис камар мебаст.

Хотири ошно барои дӯсти содиқ аз ҳазор мансабу мартаба болотар аст. Мӯнисро ба зодгоҳаш деҳаи аз шаҳр хеле дур бур-

даву меовард, нисфи шаб ҳам, ки мехост, ӯро то ҷои гуфтааш мебурд. Пайванди дӯстии онҳо ба фикри Раҳим ногусастанӣ буд. Ҳар ду пагоҳии барвақт ба варзишгоҳ рафта машқ мекарданд. Мӯнис медавиду Раҳим футбол бозӣ мекард. Дар арақ тар ба хона бармегаштанд. Мӯнис ҳурмату муҳаббати Раҳимро дида, акнун на танҳо ба хона, балки ба коргоҳаш меомад. Медид, ки пайдокардааш дар паси мизи корӣ нишаста, ба хуҷҷатҳо имзову мӯҳр мегузорад. Ҳар лаҳза корафтодае дари ҳуҷраашро нарм-нарм ангушт мезад. Аз Раҳим мадад пурсидани даҳҳо эҳтиёҷмандонро медид.

Дидани ин манзара шӯълаи умеде буд, ки бо ҳама сӯзиш чароғи дили Мӯнис онро мехост. Мехост ӯ ҳам соҳиби мақому мартаба бошад, корафтодагон суроғаш кунанд. Гумон мекард, ки роҳбарӣ роҳи баромад неву танҳо роҳи даромад аст. Тарғиби дарси мактаби маърифат неву татбиқи нақшаи манфиъат аст. Ҷои мӯҳри доирашакле, ки Раҳим ба хуҷҷатҳо мегузошт, дар назари Мунис танга метофт. Намедонист, ки ин мӯҳри доирашакл ҳалқаи дору занҷири даст ҳам ҳаст. Намедонист, ки ин тахт на танҳо тахти бахт, балки тобути дами рахт низ мебошад. Намедонист, ки чароғҳои пурнури қандили идора аз хати ноаёни дуд ҳам орӣ нест. Ҷиҳати аввалашро медиду охирашро не.

Он рӯзҳо Мӯнис зори дидори Раҳим буд ва имрӯзҳо Раҳим зори дидани дидори ӯст. Мехоҳад, ки ошнои даврони ҷавонияш ногаҳон аз сари роҳаш барояд, бехабар дари хонаву дафтари кориящро кушояд, саросема бошад ҳам вақти қиматашро гирифта, бо ӯ гуфтугӯ намояд. Розӣ ҳаст, ки ба хотири Мӯнис аз кор дер кунад, аз роҳбар гап шунавад, вале мехоҳад аз дидори ошнои бегонагаштааш сер кунад. Метавонад, ки дар як лаҳза дар коргоҳи Мӯнис шавад, вале пояш пеш намеравад. Фироқашро ба васли маҷбурӣ табдил додан намехоҳад. Девори номус монеаи роҳи умедаш мегардад. Ночор ӯ дар пушти як тарафи девор дарун-дарун мегиряд, гумон мекунад, ки рафиқаш дар пушти дигари девор ба ҳолаш баланд механдад. Гиристан он сӯ, агар бимирад ҳам, суроғаш намеравад, дилтанг шавад ҳам, ба боғаш намеравад. Чаро замоне Мӯнис тоб хӯрда, тоб хӯрда бо баҳонае ҳар рӯз Раҳимро медиду барои чи Раҳим имрӯз бори гарони ҷудоиро аз паймудани масофаи

садқадама сабуктар мешуморад ва ӯро хабар намегирад. Зеро тағйир ёфтани ӯро медонад. Шукр мегӯяд, ки мисли ӯ нест, соҳиби дурӯза обрӯ нест.

Ҳоло Мӯнис дорои доро ҳаст, соҳиби чандин хонаву ҷо ҳаст. Амволи бисёр дорад, даҳҳо хидматрасону мададгор дорад. Ҳаводоронаш кам нест, хулоса, мӯҳтоҷи дидори Раҳим ҳам нест. Шояд барои аз даст надодани ёрони мансабдори наваш фурсати ёд овардани шиносони кӯҳнаро надорад. Шояд ба он ҷое меравад, ки даромад дораду баромад не. Раҳим ҳам намехоҳад, ки вақти қимати ӯро бигирад, бозори гармашро сард намояд. Намехоҳад , ки чархи даромади ошнояш лаҳзае аз гардиш бозмонад. Замона дигар шудаст, ҳар кас кай ва ба куҷо рафтанашро бояд донад. Медонад, ки Мӯнис хабаргирии ӯро низ талбандагӣ мепиндорад. Шунидани шеъру қиссаву гуфтугӯяш дигар ба гӯши Мӯнис намедарояд, ин ҳамаро ҳазён мешуморад. Дороиро панду доноиро фанд меҳисобад. Акнун Мӯнис ҳам вориди олами дигар гаштааст, пухтатар гаштааст. Вай ҳам дар дунёи худ эҷодкор аст. Аз фикри беши доро шудан шабҳо кам мехобад, ба хаёлаш баъди сараш фарзандону наберагон нони хӯрдан намеёбанд. Барои азоб накашидани онҳо сарват ҷамъ меоварад, аз кадом ҳисоб бошад, фарқ надорад. Ӯ дар оинаи зиндагӣ фақат акси худро мебинаду пайвандонашро, боре андешаи «оташ, ки расид хушку тар месӯзад» – ба сараш намеояд. Барои мистари фаҳми ӯ вожаи ифтихору ибораи маъсулияти ватандорӣ бегона аст.

Дар сари Раҳим хаёли тезтар кардани бели хашму ғазаб ва ба хоки фаромӯшӣ супоридани одами наздиктарин баъди гузаштани бародараш Наим бештар гашт. Раҳим як бародар дошт, шоири соҳибкитоб буд, аз дарди сактаи дил ногаҳон гузашт. Додараки захматкашу ҳалолхӯрашро ба хок супурда, дар сари пуштаи мазор зор-зор гирист. Аз он худро маломат мекард, ки ба додари донои нодораш дасти мадад дароз карда натавонист. Чи илоҷ, ки худаш ҳам пасандоз надошт, бори рӯзгори худро базӯр мебардошт. Ҳар моҳ аз нӯги маошаш андак ба додару хоҳари камбизоаташ мефиристод. Ҷои маблағи камшударо аз ҳисоби хӯрдани таъоми камғизо ҷуброн мекард. Ҳангоми хӯрдани хӯроки серғизо, ки гоҳ-гоҳ дар хонадонаш пайдо мегашт, додараку хоҳаракашро пеши рӯ

меовард, қаламрави дилашро лашкари ғам иҳота мекард. Бо кафи дастон ашки пайдогаштаи чашмонашро пинҳон менамуд.

Раҳим, ки Мӯнисро баробари бародараш медонист, дар рӯзи фавти додараш ӯро хабар карда натавонист. Қариб ду сол ӯро надида буд, рақами нави телефонашро низ намедонист. Вале як шиносашро дида таъкид кард, ки Мӯнисро ёбад ва ба ӯ ин хабари нохушро расонад.

Додарашро ба хок супурда, аз деҳа ба шаҳр баргашт. Баъд аз он рӯз баробари ба ёд овардани додари аз шарбати зиндагӣ маҳрумгаштааш симои Мӯнис ҳам аз пеши рӯяш мегузашт. Ба ҳоли он яке раҳмаш меомаду ба ҳоли дигаре хашму ғазабаш. Чаро? Бенамакӣ буд сабабаш.

Раҳим бародарашро дер, агар дар ним сол як маротиба медид, вале боМӯнис пайваста вомехӯрд, бештар ҳамроҳи ӯ буд, гӯё афтодае дар банди ҷоду буд.

Дар рӯзҳои ҷанги шаҳрвандӣ ва баъдтар то дами осудагӣ Мӯнисро борҳо ҳамроҳи ҷиноятпешаҳо дида, дилаш дур мерафт. Аз дилсӯзӣ таъкид мекард, ки аз ин гурӯҳ дурӣ биҷӯяд. Мӯнис ваъда медод, ки дигар ҳамтабақи онҳо намешавад, аз пайи ин тоифа намеравад. Вале боз ба аҳдаш вафо намекард, шояд доруи баднафсӣ дарди бадашро даво намекард.

Дар он солҳои ноором ба чи корҳо даст задани Мӯнисро баъдтар фаҳмид, замоне фаҳмид, ки ӯро дар паҳлӯи худ намедид. Мӯнис акнун дар домани қуллаи матлаб буд, соҳибмансаб буд. Барои ба баландӣ расидани Мӯнис Раҳим чи кор кард, ба пеши киҳо рафт, Худо медонаду худаш. Ишора ҳам кунад, аз боби такудаваш ба касе ҳарфе намегӯяд. Балки намехоҳад, ки қиссаи мансабдор шудани Мӯнисро ба ёд биёрад, вале ин қисса доғномаест дар матои ёдаш, ки онро ягон собуну хока намешӯяд.

Баъд аз гузаштани додараш ақаллан як маротиба Мӯнисро дар паҳлӯяш медид, тасаллиномаашро мешунид, носипосияшро мебахшид. Бахшад, набахшад дигар ба Мӯнис муҳим нест. Акнун ӯ замини сахт аст, мулоим нест. Оби бари рӯ он сӯ, оби ҷӯ асараш намекунад. Дар тасвири ин чеҳра қалам ҳам забонгирифта аст. Майлаш, ҳар ранге ва дар куҷое, ки бошад, илоҳӣ зинда бошад. Шояд рӯзе пири пир шаваду дар

танҳоӣ умри гузаштаро ба ёд биёрад. Барои ҷавонии барбодрафта дилаш гум занад ва дар оинаи хотираҳо акси Раҳимро низ бубинад. Баъди аз худ рафтанҳо шояд дубора ба худ биёяд ва бехабар дари хонаи рафиқи мӯйсафедгаштаашро, агар зинда бошад, кушояд. Агар суроғ ҳам наояд, қиссаи ҳаёти Мӯнис панд ва ё фанд аст, аз лавҳи хотири Раҳим фаромӯш намешавад, оташи чароғи меҳри дил хомӯш намешавад…

КӮҲНАГАДО

Пайи қуми рехтаи андовабоб хонаи як тарафаш гилнадидаи Сангинро ба ёд овард. Қумро шамол ва ё кӯдакони шӯху бозингар ба роҳи гузар паҳн ва ба хасу хошок омехта карда буданд. Онҳоро рӯфта гирифтан мумкин, вале истифода бурдан номумкин буд. Сангин омода буд, ки нимашаб онҳоро рӯфта, ба хона барад ва аз ғалбер гузаронад, вале ғалбер надошт. Касе ба ӯ хас ҳам намедод. Қум барои гилдор шудани девори хонааш бисёр зарур буд, вале арзиши як мошин қумро фаҳмида, аз баҳри таъмири як бари девори хонаи наваш дасти умед шуст. Хонаи ба зӯрӣ соҳибгаштааш хонаи як дорандаи омад буд.

– Ту одами таҳҷоӣ нестӣ, парвои ин мардум надорӣ, ғами ишонро шояд шодии худ шуморӣ. Медонам, ки дар сар задани ҷанги шаҳрвандӣ ва рехтани хуни ноҳақ саҳми бузург дорӣ. Беҳтараш хонаатро арзон фурӯхта, аз ин макон зудтар ғайб зан. Агар ба фурӯхтан розӣ нашавӣ ва бо хушӣ наравӣ, аз ҳама чиз мемонӣ. Хонаатро бепул гирифта, ба ягон таҳҷоии эҳтиёҷманд медиҳем.

Сангин хонаро бо роҳи таҳдид аз ҳамсояи барвақт омадаш гирифта, ба касе надод. Инак имкон надорад, ки як бари девори ҳамон хонаро таъмир кунад. Аслан барои андова кардан ба ӯ як мошин не, ду-се халта қум басанда буд. Ҳамин қадар қумро ҳам дастрас карда наметавонист, пул надошт. Пулҳои порагирифта ва амволи ғораткардааш андак-андак сарф шуданд. Охирин дуздидаҳояш – дегу табақ, кафлезу кафгир, обҷӯшонак, сатили мосдор, телевизору яхдон, қолину палос, тешаву табар, белу кетман, қубурҳою пояҳои оҳанин ва ғалтаки симро

фурӯхта, муддате эҳтиёҷи рӯзгорашро таъмин кард. Дигар пайсае надошт, ки қум харад. Қуми муфт ёфтаашро бурди худ пиндошта, аз омад кардани давоми кораш умеди калон дошт. Ба ин хотир чашм аз қуми парешон наканда, қадамзаниашро идома дод. Баъди бист-сӣ қадам гузоштан, дар гардиши роҳи паси девори хонаи ҳамсояи деринааш ду теппачаи қумро дид ва тахмин кард, ки ҷо-ҷо қумпӯш шудани роҳи мумфарш аз ҳамин ҷо ибтидо гирифтааст.

Сангин ба девори навросткардаи ҳамсояи пештарааш Комрон нигоҳи ҳасадомез дӯхт ва дар доираи тасаввураш намеғунҷид, ки ӯ дар ним сол чунин девори баланду иморати дуошёна созад. Вале он чизеро, ки дар доираи фаҳмаш намеғунҷид, ба чашм медид. Бовар мекард ба қудрати инсон, ба қудрати инсони дорандаву кордон. Аз дидани ин манзара, ки ба гузар ҳусн мебахшид, шод неву ғамгин гашт. Зеро ҳар як бурди Комрон бохти ӯ ҳисоб мешуд. Мехост, ки кори рақибаш омад накунад, бебарорӣ ёраш шавад. Нури нигоҳаш аз боло то поён, то бехи девор, шорида, дар болои он ду тали қум манзил гирифт. Теппачаҳои ба гӯрҳо монандро дар ҷое дид, ки ҳамон ранг дар пуштаи хаёлаш нақши умрбодӣ доштанд. Хост теппачаҳоро ҳамвор кунад, вале кушодашавии дарвоза ва ба гӯш расидани овози шиносе ӯро маҷбур кард, ки тезтар қадам зада, аз назар ғоиб гардад. Барои он ки дар бозгашт ба чашми Комрон ягон бадбини дигараш натобад, ба кӯчаи дигар гузашта, ба хонааш омад.

Сангин гоҳ-гоҳ, ҳафтае як маротиба, субҳи барвақт ё айни чошт ва ё ҳангоми говгум, ҳини камодам будани кӯча аз дараш баромада, дуздона ба ин тарафу он тараф менигарист. Баъди шиносеро надидан сархамона қадам ниҳода, пайи кору эҳтиёҷи рӯзгор мерафт. Намехост, ки бо шиносе рӯ ба рӯ ояд. Медонист, ки шиносон дидори ӯро дидан намехоҳанд. Аввалҳо ҳамсояҳо ӯро ҳамчун ҳимоятгари ҳуқуқу манфиатҳои худ бисёр дӯсташ медоштанд, ғамхору мададгори халқ мепиндоштандаш. Бовар карда, гапашро об медоданд, аз паяш қадам мениҳоданд. Намефаҳмиданд, ки он бадбахт ниятҳои нохуб дорад. Дертар, ҳине ки корд аз устухон гузашт, мақсадашро фаҳмида, барои кӯтоҳандешӣ ба худ нафрат хонданд.

Сангин камбағалона зиндагӣ мекард. Баракати самари

меҳнаташро намедид, бебарорӣ ёраш шуда буд. Дарди нодории ӯро ҳамсояи бар ба бари девораш Комрон аз ҳама хубтар эҳсос мекард ва ҳар рӯз хӯрок ва гоҳе пӯшокаш медод. Комрон ҳам мисли падари нондеҳаш луқмаеро танҳо хӯрда наметавонист. Бе ёру шиносе ва бе ҳамсояе аз гулӯяш об ҳам намегузашт. Сангин ҳамтабақи доимияш буд. Ҳарду сари пиёлаи чой нишаста, соатҳо сӯҳбат мекарданд, гоҳе аз боби душмани ҷон будани молу сарват ҳикоят мекарданд. Гӯё дар он гуфтугӯҳо пешомаде ифода мегашт. Дар ин лаҳзаҳо аз роҳи хаёли Комрон кадомин номуборакқадаме мегузашт. Дар симои ҳамон номуборакқадам Сангинро медид. Вале боз «гумон торикии имон» – гуфта нӯги риштаи хаёлашро сӯи ҳалқаи дигар мекашид. Зеро ба бевафоии Сангин бовар надошт, ҳуҷуми лашкари хаёлҳояшро васвасаи шайтон мепиндошт.

Сангин дар маъракаҳои Комрон ҳамеша сардор буд. Табақҳои гӯшт, қуттиҳои ширинӣ, дастархонҳои пур аз нон дар ихтиёраш, хулоса калиди қулфи дари анбор дар дасташ буд. Ӯро Комрон одами худӣ, сарфакор ва боваринок ҳисобида, вазифаи тақсимотро ба ӯҳдааш мегузошт. Ба ҳамсояҳои дигар одамхабаркунӣ, ҳезумшиканӣ, чойҷӯшонӣ ва дастобгирӣ барин вазифаҳои ифтихорӣ мерасид.

Сангин дар ҳамон айём ҳам чашми мардумро гурезонда, бо баҳонаи ба хонаи фалон камбағал як табақ ошу нон фиристодан, ба хонаи худ нону гӯшт ва ширинихо равон мекард. Камзули кисаҳояш чуқурро танҳо рӯзҳои маърака мепӯшид, ҳатто дар гармтарин рӯзи тобистон. Дар кисаҳояш як-ду килло қанд баҳузур мегунҷиду ба чашм ноаён буд. Хусусан аз хонаи Комрон бештар мекашонд. Дар рӯзҳои маърака кӯшиш мекард, ки дах – бист касро ба хонааш бурда, аз ҳисоби ҳамсояи дорандааш дастархон ороят. Бо баҳонаи хабар гирифтани меҳмонон чандин маротиба бо кисаи пур ба хонааш мерафт. Илоҷ ёфта, гӯшти пухта мебурд. Гӯшти хом ҳам медуздид. Тарзе амал мекард, ки касе рафтори нохубашро пай намебурд. Дар ҳолати мушоҳида гаштан роҳи ба дӯши дигарон партофтани бори гуноҳашро меёфт. Гумонбарро ба узр пурсидан водор мекард. Алқисса, гунаҳкор афсунгареро мемонд ва бо сеҳри худ бегонаро ҳам ба

тарафи ошноии худ мехонд. Аз ин ҳисоб сардори маъракаи мардум шуда, баъди ҳар оши ҷашну мотам муддате давр меронд.

Чӣ шуд, ки ин хапаки таги тапак, ин дасти пеши бар якбора сухандон шуд?Чӣ шуд, ки гунге якбора соҳибзабон шуд?

Ҳангоме ки селоби баҳори носозӣ хоки кишвари ақлҳоро гирифт, дару девори андешаҳо тоб наоварда, пайи ҳам сар ба замини қисмат ниҳоданд, таслим шуданд, ӯ ҳам худро чун оби нотавони дарёчае ҳамроҳи селоб дида «Худо ба ман ҳам дод» гӯён панҷа ба ҳар тараф зад ва аввал хонаи умеди баъзе раҳбаронро шуст. Онҳо аз тарси ҳаққи мардумхурӣ ва тоза набудани худ шабона ҳаққи ӯро бурда медоданд. Умед доштанд, ки забонкӯтоҳаш мекунанд, вале тирашон хок мехӯрд. Ӯ маззахӯрак шуда, барои афзун гардидани сармояаш номҳои дигар раҳбаронро ба забон мегирифт. Онҳоро ба бевиҷдонию беимонӣ гунаҳкор мекард ва халқро ба муқобили эшон мешӯронд. Бо ин роҳ маблағи муфт ҷамъ меовард. Илова бар ин боз роҳҳои дигари даромад ҷуста, худро ҷонибдори мардум нишон медод.

Аз қатори ақиб овозашро шунида, ӯро сар – сари китф ба сафи пеши гирдиҳамомадагон мебурданд. Дар назди баландгӯяк кӣ будани худро фаромӯш карда, ба шиносу ношинос теғи забон мекашид. Дар авҷ гирифтани муборизаҳои ҳизбӣ, маҳаллию гурӯҳӣ ва билохир шахсӣ нақши побарҷо гузошт.

– Мо ба ғуломии даргоҳи ҳаққимардумхӯроне мисли Комрон, ки аз ин ҳисоб доранда шуданд, дигар тоб намеорем. Бояд чунин тоифаи мардумфиреб ҷазои худро бубинанд, – гуфта, гирдиҳамомадагонро бар зидди дорандагон даъват мекард. Шоми худи ҳамон рӯз Комрони дар ҳалқаи чашмҳо афтода, барои аз банди тӯҳмат раҳо гаштан дарвозаи ҳавлии Сангинро тақ – тақ зад ва овоз бароварда.

Сангин соҳиби овозро шинохт ва аз паси дарвозаи пӯшида посухашро дод:– Даври шумо гузашт, акнун навбати ҳукмронии мо шуд. Аз ҳисоби мардум доро шудану маъракаоростанро дигар дар хоби умедатон ҳам намебинед. Ба чашми халқ хок пошиданатонро акнун пиру ҷавон медонад. Мардум имрӯз дӯстро аз душман мешиносад…

Комрон бо ҳама дароздастӣ бори нахуст меваи шохи умедро дастнорас дида, чи кор карданашро надонист. Чорагаре худро дар нақши бечорае ҳис карда, илоҷи аз ин саҳнаи фоҷеабор берун рафтанро наёфт. Ночор ба он намакхӯри носипосаш «таваккали ҳар кас ба Худо» гуфта, ба хонааш баргашт.

Комрон рафту Сангин рӯзҳои пешкориҳо ва зиёфатхӯриҳояшро дар хонаи ҳамсоя ба ёд оварда ва хулоса бароварда. Комрон ҳеҷ касро беҳуда нон намедодааст. Масалан, маро ба хотири пешкорӣ зиёфат дода, то рӯз бедор нигоҳ медошт. Рафти омодагӣ ба маъракаро, касонеро, ки пиёзу сабзӣ тоза ва реза мекарданд, то саҳар назорат менамудам. «Ба таги дег чӯб монеду чойҷӯшонакро пури об кунед ва ҳезум шиканед» гуфта, дигаронро кор мефармудам. Супоришҳоям ба мардум намефорид, вале ҳатман иҷрояшро талаб менамудам. Коре мекардам, ки маъракааш пурдабдаба гузарад. Дар баҳои бедорхобии шабу рӯз бологузар мешудам. Фақат ба даст гирифтани калиди қуфли дари анбораш писанд буд, ризқи якмоҳаро меёфтам ва аз нодонӣ миннатдорӣ изҳор мекардам. Акнун фаҳмидам, ки ҳамааш аз ҳисоби мардум ба мардум будааст. Шояд аз ҳисоби худи ман ҳам бошад. Замоне ҳамроҳаш кор мекардам. Ӯ хӯҷаин буду ман зердаст, ба гумонам ҳаққи хуб намедод. Маълум шуд, ки сарвату савлаташ аз ҳисоби мо баринҳо будааст. Ҳоло сабр кун, ту барин ҳаққимардумхӯрро ба азоби алим гирифтор накунам, хонабадӯшат насозам, номам Сангин не! – гӯён ба қисмати хотираҳои бадаш сенуқта гузошт. Ва баъди муқоисаҳо дафтари хотираашро дубора саҳифагардон кард.

Як замон, айни гармо аз ҳамин кӯча мегузашт. Ҳаво аз ғояти ҳарорати баланди гармӣ дамгир буд. Пироҳан ба бадани арақолуд мечаспид. Ҳама сояи беди лаби ҷӯро орзу мекарданд. Дар чунин рӯзи сӯзон ҳам кӯдакон дар роҳи калони кӯча, ки аз ду тараф деворбанд буд, тӯббозӣ мекарданд. Гӯё гармӣ заррае ба ҷисмашон таъсир намекард. Ин гармӣ пеши дилгармии наврасӣ арзиш надошт. Бо шавқ футбол мебозиданд. Тӯб аз девор ба девор бархӯрда, боз ба пеши пои ин ё он бозингар меафтод. Гоҳо аз зарбаи ноҷову беҳунаронаи баъзе бозингарон аз девори баланд гузашта, ба ҳавлии ин ё он ҳамсоя меафтод. Фиғони хонадорон баланд мешуд,

мегуфтанд: «безор аз ҷон кардед». Ва баъди лаҳзае интизорӣ аз он сӯ тӯбро ба майдончаи роҳи калони гузар ҳаво медоданд. Гоҳо тӯб ба пои раҳгузарон бархӯрда, дашноми онҳоро ба бозингарон ҳадя менамуд. Боре баъди ҳамин гуна зарбае тӯб тасодуфан ба рӯи Сангини раҳгузар бархӯрд. Зарбазанро шинохт, Алии Комрон буд.

Алӣ ҳар рӯз Сангинро дар паҳлуи падараш медид, сӯҳбаташонро мешунид. Ӯро ошнои падараш хонда, узр пурсид:

– Амакҷон, мебахшед, тасодуфан расид, – гуфтанаш баъди гузаштани чандин сол дубора дар гӯшаш садо дод ва аз дил гузаронд:

– Ман то онаи зори туву додаратро нишон надиҳам, саратонро тӯби футбол накунам, номам Сангин не, – гуфт ва айни шом, ҳангоми ба меҳмонӣ рафтани зану фарзандаш бародарон Аливу Валиро аз кӯча бо баҳонаи ба коре мадад расонидан ба хонааш оварда, сарашонро аз тан ҷудо кард. Натарсид, ҳафтае пеш фарзанди як шиноси дигарашро ҳам ба қатл расонда буд. Мардум намедонистанд, ки ба ин амали бераҳмона кӣ даст задааст. Силоҳдорон, ки бисёр буданд, ҳама аз тарси ҷон номи гумонбаршударо ҳам ба забон намегирифтанд.

Сангин дар рӯзҳои аввали рух додани воқеаҳои мудҳиш ба оташи талвосаи ҷони ҳамсояҳои дорояш равған рехт ва ишонро ба гурехтан водор карда, чун ғоратгар хоки амволашонро бехт. Аз кадом хона чи дуздид, фаромӯш кард, ҳамаро ба ҳам омехт. Яке аз даъвогаронеро, ки амволашро шинохта буд, зада, мачрӯҳ кард. Ӯ паҳлавон набуд, вале силоҳ дошт. Ба чашмафтодаҳо аз силоҳаш тарсида, дам фурӯ мебастанд. Касе, ки гап мегардонд, бо теғи сурхи забонаш сари сабзи худро барбод медод. Даҳони кушодаи каси гапгардонро бо тир мебаст. Андеша намекард, ки дунё ба як қарор наметмонад. Ҳар кас мукофоти амалашро мегирад.

Баъд аз вазидани насими нарми оромӣ, оҳиста –оҳиста ҷои садои тирро садои мусиқӣ гирифт ва мавқеи осудагӣ мустаҳкамтар гашт. Ҳачдидагони дар ҳасрати дидор боз рӯ ба мулки аҷдодӣ оварданд. Ҳатто гурезаҳое, ки моргазидаи аз банди ало тарсандаро мемонданд, ҷуръат пайдо карда, ба хонаҳояшон баргаштанд. Ҳар қадар, ки мавқеи осудагӣ уствор-

тар мегашт, ҳамон қадар ноосудагии Сангин меафзуд. Акнун мардум қотилони пайвандонро меҷустанд, ҳуҷҷатҳои хазинаи дафтари мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҳам саҳифагардон мешуд, яктоякто чиняткоронро дастгир мекарданд. Баъди шабона баста бурдани ду шиноси мададгораш Сангин мисли касе, ки дар баданаш кайк афтода бошад, безобита мешуд. Аз пешомад дар ташвиш буд. Чароғҳоро хомӯш карда, шабро дар таҳхона рӯз мекард. Дари оҳанини таҳхонаашро мебасту боз хобаш намебурд. Дар гумонаш дару девор овоз мебароварда. Шабона аз панҷазании шамол ба дар, аз ҷунбиши шохаи дарахте, аз садои дар катак қанотак задани мурғон, аз ҷакидани пайдарҳами сагон ва шунидани дигар садоҳо парешон мешуд. Дар танҳоӣ захроби азоби рӯҳӣ мечашид, лаҳзае хобаш мебурду хоби даҳшатнок медид. Гоҳо нақшаи гурехтанашро тарҳрезӣ мекард, вале боз ба куҷо гурехтанашро намедонист. Мегуфт, агар гурезад, зуд гуноҳаш ошкор ва хонааш хонаи мардум мешавад. Асари ханҷару шамшери хаёлҳои гуногунро дар танаш медид, худаш ҳам захмишударо мемонд, вале мурдан намехост. Рози дар дилаш ниҳон дилоромаш намегузошт. Гӯё дам ба дам овоз бароварда, соҳиби қотилашро муаррифӣ карданӣ мешуд. Ин дарав аз оқибати кишташ хабар мерасонд ва корандаашро ба маҳкамаи пушаймонӣ мекашонд, вале пушаймонӣ суд надошт. Дар қонуни ҳастияш банди авф вуҷуд надошт. Дигаронро, ки ранҷонд, ранҷ дид, худаш низ дар гирдоби баҳри ташвиш афтод. Ягона бачаи даҳсолаашро ҳам аз кӯча дошта бурданд, ба куҷо бурданд, намедонад. Баъди рух додани ин ҳодиса занаш гирифтори бемории рӯҳӣ шуда, аз хона баромада рафт, дигар барнагашт. Барои бадномкунӣ овоза мекард, ки дар ин амал одамони Комрон даст доранд. Агарчи медонист, ки Комрон мӯрчаеро ҳам озор намедиҳад. Вале ин иғвогари гузаро афсӯс мехӯрд, ки хотир дид, решаро монда, навдаву шохаро сар зад, хато кард. Бояд аввал решаро аз байн мебардошт, ҳоло он имкони пешинаро надорад. Акнун он решаи сабзмонда, сар бароварда, авҷу нумӯи дарахти ҳастияшро таъмин менамояд. Дар ним сол дар ҷои хонаи сӯхтааш қаср сохтани Комронро дида, аз дил мегузаронд: «Дар андак муддат тавассути маблағи калон метавонад қотили фарзандонашро пайдо намояд ва дар сари намакхӯри деринааш қарор гирифта, гиреҳҳои риштаи

ҷиноятро кушояд. Ҳолӣ ҳам дер нашудааст, бояд ман пешдастӣ карда, алови чашмашро бигирам. Ягона роҳи тарсондан ба зери тупи қум маводи тарканда гузоштан аст. Ҳангоми гирифтани қуми боқимонда таркиш мешавад. Қурбон шудани ягон мардикор Комронро бори дигар хӯшдор мекунад ва намегузорад, ки ҳар кӯҷо овоз барорад. Ғайр аз ин Комрон ҷавоби қурбоншударо медиҳад. Пурсупос карда, ҷонашро ба лаб меоранд. Ҳеҷ набошад то тинҷ шудани воқеа азоби рӯҳӣ мекашад. Хаёли ҳанӯз ҳам душман доштанаш оромаш намегузорад. Шояд ҳамин ҳодиса барои ба сактаи дил гирифтор шудани рақибаш сабаб шавад. Не, Комрон низ мурғи зирак аст, таҷрибааш барои раҳо ёфтан аз банди мушкилот басанда аст. Вай ҳам барои барбод додани нақшаи бадхоҳи худ оби зери хас аст. Бо вуҷуди ин ноумед шудан лозим нест. Рафту Комрон ва ё ягон фарзандаш қум гирад, тир зуд ба нишон мерасад. Вале медонад, ки шиноси деринааш даст ба оби хунук намезанад. Пул ки дорад, дигаронро кор мефармояд. Гардиши чарх боз косаи даврро ба дасти Комронҳо дод. Толеъ мадад накард, хоки Сангинҳо зар нашуд. Шояд баъди андак муддат боз ӯ зердасти Комрон шавад. Инак метарсад аз Комрон ва аз дигар ҳамсоягонаш. Аз рӯзи баромадани фармони халъи силоҳ ташвишу парешонияш бештар гаштааст. Худро хаёлан дасткӯтоҳ мепиндорад, бояд камонҳояшро супорад. Агар як силоҳашро супорад, пурсупосаш мекунанд, маҷбур мешавад, ки ҳақиқати ҳолро бигӯяд. Гуноҳашро, ки иқрор шуд, дар бало мемонад. Гиреҳҳои ришгаи ҷинояташ кушода шуда, то аз тан ҷудо кардани сари Аливу Валии Комрон мерасад, боқии умраш дар маҳбас мегузарад. Шояд Комрон қотили фарзандонашро донаду пайти муносиби қасдгирӣ кобад. Агар надонад, чаро маҳз дар сари роҳи ӯ, дар ҳамон ҷое, ки шабона ҳамроҳи ду шарикаш майитҳоро бурда партофт, ду теппачаи гӯрмонанд пайдо шуд? Барои пинҳон доштани ҷиноят ҳамон ду шиноси дар ин кор мададрасонашро ҳам ба қатл расонд.

Не, Комрон ҷиноятқорро мешиносад, алҳол эҳтиёт мекунаду номашро ба забон намегирад. Даҳони ӯро ҳам тири камонаш бастааст, ноилоҷ хомӯширо пеша кардааст. Баъди супоридани камон, шояд аз ҳама пеш ӯ забон бароварда, хунбаҳои фарзандонашро талаб намояд.

Не, беҳтараш ягон камонашро намесупорад, онҳоеро, ки мабодо барои дастгир кардан суроғаш биёянд, мепаронад.

Не, ин ҳама низ хаёли хом аст. Баъд аз ин ӯ як гумкардамақом аст. Паронда ҳам наметавонад. Иҳотакунандагон ду-се кас нестанд, бисёранд, гурӯҳи таҷрибадоранд, ба онҳо зӯраш намерасад. Барои надидани дидори он гурӯҳ бояд ҳарчи зудтар пайи қадами гумонбарашро аз даргоҳи ҳаёт канда намояд. Интизор нашуда, ба зери тали қум маводи тарканда гузорад. Ин ягона роҳ аст, роҳи дуртар шудан аз рӯзи сиёҳ аст…»

Нимашабе, ки дар ягон ҷо нури барқ набуд, замину замон торикистонро мемонд, Сангин барои амалӣ кардани нақшаи балоангезаш бо лашкари андешаҳои чандин моҳ ҷамъоварда сӯи хонаи Комрон рафт. Дар ҳамон торикӣ тепачаҳои гӯрмонандро ёфт ва барои гӯр кардани маводи тарканда теппачаро андаке кофт. Ҳангоми гузоштану ҳанӯз рӯпӯш накардани мавод ногаҳ нури барқ омаду чароғи болои сараш, ки барои давом додани басти шабона гузошта шуда буд, якбора кафид. Ин воқеаи дар як лаҳза ба вуқӯъ омадаро Сангин таркиши мавод гумон карда, дар ҷо афтод ва дили сиёҳи ин кӯҳнагадо ҳам, ки як умр орзуи доро шуданро мепарварид, тоби равшанӣ наоварда, аз пайдо шудани нури барқ мисли чароғи нуқсондор аз кор монд…

МОТАМИ БАХТ

Офтоб ҳанӯз қади як найза боло нашуда буд, ки хоҳарон аз деҳа баромада, роҳи зодгоҳашонро пеш гирифтанд. Онҳо чеҳраи гулгуну рӯҳи болида доштанд, бояд дар маъракаи як шинос иштирок мекарданд. Дар гӯшаи хаёлашон ҳам набуд, ки дар нимаи роҳ гапашон мегурезаду шодияшон ба ғам мубаддал мегардад ва ҳамдигарро гум мекунанд. То рух додани он ҳолат аз ҳар боб сӯҳбат карда, баъди паймудани масофае чанд, бо умеди баҳра бурдан аз насими аз ҳар тараф вазанда, тукмаҳои мошинро зер карда, шишаҳои тарафи худро андак поён фароварданд. Хоҳари хурдӣ мошини сабукрави хориҷиро, ки аз ранги ҳанӯз тозааш соли баромадашро аниқ кардан душвор буд, эҳтиёткорона ва бо суръати миёна меронд. Дарахтони ду тарафи роҳ, ҳамчун гуселкунандагони шинос гӯё талабгори

роҳи сафедашон буданд. Дар роҳи навтаъмиршуда, ки мисли кафи даст ҳамвор буд, нуқсонҳои мошини кӯҳна он қадар маълум намешуд. Садои дигар расишҳоро овози радиои мошин пахш мекард. Аз дидани ободиҳо ва шунидани таронаҳое, ки аз боби ватандорӣ ҳикоят мекарданд, гирифтори ҳиссиёти гуворое гашта, хаёлан худро дар кӯчаҳои зодгоҳашон, ки гӯё аз шаҳр фарқ надошт, медиданд ва роҳгумзада, хонаи маъракадорро намеёфтанд. Онҳо дер боз ба диёри кӯдакӣ нарафта буданд ва аз рафтану мондани шиносони дерина хабар ҳам надоштанд. Фақат лаҳзаҳои талху пуралами аз манзили бобоӣ кӯч бастан дар хотирашон мондааст. Хонаву боғу чорпоҳояшонро бе ягон овоза ба як шиноси шаҳрияшон, ки баъди адои вазифаҳои баланд ва расидан ба давлати пирӣ, рӯ ба деҳа овардан мехост, фурӯхтанд. Нимашаби охири фасли тирамоҳ, ки шамоли вазанда бӯи сармо дошт ва деҳотиён аз таъсири сардӣ барвақттар хобида буданд, кӯчиданд. Мошини бороварда холӣ барнагашта, кӯчашонро бурд. Аз он рӯзгор бист сол гузашт ва дар саҳнаи ҳаёти онҳо низ бозингарони нақшҳои мухталиф пайдо шуданд. Хоҳарон шавҳар карда, аз пушти зиндагии худ рафтанд. Бародари хурдиашон низ хонадор шуда, ҳамроҳи падару модар монд. Аввалҳо, замоне, ки якҷоя буданд, фурсат ёфта, ҳамдеҳагонро хабар мегирифтанд. Баъдтар дарди рӯзгор имкон намедод, ки ба суроғи шиносони дерина бароянд ва озори аз волидонашон дидаи ҳамсоягонро бо бахшишҳо ҷуброн намоянд.

Сабаби асосии ба деҳаи бегона кӯч бастан носозии волидон бо ҳамсоягон буд. Ҳангоми ба ҳавлиашон даромадани мурғу сагу пишаки бегона, падару модар инони ихтиёрро аз даст дода, борони ҳақоратро ба сари соҳибони мол мерехтанд ва деҳаро ба фарёд меоварданд. Фарзандон аз кору кирдори онҳо хиҷолат кашида, сар боло карда наметавонистанд. Кор ба ҳадде расид, ки танҳо монданд ва маҷбур шуданд, ки деҳаи биҳиштрангро ба манзили дӯзахмонанд иваз кунанд.

Зодгоҳашонро аз ду тараф теппа ва аз боло кӯҳ иҳота карда буд, танҳо як тарафи кушодаи ба замини ҳамвор пайванд дошт. Аз поён даромадгоҳу деворбандиҳои табиӣ ва аз боло майдонҳои ҳамвору таҳдашти фарохи кишткардашуда ва даҳҳо деҳкада метофтанд. Аз домани кӯҳ насими форам

вазида, рӯҳро болида мегардонд. Хусусан, ҳавои тозаи субҳгоҳон ҳатто хастагии касонеро, ки сар аз болин бардоштан намехостанд, барҳам зада, ба гирифтани домани кору таъмини эҳтиёҷи рӯзгор даъват мекард. Баробари фарёди мурғакон аз ҳавлие овози сулфаи мӯйсафеду кампири намозхоне, аз даре садои ҳушту ҳушти молдоре, овози касеро сур кардани саге, ҷарангоси сатили аз даст афтодаи ширдӯше ва дигар садоҳои мухталиф ба гӯш мерасиданд, ки аз бедорӣ ва лабрези зиндагӣ гаштани деҳа башорат медоданд. Чунин синфонияи ифодагари ҳастии рангибарангро дар мавзеи нав, дар таҳдашт намешуниданд.

Сокинони манзили пешин ба парваридани навъҳои гуногуни чорвою зироат ва боғдорӣ машғул буданд. Ҳанӯз торикӣ ранг иваз накарда, аз хоб мехестанд ва пиёдаву савора ба роҳ баромада, то тулӯъи хуршед худро дар саҳрову чарогоҳи дур мегирифтанд. Онҳо низ дар пуштае майдони боғу полез доштанд, ҳосили хуб мебардоштанд. Навдаҳои себу нокашон аз пурборӣ ба замин ва гоҳо ба ҳадди шикастан мерасиданд. Дар он пуштаи сарсабзу сералаф гову гӯсола ва мурғони марҷон низ парвариш мекарданд. Аз парваридани чорпои майда, хусусан буз, ки барҳамзани боғу полез аст, худдорӣ менамуданд. Рӯзона аз нулзании зоғу майна ба мева ва шабона аз даҳанзании ҷайра ба тарбузу харбуза безор шуда буданд. Дар давраи ҷамъоварии ҳосил падару бародар шабона ҳам дар он пушта монда, боғу полезро аз зарраҳсонҳо ҳифз менамуданд ва дар баҳои заҳмати кашида шарбати осудагӣ мечашиданд. Вале тезию носозии волидон бо ҳамдеҳагон ворисонро аз сайри рӯҳбахши пуштаву кӯҳсор, аз хӯрдани себу ангур ва тарбузу харбузаи шаҳдбор ва нафаси сабук кашидан аз ҳавои беғубори диёр маҳрум кард.

Дар манзили нав қисмати дигар насибашон шуд. Шабу рӯз ба ҷои нолаи мурғакони хушхон ва овози дигар ҷонварон садои гулдур-гулдури қатораҳоро шунида, аз пушаймонӣ даст ба сар мезананд. Вале медонанд, ки «пушаймонӣ суд надорад» ва гумкарда дубора пайдо намешавад. Аз кӯчидан сахт бохтанд ва худро шикастхӯрда пиндошта, барои такрор нагаштани қисмати пешина ва ронда нашудан аз деҳа, ночор роҳи хушомаду дилёбиро пеш гирифтанд. Бо ин ҳама дили ранҷидаи

ҳамсояҳои навро хурсанд карда натавонистанд. Ҳоло ҳам онҳо на аз дарашон медароянд ва на ба маъракаашон ҳозир мешаванд. Агар андак илоҷ ёбанд, баргашта ба зодгоҳашон мераванд. Муҳиту манзараи деҳаи нав табъи дилашон нест. Субҳдам аз ҳавои ғуборолуди омехтаи заҳр нафас гирифта, баъди баромадани офтоб бо дили нохоҳам аз хоб мехезанд ва базӯр дасту рӯ мешӯянд. Сипас, бафурча нонушто карда, ба майдони пахтазор, ки панҷоҳ қадам дуртар аз хонаашон доман паҳн кардааст, мераванд.

– Як лаҳза мошинро боздор, ҳоҳар. Мунира ба амри аппааш Нодира итоат карда, дар назди дуроҳаи манзили шинос мошинро боздошт. Аввал ҳар ду лаҳзае аз дохили мошин ба манзараҳои атроф чашм дӯхтанд ва баъд барои дуртар партофтани лангари нури нигоҳ аз мошин фаромада, ба тори теппачаи бари роҳ баромаданд.

– Ҳоло ҳама дар фикри соҳиб шудан ба як порча заминанд, вале аз чӣ бошад дар он гӯша касе хона бунёд накардааст? – гуфт бо ҳасрат Нодира.

– Касе ҳуқуқ надорад, ки бе иҷозати шумо дар он ҷо каланд занад, зеро ҳанӯз ҳам ҳуҷҷатҳо ба номи шумост. Бояд худатон бунёд мекардед, – посух дод Мунира.

– Мо имкон надоштем. Сел хонахаробамон кард. Аз чӯб пораи тахта ва аз курпа қабзаи пахта ҳам намонд. Пул ҳам, ки медоштем, дар он ҷо хона намесохтем, моргазида аз банди ало метарсад. Ягон аблаҳ ҳам пулашро ба дарё намепартояд. Ба чашмони худат дида будӣ, ки мо чӣ хел ҷои зебо доштем. Себарга омехтаи обу об омехтаи себарга буд. Аз оби чӯборҳои бару пеши хона ва фаввора насими нарм бархоста, ҳавои гарми нафасгирро гуворо мекард. Гулдонҳои пур аз гулу дарахтони ороишии рӯйи ҳавлӣ, боғи пурбор, ки бо зардолуи қандаку ангури тоифӣ, себи хубониву анори нордон, шафтолую гелос ва дигар меваҳои нодираш дар водӣ машҳур буд, ҳаргиз аз хотир фаромӯш намешавад. Барои барбодрафтаҳо дилу ҷигарам сахт месӯзад.

– Барои язнаам чӣ?

Нодира саволеро, ки интизораш набуд, бори аввал аз хоҳараш шунида, чӣ ҷавоб доданашро надонист. Ин савол ба оташи қисматаш равғанро мемонд. Баъди андак хомӯшӣ

роҳи аз вартаи хиҷолат баромаданро ёфта, овоз баровард:

– Доро ба дилсӯзии нодор эҳтиёҷ надорад.

– Язнаам одами ниҳоят хуб буд. Рӯи кунҷитакдор ҳам, ки дошт, дидарову соҳибдил буд, эҳтиромамон мекард. Бе даъвои тақсимот баромада рафтану аз хона як хас набурданаш чӣ кас буданашро исбот кард. Дасти холӣ ҳам, ки рафт, боз роҳи доро гаштани худро ёфт, ғолиб шуд, вале ту дар бозии қисмат бохтӣ. То ҳол сабаби асосии носоз шуданатонро намефаҳмам, намедонам, ки аз байн чӣ гузашт, кӣ шӯр андохт, ки дидори туро дидан нахост. Агар сар фароварда, аз хати кашидааш берун қадам наемондӣ, соҳиби ҳама чиз мешудӣ, осуда зиндагӣ мекардӣ. Кори хуб накардӣ. Кӯтоҳандешӣ хонаи қисмататро сӯхт, ҳамаро аз даст додӣ, дертар аз дидори кӯдакон ҳам, ки ба сароғи падар рафта, дигар барнагаштанд, маҳрум шудӣ. «Моли мӯъмин-хуни мӯъмин», гуфтаанд, рост будааст. Он ҳама ҷоҳу ҷалол ба ту ҳам насиб накард. Ба фикрам оҳи дилаш туро гирифт, дигар ба рӯят хуршеди бахт нахандид.

– Бимон ин гапҳоро, коҳи куҳнаро бод кардан фоида надорад. Кӣ будани язнаатро касе аз ман хубтар намедонад. Язнаат рӯйхандонаки дилранҷонак буд, баъди қаҳр кардан ба зудӣ оштӣ намешуд, – гуфт Нодира. Аслан дар вақти зӯромад ӯ худро сафед карда, фоли сиёҳкориро ба номи шавҳари бегуноҳаш мезад ва бо ҳамин хомӯширо авло медонист. Зеро агар сари ин мавзӯъ андак баҳс идома меёфт, гирехҳои дигар аз ин риштаи роз кушода мешуданд ва асрори ниҳонии дерин ошкор мегардид. Аксари шиносону наздикон аз бисёр бобҳои зиндагиномаи ӯ бехабар буданд. Ҳатто падару модар ва хоҳару бародар чи қисмат доштани ин китобро намедонистанд. Баъди ҷудо шудан аз ҳамсар, сабабашро андак ҳис карда бошанд ҳам, овозаҳоро тӯҳмат пиндошта, ба хиёнаташ бовар намекарданд. Мегуфтанд, ки духтари ҷавон ба зери бори гарони нигоҳубини чаҳор фарзанди ятиммондаи мардак тоб наоварда, ягона роҳи аз ин мушкилот раҳиданро дар ҷудоӣ дидааст. Дар ҳамин лаҳзаҳои тасдиқу инкор ҳам ҳолати рӯҳии Нодира якбора тағйир меёфт ва барои пайдо нашудани саҳифаҳои аввали гумшудаи зиндагиномааш бо баҳонае аз маъракаи муҳокимагарон берун мерафт ва оташи шубҳаро фурӯ менишонд. Танҳо ӯ аз Мурод, ки замоне аз бодаи муҳаббаташ ноком гашта буд,

ҳарос дошт. Гӯё ҳанӯз ҳам он кас дур-дур аз ӯ гашта, хотираҳои деринро тагурӯ мекунад. Зеро Мурод ҳар қадами бигзоштаву бардоштаи ӯро медонист ва медонад. Ғайри ӯ ҳеҷ кас гирехҳои розҳои нокушодаро кушода наметавонад. Ҳарчанд ки Мурод ҳамчун як инсони дурандеш сирри худро ба гиребонаш намегӯяд ҳам, Нодираи гунаҳкор аз сояи худ тарсида, ҳангоми нохост дар роҳу истгоҳе бо ӯ рӯ ба рӯ омадан дасту по гум мекунад ва муддате худро гирифтори вартаи нокомӣ мебинад. Мурод ҳам Нодираро як зани фиребхӯрдаю бадбахт шумурида, худро низ барои бесабрӣ маломат мекунад. Ба хотири эҳтироми ишқи аввал ва навбаҳори умр, ки сардии сармои нофаҳмӣ ногаҳон аз кафи шохаҳои бодоми бахташон гулҳои умедро рабуд, мирад ҳам рози хуфтаро ошкор намекунад ва тафли ғами худро ба гӯри мотам намезанад.

Дар он айём Нодира бо қадду қомати ба буттаи гул монандаш зеботарин гулрухи донишгоҳ ҳисоб меёфт. Навакак аз деҳа омада, бо худ накҳати гулу гиёҳҳои диёри кӯҳсорро оварда буд. Дидагони ошиқ дар лолазори рӯ ва сунбулистони мӯяш ва хамхами абрӯяш зеботарин сайргоҳ ва нусхаи аслии фарзанди кӯҳистонро медиданд. Рухсораҳои сафеди ба сурхӣ омехтааш кадбонуи дар лаби чакдон нишастаро ба ёд меовард. Мижгону абрӯвони дудӣ ва хату холаш ҳақиқати ин мушоҳидаро тасдиқ мекарданд. Донишҷӯи бахши дигари илм Муроди Ҳаким ба ӯ дил баста, соявор худро дар бараш мегирифт. Нодира, ки бо умеди сабақ гирифтану соҳибкасб шудан омада буд, намехост, ки зуд ба доми нигоҳе афтода, дар нимароҳи мақсад бимонад. Барои эмин мондан аз тири нигоҳ гоҳо роҳаш ва гоҳе манзили зисташро дигар мекард ва ҳар дақиқаро ба инобат гирифта, баробари оғоз шудани дарс вориди таълимгоҳ мешуд. Дар ҳамин як лаҳза ҳам Муроди ба роҳаш интизорро медид. Оташи ишқ Муродро кабоб ва гирифтори азоб карда буд. Аз дарсҳо монда, имтиҳонҳоро базӯр месупурд ва гоҳо баҳоро мехарид. Қариб буд, ки ин таҳсилгари соли охир аз донишгоҳ хориҷ шавад.

Рӯзе дар чиллаи сахти зимистон, ки ҳаво беист меборид ва саг ҳам аз хонааш берун намебаромад, чашмони Нодира аз паси шишаи айвони бинои хобгоҳ тасодуфан ба дарахти камбарги бари роҳ бархӯрд, ки дар зераш як ҷавони ба бобои барфӣ

монанд рост меистод. Ҷавон аз таъсири хунукӣ дир-дир меларзид ва ягон-ягон сулфа мезад. Нодира фаҳмид, ки он ҷавони сафедпӯш Мурод аст. Аз дидани ин манзара аввал сахт хандид, баъдан ангушти кадомин ҳиссиёти раҳми одамӣ ба тори асабаш нарм – нарм нохун зада, оҳанги меҳролуди дилро тавлид кард ва бори нахуст дар чашмонаш қатраи ашк пайдо шуд. Дилаш беихтиёр ба ҳоли Муроди интизори дидор сӯхт. Ночор бо ишора фаҳмонд: –«Бирав, ягон рӯзи дигар биё…»

Ин ишораи хомӯш барои ошиқ дунёи фарёдҳо, даъват ба олами ишқу умед, ба ҷаҳони ҳастӣ ва боз, намедонист, чӣ навоҳои бешарҳу савтҳои дилобкунанда дошт. Мурод аз ғояти шодӣ дар худ нагунҷида, сарпӯш ва палтояшро такида рафт. Баъд аз он рӯз танҳо барои аз дур дидани дидори маъшуқааааш, ки нигоҳеро аз ӯ дареғ намедошт, имтиёз пайдо кард. Бо нигоҳ рози дил гуфтанашон, ки гунгакбозиро мемонд, ду сол кашол ёфт. Дар ин муддат ду маротиба ба таътили семоҳа баромаданд. Ҳар рӯзи таътили тобистона дар назари Мурод баробари як сол метофт. Ҳатто боре бо баҳонаи иҷора гирифтани хона, ҳол он ки хона дошт, даҳ рӯз пештар аз оғози таҳсил ба шаҳр омад. Умед дошт, ки Нодира ҳам барои гирифтани хобгоҳи умумӣ барвақттар меояд. Қисса кӯтоҳ, баъди ду соли гунгакбозӣ, ҳангоми донишгоҳро хатм кардани Мурод ва ба таътили навбатӣ рафтани Нодира фурсати хубтарини дидор фаро расид. Онҳо бори нахуст дар як гӯшаи боғи марказии шаҳр вохӯрда, лаҳзае рӯ ба рӯ сухан гуфтанд.

– Азизам, имтиҳонҳои давлатиро сарбаландона супорида, роҳхат гирифтам. Барои соҳиби ҳуҷҷати тахассусӣ шудан бояд дар ноҳияамон муддате фаъолият бикунам. Дар мактаби деҳаамон кор кардан беҳтар. Ҳам ба фарзандони ҳамсояҳо дарс медиҳам ва ҳам модари дардмандамро нигоҳубин мекунам. Умед дорам, ки баъди зану шавҳари қонунӣ шудан ва туро ба хонаамон бурдан ташвишам камтар ва бори хизмат ба модар сабуктар мешавад, – хулоса кард Мурод ва итизори посух шуд.

– Оҳо, дилат ҳеҷ чиз намехостааст. Худат нақшаи фардоро тарҳрезӣ карда будаиву ман бехабар. Ман танҳо туро медонам, бо ту будан мехоҳам, бори дарди пирии модаратро бардошта наметавонам.

– Агар малоли хотир нагардад, қадри модарамро, ки мани ятиммондаро дар ба дари хонаи мардум калон карда, барвақт пиру дардманд шуд, аз ҳама чиз боло медонам. Мехоҳам ба қадри тавон заҳматҳои кашидаашро ҷуброн намоям. Ростӣ, зиндагиро бе ӯ тасаввур карда наметавонам. Агар он кас намебуданд, ман ҳам вуҷуд надоштам.

– Ин барои ту муҳим ва аҳамиятнок аст. Ман бошам дар талаби озодиям, хизматгор шудан намехоҳам.

– Нодира, дурандешӣ хуб аст. Зиндагӣ подош дорад. Он чӣ кунӣ, ҳамонро мебинӣ.

Аз мукофоти амал ғофил машав,
Гандум аз гандум бирӯяд, ҷав зи ҷав.

Фаромӯш макун, ки рӯзе ту ҳам модар мешавӣ. Худо накунаду чунин сахтӣ ба сарат ояд, он гоҳ чӣ кор мекунӣ?

– Ман кӯдак нестам, ки алла ё афсона бигӯй, бихобам. Ҷои қадаммонӣ ва роҳи бурди худро хуб медонам. Деҳотӣ ҳам бошам, ҳаргиз ба деҳаи шумо намеравам. Хоҳӣ, ки ҳамроҳ бошем, дар шаҳр бимон.

– Нодира, боз таъкид мекунам, ки аз модарам дур буда наметавонам, хуб фикр бикун, дарҳол хулоса набарор, боз пушаймон нашавӣ.

– Барои ту? Ҳаргиз.

Як шӯхию нози духтарона ӯро аз Муроде, ки муддати ду сол роҳашро пойида, дар рӯзи гарму сард азоби интизорӣ мекашид, ҷудо ва ба дарди бадбахтии умрбодӣ мубтало кард.

Мурод ҳам худро дар сари дуроҳа дида, ба кадом тараф рафтанро надонист. Волидон дарду андӯҳ ва дар кӯчаи ноумедӣ қадам заданашро пай бурда, зеботарин духтари деҳаро ҳамқисматаш карданд. Ин овоза зуд ба шаҳр расид. Ҳамдарсон ҳолати рӯҳӣ ва ашки бари рӯйи Нодираро дида, аз дилсӯзӣ зуд ба роҳи сафар баромаданд. Меҳмони Мурод шуда, арзи меҳр карданд. Гуфтанд, ки агар ба хотири осудагии ҳамсабақамон аз номзади ават даст бикашӣ, ҳама пули харҷшударо барзиёд ҷуброн мекунем.

– Дер шуд, кор аз кор гузашт. Интихобкардаи волидон

ятим калон шудаасту ман ҳам. Намехоҳам, ки дубора ӯро ноумед кунаму худамро бадном ва сари мӯйсафедеро, ки маро падарвор тарбият кардааст, хам намоям, – посух дод Мурод.

Нодира ба гуфтаҳои ҳамдарсон бовар накарда, барои хомӯш нагаштани охирин шӯълаи умед ҳамроҳи як дугонаи наздикаш, аз шаҳр ба деҳа рафта, тавассути кӯдаке аз омаданаш хабар расонд. Муроди сар то по лойолуд, ки девори хона андова карда, ба рӯзи маърака тайёрӣ медид ва имкони аз ҷо ҷунбидан надошт, аз шунидани ин хабар ҳайрон монд. Баъди шустушӯ бо дермонӣ ба ҷои вохӯрӣ расид. Вале дар он ҷо маъшуқаи пушаймоншудаашро надида, бо умед атрофро аз назар гузаронд. Билохир, ғамгинона аз роҳи калон гузашта, то истгоҳ рафт. Нодира ҳам аз дермонии Мурод хулоса бароварда, ки роҳи бахти аввалааш бозгашт надорад. Баъди рафтану муддате сабр кардан барқасди Мурод ба ҷавоне, ки пайваста пеши роҳашро гирифта, изҳори меҳр мекард, моил шуд. Вале дертар, баъди во шудани ғунчаи номус булҳавасии ҷавону фиреб хӯрдани худро фаҳмида, ангушти пушаймонӣ газид. Мурод баъди хонаободӣ ҳам ба хотири фаҳмидани ҳоли Нодира чандин маротиба ба шаҳр омад. Онҳо ҳамдигарро аз дур диданд, вале ҳамчун зомини бахту қисмат ба ҳам наздик нашуданд. Бо вуҷуди ин Нодира Муроди дурафтодаро ҳанӯз ҳам пайгири умрбодии худ пиндошта, гумон мекунад, ки танҳо ҳамон кас аз давоми роҳи ҳастияш, лаҳзаҳои хоҳишмандию дилхушӣ ва рӯйдодҳои минбаъдаи ҳаёташ хабардор аст. Ҳатто аз қисмати бо марди занмурдаи кӯдакдор издивоҷ бастану кӯдакдор шудан ва баъдтар аз ҳамсар ҷудо гаштанашро медонад. Шояд Мурод шавҳари Нодира - Зафари Ғолибро ҳам, ки даҳ сол пеш сарвари як хоҷагии калони ноҳия буд, дониши хуб дошт ва дар сафи пеши кордонҳову соҳибэҳтиромҳо қадам мезад, хуб шиносад. Шавҳараш ғайр аз кори давлатӣ боз тиҷорати худро дошт. Дар деҳа фақат онҳо соҳиби хонаи чашмраси замонавӣ буданд. Аввалҳо гули ошиқи печонро мемонданд, аз байнашон қил намегузашт, осуда зиндагӣ мекарданд. Баъдтар марди хона чизеро пай бурд, ки муносибаташ бо ҳамсар сарди сард шуд. Кор ба ҷое расид, ки ӯ нангу номусро аз ҳама вазифаю шӯҳрат муқаддас шуморида, аз баҳри хонаву дар гузашт ва бо худ

фақат либосҳояшро бурд. Ин ҷудоӣ аз як гуфтугӯи телефонӣ ва ишораҳои маънидор, ки шавҳар аз пушти парда шуниду дид, саршуд. Зафар Нодираро бо далелҳои ҷамъкарда, ки аз кӣ гирифтанаш маълум набуд, кӯтоҳзабон кард.

Пештар ҳам Зафар аломатҳои пинҳонкориро аз ҳарфҳои дидагони ӯ мехонд ва дар муҳаббаташ нишонаҳои хиёнату дар савобаш осори гуноҳро медид, вале бевафоиашро пурра исбот карда наметавонист.

Оқибат косаи сабр лабрез шуду дарди нобоварӣ ба ҳадди ниҳоӣ расид. Нодира, ки аз ин ҳисоб ҳам муфт соҳиби хона шуд, аз рафтани Зафар он қадар парво накард. Баъди ба коми сел рафтани дороӣ ва мӯҳтоҷи дари хонаи хоҳар шудан, хулоса бароварда, ки шояд байни табиату инсон садҳо торҳои ноаёни пайвандӣ бошад ва на ҳар кас ба он сарфаҳм равад. Исботи ин теорема кори олимон аст. Ҳамин қадар пай бурд, ки ҳар зарра ва ҳар қатра, Хуршеду Моҳ, абру туман, раъду барқ ва боз дигар мавҷудот шояд соҳиби дидагони ҳамабинанд ва аз ҳар нафасу ҳар қадам ва ба чӣ амал даст задани фарзанди одам бохабаранд. Аз дидани кору кирдори некон шод гашта, борони раҳмату нури меҳру шафқат мефиристанд ва қадамҷояшро сабзпӯшу ризқашро фаровон мегардонанд. Баробари ҳис кардани кору кирдори бадон ба хашм омада, заминро меларзонанд, раъду барқ ва баъд борони сел фиристода, роҳу пулҳо ва хонаҳоро вайрон мекунанд. Оқибат дар лаҳзае умеди як умр дар дил парваридаро барҳам мезананд. Ба сари Нодираи Толиб низ ҳамин рӯзи сиёҳ омад ва онро мукофоти амал пиндошта, ба худ садҳо маротиба нафрат хонд ва дарун-дарун гирист.

Ҳавои охири фасли баҳор, ки аз абру ғубор ва сардӣ нишонае надошт, якбора тағйир ёфт. Дар як кунҷи фазо пораабре пайдо шуду нури баркро ба ҳар тараф фиристод. Аз дуриҳои дур овози раъд ба гӯш расид. Шамоли сахт хасу хор ва чанги роҳро ба фалак бардошта, ҳаворо ғуборолуд кард. Лаҳзае нагузашта, борони шим-шим якбора ба борони сахт мубаддал шуд ва он андак тӯл кашид. Селоб ҷӯю заҳбурро пур карда, рост ба тарафи манзили зисташ омад. Суръати ҳаракати сел торафт меафзуд. Нодира ин ҳолати ваҳмангезро дида, саросема кӯдакҳояшро ба он тарафи дарёча, ки аз борон асар надошт,

гузаронд. Баъд худаш дар рӯи борае амонат нишаста, чашм аз мачрои сел наканд. Сад қадам дуртар аз ӯ обу хок бо ҳам дасту гуребон буданд. Сел аввал пулро бурд, баъд деворҳои гирди ҳавлиро аз по афтонда, ба хона ворид шуд. Андак пас деворҳои хонаро тела дода, бомро ҳам хокнишин кард. Рӯи об пур аз чӯбу тунука ва ҷиҳози хона шуд. Аз дидани ин манзараи даҳшатнок муддате аз ҳӯш рафт.

– Беҳтарин мазил аст ин ҷо. Об, ки дорад, боз обод кардан мумкин. Ҳодисаи табиӣ тасодуфист, такрор намешавад. Ҳамон вақт, ки аз нодорӣ имконияти хона бунёд кардан надоштӣ, метавонистӣ ҳуҷҷати манзилатро ба дорандае фурӯшӣ ва ба ивази он пул хона бихарӣ. Вале ба роҳи бепарвоӣ қадам зада, фикри фардои қисматро накардӣ. Ҳоло ҳам хоҳӣ, ин корро карда метавонӣ. Худат медонӣ, ки рафта-рафта бори зиндагӣ гаронтар мешавад ва дар ҳар оила дигаргунӣ ба амал меояд. Фарзандони ман ҳам калон шуда истодаанд, барои ҳар кадомаш ҳуҷраи алоҳида лозим аст, – риштаи хаёлашро барканд хоҳараш. Ин сухани таъкидомез гаронтар афтод аз ҳама бори қисмати талхаш. Авзояш дар як лаҳза тамоман дигар шуд ва худро танҳотарин одами рӯи замин дида, чӣ гуфтанашро надонист. Гӯё дар мотами бахташ нишаста бошад, қатраҳои ашк аз нӯги мижгонаш чакида, ба коғази зарди рӯяш хатҳо кашиданд. Дигар тоқат накарда аз бари хоҳараш оҳиста дур шуд. Ба зориҳои Мунира гӯш надода, ба тарафи муқобили роҳ гузашт ва зуд ба мошини бегонае нишаст. Мунира ба куҷо рафтани Нодираро намедонист...

СУНБУЛ

Боди фасли хазон хасу хор ва баргҳоро ба сар бардошта, фарёд мекунад. Фарёд ҳам акси овоз пайдо намуда, дар кӯҳу пуштаҳо оҳанги мотам эҷод мекунад. Осмон дармегирад, оламро ба зери тасарруфи худ лашкари барқу тундар мегирад. Борони рехта зуд ба жола мубаддал гашта, гӯё ба сари аҳли башар тир мерезад. Аз роҳи сарҳади хаёл гузаштани гурӯҳи силоҳдорон далолат бар он мекунад, ки сулҳу ваҳдат ва озодию осудагӣ орзуи ҳанӯз ҷомаи амал напӯшидаро мемонанд. Инсон ҳақиқати ҳолро донад ҳам, барои ба оташ равған нарехтан

роҳи бетарафиро интихоб карда, зери сояи парчами дурӯғ қадам мезанад.

Ростӣ, офтобро ба доман наметавон пӯшид. Бо мурури замон розҳои ниҳон ошкор мегарданд. Некхоҳон аз нақшаҳои кашидаи бадхоҳон хабар ёфта, бовар мекунанд, ки ҳанӯз сайёди хунталаб аз пайи сайд аст, одам одамро шикор мекунад, яъне дар гӯшае ҷанг аст. Ҷавлонгоҳи марг фароху майдони зиндагӣ танг аст. Олам сарои даҳшат метобад, касе сару сомонашро намеёбад. Дар ин як лаҳзаи радду бадал гӯё ҳама нобуд шуда, фақат як касс аз сокинони деҳаи матрук мемонад, ҷудо аз ёрони табаррук мемонад. Дигар дар он ҷо на саҳару бегоҳ чанг хезондани пода ҳаст, на дуди алови дардода ҳаст, на савору на пиёда ҳаст. Баъди чанд лаҳзаи ноумедӣ ва фурӯ рафтан ба баҳри ҳаёти мозӣ, аз роҳи қаламрави хаёлам садои гомзании маркабе ба гӯш мерасад, садое аз олами хомӯш мерасад. Аз нав чархи ҳаёт ба қафо тоб мехӯрад ва дилам аз чашмаи умеди зиндагӣ об мехӯрад. Мурдаҳоро зинда ва деҳаи матрукро дубора обод мебинам. Боз бо худ гуфтугӯ намуда, худамро; марди умраш дар домани шастро, бо кӯдаки даҳсолае рӯ ба рӯ мекунам. Боз ба хокбозию оббозӣ машғул мешавам, барои овардани чорпо ба пушта меравам, то лаби чашмаи деҳа медавам, хаста намешавам. Ногоҳ чашмонам ба чокии байни ду теппа меафтад, дар назарам аз он роҳи борики каҷмакаҷ маркабсавори танҳое тез мегузарад.

– Сунбул! – гуфта фарёд мекунам. Намешунавад. Аз пасаш медавам, вале пешпо хӯрда меафтам. Шими куҳнаам аз сари зону медарад. Зуд аз ҷо мехезам, касеро надида, барои аз даст додани фурсат ва аз назар пинҳон шудани мусофири маркабсавор аз гиребони худ мегираму бо худ меситезам.

Ёди Сунбул дар дилам васваса мепарварад ва хашму ғазабамро зиёд карда, маро ба корзори мубориза мебарад. Нафрат мехонам ба фарзанди одам, ба дарандаи носер, ба ғасбгари кишварҳо, ба барҳамзани умеди модарҳо ва бахти арӯсони зери чодарҳо. Нури нигоҳам пайкон мешавад ва мехоҳам, ки қасди ҳама зиндадаргӯронро аз муштзӯрон бигирам ва баъди қаҳрамон шудан бимирам. Ҷасорат пайдо мекунаму аз олами тарсрӯӣ мегурезам ва ба дифои Сунбул мехезам, ба ҳимояти Сунбули гумкардаҳис, ба гирифтани қасди як зани беворис.

Дилам месӯзад ба Сунбул, ба пажмурдагул. Дар баҳори умр гули умедаш зард шуд, зан будани худро фаромӯш карду мард шуд. Дар тарҳи Сунбули як умр сархам нишонаи олии сарбаландии занро мебинам. Дар нақши он ҳомии номус, ҳимоятгари бузурги ватанро мебинам. Сунбули кайҳо фавтида аз нав зинда мешавад дар олами андешаи ман. Дарахтони хушкида аз нав қад мекашанд аз решаи ман. Ёди Сунбул дар мазраи дилам ниҳоли меҳру садоқат мепарварад, хаёли маро боз ба зодгоҳ, ба диёри кӯдакӣ мебарад.

Дар зодгоҳам ба ҷуз се чанори азимҷуссаи пир, ки бо шохаҳои аз боло хушкидааш аз ду калтути мавҷуда фарқ надоранд, дарахти дигаре ба назар намерасад. Аз ҷое, ки нофи хунаш рехтааст, лола мерӯяд. Касе дигар пайи пои худро аз ин манзил намеҷӯяд. Кӯзаву хурмаи бедастае тарҳи кӯзагару кӯзафурӯшро пеши рӯ меорад ва чӯбкадуи сӯрохгаштае чун кӯдаки нишастае дар рӯи тӯпи хошок метобад. Пойафзолҳои партофта аз шуғлу роҳи тайкардаи соҳибонаш ҳикоят мекунанд. Аз катаки мурғу ҳели бузу гӯсфанд чӯбчае намондааст. Дигар рӯбоҳу гург ҳам ба ин манзил намеоянд. Аз булур низ об намерезад. Қубур хобондааанду обро ба деҳаи нав бурдаанд. Обсабзҳо ҳам зард шуданд, қурбоқаву кафлесакҳо мурдаанд. Аз ҷои чашма чун аз дидагони кӯчбастагон қатра – қатра об рӯ зада, дар чанд қадампайи наме боқӣ мегузорад. Хати роҳ ҳам аз варақи замин пок ва мисли дигар нишонаҳо луқмаи хок шудааст. Хушк шудаанд боғҳо, кӯч бастаанд майнаву зоғҳо. Аз он манзил бӯи нестӣ ба машом мерасад. Ҳар дарахташ дар панҷаи навдаҳо баргҳои ларзон дорад. Баҳораш накҳати хазон дорад. Танҳо Сунбул деҳаи матрукро дар қаламрави хаёли ман ба шакли аслӣ метавонад барқарор бикунад.

Сунбул аз пайроҳаи борику каҷмакаҷи бари теппа ва аз паси хандақи замини полез маркабсавор гузашта, сӯи чашмаи деҳа мерафт. Ин ду ҷой аз қуллаҳои баланди дури дуру пастиҳои наздик ва аз роҳи калони байни таҳдашт хеле чашмрас буданд. Баъди аз байни ду теппача ва бораҳои сангдор гузаштан то назди чашма касе наметавонист ӯро бубинад. Ӯ аз роҳи андак дур, аз деҳаи дигар, ки оби ошомиданӣ надошт, ба деҳаи мо меомад. Айёми гармо барои зудтар ба лаби чашма расидан танҳо роҳи байни даштро интихоб ме-

кард. Аз байни замини шудгор, ки аз дур роҳаш хатеро мемонд, мегузашт.

Тарҳи ин роҳ ҳар сол, айёми тирамоҳ, баъди ҷамъ овардани ҳосил ва шудгор кардани майдон гум гашта, соли дигар ҳангоми майса будани гандумзори нав пайдо мешуд. Мактабхонҳои хоболуди аз дарс дермонда ва шитобкорони деҳаи ҳамсоя нахустин раҳкушоён буданд. Онҳо барои зудтар ба манзили мақсад расидан, саҳрои кушоди киштшударо аз байн убур карда, бо қалами по хати роҳ мекашиданд ва саворагонро ҳам аз пайи худ мехонданд. Сунбул ҳам ба пиёдаву сараҳо пайравӣ карда, то давраи бориш ҳамин роҳи наздики бараш тангро пеш мегирифт ва ҳангоми гузаштан бо зарби чӯб ҳаракати маркабро таъмин карда, пой намезад. Бидонҳо гӯё хорияшро ҳис карда, буттаҳои хордорро тела медоданд ва ӯро аз хӯрдани неши хор муҳофизат мекарданд. Бо вуҷуди ин ҳама маркаб гоҳо аз нозу фукро ба осмон кардан аз хати ҳаракат берун баромада, бидонҳои каҷшуда, қобилияти муҳофизатии худро гум мекарданд ва пойҳои овезонаш ба неши хорҳо бархӯрда, ба сӯзиш медаромаданд.

Ҳангоми фасли сармо ва аввали баҳор, ки ин роҳ пур аз лою чал мешуд ва имкони рафтану баргаштан барҳам мехӯрд, ноилоҷ роҳи дуюмро пеш мегирифт. Қад-қади дара, ки меомад, то расидан ба баландии паси хандақи замини полез тарҳаш намудор намешуд. Дар охирин масофаи роҳи кӯтал аввал сараш, баъд андому сипас хараш метофт.

Хира –хира ёд дорам як тарафи рӯяшро. Зани миёнаумри сабзина буд. Сари хамаш пешонӣ ва чеҳраашро аз дидаҳо пинҳон мекард. Он вақт ақрабаки соати умраш дар байни чилу панҷоҳ дакка мехӯрд. Барои ҳаракат кардани маркаб пойҳояшро ҷунбонда мерафт. Аз деҳаҳои ҳамсоя, ки мӯҳтоҷи об буданд, ҷуфт-ҷуфт, ё гурӯҳ-гурӯҳ обкашон маркабсавор меомаданд. Дигарон рӯз дар миён, вале ӯ ҳафтае як маротиба пайдо мешуд. Танҳою хомӯш мерафт, ҳамроҳ надошт. Ҳатто ҳангоми истодани маркаб чубро ба кор бурда, боре«их»ҳам намегуфт. Гумон мекардам, ки гунг аст. Вале баъдтар фаҳдам, ки гунг набудааст, саропо оҳу овоз будааст. Ба лаби чашма расида, обгиракҳояшро аз маркаб фуроварда, тоза мешуст ва баъд ба обрезак то нисф об мерехт. Агар пур мекард, зӯраш ба бор кардан

намерасид. Барои осон шудани кор обгиракҳои нимпурро ба пушти маркаб партофта, боз обрезиашро давом медод. Дар ҳар зарфаш панҷ-шаш сатилӣ об ҷой мегирифт. Баъди об гирифтан барои офтоб нахӯрдан рӯмолашро тар карда, ба сар мепечонд ва аз ҷои баландтар ба маркаб савор мешуд. Бисёриҳо дар бозгашт аз мани полезбон тарбузу харбуза мепурсиданд, вале ӯ ба полез ҳам нигоҳ намекард. Мехостам бозаш дорам, аз ҳосили полез ширинкомаш кунам, вале чашмсериашро дида, ҷуръат намекардам, ки овоз барорам. Баъдтар ҳис кардам, ки ӯ на танҳо аз шаҳду шарбати умр, балки аз худи зиндагӣ сери сер аст.

Он солҳо, ки аз дарду маънии ҳастӣ хабар надоштам ва ба сар чашми тар надоштам, аз кадом сарчашма ибтидо гирифтани рӯди ғамашро ва бузургии баҳри аламашро намедонистам. Ҳатто бади бадаш меҳисобидам, бо ҳама носоз ва одамгурезаш мешумурдам. Гоҳо бо мақсади аз ранҷи танҳоӣ раҳондан ва ба умеди ҳамроҳи дигарон қадам ниҳоданаш ба пушти буттае пинҳон шуда, сагро ба муқобилаш мешӯрондам. Саг бехабар ба сӯяш давида, суръати ҳаракати маркабашро метезонд, вале наздики наздик намешуд, аз дур меҷакид. Хулоса, роҳи тарс додан ба кор намерафт. Ғами додаам ба ӯ кора намекард, саг ҳам гӯё чизеро пай мебурда бошад ҳуҷум ба он бечора намекард.

Солҳо ноаён гузаштанд. Чандин баҳори нарм кардани замину дони умед коридан, хӯса сохтану зоғҳоро рондан ва хорпуштҳоро тарсонидан паси сар шуданд. Даври полезбонии мо ҳам гузашт. Хоҷагиҳо барҳам хӯрданд. Соҳибони аслии боғҳову полезҳо бори ҳастии худро бастанду рафтанд. Соҳибони нави пуштаҳои корам пайдо шуданд, ки касеро дар он мавзеъ гардиш кардан ҳам наменонанд. Пайи ман ҳам бо мурури замон аз роҳи паси хандақ канда шуд. Дигар Сунбулро надидам. Вале баъди ба ҷое расидани умрам, соҳиби фарзандону наберагон шудан, аз чӣ бошад, ки он зани умрҳо хомӯшро ба ёд меорам, хаёлан ба роҳи суроғаш қадам мегузорам. Аз рӯи ҳисобу китобам пайдост, ки ӯ кайҳо аз ҷаҳон гузаштааст. Вале намедонам, ки барои чӣ ҳанӯз ҳам дар қаламрави хаёли ман, дар он роҳи каҷмакаҷ равуо мекунад. Боз худро дар Пуштаи хандақпеч овораи рондани зоғҳо ва побанди пойидани оварандаи доғҳо мебинам. Ба инсонҳои нек тарбузу харбуза медиҳам.

Зарфҳояшонро аз ангур пур карда, дуо мегирам. Боз мебинам, ки зани танҳои маркабсаворе, ки ҳамсоли модарам мебошад, хомӯшона аз паси хандақ мегузарад. Дар даст харбуза ба пешвозаш мешитобам. Шояд ӯ ба гӯшаи чашм маро мебинад, вале як нигоҳро дареғ дошта, эътибор ҳам намедиҳад.

Ба ёд меорам модари дар хок хобидаамро, модари рӯи осудагӣ надидаамро. Модари ман ҳам духтари замони ҷанг буд. Аз тарҳи рӯяш майдон метофт. Чашмҳои ба косахонаи сар нишастааш ҷои гулӯлаву пайкони афтодаро мемонданд. Ғами дар майдон будагон барвақт пираш ва замингираш кард. Падар ҷовидон дар майдони набард монд. Бародар маҷрӯҳ аз майдон баргашт. Модарам ҳама шабу рӯзи зимистон ва аввали фасли баҳор сахт месулфид. Агар ҷангҷӯ садои сулфаашро мешунид, онро садои тир пиндошта, метарсид. Модарам базӯр роҳ мегашт, баъди чанд қадам ниҳодан дар ҷояш менишаст. «Бархез, маро изо мадеҳ» гуфта, ӯро аз ҷо мехезондам ва осуда дам гирифтан намемондам. Ҳоло зори зорам ба дидораш, ба дидагони меҳрбораш.

Модарам бо вуҷуди ҳуҷуми лашкари ғамҳо дар симои фарзандонаш муҳофизони сарҳади мустаҳками шодӣ дошт. Танҳояш намегузоштанд, дар мазраи дили лоладораш тухми меҳру умед мекоштанд. Вале Сунбул чӣ? Ба дунё омаду чанде сайри диёри ғам карду рафт. Бо худ дарду алам ва ҳасрату мотам бурд.

Мегӯянд, ки Сунбул ҳам қадраси нозанин, барои дилдода як нигоҳи пур аз меҳраш бас будааст. Бачаи деҳаи ҳамсоя ҳангоми ба об рафтан ӯро дар роҳи калон дида ошиқ шудааст. Барои ба мақсад расидан ба хонаашон хостгор фиристодааст. Волидон розӣ шуда, дар аввали фасли баҳор, дар айёме, ки замини пур аз сабзаву гулҳои наврута гилеми рангаро мемонд, тӯй барпо кардаанд. Гӯё пойандозе густурда буданд ба пеши пойи навхонадорон. Ду ҷуфти муносиб оҳиста-оҳиста қадам зада, аз деҳаи боло сӯи деҳаи поён мерафтанд. Кӯдакон дар даст гулҳои наврута, барои хубтар дидани чеҳраи арӯсу домод якдигарро тела дода, дар дашти кушод ҷои ҳамдигарро танг мекардаанд.

Арӯсбарон баъди пушти сар шудани як теппаи на он қадар баланд лаҳзае дар хамгаҳ қомат рост карда, боз роҳи ҳаракаташонро давом додаанд. Аз бари теппаи дуюм гузашта, ба манзили мақсад наздиктар шудаанд. Дар саргаҳи деҳаи поён

хурду калони таҳҷоӣ ба он шӯхтабиатҳо ҳамроҳ шуда, теъдоди фараҳмандону зиндадилони аз қисмати одаму олам бехабарро дучанд кардаанд. То хонаи падари домод, ки дар байни деҳа воқеъ буд, доиразанону рақскунон омадаанд. Ва баъди дуо додани мӯйсафеде вориди ҳавлӣ гардидаанд.

Қисса кӯтоҳ, роҳи нимсоатаро дар ду соат тай карда, худро дар хонаи умед гирифтаанд. Дар ҳуҷрае, ки барои арӯс ҷудо карда будаанд, чодар задаанд. Ҳама урфу одатҳои меросиро ба ҷо оварда, аз чашидани ширинтарин лаҳзаи умр лаззат бурдаанд ва ришталари бахти Сунбулро ба ҳукми ҳамқисматаш супурдаанд. Бори аввал дар зери чодар Сунбул тарҳи рӯи зебои шавҳарро хубтар дида, аз бахт болид. Вале намедонист, ки фардо ӯро чӣ қисмат интизор аст. Рӯзи дигар ҳанӯз Офтоб аз пушти қулла сар набароварда буд, ки ҳамқисматашро аз бараш бурданд ва дилашро сахт озурданд. Акси гулҳои чодар доғе шуд дар дилу дида, касе мисли ӯ рӯзи сиёҳ надида. Бахт аз канораш дур шуд ва аз раҳпоӣ дидагонаш камнур шуд. Ҳама умраш дар роҳи интизорӣ гузашт, ҳамқисматаш аз майдони ҷанг барнагашт. Аз тири ғами фироқ захмин шуд ва безор аз дидани дидори одамин шуд. Барои ба чашмонаш натофтани одамон, хусусан атрофиёни бераҳм, ки аз номи Сталин сухан гуфта, ҳамсарашро ба ҷои ҷавони нишонадоре аз бараш бурда, ӯро аз ворисдорӣ маҳрум карданд, сарашро боло намебардошт. Агар Сталин медонист, ки дар як деҳаи дурдасти кӯҳистон ҷавоне, ки аз навхонадорияш ҳамагӣ як шаб гузаштааст ва ҳанӯз дасташ ба домани васл нарасидааст, ба тухми сарбозон қирон ҳам, ки меафтод, шояд аз даъваташ худдорӣ мекард. Алқисса, дидори онҳоеро, ки шабона ба маъракаи навхонадорон омада, пагоҳӣ рӯзашонро сиёҳ карданд, дидан намехост. Хилватнишин шуда, ба танҳоӣ одат кард, тарки кайфияту роҳат кард. Бо умеди баргаштани бахти рафта умрашро гузаронд, бокира монд.

Мегӯянд, ки танҳо дар лаҳзаҳои вопасини беҳушӣ гоҳе лабонаш меҷунбиданд ва гоҳе баданаш сахт меларзид. Чашмонаш дар лаҳзаи кушодан сурати ду миллаи камонро мегирифт. Баъди пӯшидан чашмононаш панҷаи фишурдааш гулӯларо ба ёд меовард. Шояд номи ҷангро ба забон гирифта, ба ҳафтод пушти ҷангҷӯён, ба дарандаҳои носер, ба ғасбгари кишварҳо, ба барҳамзани умеди модарҳо ва бахти арӯсони зери чодарҳо наф-

рат мехонд: – «Хонаи бахтамро, ки сӯзонданд, даргоҳи умедашон дарбигирад. Маро, ки аз ворис маҳрум карданд, илоҳо ҳамсарашон бева ва боғи умрашон бемева гардад». Шояд ӯ низ дар лаҳзаи охирини ҷон дар сари мӯй ба сарҳади бераҳмӣ қадам монда, хонумонсӯзонро дуои аз ин ҳам бадтар мекард. Зеро ӯ яке аз бадбахттарин инсонҳои рӯи замин ҳисоб меёфт, ки бори гарони қисмату даҳшати ҳама хонахаробҳоро ба дӯш мебардошт. Кӣ медонад, ки боз дар кунҷи ниҳонхонаи дилаш чӣ маводи тарканда ва чӣ қудрати оламларзонанда дошт. Балки бедории оламе дар хоби ӯ нуҳуфта буд?. . Ӯ як ҷаҳони пур аз муаммоҳои нокушодаву розҳои нагуфта буд…

СОЯИ НУР

Одамро барои он шинохтану баҳо додан осон нест, ки ӯ худ як ҷаҳони ниҳоят мураккаб аст. Зеро тамоми регу зари хулқу атворро дар ниҳонхонаи вуҷудаш ҷамъ карда, ҳунармандона, вобаста ба мавриду зарурат ба кор мебарад. Масалан Солеҳи Анвар, як одами муътабар, дар тахти баланди мансаб нишинад ҳам, сайёди пастфитратӣ дар қаламрави хаёлаш гардиш мекунад. Зӯраш мерасад, ки пайи он бадхоҳи камони дидааш пур аз тири нигоҳро аз камингоҳ канда намояд, вале намехоҳад. Дар ҳузури дигарон садди роҳаш мешавад, вале дар ғайб пинҳонӣ ба ӯ роҳи гуфтугӯ мекушояд. Дурӯя буданашро гуфтугӯи телефонӣ тасдиқ кард.

Баъди тавассути телефон аз забони набарааш Доро шунидани хабари «Духтари холаи Сурайё омадааст», ба хотири кадомин ҳиссиёти хуруҷкунандаи одамфиреб, ки метавонад обрӯмандро дар як лаҳза шармандаи ду дунё гардонад, ҳатто таввақуф накарда, ба пурсиш гузашт:

– Танҳо омадааст?

– Не, ҳамроҳи духтарчааш.

– Нафаҳмидӣ, ки меравад, ё ки мемонад?

– Роҳи хонаи шиносашро гум карда, барои шабро рӯз кардан ба хонаи худамон омадааст.

– Ҳеҷ гап не, омадаст, нури дида, тоҷи сар. Меҳмон атои парвардигор аст, истад истодан гирад, – гуфт ва хост, ки

гӯшии телефонро ба ҷояш гузорад, вале давоми овози набера ӯро маҷбур кард, ки сӯҳбатро идома бидиҳад.

– Бобо, нон нест, дег холист, вақти омадан ду-се нон ва аз ягон ошхона хӯрок ҳам биёр.

– Хӯрок доштем-ку?

– Тағои момаам ҳамроҳи се марди ношинос омада, хӯрокро хӯрда рафтанд.

– Насибаи ҳамонҳо будааст, ошашон шавад. Вале туву духтари холаи Сурайё роҳи маро напоида, сари ҳисобатонро биёбед. Ман дертар меоям, кор бисёр. Дӯкони нонфурӯшӣ ҳам дур нест, ки рафтан зӯрат ояд. Аз ҷайбам пул гирифта, нон бихар. Дар масъалаи пухтани хӯрок бошад мушкил эҷод накун. Наход ман таом пухта тавонаму духтари холаи Сурайё аз уҳдаи пухтупаз набарояд? Яҳдон пур аз гӯшту тухм, бидони рағану қуттии намак дар таги миз. Шӯрбо хоҳад, пиёзу картошкаву помидор, наску нахуд ва қаланфури булғорӣ дорем. Оши палав хоҳад биринҷу сабзӣ ва сирпиёз ҳаст. Барои хушлаззат шудан метавонад ба таом зираву райҳон андозад. Ҷояшонро нишон бидеҳ, ҳар чизе, ки дилаш мехоҳад, бипазад, – таъкид кард бобо. Набера ҳам баъди розӣ шудан ба ин маслиҳат, сӯҳбатро қатъ намуд.

Солеҳи Анвар – марди серкор, сарвари як корхонаи азим, хӯҷаини садҳо кас ва шахси ба бисёриҳо шинос пагоҳии барвақт ба коргоҳ омада, дер ба хона меравад. Метавонад, ки бори масъулиятро ба дӯши зердастонаш гузошта, ба рӯшанӣ ба хона расад. Вале боз…бовар кунад ҳам, ба хотири эҳтироми мансабу мартаба баъзе корҳоро то ба дастони худаш анҷом надиҳад, дилаш ором намегирад. Охирин масъалаи муҳими идоравиро ба рӯзи дигар нагузошта, ҳал мекунад ва баъди андак хотирҷамъ шудан дер аз ҳама аз ҳуҷраи корӣ мебарояд. Хонааш, ки ба коргоҳ наздик аст, ронандаи мошини хизматиро барвақттар ҷавоб дода, ин масофаро пиёда тай менамояд. Гоҳо нимашабӣ, шабҳое, ки барқ хомӯш аст, бе ягон ваҳму бим дар торикӣ аз тангкӯча гузашта, роҳро кӯтоҳ мекунад. Ҳатто дар солҳои нооромӣ, ки бисёриҳо баъди нишастани офтоб дарҳоро аз дарун баста, ба берун намебаромаданд, ӯ баъд аз кор бо ҳамин роҳи одаткарда ба хона меомад. Дар ҳамон солҳои мудҳиш духтари холаи Сурайё ҳам аз бенавоӣ ва

таҳдиди лашкари гушнагӣ ба қисми ҳарбии ба хонаашон хеле наздик ба кор даромада буд. Дегу коса ва либосҳои ҳарбиёнро мешуст. Он замон, ки нерӯи ҷавонӣ дошт, бо ҳама мушкилот сурхии рухсораҳо ба зардинагияш ҳусни дигар мебахшид ва кадбонуи навакак аз сари чакдон хестаро ба ёд меовард. Шояд ҳамон зебоиро дида, сарбозе аз пайи ба дом афтоданаш шуд. Нигора, ки сари танҳо буд ба қасами сарбоз бовар карда, ҳамқисматаш шуд ва дар симои он кас таскинбахши худро дид. Нафаҳмид, ки умри шодмонияш кӯтоҳ аст ва хушбахтияш дер давом намекунад. Баробари духтарчадор шудан таскинбахшаш хизматро адо карда, ба зодгоҳаш рафт ва дубора суроғаш накард, боз ӯ бева монд. Дертар фаҳмид, ки ӯ ҳамсару фарзанд доштааст. Дарун – дарун сӯхт, аз ғаму дарди фироқ харобу хазон гашт. Солеҳи Анвар чандин сол пеш чеҳраи коҳидаи ӯро дар саҳни бинои маскани дерина дида буд. Ана ҳамон Нигораи бева имшаб дар хонаи ӯ меҳмон аст. Зани боақл ба хонаи марди бегона намеояд. Қиссаи шаб дароз аст. Шаб дар хилвати худ ҳазору як асрор дорад. Худо накунаду як беваи абрувонаш пасту баланд, чашмон ва рухсораҳояш барҷаставу лунҷҳояш фурунишаста ва зане, ки лабони кӯтоҳаш қудрати пӯшондани дандонҳои калон-калонашро надоранд, ҷои хонуми тарҳи рӯ ба чашму абру мувофиқро бигирад? Як шаб гуфта, даъвокунон муқими ин даргоҳ нашавад? Не, аз дасташ бало намеояд. Даъвогар, ки мебуд, сарбозро ба додгоҳ мекашид. Мумкин аз силоҳаш тарсида бошад, вале ӯ сарбоз нест, силоҳ надорад, сарвари корхонаи намак аст, даъвогарро ба намак супорад, нашавад. Ҳамон кӯтоҳқомат шояд ҷои як қоматбаландро гирифта, ӯро дар кашокаш андозад ва обрӯяшро резонад. Бо вуҷуди он ҳама андешаҳои худмуҳофизатӣ дар як гӯшаи хаёли Солеҳи Анвар ҳиссиёти дигаре гардиш мекард ва мубориза мебурд, ки тасдиқоташро рад намояд. Васвоси шайтони рондашуда тори хаёли ӯро ба тарафи дигар, ба маскани кайфияту лаззати нодида мекашид ва гӯё ба ҷои ӯ овози каси ношинос дар ҳуҷра танинандоз мегардид: – Омадааст, марҳабо, гарди қадамаш сурмаи мижгон, як шаб меистад ё даҳ шаб, ихтиёраш, то омадани ҳамсараш бори сафарашро бандад шуд. Бигузор муқими ҳамин даргоҳ шавад, шояд кору кирдораш ба ҳамсараш писанд ояд ва «меҳмони нохонда»-ро ба худ хидматгор

бигирад? Шояд баъди писанд омадан ганҷинаи бахташро бо ӯ бахшу қисмат кунад? Не, оташи рашку ҳасади занон ончунон баланд аст, ки ба шавҳараш наздикшавандаро сӯзонда хокистар мекунад. Зани дар дами марг ҳам рӯи бохчони навашро дидан намехоҳад. Яъне, ҳама кор шуданаш мумкин, вале масъалаи дар ин хона мондани Нигора роҳи ҳал надорад.

Солеҳи Анвар кӯшиш мекард, ки ҳар чӣ зудтар аз сарҳади иҳотакардаи шайтон берун барояд, наметавонист. Манзилаш ҳам дар ҳамон қаламраве, ки дар он ҷо духтари холаи Сурайётаом мепухт ва набарааш ба ӯ мадад мерасонд, афтода буд. Хост аз коргоҳ рост ба хона биравад, вале ба ёдаш расид, ки ҳамсояи қадрдони андак дуртараш Мансури Қурбон аз миёниаҳли гузар танҳо ӯро ба зиёфати пеш аз сафар даъват карда буд. Мувофиқи шунидаш он кас субҳи дигар ба зиёрати Маккаи мукаррама меравад. Ба ҳамин хотир сари қадам ба хонаи Мансур даромада, узр пурсид, ки меҳмон дорад. Вале соҳибхона хоҳишашро напазируфт ва хешовандонашро муаррифӣ карда, ӯро ба зудӣ ҷавоб надод. Хулоса, хуб зиёфат хӯрда аз ҳаршаба дида дер ба хона омад ва баробари ба ҳуҷраи хӯрокхӯрӣ ворид шудан, гӯё гулғунчаеро дид, ки ҳамроҳи кӯдакаш дар сари дастархон нишаста, аз неъматҳо баҳра мебурд. Набарааш бошад вазифаи чойрезиро адо мекард. Мехост, ки ин вазифаро аз он даъвоҷаккаши чашмонаш пур аз хоб бигирад ва худаш ба он нозанини духтарчадор хизмат кунад. Вале боз зери бори таъзим буданро ба худ нангу ор ҳисобида, овардани ширинихоҳои нодирро, ки ба ёди набарааш наомада буд, ба мақсад мувофиқ донист. Ҳангоми ба рӯи дастархон гузоштани ширинихоҳ садои маҳини: «Саргардон шудед, лозим набуд»-ро шунида, лаззат бурд ва ҷасорат пайдо кард. Дарҳол аз лаълӣ ду дона қандалоти камёбро гирифта, яктоашро ба духтарча ва дуюмашро ба модараш дароз намуд. Духтарча ҳарисона ва модараш шармкунон ширириро гирифтанд. Баъди лаззат бурдан худашон бе имову ишора сӯи ҳамон навъи қандалот даст дароз карданд. Муҳраи ҳисоби хӯрдан аз сар гашт, чойрезии набера ҳам зиёдтар шуд. Вале баъд аз ин Солеҳи Анвар дигар баҳонаи хизмат кардан наёфта, пурсидану фаҳмидани ҳолу қисмати ҳамсояҳои деринаро роҳи ягонаи гап гирифтану ба кӯи мақсад наздик шудан шумурд. Нигора гӯё маҳз интизори

ҳамин пурсиш буд, ки барои ҷавоби пурра додан доираи гардишашро васеътар карда, дар як лаҳза аз даромадгоҳ ба даромадгоҳ ва аз як қабат ба дигараш гузашт. Баъди ба охир расидани ҳуҷраҳои хонаи ошно худро дар биноҳои бегона гирифт. Нақлро аз қисмати ҳамсояи рӯ ба рӯяш оғоз кард. Гуфт, ки: «Ҳодии намозхонро Худо зад. Ба доми фиреби нашъамандон афтода, аз хонаву дар ва зану фарзанд маҳрум шуд. Кӯри Нозим маҷбур шуда хонаи чорҳуҷрадорашро ба хонаи духуҷрадори Нодир иваз кард ва аз ҳисоби гирифтани болоӣ қарзҳои фарзанди нохалафашро супурд. Ҷиноятҳои дар вақташ содиркардаи ҳамсояҳои силоҳдорамонро навакак ошкор карда, парерӯз онҳоро ба ҳабс гирифтанд. Ҳоли Рустами Толиб ҳам аз ҳоли саги дайду бадтар аст. Фирефтаи ваъдаҳои духтари ҳарҷогарде шуда, гавҳари бахту саодаташро аз даст дод. Пушаймон шуда, сад воситаро ба кор бурд, вале зани хушахлоқаш хиёнати ӯро набахшид. Сангаки Қурбон хонаашро фурӯхта, аз маҳалаи навбунёди шаҳр ҳавлӣ харид. Нигинаи зани Даврон ба садама афтода, вафот кард. Сари пулҳои ҳароми Гулнору Наргисро бозии муҳра хӯрд. Ҳокими Қудрат пулдор шуда, ҳуҷраҳои қабати болояшро ба қабати поён иваз кард. Фарзандонаш бобои Қодирро маротибаи дуввум ба зиёрати хонаи Худо фиристоданд. Зани Субҳони сердухтар бори аввал бача ёфта, ҳамсояҳоро зиёфат дод…»

Анвари Солеҳ ҳис кард, ки қиссаи ҳамсояҳо дуру дароз аст. Дигар ба зери бори интизорӣ тоб наоварда, луқма партофт: – Бигӯ, ки худат чӣ ҳол дорӣ?

– Сад шукр, ки дар зери офтоби сӯзону таҳи барфу борон нестам. Дар вақташ ҳушёрӣ карда, андак замин барои бунёди манзил гирифта будам ва ду сол пеш ҳамроҳи додарам хишт рехта, як хонаи духуҷрадор сохтам, ки айвон ҳам дорад. Ба харидани шифер зӯрам нарасид. Пештар, ки чӯб гирифта будам, як бало карда бомашро ба тарзи бобоӣ пӯшондам.

Ҳоло як ҳуҷрааш дар дорад. Ҷои терезаашро бо гилеми куҳна маҳкам карда, дар ҳамон ҷо зиндагӣ мекунам. Дигар ҳуҷраҳо на дар доранду на тиреза. Агар пагоҳ одамҳои даркориро ёфта, нафақаи аз ҷои кори ҳарбӣ баромадаамро дуруст кунам ва боз дар ягон ҷо андак бичунбам, ҳолам хуб мешавад. Хуб шуд, ки сари вақт манзили зистамро иваз кардам.

Ҳоло дар он гузар ягон одами дуруст ҳам намондааст. Ҷои кӯчбастагонро навомадагон гирифта, гузарро ба манзили куҳриён табдил додаанд. Касе аз дари касе намедарояд. Мардум бо нигоҳи шубҳа ба ҳамдигар менигаранд. Кӣ ба чӣ кор даст мезанад, пурсишу ҷазо нест. Ҳатто дар рӯзи рӯшан харакҳои рӯи ҳавлиро канда бурданд, Боғчаҳои паси биноро ҳам ба хок яксон намуданд, вале касе ҷуръат накард, ки овоз барорад. Боз хиёнатҳое ҳастанд, ки кадомашро номбар кунам, намедонам. Хулоса, дар он макон ягон ҷойи хуби нишастану сӯҳбат кардану дуди дил баровардан нест. Ду-се одами дурусте, ки мисли шумо сахтгиру боҷуръат буданд, соҳиби мансаб шуда, ба маркази вилоят ва пойтахти мамлакат кӯчиданд…

Солеҳи Анвар вожаи «одами дуруст» гуфтани ӯро чанд маротиба зери лаб такрор карда, хулоса бароварда, ки ба Нигора маъқул шудааст. Ҷасораташ қавитар шуда, дигар дидаи худро аз чеҳраи духтари ҳамсояи деринааш наканда, ӯро ба нозанини «нестандарҷаҳон» шабоҳат медод. Дар назараш чархи умр ба қафо ҳаракат карда, пирдухтареро ба нуқтаи дигар, ба маскани ҷавонӣ мебурд ва ду маротиба шавҳар кардану соҳиби ду духтарча буданашро ғалат шуморида, исбот карданӣ мешуд, ки ин овоза аст, ҳақиқат нест, дурӯғи маҳз ва туҳмати рӯи рости бадхоҳон аст. Худро ҳақ пиндошта, ҳатто нишонаи дар рӯ ба рӯяш бударо, яъне духтарчаи хоббурдаи Нигораро сарфи назар мекард. Садои ба чойник бархӯрдани пиёла ҳам аз фаро расидани вақти хоби чойрез башорат медод.

– Кӯдакон нороҳатанд, ҷои хобашонро муайян мекардед?

– Ҳуҷра бисёр, имшаб шумо соҳибхона, ҷои хобро худатон интихоб кунед.

– Агар муқобил набошед, ману духтарчаам дар ҳуҷраи дараш рӯ ба рӯ мехобем, шумо ихтиёр доред – гуфт ва аз ҷо бархоста духтарчаашро бардошта ба он ҳуҷра бурд. Баъд омада дастархонро ҷамъ карданӣ шуд. Солеҳи Анвар мақсади ӯро фаҳмида, барои халал нарасонидан ба кораш, лаҳзае ба айвон гузашт.

Нигора ҳама чиро ба тартиб оварда, дар ҷойи дастархони ҷамъкарда ҷогаҳи бобову набераро андохт ва Дороро оҳиста бардошта ба ҷогаҳаш хобонд. Ҳангоми ба назди духтарчааш рафтан садои соҳиби хона ӯро боздошт: – Нигора, ту ҳам аз

заҳматҳои кашидаи ман хабар надорӣ. Ман низ ин хонаро боазобу машақати зиёд бунёд кардаам. Мехоҳед, ки ҳуҷраҳояшро нишон диҳам?

– Мехоҳам, вале ба фикрам ҳоло дер шудааст, шаб аз нисф гузаштааст. Пагоҳ бубинем чӣ?

– Ихтиёратон.

– Майлаш, барои малоли хотир нагаштан, худи ҳозир мебинем.

Дар он соате, ки олам дар ҳукми хомӯшӣ қарор дошт ва ҳама дар хоби роҳат буданд, аз гӯшае садои пасти гомҳои ду бедор ба гӯш расида, пайи ҳам чароғҳои айвонҳову ҳуҷраҳо рӯшану хомӯш мешуданд, ки ин ҳама аз танинандоз будани оҳанги зиндагиву мавҷ задани нури ҳастӣ башорат медоданд. Ду бедор Солеҳи Анвар пеш-пеш ва Нигора аз пас қадам зада, аввал ба ошёнаи дуюм баромаданд, зеро ошёнаи якум ба меҳмон шинос буд. Дарҳои ҳуҷраҳои ошёнаи дуюм ҳам тарафи як айвон боз мешуданд ва ҷои гулдонҳо, ки гулбоғи зимистонаро мемонд, ба Нигора хеле писанд омад.

– Чӣ хел манзараи зебо, ҳама чӣ дар ҷояш, офарин ба меъмораш, аҳсан ба гулпарвараш.

– Тарҳи ин биноро худам кашидаам ва гулҳоро ҳамсарам парвардааст.

– Заминкушоиву деҳқониятро медонистам, вале аз ҳунари меъморият хабар надоштам.

– Ҳуҷраҳову болохонаро тамошо кардем, якбора таҳҳонаро ҳам, ки дар зебоӣ аз хонаҳои боло фарқе надорад, бубинем, – гуфта Нигораро ба поён даъват кард. Бечора, не нагуфта, аз пасаш рафтан гирифт. Таҳҳонаро ҳам диданд. Аз ҳуҷраҳо дида бештар зарфҳои пур аз помидору бодиринг ва гулоб, ки ҳосили майдони хурди назди ҳавлӣ ва нишонаи дасти ҳунари кадбону буданд, хеле писандаш омад. Баъд аз он рафҳои китобҳои нодирро тамошо карданд. Хулоса он чӣ, ки ба дидан меарзид, диданд. Дигар баҳонаи маътал кардани меҳмон набуд, бояд ба боло мебаромаданд. Дар бозгашт соҳибхона Нигораро маҷбур кард, ки пеш гузарад, то ӯ чароғҳоро хомӯш кунад. Чароғи айвон қудрати равшан кардани помонакҳои поёнро ҳам дошт. Акнун меҳмон пеш – пеш ва соҳибхона аз пас қадам зада, оҳиста – оҳиста боло мебаромаданд. Ин равиш ба марди ба

васвасаи шайтон гирифтор имкон медод, ки қадду басти духтари ҳамсояро хубтар тамошо кунад. Пироҳани оддии борҳо обдида бар тани Нигора зебанда буд. Дар он ҳолат гардани кӯтоҳу қади пасташ низ дароз тофта, оҳуи кӯҳиро ба ёд меовард. Солеҳи Анвар мехост, ки теъдоди помонакҳо зиёд бошаду онҳо дасти ҳамдигарро гирифта, ба боло бароянд ва баробари ба айвон расидан аз хастагӣ афтода, бари ба бар бихобанд. Вале чӣ кунад, ки тарҳи аслии зина тағйирнаёбанда ва муроди дили ба васвасаи шайтонафтода ҳосилнашаванда буд. Алқисса, то ба айвон расидан марди шайдогашта аз ҳалқи васвасаҳо берун шуда натавонист. Ҳамин, ки пояшон ба айвон расид, овози Нигора баланд шуд: – Ҳуҷраҳои хуштарҳ, насибатон кунад. Ин даргоҳ базмгоҳ шаваду мо ҳам дар маъракаҳоятон иштирок бикунем. Шунидани бонги мурғаке ӯро водор кард, ки боз суханашро идома диҳад: – Шаб аз нисф ҳам гузашта будаасту мо бехбар. Шумо ҳам пагоҳ барвақт ба кор меравед, беҳтараш рафта дам бигиред, ман бошам боз андаке бедорӣ мекашам. Баъд аз хондани намози хуфтан ягон соат мехобам, – гуфт ва ба ҳуҷраи интихобкардааш даромад.

Аз паси қабати болои шиша танҳо сояи пасту баланд шудани Нигора метофт. Шабчароғи хона гӯё бори нахуст аз сояи зани равшанзамир пурнуртар гашта буд, ки рӯшанияш ба ҳуҷраи рӯ ба рӯи дараш кушода ҳам мерасид ва тирагиро суроби шайтони лаинро гурезонда, марди ба васваса гирифторро ба олами покӣ ҳидоят мекард…

ДАРД

Бел ба замини сахту обнадидаи канори ҳавлӣ фурӯ намерафт, рӯ-рӯ мерафт ва андак хоки ба дамаш омадаро бозпас ба ҷои кандааш мерехт. Мард изтироболуд ва шитобзада буд, ҳатто гоҳе қат шудан ва хам хӯрдану ба шикастан наздик омадани даму дастаи белро намедид. Дар ин гуна маврид дастҳояш белро раҳо карда, зоғнӯлро мебардоштанд ва ӯ шитобзада замини сахтро нарм мекард. Хоки ҷамъшударо занҳо бо панҷа боло кашида, пеши роҳи корашро мекушоданд. Офтоби тамуз бераҳмона сару рӯву дасту бозуяшро месӯхт, вале ӯ дам ногирифта меканду меканд. Имкони истодану нафас рост кардан

набуд. Оҳҳои ашколуду гиряҳои хунинаш ба ҳам омехта дар гулӯяш ҳалқа мебаст, равуои нафасашро душвор мекард. Вале ӯ бепарво ба ин бел мезаду зоғнӯл ба умеде ки ҳарчи зудтар чуқуриро васеъ созаду бачаашро зери хок кунад. Шояд аз ин роҳ барқ аз тан ба замин гузарад ва ҷигарбандашро дубора саломат бубинад. Дуртар аз онҳо, рӯи кат ҷисми ноҷунбони писар афтода буд. Он ҷо ҳамсару фарзандон ва наздиконаш оҳу фиғон бардошта, ба тори асабаш нохун мезаданд. Тоби шунидани ин овозҳою дидани он манзараи ҷонгудозро надошт. Вале лаб зери дадон карда меканду меканд. Ҳар дам ғанимат буд ва охирин умеди аз нав чашм кушодани фарзанд ба чи гуна кандани ӯ вобастагӣ дошт.

Маъруфи Дилшод, ки солҳои дароз дур аз кори ҷисмонӣ ба илм машғул буд, зӯраш ба кандану бурдан намерасид. Гоҳе белу зоғнӯл аз дасташ раҳо мешуд. Ва ӯ барои ошкор нагаштани заъфаш зонуи хамхӯрдаашро оҳиста рост мекард ва канданашро идома медод. Арақ аз сару рӯяш мисли борон мешорид. Тафбоди замини қирпӯши ҳавлӣ ба гармии офтоб зам шуда, нафасашро тангу тапиши дилашро тез мекард. Ҳар бори ба замин задани бел ё зоғнӯл лаҳзаҳое аз рӯзгори дерина чун навор аз пеши рӯяш гузашта, бори дарду аламашро гаронтар мекард.

Нахустин рӯзи ба боғча бурдани писар ва дар бозгашт ба мағоза даромаданашон ёдаш омад. Баҳром мехост падараш аз ҳар бозича яктоӣ бихарад. Охир ба велосипеди сечархае нишаст ва ба зудӣ аз он нафаромад. Падар чӣ кор карданашро намедонист. Ба кӯдак чи тавр мефаҳмонӣ ки падарат доно бошад ҳам доро нест ва дар ҷайбаш он қадар пул надорад ки он ҳамаро бароят бихарад. Фурӯшанда шӯхикунон ӯро ба сари нанг оварда:

– Бачаат доною дидадаро будааст, ҷамъи интихобкардаҳояшро бихарӣ ҳам кам аст.

– Ҳеҷ гап не, мехарам,-гуфт ва ҳама бозичаҳоро, ки нархашон ба музди думоҳаи кораш баробар буд, нася гирифт.

Боре дар бозор ӯро гум кард. Ба куҷо рафтану чӣ кор карданро намедонист. Ин сӯву он сӯ медавид, худро байни мардум мезад, ба дӯконҳо сар мехалид, аммо ҳама беҳуда буд. То пайдо кардани фарзанд аз ҳамсар сад таъна шунид:

– Бача ёфтану калон кардан осон нест. Ту фақат хондану навиштана медонӣ, даст ба оби хунук намезанӣ, кори дигарон дар назарат наметобад…

Баҳром мактабхон шуд, баодоб буд, аъло мехонд, омӯзгорон таърифаш мекарданд, падар курта-курта гӯшт мегирифт. Ин гуна мактабро хатм кард ва бе мадади касе ба донишгоҳ дохил гардид. Баъди ду соли хатми он рисолаи номзадӣ навишт ва инак дар арафаи дифоъ буд. Мехост олими ҳуқуқдон шавад…

Кандани чуқурӣ тӯл мекашид, неруи мард оҳиста-оҳиста ба поён мерасид. Пойҳо дигар зӯри бардоштани бори танро надоштанд. Ин дам дӯст ва ҳамдарси фарзандаш Собир пайдо шуд ва бо дидаи ашкбор зоғнӯлро аз дасти ӯ гирифт. Вақте ки чуқурӣ мувофиқ ба қаду қомати Баҳром шуд, зуд ҷисми ӯро бардошта даруни он хобонданд ва то гулӯ хокпӯш карданд. Маъруфи Дилшоду ҳамсараш бо изтироби олуда ба умед чашмони пуроб ба чеҳраи писар баста буданд, ки шояд дида бикшояд, бори дарду андӯҳи гаронро аз шонаашон биафканад, хонаи дилашонро равшан кунад, умеди рамидаро боз пас гардонад. Он лаҳзаҳо ки Маъруфи Дилшод чуқурӣ меканд, ногаҳ дарёфт кори ҷаҳону сару савдош назди марг он гуна бемаънову ночиз будааст, ки бо дарёфташ наздик буд дилаш пора мегашт. Вай пеши худ аҳд кард, ки агар Худо раҳмашро бихураду фарзандаш чашм боз кунад, дигар роҳашро дар зиндагӣ дигар мекунад, ба касе сухани дурушт намегӯяд, дил намеозорад ва то метавонад некӣ мекунад. Ҳоло ба мӯлаби наврустаи Баҳром, ки ба абрӯвони пайвастааш монандӣ дошту ба чеҳраи сафедаш ҳусн бахшида буд ва гӯё аз хоб будану ҳанӯз ҷон доштанаш башорат медод, нигариста бори дигар ин андешаро аз дил гузаронд. Аммо тани писар ҳамон гуна ором буд, ҳеч гуна асари зиндагӣ пайдо нашуд. Маъруфи Дилшод бемориҳои дил ва роҳҳои табобати онро хубтар аз ҳамкорон медонист, дар ин бахш рисолаи докторӣ ҳам дифоъ карда буд, вале дар мавриди писари барқзадааш ба гуфтаҳои пизишкони бузурги олам ҳам бовар кардан намехост; шояд мӯъҷиза рух диҳад, дили ҷигарбандаш ногаҳ ба кор дарояд, Офаридгори бузург раҳм ба ҳоли ӯву ҳамсараш кунад. Умед дошт ки баъди дар хоки нам гӯр кардани тан ҷараёни барқ аз

бадан ба хок мегузарад ва Баҳром чашм мекушояд. Сонияҳову дақиқаҳо он гуна дер мегузаштанд, ки андешид вақт аз рафтан бозмондааст, замину замон дигаргуна гаштааст. Саранҷом гуфт:

– Дер шуд…Хонаам ба пуштам гашт, оҳуи саҳрои умрам ба чанги гурги аҷал афтод,-ва бо мадади Собир ҷисми беҷони писарро аз чуқурӣ берун кашид.

Ҳамсараш Гулрӯ нолакунон худро ба болои фарзанд партофт. Додарону хоҳарон ва ҳамсоязанҳо ҳамовоз шуда давраи навҳагарон оростанд. Раҳгузарон гиряи талху нолаи ҷонсӯзро шунида, пайи ҳам аз дари мотамхона даромаданд. Дар як дам ҳавлӣ пури одам гашт.

Се-чор кас аз наздикон ҷисми хоколуди Баҳромро тозакунон бо садои паст байни худ мегуфтанд: «Ин чуқурӣ дигар барои падару модару хоҳару бародарони Баҳром балои ҷон мешавад. Ҳар бори рӯи ҳавлӣ баромадану онро дидан ин рӯзи сиёҳ пеши чашмашон мебиёяд, дилошона пора мекунад. Мушкилтар аз ҳама барои падару модараш…»

Баъд аз хок тоза кардан ҷисми Баҳромро ба хона дароварданд. Он ҷо накҳати либоси наву атрҳои гуногун ба машом мерасид. Чодари дар як кунҷи хона овезон ва болину бистари дар кунҷи дигар талзада аз он мегуфт ки ин ҳуҷраи навхонадорон аст. Нодираи қаҳркарда ҳанӯз ҷиҳози арӯсиашро набурда буд.

Ду соат пеш волидону фарзандон гирди дастархон нишаста буданд. Дар миёни сӯҳбат фарзанди калони хона Баҳром аз ҷой хеста гуфт:

– Хонаи амакам рафта дар ҳамомашон шустшӯ мекунам.

– Аз худамон ҳам бад нест-ку? – Ҳайрон шуд падар. -Медонам, вале мехоҳам ба ин баҳона хабарашон бигирам. Ду ҳафта мешавад амакама надидаам, ёд кардам. Ун кас ба ман устод мешаванд, забони англисӣ омӯзонданд…

– Амакат ҳамин саҳар ба Олмон рафт, худам гусел кардам…

– Дар набуданашон хабар гирам боз беҳтар. Омада фаҳманд хурсанд мешаванд.

– Майлаш рав писарам, вале зуд баргард, ки дилам буғз дорад. Чанд рӯз аст худа ноумеду ғамгин ҳис мекунам...

– Имшаб худамам хобои аҷиб дидам. Бобом ба хобам даромаданд, дар пуштаи мазор мегаштанд. Мана дида фарёд карданд. Тарафашон давидам, вале ногаҳ гум шуданд.

– Мегӯянд ки мурдаҳо аз ноосудагии зиндаҳо нороҳатанд. Шояд барои бибият дар ташвиш аст. Дина амакат занг зада гуфт ки се рӯз боз модарам қатраи об ба лаб набурдаанд. Хостем ба шаҳр оварда табобат кунем, розӣ нашуданд. Роҳ наздик набошад ки ҳар рӯз хабарашон бигирам. Баъди пешин ҳамроҳ ба диданашон меравем.

Баҳром аз дар баромад. Падару модар баробари фарзанд аз ҷой хеста бо нигоҳ ӯро гусел карданд. Баъди аз назар ғоиб шудани ӯ модар овоз бароварда:

– Аз рӯзи рафтани ҳамсараш дар назарам бечораву сархам метобад. Ҷудоӣ аз бахти аввал ғамгину парешонаш кардаст, тоби дар хона шиштан надорад. Дар вақташ гуфта будам ки поро қади кӯрпа дароз кардан лозим, кабӯтар бо кабӯтар боз бо боз гуфтаанд, эътибор надодӣ. Ба умеди кадом манфиате шуда ба хонаи одами дорандаву машҳур хостгор фиристодӣ. Бачама гирифтори ғам кардӣ, ҳаёташа сӯзондӣ.

– Ҳеҷ кас пешомадаша намедонад. Аз қисмат ҷои гурез нест. Ин гапҳо дигар фоида надорад. Чӣ кунам ки дар тақдираш чунин будааст.

– Худо барои он ба одам ақл додааст, ки ҷоро дида по гузорад. Бояд худро ба коми аждаҳо намезадӣ.

– Афзали Оқил одами хубу марди солиҳ аст. Шӯҳрату номи баландро аз сарвату дороӣ не, аз хоксориву фурӯтанӣ ёфтааст, бо дасти дарозу мартабаи баланд худро аз касе боло намегирад. Мебинам ки вазир ҳам аз кори кардаи фарзанд азоби руҳӣ мекашад ва ҳар гоҳе ки аз сари роҳам барояд, рӯяш аз хиҷолат дуд мекунад. Ба ин ҷавонҳои кӯтоҳандеш, ки ба бурдани бори зиндагӣ тоб наоварда, халосиро дар ҷудо шудан мебинанд, чӣ мегӯӣ? Имрӯз ҷомиаи мо гирифтори ин дарди бедармон аст. Солҳои охир хонавайронии ҷавонон чунон зиёд шудааст, ки касе сарҳисобашро намеёбад. Худат медонӣ Баҳрому Нодира аввал мисли шамъу парвона буданд, баъди шаш моҳи хонадорӣ роҳу рафторашон тамоман дигар шуд ва кор то ба ҷое расид, ки рӯи якдигарро дидан намехостанд. Ман ҳамин қадар фаҳмидам ки духтари дар хонаи доро калоншуда, ба шавҳар

нописандӣ кард. Асаби писарамон хароб шуд, нозу нузаша бардошта натонист. Вале ҳоло ҳам зану шавҳари қонуниянд…

– Оби рафта дубора ба ҷӯ барнамегардад. Беҳтараш дигар ин қиссаро давом надиҳем, ки ба оташи алам равған мерезад. Бе ин ҳам дилам аз кадом пешомади нохуш дарак медиҳад…

Баъди ин гуфтугӯ онҳо, падару модари панҷ фарзанд, ки ҳанӯз набера надоштанд, хомӯш ба ҳуҷра даромаданд. Фарзандон бо эҳтиром баробар аз ҷо бархостанд. Сӯҳбати дар сари дастархон кандашуда миёни зану шӯ аз нав шурӯъ шудан дошт, вале занги ногаҳонии телефон онро канд.

– Зуд биёед, бадбахтӣ…

– Чи хел бадбахтӣ?

…

– Кӣ буд?

– Зани додарам Гулчеҳра. Ҷавоб надода телефона хомӯш кард, – гуфт Маъруфи Дилшод ва саросема аз хона баромад. Зан ҳангуманг чи гуфтану чи карданашро намедонист. Дилаш сиёҳ шуд. Фарзандон ҳам ғайрат намекарданд, ки бипурсанд: Чӣ воқеа рух додаст!

Маъруфи Дилшод мошинсавор ба хонаи бародар омад. Гулчеҳра, ки бо ранги рӯи парида, дар айвон пасу пеш мерафт, баробари Маъруфи Дилшодро дидан фарёд зад:

– Сад ҳайфи додараки ормониям. Аз ҷо бихез, Баҳромҷон, падарат омад,-гуфт ва ба сӯи ҳамом ишора кард.

Маъруфи Дилшод дар оғоз чизе нафаҳмид, ҷон аз дасту пояш баромад, ба душворӣ то ҳамом омад. Баҳром даруни обшанг[1] афтода буд. Баробари ӯро дидан ҷон аз дасту пояш баромад, ҳама эҳсосу андешаҳо ӯро тарк карданд, мағзаш равшан гашт, фоҷиаи рафтаро пай бурд ва ором тани бечони писарро аз ҷо бардошт, ба душворӣ хилъаташро пӯшонд. Бародараш мебуд, мадад мерасонд. Ин субҳ ӯро ба сафар гусел кард. Ҳоло ҳам дар фазост, бечора аз куҷо донад, ки дар замин, дар хонааш чӣ воқеа рух додаст ва ба сари акояш чӣ рӯзи сияҳ омадааст. Донад ҳам аз дасташ чӣ меояд, ҳавопайморо пас гардонда натавонад. Дигар ба умеди касе нашуда, бояд

[1] Обшанг – ванна

худаш Баҳроми барқзадаро зуд ба назди мошин бубарад. Агар як пора замин меёфт, писарашро ҳамон ҷо таги хок мекард. Аммо гирду атроф ҳама бетонпӯш, кафи даст барин замини хок нест. Ягона ҷое ки андак замин дорад, ҳавлии худаш аст. Вақте ки ҷисми фарзандро аз мошин фароварда, болои кати рӯи ҳавлӣ гузоштанд, рӯзи маҳшар шуд.

Дертар, пеш аз бардоштани тобут хешовандони роҳдур ҳам расида омаданд. Яке дар хонаву дигаре дар саҳни ҳавлӣ сархам ашк мерехт. Даробарои зану мард ба хона идома дошт. Баъд аз анҷоми кори ғассол тобутро аз айвон бароварда, дигар дар ҳавлӣ наистода аз дарвоза берун рафтанд. Доду фарёди модару хоҳарони Баҳром, нолаҳои хешовандону ҳамсоязанҳо ашкҳои ҳамаро аз хонаи чашмҳошон берун кашид. Он рӯз барои аҳли гузар рӯзи сиёҳ буд.

Баъд аз анҷоми гӯручӯб чашми падари писаргумкарда ба вазир Афзали Оқил ки аз байни издиҳом гузашта ба сӯяш меомад, афтод. Онҳо ба ҳамдигар оғӯш кушоданд, аз дидаҳо ашки ҳасрат рехтанд ва аз бозуи ҳамдигар дошта, оҳиста-оҳиста аз пуштаи мазор поён шуданд. Дар сари ҳар кадом саду як андеша давр мезад ва дар дилашон ҳазор ҳасрату пушаймонӣ буд.

– Риштаи хунпайвадӣ кӯтоҳу таноби ихтилофи оилавии мо дароз будааст. Дидӣ ки нӯги калобаи қисмат ба куҷо расид,-базӯр овоз бароварда Маъруфи Дилшод.

– Ноумед нашав, дар назар ҳамин гуна метобад, вале дар асл кӯтоҳ нест. Баҳром нишона дорад. Намондем ки Нодира фарзанди дар батнаш бударо сақт кунад…

Маъруфи Дилшод як лаҳза дар ҷояш истод, ба ҳамсӯҳбаташ нигарист, ранги рӯяш дигаргуна гашт, гӯё ногаҳ кадом гумкардаи ноёбро ёфт, ки танаш қувват гирифт ва суръати қадаммониаш тез шуд. Мехост ҳарчи зудтар ба хона расад, ин муждаро ба ҳамсараш расонад ва оташи дарду ҳасрати ӯро андак фурӯ нишонад…

ЗАРДОЛУИ ҲАЛИМ

Ба ёди Салим Муқим

Ҳамсояҳо ба шунидани оҳанги форами мусиқӣ ва сурудхонии аҳли ин хонавода одат карда буданд ва ҳар бегоҳӣ гӯш ба қимор меистоданд, ки кай овози пуралами ғижжаку навои ҷонгудози дутор ба гӯш мерасад. Гоҳо овоз ҳам медоданд: – Як суруд шавад, Ҳалимҷон, худат як нохун кун, дилҳои пурҷароҳатро хун кун. Онҳо овози ширини Ҳалимро аз байни дигар овозхонҳо мешинохтанд, оҳангу сурудҳояшро дӯст медоштанд. Мегуфтанд, ки то дар ин даргоҳ базми ҳунар гарм аст, қадами номубораки ғаму нафаси сарди мотам намерасад. Дар гӯшаи хаёле ҳам набуд, ки суруду навоҳои шодиомез, ба оҳанги мотаму нолаи дил табдил меёбад. Касе бовар намекард, бовар намекард…

Вале имрӯз аз ин даргоҳ ба ҷои оҳангу суруди шодиовар нолаву фарёди азодорон ба фалак печида, ҷигарҳоро рехтаву дилҳоро об мекард. Ҳамсояҳо тоби шунидани сӯзиши талхи модари дилсӯзро надоштанд. Оташи аламу дард мисли барқ ҷону дили хоҳару додар ва хешу таборонро месӯзонд. Онҳо мисли раъд нола мекарданд. Аз абри дидагонашон борони шашқатори ашк ҷорӣ мешуд. Аз сели ғамашон замини дилҳои дигарон низ хароб мегашт. Дар рӯи кати чӯбини миёни ҳавлии калон, дар зери чойлоби соядори ангур ҷисми беҷон мехобид. Занон гирдашро ҳалқавор печонида, бо алам мегиристанд. Мардон бошанд дар чор тарафи кат рост истода, хомӯшона оҳу фиғон мекашиданд. Дар сутуни бари кат ва болои даричаи ҳавлӣ акси ҷавонмаргро гузошта, дар зераш: – Артист Ҳалим Саидӣ навишта буданд.

Даробарои одамон ҳисоб надошт. Аз омадани хешу табор ва дигар шиносон нолаи азодорон боз ҳам баландтар мешуд! «Бачам, бихез, тағову аммаат омад, бачам, бихез, ҷӯраҳоят омаданд, бихез, ҷони ширинам, қомати баландатро бубинам», – гӯён модар рӯканону мӯканон худро ба ҳар тараф мезад.

Шариф Назар, марди қоматбаланди гандумгуни сергушт,

ки дар сар тоқии нави чоргул дошт ва мӯйҳои андак давидагии сараш аз ҳар кунҷи тоқӣ баромада, бетартиб менамуд, аз байни одамон бо азоб гузашта, дар паҳлуи азодорон қарор гирифт. Вай бо дасти рӯмолчадораш ашки чашмонашро пок ва ба дасти дигараш дам ба дам тоқии ковокшудаашро ба сараш сахт зер мекард.

Фиқ-фиқ карда мегирист. Аввал овозаш паст, баъд баландтар шуд. Вай мехост, ки боз ҳам сахттар оҳу фиғон кашад, мехост, ки худро ба болои ҷисми Ҳалим партояду меҳру муҳаббати беандозаашро нишон диҳад ва дар нола кардан аз занон гузаронад. Мехост, ки дилашро хуб холӣ карда, аввал ба худ ва баъд ба ҳамтабақонаш нафрат хонад. Вале боз хаёле ба сараш омаду худро ба даст гирифт. Хайр, фарз кардем, худро партофт, мӯю рӯ канд, талх нола кард, баъд чӣ? Магар бо ин амалаш мурда зинда мешавад? Магар бо ин худашро сафед мекунад? Шояд, дар ин ҷо мисли ӯ дилхуну аламдорон кам набошанд, аз ӯ дида талхтар нола кунанд. Чунон оҳу фиғон кашанд, ки дигарон хаёлан рӯзи маргашонро пеши рӯ оварда, ҷисми бечони худро дар ҳалқаи ёру шинос бинанд. – Не, ин хуб не! Дар рӯи мурда агар ҳар кас ғаму алами худро гӯяд, дарду ғами азодорон боз ҳам зиёд гашта, пайи марги бераҳм аз даргоҳ канда намешавад.

Шариф Назар хеле гиристу баъд худро андак қафо кашида, ҷояшро ба дигаре дод. Вай тоб хӯрда, ба тарафи рости ҷасад гузашт. Аз он ҷо акси Ҳалимро, ки дар сутуни болои сараш овезон буд, хубтар дид. Чашмони зебои мешӣ, мижгони дароз, абрувони пайваста, пешонаи фарох, мӯйҳои мушкини начандон дароз, ки ба тарафи рости пешонӣ хобида, бинии борику мӯйлабҳои кӯтоҳ, манаҳи андак паҳн, гардани дарозу китфи васеъ бо ҳам бисёр муносиб афтода буданд. Қаду қомати зебо дошт Ҳалим, роҳгардияшро намегӯй.

Вақте ки дар кӯча қадам мезад, гард аз паяш намехест. Ҳама гуна либос ба қади ӯ шинам буд. Дидагони чанде ба ҳавас гуселаш мекарданд. Вақте ки ба саҳна мебаромад, симояш боз ҳам кушода мешуд, марди ҷасуру далерро мемонд. Ҳангоми офаридани нақшҳои Маҷнуну Фарҳод барояш рангу бор ҳам лозим набуд. Ҷавони саҳназеб буд Ҳалим – аз дил гузаронид Шариф Назар.

Вай ба акси Ҳалим дуру дароз нигоҳ кард. Аламаш боз ҳам тозатар шуд. Гӯё мегуфт, ки зиндагӣ аҷиб аст, фарзандони инсонро ҳар гуна қисмат насиб аст. Гоҳо қариб дуру дур қариб аст. Гоҳо одам аз тамоми воқеаҳои ҷаҳон хабардор мешаваду аз нохушиҳои ёру рафиқон бехабар мемонад. Қариб, ки аз марги Ҳалим бедарак монда буд. Агар имрӯз, фавқулода ба шаҳр намеомаду дар бозор, дар мағозаи матоъҳо гуфтугӯи харидору фурӯшандаро намешунид, ки медонист, ки хабари марги шиносаш ба ӯ мерасид ё не?

Вақте ки марги Ҳалими артистро шунид, нафас дар гулӯяш печид. Харид карданашро фаромӯш карда, бо сари хам аз мағоза берун баромад ва чӣ кор карданашро намедонист. Бори ғам ба дилу ҷонаш чунон асар кард, ки сараш чарх зад, пеши чашмонаш лаҳзае торик шуд. Сари калобаашро гум карда, бе ягон мақсад қатори бозоракиҳо рафтан гирифт. На ба касе эътибор медоду на чизе харид мекард. Сари хам қадам зада, ногоҳ ҷисмаш бо як олуфтаи атласпӯши сумкабадаст бархӯрд. Суханҳои қабеҳи духтарро шунида, хиҷолат кашид, бори ғамаш вазнинтар гардид.

– Охир ман қасдан ба ӯ бар нахӯрдам-ку? Бозор-да, мардум бисёр, гоҳе поятро зер мекунанду гоҳе поеро зер мекунӣ, якеро бар мезанию дигаре барат мезанад. Нозукӣ карда, гиребон гирифтан ҳам аз рӯи одамгарӣ нест. Мардум нозук шуданд, бедард шуданд, ба маънии «мебахшӣ» ҳам сарфаҳм намераванд.

Ба ёд овард, ки дидори нахустинаш бо Ҳалим чунин сурат гирифта буд. Он рӯз ҳам ба ёду ғами кадом шиносе қадам зада, ногоҳ, ба касе бархӯрд. Дастоне сарашро оҳиста боло бардошт, овози ғамхоронаеро шунид. «қариб саратон лат хӯрда буд». Дар рӯ ба рӯ ҷавони чеҳракушоду паҳлавонсуратеро дид. Вай Ҳалимро, ки дар саҳна дида буд, шинохт. Артисти хубро кӣ намешиносад?

Бори дувум Ҳалимро дар мошини мусофиркашон дида, аз рафтори носазои худ хиҷолат кашид. Он рӯз андак қафо монда, аз ҳама дер ба мошин даромад. Дид, ки мусофирон аллакай дар ҷойҳояшон нишастаанд. Ӯ ба варақаи роҳкиро нигоҳ карда, ҷояшро наёфт. Ҷавони тахминан сисола курсиро банд карда буд.

– Амак, мебахшед, ман дар қафо нишаста наметавонам, аҳволам бад, биё варақаҳоро иваз мекунем, фарқаш чӣ. Ҳама курсиҳо як хел, дар як вақт ба манзил мерасем – илтимос кард ҷавон. – Не, намешавад, ёфтӣ содаатро. Ман як мардаки капа-калон рафта дар ақиб шинаму шумо як ҷавони дупадуруст дар пеш-а? Авзои ман ҳам бад, дар ақиб нишаста наметавонам, дилам беҳузур мешавад, бихез, маҳмадоноӣ накарда рафта дар ҷои худат бишин. Дасти ҷавонро гирифта маҷбуран аз ҷояш ҷунбонд. Бихезонду замин накафид, ки дарояд. Пойҳои ҷавон пойҳои сунъӣ будаанд. Ҳарчанд зорӣ кард, ҷавон азоб кашида, бо ёрии дигарон рафта, дар курсии ақиб нишасту ҳама ба сӯяш теғи нигоҳ кашида, гӯё бераҳму ноодамаш мегуфтанд. Дар он миён нигоҳаш бо нигоҳи Ҳалим бархӯрд, хеле шарм дошт. Дигар дар ҷои холишуда нанишаст. То ба манзил расидан сарашро набардошт, бо касе ҳам гап назад. Хайрият, ки яксоата роҳ буд, вагарна дар ҳар истодану ҳаракат кардани мошин, ҳангоми фуромадану саворшавӣ мусофирон боз ӯро мепесонданд, ба ӯ нафрат мехонданд. Ҳар чӣ корӣ, ҳамон бидаравӣ гуфтаанд. Он рӯз мусофири аз пои аслӣ маҳрумро ранҷонд, имрӯз худашро ранҷонданд. Хуб шуд, ки бо атласпӯши сумкабадаст дубаду нашуд, ҷавоби бобаш надод. Хуб шуд, ки хомӯширо пеша кард. Аз ҳама некӣ беҳтар, бадӣ чӣ даркор? Дунё ба кӣ мондаст, кӣ мегуфт, ки Ҳалим имрӯз ҷавонмарг мешавад. Ҳар кӣ ба олами ҳастӣ омада, боз бори худро баста мерафтаст. Як моҳ пеш Ҳалим ӯро дар ҳамин бозор дида, овоз дода буд ва аз байни одамон гузашта, ба наздаш омад. Хеле аҳволпурсӣ карданд. Дар миёни суҳбат Ҳалим ришгаи суханро ба тарафи дигар кашид.

– Ҳамон шабнишинӣ бисёр хуб гузашт. Нағз шиштем. Хуб базм кардем. Зардолуи ширинтаринро хӯрдем. Ба ту дона карда додам. Шинондӣ?

– Ҳа, шинондам, ба хона омадан баробар донакҳоро шинондам.

Ҳалим магар дурӯғ гуфтани ӯро пай бурд, ки таъкид кард: «Ҳамин, ки донакҳо сабзиданд, ҳатман хабар бидеҳ, омада худам бехашонро нарм мекунам, обашон медиҳам. Меҳнат карда, хӯрдан ширинтар…».

Шариф Назар мабодо бо ягон харидори дигар сар ба сар назанад ва дашномҳои обдор нашунавад, дигар ба ягон қатор ҳамроҳ нашуда аз миёни издиҳом рафт ва то назди дарвозаи бозор омад, вале боз ким-чиеро фаромӯш кардагӣ барин аз роҳаш баргашт.

Мӯйҳои баландшудаи сараш ба назараш хеле бад намуд. Хост, ки ба сартарошхона дарояд, вале боз аз фикраш баргашт. Вақт танг буд. То сар метарошад, то шустушӯ мекунад, ки рӯз аз нисф мегузарад. Ҳалим дина ҷон супурда будаст, имрӯз ӯро барвақттар мебардоранд. Одами номдор аст, ҳама дар маросими дафнаш иштирок мекунанд. Мумкин намояндаи ҳукумати маҳал ва ҳамкоронаш дар сари қабраш сухан гӯянд. Бояд қафо намонад, аз ҳама муҳимаш барвақттар рафта, як бори дигар рӯи шиноси ҷавонмаргашро бубинад.

Вай аз бари дукони сабзавотфурӯшӣ гузашта, ба бари дукони оҳангарӣ тоб хӯрда, роҳро миёнбур кард. Ба ҷомафурӯшону куҳнафурӯшон эътибор надода, тезтар роҳ гашт. Ногоҳ овози ширини дуторро шунид. Дуторзании Ҳалимро ёд оварда, лаҳзае дар ҷо истод. Харидорон гирди навозандаро печонида, дуторро баҳо медоданд. Дутору дутордорро таъриф мекарданд.

– Мешавад, дуторе, ки ман мехоҳам дигар аст. Торҳояш андак баланд ҷой гирифтаанд, чӯбаш ҳам он қадар писанд не. Ин нуқсонҳо ба нағз хонданаш халал мерасонанд, – гуфт навозанда.

Харидорон пароканда шуданд. Вай боз бо сари хам қадамзаниашро давом дода, рост ба назди тоқифурӯшон омад. Бо мӯи дарозу сари луч ба рӯи мурда рафтан нахост. Аслан бисёриҳо дар рӯзи марги одамони наздик ва ё шиносонашон тоқӣ мепӯшанд. Ӯ тоқиҳоро аз назар гузаронд, тоқии писанди дил наёфт. Вале ноилоҷ ҳақи тоқидореро доду як тоқии беҳтарро ба сараш зер карда, роҳи хонаи шиноси ормонияшро пеш гирифт.

Шариф Назар чашм аз акси Ҳалим гирифта, тоқии ковокшудаашро бори дигар соз кард ва сарашро аз байни ду ҳампаҳлуяш пештар бурд. Он дам ким-кадом хеши наздики Ҳалим омада буд. Нолаи азодорон баландтар шуд, ба хотири он кас рӯи ормониро кушоданд. Вай ҳам нӯги як по истода, бо азобе рӯи ошнояшро дид.

Таҳти рӯи Ҳалим кам тағйир ёфта буд. Торҳои мӯи пеши сараш мисли пешина дар болои абруи тарафи рости пешониаш мехобиданд. Гӯё табассум мекард. Бинанда гумон дошт, ки ҳанӯз нақши офаридаашро ичро мекунад. Зинда нақши маргро бозида буд Ҳалим. Шояд, ҳоло ҳам дар ҳамон нақш бошад. Хаёлан дар олами пур аз макру фитна сайр кунад, бори неку бадро дар тарозуи хирад баркашад, шояд чашмонашро пӯшида ба овози шиносон гӯш андозад. Дилсӯзону ёрони хасакии худро шинохта гирад. Ва баъди андаке аз ҷо бархезаду пеш аз ҳама шиносон ошнои ваъдахилофашро бинаду зардолуҳоро пурсон шавад ва ӯро дар назди мардум шарманда кунад.

Шариф Назар ҳарчанд худро аз банди ғаму андешаҳои беҳисоб халос кардан хост, нашуд. Боз теғи аламе дилашро хун кард. Лаҳзаҳои ҷудогонаи умраш, рӯзҳои бо кӣ ва дар куҷо нишастанаш хира-хира пеши рӯяш омад. Бисёр шабнишиниҳоро ба ёд оварда натавонист. Дар даҳ соли котиби ҷамоа будан ба садҳо ҷашну маъракаҳо даъват шудааст. Борҳо навхонадоронро насиҳат карда, ба онҳо шаҳодатномаи роҳи ҳаёт супурдааст. Ана, имрӯз худаш марди панҷоҳсола бо мӯйҳои дарозаш кӯчагардеро мемонад. Вай токӣ кай ҷашударо аз нав соз карда, ба худ нафрат хонд. То имрӯз ҳамаи он шабнишиниҳо ба назараш рангоранг менамуданд. Ҳар маъракаи баъдинаро аз пештарааш беҳтар медонист. Вале имрӯз ҳамаи онҳоро якранг пиндошт, дастархонҳои пур аз нозу неъмат, ситоиши соҳибхона, ба саломатии сари ҳамдигар нӯшидан, фаромӯш накардани ин хурсандиву ҳозирони он ва ғайраҳо.

Ҳамин ки дастархон ҷамъ шуд, ҳамин ки базм поён ёфт, ҳамин ки аз ҳамон хона бурун рафтанд, он ҳама фаромӯш мешавад. Дар шабнишинии навбатӣ ҷои онҳоро дастархони пуртар, соҳибхонаву ситоиши он ва дигар суханҳои пурдабдаба мегиранд. Ку ҳамон аҳду паймонҳо? Ку ҳамон ёрони пайдокарда? Агар ҳамаи давранишастагон ба аҳдашон меистоданд, олам гулистон мешуд, шумораи ёру дӯстон ҳисоб надошт. Барои нафс шуда, даст дастро мефишорад, лабҳо лабҳоро бӯса мекунад, забон гирди суханҳои сохта мегардад, дурӯғ мегӯяд.

Хуб дар ёд дорад, ки дар хурсандии фарзандободкунии як дорандаи мардумфиреб раисаш интихоб карданд. Не нагуфт.

Ба тӯй бисёр ҳамкорон ва ҳамтабақони доро омада буданд. Суханро ба ӯ доданд. Аз ҷой бархоста аввал ду ҷавонро, ки роҳи ҳаёти мустақилонаро пеш гирифтанд, табрик кард, ба онҳо бахту саодат орзу намуд. Баъд ба ситоиши аҳли оила, пеш аз ҳама сардори хонавода хӯҷаини бахши сохтмон Даврони Эмом гузашт. Ӯ низ чун каси аз дарахти тамаъ самардида шахсеро, ки тамоми умр ҳаққи мардумро хӯрда, мошинҳову хонаҳои дака-данг дорад, фиребгареро, ки ба ду фарзанди синфи нуҳуму даҳумаш мошини баландарзиши хориҷӣ харидаст ва дар зиндагӣ ягон камӣ надорад, устод ном гирифт. Ин кам набуд, ки: «Акои Даврон одами бузург аст, аз шохаи баланд мева мехӯрад» – гуфт ва боз илова кард… «Шахсан ман мехоҳам, ки писараш ҳам мисли акои Даврон ҳимматбаланд шавад, даврашро хуб гузаронад».

Ситоишу дурӯягӣ аз ин зиёд намешавад. Аз ҳамин сон умргузаронӣ, аз ҳамин хел пастӣ, марг беҳтар…

Шариф Назар аввал мардумро, баъд худро аз ҳамон зотҳои паст шуморида, маломат кард. Чаро даст додӣ, аз меҳру дустӣ сухан рафт, кала ҷунбонидӣ. Хомӯш меистодӣ, мемурдӣ? Чаро аз паи ваъдаҳои оншабина дигар нагаштӣ? Шаби бо Ҳалим нишастанаш хубтар ба хотир омад.

Он шаби зебои тобистон, ки осмон аз ахтарон гулдӯзӣ буд, насими форам бӯи гулу гиёҳро аз ҷониби кӯҳ меовард, дар рӯи суфраи зери маҷнунбед, ки аз бехаш шир-ширкунон оби ҷӯй мегузашт, нишаста хуб роҳат кард. Он шаб Ҳалим хуб хонд, овози ширадор ва навои ҷонгудози дутораш ба навои мурғакони раҳдур, чир-чиракҳо ва шир-шири баргҳои маҷнунбеду оби ҷӯй омехта, хаёли касро ба диёри орзуҳои кӯдакӣ, ба даргоҳи падарӣ, ба шабҳои маҳтобӣ, ба ҷустуҷӯи ишқи гумшуда мебурд. Мисли дигар ҳозирон болиштҳоро баланд монда: «зинда бошӣ, қанд зан, туро ҳаргиз фаромӯш намекунем» мегуфт. Дар лабони Ҳалим табассум гул мекард ва нигоҳаш бисёртар ба нигоҳи ӯ бар мехӯрд. Магар он лаҳзаи бозор ва воқеаи дар роҳ ба вуқуъ омада ба ёди Ҳалим омад, ки номашро пурсид ва гуфт, ки ӯро дар ким-куҷое дидааст. Шояд ба ёд овард, вале мардакро изо надиҳам гуфта, худро ношинос вонамуд кард. Хайрият, ки дар шабнишинӣ ҳамон ҷавони бепо набуд, вагарна…

Вақте ки хонадор дар табақе зардолуи қандак овард, ҳама ба зардолу часпиданд. Ҳалим бошад як зардолу хӯрду баъд чанд дона зардолуро об гардонда донакҳояшро ба даст гирифт ва ба ӯ рӯ овард: – Акаи Шариф, ҳота дорӣ?

– Ҳа, ҳотаи калон дорам. Дар деҳа бошию ҳота надошта бошӣ, муҳоҷират мекунанд.

– Ҳота, ки дошта бошӣ, ин донаҳои ба даҳон назадаро бурда шинон, ба пеши меҳмонҳоят айнан ҳамин хел зардолуҳо меорӣ.

– Ман дар хонаи қабатдор зиндагонӣ мекунам, ҷои дарахтшинонӣ надорам, агар медоштам, зардолубоғ бунёд мекардам. Акнун, ки шинос шудем, худро беҳота намешуморам. Бурда шинон, ман ҳам нахӯрам, дигарон мехӯранд. Фақат ин аз мо ёдгорӣ. Кӣ медонад, ки фардо боз дар куҷоем, қисмати мо чӣ гуна аст?..

Он шаб ба ҳамдигар даст доданд. Донаҳоро ба киса кард. Пагоҳ дар сари нонушто ҳам, дар вақти хайрухуш ҳам ваъда дод, ки зардолубоғ бунёд мекунад. Аз даҳ донак даҳ дарахти зардолу месабзонад. Дар баҳор, вақти гулкунӣ ҳотааш аз ҳама ҳотаҳо зеботар мешавад. Агар ҳама зардолуҳо ҳосил банданд, ба ҳар як одами деҳа як табақи зардолу мерасад…

Дар шабнишинии навбатӣ ба дигарон даст дод, боз ваъдаву паймон ва ситоишҳо сар шуд, нӯшбод гуфт. Хаёли шикам фурсати молидани чашму ба ёд овардани базми пешинаро надод. Ҷояшро боз хотираи навбатӣ гирифт, гуфтаҳои Ҳалимро аз ёд бурд. Оё зери як каф хок кардани донакҳо мушкил буд?

Вақте ки баъди як сол бо Ҳалим вохӯрд, аз торикии имон натарсида, дурӯғ гуфт. Вале таъкиди ошнояшро шунида, мабодо хабаргирӣ ояд гуфта, ба хона омадан баробар чун мурғи посӯхта ба ҳар канори ҳуҷра давид.

Донакҳоро аз киса наёфт, хуб фикр кард, ҷои гузоштаашро ба ёд овард. Дар токчаи болои дар монда буд. Даст-даст кард, чизе ба кафаш наомад. Асабӣ шуд, ғавғо бардошт. Баъд фаҳмид, ки ҳамсараш ҳангоми рубучини ҳуҷра ва тоза кардани токча донакҳоро ёфта: «ин кори кадом беақл» гуфтааст ва онҳоро ба ҳавлӣ партофтааст. Худро не, ҳамсарашро сахт коҳиш кард. Баъди ба худ омадан: – «Бало ба пасаш, оби рехтаро ҷамъ кардану донакҳои гумшударо ёфтан

душвор» – гуфт. Ва аз дил гузаронд, ки дар деҳа фақат бобои Мирзо зардолубоғи шириндона дорад. Аз мӯйсафед дона гирифта, дар ҷои онҳо мешинонад ва бо ҳамин худро дар пеши Ҳалим сафед мекунад. Донак ёфта овард ва ба кунҷи ҳота бурда шинонданӣ шуд, ки чашмонаш ба буттаи навруста афтод. Ба он хуб зеҳн монда, аз барор гирифтани кораш мамнун гашт. Хайрият, рӯзе Зафари даҳсола ҳамроҳаш ба ҳота даромад: «Ота, биё зардолуи маро бин, очам донакҳои аз тоқ ёфтаашро бори ман карда, ба ҳавлӣ партофт, ман бошам як донакашро гирифта шинондам, сабз шуд», – гуфт.

Он рӯз ҳам ба гуфтаҳои Зафарҷонаш он қадар эътибор надод. Дигар нафаҳмид, ки ниҳоли навруста дар чи ҳол аст, сабз аст ва ё заъфарон?

Хаёлҳои бесарунӯг Шариф Назарро обу адо карданд, чӣ кор карданашро надонист. Гӯё акси Ҳалим аз байни чорчӯбаи гирдаш матои сияҳдор не, балки тарҳи аслиаш аз пушти даричаи кушодае ба ӯ нигариста мегуфт: «Беаҳд, дурӯғгӯ. Имрӯз ҳам омаданат аз хотири Наим аст. Аввал бо ман, баъд бо бародарам шинос шудӣ. Имрӯз ба тамошои маросими дафни ман омадаӣ. Медонӣ, ки ман умри кӯтоҳро беҳуда нагузаронидаам, васфи халқу ватанро тараннум кардам, нақши қаҳрамонону ҷонфидоиён ва дигар сипосгузоронро офаридаам. Мурдаи маро бе туву дигар дӯстони забонӣ, ҳамсояҳо, халқ, ҳукумат гӯр мекунад. Ҳама меҳру муҳаббат ва гиряву нолаат дар баҳои эътиқоде, ки бо ту пайдо карда будам, ночизанд. Фаромӯш накун, ки қарздорӣ, қарздор…».

Шариф Назар боз талхтар гиристу гирист. Барои одамгарии Ҳалиму ноодамии худ гирист. Вақте ки мурдаро бардоштанд, аз як пояи тобут гирифт. Акнун ба пеши рӯяш Ҳалим не, ҳамон як ниҳолаки наврустаро овард. Дер боз хабараш нагирифтаам, сабз бошад? Наход Зафарҷон қисмати ниҳолашро ба дасти хазон диҳад? Не, ниҳолак сабз аст, албатта, сабз аст. Гирдашро шиғ мегирам, дарича мешинонам, бехашро нарм мекунам, обаш медиҳам, онро «Зардолуи Ҳалим» ном мегузорам.

Шариф Назар ҳамон пояи тобутро дигар ба дасти касе надода, дар роҳи кӯтал худро сабук ҳис мекард, озодона қадам мезад…

ҲАҶВИЯҲО

МАКТУБИ РАСМӢ

– Хотири ҷанобашонро озурда кардед. Дилашонро анори фишурда кардед. Он кас аз Шумо сахт ранҷидаанд. Кӣ будани шуморо хубтар фаҳмидаанд, – бо телефон таъкид кард дӯсти деринаам, ки вазифаи муовинии директорро ба ӯҳда дошт.

Ишораашро ҷиддӣ не, ҳазл пиндошта, ханда кардам.

– Нахандед, шӯхӣ надонед. Мақоли «Арбоб мезанад ба ҳар боб» – ро магар фаромӯш кардед? Метарсам, ки як рӯз не як рӯз аз пушти чунин масхарабозиатон дар бало мемонед. Боз таъкид мекунам, ки ҷанобашон баҳои кӣ будани шуморо аллакай додаанд.

Ҷиддӣ будани масъаларо дарк карда, худро ба даст гирифтам ва овоз баровардам: – Он кас кӣ будани маро фаҳмиданд, вале ман чи гуноҳ кардани худамро нафаҳмида истодаам.

Худро ба нодонӣ назанед, шумо аз ҳамааш бохабаред. Инро ба касе гӯед, ки шуморо нашиносад. Ман дар ин ҳолат, ҳарчанд кӯдакии мо якҷо гузашта бошад ҳам, сардори ба ҷон баробарамро монда, шуморо тарафдорӣ карда наметавонам. Фаҳмидед?

Ростӣ, маънии таъкиду ишораҳоятонро нафаҳмида истодаам. Хоҳиш мекунам, ки андак фаҳмотар гап занед.

Вақте ки пурсупос сар шуд, ҳамаашро мӯ ба мӯ мефаҳмед, бори хатои худро ба гардан мегиред, узр ҳам мепурсед.

Бори нахуст аз забони дӯсти деринаам Шӯҳрати Талаб, ки ба хотири манфиате моро монда, ба тарафи сардораш гузашта буд, суханҳои «хато кардед, гуноҳатон нобахшиданист» – ро, шунида, дар таҳлука афтодам. Ноилоҷ аз аспи ғурур фаромада, илтиҷо кардам, ки ба бандаи хатокарда мадад расонед. Ба масъалаи он хатои содиркардаам, ки аз хотир фаромӯш шудааст, равшанӣ андозед.

Ҳолӣ ҳам мехоҳед, ки бо баҳонаи фаромӯшхотирӣ ҳуқуқи худро муҳофизат намоед. Не, ҳаргиз бо роҳи ҳила ба кӯи мақсад намерасед. Шуморо ҳама фаҳмидагӣ, дигар найрангбозиҳои пешинаатон ба кор намеравад. Он чӣ коридаед, ҳоси-

лашро медаравед. Фаҳмидед! Агар нафаҳмида бошед, аз хотири ҳамон рӯзҳои ошноӣ такроран мегӯям, ки дар ҳамон мактуб нисбати ҷанобашон беэҳтиромӣ зоҳир карда, ба сардори дар мансабу мартаба аз худатон баланд, супориш додаед!

– Супориш надодаам, хоҳиш кардаам.

– Шароит таъмин намоед, – гуфтанатон, магар супориш нест?

– Мебахшед, агар ҳамон мактубро хонда бошед, дар аввали ҷумла «аз шумо эҳтиромона хоҳиш менамоям» – гуфтаам.

– Охир аз аввал фарқ дорад. Ҷанобашон маҳз дар қисми охири ҷумла таваққуф карда, аз ҳад зиёд хашмгин шудаанд. Хоҳед, ки санги гуноҳатон андак сабук шавад, ҳатман аз он кас бахшиш бипурсед. Дар ин кор метавонам бо шумо худи ҳамин лаҳза дасти мадад дароз намоям.

Ба бахти баланди шумо ҳоло он кас дар паҳлӯи ман, ҳама суханҳоятонро шунида истодаанд. Гӯшаки телефонро ба ҷанобашон медиҳам, шумо медонеду ҷанобашон.

– Ассалому алайкум, мӯҳтарам сардор. Банда осудаҳоливу хотири ҷамъи шуморо талабгор аст.

– Ташаккур. Вале росташро бигӯям, ба садоқат доштани шумо бовар надорам. Агар шумо ин гуна ният медоштед, ҳаргиз ба ман супориш намедодед, хотирамро озурда намекардед. Шуморо то имрӯз одами дуруст мепиндоштам, ба шумо андак ихлосу эътиқод ҳам доштам, акнун баъди ин мактуб доираи ақлу фаросататонро хуб фаҳмидам. Ба шумо, ба як муовини оддӣ, кӣ ҳуқуқ додааст, ки ба роҳбари як корхонаи калони мамлакат супориш диҳед? Хуб мешуд, ки пеш аз навиштани ҳамон мактуб кӣ будани марову худатонро муқоиса мекардед.

– Хато карда бошам, мебахшед.

– Хато аз ин зиёд намешавад. Ба шумо маслиҳат медиҳам, ки аввал навиштани мактуби расмиро ёд гиред ва баъд ба банда супориш диҳед.

– Як худи ишораи «шароит таъмин намоед» гуфтанатон супоришест, ки садҳо эҳтиромона хоҳиш карданро барҳам мезанад. Аз шумо ин гуна умед надоштам, маро сахт ранҷондед. Хулоса, супориши додаи шуморо аз дастам ояд ҳам, иҷро намекунам. Ва таъкид мекунам, ки дигар ба унво-

ни банда ин гуна мактуб навиштану супориш доданро бас кунед, – гуфт сардор ва ба давоми сухану узрҳоҳиям гӯш надода, гӯшаки телефонро ба ҷояш гузошт.

Ман бошам гӯшаки телефон дар даст худ ба худ гуфтам: – Хайрият, ки бо як мактуби дупула чеҳраи як мансабдори худпарастро шинохтам.

ГУМОН

Толори хурди маҷлисгузаронӣ. Даҳ-дувоздаҳ нафар нишастаанд. Роҳбари идора гиреҳҳои риштаи шикоятро кушодан мегирад, – Тарзи коргузорӣ ва риояи интизоми меҳнатии шумо талаботи маро қонеъ намегардонад. Аксариятатон саводи кофӣ надоред, дар бахши худ одамони тасодуфиед. Дар хусуси ҳар кадоматон хулосаи худро мебарорам. Айни ҳол «аз оғили холӣ гови шохзан беҳтар» – гуфта, ба ҳамааш тоқат карда гаштаам. Рӯзҳои наздик ин масъала роҳи ҳалли худро хоҳад ёфт.

Дар ҳамин лаҳза ба гуфти мардум одами аз ҳама наздиктарини раис Қодир Нодирзода зери лаб такроркунон дар дафтарчааш «Аз оғили холӣ гови шохзан беҳтар» навишта, дар гирди навиштаҷоташ хат мекашад. Хати кашидааш доирачаро мемонад.

Ҷавони қадбаланду гардандарозе, ки дар нисбати дигарон ростистодаро пеши рӯ меорад, гарданашро аз паси сари ҳампаҳлӯяш дароз карда, навиштаҷоти даруни доирачаро мехонад ва дар чеҳрааш гӯё аз кадомин бурде аломати шодӣ ҳувайдо мегардад. Баъд аз ин таваҷҷӯҳаш боз ҳам бештар гашта, дам ба дам ба навиштаҳои дигари даруни доирачаҳо чашм медӯзад. Нодирзода чизеро пай намебарад ва ба ӯ аҳамият ҳам намедиҳад.

Маҷлис ба охир мерасад. Раис ба ҳуҷраи корӣ меравад. Ҳамон қоматбаланди гардандарози дар навбат истода, ба назди раис медарояд.

– Мебахшед, вақти қимати шуморо гирифтанӣ набудам, вале маҷбур шудам, ки як гапи муҳимро ба шумо расонам.

– Марҳамат, агар ба манфиъати идора бошад, ман тайёрам, ки соатҳо шуморо гӯш кунам.

– Ин гап ба мафиъати худи шумо аст. Кайҳо мехостам, ки як мушоҳидаи оқибаташ нохуш, на танҳо нохуш, балки хатарнокро ба шумо бигӯям, боз ҷуръат намекардам. Вале имрӯз бетарафиро бевафоӣ шумурда, мехоҳам, ки он гапи муҳимро гуфта, ба ин васила меҳру садоқати худро ба ҷанобашон изҳор намоям.

– Марҳамат, бигӯед, «илоҷи воқеа пеш аз вуқӯъ», -гуфтаанд.

– Медонам, ки Қодир Нодирзода имрӯз одами аз ҳама обрӯманди идора ва шахси наздиктарини шумо ба ҳисоб меравад. Ҳамагон медонанд, ки ягон корро бе маслиҳати он кас намекунед. Вале баъди баъзе мушоҳидаҳо, хулоса баровардам, ки он кас нисбати шумо ягон зарра меҳру садоқат надорад. Ҳар сухане, ки аз даҳони шумо мебарояд айнан ба дафтарчааш навишта, дар гирдаш хат мекашад. Дафтараш пур аз доирача шудааст. Ҳамон эроду танқидҳое, ки нисбати кори шумо дар ҳафтаномаҳо пайдо мешаванд, гумон мекунам, ки кори Нодирзода аст.

– Наход Нодирзода ҳамин гуна хислат дошта бошад, ҳеҷ боварам намеояд.

– Бовар кунед, ҳамин гуна хислат дорад. Он кас каждуми зери бурёро мемонад. Каждум аввал навозиш карда, баъд неш мезанад. Агар дафтарашро дуздида оварда метавонистам, он гоҳ бе гуфтаи ман ҳам худатон баҳои он касро медодед.

– Нодирзода марди донишманд аст. Вале мегӯянд, ки «олим шудан осону одам шудан душвор». Баъди ин ишораи шумо ман ҳам гумон мекунам, он кас хислати гапчинию хабаркаширо дорад. Худи дирӯз ӯро даъват карда будам, аз ҷояш чандин маротиба хеста, ба ҳуҷҷатҳои рӯи мизам, ки ба ӯ ягон дахл надоштанд, чашм дӯхт.

– Раис, таъкид мекунам, ки аз Нодирзода эҳтиёт шавед, он кас то он ҷое, ки ман медонам, ба ҳар кор қодир аст.

Боз дар толори маҷлис. Раис сухан мегӯяд:

– Рафиқон, вақтҳои охир баъзе ҳамкоронамон иҷрои вазифаҳои хизматии худро фаромӯш карда, ба дигар корҳо машғуланд. Эроду танқидҳое, ки дар ҳафтаномаҳо пайдо мешаванд, аз худи машварати мо мавод мегиранд. Намедонам, ба кӣ бовар кунам. Ҳанӯз як суханро аз даҳон набаро-

варда, давомашро аз бозор мешунавӣ. Ин суханҳо пеш аз ҳама ба Нодирзода дахл дорад.

Ҳама сӯи Нодирзода чашм меафкананд, он кас худро ноҳинҷор ҳис мекунад.

Раис суханашро идома дода таъкид менамояд, ки Нодирзода аз вазифаи мудири шӯъба сабукдӯш карда шавад. Хоҳад мутахассиси оддӣ кор кунад, нахоҳад чаҳор тарафаш қибла.

Нодирзода оҳиста аз ҷояш бархоста, – Ман дигар ба ин тӯҳмату сиёҳкуниҳо тоб оварда наметавонам. Беҳтараш маро аз кор озод намоед, – мегӯяд ва аз толор баромада меравад.

Баъд аз чанд рӯз Нодирзода боз дар қабулгоҳи раис пайдо мешавад.

Раис ӯро қабул карда: – Ҳа, пушаймон шудӣ? Пештар мегуфтанд, ки моргазидаро хоб мебараду гушнаро не. Акнун мегӯянд, ки гушнаро хоб мебараду аз вазифарафтаро не. Дуруст?

– Не, ман аз рафтанам заррае пушаймон нестам, ҳамту барои дидани шумо ва ҳамкорони қадрдон омадам.

– Ҳеҷ кас бе ягон мақсад ба ҷое намеравад. Фаромӯш макунед, ки ман ба шумо ихлосу эътиқод доштам. Хато аз худатон гузашт. Одаминро як хатои карда душман мешавад, мегӯянд. Подоши оқибати навис-навис ва ошкор кардани сири идора ҳамин аст.

– Раис, кодом навис-навис, маънои ишораатонро нафаҳмида истодаам.

– Худро ба нодонӣ мазанед. Ҳамон гапҳои коғазпечи маро ба дафтарчатон навиштану ба гирдаш хат кашида, дафтарчаро пур аз доирача кардан магар шарт буд. Беҳтараш камбудиҳои идораро ба худи ман мегуфтед ва дар ҷояш ислоҳ мекардем, нуран ало нур мешуд.

– Акнун фаҳмидам, ки сабаби аз кор озод шудани ман дар куҷо будааст. Маълум шуд, ки маро ҳам нотавонбинон фурӯхтаанд. Ман, мӯҳтарам раис, ба забони давлатӣ озод ҳарф зада наметавонам, зеро ки дар мактаби русӣ таҳсил кардаам. Вақте ки шумо сухани худро бо овардани панду мақолҳо тақвият медодед, ба ман хуш меомад ва он гуфтаҳоро зуд дар дафта-

рам навишта, ба гирдаш хат мекашидам ва аз ёд мекардам. Ба он хотир, ки ман ҳам дар як бахш роҳбар будам, бояд забони давлатиро медонистам. Мехостам, ки ҳангоми аз сари минбар сухан ронданам, суханам ширину таъсирнок бошад ва касе ба ман эрод гирфта натавонад.

Раис ба дарёи андеша ғӯта зада, баъд аз лаҳзае сарашро боло бардошта: – Майлаш, кори шудагӣ шуд, ман фармони баровардаамро бекор мекунам.

– Хоҳиш менамоям, ки хато ҳам карда бошед, фармони худро нисбати банда дигар макунед. Роҳбар бояд гаправ набошад, аввал сарчашмаи ҳар хабари шунидаро санҷад, баъд амр барорад. Агар амри баровардаашро дигар кунад, обрӯ намегирад – Ман боз мегӯям барои аз вазифа сабукдӯш шаданам афсӯс намехӯрам. Маро танҳо хотири ин коргоҳи муқаддас ва ҳамқисматӣ бо ин мардум дар ин корхонаи музди заҳматаш ночиз нигоҳ медошт. Имрӯз низ ҳамин қадрдонӣ маро ба ин ҷо овард. Мехоҳам, ки аввал бо шумо ва ҳамкорон харухуш карда, баъд ба кори навам шурӯъ намоям. Пешниҳоди ман дар озмуни байналхалқӣ ҷои аввалро гирифт ва маро бо маоши калон ва таъмини имтиёзҳо ба кор даъват карданд. Дар он ҷо низ пеш аз ҳама манфиъати Ватанро ҳимоя карда, ҷои сабзида ва ҳамкорони деринаро фаромӯш намекунам. Хайр, майлаш, раис, сӯҳбат боқӣ, ман бояд зудтар рафта, тараддуди сафарро бубинам.

Қодир Нодирзода аз дар мебарояд. Раис ғазабомез рақами телефон гирифта, амр медиҳад: – Худи ҳозир сабаб-пабаб наҷуста, фармони аз кор озод шудани Маҳмуди қаддарозро бароред ва барои имзо биёред.

МАШВАРАТИ ТАНБАЛОН

Толор. Минбар. Мизу курсӣ. Дар поён танбалон. Раисро ду танбали дигар дар курсии чархдор бо дили нохоҳам оварда, ҳаш-ҳашкунон баргашта мераванд. Раис дар паси мизи саҳна. Қомати хамашро андак рост карда, ба толор менигарад ва мегӯяд: – Ҷудо ҳам камем ку.

Аз поён овоз ба гӯш мерасад: –Бисёрему ҳамаамонро якбора дар як ҷо ҷамъ овардан мушкил.

Раис: – Аз ин пас, рафиқон, дидори ҳамдигарро қариб ҳар рӯз мебинем. Гап дар сари он ки ҳизби моро ҳам ба қайд гирифтанд. Дигар мо озоди мутлақ нестем, дар назоратем, ба чӣ кор машғул буданамонро мепурсанд. Ба хотири ҳамин бинои барои ҳизб ҷудошуда, маҷбурем, ки ҳар рӯз ба ҷои кор биёем. Мақсади машварати аввалинамон тасдиқи нақшаи корӣ ва муайян кардани рӯзи гузаронидани анҷумани якуми ҳизб. Хуш, ки бошад барои гузаронидани машварати аввалин кӣ чӣ таклиф дорад?

Аз ҳар тарафи толор мағалкунон: – Барои як бино шуда озодии худро барбод додану машварату анҷуман гузарондан магар шарт аст.

Раис: – Албатта шарт аст, ҳизбдорӣ бе риояи тартиботу талабот намешавад. Барои гузаронидани машварат бояд раис, ҳайати мушовара ва котиб интихоб намоем. Касоне, ки ба рӯйхат дохил мешаванд, бояд ба боло гузашта, дар бари ман нишинанд.

Аз поён: – Аз ҷо хестану ба зинаҳо по монда, ба боло баромадан ин ба гуфтан осон. Беҳтараш моро аз ҷоямон наҷунбонед.

Раис: – Шуд, шуд мағал накунед, дар ҳамон поён ҳам шинед, мешавад. Шумо Мастонабону қоғазу қалами додагиямро гирифта, фикру дархостҳои рафиқонро нависед.

– Ман қоғазу қаламро бори зиёдатӣ гуфта наовардам. Ғайр аз ин ба гуфти худатон, ҳусни худам хуб бошад ҳам, ҳусни хатам он қадар хуб нест. Беҳтараш Абутанбал нависанд, – карашмакунон мегӯяд Мастонабону.

Абутанбал: – Ту ҳам хушбахтӣ, ки ҳусни хати бад дорӣ, ман бошам тамоман навишта наметавонам.

Раис: – Майлаш, нанависед ҳам суханҳои гуфташударо ба хотир гиред, мешавад. Хӯш, ки бошад , ба кори асосӣ шурӯъ мекунем. Азбаски шумо ба боло набаромадед, маҷбурам, ки худам ба худам сухан диҳам. Сухан ба раиси ҳизби танбалон Улфатшоҳ Коргурезов. Аз ҷо нахеста гап занам, розиед.

Танбали 1 : – Розием, худнамоӣ ба кӣ лозим!

Раис: – Рафиқон, замон дигар шудааст, аз мо кор талаб мекунанд, бояд интизому нақшаи корӣ дошта бошем. Рӯирост мегӯем, ки рӯзи душанбе рӯзи аз ҳама вазнин аст, маҷлисгузаронӣ, ҷамъбасти ҳафтаи корӣ.

Сешанберо рӯзи нобарориҳо мегӯянд, бояд дар ин рӯз эҳтиёткор бошем.

Танбали 2: – (аз ҷо нахеста): – Рӯзи Душанбе, ки рӯзи вазнини корӣ бошад, албатта рӯзи сешанбе нобарорӣ мешавад. Баъди кори вазнин ҳатман истироҳат кардан лозим. Беҳтараш аз баҳри ин рӯзи хатарнок гузарем, чӣ гуфтед, шербачаҳо?!

Танбали 3: – Рост, рост, барои он ки аз таҳдиди хатар эмин бошем, бояд рӯзи сешанбе дам бигирем.

Раис: – Майлаш, ғавғо накунед. Рӯзи чоршанбе рӯзи корӣ, баъди дам гирифтан бояд дучанд кор кунем.

Ин суханҳо ба танбалон намефорад, авзояшон дигар мешавад.

Раис суханашро давом медиҳад: – Рӯзи панҷшанбе, ки бисёр рӯзи бобарор аст, бояд доди корро диҳем.

Танбали 4: – Рӯзи чоршанбе, ки дучанд кор кунем, рӯзи панҷшанбе чӣ хел доди корро медиҳем.

Танбали 5: – Баъди кори вазнин, агар ҳатман дам нагирем, ба нафақа расиданамонро Худо медонад.

Раис: – Майлаш, имтиёз медиҳам, рӯзи панҷшанбе кор намекунем, лекин рӯзи ҷумъа бояд нақшаи корӣ ду рӯзро иҷро намоем.

Танбали 6 овоз бароварда: – Раис, фаромӯш накунед, рӯзи ҷумъа рӯзи истироҳати тамоми мусулмонон аст.

Алҳамдуллилоҳ мо мусулмонем ва бовар дорам, ки шумо ҳам мусулмонед. Дар рӯзи одина кор кардан гуноҳи азим аст.

Раис: – Монед ин баҳонаро.

Танбали 7: – Мебахшед, раис, ба хотири обрӯи дупулаи як ҳизб шуда, худро ғарқи дарёи гуноҳ карданӣ нестем.

Раис: – Ин тавр, ки бошад, рӯзи шанбею якшанбе кор мекунем.

Танбали 8 базӯр худро ҷунбонда: – Агар тарсончакӣ накарда, ҳақикатро гӯем, рӯзи шанбе кирои омадану рафтан нест.

Танбали 9: – Ҷони гапро гуфтед. Барои ним рӯзи корӣ шуда, аз хоб хестану рӯ шустану либос пӯшидан ва ба роҳ баромадан арзиш надорад.

Раис: – Майлаш, ман тарафдори шумо, рӯзи якшанбе чӣ.

Танбали 10: – Аз рӯзи якшанбе алҳазар. Алҳазар аз якшанбеи хунин. Ман ку нахондам, вале шунидам, ки якшанбеи хунин сари бисёриҳоро хӯрда будааст.

Танбали 11: – Хуб андеша кунед, раис. Худо накунаду дар ин рӯз ягон воқеаи нохуш рӯй диҳад, пеш аз ҳама шумо ба хунамон зомин мешавед. Ғайр аз ин дар рӯзи якшанбе тамоми халқи ҷаҳон истироҳат кунанду мо кор. Агар ин хабарро расонаҳо паҳн кунад, ба сари мо не, ба сари шумо борони таънаву маломат мерезад. Беҳтараш меъёрҳои байналхалқиро риоя карда, аз баҳри кори рӯзи якшанбе ҳам гузарем.

Раис (даст ба пешонӣ бурда): – Ин ҷиҳаташ ҳам ҳаст. Хулоса, рӯзи душанбе маҷлиси ҷамъбасти ҳафта ва рӯзи чоршанбе рӯзи меҳнати диловарона. Касе, ки тарафдори тасдиқи ин нақшаи корӣ бошад, мепурсам даст бардорад.

Танбалон: – Раис, як лаҳза истед, саросема нашавед, як чизро аниқ кардан зарур.

Раис: – Боз чиро?

Танбалон: – Ҳар рӯзи чоршанбе кор мекунем?

Раис чӣ гуфтанашро намедонад ва дидаи ҳайрат ба аъзоёнаш медӯзад.

«ҶИНОЯТКОР»

Супориш додам, ки дарахти бар асари барф хамзадаи бораш ба торҳои симчӯб ва ба арчае афтодаро аз реша ҷудо намоянд. Зеро ки ин дарахт барои раҳгузарон ва мактаббачагон, ки аз тагаш мегузаштанд бисёр хатарнок буд. Супориш додаму дар бало мондам.

– Ба кӣ мегӯӣ арзи дилатро, ба кӣ мефаҳмонӣ нияти некатро? Ба намояндаи муҳофизати зист? Ба сардори идораи истифодабарии роҳҳо?

Хайрият, ки намояндаи идораи муҳофизати зист одами андак ба гап наздик будаст, то андозае раҳму шафқат даштаст. Вале хӯҷаини идораи истифодабарии роҳҳо аз аспфурояд ҳам, аз эзангу фаромадан намехост. Вақти салом мани гунаҳкор базӯр нӯги ангушташро дошта тавонистам. Аз қошу қавоқи абрмонандаш барфу борон мерехт.

– Бояд моро огоҳ мекардед, мактуб менавиштед. Худсарона дарахтро, ки буридед, дар назди қонун ҷавобашро мегӯед – таъкид кард сардори идораи истифодабарии роҳҳо.

– Мебахшед, ман огоҳкунанда не, агар коргари идораи шумо мебудам, гапи дигар, бояд худатон аз қисмати дарахтонатон бохабар бошед.

– Коргари мо ҳастед ё нестед, ин аҳамият надорад, барои мо ҷиноят содир карданатон кифоя. Акнун рафта бо ду дасти адаб ҷаримаи дарахти буридаатонро месупоред, – гуфт ба ман ва баъд ба аррадор ишора намуд, ки зудтар дарахтро ду қисм кунанд.

Коргарони мо аз тарс роҳбари худро фаромӯш карда бо арраи худию табари иҷорагирифта паи иҷрои амри ӯ шуданд ва дарахти бо заҳмат буридашударо ба як мошини боркашони овардаи эшон бор карданд. Ба ҷои ташаккур аз он кас, ки тори буруташро табар намебурад, дигар ҷиноятқорӣ накунед, – шуниданд.

- Мебахшед, хато аз мо гузашт, мактуб накардаем, вале пеш аз он ки ин дарахтро аз реша ҷудо намоем, ҳолати афтоданашро ба навор гирифтем. Далел дорем. Шумо бошед«худамон шоҳу табъамон вазир» гуфта, ҳар сол бе ягон далел кадом шохаи дарахтеро хоҳед, аз бех мебуред. Бурида ҳезум мекунед, ба куҷо месупоред, ё мефурӯшед, худатон медонеду инсофатон. Ғайр аз ин ҳар сол барои ҳисобот ҳазорҳо бех ниҳол харида мешинонед, нархи ҳар ниҳол ба худатон маълум, вале аз сабзидану хушкиданаш бехабар мемонед. Агар ҳисоботи панҷсолаи кабудизоркунии Шуморо ба эътибор бигирем, бояд кӯчаву хиёбон ба ҷангал табдил меёфт. Вале боз ҳамон 50-100 дарахти пири аз дигарон меросмонда асту халос. Арчаҳои соли гузашта шинондаатон куҷост? Маблағҳои барои ин кор беҳуда сарфшударо кӣ ҷуброн мекунад? Магар ин ҷиноят нест?

Сардори идораи истифодабарии роҳҳо баъди фаҳмиданинавор доштанамон ва шунидани ин муқоисаҳо аз аспи ғурур фаромада, андак мулоим шуд. Намояндаи муҳити зист бошад, «шумо моро нашиносед ҳам, мо шуморо мешиносем. Ягон фикр мекунем ва роҳи ҳалли масъаларо меёбем» гуфта, ришгаи суханро ба дасти худ гирифта, ба сардори идораи истифодаб-

арии роҳҳо имкони даҳон кушодан надод. Ва ӯро ба ҳоли худ гузошта, мисли соя бар-бари ман ба дафтари корӣ омад.

Намоянда бароҳат дар курсӣ нишаста, аввал дар варақе ким -чӣ навишт ва баъд ба ман рӯ оварда гуфт:

– Шумо сардоред, одами машҳуред, биёед дар ҳуҷҷат номи ягон коргари номаълумро нависем. Ҳам ба шумо гап намерасад ва ҳам маблағи ҷарима камтар мешавад.

– Дарахтро маҳз бо супориши худи ман аз реша ҷудо карданд, чӣ хел бори гуноҳамро ба дӯши бегуноҳе партофта, номи дигареро доғдор мекардаам?

Ба номи шумо ҳуҷҷат кардан хубӣ надорад, беҳтараш роҳеро бикобем, ки ҳар ду бурд кунем.

Аз шунидани ин суханҳо, ки бӯи манфиатҷӯӣ дошт асабӣ шуда, гуфтам: – Чӣ хел, ки қонун талаб мекунад, ҳамон хел ҳуҷҷат тартиб диҳед, ман розӣ, имзо мекунам.

– Мувофиқи қонун амал кунем, ба Шумо гап мерасад.

– Ман ҳам чанд муддат аз касе гап нашунида, худро бад ҳис мекардам. Акнун, ки имкон шуд, мехоҳам аз косаи шарбати сарзанише бебаҳра намонам.

Намоянда аз ноилоҷӣ варақашро ба рӯи миз гузошт ва ишора кард, ки ҷои нишондодаашро пур кунам.

Ман бошам дар панҷоҳ соли умрам бори нахуст дар зери вожаи «Ҷиноятқор», чунин навиштам: «Агар ҳамон 400 дарахти дар як сол сабзондаам ҷои як дарахти афтодаро иваз карда натавонад, худро гунаҳгор меҳисобам» ва имзо гузоштам.

«ИШТИБОҲ»

Даврони Мансур баробари аз даричаи ҳавлӣ сар дарун кардан, дар рӯ ба рӯ ҳамсарашро дид. Бибимоҳ омадани шавҳарашро аз шунидани овози мошин фаҳмида, барои муборакбодӣ зуд ба ҳавлӣ баромад. Ҳатто аз ғояти шодӣ ва саросемагӣ ду калуши якхелаи дар андоза гуногунро пӯшида буд.

– Шерӣ, муборак шавад.

– Ташаккур. Акнун қоил шудӣ, ки бори сеюм ҳам ба рақибон ғалаба карда, курсии мансабро аз даст надодам. Ба гуфти шумо «шерӣ» насибам шуд.

– Рост, азобҳои якмоҳаи такудав ва бехобиатро дидам. «Бубину мадад расон» гуфтанатро даҳҳо маротиба шунидам.

– Замона ҳаминро талаб мекунад. Шерӣ бе рӯбоҳӣ намешавад, «обро лой карда, моҳӣ гир», гуфтаанд ва баъд изҳор кард, ки бисёр хаста шудааст, фақат хобидан мехоҳад.

– Хоб намегурезад, ман барои аз нав раис интихоб шуданатон, дастархони махсус оростаам, хӯроки пухтаамро начашед, малол мешавам.

Даврони Мансур ба ҳуҷрааш, ки ғайри ҳамсараш касе ҳуқуқи кушодани дарашро надошт, даромада, зуд либосашро иваз кард.

Марди дар либоси корӣ, костюму шими сиёҳ, куртаи сафеду гарданбанди сурх, ки ба ӯ шукӯҳу шаҳомати дигар мебахшид ва фарбеҳияшро андак назарногир мекард, баъди пӯшидани либоси хонагӣ ба як суроби бадафт табдил ёфт. Шиками дами ба халтаи дӯғ монандаш, пеши хилъаташро кушодатар мегирифт. Вақте ки рӯи курпача менишаст, шикамаш як лаби дастархонро иҳота мекард. Барои ҳамин бештар дар паси миз менишаст. Аз ҳад зиёд фарбеҳ шуда буд Даврони Мансур. Барои осон даромадану баромадан даричаи якранги ҳуҷраи хобашро ба дари паҳнбару баланди кандакорӣ иваз кард. Хулоса, Даврони Мансур ба паси мизи пур аз хӯрданиҳои иштиҳоовар нишаст. Ҳанӯз даст ба нон набурда буд, ки телефони дастияш садо бароварад: – Гӯш мекунам, ман бенамак нестам, наход Нормуроди Сӯюнро нашиносам.

– Бори дигар табрик, раис. Медонам дар ин соати шаб ташвиш додан аз рӯи одоб нест, вале маҷбур шудам. Занг задан сабаб дорад. Мехоҳам фаҳмам, ки шумо барномаи « Ахбор»-и охиринро дидед?

– Дар роҳ будам, надидам, чӣ буд, ҷаласаамонро нишон доданд?

– Ҷаласаро камтарак нишон доданд, лекин аввал фармони аз кор гирифтани ошнои худамонро қироат карда, ҳатто бо сабаби ба кори дигар гузаштанашонро нагуфтанд ва ба ҷояш бародари Санавбари Забирро вазир таъин карданд.

– Майлаш, боз дар алоқа мешавем, – гуфта тугмаи телефонашро зер кард раис ва ғӯрғуркунон: – Бефаросат, дигар гап

наёфтӣ, ки ҳамин хабари нохушро расондӣ, – гӯён Даврони Мансур даст ба пешонӣ бурд ва аз дил оҳи чуқур кашид.

– Ҳайфи боғу хонаи дуошёнаи шашҳуҷрадор. Чи тавон кард, ки ҳеҷ кас пешомадро намедонад. Агар медонистаму як ҳафтаи дигар сабр мекардам, кор ранги дигар мегирифт. Саросема шуда, ҳуҷҷатҳои хонаву заминро бо ду дасти адаб ба вазири пешина супоридам. Ба рад карданаш эътибор надода, маҷбуран ҳукми худро баровардам: – Фурсати ба он мавзеъ рафтану ҳавсалаи дар замин кор карданро надошта бошед ҳам, парво накунед. Худамон мекорем, нигоҳубин мекунем, ҳосил мебардорем, маблағи даромадро ба шумо месупорем. Илтимос мекунам, ки не нагӯед, бигиред, ягон вақт лозим мешавад . Кори шудагӣ шуд, ҳуҷҷатҳои ба ҳукми қонун даромадаро бозпас гирифта наметавонад. Бало ба пасаш, аз сараш монад ҳамон боғу хона. Чӣ кунад, ҷанг бе қурбонӣ намешавад. Дар умраш, бо ҳама об кардани илми манфиатҷӯӣ, ӯ ҳам як бор не, чандин маротиба фиреб хӯрдааст, – тасалло дод худро Даврони Мансур. Ба хотири пӯшондани дуздиҳо чандин корхонаи хусусикардаро, ки амволи худаш ҳисоб меёфтанд, ба одамони даркорӣ ҳадя кард ва барои аз об хушк баромадан замина гузошт. Ҳатто истироҳатгоҳи дар беҳтарин мавзеъ ҷойгирашро ба як тафтишгари бузург бахшид. Доро шудану зина ба зина боло рафтанашро дар хизмати мақсадноку манфиатдор мебинад Даврони Мансур. Агар ин роҳро пеш намегирифт, як умр боркаши қатории соҳа мемонд. Бо пул на танҳо ҷиноятҳои содиркардаашро пӯшонд, балки барои амалӣ шудани нақшаҳояш пуштибон ёфта, ҷойҳои мададгорону устодонашро гирифт ва оқибат ба курсии раисӣ нишаст. Таҷрибаи ғоратгарӣ, ки дошт, баъди соҳиби мӯҳр шудан дар муддати кӯтоҳ ҳама хароҷоташро ҷуброн ва дороии худро афзун кард. Барои дар мансаб мондан аз баҳри таърифҳои болохонадору пӯшидани ҷомаи зарҳалин ва дигар инъомҳои ба нафақа гусел кардан гузашта, ду маротиба шиносномаашро иваз ва ҳуқуқи дар вазифа монданашро таъмин намуд. Вале бори сеюм ин корро карда натавонист, зеро аз тарҳи рӯ ва ожангҳои пешонӣ синну солаш маълум мешуд. Ягона роҳи ба нафақа набаромадан дили зердастони тамаъҷӯро ёфта, аз нав интихоб шудан буд. Роҳи дар овоздиҳии

пиҳонӣ ғолиб шуданро ҳам ёфт. Ҳамроҳи шахсони бовариноку балегӯяш овозҳои рақибони беиродаро харид. Баъди интихоб шудан «худам шоҳу таъбам вазир» гуфта, ҳайати нави аъзоёни раёсатро интихоб кард. Номзадҳои пешниҳодкардаи шӯъбаҳо, хусусан, номи собиқадори соҳа Санавбари Забирро ба рӯйхати овоздиҳӣ дохил накард. Ошкоро гуфт, ки вай ягона зани мутахассис ва собиқадори соҳа бошад ҳам, ғайри иғвогарӣ ва кобушӯркунӣ балоро намефаҳмад. Сабаби аз нафақаи иловагӣ маҳрум шуданаш ҳам дар ҳамин аст.

Баъд баҳои дар ҷамъомади маслиҳатӣ ба Санавбари Забир додаашро ба ёд оварда, хайрият, ки номбурда ҳуқуқи иштирок кардан надошт, безобита шуд. Мабодо касе хабар бурда бошад гуфта, аз баҳри хӯрдан гузашт ва ба ёрдамчиву сармуҳосиб, ба котиби ҷаласаю шумораидагони овоз ва дигар шахсони гапгираш телефон кард. Мӯҳтавои таъкидаш ҳалли як масъалаи оҷилӣ буд. «Иштибоҳ шудааст, ман аз парешонӣ Санавбари Забирро кадом корманди дигари идора гумон карда, аз рӯйхати узвият хат задам. Вай зани кордону маслиҳатдеҳ ва аз ҳама муҳимаш одами хоксор аст. Дарҳол, нисфи шаб ҳам бошад ҷамъ омада, хатои содиршударо ислоҳ кунед…» Ҳар гоҳе, ки аз забони зердастон «бародараш ҳам одами калон шудааст» мешунид, лангари суханро дуртар партофта, «ба бародараш корам чӣ ?» мегуфт ва телефонро хомӯш мекард.

Охирин супоришро ба сармуҳосиб дод. Амр кард, ки то субҳдам пули нафақаи иловагии чандинсолаи Санавбари Забирро пайдо кунад. Бо вуҷуди ҳама таъкидҳо мисли каси дар пӯстинаш кайк даромада, то дами мурғфарёд хобаш набурд. Ҳанӯз субҳ надамида, худро дар паси дари хонаи Санавбари Забир гирифт…

МАҶЛИСИ НОСКАШҲО

Пешакӣ таъкид карда будем, ки носҳоятонро кашида, хуморро бартараф карда, баъд ба толор дароед. Лекин мебинам, ки баъзеатон ҳолӣ ҳам додугирифтатонро идома дода истодаед. Одами дуруст дар куҷо будан ва чӣ хел рафтор карданашро бояд донад. Ин ҷо толори маҷлисгоҳ аст, варзишгоҳ нест. Хоҳиш мекунам, ки пеш аз ҳама худатон ва

мақоми баланди намояндагиро ҳурмат ва ба хомӯшӣ риоя карда, обрӯи созмонро нарезед. Касе, ки тоқати хомӯш нишастану гӯш карданро надорад ва ба пеш бурдани кори ҷаласа халал ворид менамояд, метавонад аз толор баромада биравад. Хуш, ки бошад ба кори ҷаласа ҳусни оғоз мебахшем.

Рафиқони азиз, боиси ифтихор аст, ки баъди қабул шудани қонун дар бораи дар ҷойҳои ҷамъиятӣ накашидану напартофтани тамоку нахустин шуда мо ҷаласа мегузаронем ва ин иқдом хоҳу нохоҳ дар ягон саҳифаи таърихи мамлакат сабт мешавад. Фаромӯш набояд кард, ки носи тозаро ҳам аз маводи тамоку истеҳсол мекунанд ва он аз сигор дида, муҳитро ифлостар мекунад. Агар тоза нигоҳ доштани муҳитро сарфи назар кунем ҳам, риояи талаботи ин қонун барои мо бисёр манфиатнок аст. Мо бояд ба таваҷҷуҳи аъзоёни худ, аз марказ сар карда, то охирин бахши музофотиамон расонем, ки носи кашидаашонро дар боғу гулгашту роҳу раста ва толор не, дар ягон гӯшаи чашмнорас туф карда, кори минбаъд ҷамъ овардани партобро мушкил нагардонанд. Медонем, ки риояи ин тартибот зарурияти ихтисори ҷойҳои корро ба миён оварда, осудаҳолии бисёр кормандони идораи хоҷагии коммуналиро барҳам мезанад. Лекин зарар дидану зарбаи сахти зиндагӣ хӯрдани онҳо барои мо аҳамият ҳам надорад. Ҳоло замоне шудааст, ки ҳар кас аробаи худашро кашида, барои бурд ва доро шуданаш мубориза мебарад. Мо ҳам ба мақсади рушди тиҷорати худ ва амалӣ гардидани дурнамоямон, созмон ташкил додем. Ба ин васила метавонем, ки ҳам пули носи кашидаамонро ҷуброн ва ҳам сатҳи камбизоатии худро хеле паст фарорем. Ин ҳама, албатта, ба саъйу кӯшиш ва маҳорати касбии мо вобастагӣ дорад. Аз рӯи дурнамо ҷиҳати аз нав ҷамъ карда, ба марказ супоридани партобҳои нос аъзоёни ҳар бахш бояд талош варзанд ва кӯшиш намоянд, ки ягон зарраи ин маводи дар замони мо хушхарид дар коғазҳову қуттиҳо намонад. Мо маводи ҷамъовардаро ба ширкатҳои дорусозии мамлакатҳои пуркудрат фурӯхта, таҳи пул мемонем, пули одӣ не, асъори хориҷӣ.

Ростӣ, шахсан ман ба омор, ки изофаҳоро гоҳо пинҳон медорад, он қадар бовар надорам. Ба ҳисоби худам носи ҳар

рӯз кашидаи аъзоёни расмии мо 20 тоннаро ташкил медиҳад. Дар як моҳ 600 тона мешавад. Агар мо ҳар моҳ ба ҳисоби миёна 500 тона партови нос ҷамъ оварда, фурӯшем, аз ин ҳисоб метавонем иқтидори молиявии созмонро мустаҳкам карда, ба ҷои дӯконҳои хурди хонагӣ мағозаҳои калони носфурӯшии замонавӣ кушоем ва дар барҳам задании сафи бекорон саҳм бигирем. Ҳамчунин метавонем, ки таҷрибаи истеҳсолкунандагону носкашони машҳурро тарғиб карда, сафи муштариёнро зиёд намоем. Баробари афзудани теъдоди носкашон ва таъмини шароити онҳо имконияти кушодани мактаби махсуси носкашӣ низ пайдо мешавад. Ҳатто метавонем, ки озмунҳои носкашони беҳтарин ва муаррифӣ намудани носи хушсифати дар бозори ҷаҳон рақобатнопазирро, ки яке аз ҳадафҳои созмони мост, ташкил намоем. Ин ҳама воситаи таъсис додани ҷойҳои нави кор ва пеш бурдани рӯзгор хоҳад шуд. Аз рӯи носҳои кашида, маълум мешавад, ки теъдоди дандонзардоне, ки аъзои созмонанд, аз панҷсад ҳазор кам нест. Дар ин бобат ҳам метавонем пешгом ва парчамбардор шуда, чанд курсиро дар парламент низ соҳиб гардем ва дар таҳияи лоиҳаҳову тасдиқи қонунҳо дасти дарозу овози ҳалкунанда дошта бошем. Ғайр аз ин агар ҳар кадоме яксомонӣ аъзоҳақӣ супорем, ҳар моҳ ба хазинаи мо панҷсад ҳазор сомонӣ ворид мегардад, ки ин пули андак нест. Мо барои махфӣ мондани баъзе асрори идоравӣ, хабарнигоронро ба маҷлис даъват накардем. Барои ҳамин, – шумо намояндагон, ба аъзоёнамон расонед, ки аз зард шудану рехтани дандонҳояшон изҳори нигаронӣ накунанд. Пул, ки бошад, натанҳо дандон, балки ҷоғро ҳам иваз кардан мумкин аст. Кирмҳое, ки ба дандонҳои мо ҳуҷум мекунанд, пеш аз ҳама сари худашонро мехӯранд.

Боз меоем ба сари мақсади асосӣ. Агар фурӯтар андешем, худи масъалаи ҷамъу фурӯхтани партови нос чандин паҳлуи дигари манфиатовар дорад ва оқибат исбот мешавад ки: – Мо метавонем!

Хулоса, мақсади ҷамъомади аввалини мо ҳамин буд. Баъд аз ба тартиб овардани ҳуҷҷатҳои расмӣ, гузаронидани маҷлисҳои бахшҳои музофотию марказӣ ва пешниҳоди вакилон нахустин анҷумани созмонро хоҳем гузаронд. Агар саволҳо бошад,

марҳамат, савол, ки набошад, аз рӯи ҳамаи ин гуфтаҳо қарори дахлдор қабул карда, бо ҳамин кори ҷаласаро ба поён мерасонем. Ба ҳамаи шумо, ки соате бе нос тоқат карда, дар ҷаласа ширкат варзидаед, ташаккур изҳор менамоем.

ИҒВО

Сардор дар идора нишастааст. Садои дар ба гӯш мерасад.

– Марҳамат, дароед.

Сардор сарашро бардошта Табарзодаро мебинад ва табъаш хира мешавад.

Табарзода инро ҳис карда, луқма мепартояд: –

Медонам, дидори маро дидан намехоҳӣ, хусусан, дар оғози Соли Нав, лекин чи илоҷ?

– Не, не, ин тавр нагӯед. Мо ҷӯраҳои деринаем.

– Ҷӯра, ки мебудед, хоҳишамро иҷро мекардед.

– Вақте ки имкон доштам, чандин хоҳишатро иҷро кардам. Духтари язнаи бачаи холаву писари домоди тағоятро ба кор гирфтам. Ҳоло имкон надорам, хоҳишатро иҷро карда наметавонам.

– Наход барои ба ман додани ҳамон вазифаи гуфтагиям зӯрат нарасад?

– Зӯрам мерасад, вале дилам намешавад. Охир он кас мутахассис, шумо бошед аз асрори он соҳа тамоман хабар надоред. .

– Майлаш, ихтиёратон. Лекин таъкид мекунам, ки сари ин масъала хуб андеша кунед, боз пушаймон нашавед. Шумо Табарзодаро аз ҳама хубтар мешиносед ва медонед, ки аз даставш ҳар кор меояд. Фаромӯш макунед, ки ҷамъбасти сол наздик аст, боз аз ҳамин курсӣ намонед.

– Натиҷаи корҳоям хубанд.

– Хубро ҳам нохуб кардан мумкин. Агар як маротиба туро фурӯшам, то рӯзи қиёмат харидор намеёбед.

– Менависед, танқид мекунед ё тӯҳмат?Агар тӯҳмат кунеду исбот нашавад, худатон ҷазо мегиред.

– Парво макунед, далелам бисёр. Хоҳони осудагӣ бошед, ҳамон вазифаро ба ман медиҳед.

– Не, наметавонам.

Табарзода аз ҷайбаш мактуберо бароварда: – Агар ба бало фиристам, ба бало гирифтор мешавед.

– Ба боло ҳам фиристед, талабатро иҷро карда наметавонам. Ғайр аз ин маро аз тӯҳмат натарсонед, ҳоло тӯҳмат як воқеаи маъмул шудааст. Аз пушти ҳама як гап ҳаст, ҳатто заминро тӯҳмат мезананд. Маводи сухту доруву порӯро пул карда, гуноҳро ба гардани замин бор мекунанд.

– Замин кӯҳна шудааст, сифати хокашро гум карда, ҳосили кам медиҳад – мегӯянд. Вақте ки ту баринҳо заминро тӯҳмат мезананд, ман киям? Барои ҳамин ҳар коре, ки дар ҳақи ман кардан мехоҳед, кардан бигиред. Ман дар назди виҷдонам покам, фаҳмидед? Хезед, биравед, ки афту башараатро набинам. Ҳамон хешованди камҳунаратро ҳам аз кор озод мекунам.

Ман ба ҳеҷ ҷо наменависам, ҳазл кардам. Он кас хеши келинатон. Агар ӯро аз кор озод кунед, занак маро дар хона роҳ намедиҳад.

– Наход? Шумо Табарзода ку?

ДАЪВО

– Баъди дар ҳузури ҳама маро муҳокима кардану «ноӯҳдабаро»гуфтанатон, мӯҳтарам сардор, розӣ будам, ки боз ба музофот баргашта, кори пештараамро идома диҳам. Вале баъди дубора таъкид карданатон «садқаи ҳамин сар шавед» хулосаамро тамоман дигар кардам. Пойтахтро монда, ҳаргиз ба музофот намеравам, – гуфт Талаби Сафар ва кулоҳашро гирифта, сарашро ба сандуқи синаи сардор наздик бурд ва суханашро идома дод: – Дар ҳақиқат рост гуфтед, сухани шумо ҷон дорад, сардорам. Ман садқаи ҳамин сар шавам. Кору вазифаи хизматӣ ва масъулиятшиносию нангу номус гуфта, сари чор кас медидагиро ба ин аҳвол расондам.

Сипосгузорам, ки заҳматҳои бандаро ба назар гирифта, аз пеши худ, бе ягон восита маро аз музофот ба марказ овардед. Ҳангоми аз он ҷо омаданам, сари пурмӯям ҷангали касногузарро мемонд. Агар неруи хотираатон суст ва мӯйҳои ҷингилаи ман аз ёдатон фаромӯш шуда бошед, он ҳамаро пеши рӯятон

меорам, – гӯён дасташро ба ҷайбаш бурд ва расмеро бароварда: – Мана бубинед, ман чӣ хел сар доштам. Соли аввали аз музофот омаданам ҳама, хусусан, калҳо сари сермӯйи маро, ки як тораш сафед ҳам набуд, дида, заҳри ҳасад мехӯрданд. Агар ба ин ҳол гирифтор шудану ба рӯйхати калҳо афтодани худро медонистам, ҳаргиз ҷои гармамро хунук ва музофотро ба пойтахт иваз намекардам. Дар муддати ду –се соли дар пойтахт кор кардан ҳуҷуми лашкари хазонранги шӯрандозию боваркуниҳо ва хусумату таънаву маломатҳо на танҳо сарбозони нотавоншудаи мӯйҳои маро пароканда кард, балки ин лашкари ба бешаи анбӯҳ монандро ба ҳолати нестӣ расонд. Танҳо дасти фаҳми имрӯза қудрати то андозае аз нав сабзондану барқарор кардани ин пуштаро дорад. Ин ҳам бошад, тавре ки худатон огоҳед, бо роҳи кӯчат кардан сурат мегирад. Яъне, аз пушти сарам ҷо-ҷо мӯйҳои бударо, ки расиданашро Худо медонад, канда, дар қисми пеши сар шинондан мумкин аст. Вале иҷрои ин кор маблағи калонро талаб мекунад. Барои кӯчат кардани як тори мӯй 2-3 доллар сарф мешавад. Аз рӯи ҳисоби собиқадорони ин ҳунар сари ман на кам аз 20-30 ҳазор мӯй доштааст. Ман ҳолати иқтисодии коргоҳро ба эътибор гирифта, ҳисоби аз ҳама пасташро мегирам. Бист ҳазорро ба 2 ё 3 зарб занем, 40 ё 60 ҳазор доллар мешавад. Таъкид мекунам, ки ин пардохт танҳо барои сари коргари одӣ аст, вале сари ман сари донишманд аст, сари сиёсатмадор аст, хулоса сари сарҳост. Аз ин рӯ, шояд барои ин хел сар маблағи зиёдтар сарф шавад. Зеро ман аз фикри бисёр, ки масъулияти вазифадорӣ тақозо мекунад, асабамро хеле хароб ва қудрати офариниши мағзи худро хеле кам кардаам. Ҳоло аз боби дам ба дам баланд шудани фишори хуну дарди меъда, камнур шудани чашмону аз меъёр зиёд тапидани дил, раг кашидани дасту по ва хунук задани шушу гурда ҳарфе нагуфтаам. Ҳамин кифоя, агар поёнтар рафтан гирам, ҳалли масъала баробари ҳалли қазия мешавад. Илова бар ин медонам, ки коргоҳ иқтидори ҷуброн кардани маблағи кории даҳсолаву аз ин варта раҳо доданамро надорад.

– Шуд, шуд, дигар зарбу ҷамъ макун. Ман низ ба сухани дар сари хашму ғазаб гуфтаам , ки аз даҳонам ногаҳон баромад ва мантиқан хато ҳам буд, ислоҳ дароварда мегӯям: – Ҳамин сар садқаи ту барин одам шавад. Хулоса, ноумед нашуда, коратро

идома бидеҳ. Назоратро то андозае ҷиддӣ ва супоришҳоро то қадри тавон иҷро бикун, – таъкид намуд сардор ва бо додани танбеҳе аз даъвои корманде, ки ҳангоми аз музофот омаданаш забони лол дошт ва дар муддати даҳ сол хело маҳмадоно шуда буд, ҷонашро халос кард.

ДИЛЁБ

Ҷавоне ба телефони мобилӣ гап мезанад:

– Янга, знаааму ду шиносаш ҳамроҳи се зан ба ҷониби тарабхона рафтанд, ба гумонам чи мақсаде доранд.

– Ҳолӣ бест.

– Кӣ? Ман? Ҳа, знаам. Хайрияте. Хонаро дар сараш мегардонӣ?. Не, ин хел макун, мабодо ягон кӯдак дар тагаш намонад.

Боз се марду се зан равонаанд. Ҳанӯз ба тарабхона ворид нагашта, телефони яке аз занҳо садо медиҳад. Зан лаҳзае ким-чӣ гуфта, баъд аз ҳамраҳонаш узр пурсида меравад. Акнун дар сари яке аз мизҳои тарабхона се марду ду зан нишастаанд. Як курсӣ дар бари марди занаш хабарёфта холӣ аст. Дар айни хӯрдан занаш вориди тарабхона мешавад. Мард бо гӯшаи чашмаш ӯро дида бошад ҳам, худро нодида мегирад ва ристаи суханро ба тарафи мақсаду мароми оиладорӣ мекашад.

Дӯстони азиз, мо, ки мардем, бояд ҳақиқати ҳолро мадона бигӯем. Мард бе зан ҳеҷ аст. (То ҳамин лаҳза занаш бехабар омада, андак қафотар дар рости пушташ хомӯш меистад ва ба сӯҳбат халал намерасонад. Нишастагон ҳам инро ҳис намекунанд.) Шахсан ман осудагию ҳама бурдамро дар ҳамдигарфаҳмию муносибати хуби ҳамсарам мебинам. Ба гуфтаи онҳое, ки марди ҳақиқӣ занашро таъриф намекунад, тамоман зидам. Зани ман Нукра ном дошта бошад ҳам, тилло дар нисбаташ ҳеҷ аст. Дар сафарҳо ҳам аввал ҳамсари мехрубонам ва баъд фарзандонам ба ёд меоянд. Дар ҳозиру ғоибаш қиссаи «Ҷони ширин»-ро мехонам

Бе ту нагзашт аз гулӯям об ҳам,
Бе ту дар чашмам наомад хоб ҳам.

Ҳар куҷо, ки хоб кардам, хестам,
Ҳар куҷо, ки буд ҷои зистам,
Ин дили ман манзили ёди ту буд,
Ёди рӯи ҳуснободи ту буд…

Худатон медонед, ки ин қасса дароз аст, ба фикрам ҳамин қадараш кифоя. Ҳарчанде, ки ҳамсарам ҳамроҳи ман ба тарабхона наомада бошад ҳам, аз рӯи эҳтирому муҳаббати баланд ҳамин ҷои холиро барои он кас банд кардаам. «Дар ҳамин лаҳза зан наздиктар шуда, дасташро аз таги каши мардаш гузаронида: – Ман дар ҳамин ҷо,

Аз ту як соат ҷудоӣ хуш намеояд маро,

Ва ӯро маҷбуран аз сари миз мехезонад. Ҳанӯз як қадам намонда телефонаш садо медиҳад.

– Ҳе, телефонат бишканад, дурӯғгӯ.

МАҚОЛА, ОЧЕРК ВА ХОТИРАҲО

САМТҲОИ ҲИДОЯТГАР

Зи бедорӣ ба беморӣ расидам,
Зи ғамхорӣ ба ғамдорӣ расидам.
Пас аз сад имтиҳони ҷонканиҳо
Ба маънии ватандорӣ расидам.

Суханронии худро муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар маърузаи табрикотияш зери унвони «Иҷлосияи ХУ1 – саҳифаи нав дар таърихи давлатдории тоҷикон» бо шаш самти ҳидояткунанда ҷамъбаст карда, таъкид намуд, ки дар ҳама маврид мо бояд зери парчами ҳушёрии сиёсӣ қадам зада, ҳомии Ватану миллати худ бошем. Чаро ишораи нахуст ба самти ҳифзи давлатдорӣ неву маҳз давлатдории миллист? Ба хаёлам таъкиди вожаи «миллӣ» ифодакунандаи ҳам тақдиру ҳам ҷустани тадбир аст. Зеро пайдост, ки намояндагони бисёр халқҳо аз рӯи теъдод ва қаламрави аҷдодӣ давлатдор бошанд ҳам, дар диёри як замон тақсимшудаашон умр ба сар бурда, миллатро ташкил намедиҳанд. Бо вуҷуди бахрамандӣ аз ҳуқуқи зистану имтиёзи башарӣ доштан ва зоҳиран розӣ будан аз қисмату рӯи ниёз наовардан ба дари дигаре, ботинан осудаҳол нестанд. Азбаски давлати миллии худро аз даст додаанд, парчаму нишони умед ва сари баланди ифтихор надоранд. Садои гомҳояшон дар қаламрави ғайр садои пасти оҳу нолиши ғарибафтодаро мемонад. Ғарибафтода ба киштии дар лангар монанд аст, ки ҳангоми занҷирро кушодан мавҷу тӯфон он киштии бесукконро ба ҳар тарафе, ки хоҳад, мебарад. Дар он рӯзи сахт нохудо ҳам иқтидори идора кардани ҳамон киштиро надорад. Аз ин хотир маънои ҳифзи давлатдории миллӣ маҷмуи ибораҳои азму субот, ҳаёту мамот ва баҳои фаҳми баланди мардуми соҳибфарҳанг аст ва тобоварӣ ба зери бори ному нанг аст. Ватандори асил парандаи чуҷадорро мемонад, ки бо вуҷуди хурдии ҷисмаш дасти тавонои ба лонааш дарозшударо хуншор мекунад.

Ватандор кист? Ҳамон кас аст, ки дар лаб ханда дораду дар дил гиря ва шабҳо низ бо умеди рӯзи нек бедор аст. Мисли ло-

ест, ки барои хишти иморати мақсуде шудан худро дар қолаби танге ва синаи оташ ҷой карда, оҳу овози баланд намебарорад. Сарбозест, ки бо ҳама ҷароҳати пурсӯзаш касе ашки чашмонашро намебинад. Балки монанди танурест, ки аз оташу оби намакдор ғизо гирифта, нонро ба мардум мебахшад. Ҳатто дар сафари ҳаҷ, дар хонаи Худо, ки ҷои муқаддастарин аст, ҳама чизи дунё аз хотир равад ҳам, гӯшае ҳаргиз фаромӯш намешавад. Он гӯша-гӯшаи имон аст, қаламраву қадамҷои азизону пайвандон аст, Тоҷикистон аст. Бахти баланд аст, ки мо Ватан дорем, баъди ҳазор сол дубора соҳиби истиқлолу парчами иқбол шудем. Бо ҳама азхудсозиҳои навин бояд сабақи куҳанро, ки таърих чӣ ҷабру зулмро ба мо раво дид, фаромӯш накунем. Маҳз ҳамин самт дар табрикоти сарвари давлат махсус ёдрас гардид.

Воқеан, иҷлосияи таъҷилан даъватшуда барои барҳам задани бисёр нофаҳмиҳою бадомафтиҳо, пешгирии хунрезиву аз гирдоби ҷанги хунин баровардани мамлакат ва бардоштани дигар монеаҳои хатарнок хизмати таърихӣ карда, номи ҷовидони тақдирсозро гирифт. Вакилони онвақта хизмати арзанда карда, тавассути дурандешӣ ва бархӯрдорӣ аз фарҳанги ғании қадима, ба хотири соҳибмулкӣ паси мизи як гуфтушунид нишаста, зербинои давлати ҳуқуқбунёд ва демократиро гузоштанд. Пеш аз ҳама таъкидҳои пураламу илтиҷоомези Сарвари тозаинтихоб ва қабул шудани қарорҳои зиндагибахш дар роҳи ҳалли масъалаҳои мураккаби хоси ҳамон давр раҳнамое шудаанд. Касоне, ки шоҳиди воқеаҳои ҳамон рӯзҳо буданд ва имрӯз ҳаёти осудаҳолона доранд, ҳанӯз ҳам аз гирдоби андешаи чӣ гуна аз нестшавӣ наҷот ёфтани миллат ва аз банди хаёли чӣ тавр ба дараҷаи хуби тараққиёт расидани мамлакат берун баромада наметавонанд. Баъди бист сол не, баъди сад сол ҳам баробари дидани Қасри Арбоб хотираҳо тагурӯ мешаванд ва наслҳои минбаъда хаёлан ҳамон иҷлосияеро, ки иштирокчиён дар толораш ҳазору як нақша мекашиданд ва одам аз одам метарсид ва ҳамон Сарвари боҷуръатеро, ки дар як шароити даҳшатангез ғами ҷони худро нахӯрда, аз паси минбар мардумро ба сулҳу ваҳдат даъват мекард, пеши рӯ оварда, баҳои худро медиҳанд.

Бо гузашти солҳо ҷои он ҳама лаҳзаҳои марговарро

лаҳзаҳои фараҳбахши зиндагӣ гирифтанд. Вале ба саволи «Фардо ворисони моро чӣ қисмат интизор аст?» фақат ватандори хирадманду дурандеш посух дода метавонад, агар ӯро гӯш кунанд ва ба ҳар пешниҳодаш эътибор бидиҳанд. Хусусан дар раванди ҷаҳонишавӣ, яъне дар замоне, ки ҳар лаҳза дигаршавии вазъи минтақа ва ҷаҳон ба назар мерасад, ҳимояи марзу буми диёр ва таъмини пойдории давлатдории миллӣ бисёр муҳим аст ва он ҳушёрию ҷонфидоии ҳамешагиро талаб мекунад.

Тобути мурдае дӯш ҳушёр кард моро,
Пойи бахобрафта бедор кард моро.

Дар замони ҷаҳонишавӣ ва дар саҳнаи бузурги олам нақш бозидани абарқудратон, ки барои давлатҳои хурд хатар ҳам дорад, ба чашмони оддӣ ва дурбин ба симоҳои нақшофарони мураккабтабиат нигоҳ кардан фоида надорад. Танҳо бо чашмони дил ва дидаи ватандорӣ нигаристан то андозае судбахш аст. Дар ҳама маврид мо бояд ашки номуси худро дар паси пардаи дида ниҳон нигоҳ дорем, зеро дубора ба дида ашки бари рӯ барнамегардад, мисли оби рафта, ки ба ҷӯ барнамегардад.

Гоҳо мешавад, ки аз надонистани ҳуқуқҳои худ ва бехабар аз макру найранги дигарону бозиҳои паси пардагӣ ба сари ҳиммат омада, қатраеро ба дарё ва гӯшаеро ба арзиши дунё мехарем. Намедонем, ки моро сурати занбӯре пиндошта, шираи ҷони моро ҷафида, дар баҳои гули дода, аз мо асал талаб менамоянд. Ҳадафдорон аз ҳамин додану гирифтанҳо мазахурак шуда, нақшаҳои дигар тарҳрезӣ мекунанд ва оқибат мо заҳру эшон шаҳд мечашанд.

Ғами садсола фурӯшем ба як лаҳза фараҳ,
Асари умр кадом аст, аз ин бехабарем.
Раҳм дар синаи симурғи ҷаҳон нест дигар,
Золи мо шуҳрати Сом аст, аз ин бехабарем.

Дар ҳама замонҳо, хусусан дар аҳди ҷаҳонишавӣ ва барҳӯрди тамаддунҳо танҳо ҳисси баланди ватандӯстӣ, худо-

гоҳии миллӣ, соҳибмаърифатию фаҳмидани маънои комилҳуқуқӣ, дар маҷмуъ донистани забони абарқудратон, ки силоҳу сипари ягона аст, моро аз тири нигоҳҳои ҷонсӯз ва ҷангҳои иттилоотӣ муҳофизат карда метавонад.

Гар забондон нестем, аз анҷуман берун шавем,
Гар ҷаҳонноошноем, аз ватан берун шавем.
Сардии озодӣ аз гармии маҳбас беҳтар аст,
Гардани нангем мо, аз пираҳан берун шавем.

Барои он ки дар доми нигоҳи сайёдон наафтем, бояд бедору ҳушёр бошем, соҳиби иродаи устувор бошем. Баъди марг ҳам дар зарурат бояд рӯҳи мо аз гӯри мо, ки дар гӯшаи хоки ватан аст, овоз барорад.

Дар лаҳад гӯянд агар: – Душман ба хокат по ниҳад,
Мурдаи садсола бошем, аз кафан берун шавем.

Оре, «Тоҷикистони соҳибихтиёр – ватани ягонаи мо» мебошад. Вақте ки ягона ҳаст, азизтарин аст, модар аст. Бори нози ҳастии мо ва табассуми хамуши нестии моро мебардорад. Ғайри ин қаламрав ҳама ҷавлонгоҳи олам барои мо танг аст, фақат ин ҷавлонгоҳ фарох аст, зеро ин қаламрав арсаи ному нанг аст. Ин диёри биҳиштосоро, ки аз ниёгон ба мерос гирифтаем, бояд ободтар карда, ба ворисон супорем. Зеро ҳар омада ғайри кафан, агар он ҳам насиб кунад, бо худ чизе намебарад. Мо низ аз ҷумлаи рафтагонем, бояд дар мазраи дилҳои ворисон тухми меҳру садоқат бикорем ва осореро ба ёдгор гузорем, ки тасдиқ кунад, ки: – мо ватандорем.

Зи куҳаш орзу санге барои лавҳи рӯи гӯр,
Зи хоки пунбапарвардаш таманно як кафан дорам.
На ғайру ошно донад, на сад мушкилкушо донад,
На «Қонун»-и шифо донад, ҳамон дарде, ки ман дорам.

Онҳое, ки ба қадри мансабу боварии Сарвари кишвар нарасида, гоҳо ба боло ҳисоботи бардурӯғ пешниҳод мекунанд, замини пурфайзи ватанро оқилона истифода намебаранд, фикри

қисмати пасояндон накарда, барои манфиати дурӯза майдонҳои киштбобро баҳри бунёди манзили зист ҷудо мекунанд, пайи сабзидани ниҳолони шинондаашон намегарданд, корхонаҳову роҳҳои бунёдкардаашон умри панҷ-шашсола доранд, биноҳои сохтаву деворҳои рангкардаашон аз биноҳои кӯҳна фарқ намекунанд ва боз ба дигар амалҳои ба худашон фоидаовар даст зада, зуд сарватманд мешаванд, ҳаргиз ватандор ва сазовори дар курсии мансаб нишастан нестанд. Ҳайратовар он аст, ҳангоми аз паси минбар бо муҳаббати бузург аз боби худогоҳии миллӣ ва ҳисси баланди ватандӯстӣ сухан гуфтани Сарвари давлат, агар назора бикунем, аввал ҳамонҳое қарсак мезананд, ки кору кирдорашон ба ҳама маълум аст. Агар сиёсати имрӯзаи давлат барои дигар кишварҳо сиёсати «Дарҳои кушода» бошад, роҳи пешгирифтаи баъзе соҳибмансабон барои худиҳо «Дарҳои баста»-ро мемонад. Бо таъкиди онҳо зердастонашон баҳонае ёфта, ниёзмандонро аз дидани дидори ҳокими вақт маҳрум мекунанд, ҳатто онҳоеро, ки супориши таъҷилии идоравӣ доранд. Яъне хизматгоронашон – хиштҳои ковоке, ки тоби як ҷунбиш надоранд, гирди хуҷаини худро девор мебанданд. Ҳатто баъзе мансабдорон ба Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 феврали соли 2009, № 622 «Дар бораи вокуниши шахсони мансабдор ба маводи таҳлилӣ ва танқидии воситаҳои ахбори омма», ки дар ислоҳи нуқсонҳо ва таъмини рушди мамлакат нақши бориз дорад, эътибор ва ба саволҳои мардум посух додан намехоҳанд. Фаромӯш набояд кард, ки ҳама кору кирдорҳои нохуб боиси норизоиву дилсардиҳо гашта, оқибат равғане ба оташи умеди хӯрдагирону айбҷӯён мешавад, ки алангаашро хомӯш кардан душвор аст.

Сулҳ ва ризоияти миллӣ бузургтарин дастоварди фарҳангист, ки бозгӯи фаҳму хирадӣ баланд ва дурандешию соҳибдилии мардум аст. Оташе, ки хонаи бахту умедро месӯзад ва дар фурӯ нишонданаш обу хок ҳам ба кор намеояд, оташи ҷанг аст. Оташи ҷанги шаҳрвандии дергузарро хомӯш кардан кори осон набуд, он алангаро танҳо чашмаву дарёи ақлу хирадӣ азалӣ ва раҳму шафқати миллӣ зуд хомӯш карда тавонист. Ин бурди пуразриш ва тасвирнашавандаро тамоми неруҳои сиёсӣ, ҳизбу ҳаракатҳо ва дину мазҳабҳо бояд қадр карда, дарси фарҳанги ҳушдоркунанда пиндоранд, барои расидан ба мақсадҳои олӣ-

ҳифзи кишвару таъмини осудагии ҳамдигар мубориза бубаранд ва дар замири ворисон эҳсоси ваҳдату ризоияти миллиро парваранд. Ҳамон вақт пояи сулҳу ризоияти миллӣ мустаҳкамтар мегардад, ки баъзе шоҳидони рӯзгори мозӣ, ки алҳол соҳиби мансабанд, ба хотири сар назадани моҷароҳои дигар бояд аз сарҳади инсоф берун қадам нагузоранд ва бурди дурӯзаи худро аз манфиати ҷомеа боло нашуморанд.

Ҳар пайе пайғоми имрӯзу фардост ва аз ҷамъи қадамҳо тарҳи роҳи мо пайдост. Ва ин хати хоно кӣ будани моро муаррифӣ мекунад. Наврасону ҷавонон ҳам ба муҳити хонаву дар ва роҳи пешгирифтаи падару модар пайравӣ карда, дар ҷодаи ҳаёт гом мегузоранд. Агар кору кирдори волидон хуб бошад, аз пайи ворисон сабза мерӯяд, агар бад бошад, аз пайи онҳо ғубор хеста, доғи ҷомеа мешавад. Дар замири наврасону ҷавононе, ки волидони кӯтоҳандешу дунёбехабар доранд, ҳисси баланди миллӣ, эҳсоси худшиносиву ватандӯстӣ, ахлоқи ҳамида ва сабру таҳаммул парваридан ниҳоят душвор аст ва баъди гузаштани кор аз кор ба ишон тири сухан ҳам таъсир намекунад. Маҷбуран илм ва касб омӯзад ҳам, кордони хубу ҳунарманди машҳур намешавад.

Бебаҳра ту аз панди Ғазолӣ ҳастӣ,
Бегона зи «Ахлоқи Ҷалолӣ» ҳастӣ.
Аз ганҷи саодат нарасад бар писарат,
Вақте ки худат кӯзаи холӣ ҳастӣ.

Дар як ҷаласа Сарвари давлат таъкид ва ишора карда буданд ба ин маъно «Аз ҳад нагузаронед, фарзандонатонро назорат бикунед, ки даст ба корҳои ношоям назананд. Фаромӯш накунед, ки шаҳди аз ҳад зиёд ҳам, заҳр аст…»

Воқеан дар ҳама давру замон сарватмандони меросгузор буданд, ки аз имрӯзиён фарқ доштанд. Онҳо барои зуд аз даст нарафтани амволи меросӣ роҳи тан ба заҳмат додани ворисонро ҷуста, кӯшиш мекарданд, ки фарзандонашон аз ҳама илмҳо ва машқҳои худмуҳофизатӣ баҳра бурда, дар рӯзи сахт ҳам бори азоби сахтӣ накашанд. Вале имрӯзиён бошанд аз мероси осон пайдошуда худро гум карда, андозаро нигоҳ намедоранд.

Мол мерос набигзор, ки фарзанд ба зар
Мехарад оташу дар гӯри падар мерезад.

Яъне, имрӯз ҳамин эътибори ҳушдоркунанда кам ба мушоҳида мерасад ва чунин рӯсурхӣ луқмаи кабобест, ки дар бисот хун дорад. Ҳар таъкиду ишораҳои Сарвари мамлакат маънои самти «Рӯ овардан ба ҷавонон»-ро низ ифода мекунад. Қонуни қаблан қабулшуда «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» низ хулоса ва нуқтагузорӣ ба ҳама кору кирдорҳои нохуб буд ва мебошад.

Раванди ҷаҳонишавӣ ва бархӯрди тамаддунҳо, ки барои аз байн рафтани забонҳову гумномии миллатҳо роҳ мекушояд, ҳисси худшиносию худогоҳии соҳибмулконро боз ҳам баландтар мекунад. Поси хотирдорӣ, ба қадри осори ниёгон ва арзишҳои меросӣ расидан, расму ойинро нигоҳ доштан ва дигар сарватҳои фарҳангиро аз даст надодан, ки дар маҷмуъ таъсири маънои ҳифзи ҳувияти миллиро пурзӯртар мекунад, ба фарзандони ба нангу номуси кишварҳо ҷуръату қудрати пешвоӣ мебахшад. Дар сурати хотирбинӣ ва гузашт парчами умед аз даст меравад. Танҳо муҳофизони ҳувияти миллӣ, ки таомашон калом аст, чун гушнае, ки худро ба доми шер мезанад, барои ҳифзи ғизои маънавии худ устухоне ба гулӯи дарёдамкашон мегарданд.

Алқисса, самтҳое, ки дар суханронии муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, хулоса шудаанд, самтҳои ҳидоятгаранд, раҳнамои роҳи фардои кишваранд ва бозгӯи розу ниёзи садҳо ватанпарваранд. Балки ин самтҳо ба гӯши хуфтагон оҳангҳои бедорианд, талқингари ҳушёрианд, маънии ойини ватандорианд.

ҚИССАИ АЛИЧУР

Сарварӣ бори гарони бедорӣ ва масъулияту ҷавобгарист, ки онро ҷисми солҳо обутобёфта ва дидагони аз хоб рӯтофта бардошта метавонад. Ин роҳи дар назар шуҳрат дар ҳар қадам неши хору мори фалокат ва чоҳи номаълуми хаспӯши қисмат дорад.Танҳо инсони дорои қудрату ҷасорат аз

монеаҳои афтонандаю марговар гузашта, ба дигарон пайки зиндагӣ ва муждаи осудагӣ расонда метавонад. Азоби чанд сафари Сарвари давлат, ки таъмингари беғуборию роҳи меҳру муҳаббат ва барҳамзани доғи кинаву кудурат, дар маҷмӯъ ҳифзкунандаи осудагии даргоҳи ваҳдат мебошад, тамоми нишонаҳои хулқу хислати инсони бузургро дар худ дорад. Қиссаи Аличур яке аз он воқеаҳост, ки дар нимаи дувуми соли 1995 рух додааст.

Мурод аз ба рӯи коғаз овардани ин қисса тасвиру тафсири мафҳуми ватандорӣ ва ба қалам додани ҳаёти сарварӣ мебошад. Яъне, маъноях дар дил гиряву дар лаб ханда гаштан аст ва бо хаёли рӯз дар шаб гаштан аст. Яъне,дар ҳар лаҳза барои ҳифзи шодии дигарон аз баҳри ғаму ҳифзи ҷони худ гузаштан аст…

Ин қиссаи ибратомӯз ва хотирмон аз боби шуҷоату мардонагӣ ва дар аҳди худ уствор будани Эмомалӣ Раҳмон, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳикоят мекунад ва хонандаро ба роҳи вафодорию садоқат ба мулки аҷдодӣ ва эҳтироми халқу миллат ҳидоят мекунад.

Моҳи июн ҳукмрон бошад ҳам, лашкари сардӣ мисли қарордодбастаи муҳлаташ ба охир нарасида, мавзеи баландкӯҳро тарк кардан намехост. Аз ҳуҷуми ногаҳонии рӯз дар миёнаш мусофирон ҳаросида, танҳо дар зарурат ва дар ҳолати ноилоҷӣ ба он қаламрав роҳ пеш мегирифтанд. Ору номуси ватандорӣ ва эҳтироми мартабаи сарварӣ дар рӯзи сарду сахт Эмомалӣ Раҳмонро низ аз Хоруғ ба диёри баландкуҳи Мурғоб бурд. Дар аввал сарнишинон изҳори нигаронӣ карда, гуфтанд, ки : дар чунин вазъияти номусоидии обу ҳаво парвоз номумкин аст. Мо осуда ба манзил расиданатонро кафолат дода наметавонем, худатон фикри ҳифзи ҷонатонро кунед. Вазидани шамоли сахт ва боридани бороні барфолуд дидани симчӯбу кӯҳпораҳоро душвор гардонда, метавонад, ки чархболро ба фалокат дучор кунад. Дар ин хусус бояд амиқ андеша намоем. Бехтараш то кушода шудани гиреҳҳои чини ҳаво сабрро пеша карда, баъд ба роҳи сафар бароем…

Баъди ин ишора мусофиронро рӯҳияи ноумедӣ фаро гирифт. Онҳо баробари ҳар такон хӯрдани чархбол безобита

шуда, худро дар қаламрави зиндагиву марг мепиндоштанд. Вале Сарвари давлат гӯё аз сарҳади тарсу ваҳм фарсахҳо дур бошад, бе ягон биму ҳарос аз пушти шиша ба ҳавои боронӣ менигарист.

– Кормандони идораи обуҳавосанҷии вилоят ҳам барои ба тарафи Мурғоб парвоз кардан иҷозат надоданд. Лекин Ҷаноби Олӣ гуфт, ки мо бо нияти дилбардорӣ ба назди мардум рафта истодаем. Бовар бикунед, ки парвоз ба хубӣ анҷом меёбад, – тасдиқ мекунад ин суханҳоро Қозидавлат Қоимдодов, собиқ муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон.

– Мо барои ҳифзи ҷони худатон мегӯем, муҳтарам Президент, – овоз бароварда кадоме аз ҳамсафарон.

– Ҷони ман бе ғами халқу Ватан арзиш надорад. Дар он ҷо мардум маро интизоранд, интизорӣ бадтар аз ҷон кандан аст, гуфтаанд, – посух дод Эмомалӣ Раҳмон ва ба сарнишинон рӯ оварда, – Хаёли аз роҳ бозпас гаштанро аз сар дур кунед ва ҳаракати чархболро ба пеш идома бидиҳед.

Баъди чанд дақиқаи парвоз бороне, ки кам-кам меборид, шиддат гирифта, ба барф мубаддал шуд. Ин ҳолат барои парвоз хатар эҷод мекард.

– Воқеан ҳам дар чунин обуҳаво парвоз кардан ҳеҷ мумкин набуд. Вале сарнишинон илоҷи рад кардани хоҳиши Сарвари давлатро надоштанд, зеро суханҳои гуфтаи Эмомалӣ Раҳмон ба онҳо сахт таъсир кард. Баъд аз таъкиди Сарвари давлат самти ҳаракатро дигар накарда, бозии ҷон дар сари мӯ аз болои ағбаи начандон бузурги деҳаи Аличур гузаштанд, – нақл мекунад Давлаталӣ Давлатов, собиқ котиби матбуотии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Барф беист ва ба он дараҷае меборид, ки тозакунакҳо аз суръати бориш қафо монда, қудрати зуд тоза кардани шишаҳоро надоштанд. Вазъият бисёр хатарнок буд. Сарвари давлат ноумедӣ ва дудилагии сарнишинонро ҳис карда, ба маслиҳат гуфт, ки як роҳ ҳаст, хати роҳи заминиро нишона гирифта, пеш равед, танҳо ба ҳамин васила бехатарии ҳаракати чархболро то андозае таъмин карда метавонед. Сарнишинон суръати ҳаракатро суст ва масофаро ба замин наздиктар карданд. Муддате гузашту аз пушти шиша тарҳи роҳу хонаҳо намудор шуданд, ки ин аз нишонаи ободӣ ва мавҷуд будани манзили зист башорат медод.

Давлаталӣ Давлатов: Президент гӯшрас карданд, ки ману шуморо се рӯз боз халқ интизор аст. Ба сарвари ноҳия гуфтам, ки бо мардум вомехӯрем. Агар аз роҳ баргардем, қадри бударо ҳам гум мекунем. Фаромӯш набояд кард, ки эҳтиром аз эътиқод сарчашма мегирад. Бо ҳар роҳе, ки бошад бояд дидори мардуми интизорро бубинем.

Сокинони деҳаи Аличур овози чархболро шунида, аз кулбаҳо берун баромаданд ва баъди дидану ба замин наздик шуданаш дар ҷои муайяне гирд омаданд. Аз он ҳайрон буданд, ки боз чӣ гап шуда бошад? Дар чунин рӯзи пурбарф ва ҳавои номусоид ба ин мавзеъ парвоз кардани чархбол беҳуда нест. Ҳатто дар рӯзҳои гарму рӯшан чархбол ин тараф тоб намехӯрд. Вақте ки чархбол ба роҳи ҳамвор нишасту мусофирон фуромаданд гирдомадагон дар он миён Президенти мамлакатро дида, ҳайрон монданд. Худро дар ҳолати хобу бедорӣ пиндошта, бовар намекарданд, ки он кас Сарвари давлат бошад. Вале ин афсона на, балки ҳақиқати ҳол буд.

Қурбонбой Хидиров, сокини деҳаи Аличур: Садои чархболро, ки омехта бо овози шамолу барфбод буд, шунида парешон шудам, зеро ки ҳанӯз ҳам нишонаи даврони парешонӣ монда буд. Наход дар чунин обу ҳаво чархбол парвоз кунад? Киҳо бошанд ин ҷонбезорон? Магар барои онҳо ҷон азиз ва зиндагӣ ширин нест? Ҳанӯз ба суоли худ ҷавоб пайдо накарда, чархболро дидам. Баъди ба замин нишастан аз зинааш чанд одами босалобат поён фаромад. Аз байнашон танҳо Эмомалӣ Раҳмонро,ки аз чеҳрааш нур меборид ва аз асари сардӣ боз сурхтар шуда буд, шинохтам. Ҳар сокини Аличур мехост, ки Президент меҳмонаш бошад. Вале бахти баланд насиби ман гардид, Сарвари давлат хонаи маро интихоб намуд. Гӯё аз ғайб хабаре расида бошад, ки омодагӣ бубинед, шояд ба даргоҳатон меҳмони азизе биояд. Мо пешакӣ ба амри дил дастархон густурда, ба қабули меҳмон омода будем.

Қозидавлат Қоимдодов: Як лаҳза ҳаргиз аз хотирам намеравад. Яке аз куҳансолони ҳамон деҳа гуфтанд: ҳоло ҳам бовар надорам, ки дар рӯ ба рӯям Президенти мамлакат бошад. Ҳатто дар замони давлати абарқудрати шӯравӣ ягон шахси аввал ба сароғи мо наомада буд, на аз Маскав, на аз дохили кишвар. Ташаккур ба Эмомалӣ Раҳмон, ба Президенти Ҷумҳурии

Тоҷикистон, ки ғами ҷони худро фаромӯш карда, ғами халқу ватанашро мехӯрад. Ба андешаи ман, маҳз он кас ба оби рӯди муҳаббату дарёи дилаш оташи ҷанги хонумонсӯзро хомӯш кард. Дар рӯзи сард қабои нанг ба тани ифтихори сарварӣ карда, ба суроғи мо омад ва моро ба зиндагӣ дилгармтар кард. Бори нахуст ба Мурғоби дурдаст омадани шахси аввали мамлакат, ин бозгӯйи раъиятпарварии шоҳона ва сиёсати хирадмандона аст.

Эмомалӣ Раҳмон: Баъди ба замин нишастани чархбол гурӯҳи интизоронро дидем. Дар нигоҳи меҳрборашон беҳтарин вафодоронро дидем. Ҳар кадоме моро ба меҳмонӣ даъват кард, вале дар он рӯзи сард барои хунукхӯрдагон нахуст ҷои гарм зарур буд. Дидам, ки аз хонае дуд мебарояд. Гуфтам, ки ба ҳамон хонаи оташдор меравем. Ростӣ, дар интихоб ҳам хато накардем. Дар хонаи гарми ородода ва дар сари дастурхони пур аз нону кулчаҳои навпухта афтодем. Баъди гарм шудан аз боби нақлиёт ёфтану ба маркази ноҳия рафтан гап кушодем.

Мизбон: Дар ҳуҷраи махсуси хонаам, ки тоҷикон онро «меҳмонхона» мегӯянд, Эмомалӣ Раҳмон ва дар паҳлӯяш Қозидавлат Қоимдодов нишастаанд. Баъд аз ин нишаст он ҳуҷраро ҳуҷраи ифтихорӣ ва ҷои нишасти Сарвари мамлакатро ҷои муқаддас ҳисобида, то ҳастам, ҳамон хеле, ки ҳаст, нигоҳ медорам. Ва ҳар касе, ки ба даргоҳи ман қадам ранҷа кунад, бо ифтихор мегӯям: Ин ҷо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон нишастааст ва аз дастархонам нон шикастааст.

Бояд бигӯям, ки дар одамшиносӣ ҳам ба Сарвари давлат тан додам. Дар як лаҳза одами хуб будани раиси ҷамоатро пай бурда гуфт: аз рӯи хислату амалат одами хуби хуб метобӣ, мехоҳӣ хизмататро аз меҳмон дареғ надорӣ, вале фурсат танг аст, дар толори ҳукумат моро интизоранд, бояд мо боз роҳи сафарро ба маркази ноҳия давом бидиҳем. Дигар умед ба чархбол нест, такудаватро монда, аз пайи дарёфтани асп, шутур ё ягон мошини бо ин роҳ мувофиқ бишав. Бояд ҳарчи зудтар ба назди мардум биравем.

– Майлаш Ҷаноби Олӣ, кӯшиш мекунам, ки ин мушкил осон шавад,-гуфт ва баромада рафт.

Баъди якуним соати интизорӣ дар сари роҳ мошини «Ни-

ва» пайдо шуд. Дертар маълум шуд, ки раиси ҷамоат ба хотири меҳмони олиқадр мошини даҳ сол хобидаашро, ки вазифаи чӯҷахонаро иҷро мекардааст, дар ҳамон сардӣ аз нав тоза карда, ҳар қисми аз кормондаи мошинро ба ивази қутосе харида, аз хонаи дуртаре маводи сӯхт пайдо карда, иззати меҳмонро ба ҷо овардааст.

Ҳангоми ба майдон баромадан зани куҳансоле ба суҳбат ҳамроҳ шуда гуфт, ки : Аз қадам ранҷа кардани Сарвари давлат сари мо қирғизҳо ба осмон расид. Мо аз чунин ташриф тамоми умр оҷиз будем. Айёми гармову сармо дар кӯҳу пушта аз пушти чорпо гашта, аз қисмати одаму гардиши олам хабар надоштем. Заҳмат кашида, самар мегирифтем. Дар шаст соли умрам бори нахуст ягона сарвари халқдӯстро дидам, ки моро суроғ кард. Акнун чашмони мо бино шуд, акнун маскани хурди ман аз меҳри зиёд дар назарам паҳнои дунё шуд.

Давлаталӣ Давлатов: Воқеан дар 70-соли ҳукумронии давлати шӯравӣ ягон роҳбари аввал ба ноҳияи Мурғоб рӯ наовард буд. Ин қадам ранҷа кардану дидори фарзандони гуногунмиллатро дидан аз Эмомалӣ Раҳмон, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оғоз шуд. Ин дидорбинии фаромӯшнашаванда таърих аст. Меарзад, ки таърихнигорон ин вохӯриро дар китоби давлати соҳибистиқлол сабт карда, ба пасояндагон мерос гузоранд. Дар чунин рӯзу дар чунин рӯзгор ба ин мавзеъ сафар кардан нишонаи ҷавонмардию ҷонфидоӣ аст.

– Падарам ба мактаб одам фиристода хостааст, зуд ба хона биёям. Ростӣ, аз шунидани даъват парешон шудам, мабодо ягон воқеаи нохуш рӯй надода бошад гуфта, аз муаллим ҷавоб гирифтам ва давида ба хона рафтам. Ҳангоми ба ҳавлӣ қадам гузоштан дар чеҳраи падарам аломати шодӣ дида, андак осуда шудам. Падарам гуфт, ки Президент омадааст, чархболаш дар рӯи роҳ, дигар дар ин ҳавои номусоид бо он парвоз карда наметавонад. Коре бикун, ки мошинамон ба кор дарояд, меҳмони азиз ва ҳамроҳонаш пиёда намонанд, бояд онҳоро то маркази ноҳия бубарем. Мошини солҳо хобидаро ба ҳаракат даровардан кори осон набуд. Ба сардии ҳаво нигоҳ накарда, он чӣ аз дастам омад, ба хотири меҳмони олиқадр кардам. Мошин омода шуд, – ёд меоварад он рӯзро писари соҳиби мошин Иброҳим Азимов.

Қурбонбой Хидиров: – Ман шоҳиди азобҳои раиси ҷамоат ва писараш будам. Аз ҳар ҷо як қисми азкормондаи мошинро пайдо карда, дар андак вақт мошини даҳ сол вайронхобидаро таъмир карданд. Мошин, ки омода шуд, меҳмонон аз хона баромада баъди расми хотиравӣ гирифтан ба мошин нишаста, ба ҷониби марказ рафтанд.

Ҳарчанд ки Эмомалӣ Раҳмон лаҳзае дар деҳаи Аличур буд, мо аз дидори неки ин роҳбари бузургу инсони самимӣ хотираи умрбодӣ гирифтем. Баъдтар ҳам ин марди сипосгузор маро фаромӯш накард, ба мо нигоҳи эътибор дӯхт, борҳо дасти мадад дароз намуд, мактабу хонаи фарҳанг сохт ва роҳҳои вайронро таъмиру деҳаи дурдастро обод ва хотири мардумро шод кард. Мо аз он мефахрем, ки роҳу дару даргоҳамон нақши Сарвари олиҷанобро дорад.

– Инсони начиб буд ҳамсафари нави мо. Ҳангоми дигар кардани суръати ҳаракат ҳатман китф ё дасташро ба тани мо расонда мегуфт: «Медонед, ки расм тасдиқгари забон аст. Магар вазнин буд, ки дастгоҳи аккосиро бо худ мегирифтед? Бе далел ба кӣ гуфта метавонам, ки мани сокини як деҳаи дурдаст ба марказ нарафта, замоне ҳамсафари муҳтарам Президент Эмомалӣ Раҳмон будам ва он ҳокими вақтро бо мошинам аз маскане ба маскане бурдам. Бигӯям ҳам, бефоида, бовар накарда, «воҳима накун» мегӯянд. Расм, ки мешуд, бовар мекарданд. Сад афсӯс, ки аз бедалелӣ забонкӯтоҳам, – ба ёд меоварад гуфтаҳои он ронандаро Сарвари давлат ва илова мекунад, – Баъд маблағ ҷудо карда, барояшон роҳ сохтем. Омаду рафт сатҳи зиндагиашонро баландтар кард. Дар солҳои сарварӣ ба садҳо гӯшаи олам сафар карда, ба қисмати дигар халқу миллатҳо ошно шуда бошам ҳам, ҳамон инсону ҳамон деҳа ва ҳамон ҷамоатро ҳаргиз фаромӯш карда наметавонам.

Қозидавлат Қоимдодов: Ҷодаи қисмат пайванди эҳтирому эътиқод аст, ки гардишҳо дорад ва инсонҳои сипосгузорро дар маскане бо ҳам рӯ ба рӯ менамояд. Баъди чанде ҳамон ронандаи соҳибдил дардманд мешавад ва ӯро аз Мурғоб ба беморхонаи Қарияи Боло меоранд ва он кас ба унвони банда мактуб фиристод. Дар пайғомаш навиштааст: Илтимос ба Ҷаноби Олӣ расонед, ки ҳоли ронандаи «Нива»-аш хароб аст,

дар беморхона хоб аст. Ба Президент гуфтам, ҳамчун сипосгузор он касро бенаво намонданд, барои зудтар барқарор шудани тансиҳатиаш мадад расонданд.

Ҷӯрабой Азимов, ронанда: Ифтихор дорам, ки дар ҳаётам рӯзе ҳамсафари Сарвари давлат будам. Дар рӯзи ҳавои сард ва мушкил қадами мубораки Ҷаноби Олӣ ба деҳаи мо расида бошад ҳам, аз ҳамон рӯз ба ҳаёт дилгармиам бештар шуду мушкилоти рӯзгорам осон. Бале, ташрифи Қаҳрамони миллат ба гӯшаи дурдасти мо маъниҳои бисёрро дорад, ки дар сархаташ эҳтирому эътиқод меистад. Ташаккур ба он кас, ки дар он вазъияти мураккаб ба суроғи мо омад. Роҳи 100 километраро бо мошини дах сол бекорхобида, ки бори қисмати ҳашт шахси бузургро мебардошт, паймудан кори осон набуд. Вале Сарвари ҷасуру нотарс ва халқдӯст ба хотири мулоқот ва бохабар шудан аз ҳоли мардум, ба мошини «дамгирифта» нишаст.

Давлаталӣ Давлатов: Сокинони ноҳияи Мурғоб аз ин мулоқот таасуроти хуб гирифтанд. Ман боз чанд маротибаи дигар ба Мурғоб сафар доштам, бо мардуми деҳаи Аличур, ки аслан қирғизҳои чорводоранд, вохӯрдам. Онҳо то имрӯз аз боби ин мулоқот бо як эҳсоси пур аз муҳаббату қаноатмандӣ ҳикоят мекунанд. Он нақшаҳое, ки Сарвари давлат барои беҳбудии рӯзгори мардуми деҳаи Аличур кашида буданд, пура ичро шуданд.Танҳо барои таъмири толори клуби деҳа 200 ҳазор сомонӣ ҷудо намуданд.

Қозидавлат Қоимдодов: Он сафари ҳар қадамаш пур аз ғубори хуфтаи марг ва он мулоқоти зиндагибахш дар таърихи давлати тозаистиқлоли Тоҷикистон саҳифаи наверо кушод, ки аз далериву ҷасорати фарзанди фарзонаи миллат Эмомалӣ Раҳмон башорат медиҳад.

– Дар ин гӯшаи дурдасти ватан, ки аз гармӣ дида, бештар сардӣ ҳукмрон аст ва аксар ҳавои омехтаи борону барф дорад, шаст соли умрам гузаштааст. Танҳо дар айёми пирӣ офтоби бахт ба рӯям хандид бигӯям, хато намешавад. Ман бори нахуст дидори ҳокими аввали мамлакатро дидам ва аз ҳиммати баландаш соҳиби имтиёзи зиёрати хонаи Худо гардидам. То зиндаам, дуо мекунам, ки дилаш ҳамчунон ки ҳаст, аз мум нармтару сараш аз санг сахттар бошад, ҳамеша дар кафи хаёлаш ҷилвагар парчами номусу нанг бошад…

Иброҳим Азимов, сокини деҳа: Дар як мошини хурд ҳамроҳи 7 нафар шахси масъули мамлакат нишастан, худ нишонаи хоксориву дилкушодӣ ва инсондӯстии Сарвари давлат мебошад. Ба ҷои Ҷаноби Олӣ агар дигар кас мебуданд, шояд мегуфтанд, ки: боқимондаҳо бо аспу шутур ба марказ расида биёед. Агар харидор ҳам пайдо шавад ва дар музояда ҳам гузоранд, ман ин «Нива»-ро, ки Сарвари давлат ва ҳамсафаронашро осуда ба манзили мақсад расонидааст, ба арзиши бисёр баланд ҳам намефурӯшам…

ДИДОРИ НЕК

Пиёда бошад ба пешвозаш қадам мегузоранд, дидорашро дидори нек мепиндоранд. Дар маъракае пайдо шавад, пиру ҷавон барои эҳтиромаш бегумон аз ҷой мехезанд. Агар мошинашро аз дур бинанд, дар ҷой истода ба хотири он ки шояд дар дохилаш бошад, ба мошинаш салом медиҳанд, баъд роҳи худро давом медиҳанд.

Раис номаш мебаранд дар хона, дар роҳу гузар, дар ҷои кор, дар ҳамаи гӯшаи диёр. Ному насабашро танҳо ҳангоми додани навбати сухан дар маҷлису ҷамъомадҳо «Мирзоев Ятим Нурович» мегӯянд. Номашро аз мартабааш меҷӯянд. Вақте ки шуҳрату мартаба ҷои номро мегирад, ном рутбаи ҷовидонӣ гирифта, ҳаргиз намемирад...

Барҳақ, замон замин аст барои ҷӯяндаи самар, замин замон аст барои ҷӯяндаи асар. Мирзоев Ятим Нурович ин ҳар дуро дорад, самари заҳмату нишонаи ҷӯстуҷӯро дорад, ганҷинаи шуҳрату обрӯро дорад. Ҳар куҷо аз хоксорию дилсӯзию кордонию фаҳми баландаш сухан мегӯянд, ӯро соҳибватан мегӯянд.

Ӯ талхии бодаи ятимиро ба кӯдакӣ чашида, бори гарони рӯзгорро кашида, аз олами сағирӣ ба дунёи кабирӣ аз вартаи дасткӯтоҳию муҳтоҷӣ ба паҳноии мададрасонию дастгирӣ расидааст.

Ҳамин ки дар мошини хизматиаш нишинад, чун дар паси шиша дар паси ағбае зодгоҳу тарҳи хурдакаки ятимеро мебинад. Азоби хаскашию даравгарӣ ба ёдаш меояд. Аз дуриҳои дур нолаи ҷонбалабрасидаи фарёдаш меояд. Аз миёни

он ҳама шиносон Олими Мубораку Мирзои Ширин ба имдодаш меоянд. Рӯҳи Олими Муборак шоду манзили охирататаш обод бод. Давлати пирӣ меронад Ҳоҷӣ Мирзои Ширини худодод. Ҳар ду дар дафтари хотироти корӣ номи ҳоҷатмандонро навишта, мушкили камбизоатонро осон мекарданд. Дарди то рӯзи маблағдор шудан дармон мекарданд. Сипосгузорон даврони кории онҳоро фаромӯш намекунанд. Оташи меҳрашонро дар танӯри дил хомӯш намекунанд.

Магазинашон ҳам ҷои фурӯши маводи рӯзгор буду ҳам маърифатгоҳи деҳаи Душохазамин. Он ҷо пиру ҷавон сӯҳбат мекарданд, беҳтарин ҳодисаву байтҳои андарзиро қироат карда, ворисонро ба роҳи неки фардои ҳаёт ҳидоят мекарданд.

Ятими мактабравак дар ҳамон суҳбат таърифи Олими Мубораку Ҳоҷӣ Мирзои Ширин ва суханҳои ҳикматомезро шунида, дар баҳри орзуву андешаҳо меғӯтид ва тарҳи роҳи умеди ояндаро мекашид, худро ҳамчун дӯкондоре дар ҷои нишод медид.

Роҳи орзуи дерина ӯро бо ҳамдиёронаш Қурбони Маҷнун, Муқаддаси Сайфулло, Дилшоди Асрор, Аъзами Сӯфӣ, Абдуқаюми Салоҳ, Сайфуддини Убайд, Эргаши Зубайд аз ноҳияи собиқ Комсомолобод (ҳоло Нуробод) ба шаҳри Хуҷанд бурд. Ӯ дар қатори дигарҳо имтиҳони қабулро дар техникуми кооперативӣ бо сарбаландӣ супурд. Барои дар донишгоҳ таҳсил кардан имконият надошт. Дасткӯтоҳӣ ба шохаи баланд мева чиданаш намегузошт. Домани нангу номусро маҳкамтар дошта, нозукиҳои касби савдоро меомӯхт, чароғи дониш меафрӯхт. Дар корзори маърифат саманди андешаву шабзиндадорӣ Рахшаш буд. Ин гуфтаи Бедили бузург сарбайти умедбахшаш буд:

Риштаи амвоҷро уқда нагардад ҳубоб,
Обила дар роҳи шавқ монеи ҷавлони кист?

Тоби заҳмату истеъдоди фавқулодаашро дида, баъди хатми боргоҳи ҳунар, барои дарёфтани роҳи дури умед имконаш доданд аз миёни ҳамдарсон танҳо ӯро барои такмил додани ихтисос фиристоданд. Як соли таҳсил дар шаҳри

Маскав ва се соли хизмати ҳарбӣ дар Эстония ҷаҳонбинияшро дигар кард. Нахли умрашро пурсамар кард. Роҳи қисмат ӯро боз ба диёри аҷдодӣ овард. Аввал дар дастгоҳи Иттифоқи «Тоҷикматлубот» таҷриба омӯхт, баъдтар Донишкадаи кооперативии шаҳри Самарқандро хатм карда, дар вазифаҳои молшинос, ҷонишини мудири шуъба ва раиси Раёсати Ҷамъияти матлуботи ноҳияи Ҳисор кор кард, хизмати содиқона ба халқу диёр кард. Ҳамин тариқ нардбони умеду кордонӣ ӯро зина – зина боло бароварда. Хомаи дасти ҳақшиносон номашро дар рӯйхати роҳбарони замон ҷо кард.

Ба вазифаҳои кордони шуъбаи савдо ва хизмати маишии КМ ҲКТ, ҷонишин ва ҷонишини аввали вазири савдо ва билохир раиси Раёсати Иттифоқи «Тоҷикматлубот» таъинаш карданд ва болошнишинаш карданд.

Солҳои дар ин вазифа кор кардани ӯ сатҳи дӯкону нуқтаҳои фурӯш, чойхонаву ошхона пайдо шуданд. Соҳибкасбон афзуданд. Соҳа ба авҷи тараққиёт расид. Раис аз шӯҳрат ёфтани зердастонаш ифтихор карда, аз бурду барори кораш меболид.

Ҷанги шаҳрвандӣ чун ғубори хазоне ба баҳори гулшани умедаш афтод, самари боғи сабзондаашро қариб, ки барбод дод. Кордонҳои манфиатҷӯ вазифаашро толиб шуданд, курсии раисиашро соҳиб шуданд, вале мартабаву мақомашро гирифта натавонистанд. Баъди ба чоҳи мушкилот афтодани хешу рӯ ба таназзул овардани соҳа чӣ қудрат доштану кӣ будани ӯро хубтар донистанд.

Дар ин давра боз ӯро ҷонишини вазири иқтисоди хориҷӣ таъин карданд. Бурдҳо аз фаҳму дониши баланд ва мутолиаи неки ин ҷонишин карданд. Вале матлуботчиён дар озмуни даврони бозоргонӣ бохтанд ва чеҳраи худро дар оинаи касбу ҳунар нашинохтанд.

Баъди чаҳор сол ҳолати барҳамхӯрии соҳа ба миён омад, давраи андешаи роҳи ба суд табдил додани зиён омад. Сардори давлат барои аз вартаи таназзул баромадани соҳа ӯро аз нав ба «Тоҷикматлубот» фиристод, бо умеди он ки вайронаҳоро кунад обод. Ҷонишин намехост, ки бори дигар ба коргоҳи пешина равад, вазифаи раисро соҳиб шавад. Медонист, ки барқарор кардани вайронаҳо кори сангин аст. Вале

ӯ дигар илоҷи рад кардани ин пешниҳодро надошт. Розӣ шуда, ба фикри дар бозори замону ҷаҳони тиҷорат мавқеъ пайдо кардан қадам гузошт. Пеш аз ҳама кӯшиш мекард, ки дигар дар ин мубориза ба ӯ зафар ёр шавад, ба боварии амрдода сазовор шавад. Амрдода низ дасти мадад дароз кард, соҳаро соҳибимтиёз кард. Роҳбари кордон рӯҳбаланд шуда, дар андак муддат роҳи кушодани гирехи риштаи мушкилотро дарёфт, доруи бахшандаи наҷотро дарёфт. Ин гирехкушо нохуну дандони адлу захри шарбаитбахшандаи замати пайваставу ҳисси баланди ватандӯстиву меҳнати содиқона буд, ба касбу ҳунар шавқу рағбати ошиқона буд.

То фазлу ҳунар оинапардоз нашуд,
З-иқбол даре ба рӯи кас боз нашуд.

Инак ҳашт сол аст, ки ӯ баҳри рушди соҳа заҳмат кашида ҳамроҳи кормандонаш вайронаҳоро обод мекунад, барои ворид шудан ба бозор ободиҳоро сайқали тоза бахшида мардумро аз маҳбаси наздикбинию фаҳми музофотӣ озод мекунад.

Даъваташро қабул карда, ба Тоҷикистон омадани сарварони кооператсияи матлуботи дах кишвари собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ гувоҳи кордонӣ ва ба қадраш расидани ҳамкорони дерина аст. Мақсади бастани аҳдномаҳо бошад ин баланд бардоштани обрӯи соҳа ва ғанӣ гардонидани хазина аст. Тоҷирони шӯҳрати дурӯза ёфта низ имрӯз ночор анборҳои нигоҳдоштаашро ба иҷора мегиранд, роҳи пос доштани намаки ҳунарро ёд аз кормандони ин идора мегиранд.

Раис медонад, ки дирӯзу имрӯзу фардо ҳама ҳалқаҳои як занҷир аст, пайванди тақдир аст. Имрӯзи некро дида, фаромӯш намесозад қисмати деринро. Барои ба мақсадҳои ниҳоӣ расидан ва мададгору ибратомӯзи мардум гаштан ба хотир меорад даврони кории Олими Мубораку Мирзои Ширинро.

Медонад, ки мақсади зиндагии дигар мавҷудот барои пур кардани ком аст, вале ҳастии инсон ба хотири соҳиб шудани як ном аст. Бо ин умеду андеша умр ба сар мебарад ва дар боғи ҳастии имрӯзи ғанимат дарахтони нангу номуси фардои

ватандориро мепарварад. Ин маънӣ боз дар китоби навиштааш, ки аз боби таърихи тиҷорату соҳаи матлубот ҳикоят мекунад, равшантар ба қалам дода шудааст. Сари сафедаш бозгӯи умри азизаш ҳаст, ки сарфи тай кардани ин ҷода шудааст.

Алқисса, роҳбари кордон, дорандаи медали «Барои меҳнати шоён», Корманди шоистаи Тоҷикистон Мирзоев Ятим Нурович мардест, ки дидораш нек аст, гуфтору пиндораш нек аст. Ҷавобгӯи қисмати диёр ҳамин гуна роҳбарҳоро меҷӯяд. Халқ низ қиссаи ибратбахши фарзанди некашро мегӯяд:

Ту дороӣ на бо симу на бо зар,
Ба ганҷи фаҳми худ доро ту ҳастӣ.
Туро бегона ҳам хонад бародар,
Ба садҳо дидаву дил ҷо ту ҳастӣ.

Ба рафтору ба кирдору ба гуфтор,
Азизӣ бар ҳама, ту бебаҳоӣ.
Ту аз инсони комил дорӣ осор,
Ту маҷмӯи тамоми некҳоӣ.

Ба лутфат сангдилро мекунӣ мум,
Ту ҳастӣ ибратомӯзи дигарҳо.
Ба умре, ки зи такрор асту маҳрум,
Ту мехоҳӣ зи худ монӣ асарҳо.

Ҷавонмардона созӣ мушкил осон,
Касеро бар ту кор афтода бошад.
Ба рӯят ҳар куҷо бо рӯи хандон,
Дари поси намак бикшода бошад...

ҲОҶӢ ИНЪОМ

Ҳоҷӣ Инъом дар он саҳрои хушки биёбонмонанд, ки даври ҳукми мири баҳораш он қадар тӯлонӣ нест, ҳатто аз фасли гармояш бӯи хазон ба машом мерасад ва дар оғӯшаш танҳо як боғи сарсабз метобад, ҳоким аст. Аз майдони коҳу пояи гандуми ин дашти беоб пайдост, ки аз чунин хок базӯр як маротиба ҳосил бардоштан мумкин. Вале дидани боғи оғӯши дашти лабташна, ки ҳавои баҳоролуд дорад, ноумедии каси ба ин макон рӯ овардаро барҳам мезанад. Ин боғи бунёдкардаи ҳокими баномуси ин қаламрав Ҳоҷӣ Инъоми Муҳаммадӣ мебошад. Ниҳолони парвардаи ин марди заҳматкаш, ки навдаҳову шохаҳои ба худ хос доранд ва танҳо баргҳои ҳамранг фарқияташонро аз байн мебаранд, дар саҳрои кушод ҳашарчиёни сабзпӯшро пеши рӯ меоранд. Ҳар як ниҳол ба дидаи соҳибаш мисли фарзанд азиз метобад ва ӯ чун падар аз ғояти шавқ аз бари парвардаҳояш дур нарафта, шабашро дар ҳамон манзил рӯз мекунад.

Шиносону қадрдонҳо бовар надоштанд, ки Ҳоҷӣ Инъом якуякбора роҳи касбашро дигар карда, ба олами ношинос ворид мешавад. Аз баҳри ҷаҳонгардӣ ва дидани шаҳрҳои бузург гузашта, дар оғӯши дашти урён хайма мезанад. Ҳамшаҳриён деҳқон шуданашро шунида, ба ӯ ба таври худ баҳо медоданд. Бештар шахсоне аз ин боб ҳарф мезаданд, ки дар чойхона соатҳои дароз нишаста, қиссаҳои аз даврони бобои Одам то ин дамро ба ёд оварда, дар ин миён номи ҳамзамонони шиносро ба забон мегирифтанд ва ҳар кадоме ба қадри фаҳми худ ба онҳо баҳо ва дуо медоданд.

- Дар замин танҳо одами пуртоқат кор карда метавонад. Аз қитъае бо ҷонканӣ ва аз дарахте баъди чандин соли интизорӣ самар гирифтан мумкин аст.

- Ба фикрам Ҳоҷӣ Инъомро дар назар доред. Ин мард аз хок зар бардоштанро шояд тиҷорат пиндошта, ба ин кор даст задаст ва моли истеҳсолкардаи дигаронро осонакак фурӯхтан хостааст.Шояд носерамӣ ӯро ба ин роҳ бурдааст?

- Не, хато мекунед. Агар ӯ аз он тоифаи мегуфтагиятон мебуд, ҳамин чойхонаи бошукуҳро, ки ҳама шароитҳоро дорад, бо пули зиёд сохта, ройгон ба ихтиёри куҳансолон намедод.

- Ман ҳам ин суханро тасдиқ карда мегӯям, ки вай ҳам доно ва ҳам дорост, дар хоксорӣ низ ҳамто надорад. Шояд дасти хайраш ва дуои ҳоҷатмандон мадад кард, ки танаш аз дарди бедаво амон ёфт,- гуфт ҳамсуҳбати охирин ва ба мавзӯи баҳс нуқта гузошт.

Ростӣ, касе бовар надошт, ки ин тоҷири истаравшанӣ даст ба кори деҳқонӣ мезанад. Зеро медонистанд, ки ӯ намудҳои дарахтро то мева надошта бошанд, аз ҳамдигар фарқ карда наметавонад ва аз асрори боғдорӣ тамоман бехабар аст. Вале фаромӯш мекарданд, ки нангу номус ва ҷаҳд ба аҳд метавонад ба инсон умеду боварӣ бубахшад ва ба тани ҳар орзу ҷомаи амал пӯшонад. Дар гӯшаи хаёли Ҳоҷӣ Инъом ҳам набуд, ки дар айёми миёнаумрӣ худро аз олами нисбатан роҳатолуд ба ҷаҳони заҳмат зада, боғпарвар мешавад. Гоҳо ҳангоми таъсири офтоби сӯзон буттае намеёфт, ки худро дар сояааш бигирад, лаби дарёву соҳили баҳри дигар кишварҳоро ба ёд меовард ва дар сараш садҳо хаёли шӯрангез пайдо шуда, ноумедаш мекарданд. Вале боз кадомин неруи роҳнамое ӯро ба майдони мубориза бурдану таслим нашудан ҳидоят намуда, ҷамъияти шӯрангезонашро пароканда мекард. Ин қудрат неруи бузурги ватандорӣ буд, ки хоки камҳосилро дар назараш зарбахшу хасу хори диёрро гулу гулзор ҷилвагар менамуд ва ҳамон гулгашту хиёбонҳои зебои кишварҳои машҳури сайёҳиро дар домани дашти урён медид.

Ин ҳама муҳаббату эҳсос аз дидани як барномаи шабакаи телевизионӣ, ки аз бахши боғдорӣ ҳикоят мекард, ибтидо гирифт. Дар он намоиш Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон зимни сафари корӣ соҳиби боғро ситоишу навозиш карда, ба ҳокимони маҳал супориш дод, ки барои васеъ шудани майдони боғ ба чунин мардони заҳматкаш қитъаи замин ҷудо намоянд. Маҳз ҳамин эътибору дастгирӣ дар танӯри дили Инъом шуълаи умеди боғдориро афрӯхт ва шаб то рӯз дар ин хусус андеша кард. Бо ҳамин нияти нек пагоҳии барвақт роҳи ҳукумати ноҳияи Истаравшанро пеш гирифт. Баъди барор нагирифтани кораш ва шунидани таъкиди шахсони масъул: "Ҳар кас кори худашро кунад", дилаш андак сард шуд. Вале баъди гузаштани муддате ишқи боғдорӣ ва раси-

дан ба рӯзи мубораки мақсуд аз нав дилашро ором нагузошт. Ночор ба даргоҳи раиси ноҳияи Шаҳристон рӯи ниёз оварад. Муқум Наимов арзашро шунида, гуфт: "Мо шуморо ғоибона мешиносем, чойхонаи миллии сохтаатонро, ки ройгон ба ихтиёри пирони диёр додаед, медонем. Вале сад афсӯс, ки хоҳишатонро иҷро карда наметавонем. Ҳарчанд замини нокорам бисёр бошад ҳам, майдони ҳамвору қитъаи ҳосилхезе надорем, ки ба шумо бидиҳем".

"Аз замини корам ҳама ҳосил гирифта метавонад. Дар сари дастархони мардум нишастан мушкил набошад ҳам, миннат дорад. Ба ман талу теппаи шудгорнадида лозим. Мехоҳам, ки дар замини ҳамворкардаи худам боғ бунёд бикунам",- гуфт ҳоҷатманд. Ҷавоби Инъом ба раис писанд омад ва баъди занг задану ҳозир шудани ду заминшинос гуфт: "Рафтем, ба оғӯши дашти ташналаб".

Онҳо ба сари замине, ки аз маркази Шаҳристон андак дур ва ҳамсарҳади ноҳияи Истаравшан аст, расиданд. Ин саҳрои беканор, ки дар даҳҳо ҳазор гектар майдон доман паҳн карда, дар қатортеппаҳои баланд масоҳаташ ба поён мерасад, ба ӯ шиноси дерина аст. Ҳар боре, ки аз роҳи миёни ин саҳрои биёбонранг мегузашт, дилаш месӯхт ба ҳоли майдонҳои бекорхобида ва аз хаёлаш мегузашт: "Магар одаме ёфт намешавад, ки об оварда, як гӯшаи ин маконро обод бикунад. Агар ба ин мавзеъ об меоварданд, хористон ба гулистон табдил меёфт".

"Марҳамат, ягон гӯшаи нисбатан ҳамворашро интихоб бикунед, ҳуҷҷат карда медиҳем" гуфт раис. Инъом ба аҳдаш истода рағми гуфтаи заминшиносон ҷои аз ҳама пасту баландро интихоб кард. Ҳамин тавр муроди ӯ ҳосил шуду ба кор шурӯъ намуд. Муҳлати омодагӣ қариб ду сол тӯл кашид. Майдони бистгектараи пасту баландро ҳамвор кардан кори осон набуд. Ҳамворкунандаву боркашҳои азимҷуссаро иҷора гирифт. Ҳазорон мошин хоки теппаҳоро кашонда, ба дарачаҳо рехт ва замини ноҳамворро ба бузургтарин майдони варзишӣ монанд кард. Даромадҳои тиҷоратии солҳои дароз ҷамъ кардааш сарф шуданд ва ӯ ба фурӯхтани амволи арзишмандаш даст зад. Аввалҳо касе намедонист, ки дар оғӯши дашт чӣ бунёд мешавад ва кадом лоиҳа амалӣ мегар-

дад. Баъдтар овозаи боғ бунёд кардани Инъоми тоҷир ба ҳама ҷо расид. Ҳолдонҳо ва роҳгузарон мегуфтанд, ки: "Ҳоҷӣ ақлашро хӯрдааст. Кадом фиребгар ин бечораро ба ин роҳи касодшавӣ ҳидоят карда бошад? Сад ҷон биканад ҳам, аз ин хоки камшира ва ҷои чорвогузар ҳосил гирифта наметавонад. Доротарин тоҷир ҳам, ки ба чунин кори бефоида даст бизанад, нодор мешавад".

Ҳоҷӣ Инъом ҳар рӯз ин суханҳоро аз забони даҳҳо воҳимачии коргурез ва нотавонбин шунида, гоҳо дудила шуда, ба баҳри фикрҳои гуногун фурӯ мерафт, вале неруи дӯст доштани ҳаёт ӯро аз вартаи ноумедӣ ва ғарқшавӣ наҷот медод. Магар таъсири ҳамон таъкиду ишораҳо буд, ки дар айни долу зарб ва омода шудани замин ба ниҳолшинонӣ сахт бемор шуд. Табибон баъди муоина дар яке аз узвҳояш нишонаи дарди саратонро мушоҳида карда, маслиҳат додаанд, ки дар Маскав табобат бикунад. Барои нишона мондан бо дастони худаш даҳҳо ниҳол шинонда, баъд аз пайи табобат рафт. Дар роҳи сафар ҳам ҷои фикри давои дарди ҷонсӯзро хаёли майдони боғу ниҳолони навшинонда мегирифт. Мехост аз роҳ баргашта, боз худро дар оғӯши саҳро бигирад. Вале таъсири дард ӯро маҷбур мекард, ки муддате аз олами умедаш дур бошад. Баъди чанд рӯзи сафар ӯро дар яке аз беморхонаҳои саратоншиносии шаҳри бузург хобонда, ҷарроҳӣ карданд. Ҳанӯз ҷои хати теғ нарафта, хоҳиш кард, ки ҷавобаш диҳанд. Табибон бетоқатиаашро дида, гуфтанд: "Бирав, кори сахт макун, вале баъди як сол боз биё". Инъом баробари ба ҳудуди ноҳияи Шаҳристон расидан фикри аввал ба хона рафтанро аз сар дур карда, роҳи майдони боғашро пеш гирифт. Дастаи заҳматкашон аз дидори сардор мамнун гашта, дуои ҷони ӯро карданд. Ҳоҷӣ Инъом аз тамошои ниҳолакони навбарг, ки дар назараш мисли ворисони ояндадораш менамуданд, завқ мебурд ва баҳри дилаш кушода мешуд. Дар таъкиди: "Аз нек боғ мемонад" нишонаи ҷовидониро дида, худашро сабук ҳис мекард. То як қисми майдонро ба боғ табдил дод, ки як сол гузашт. Зарурати ҷарроҳии дубора ӯро боз ба ҳамон беморхона бурд. Дар ин навбат ҳам нишонаҳои дарди бедавояшро тасдиқ карда, боз ба баданаш теғ заданд. Ин бор муҳлати табобат ва дурӣ аз ёру диёр тӯл

кашид. Мехост мисли мурғаке зуд парвоз карда, худро ба он мавзеи ошно бирасонад. Баъди гӯшт гирифтани ҷои захму ташхиси навбатӣ ба ватан баргашта, аввал саҳрои шинос ва дастаи умедашро хабар гирифт. Ин маротиб дигар фикри дардашро накарда, тан ба заҳмат дод. Дар се сол сӣ ҳазор бех ниҳоли себи нодир сабз кард. Ҳар рӯз як маротиба замини бистгектарарo давр зада, ҳар ниҳолро аз назар мегузаронд ва дар ҳолати мушоҳида кардани беморӣ, дарҳол донишманди кироияшро, ки илми боғдориро аз ҳама хуб медонист, даъват мекард. Ғайр аз ин сифати баланди роҳи аз ҳиммати фаҳми Сарвари давлат сохташударо, ки мушкили мусофиронро осон мекунад, дида, хост ки ба ин зебоӣ ҳусни дигар зам намояд. Бо ин мақсад қад-қади шоҳроҳи Душанбе - Чанак дар масофаи се километр шаш ҳазор бех ниҳоли ороишӣ шинонд ва ҳар рӯз ниҳолони сафоростаи ҳуснбахшро хабар мегирифт. Ҳоло ният дорад, ки ин масофаро ба даҳ-понздаҳ километр расонад. Мехоҳад, ки дигарон ҳам ин амали ватандӯстонаи ӯро идома дода, дар бари ду канори ин шоҳроҳ аз аввал то охир, дар он ҷое, ки имкон аст, дарахтони ороишӣ сабзонанд. Ба ин хотир гӯшаи ниҳолпарварӣ ташкил кард ва аз тухм даҳ ҳазор бех ниҳоли арча сабзонд, ки ҳама ба кӯчат расидаанд. Ба касоне, ки дар бари ҳамин роҳи калони ҳамвор ниҳол шинондан мехоҳанд, парвардаҳояшро ройгон медиҳад. Дар се ҷои бари роҳ расми диданбоби Сарвари давлат ва даъватҳои хонои ободкориву созандагии ӯро, ки ба чашми ҳар роҳгузар мерасад ва дигаронро ҳам ба роҳи боғдорию сарсабз намудани ҳар қадами диёр ҳидоят менамояд, гузошт. Ҳоҷӣ Инъом баъд аз сабзондани сӣ ҳазор бех ниҳоли гуногуни себ, ба шинондани дарахтони олу, нок, гелос ва дигар нахлҳои мевадиҳанда гузашт. Қисматҳои дувуму сеюми боғ ҳам бо баргҳои сабзи худ пуштаи хазонрангро баҳороғӯш кардааст. Барои тақриба дар ҷойҳои ноҳамвор низ шаш ҳазор бех ниҳоли гуногун шинонда, бо зарф об додани онҳоро ба роҳ монд. Дар ҷои пасту баланд ҳам як боғи сарсабзи намунавӣ пайдо шуд. Ин марди дар аввал аз илми боғдорӣ бехабар заҳмат кашида, тавассути интернет ба кори боғпарварони бузурги дигар кишварҳо ошно шуд ва аз ҳама тақрибаҳо усули ҳолландӣ - тарзи дуқатораи аз як ҷӯй

об хӯрдани ниҳолҳо ба ӯ писанд омад. Дарҳол бо ин усули самарабахш садҳо бех ниҳоли себ сабзонид, ки лоиқи таҳсину сазовори эътироф аст. Аз омӯхтани пай дар пай чӣ манфиат доштани навъҳои ниҳолро хубтар фаҳмид ва дар гирди боғ ду ҳазор бех буттаи хуч шинонд. Зеро медонист, ки мевааш ба дардҳо даво ва буттаҳои хордораш боиси кам шудани ҳашарот мегардад ва ҳамзамон бе харҷи зиёдатӣ ҷои симтурро гирифта, боғро аз зиёнкорон муҳофизат мекунад. Ҳоло чанде аз онҳо бо меваҳои зардранги омехтаи сурхӣ назарраборанд. Ғайр аз ин ҳазор бех ниҳоли чормағз сабзонда, теъдоди ниҳолҳои бо азоби мушкил парвардаи худро ба панҷоҳу ҳашт ҳазор расонд. Ин ба дидану гуфтан осон аст. Коре, ки як хоҷагидор кардааст, аз сарҳади баҳогузорӣ ҳам мегузарад. Баъди ҳамвор кардани замини ноҳамвор пули калон сарф карда, аз роҳи дур об овард ва ба шинондани ниҳолҳо суръат бахшид. Барои беҳуда ҷорӣ нашудани об дар се канори боғ кандани ҳавзҳои калонро ба нақша гирифт. Оби ҷамъшуда имконият фароҳам меоварад, ки боз даҳҳо гектар зимин азхуд ва обшор карда шавад. Ҳоло кандани ҳавзҳо бо ҷӯшу хурӯш идома дорад. Ҳамзамон барои оқилона истифода бурдани ҳар қатра обу ҳар пора замин дар байни қатори ниҳолҳо коштани тухми картошкаву сабзӣ, лаблабу ва дигар сабзавотро ба роҳ монд. Танҳо ҳосили имсолаи картошкаи байни боғаш аз ҳар гектар 55 сентнериро ташкил медиҳад. Заҳматкашони дастаи ҳафтоднафарааш аз дигар зироатҳо низ ҳосили хуб гирифта, дар баҳои ранҷи кашида соҳиби музди хуб мегарданд.

Деҳқонон ҳатто дар лаҳзаҳои истироҳат ҳам дар хусуси порудор ва серҳосил шудани замин суҳбат мекунанд.

Ҳоҷӣ Инъом дар таҳлилҳои содаи онҳо низ нишонаи дорошавии кишварро дида, муносибату муҳаббаташ ба ҳар кадоме хубтару бештар мегардад. Ин мулкдор сабаби ёфт нашудани поруро дар афзудани теъдоди хоҷагиҳои хурду калон ва кам будани майдони чорвопарварӣ мебинад ва хулоса мебарорад, ки барои бо пору олуда гаштани бист гектар замин соҳиби садҳо сар чорпо будан лозим аст. Агар иҷозат диҳанд, қудрати даста барои нигоҳубини ҳазорон сар чорпо ҳам мерасад, вале сад афсӯс, ки баъзе дароздастон

садди роҳи ҷомаи амал пӯшидани орзуҳои ҳоҷатмандон мегарданд. Гоҳо тасдиқи як ҳуҷҷат аз заҳмати кори солонаи деҳқонӣ вазнинтар меафтад. Агар муҳри иҷозат дар дасти мақомоти маҳаллӣ мебуд, раиси ноҳия Наим Мукумови ҳақталош ин масъларо ба манфиати кордонҳо ҳал мекард.

Ҳоҷӣ Инъом дар оғуши саҳро ҳамроҳи заҳматкашони дастааш танҳо бо умеди сарсабзу зебо гаштани як гӯшаи ватан аз субҳ то шом ҷунбуҷул мекунанд. Бовар доранд, ки рӯзе қадами мубораки Сарвари давлат ба ин саҳро ҳам мерасад ва он кас самари заҳмати эшонро дида хурсанд мешаванд ва ҳатман аз рӯи одати ҳамешагӣ мегӯянд: "Чӣ мушкил доред, ки осон бикунам?" Дарҳол мақсадашонро мегӯянд ва баъди амри он Олиҷаноб онҳо соҳиби фермаи хусусии чорводорӣ ҳам мешаванд. Ширу гӯшти истеҳсолкардаро ба мардум фурухта, поруро ба замин медиҳанд.

Баъди ҷарроҳии дуюм Ҳоҷӣ Инъом побанди кор шуда, танҳо дар бораи ба гулистон табдил додани саҳрои лабташна андеша мекард ва дар марзи дилаш меҳри дарахти ҳастӣ афзунтар реша мекард. Ончунон дил ба кор дода буд, ки дигар масъалаҳои бароярш ҳаётан муҳим ҳам фаромӯш мешуд, ҳатто дар ин миён оташи дарди бедавояш хомӯш мешуд. Дар муоинаи навбатӣ, ки муҳлаташ аз пуркорӣ гузашта буд, аз ҷисмаш нишонаи дарди саратон пайдо нашуд. Ин барои табибони бузург ҳам муъҷиза буд. Надонистанд, ки чӣ маҳлуле равонд ин доғу ранги зардашро. Худаш медонад сабаби даво ёфтани дардашро. Сабаби аввал гардишу заҳмат кашидан дар боғ аст. Дигар обрӯву номдорӣ қатра-қатра ва ҷӯя -ҷӯя шуҳрати рӯҳнавозест, ки равонандаи ҳама гуна дарду доғ аст.

САРВАТИ МИЛЛӢ

Бузург он кас аст, ки бо кору кирдор ва фикру ақидааш аз дигарон фарқ мекунад ва тарзи нигоҳи хосса ба атроф ва оламу одам дорад, дар ғамаш шодию дар шодияш ғам дорад. Ояндаро пештар дида, маънии аслии омадану рафтанро хубтар фаҳмида, ба ранги дигар зиндагонӣ мекунад, бори фаҳмаш ба тори зеҳни ҳамзамонон гаронӣ мекунад. Кӣ бу-

дан ва чӣ мақсад доштанашро намедонанд. Ошноиашро дарк накарда, ӯро ба олами ҳастӣ бегона мехонанд. Намедонанд, ки оқилон дар фикри кори хештан девонаанд. Ҳошим Гадо аз зумраи ҳамин гуна инсонҳост, нодори аз ҳама дорост. Ҳам нақшофару ҳам таҳиягари бузург аст ва ҳам хотираҳои хотирмонашро рӯи коғаз оварда, қиссаҳои ибратбахш эҷод мекунад. Ӯ як ҷӯяндаи нӯш аз неш аст, ӯ як Диогени даврони хеш аст.

Ҳошим Гадо дунёи ормон ва дарду дармони худро дорад. Хандааш мегирёнаду гиряаш механдонад. Танҳо бузург бузургро шинохта, бори нозашро бардошта метавонад. Шояд онҳое ба дунёи Ҳошим ошно бошанд, ки аз ӯ дарси ҳунар, сабақи ба зери бори гарони ҳастӣ тоб оварданро гирифтаанд, аз ӯ дарси ҳаросон нашудан аз мушкилот ва қадами устувор гузоштан ба роҳи ҳаёт омӯхтаанд.

Киношиноси машҳури Чех ИринаЭлияшева менависад:

«Сӯҳроби азизи ман, Ҳошим! Ман шуморо садҳо маротиба тамошо карда, сер нашудаам. Бисёр ситорагони тобони ҷаҳон дар нисбати шумо камнуранд. Сӯҳроб маҷмуи зебоиҳост. Ҳазор сол, ки бизии, чунин зебоиро намебинӣ.»

Ҳошим Гадо устоди бузурги саҳнаи ҳунар аст, дар зиндагӣ дигару дар саҳна дигар аст. Фидоие дар ҷодаи умеду мақсади хеш аст, дар роҳи ҳунар мусофири аз дигарон пеш аст. Ҳамеша маънии зиндагиро ба офтоб нисбат дода, ҳамчун хуршеди худфурӯзи саҳна ба сари дигарон нури маърифат мепошад. Бо нури ақлу заковати худододаи худ равшангари ҷодаи ҳунари воло ва роҳи шӯҳрати миллат мебошад. Ҳунармандест, ки қаҳрамонони офаридааш дилфароханд, тарсӯву яғмогар ва тангназар нестанд, балки барои татбиқи ақида, ҳифзи марзу бум ва баланд бардоштани парчами нанг мубориза мебаранд.

Ба ҳунарманди куҳансоле, ки ҳанӯз тоири шавқаш майли парвоз дошт ва мехост дар намоишномае нақшеро бозӣ кунад, мегӯянд: – Устод, бузургии шуморо эътироф мекунем, оё пирӣ монеаи ҷавлонатон намегардад?

– Барфи болои бом ба оташи даруни хона чӣ дахл дорад? – мегӯяд ҳунарманди куҳансол ва беҳтарин нақши моломол аз шавқу ҳаваси зиндагӣ ва меҳру садоқати инсониро офарида,

тамошобинро дар ҳайрат мегузорад. Ҳошим Гадо низ пири саҳнаи ҳунар аст, ки дили ҷавон дорад. Ин баҳои додаро гуфтаҳои Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон шодравон Хушназар Майбалиев бори дигар тасдиқ мекунад.

– Намоишномаи «Рӯдакӣ»-ро дида, ба ин хулоса омадам: «Ҷустуҷуи пай дар пай» дар рафти эҷодиёт бузургтарин дастоварди мебошад. Тамошобини ҷаҳонбиниаш васеъ дар намоиши «Рӯдакӣ» аз оғози прологи асари саҳнавӣ бурди коргардонро ҳатман ҳис мекунад. Прологи таҳиянамудаи Ҳошим Гадо якбора ҳисси бедории миллиро ба вуҷуд меорад.

Хуб мебуд, ки агар тамоми намоиш тобеи ин прологу эпилог мегашт. Бисёр хурсандам аз бозёфтҳои эҷодии Ортиқ Қодиров дар нақши Рӯдакӣ ва Малоҳат Абдуллоева дар нақши Нигина, алббата, бо мададу ёрии таҳиягар Ҳошим Гадо».

Адиби машҳури тоҷик Сотим Улуғзода навиштааст, ки:

–Ҳангоми тамошои намоишномаи «Ҷавонии Сино» бори аввал фаромӯш кардаам, ки он асари ман аст ва дар саҳна Ҳошим Гадо нақши Синоро мебозад.

Оре, Ҳошим Гадо тавонист, ки бо ҳунару истеъдоди баланди худ соҳибҳунарии мардуми тоҷикро ба ҷаҳониён муарифӣ намояд. Китоби санъатшиноси маъруфи мамлакат Низом Нурҷонов таҳти унвони «Ҳошим Гадоев», ки дар он соҳибистеъдодӣ, бузургӣ ва дигар паҳлуҳои эҷоду ҳаёти ин ҳунарманди асил тасвир гардидааст, гувоҳи ин гуфтаҳоянд. Дар филми озарии « Шӯълаи гулшанҳои хомӯш»Ҳошим Гадо нақши Ғазанро офаридааст. Вақти бозӣ ба саҳна ба ҷои барзагови машқдода барзагови ҳамрангашро медароранд. Ҳунарманд ин ҳолати ногуворро пай бурда, аз хашм гардани барзагови ивазшударо шикаста, беҷонаш мекунад. Ин саҳнаи диловарӣ бисёр хотирмон ва зафари Ҳошиму шикасти нотавонбинон буд. Баъди ин саҳна дар ҳамон макони филмбардорӣ чашмаеро ба номи Ҳошим Гадо мегузоранд, ки ҳоло бо номи «Чашмаи Ҳошим» машҳур аст. Дар филми «Суғдиён» бошад ҳангоми мубориза ба муқобили лашкари араб ба ӯ аспи рамандаи ҷавмаст медиҳанд. Ҳунарманд аз асп афтода, дар регзор фурӯ меравад. Дар чунин ҳолат зинда мондан амри муҳол буд, вале Ҳошими машқдида зинда ме-

монад. Дар филми «Набарди се шоҳ»ҳангоми оташ гирифтани киштӣ қаҳрамон аз баландии 22 метр меҷаҳад ва аз марг мераҳад.

Таҳияҳои гуногуни «Эдип» маъруфанд. Русҳо пештар намоишномаи гурҷиҳоро дида буданд. Дар онҳо воқеаҳо маҷбуран антиқӣ шуда, пешкаши тамошобан мегарданд. Вале дар таҳияи Ҳошим он хеле фарогир аст. Фоҷеаи Эдип, ҳамсараш, билохир халқи ӯро чӣ хел самимию воқеӣ пеши назар ҷилвагар менамояд, – мегӯяд доктори илми санъатшиносӣ Елена Полякова.

– Дар бораи фоҷиазадаҳои машҳури ҷаҳон бисёр шунидаам ва хондаам. Танҳо пас аз тамошои «Эдип» дар саҳнаи тоҷикфоҷиазадаи бузургро дидаам. Ҳошим Гадо дар он хилқат буд. Ҳоло бисёр касон мегӯянд, ки театр тамошобинро гум кардааст, театр мемирад. Театри мо намемирад, агар ҳунарманде чун Ҳошим Гадо зинда аст, – менависад дар дафтари хотироташ ҳунарманди бузурги рус Крилл Лавров.

– Эдипро ҳаждаҳ маротиб дида будам. Барои аз ҷашни театри тоҷик бенасиб намонадан ба Москав рафтам ва бори дигар ангушти ҳайрат газидам. Ҳишим Гадо барои рӯи саҳна омадани ин асари оламшумул 22 сол бори ранҷу ғам кашида, аз имтиёзҳои ҳастӣ маҳрум шуда, ба дигарон фараҳмандӣ бахшидааст. Шукри Ҳошим барин ҳунармандони бузург, ки санъати қадимаи тоҷикро зинда медоранд, – мегӯяд санъатшиноси тоҷик Лола Ҳасанова.

– Шумо, Ҳошим Гадо, ҳунарманди нотакрор, актиёр ва коргардони бузурги асри ХХ мебошед. « Эдип»-и шумо асари бемисли асри ХХ аст. Нақше, ки шумо офаридаед, вуҷудамро ба ларза овард, ҳам аз нигоҳи ҳунар, ҳам аз нигоҳи коргардонӣ. Доҳиёна аст! Тамано дорам, ки «Спартак»-и шумо рӯи саҳнаро бубинад, – Александр Владимирович Сахновский, собиқ вазири фарҳанги ҷумҳурии Белорус.

Ҳошим Гадо ҳунармандест, ки аз имтиҳони душвори мактаби санъати бузурги рус ва ҷаҳон гузаштааст. Баъди хатми Донишгоҳи давлатии театрии ба номи Луначарскии шаҳри Москва, фаъолияти кориашро аз театри ба номи Пушкини шаҳри Хуҷанд оғоз менамояд. Чандин асарро ба саҳна гузошта, ҳамчун коргардон баҳо мегирад. Дертар асарҳои Чехов ва

Пушкинро ба саҳна монда, ҳунарманди умедбахш будани худро собит менамояд. Намоиши фалсафии «Эзоп», ки дар онмасъалаҳои мубориза бурдан ва таслим нашудан, ҳадафи тасвир қарор гирифтааст, Ҳошим Гадоро шӯҳратёр мегардонад. Ҳунари коргардонии Ҳошим дар асарҳои саҳнавии «Интихоби домод», « Иҷоранишин» ва дигар офаридаҳо сайқал ёфта, ӯро ба фатҳи қуллаҳои баланди ҳунар раҳнамун месозад. Офаридани нақши мураккаби Хлестакоф аз намоиши «Муфаттиш»-и Гогол, «Ҳамлет»-и Шекспир, Сино аз «Ҷавонии Сино», Фердинант аз «Макр ва муҳаббат»-и Шиллер, Наср аз «Рӯдакӣ»-и Сотим Улуғзода, Афросиёб аз «Бежан ва Манижа»-и Фирдавсӣ, Иброҳимбек аз асари «Тӯфон»-и Ғанӣ Абдулло, Шоҳзода Мирзо Абдулатиф аз «Ситораи Улуғбек» ва дигар накшҳои хотирмон устоди ҳунар будани Ҳошимро собит намуд.

– Намоишномаи «Макр ва муҳаббат»-ро борҳо ва ба чанд забон дидаам, вале бояд бигӯям, ки мисли бозии ҳунармандони тоҷик нақшофаронро дар саҳна хеле кам дидаам. Бояд бигӯям, ки аз бозиҳои мудшудаи ҳунарпешагони Ғарб дида ҳамин кори Ҳошим Гадо борҳо беҳтар аст, – навиштааст Алфред Курелла.

Мунаққид Фелдман ба ҳунари ҳамсабақи даврони донишҷӯяш баҳо дода, мегӯяд, ки «Агар устоди мо Олга Иванова Пижова зинда мебуд, ифтихор мекард ва мефаҳмид бо парвариши Ҳошим Гадо, Ҳошиме, ки доим китоби «Ҳамлет» дар бағал дар долонҳои донишгоҳ мегашт, дар рушди театри шӯравӣ чӣ саҳме гузоштааст»

«Ман асари худ «Шаби гирифтани моҳ»-ро аз саҳнаҳои бисёр тамошо кардам. Аммо образи девонае, ки Ҳошим Гадо офаридааст, аз бехтаринҳост, – мегӯяд адиби машҳури бошқирд Мустай Карим.

Профессори Лаҳистон Александ Пахо баъди дидани намоиши «Макр ва муҳаббат» мегӯяд: – Агар дар Лаҳистон аз ман бипурсанд, ки аз Тоҷикистон чӣ хотира овардӣ, ман ҳатман аз нақши Фердинанди Ҳошим Гадо ҳикоят хоҳам кард. Оре, сарҳади Ватан аз номи соҳибватани бузургаш беҳудуд гашта, оламгир мешавад. Ҳунарпешаи мардумии Тоҷикистон ва Иттиҳоди Шӯравӣ, барандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Рӯдакӣ ва собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ, дорандаи ордени Ситораи Президен-

ти Тоҷикистон, профессор Ҳошим Гадо аз зумраи фарзандони бузурги миллат аст. Ин унвонҳои олӣ подоши заҳматҳо ва самари офаридаҳои ӯст , ки теъдодаш дар саҳнаи театр ва кино аз сад адад зиёд мебошад. Фақат як «Эдип» бас аст, ки номи Ҳошим Гадо дар саҳифаи таърихи санъати тоҷик бо ҳарфҳои тиллоӣ сабт гардад.

Мо меҳрномаи худро бо баҳои додаи Раиси Иттифоқи ходимони театрии собиқ Иттиҳоди шӯравӣ Чигир хотима медиҳем. «Мардуми ҷопон унвон надоранд, онҳо сарвати миллӣ доранд. Ҳошим Гадо сарвати миллии халқи тоҷик аст. Агар иҷозат диҳед, мо халқи рус Ҳошим Гадоро сарвати миллати худ низ эълон менамоем…»

СӮҲБАТИ ЯКЛАҲЗАИНАВУ ЭЪТИҚОДИ ЯКУМРӢ

Баъди чанд рӯзи меҳмонӣ модарам хоҳиш кард, ки ӯро ба хонаи як хеши кӯлобияш бибарам. Дасташро гирифта, аз ошёнаи чаҳорум ба поён фуромадам ва ба тарафи роҳи калон тоб хӯрда, дуртар аз худ шоир Ашӯр Сафарро дидам.

– Оча, он марди қоматбаланди сарпаст шоир Ашӯр Сафар аст. Ба пешвозаш бояд биравем.

– Кори хуб мешавад. Аз худ калонро азиз доштан, ба азизӣ расидан аст, – гуфт модарам.

– Ин кас модарам, – муаррифӣ кардам баробари наздик шудан.

– Фарзандат, агар меҳнат кунад шоири хуб мешавад, – маро дар ҳузури модарам таъриф кард Ашӯр Сафар.

– Сағираи дар ба дар калон кардаамро ба шумо месупораму шуморо ба Худо, – гуфтанд модарам.

– Осуда бошед, дасти мадад дароз мекунам, – гуфт шоир қадамзанон.

Ҳамин сӯҳбати яклаҳзаина сабабгори эътиқоди якумрии мо шуд.

– Ман дар дунё дар назди рӯҳи модарат ҷавобгарам, ҳар қадаматро дониста мон, шабу рӯз бихон. Туро баробари ёздаҳ фарзандам медонам, – пайваста таъкид мекард Ашӯр Сафар.

Ман ҳам кӯшиш мекардам, ки ба боварии устод сазовор шавам, ояндадор шавам.

Хонаи шоирро хонаи худ ҳисоб мекардам. Шеърҳоямро баъди интихоби якҷоя китоб мекардам. Аксар дар он ҷо таъом хӯрда, ҳамон ҷо хоб мекардам. Шаб бо сӯҳбат рӯз мегашт, ҳар дами умр бо эҷоду ислоҳ мегузашт. Бо бисёр адибон дар сари дастархони ӯ шинос шудам. Ёд бод он рӯзгорон, ки ҳамроҳаш будам.

Ҳар амали устод, кам хӯрдану кам гуфтану кам хуфтан аз мадди назарам дур наметмонд. Ҳар дами умрашро ба кори эҷоду таъмини даргоҳи серфарзанд мегузаронд. Шеърашро як маротиб менавишт, ки хоҷат ба таҳрир надошт. Гоҳе дар як шаб қиссае ё достонеро навишта, ба анҷом мерасонд. Дар сӯҳбатороиву ҳозирҷавобӣ соҳибистеъдод буд.

Ҷанги шаҳрвандӣ хандаҳои ӯро якбора ба гиря мубаддал кард. Ба марсия мубаддал қасидаву ғазал кард. Ғами фардои миллатро хӯрд ва оқибат аз ҳуҷуми нолаву андӯҳ ҷон супурд. Ва пеш аз марг таронаи умеди дилашро гуфт:

Як бори дигар ханда ба лаб мешуда бошад,
Дар кишавари ғам базму тараб мешуда бошад?

Ман аз кӯдакӣ аз майит метарсидам. Ба ҷисми фавтида наздик намешудам. Вақте ки дар шаҳр аз олам гузаштани устодро шунидам, зуд ба беморхона рафта дар болои сараш муовини раиси шаҳри Кӯлоб Саидмӯъмин Шамсовро дидам. Дар дафтари дар бараш буда охирин навиштаҷот – сураи ҳазрати Алҳами кӯчонидааш, ки нотамом буд, дидам. Бари аввал даст бурдам ба маит, ки ҳанӯз баданаш гарм менамуд. Манаҳи суст басташудаи ӯро аз нав бастем. Ба мошини « Ёрии таъҷилӣ» бораш кардем. Кат аз як тараф поя надошт. Китфони ман вазифаи пояро иҷро мекарданд. Ҳангоми ҳаракати мошин дар роҳи ноҳамвор пойҳои устод ба рӯям мерасид, вале ман парво надоштам. Бори нахуст аз фавтида наметарсидам. Фавтиданаш дар доираи тасаввурам намегунҷид. Ӯро зинда мепиндоштам. Эҷодкори бузург ҳаргиз намемирад.

Рӯзи ҷисман гузаштанаш аз меҳру ихлоси зиёди фарзандона марсия барояш гуфтам, ки чунин байтҳо дорад.

Гиряро мебурд оби хандааш,
Маст будем аз шароби хандааш,
Ҷаҳл оташ зад китоби хандааш,
Абр пӯшонд офтоби хандааш,
Оҳ, омад даври хоби хандааш,
Сад дареғо, бармаҳал аз даҳр рафт,
Олами шеъру ғазал аз даҳр рафт.

Алқисса, ҳамон ранге, ки буд дар пеши рӯй аст, ҳамеша бо ман дар гуфтугӯй аст. Гӯё ки ҳанӯз ҳам дастамро меафшонд, ҳазлу шӯхие карда, маро механдонд.

– Ту овозашро гирифтию пахта ҷонашро,

– баъди сабти овози деҳқоне мегӯяд.

– Ба ту мадад кардам дар вақти муҳокимаи китобат.

– Чи гуна мадад, ягон ҳарф нагуфтед-ку

– Хап шиштам, агар ягон ҳарф мегуфтам, маҳфил вайрон мешуд ва чандин сол ба худ намеомадӣ.

– Чаро дар пеши мардум маро меранҷондӣ?

– Худиро ранҷондам, бегонаро меранҷондам дар бало мемондам.

– Исфарагиҳо баъди вохуриамон хоҳиш карданд, ки овозамонро навишта, барои хотира ба онҳо фиристонем. Дар баҳояш як халта ғулинг мефиристонанд.

– Халтаи ғулингу овоз аз ман, ҳисобу китоби дигараш аз ту.

Бо ҳамин монанд садҳо хушгӯиҳояш аз хотир фаромӯш намешавад. Хушгӯиву ҳаҷвнигорияш ба Гурез гузаштааст, аз падар ба фарзанд алфози шакаррез гузаштааст. Дар ин ҷода Гурез гомҳои устувор мегузорад. Бо «Аз дидаву шунида»-ҳояш қиблагоҳи бузургаш Шоири халқии Тоҷикистон, барандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакиро ба ёд меорад.

Дил чун мутеъ гашт, чароғи назар шавад,
Фарзанди нек ҷойнишини падар шавад.

АҲЛИ ДАРД

– Қурбон, – фалониро баҳо дода метавонед? – мепурсад-роҳбари баландмақоме аз Қурбон Зардак.

– Ҷавони хуб аст, ҳунару дониш дорад, асарҳои хондан-боб меофарад. Вале як айб пеши роҳашро мегирад.

– Ҷавонмардию ҳунараш аз худаш, вазифахоҳон бисёр, айбашонро гӯед, то ки як нафар вазифагир кам шавад. Ошкор гуфтан ҳоҷат надорад, як ишора кифоя. Таъриф лозим не, айбашро бигӯед, инаш муҳим аст.

– Агар ҳақиқати ҳолро бигӯям, аз фаҳму фаросат камӣ надорад, айбаш ҳамин, ки бесоҳиб аст. Бесоҳибон кам ба манзили мақсад мерасанд, – рамузфаҳмона посух медиҳад.

Як сухани дардовари Қурбон Зардак сабаб мешаваду ҳамон ҷавонро аз миёни чандин номзад ба вазифаи пурмасъулият таъин мекунанд…

– Барои гови шахси камбизоатеро заданатон мувофиқи қонун шуморо ба ҷавобгарӣ мекашем, – гуфта ҳуҷҷатҳои ронандаро мегирад нозири роҳ.

– Ҷавобаш диҳед, ронандаи сефарзанд будааст. Ман даъво надорам. Агар мошинро ба тарафи дигар намегардонд, бачаамро мезад, хонаам дар сарам фурӯ мерафт, – илтиҷо мекунад соҳиби мол.

Ҳамин лаҳза марди зардинаи қоматбаланди роҳгузаре даъворо шунида, ба сӯҳбат ҳамроҳ мешавад. Ҳам ҳаққи соҳиби мол ва ҳам ҷаримаи нозири роҳро дода, илтимос мекунад, ки нозир таҷрибаи даҳсолаи ронандаро ба эътибор гирад.

Ронанда баъди осуда шудан аз рӯи нанг ва рақами мошин мусофири хайрхоҳро меёбад. Мефаҳмад , ки ҳамон марди соҳибдил Қурбон Зардак будааст.

Гоҳо дар даромадгоҳи бинои ҳукумат, гоҳ дар донишгоҳе, гоҳо дар идораи савдо ва гоҳе дар беморхона медиданд Қурбон Зардакро. Вай ба ин бахшҳо ягон робита надошт, эҳтиёҷи дигарон маҷбураш мекард ба ҳар даргоҳу коргоҳ равад. Ба даргоҳе, ки интизораш буданд, кам мерафт. Ба он ҷое ҳозир мешуд, ки интизораш набуданд. Гоҳ аз рӯи ман-

фиъате рӯи хушаш намедоданд, вале боз шубҳа карда ҳамсӯҳбаташ мешуданд.

– Фалон бемор камбизоат аст, агар шароити табобат кардан надошта бошед, хароҷоташ аз ҳисоби ман, – таъкид мекард табиберо.

Ё мегуфт: – Фалон бача дониши пухта дорад, бояд аз имтиҳонҳо гузарад. Агар мадад карда натавонед, халал нарасонед, – ишора мекард ба омӯзгоре.

– Фалонӣ фарзандашро хонадор мекардааст, дасти дароз надорад, мадад расонданамон лозим, – рафиқонашро ба ёрӣ даъват мекард.

Манфиатҷӯёнро тарс ва маърифатҷӯёнро соҳибдилии Қурбон Зардак водор мекард, ки супоришро иҷро намоянд.

Шодравон Қурбон Зардак ҳам дониш дошт ва ҳам ҷасорат. Кори хайреро бо як ишора ба сомон мерасонд. Ҷавонмард буд, аҳли дард буд. Нангу номус дошт, фақат ба роҳи некию мададгорӣ қадам мегузошт. Гоҳо дар ҷашнҳои хонадоршавӣ суруд хонда, маблағи пайдокардаро ба хоҷатмандон медод. Дасти садҳо ҷавонро гирифта, тарбия ва соҳибмаълумоташ мекард. Ҳамин, ки дар даврае номашро ба забон мегирифтанд, ҳама тасдиққунон мегуфтанд: – Қурбон Зардак на танҳо ҳунарманди асил, балки марди мард аст, барои осудагии дигарон бо худаш дар набард аст…

ЁДЕ АЗ ҶАВОНМАРД

Шиносоии мо дар зодрӯзи роҳбаре рутбаи дӯстӣ гирифт. Баъд аз ин ман ӯро меҷустаму ӯ маро мекофт. Дунёи мо бо ҳам монанд метофт.

Дар он базми мавлуд навбаромадҳои «Номдор» ҳузур доштанд. Ҳангоми сӯҳбат тухми суханҳои киноядори худро дар марзи дилҳо мекоштанд. Аслан онҳо бо ин роҳ самари кииштаи худро мебардоштанд.

Ҳине, ки маро муаррифӣ карданд, яке аз онҳо гуфт: «Агар маро донӣ, фалониро аз нав ба кор қабул мекунӣ».

– Он касро ба ҷои кораш барқарор кардан мумкин нест, гунаҳкор аст.

– Номумкинро мумкин мекунем, аз афташ коммунистӣ.

– Ҳа, ман намояндаи замони карахтиям.

Баъд аз ин сухани ҷавобӣ он кас ҳарфе нагуфта, ҳамроҳи силоҳдори дигаре аз дар баромад.

Баробари аз дар берун шуданашон «Бигзор, ки хас каму ҷаҳон пок» гуфтам ва гӯё бо ҷорӯби нигоҳ пайи пояшонро рӯфтам.

Аз ҷуръату ин гуна сухан гуфтани ман ҳампаҳлуям изҳори қаноатмандӣ кард. Баъди қироати байте гуфт, ки туро дар ҷои корам интизор мешавам. То фалон рӯз биё, ки ман ба сафари хизматӣ меравам.

Рафтанро муносиб надонистам. Зеро ки на ҳама тоҷирон ба шоирон таваҷҷӯҳ доранд. Бо ваъдаҳои пучашон хотираи нохуш мегузоранд. Вале ӯ рӯзе моро дар роҳ пиёда дида, маҷбуран ба мошинаш шинонд ва сӯи роҳи маркази шаҳри Қӯрғонтеппа ронд. Нисфирӯзӣ буд. Гумон кардам, ки дар ҳавои гарм ҷонамро аз пиёда рафтан мехарад, ё ки маро ғизохӯрӣ мебарад.

Гумонам хато баромад, маро ба ҳуҷраи кораш бурд. Он шаби мавлудро ба ёд оварда, аз камнишастӣ бо соҳибдилон афсӯс хӯрд. Чанд байти маънояш баландро ба ёд овард. Гуфт, ки ин мисраҳо давобахшандаанд ба сад дард. Ва гуфт, ки мисли ҳамон шеъри «Хоки ватан» – ат шеърҳо дошта бошӣ, ман сарпарасти чопи китобат мешавам, осонгари роҳи азобат мешавам.

– Дорам, гуфтам. Як китоби Ватаннома дорам.

– Ҳамон замон аз хазинаҷояш нисфи маблағи чопи китобро дод. Баъди ду ҳафта давоми маблағро ба чопхона супурд. Алқисса, дар чопи китоби«Гавҳари меҳр» мададгорам шуд. Аз ман дар саҳифаи охири китоб чанд ҳарфи меҳр ба номаш монд, ҳамчун нишонаи қадрдонию эҳтиромаш монд.

«Муродам ҳосил шуд аз ҳиммату дилсӯзии Муроди Боқӣ. Ин ҷавонмард паёми васле расонд бар мани побанди-муштоқӣ.

Сипосгузорам ба он рафиқи хайрхоҳ, ба шиносе, ки роҳи имдоде шуд ба мани марди роҳ…»

Аз сафар баргаштаму нахустин шиноси вохӯрдаам хабар дод, ки Муроди Боқӣ аз дунё гузашт. Рӯзи рӯшан дар назарам шаби тира гашт. Чеҳраву қомати баланди он ҷавонмарди ҷа-

вонмарг дубора ба ёд омад. Аз банд-банди вуҷудам фарёд омад. Доро буду дасти дароз дошт. Доно буду сӯзу гудоз дошт. Дилсӯзу ғамхори дигарон буд. Бори ғаму дарди ҳамаро ба дӯши дилаш бардоштан гарон буд. Оқибат дилаш ба ғунҷонидани хазинаи меҳру муҳаббат танг афтод. Ва умеди ҳастии ӯро барбод дод. Дасти дарозаш пеши ҳуҷуми сӯзу гудозашро гирифта натавонист. Ин буд ӯро маънии зист. Рафту номи некаш монд, давоми некаш монд…

РОҲИ БЕҒУБОР

Рисолаи илмӣ дифоъ накардааст, унвони илмӣ надорад, вале бе ғизои маънавӣ ҳастиро нестӣ мешуморад. Агар дигарон бо он фаҳму фаросат дар ҷову мартабаи ӯ мебуданд, худро дар қуллаи баланди илм мегирифтанд, узви вобастаю пайваста мешуданд, аз имтиёзҳо баҳраманд мегардиданд. Вале ӯ бо ҳама имконияти зиёдаш нахост, ки аз пайи дигарон биравад, фирефтаи шӯҳрати дурӯза бишавад. Нахост, ки ин парчамро бо мадади дигарон бубардорад, беҳтараш рӯ ба хилвату хомӯшии худ биорад. Пайваста биомӯзад, дар хонаи дил чароғи дониш биафрӯзад. Зеро унвондоронеро медонад, ки кори кардаашон арзише дар илм надорад, дасти хирадашон хишти бақодоре дар ин кохи ҷовидонӣ намегузорад. Аз он унвони баланду шӯҳрати бебақояшон чӣ суд?

Рисолаи илмӣ дифоъ накардааст, вале олимони ҳақиқӣ ӯро болотар аз худ медонанд, эҳтиромаш мекунанд, маслиҳат мепурсанд. Мегӯянд, ки он кас инсони дурандешу марди донишманданд аст, аз ҳама муҳимаш покиза аст. Воқеан ҳам, заҳматкаши роҳи маърифат Ниёз Сафаров тамоми умр зери бори ранҷҳо тоб оварда, барои осон шудани мушкилоташ низ ба даре рӯи ниёз наовардааст ва обрӯро аз камнур кардану рехтани оби дида ёфтааст. Олими фанҳои адлу инсоф ва нангу номус аст. Шояд дар ин ҷода баландтарин унвонро дошта бошад. Ҳолномаи инсонро аз ҳарфи дидагонаш хондан мумкин аст. Чашмонаш сер аст, тамаъҷӯй, ки нест, аз касе бим надорад, дар сӯҳбату баҳс тавонову далер аст.

Ҳамкораш не, гоҳо ҳамнишинаш мешавам. Гоҳо ӯро дар роҳу раста, гоҳо дар маҳфиле ва ё дар сари манзиле дида, ба

истиқболаш меравам. Мехоҳам дидори муборакашро бубинам, ба чашмони обдори пур аз меҳру раҳмаш ва ба қомати баланду росташ, ки нишонаи ростию баландмақомист, нигарам. Аз ӯ дарси адлу инсоф ва меҳру садоқат омӯзам, ибрат омӯзам. Бемор ҳам шавам, аз бедорӣ шавам, ғамдор ҳам шавам, аз ғамхорӣ шавам. Ростӣ ба ӯ ҳасад мебарам, мехоҳам ҳамрангаш бошад қаҳрамони ҳар асарам. Мехоҳам, ки роҳи пешгирифтаи ӯро паймоям ва дар умри дурӯза осудагии умрбодӣ ва некномии ҷовидонии худро таъмин намоям. Дигар воқифони ҳолаш низ роҳи беғубори ҳаёти ӯро орзу доранд, ҳамеша майли дидани дидори неки ӯро доранд.

ДУРАНДЕШ

Он солҳо бори вазифаи аз ҳама баланд ба дӯшаш буд. Масъалаҳои қабул ба сафи ҳизб ва соҳиби мансаб шудан ба пешниҳоди ӯ вобастагӣ дошт.

Дар он айём, ҳангоми таҳсил дар Донишгоҳи омӯзгории шаҳр ва кор дар Кумитаи телевизион ва радиои вилояти Кӯлоб чандин маротиба бо мақсади ба сафи ҳизб шомил шудан ба шахсони дахлдор мурочиат намудам, вале аризаамро қабул накарданд. Ноилоҷ рӯзе ба умед ба дари Котиби дуввуми ҳизби коммунисти шаҳри Кӯлоб Ислом Намозов рафтам. Ҳарчанд он кас то он дам маро намешинохтанд, бо чеҳраи кушод қабул карда, кӣ будан ва дар куҷо кор карданамро пурсиданд.

– Ман хабарнигори Кумитаи телевизион ва радиои вилоят, шоирам, ду китоб дорам, шояд ба наздикӣ ба узвияти Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон қабул шавам.

Баъди андак андеша аз ҷой бархоста гуфтанд: – Шоир буданатон кифоя. Кӯшиш мекунам, ки дар рӯзи аъзои Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон шуданатон, аъзои ҳизб ҳам шавед. Ваъдаи ман қатъӣ. Сипас гӯшии телефонро бардошта, ба котиби ҳизбии рӯзномаи вилоятии «Роҳи ленинӣ» занг зада гуфтанд: – Дар ин навбат киро пешниҳод карданиед?

Аз он сӯ садо омад: – Фалон хабарнигорро.

– Агар аз хабарнигор бартарӣ доштани нависандаву шоирро бидонед, ҳуҷҷатҳои Муҳаммад Ғоибро бенавбат тайёр

намоед. Ба хотири эҷодкор буданаш як ҷой илова мекунам, ба навбати дигаре халал намерасонад.

Тасодуф шуд ё ки котиб ҳисобу китоби худро дошт, ки се соат пеш аз аъзои Иттифоқи нависандагон қабул шуданам, бенавбат аз маслиҳати ҳизбӣ гузаштаму номзад ба узвият шудам. Ҳамагӣ ду дақиқа манъам карданд. Ислом Намозов маро ба котиби аввали ҳизб ва ҳайати қабулкунандагон муаррифӣ намуда, гуфтанд, ки –Ин кас шоиранд, имрӯз Аъзои Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон мешаванд. Ман хоҳиш мекунам, ки ба ҷои савол ба он кас супориш дода шавад. То аъзои ҳақиқӣ шудан бояд чанд шеър дар васфи ватану ҷонфидоёнаш нависанд. То нанависанд, ҳуҷҷати ҳизбиро намегиранд. Ҳама розӣ шуданд. Ислом Намозов гуфтанд, ки мошин дар берун тайёр аст, билет ҳам фармудаем, то мӯҳлати муайяншуда рафта мерасед. Ба Душанбе парвоз карда, пеш аз дигарон ба маҷлис ҳозир шудам ва худи ҳамон рӯз ба узвияти Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон қабул шудам.

Ин лаҳзае буд аз муносибат ва ҳаёти кории собиқадори меҳнат Ислом Намозов. Марде, ки нисфи зиёди умраш дар кори роҳбарӣ гузаштааст. Дар китоби умраш боз садҳо хотираи ибартбахш мавҷуд аст. Ислом Намозов дар вазифаҳои гуногуни ҳизбию давлатӣ кор карда, дар лаҳзаҳои зарурӣ ба садҳо ҷавонони лаёқатманд некӣ кардааст. Ба инсонҳои ҳунарманду ояндадор дасти мадад дароз карда, онҳоро аз вартаи ноумедӣ баровардааст.

Имруз агарчӣ ҷое кор намекунад, вале аз бисёр соҳибмансабон обрӯяш баландтар ва суроғкунандаҳояш бештаранд. Сипосгузорон маҷлису ҷамъомадеро бе ӯ намегузаронанд. Ба ҳар чорабинӣ ва маъракаҳои хеш даъваташ мекунанд. Занг зада ҳолашро мепурсанд. Суроғаш омада, хотирашро шод менамоянд. Барои инсон аз ин баландтар бахту иқбол нест. Дигарҳо низ мехоҳанд, ки ҳамин гуна рӯзгор дошта бошанд. Ризқат фароз ва умрат дароз бод, инсони неку дурандеш, Ислом Намозов.

БА ЁДИ ҲАМКОР

Дар ин манзили нави водии хомӯшон рӯзноманигори шинохтаву нависандаи ҳақиқатнигор Қувваталӣ Холов хуфтааст. Инсони наҷибе, ки тамоми умр дурри сухан суфта, рӯзномаҳову маҷалаҳоро аз хабару мақола, ҳикояву хотирот пур карда, қиссаи ватандорони ҷонфидоро гуфтааст. Дар ин ҷо қаламкаше хоб аст, ки ҳанӯз гӯраш бенишона аст, дар сари гӯраш лавҳи мармар нест, санги ёдгорие аз кӯҳсори кишвар нест. Гӯиё ки зинда аст, ҳанӯз касеро ба маргаш бовар нест.

Оре, ҳар инсони асил медонад, ки:

Сароғози ҳар зида мурдан бувад,
Ки худ зиндагӣ дам шумурдан бувад.

Танҳо бо роҳи некномӣ ба умри фонӣ рутбаи ҷовидонӣ бахшидан мумкин аст. Вале ба тани ин орзу ҷомаи амал пӯшонидан кори осон нест. Барои ба қуллаи мақсад расидан бояд роҳи нангу номусро пеш бигирӣ, рӯзона ба каф парчаму шабона машъал бигирӣ. Бисӯзию шамъи хонаи дили дигаронро биафрӯзӣ. Бо дигарон хешу ба худ бегона шавӣ, гирён биоиву шодон биравӣ.

Ба некӣ гирою маёзор кас,
Раҳи растагорӣ ҳамин асту бас.

Қувваталӣ Холов марди некном буд. Ҳангоми саҳифагардон кардани зиндагиномааш пай мебарем, ки ӯ пеш аз ҳама ба модари азизаш хизмат карда, дуо гирифтааст. Қувваталии хурдсол баъди вафоти падар дар тарбияи модари ғамдораш мемонад. Эҳтиёҷи рӯзгор аҳли оиларо маҷбур мекунад, ки аз зодгоҳашон Деҳаи Баланди ноҳияи Шӯрообод ба таҳдашт бикӯчанд. Айёми наврасии Қувваталӣ дар деҳаи Эмом-Аскараи ноҳияи Восеъ гузааштааст. Баъди хатми мактаби ҳафтсолаи деҳа таҳсилро дар омӯзишгоҳи омӯзгории шаҳри Кӯлоб давом додааст. Фаъолияти рӯзноманигории худро аз омӯзишгоҳ оғоз карда, пайваста дар матбуоти даврӣ хабару мақолаҳо чоп ме-

кард. Офаридаҳояшро писандида, баъди хатми омӯзишгоҳ ӯро ба рӯзномаи «Мубориз»-и ноҳияи Восеъ ба кор даъват мекунанд. Дертар фаъолияташро дар рӯзномаи байни ноҳиявии «Ҳақиқати Кӯлоб» идома медиҳад. Дар ин рӯзнома низ бо нақши қаламаш обрӯю эътибори баланд пайдо мекунад. Кордонию масъулиятшиносияшро ба эътибор гирифта, барои омӯхтани мушкилот ва асрори кори сарварӣ ӯро ба мактаби олии ҳизбии шаҳр Тошканд ба таҳсил мефиристанд. Дар он айём ин бахти баланд ба ҳар кас насиб намешуд. Баъди хатми он дорулфунуни сарвартайёркунӣ, ки ба солҳои ҷавонияш рост меомад, ӯро ба идораи кинонамоишдиҳии шаҳру ноҳияи Кӯлоб сарвар таъин мекунанд, ба идорае, ки нақшааш иҷро намешуд ва натиҷаҳои иқтисодияш дар сатҳи хеле паст буд. Ҳар касе, ки дар он идора кор мекард, баъди як ё ду соли корӣ аз тахти мансаб меафтод. Қувваталӣ ин вазифаро гузаштан аз як имтиҳони ҷиддии сарварӣ пиндошта, шабу рӯз меҳнат мекард. Ӯ на танҳо роҳҳои аз буҳрони иқтисодӣ баровардани идораро ёфт, балки даромади соф гирифта, рушди соҳаро таъмин намуд. Оре, марди доно бе обу барқ ҳам ҷуброни осёбашро аз ҳисоби бод бароварда метавонад. Ӯ аввалин шахсе буд, ки аз ин вазифа ба мансаби баландтар гузашт.

Вақте ки масъалаи иваз кардани сарвари рӯзномаи вилоятии «Роҳи ленинӣ»-и собиқ вилояти Кӯлоб ба миён омад, аз байни даҳҳо рӯзноманигорони шинохта Қувваталӣ Холовро сармуҳаррир интихоб намуданд. Зеро медонистанд, ки дар қаламрави вилоят аз он кас дида соҳибкасби таҷрибадор пайдо карда наметавонанд. Қувваталӣ дар ин вазифаи дар он замон аз ҳама баланд низ кор карда, заррае худро аз дигарон баланд намегирифт.Рӯзноманигорони соҳибтаҷрибаи бисёр ноҳияҳо, ки хоксорию муносибати нек ва дигар хислатҳои ҳамидаашро медонистанд, бо вуҷуди дар шаҳр ҷои зист надоштан, ба рӯзнома ба кор омаданд. Ҳафтаҳо ба назди зану фарзандонашон нарафта, дар паҳлуяш рост меистоданд. Қувваталӣ меҳру садоқати ҳамкоронро ба касбашон дида, бо такудав ҳар кадомеро соҳиби манзил ва муқими доимии шаҳр кард.

Қувваталӣ Холов рӯзноманигори мулоҳизакор ва дурандеш буд. Хусусан дар чопи шеъру ҳикоя ва қиссаҳо эҳтиёт

мекард. Дар он замон, ки гоҳо ҳар ҳарфро қатраи ҷунбанда ва ҳар сатрро ҷӯи раванда пиндошта, тобиши сиёсӣ медоданд, барои ба доми тӯҳмати суханнофаҳмон наафтодан пеш аз чоп сари ҳар баҳси пайдошуда бо дӯстони эҷодкору донишмандаш машварат карда, баъд хулосаи худро мебаровард.

Оре, зиндагӣ худ мактаби бузург аст, ки одам аз дидагони ҳамсӯҳбат қиссаҳои пандомӯзро, ки аз ягон китоб пайдо карда намешавад хонда, ҷаҳонбин мешавад.

Қувваталӣ Холов низ баъди гузаштан аз имтиҳони мактаби ҳаёт, мушоҳидаҳо ва хотираҳои даврони рӯзноманигориашро дар шакли қиссаву ҳикоя ва ёддошт рӯи коғаз оварда, китоби нахустинашро бо номи «Садҳо савол барои сатре» пешкаши хонандагон намуд. Китобро нашрияи «Сада», ки дар заминаи матбааи шаҳри Кӯлоб таъсис ёфта буд, чоп кард.

Хушбахтии қаҳрамони мо пеш аз хама дар он буд, ки дар сари роҳи марказии шаҳри Кӯлоб ва чанд кӯчаи дигар идора дошт ва қадамеро бе дидани дидоре ва ҳолпурсӣ намегузошт. Роҳгузарон лаҳзаҳои ба коргоҳ омадану рафтанашонро медиданд ва дар дил орзуи монанди ӯ буданро мепарвариданд. Қувваталӣ Холов аз ҳамин роҳҳои пуррафту омад панди омадану рафтанро гирифта, ҳар лаҳзаи умри худро сарфи кори неке мекард. Бо инсонҳои рӯзона рӯ ба рӯ омадааш хаёлан шабона гуфтугӯ карда, аз байнашон қаҳрамони асари навашро меҷуст. Ва билохир симои қаҳрамонони ҳаёташон ибратбахшро офарида, китобҳои навбатиаш «Қуввати дил»,

« Чашмандозе аз меҳри дил», « Дар талоши зиндагӣ», «Аё Кӯлоби ман» ва ғайраҳоро ба чоп супурд, ки имрӯз дар рӯи мизи ихлосмандонаш мебошанд.

Ҳеҷ заҳмат бе подош наемонад. Соҳиби медалҳои

« Барои меҳнати шоён» ва «Ветерани меҳнат», нишони «Аълочии матбуоти Ҷумҳурии Тоҷикистон»ва «Ифтихорнома» гардидан, гирифтани унвони фахрии «Корманди шоистаи Тоҷикистон» ва дигар мукофотҳои арзишманд, қабул шудан ба аъзоигии Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон подоши заҳматҳои кашидаи Қувваталӣ Холов мебошанд. Ҳамчунин он инсони дурандешу дилогоҳ як қисми умри нотакрорашро ҳамроҳи ҳамсари азизу меҳрубонаш дар тарби-

яву хонаобод кардани 12 фарзанди кордону донишманд сарф кард. Қисми дигарашро ба эҷоду ба роҳи рости ҳаёт ҳидоят кардани садҳо шогирд бахшида, дар боғи ҳастӣ ба чандин навъ ниҳол парварад.

Қувваталӣ Холов хуб медонист, ки маънии зиндагӣ чист? Тамоми умр ба хотири гирифтани номе, ки нишонаи нанг аст, зист.

Дар ин манзили нави водии хомӯшон суханофаре хоб аст, ки рӯзҳои наздик дар сари гӯраш лавҳи мармаре мегузоранд, аз санги кишвар. Дар он лавҳ чӣ менависанд, намедонам. Вале умри басарбурдаашро пеши рӯ оварда, хаёлан ин байтро мехонам.

Аз умри гузаштаам шикоят накунам,
Созанд маро ёд, ҳикоят накунам.

МУНДАРИҶА

Муноҷот 3
Даъват..... 4
Куҳсор..... 6
Ватан..... 6
Қиблаи умед 7
Накҳати Ватан 7
Дар Бадахшон 8
Дарди номус 9
Ватандор..... 12
Дардошно 13
Накҳати Наврӯз 14
Наврӯзи Тоҷикистон..... 15
Наврӯз..... 15
Қадами Наврӯз..... 16
Таронаи Наврӯзӣ 17
Ватани Наврӯз..... 17
Ибрат 18
Кабутарони Каъба 20
Роҳгум..... 20
Дунёи модар 20
Ҷуфти пир..... 21
Оҳанги рахт 22
Оташи ёд..... 23
Теша ба реша 23
Хулоса..... 23
Шиква..... 24
Норасоӣ 24
Овора 24
Ҳақталош..... 24
Таъкид 24
Рӯ ба хилват..... 25
Иштибоҳ..... 25
Мурдахок..... 25
Дарди гарон 26
Эрод 26
Катибаи пушти дар 26
Оҳанги оҳ..... 26
Набард.....27
Ману чароғ.....27
Лангар 27
Таъкид 28
Нодонӣ 28
Монандӣ.....29
Даҳшат 29
Андӯҳи боғ 30
Доғҳо 31
Сарҳисоб 31
Беқадрӣ.....32
Маҷрӯҳ 33
Яъс 33
Бемаргӣ 34
Мактаби меҳр.....36
Марҳами ҳастӣ 37
Ашки меҳр.....38
Дарди ишқу зиндагӣ 38
Танҳоӣ 39
Чоҳи фироқ 40
Дурӣ маҷӯ.....40
Намози ишқ.....41
Ҳасрат.....42

ҒАЗАЛИЁТ 43
РУБОИЁТ 59
ДУБАЙТИҲО.....67

Фарёди ёдҳо (Қисса).....70
Дунёи қафасӣ.....152
Гардиши айём 157
Фалсафаи зиндагӣ.....166
Сарҳади инсоф 174
Имтиёз 184
Шарики умр 191
Ҳасрати дидор.....201
Гӯри холӣ.....208

Овора 217
Пушаймонӣ 227
Назарфиреб 233
Поси ошноӣ 239
Пуштаи хандақпеч 251
Васият 265
Гули доғ 272
Бечора 281
Фиребхӯрда 289
Даҳшат 295
Парварда 298
Гумгаштапайдо 302
Ҳамсояи мо 309
Садоқат 314
Вафодор 326
Номус 332
Муаммои зиндагӣ 343
Чароғи меҳр 351
Кӯҳнагадо 358
Мотами бахт 366
Сунбул 376
Сояи нур 383
Дард 390
Зардолуи Ҳалим 397

ҲАҶВИЯҲО
Мактуби расмӣ 406
Гумон 408
Машварати танбалон 411
«Ҷиноятқор» 414
Иштибоҳ 416
Маҷлиси носкашҳо 419
Иғво 422
Даъво 423
Дилёб 425

МАҚОЛАҲО
Самтҳои ҳидоятгар 427
Қиссаи Аличур 433
Дидори нек 441
Ҳоҷӣ Инъом 446
Сарвати миллӣ 452
Роҳи беғубор 463
Дурандеш 464
Ба ёди ҳамкор 466

МУҲАММАД ҒОИБ

СОЯИ НУР

(Маҷмӯаи шеърҳо, қиссаҳо,
ҳикояҳо, ҳаҷвияҳо ва мақолаҳо)

Ороиши *Орзу Раҳмонӣ*
Муҳаррири ороиш *Ромиш Шералӣ*
Муҳаррири саҳифабандӣ *Меҳрӣ Саидова*

Ба матбаа 6.01.2014 супурда шуд.
Чопаш 13.01.2014 ба имзо расид.
Ҷузъи чопӣ 29,5. Андозаи 60х84 $^{1}/_{16}$.
Адади нашр 1000 нусха.

Муассисаи нашриявии «Адиб»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон,
734018. Душанбе, кӯчаи Н. Қаробоев 17а.

Дар ҶДММ «Бебок» чоп шудааст.